**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА
МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШ**

# Тоҷикон

## дар сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқон

*(мавод доир ба таърихи тоҷикон)*

**Душанбе – 2018**

**ББК 63.3 (2 тоҷик)**

**Б-74**

**Гирдоварандагон:**
**Саидмурод Бостонгуҳар (д.и.т.),**
**Убайдуллоев Насрулло (д.и.т.).**

**Муҳаррири масъул: Акрамӣ З.И. (д.и.т.)**

**Муқарризон: Пирумшоев Ҳ. (д.и.т.),**
**Муродов А. (н.и.т.).**

**Муҳаррири техникӣ: Бобошоев Б.**

**Муҳаррири чопӣ: Холов Б.**

**Ҳуруфчин: Маҷлунова Комила**
**Парвинаи Саидмурод**

**Мусаҳҳеҳ: Бобомуллоев Борбад**

**Тавсия шудааст ба чоп: Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ (аз 8.09.2018).**

**ISBN: 978-99975-55-59-5**

**© С. Бостонгуҳар**
**Н. Убайдуллоев**

*Монт Стюарт Элфинстон*

# ТОҶИКОН

Вазъияти тоҷикон то андозае ҳисси кунҷковиро бармеангезад, аммо иттилоот барои фурӯ нишонидани ин эҳсос кофӣ нест. Тоҷикон монанди бисёре аз миллатҳо ташаккули воҳиде надоранд ва ба сарзамини воҳиде ҳам маҳдуд намешаванд, балки дар бахши муҳиме аз Осиё парокандаанд. Онон бо ӯзбекон ва ҳам бо афғонон дар бисёре аз тавобеи ин ду кишвар махлутанд. Сокинони муқими эронӣ дар баробари муҳоҷимони (истилогарони) тотор ё дар баробари ақвоми хонабардӯш, ки зоҳиран дар асл эрониа нд, тоҷик номида мешаванд. Тоҷиконро ҳатто дар Туркистони Чин ҳам метавон дид ва дар сарзаминҳои кӯҳистони Қаротегин, Дарвоз, Вахон ва Бадахшон ҳукуматҳои мустақил доранд.

Онон ҷуз дар ин навоҳии мустаҳкам ва чанд ноҳияи маъдуди дурафтода, ки пасонтар ёд хоҳад шуд, ҳаргиз дар ҷавомеи муҷаззо ёфт намешаванд, балки бо ақвоми ҳокими сарзаминҳое, ки дар он зиндагӣ мекунанд, омехтаанд, пӯшок ва русуму ривоҷи ҳаммонанди ононанд. Чунин менамояд, ки онон дар Эрон дар ҷилгаҳои Афғонистон ва дар манотиқи ӯзбек пеш аз вуруд ва ғалабаи дигар ақвом сокин будаанд.

Номи тоҷик корбурди нисбатан густурдае дорад. Ин ном гоҳ бар ҳама касоне итлоқ мешавад, ки бо туркон ва афғонон омезиш ёфтаанд ва аз таборашон нестанд ё нажоде ношинохта доранд, аммо ба гунае дурусттар бар форсизабонони манотиқе гуфта мешавад, ки дар он манотиқ ба забони туркӣ ва ё забони пашту сухан мегӯянд. Номҳои «тоҷик» ва «порсивон» ҳам дар Афғонистон ва ҳам дар Туркистон мутародиф ва ба як маъно ба кор мераванд.

Барои калимаи тоҷик маонии гуногун овардаанд, аммо муносибтар аз ҳама он аст, ки вожаи тоҷик, ки дар матнҳои паҳлавӣ бар араб итлоқ мешавад, гирифта шудааст. Чунон ки дар чандин фарҳанги форсӣ ҳам тоҷикро ба маънои дудмони араб мутаваллиди Форс ё ҳар кишвари дигари хориҷӣ медонанд. Ин ривоят бо таваҷҷуҳ ба вазъи мавҷуди тоҷикон ва гумонҳое, ки дар боби таърихашон дар робита бо таърихи кишварҳое, ки дар онҳо зиндагӣ мекунанд, зада мешавад, дур аз зеҳн наменамояд.

Пас аз зуҳури ҳазрати Муҳаммад (с) тамоми Эрон ва сарзамини ӯзбекон дар садаи аввали ҳиҷрӣ тавассути арабҳо фатҳ шуд. Онон аҳолиро ногузир аз пазириши дин, забон ва бахше аз одоби хеш сохтанд. Афғонистон ҳам дар ҳамин вақт мавриди ҳамла қарор гирифт, вале пирӯзии муҳоҷимон комил нашуд. Онон бар ҷилгаҳо фотеҳ шуданд, ва-

ле навоҳии кӯҳистонӣ то се садаи дигар аз тасарруфашон бар канор монд. Ин сарзаминҳо дар ин се қарн бахше аз императории Эрон боқӣ монд ва забони аҳолӣ ба эҳтимоли ҳама аз форсии бостон баргирифта шудааст ва чун ба итоати аъроб даромаданд ва дини исломро пазируфтанд бо омӯхтани забони бостонии худ бо бахше аз забони фотеҳони забони форсии навинро ба миён оварданд. Эҳтимолан, ҳамин ҳангом ду миллат ба ҳам омезиш ёфтаанд, ки онон ниёкони тоҷиконанд. Ҳақоиқи сабтшуда дар мавриди Афғонистон бо ин пешниҳод мутобиқат дорад. Зеро дар гузориши баъдӣ дар мавриди кишвар пас аз ҳамлаи аъроб мебинем, ки тоҷикон заминҳои ҳамворро дар ихтиёр доштанд ва афғонон дар кӯҳистонҳо буданд. Афғон сипас аз кӯҳҳо фуруд омаданд. Заминҳои ҳамворро тасарруф карданд ва тоҷиконро ҷуз онон, ки сарзаминҳои мустаҳкаме доштанд ва тавонистанд то ҳадде истиқлолашонро ҳифз кунанд ва ба итоати худ дароварданд. Ҳамин гуна омезиши араб ва форс омили ба вуҷуд омадани тоҷикони Туркистон шуд, ки он сарзаминро то ҳуҷуми тотор дар ихтиёр доштанд. Бахше аз онон, ки дар ҷилгаҳо буданд шикаст хӯрданд ва ба фармонбарии кунунӣ таназзул карданд, вале тоҷикон иртифооти истиқлолашонро ҳифз карда, давлатҳои ҷудогонаи Дарвоз, Бадахшон ва ҷуз онҳоро ташкил доданд.

Тоҷикон бо истифода аз масокини муайян дилбастагӣ ба кишоварзӣ ва дигар мазоҳири зиндагии ақвоми муқим дар ҳама ҷо мумтозанд. Бархе аз онон ҳанӯз амлоке дар ғарби Афғонистон доранд, ки рӯзе молики хешро аз даст дода, кишоварзоне иҷорадорони арбобони афғонанд. Ҳанӯз имкони таҷовуз бар амлокашон аз ҷониби сокинони диёрашон мавҷуд аст, ҳарчанд ки аз баракати ҳифозати ҳукумат акнун ин хатар рафъ гардида ва дигар таҳқир ва фишоре бар онон раво дошта намешавад. Вазъи тоҷиконе, ки дар заминҳои афғон ё ба сифати «ҳамсоя» дар он қабоил зиндагӣ мекунанд, пештар шарҳ дода шудааст. Ҳамчунон тоҷиконе, ки дар рустое азхуд доранд. Дар ғайри он умури русто тавассути кадхудои мунтахаб ва то ҳадде меросӣ, ки мавриди таъйиди шоҳ аст, идора мешавад. Кадхудо ҳамон қудратеро дорад, ки шоҳ ба ӯ супурда аст. Ин ихтиёроти бештар дар робита бо ҷамъоварии молиёт ва фарохонии силоҳиён аст. Ӯ салоҳияти ҳалли даргириҳои ҷузъиро дорад, вале умури муҳим ба ҳукумрони маҳал ё қозии наздик ирҷоъ мешавад.

Тоҷикон мардумони сулҳҷӯ ва тобеи ҳукуматанд. Афзун бар кишоварзӣ, ба санъатҳо ва пешаҳое, ки афғонон тарк гуфтаанд, низ мепардозанд. Мардумони мулоимтабъ, бовиқор ва заҳматкашанд. Аз бисёре ҷиҳат дар афғонон ҳал шудаанд, аммо бештар хасоили ҳамидаашон ва на камбудиҳояшонро пазируфтаанд. Табиаташон чандон си-

поҳигарона нест, ҳарчанд ки ба тозагӣ хӯйи сипоҳигарӣ дар онон бедор шуда ва нерӯ мегирад. Онон ҳама сунианд. Аз он ҷо ки вазъашон маҷоле на барои пойдорӣ ва на барои гурез медиҳад, нахустин омоҷфишорҳоянд. Ва ба ҳамин сабаб, аз вазъи кунунии салтанат розӣ нестанд ва аз каҷравиҳои ҳукумат шиква доранд, аммо замоне, ки мамлакат қарини оромиш аст, аз онон ба хубӣ ҳифозат мешавад ва ба сурати куллӣ ҳаводорони салтанати Дуррониянд.

Онон бо афғонон равобити ҳасана доранд, ки ҳарчанд онҳоро фурудасти хеш мешуморанд, рафторашон мутакабирона ва тавҳиномез нест, балки бо онон хешовандӣ мекунанд ва муоширати баробар доранд. Тоҷикон беш аз афғонон ба ҳукумат молия медиҳанд ва саҳми муҳиме дар тадорукоти сипоҳӣ ва маишӣ доранд.

Шумораи тоҷикон дар шаҳрҳо бисёр аст ва бахши умдаи ҷамъияти атрофи шаҳрҳои Кобул, Қандаҳор, Ҳирот ва Балхро ташкил медиҳанд. Дар ҳоле ки дар манотиқи нофармони кишвар монанди манотиқи ҳазора, ғалчӣ, ҷанубӣ ва кокар банудрат тоҷикеро метавон ёфт.

То ин ҷо аз тоҷиконе сухан гуфта шуд, ки бо афғонон омезиш ёфтаанд. Онон ки ҷавомеи мустақиле доранд, дар навоҳии дурафтода ва душворгузор зиндагӣ мекунанд ва бо дигарон аз чандин ҷиҳат фарқ доранд.

### *ТОҶИКОНИ КӮҲИСТОН*

Нахустин гурӯҳе, ки аз онон ёд хоҳад шуд «кӯҳистонӣ» номида мешавад, ки дар кӯҳистони Кобул зиндагӣ мекунанд. Ин минтақа аз шимолу шарқ ба кӯҳҳои пӯшида аз барфи Ҳиндукуш ва баромадагии ҷанубии он маҳдуд аст. Дар ғарб минтақаи ҳазора ва силсилакӯҳи Порупомиз воқеъ аст ва дар ҷануб ва Кӯҳдоман, ки бештар ёд мешавад, мепайвандад.

Кӯҳистон аз се дараи тӯлонӣ Наҷров, Панҷшер ва Ғурбанд ташкил шуда ва ҳар як аз ин дараҳо бо чандин дараи танг ва сахраи муттасил аст ва дар онҳо чандин наҳру ҷӯйбор ҷорӣ аст, ки дар дараҳои бузург ба ҳам пайваста, рӯдҳои бузурге ташкил медиҳанд ва ба номи ҳамондараҳо ёд мешаванд. Барои гузаштан аз ин наҳрҳо пулҳои чӯбӣ сохтаанд. Бештари ин наҳрҳо табиатан беҳтарин заминҳои зироии минтақа аст, аммо ин заминҳо бахши бисёр кучаке аз кӯҳҳои баланд, шебдор ва пӯшида аз дарахтони санавбарро ташкил медиҳанд. Дар ин заминҳо гандум ва дигар зироат ба даст меояд ва аҷиб аст, ки дар чунин минтақаи баланд ва сардӣ танабоку ва ҳатто пунба ҳам мекоранд. Аммо беҳтарин василаи маоши мардуми минтақа боғҳо ва тутистонҳои бешумор

аст. Тутро дар офтоб хушк ва орд карда, аз он нон месозанд. Симои кӯҳистониён нишон медиҳад, ки тут ғизои муфиде аст. Ва бар табақи мусобиқоти ин маҳсул дар як фазои муайян дар муқоиса бо дигар маҳсулоти кишоварзӣ ғизои шумори бештаре аз мардумро таъмин мекунад.

Ҷамъияти кӯҳистон бо он ки иддаи бисёре парокандаанд, қобили таваҷҷуҳ аст ва гуфта мешавад, ки ба чиҳил ҳазор оила мерасад. Бахше аз кӯҳистонро бояд аз ин ноҳия ҷудо шумурд ва он бахши кучак ва биёбонӣ аст, ки реги равон ном дорад ва ба ривояти Абулфазл саҳнаи достонҳои ошиқона аст. Домдори кӯҳистон чандон қобили зикр нест, вале ҷонварони ваҳшии он бояд бисёр бошад, ки гӯянд шер аз он ҷумла аст ва гургу юзпаланг бисёр аст. Бозу булбул низ фаровон мебошад.

Нерӯи ин сарзамин ба мардумони он хусусиятҳое бахшида, ки ононро аз дигар тоҷикон, ки бештар ёд кардем, мумтоз сохта аст. Онон аз салтанати Кобул мустақил ва умуман тобеи раисони хешанд. Аз нигоҳи хасоили шахсӣ, мардумони далер, тунду саркашанд. Шефтаи набарданд ва дар бистар мурданро нанг мешуморанд, пиёданизоми хубеанд, вале ҷуръату шуҷоаташон дар беиттифоқиҳои дохилӣ аз миён меравад. Гоҳу бегоҳ ҷангҳои миёни ақвом ва рустоҳо рух медиҳад, аммо даъвоҳои инфиродӣ бисёр аст. Ҷангҳои миёни деҳаҳои ин минтақа дар муқоиса бо минтақаҳои дигар натоиҷи бисёр ҷиддӣ медиҳад. Зеро қатъи як дарахт ҳамчунин дарави як маҳсул осон, вале пардохти товонаш бисёр душвор аст. Аслиҳаи кӯҳистониён туфанги сабуку кӯтоҳи коробин, туфанги фатилае, туфангча ва ханҷари кӯтоҳ (пешқабз) аст. Бархе ҳам найзаи кӯтоҳ ва тиру камон ва сипар доранд пӯшоки кӯҳистониён иборат аст аз ҷалиқаи танг, шалвори сиёҳи пашмин, пӯстин ва кулоҳи кучаки абрешимӣ.

Кӯҳистониён суннианд ва бо порсиён ва ҳамаи шиъиёни дигар хусумати беандоза доранд. Онон чандин хон доранд, ки раиси ҳамаро хонҷӣ гӯянд. Ҳарчанд ки ин хонон назорат кунанд, аммо амалиёти хориҷиро идора мекунанд. Ба хусус чун таассуби мазҳабӣ барангехта шавад. Ҳар раис барои худ таъсисоти мухтасари низомӣ дорад, аммо ҳар фарди ин сарзамин як сарбоз аст. Онон маблағи молия ба ҳукумат мепардозанд ва шумори силоҳе фароҳам меоваранд. Аммо бо вуҷуде, ки акнун мутеъ шудаанд ба даст овардани ин чизҳо ташвиқ ва идораи дурусте мехоҳад.

Душмани деринаи кӯҳистониён бо шоҳ Маҳмуд боис шуд, ки бо расидани дубораанш ба кудрат сахт мухолифат варзанд.

Онон нахуст аз бародараш шоҳзода Аббос тарафдорӣ мекарданд ва сипас хусуматашонро таҳти фармони як паёмбари дурӯғин идома доданд.

Ҷанги тӯлонӣ бештар барои сарбозони шоҳ Маҳмуд ногувор буд, аммо саранҷом неруи вазир Фатҳхон пирӯз шуд ва акнун ҳама мутеанд.

### *ТОҶИКОНИ БАРАКӢ*

Табақаи дигари тоҷикон мардумони баракианд, ки дар Лугар ва Буттахок зиндагӣ мекунанд. Онон ҳарчанд бо аъроб омехтаанд, бо тоҷикони дигар ин фаркро доранд, ки аз худ дороии раисони ҷудогона ва дар сипоҳигарӣ номваранд. Қалъаву замин доранд ва шумори қобили таваҷҷуҳи сарбоз барои ҳукумат фароҳам овmember. Дар рафтору кирдор ба афғонон дар муқоиса бо дигар тоҷикон ва шуморашон акнун ба ҳашт ҳазор хонавор мерасад.

Ҳамаи ривоятҳо бар ин мавзуъ тавофуқ доранд, ки Султон Маҳмуд дар садаи XI-ум ононро ба маскани кунуниашон кӯч додааст. Дар он вақт сарзамини паҳновар доштанд, вале асл ва маншаашон маълум нест. Онон худро араб медонанд, аммо дигарон ононро аз дудмони курдон мешуморанд.

### *ТОҶИКОНИ ФУРМИЛӢ*

Фурмилиён шохае аз тоҷикон ва дар шумор ҷамчанди баракиёнанд. Бисёре аз онон дар аргун дар миёни қабоили харобатӣ зиндагӣ мекунанд ва бо он қавм сахт душмананд. Бахши дигар дар ғарби Кобуланд ва шуғли асосиашон тиҷорату зироат аст, ба ҳукумат, молиёту силоҳ медиҳанд.

### *САРДЕҲИЁН ВА СИИСТОНИЁН*

Сардеҳиён мардумони чодарнишинанд, ки дар Сардеҳ дар ҷануби шарқи Ғазнӣ зиндагӣ мекунанд.

Сиистониёнро, ки дар шимоли минтақаи Балучс зиндагӣ мекунанд ҳам метавон тоҷик хонд. Аммо дар ин ҷо ниёзе ба зикри тақсимоташон нест. Онон дар тахминоти ҷамъияти тоҷикон дар салтанати Кобул, ки 1500 000 нафар будаанд, ёд шудаанд.

***Аз форсӣ баргардони Ҷумъахони Саидалӣ***

***Н.В. Хаников***

# ДАР БОРАИ НОМИ ТОҶИК*

Калимаи «тоҷик» ба муаллифони асримиёнагии чӣ араб ва чӣ аврупоӣ, эҳтимол, маълум набуд.[1] Дар осори муаллифони форсизабон, то ҷое ки ман медонам, ин калима танҳо дар аҳди Темуриён пайдо мешавад ва агар он мафҳуми генетикӣ, яъне номи халқро ифода мекард, ин ҳол ба миён намеомад.

Вақтҳои охир бисёр мекӯшанд калимаи ҳузвориши[2] «тоҷик»-ро, ки ҳаммаънои «тозӣ»-и форсӣ аст, мутародифи «тоҷик» эълон намоянд, гарчанд ҳеҷ асосе нест, ки калимаи «тоҷ» ва муштақоти онро ба мисли «тоҷик», (тоҷҷа) «тоҷдор» ва «тоҷвар» аз вожаҳои «тозӣ», «тоз», «тозиёна» ва ғайра ҷавонтар тахмин намоем. Ба ин мушобиҳат гумон мекунем фикри худи тоҷикон асос медиҳад. Мисли лейтенант Вуд, ман низ аз забони тоҷикони бухороӣ ҳикоятеро бо каме тағйирот монанд ба ҳикояте, ки онҳо ба муҳаққиқи шуҷои саргаҳи Ому нақл карда буданд, шунидаам. Сайёҳи англис форс будани тоҷиконро қайд намуда, баъд чунин меорад: «Тоҷикон худ Арабистон ва навоҳии Бағдодро макони нахустини сукунати гузаштагонашон мешуморанд: ва азбаски ин фикр интишори зиёд дорад, месазад, ки каме бо он мутаваҷҷеҳ бошем. Тоҷикон ба онанд, ки номи онҳо аз вожаи «тоҷ» аст ва гузаштагони онҳоро гӯё барои он чунин номидаанд, ки эшон ин рамзи ҳукумати шоҳиро аз сари Муҳаммад рабуданд. Вале онҳо ниҳоят сершуморанд ва наметавон авлоди ҷанговарони арабашон донист, ки дар асри якуми ҳиҷрӣ ба ин қисмати Осиё ҳуҷум оварда буданд» («Сафар ба рӯди Ому», саҳ. 259-267).

Барои рад намудани пайдоиши сомии тоҷикон нуктаи охирин нокифоят аст, вале дар ин хусус далелҳои дигари басо ҷиддӣ ҳастанд. Вале, пеш аз он ки ба тафсири онҳо пардозем, бояд қайд бикунем, ки дар ахбори аз байни тоҷикони Осиёи Марказӣ гирд овардаи ҷаноби Вуд нуктаҳои ростин низ ҳастанд, зеро ба тавассути ин ахбор мо метавонем

---

* Н.В. Хаников. Андешаҳо роҷеъ ба таҳқиқи мардуми Эрон. - Душанбе: Ирфон, 1992. – С. 104-105; 106-108.

[1] Истилоҳи этникии «тоҷик» дар ҳудуди асрҳои X-XI ё худ дар нимаи аввали асри XI пайдо шудааст. Бори нахуст ин ном дар таърихномаи Абулфазли Байҳақӣ (1043-1044) омадааст. Этимологияи мардумӣ «тоҷик»-ро аз калимаи «тоҷ» медонад.

[2] Забони ҳузворишӣ – забони паҳлавӣ ё форсии миёна дар замони Сосониён дар Эрон чун забони хаттӣ вуҷуд дошт.

иллати дар байни тоҷикон пайдо шудан ва роиҷ гардидани ривоёти пайдоиши арабии онҳоро дарёбем.

Таъқиби сахти Ҳаҷҷоҷ авлоди Пайғомбарро дар Байнаннаҳрайн дар тӯли чоряки охири аввали асри ҳиҷрӣ бисёр саидон (сайидон)-ро[1] маҷбур сохт, ки аз Куфа, Бағдод, Басра ва дигар мавзеъ ба Трансаксания (Мовароуннаҳр) ҳиҷрат кунанд. Дар силки сайидони машҳур сайид Сулаймон, писари Абдуллоҳи Ҳаддод ва абераи Зайнулобиддин низ буд. Ӯ дар Урганҷ маскун шуд ва дар он ҷо бо хоҳари сайид Маҳмуд, мулаққаб ба Инҷири Фаҳновӣ, ки дар Пирмастӣ наздикии Бухоро мадфун аст, хонадор шуд.

Аз ин никоҳ ду бародари дугоник, ки падарашон ба шарафи писарони Алӣ[2] Ҳасану Ҳусейн ном гузошташон, инчунин духтаре ба дунё омаданд. Ин духтар ба саиди бухорой ба шавҳар баромад. ва писаре зоид ба ном Амиркулол, ки шохаи саидони *кулолӣ*, ки дар Бухорову Вобканд хеле зиёданд, аз ӯ ибтидо доранд. Ҳасанро фарзанд набуд ва аммо Ҳусайн ду писар дошт. Писари калонӣ – Ҷалол ба саидони Кобулу Афғонистон ибтидо гузошт ва аммо авлоди писари хурдӣ Камол шохаи саидони бухороиро ташкил доданд, ки  бо номи «*саиди хурд*» машҳуранд. Ниҳоят, шохаи сеюми саидони Мовароуннаҳр – саидони ота низ аз авлоди Пайғомбаранд, ки аз таъқиби Ҳаҷҷоҷ ба моварои Ому гурехтаанд. Ҳамаи ин шохаҳо бо тоҷикон даромехтанд ва табиист, ки оилаҳое, ки бо муҳоҷирони машҳур риштаи хешӣ барқарор карда буданд, ба эҳтироми махсус сазовор гардиданд.

Ин ҳол то ба имрӯз идома дорад, ва ҳеҷ ҷои тааҷҷуб нест, ки қариб ҳамаи тоҷикон насаби худро ба арабон пайвастан мехоҳанд, зеро ин вазъ ва гузашта аз он ки силсилаи салафи эшон ба Муҳаммад мепайвандад, на танҳо ба онҳо афзалияти пуршараф медиҳад, балки аз андоз ва масъулияти барои қушун сарбоз додан низ озод мекунад.

Ҳамин тариқ, нуктаи дар байни тоҷикон роиҷ дар хусуси аз Бағдод будани аҷдоди онҳо тамоман беасос нест, вале он на ба ҳамон мардуми тоҷик, балки фақат ба қисмати ками онҳо дахл дорад. Зимнан, ин фикри ҳамагонӣ нест ва мо аз асари Массон (Сафар ба Балуҷистон ва Афғонистон… ҷ. I, саҳ. 217), медонем ки тоҷикони Биҷар (манзур Баҷаур аст. - Тарҷ. нашри русӣ) насаби худро ба паҳлавонони замони каёниён[5] мепайванданд.

---

[1] Саидҳо – авлоди воқеӣ ё дурӯғини пайғамбар Муҳаммад (с).

[2] Алӣ – халифаи чаҳорум (солҳои ҳукмрониаш 656-661) писарамак ва домоди Муҳаммад (с).

Лассен дар бораи он ки аз замони Ғазнавиён сар карда, тағйирпазирии халқҳои маскуни доманаи Ҳиндукуш оғоз меёбад, сухан ронда ва ба далели дар водиҳои баланди ин силсилакӯҳ панаҳ бурдани баъзеи ин халқҳо ишорат намуда, пасон менависад: «Мағлубшудагонро тоҷикон меномиданд, ки ин ном дар ноҳияҳои шарқи Эрон ба аҳолии қадими муқимӣ, ки ба кишоварзӣ шуғл доранд ва ҳоло дар тобеияти дигар халқҳо мебошанд, дода мешавад. Ин истилоҳ пайдоиши онҳоро ифода намекунад. Онҳоро инчунин деҳқон ва ё аҳли деҳот низ меноманд ва ин ном на танҳо дар Лағмон, балки дар Сват, дар байни юсуфзойҳо, ки эшон ғуломашон ҳастанд, низ вомехӯрад. Афғон ва ӯзбекҳо онҳоро ҳамчунин порсивон ҳам меноманд… ки эҳтимол тибқи забони гуфтугӯии онҳост, ки шеваи форсӣ мебошад. Илова мебояд кард, ки хоҷагони онҳо бо забонҳои дигар сухан мегӯянд ва тоҷикони Кобулистон на дар ҳама ҷо ба форсӣ гап мезананд.(«Омӯзиши ҳинди бостон», ҷ. I, саҳ. 426).[1]

Ба ин муродифҳои сершумори калимаи «тоҷик» боз калимаи дигар - *сартро* (онҳоро дар Хева чунин меноманд) илова мекунем ва мисли донишманди маъруфи немис, мо ҳам ба хулосае меоем, ки ин ном ҳам масъалаи пайдоиши онҳоро ҳал намекунад. Аз тарафи худ илова мекунам, ки *тоҷ* барои мӯътақидони таълимоти Зардушт низ ҳамон чизе буд, ки чалипо барои масеҳиён ва *салла* барои мусулмонон, яъне аломати зоҳирии фарқияти муътақидони ин ойин аз аҳли ойини дигар. Ҳанӯз Масъудӣ ба он рамзи махсус ишорат намуда буд, ки форсҳо ба расми тоҷ ниҳодан дода буданд: вале ҳатто новобаста ба ин бурҳон, ки сазовори эътибор аст, бояд бигӯям, ки ҳама китобҳои мазҳабии габрҳо далели гуфтаҳои болоянд. Аз ҳамин сабаб калимаи «тоҷик» дар ватани аслии Зардушт, ки таълимоташ дар Бохтар хеле пештар аз он ки ба Ғарб ворид шавад, роиҷ буд ва дар он ҷо ҳатто дар замони Комбиз форсҳо натавонистанд будани муғҳоро таҳаммул кунанд, интишори зиёд дорад. (Ҳеродот, китоби III, қисми 79).[2]

Вале ба фикри ман далели қотеътарини фарқи калимаҳои «тозӣ» ва «тоҷик» он аст, ки ин ҳарду ҳанӯз дар замони Ашкониён ва Сосониён, яъне то тохти арабҳои мусулмон, дар истеъмол буданд ва чиниён истилоҳи аввалро чун «тошӣ» ва истилоҳи дуюмро ба таври «тяоҷҷи» овардаанд. Вале агар калимаи «тоҷик» барои форсҳо чун «салабӣ» ё «бани салиб», барои арабҳо, ифодагари тааллуқ ба дин буд, пас

---

[1] М. Элфинстон (1779-1859) – роҳбари сафорати Англия ба назли шоҳи Афғонистон Шуҷоъулмулк дар соли 1809. Тавсифи муфассали империяи Дуронихоро боқӣ гузоштааст.

[2] Манзур навиштаи Ҳеродот дар бораи ба таъқиби муғҳо пас аз қатли муғ Гаумат (Бардияи дурӯғин), ки ба тахти Ҳахоманишиҳо даъво дошт, мебошад.

маълум, ки дар давраи аввали густариши ислом на навгаравидагони ойини ислом ва на онҳо, ки ба ойини оташпарастӣ содиқ монданд ва барои ин дучори таъқибот шуданд, ҷуръат намекарданд худро ба ин истилоҳи барои ғосибон мутанаффир ном баранд. Сабаби истифода нашудани ин истилоҳ дар осори муаллифони араби қарнҳои аввали ҳиҷрӣ ва боз пайдо гардидани он дар замоне, ки ислом ба дараҷае нерӯ андӯхта буд, ки номи мазҳабӣ ба исми халқ табдилёфта ба он хатаре биёварад ман дар ҳамин мебинам. Вале новобаста ба он ки дар тӯли сенздаҳ аср тоҷикон муътақид ба ислом буданд, ин дин натавонист, расми анъанавии оташпарастиро дар байни мардуми тоҷик пурра аз байн бубарад...

Инак, гуфтаҳои боло гумон мекунам асос медиҳанд, ки ба хулосаи зерин оем: калимаи «тоҷик», ки дар ибтидо чун истилоҳи ҷомеи исми нахустин оташпарастон (чӣ бохтариён ва чӣ дигарон) арзи вуҷуд намуда буд, ҳоло ба номи мардуми шохаи эронӣ, ки қатъи назар аз асорати бисёрасраи бегонагону барбарон забон ва баъзе осори фарҳанги қадимаи худро нигоҳ доштаанд, табдил ёфтааст.

***Шишов А.***

# ОЧЕРКИ ТАЪРИХӢ[1]

Дар бораи ҳаёти мардумон дар давраҳои қадимтарини Осиёи Миёна, махсусан дар он мавзее, ки ҳоло дар он тоҷикон иқомат доранд, танҳо ривоятҳо боқӣ мондаанд. Маълумотҳои қадимтарин дар сарчашмаҳои динӣ-ахлоқии қавмҳои ҳиндӣ ва эронӣ маҳфузанд. Бояд қайд намуд, ки дар онҳо андешае асоснок карда мешавад, ки доманаи кӯҳҳои Помир гаҳвораи қабилаҳои ориёӣ маҳсуб ёфта, баъдтар ориёиҳо аз ин ҷо ба ҳар гӯшаву канори ҷаҳон пароканда шудаанд.

Дар ин ҷо мо бояд ба сарчашмаи қадимтарин – Занд-Авасто муроҷиат ва истинод кунем, зеро дар он нуқтаи назари эрониёни қадим нисбат ба замин ва тақсимоти минтақаҳову аҳолии он дар омехтагӣ бо кайҳоншиносӣ ва дин баён гардидааст. Ин нуқтаи назар ба фаҳмиши ҳиндувон оид ба замин ва таълимоти динии бараҳманҳо монанд аст ва ба он алоқаи зич дорад.

Дар бораи тафовути се халқе, ки юнониҳо зикр кардаанд – бохтариҳо, модҳо ва форсҳо, дар сурудаҳои Занд ҳанӯз чизе гуфта нашудааст: дар ин ҷо ин халқҳо ба таври умумӣ ориёӣ (эронӣ) ё «халқҳои ҳурмузӣ» номида шуда ва сарзамини онҳо Ориё дониста мешавад. Аз Вандидоди «Кушоиш» – яке аз шуъбаҳо ё қисматҳои Занд-Авасто* як чанд арқоми ҷуғрофии муҳим ошкор мегардад, ки ба Эрон ва сокинони он мутааллиқанд.[2]

Эерионо-Вэдо (Эронвиҷ), яъне «Эрони пок» яке аз ҷойҳои нахустини сукунати халқи Занд ё қабилаҳои сершуморе буд, ки баъдҳо аксаран дар Суғд, Бохтар, Мод ва Форс зистаанд.

Дар ин ҷойҳо Ҳурмузд аввалин бор ҳамаи мавҷудоти зиндаро ҷамъ овард, дар ин ҷо одамон нахустин бор бо рамаҳои худ гирд омада, навзодҳоро, яъне насли навро қабул мекунанд ва ҷомеаро ба вуҷуд меоваранд. Он замон шоҳ Ҷамшед бо ёрии инсонҳои осмонӣ ва хирадмандон (дар юнониҳо – нимхудоён) мавҷудоти зиндаро гирд овард, яъне қабилаҳои парокандаро ба як халқ муттаҳид кард ва ба онҳо ва рамаҳои онҳо сарвар шуд.

Баъди ин, Ҳурмузд ба Ҷамшед ханҷари тиллоӣ ва дами оҳанини испор (рамзи заминдорӣ)-ро супурд ва дастур дод, ки ба мардум шудгор ва коркарди заминро ёд диҳад.

---

[1] Шишов А. Тоҷикон (Тадқиқоти этнографӣ). Душанбе, 2015. – С. 44-121. Тарҷумаи Ислом Юсуфӣ.

[2] Риттер К. Иран (Тарҷумаи Хаников). СПб, 1874. – С. 31-32.

Аммо дар Ориёно-Вэдо зимистони сард оғоз гардид. То ин вақт дар он ҷо дар як сол 7 моҳи гармӣ ва 5 моҳи хунукӣ меомад.

Дар давраи шоҳии Ҷамшед зимистон ба 10 моҳ мерасад ва тобистон ҳамагӣ 2 моҳ идома меёбад (чуноне ҳоло дар Осиёи қисмати шимол (Сибир), Тибет, Лодак ва дигар ҷойҳо ҳаст). Он гоҳ Ҷамшед бо супориши Ҳурмузд мардумро аз Ориёно-Вэдо ба заминҳои рӯшан, яъне ба ҷойҳои гармтар, ба ҷануб роҳнамоӣ кард. Ин ҷойвазкунӣ ё гузаришу муҳоҷират аз давраи омадани аввалин маскунон ба Суғд (Суғдиён), аз он ҷо ба Марв, аз ин ҷо ба Багд (Бохтар) аз он ҷо ба Нисоим (Нисо), аз он ҷо ба Ҳарӣ (Ҳирот), Векеретем (Arachilia), Хетумат (Hindmend), Роғон (Rhagus, Райи ҳозира) оғоз ёфт. Се ҷои охир ҷойҳои бобаракат буданд: Варена (Ver, Persis, ки дар Реде, Персипол аст) Ҳапта, Ҳинду (Sapta Heando Ҳафт Ҳинд, ё мамолики резишгоҳи дарёи Ҳинд) ва Ренгеяо, ки бояд ба унвони Aravastana, дар қисмати ғарбии Форс, дар Ассирияи Болоӣ, дар Даҷла ва Фурот ҷустуҷӯ карда шавад.

Ҳамин тариқ, мардум ба ҷойҳои боз ҳам гармтар, ба кишвари ҷануб омада, ҳатто ба шарқ – Ҳинд ва ба ғарб – Фурот ва Месопотамия паҳну парешону маскун гардид. Ғолибан, мардум дар миёнаҳои ин заминҳо, дар «ҳудуди Дини пок» (яъне дар водии заминҳояш обёришаванда), ки ба Ҷамшед писанд омада буд, маскун гардидаанд. Ин заминҳои аз чор тараф иҳоташуда (мумкин мақоми чордаҳуми накӯҳиш, Ворунаи (чоргӯша)-ро Ҷамшед бо аҳолӣ пур намуда, замини онро коркарду обёрӣ менамояд. Дар ин макон шаҳрҳо бунёд мекунад ва дар ҳар шаҳр 1,000, 600 ва 300 нафарро сокин мегардонад; роҳҳо бунёд мекунад, заминдорӣ ва боғдориро ҷорӣ карда, барои худ кушк бино мекунад.

Дар давоми муҳоҷирати худ Ҷамшед ва мардуми ӯ, аз кадоммамлакате, ки гузар мекарданд, ҷойҳои холӣ, нообод ва бекораро медиданд, Ҷамшед дар ин ҷойҳо аввалин одамон ва ҳайвонотро маскун мегардонад. Ин ҷойҳои наву ҳосилхезро мардум ба заминҳои камҳосилу сангдор ва пур аз мушкилоти ватани аҷдодии худ муқоиса карда, худро он қадар хушбахту соҳибихтиёр мебинад, ки онро чун асри тиллоӣ унвон мекунанд.

Дар муқоиса ба он кишваре, ки нахустин бор бо ҳукми Ҳурмузд одамон ба заминдорӣ, шаҳрсозӣ, сохтмони қасру кушкҳо машғул шуда буданд, дар он ҷойҳое, ки кучманчиёни ваҳшӣ ба мардуми маскунӣ табдил ёфтанд, дар ин кишвари гарми ҷануб, дар ин кишваре, ки дар тарафи офтобӣ ҷойгир буд, кишвари дигаре вуҷуд дошт, ки барои халқи Занд нисбат ба Ориёно-Вэдо дар он зистан беҳтар ва гуворотар буд.

Ин Ориёно-Вэдо, аз ҷои истиқомати қадима бояд дар қисмати шимолии ватани дуюми онҳо ҷойгир бошад; он заминҳое, ки минбаъд аз тарафи Ҷамшед аз худ карда мешаванд ва дар сурудҳои ин мардум боз ҳам

Ориёно-Вэдо ном бурда мешаванд. Яке ватани халқи Занд то муҳоҷират ва дигаре баъди муҳоҷират, ки онҳоро набояд бо ҳам омехта кард.

Ориён (Ориёно), Ориё, Эрони нахустин – ба маънои маҳдуду аслиаш дар шимол воқеъ аст, гаҳвораи тамаддуни эрониён, нахустин ватани онҳо аст, ки дар банди аввали Вандидод аз он ёд карда мешавад ва аз он ҷо муҳоҷирати ҳамаи эрониҳо оғоз гардидааст.

Ориёно, Ориё, Эрони дувум, ба маънои васеаш – мамлакати бузурги ҳосилхез дар тарафи ҷануби кишвари аввалӣ ҷойгир аст, ки нахуст холӣ ва нообод буд, Ҷамшед бо эрониён, ки то ин ҷо расидан бисёр кишварҳоро гашта буданд, омада, онро обод ва заминҳоро корам карданд. Ин заминҳоро худи Ҳурмуз бо наздиконаш (язидонаш) гашта, дидааст ва бо ҳидояти Ҳурмузд Ҷамшед дар он ҷо тахти худро бунёд карда, пешвоёни қабилаҳоро ҷамъ меоварад ва давлати мукаммали худро ташкил мекунад. Ин охирин мавзеи сукунат – мамлакатест, ки бо номҳои Ориёно, Орима ва Эрон ёдоварӣ шудааст. Баъдҳо онро эрониҳо таҳти ҳукмронии шоҳони ҳамхуни худ, ки на танҳо аз ҳукмронии мамлакати нахустини худ маҳрум монда буданд, балки онро аз ёд бароварда буданд, ҷои истиқомат ихтиёр карда, дар он ҷо зиндагии нав оғоз намуданд.

Ҷои сукунати нахустини халқҳои Занд то ҳол аниқ маълум нест. Сардии бузург, ки 10 моҳ ин мулкро барои истиқомати одамон номумкин гардонда буд, танҳо ба қисмати марказии Осиёи Боло, ба резишгоҳи дарёи Оксус (Ому) ва Яксарт (Сир) ва Помир, Белур, Тибети ғарбӣ, ки дар он ҷо Куэн-Лун – замини биҳиштии чиниҳо воқеъ гардидааст ва дар заминҳои баланду ҳамвори паси он ҷойҳо, ки табиати онро чунин ба қалам додаанд, ишорат мекунад.

Аз Вандидод мо медонем, ки дар мамлакати нахустини ориёиҳо 7 моҳи гарм ва 5 моҳи сард буд, баъд сардии бузург рух дод ва 2 моҳ гармӣ ва 10 моҳ хунукӣ ба амал омад, яъне дигаргунии азими иқлим воқеъ гардид.

И.В. Мушкетов[1] дар барои гузаштаи Помир мегӯяд: Азназаргузаронии қабатҳои кӯҳии Туркистон моро ба хулосае овард, ки тарҳи (орографияи) ҳавзаи Туркистон дар давраҳои қадиматарин тамоман шакли дигар доштааст, ки ба давраи ҳозира монандӣ надорад. Дар ҷои Туркистон ва Хон-хай як баҳри васеъ мавҷуд буд, ки ҷо- ҷо қаторҳои сангҳои хоро ва сахраҳои қулламонанди на он қадар баланд аз об баромада меистод ва ҷазирачаҳои бешумори ба шимолу шарқ тӯлкашидаро ба вуҷуд оварда буд.

Бозёфтҳои зиёди ҷинсҳои қадима дар зери об мондаанд, давом медиҳад И.В. Мушкетов, моро ба хулосае меоранд, ки онҳо инкишофи ҳамаҷонибаи метаморфозӣ ва шаклгириро паси сар кардаанд.

---

[1] Маҷаллаи «Туркестанские ведомости». СПб, 1886, с. 42.

Дар натиҷаи тағйирёбӣ ва равандҳои пайи ҳам, оҳиста, вале мунтазам, дар давоми миллионҳо сол сурати қадима шакли нав гирифтааст. Баҳр оҳиста-оҳиста паст рафта, хушк шуда, дар ҷойҳои баландӣ чинҳо (кӯҳҳо) пайдо шудаанд ва қаторҳои кӯҳнаро мустаҳкам карда, ба қаторкӯҳҳои қабатдор табдил ёфтаанд ва ба ғайр аз гиреҳҳои баланди қуллаҳои кӯҳ, ки ба ҷазираҳои собиқ таалуқ доранд, ҳамагӣ шаклгирифта ва мутаносибанд.

Якҷоя бо шаклгирии қаторкӯҳҳо бисёр намудҳои ҷинсҳои кӯҳӣ низ ба вуҷуд омадаанд, ки пайдоиши онҳоро на сабаб, балки натиҷаи омезишёбии умумӣ донистан дуруст аст, ки дар ин раванд худи ин ҷинсҳо фаъол набуданд. Ин дигаргуниҳои бузурги қабатҳои қишри замин дар даврахои хеле дур ба амал омада, чунин ба назар мерасад, ки ҳоло ҳам ин шаклгирӣ ба анҷом нарасидааст ва дар рӯзҳои мо низ идома дорад.

Ин муҳокимарониҳои профессор Мушкетов, ки дар боло овардем, нишон медиҳад, ки ким-кайҳо доманакӯҳҳое, ки Туркистони Шарқиро иҳота мекарданд, бо мавҷҳои баҳри бузурге шӯста мешуданд ва аз ин бармеояд, ки иқлим дар ин ҷо наздибаҳрӣ, мулоим ва гарм буд, на он соне, ки ҳоло аст. Ин ҳама он гуфтаҳои Вандидодро дар бораи мардуми Занд ва оид ба 7 моҳи гарм ва 5 моҳи сард тасдиқ мекунанд.

Ба тағйироти босуръати иқлими ин кишварҳо ҷаноби Швартс низ дар кори худ[1] ишора мекунад. Швартс дар қисмати ғарбии соҳили кӯли Иби-Нор, дар Алатов ба қуллаҳое дучор меояд, ки ба шаклу тарҳи аҷибашон ӯро ба ҳайрат меоранд. Ба қаторкӯҳу харсангҳо наздик омада, онҳоро то қуллаашон аз назар гузаронда, ҷаноби Швартс ба хулосае омад, ки дар ин ҷойҳо қувваҳои бисёр азими обӣ, ки дар тасаввуроти инсонӣ онро ғунҷондан душвор аст, амал мекардаанд. Тадқиқоту омӯзиши кӯҳҳои атроф ӯро ба хулоса овард, ки ба тахминҳои вай комилан мувофиқ буданд: ҷаноби Швартс дар баландии 6000 фут аз сатҳи уқёнус нишонаҳои равшани соҳили баҳриро пайдо намуд, ки ин кашфиёт ба осори баҳри нестшудаи Муғул сару кор доштани ӯро нишон медиҳад,ҳамон баҳре, ки илм мавҷудияти онро дар ҳудуди 4000 сол пеш аз замони ҳозира маълум намуда буд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло дар якҷоягӣ ҷаноби Швартсро ба суоле мувоҷеҳ кард: оё маҳз дар наздикии Иби-Нор ҳамон кандашавии баҳр сурат нагирифтааст, ки дар натиҷаи он оби баҳри Муғул бадар рафтааст ва  дар ин сурат, чӣ ин ҳавзи обро, ки майдонаш ба баҳри Миёназамин баробар меомад, маҷбур кард обашро аз баландии 6000 фут ба поён фурӯ партофта, ҳама чизи дар сари роҳаш бударо ба таври даҳша-

---

[1] Franz v. Schvarz. Sundfluth und Volkenwanderung. Stuttgard, 1894. Verla von Enke. Реферат. // Маҷаллаи «Туркестанские ведомости». 1895, №7.

товар вайрону валангор ва зеру забар намояд? Швартс тасдиқ менамояд, ки сабаби ин ҳодисаи даҳшатовар, бешубҳа, заминларза аст ва ӯ ин манзараро дар асоси назарияи илмии заминларзашиносӣ тахминан ба чунин вазъ тасвир мекунад: дар натиҷаи фишори вазни оби баҳри Муғул дар қаъри он таркиш (ё сӯрохӣ) ва рахна ба вуҷуд омадааст, ки дар натиҷа ба ковокии дар қишри замин мавҷуд буда, миқдори бузурги об фурӯ рафтааст. Он ҷо дар зери таъсири ҳарорати баланд ҳамаи ин об зуд ба буғ табдил ёфта, бо фишори тавонои худ заминларзаро ба вуҷуд оварда, садҳои нигоҳдорандаи баҳри Муғулро аз ҷониби Иби-Нор вайрон намудааст. Оби баҳр, ки ба поён бо суръати 559 чақрим дар ҳар сония ҳаракат мекард, аз рӯи замин аҳолӣ, долу дарахтони Туркистон – вилоятҳои ҳозираи Фарғона, Сир-Дарё, Самарқанд ва қисматҳои паси Каспийро рӯфта бурдааст.

Баҳрҳои Арал ва Каспийро ба вуҷуд оварда, ҷараёни бениҳоят бузург ба сӯи соҳилҳои Волга ҳаракат кард, он қисмати губернияи Астраханро, ки ҳоло хати борику дарози Манич аст, зери об мононда, ба соҳилҳои баҳрҳои Азов ва Сиёҳ расид, ки аз ин ҳолат ин баҳрҳо аз соҳилҳои худ баромада, то он вақте ки қувваҳои вайронкори оби ҷамъшуда аз Босфори имрӯза гузашта нарафт, ин соҳилҳо зери об монданд.

Гулӯгоҳи Дарданелл камтар муқовимат нишон дода; мавҷҳои баҳри Муғул бо мавҷҳои баҳри Миёназамин омехта, дар охир вақте ки ҳама садду бандҳо пушти сар шуданд, танҳо дар садди охирин – гардана (димоға)-и Гибралтар, ки як вақтҳо Африқо ва Аврупоро бо ҳам мепайваст, дар сатҳи беохири уқёнус ором гирифтанд. Аҳолии минтақаҳое, ки дар атрофи баҳри Миёназамин мезистанд, аз ин обхезӣ бештар зарар диданд; бадбахтии умумиҷаҳонӣ ба гуфти ҷаноби Швартс ба қумзорони Сахара низ бетаъсир намонда, онро аз нав ба баҳр табдил дод. Чунин тасвири фоҷеа ба андешаи муаллифи «тӯфони умумиҷаҳонӣ» ва ривояти мардумӣ оид ба он тӯфон мувофиқати куллӣ дорад.

Дар натиҷаи ҳамаи ин тағйирот дар вазъи обҳои Осиёи Марказӣ, намнокии ҳаво хеле кам шуд, ки ин дар навбати худ ба иқлими мамлакат таъсири харобиовар расонд. Ин вазъият минбаъд ба тамоми таърихи кишвар низ таъсири бузург расонд.

Ин муҳокимарониҳои ҷаноби Швартс боз як маротибаи дигар ҳаққонияти нишондоди Вандидодро дар бораи тағйири шароити иқлим, ки мардуми Зандро маҷбур сохт ватани аҷдодии худро тарк карда, барои зиндагӣ шароити боз ҳам мувофиқтаре пайдо намояд, тасдиқ месозад.

Тадқиқоти солҳои охир, инчунин ҳодисаҳои зиёди табиӣ, равшан нишон медиҳанд, ки қисмати бузурге, аз умқи Осиёи Марказӣ то ҳудудҳои ҷанубу шарқии Русия дар вазъи хушкшавии саросарӣ қарор

доранд. Дар асоси мушоҳидаҳои хеле зиёд, ки ҳангоми сафари охирини худ Свен-Хедин анҷом дода буд, тасдиқ менамояд, ки масоҳати кӯлҳои сершумори Тибети ҷанубӣ ҳоло нисбат ба пештара хеле кам шудаанд. Дар Туркистони Шарқӣ низ чандин мушоҳидаҳо гузаронида шуд ва аз онҳо маълум гардид, ки ду ҳазор сол пеш иқлими ин вилоят хеле мусоид буд. Дар атрофи кӯли Лоб-Нор, ки акнун онро биёбони мурдаи қумзор фаро гирифтааст, ким-кайҳо аҳолии меҳнатдӯсте ҳаёт ба сар мебурд ва дар қисмати марказии дарёи Тарим роҳи серҳаракати тиҷоратӣ мегузашт. Ҳоло аз ин гузаштаи хуш танҳо боқимондаҳои ночиз дар зери қумзори биёбон пинҳон мондаанд.[1] Он чӣ дар боло оварда шуд, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳақиқат, иқлими Помир ва мамолики ба он ҳаммарз ногаҳон тағйир пазируфта ва ин тағйирпазирии иқлим аҳолии Зандро маҷбур намуд, ки барои зиндагӣ ва зисти худ шароити мувофиқро ҷустуҷӯ намояд. Он ақидаро, ки мардуми Занд дар ҳақиқат, дар гузаштаи дур дар Помир сукунат дошт, андешаҳои забоншинос Бюрнуф тақвият медиҳад. Ин андешаҳо гувоҳи онанд, ки дар он тарафи марзи заминҳое, ки одатан бо номи Ориё (Эрон) фаҳмида мешавад, айнан дар Турон, Плиний халқҳои бисёрро ҷой медиҳад, ки инҳо Ariacae, Antariani, Arimaspi, Aramaei мебошанд ва ин андешаҳо ақидаеро талқин менамоянд, ки ин қабилаҳои кӯчманчӣ бо вуҷуди он ки бо суғдиҳо ва бохтариҳо зиддияти зоҳирӣ доштанд, аммо ба ҳар ҳол аз ҷиҳати забонӣ бо ин қабилаҳо хешӣ доштанд, зеро номҳои онҳо то дараҷаи маълум танҳо ба Занд алоқамандӣ доранд. Ariacae ва Antiariani бошанд, бевосита Ариа ва Арияи қадимаи зандиро хотиррасон мекунанд. Зуд-зуд дар номҳои одамон ва мавзеъҳо вохӯрдани калимаи асра (бо зандӣ асп) ва arvat (бо зандӣ aurat), ки ҳарчанд камистеъмоланд, ба он далолат мекунад, ки паҳншавии фавқулоддаи забони зандӣ то худи Оримасп (ин ҳам аз асра - асп) ва Ориё ё Ориманҳо паҳн шудааст ва онҳо наметовонанд арманҳо бошанд, балки бояд ҳамчун ориёиҳо қабул карда шаванд.

Кӯчиши қабилаҳои Эронӣ аз он мулки сарду сангин ва дорои кӯҳҳои барфин (кӯчише, ки на дар натиҷаи муқобилияту душмании дигар халқҳо ба амал омада, балки бо сабаби маншаи ҳар гуна бадиҳо – Аҳриман ва тағйири иқлим рух додааст) на танҳо ба маълумоти таърихии мо мухолифат намекунанд, балки дар онҳо тасдиқи худро меёбанд. Дар ин баландии кӯҳҳо вохӯрдани халқиятҳои гуногун, ки то ҳол забону одатҳои маҳаллии худро нигоҳ доштаанд, гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо боқимондаи ҳамон қабилаҳои қадима мебошанд. Дигар ҳолати ҳайратбахш, ки дар ривоятҳо вомехӯрад, ин ба дигаршавии ҷуғрофия тааллуқ дорад. Муҳоҷирон нахуст ба Суғд мераванд. Агар дар зери мафҳуми

[1] Вестник и библиотека самообразования. 1905, №49, с.15-66.

Суғдо бевосита Суғдиён дар назар дошта шавад, он гоҳ роҳи аввали ҳаракати ориёиҳо аз қисмати Осиёи Болоӣ ба он ҷо буда, баъд ба Бохтар ва Эрон, яъне аз ҷониби шарқ ба ғарб, ё дурусттараш, аз шимоли шарқӣ ба ҷануби ғарбӣ, ба ҷониби водӣ ва дараҳои кӯҳӣ, тарафе, ки халқҳои кӯчманчии минбаъда ва ҳатто замони ҳозира бояд аз он мерафтанд. Дар он ҷо мо бояд ҳам ватани аҷдодии эрониҳои қадим ва ҳам халқҳои ҳинд – ҳам ориёиҳо ва ҳам Ориёро, яъне кишвареро ҷустуҷӯ ва дарёфт кунем, ки бо зандӣ –Эрониё ва бо санскритӣ Ориё номида мешуд.

Ин номҳо баъдан аз ҷониби муҳоҷирон – парастандагони Аҳурамаздо ба ҷануб ва ҷануби ғарбӣ, яъне ба Эрон ва тавассути муътақидони Браҳма ба ҷануби шарқӣ, яъне ба соҳилҳои дарёҳои Ҳинду Ганг ва Ориё-варта бурда шудаанд. Аз ҳар ду ин гурӯҳи алоҳида ва мустақил ва инчунин, қабилаҳои аз рӯии забон бо ҳам хеш, дар ёдгориҳои муқаддаси онҳо аз қадим дар бораи ватани сард, барфӣ ва муқаддаси шимол сухан меравад: браҳманҳо бо он ҷо – ба Кайлас, макони худоёни худ, эрониён нахустин саҷдагоҳи офаридаи Ҳурмузд – Эериэно-Вэдеоро интиқол доданд. Ҳарду гурӯҳ дар таълимоти рӯҳониёни худ ҷои муҳоҷирати баъдиашонро ситоиш мекунанд: бараҳманҳо – Ориё-Вартуро ҳамчун сарзамини баҳодурони шуҷоъ (arya - ба санскритӣ exceiens), эрониҳо - Эрони худро чун сарзамини равшани пок, ки онро Ҷамшед ба дараҷаи мукаммал пойдор намудааст, ном мебаранд. Макони нави муҳоҷират низ, агар асли гапро гӯем, аз мушкилоти сардиҳои зимистон орӣ набуданд, вале дар ин ҷо Ҳурмузд бадиро ба некӣ табдил дод: ҳамин ки яху барфҳо баҳорон об мешуданд, замин обёрӣ гардида, бо алафҳои зебои махмалин пӯшида мешуд. Дар ин ҷо қабилаҳои кӯчӣ метавонистанд ба таври доимӣ истиқомат кунанд ва рамаҳои биёбонгарди худро ба чорвои хонагӣ табдил диҳанд.

Ин ривоятҳои қадимӣ ба содагию оддигии ин қавм мувофиқат мекунанд: Ҷамшед, ки дар ин ривоёт чун шоҳи одил ва пуштибони мардум ёд мешавад, сарвари қабилаи кӯчӣ маҳсуб мешуд, ба мисли Иброҳими яҳудиҳо, ӯ аз ҷониби Ҳурмузд дастгирӣ меёфт, мардуми худро аз сардиҳои зимистони мулки кӯҳӣ ба кишвари зебои серҳосил раҳнамоӣ кард ва минбаъд ин халқ ба дараҷаи бузургӣ ва тавоноӣ расид. Ҳамаи ин ба ин қаҳрамони мардумӣ, гуфтан мумкин, ба халқ ва сарзамини ӯ тааллуқ дошт. Аммо хислатҳои асосӣ дар ривояти қадима таҷассум меёбад. Дар сарзамини васеи Эрон – дар байни Даҷла ва Фурот, дар байни Сир ва баҳрҳои Каспий ва Ҳинд – дар ҳама ҷо гуногунрангии бузургро дар иқлим, гармию сардӣ, ҳосилхезӣ, тарзи зиндагӣ, қабати хок мебинем. Вобаста ба он ки мавзеъ дар кӯҳ ҷойгир аст, дар биёбон ё дар қитъаҳои ҳосилхез, ба ҳар яки он мутаносибан файзу баракати алоҳида ва дар умум ҳавои ҳамеша софу беғубор, ду-

рахши хуршеду ситораҳо, аммо гоҳо камборишӣ ва камобӣ насиб гардидааст. Аз ин рӯ, мунтазам дарёчаҳои сероб, зарф (хум)-ҳои пуроб ва ҷӯю наҳрҳо дар ин ҷо тавсиф карда мешуданд. Минтақаҳои ҳосилхез, ки аз ҳама ҷо бо биёбонҳо иҳота шудаанд, бисёр мушкилот ва эҳтиёҷот доранд: гоҳ Аҳриман – сарманшаи ҳамаи бадиҳо, сардӣ, ҳашарот, бемориҳо, қашшоқӣ, андешаву гумонҳои зараровар, фиреб, ҷиноят, вайронии асаб ва ғайраҳоро меовард[1].

Таърихшиносон ба мо хабар медиҳанд, ки ҳавзаи Туркистон ҳоло на он тавре аст, ки дар давраҳои қадим буд. Кишвари гул- гулшукуфоне буд, ки дар он фарҳанги қадимаи инкишофёфтаю пешрафтатарини ҷаҳон мавҷуд буд. Аҳолии ориёӣ дар водиҳои Оксус (Ому) ва Яксарт (Сир) дар қаъри таърихи қадима чунин давлатҳои бузург, ба мисли: Бохтариён (Балх), Трансоксиана (Бухоро), Суғдиён (Зарафшон), Хоразмия ё Ховаразм (Хива)-ро бунёд карда буд, ки бо сернуфусии ғайриоддӣ, боигариҳои моддӣ ва дараҷаи баланди тараққиёти сиёсӣ фарқ карда меистод. Бохтар бо шаҳри Бактиа ё Бактрис – Балхи нимвайронаи ҳозира аз рӯи шаҳодати Ктезия ва Диодор ҳанӯз аз даврони Нинаи Ассуриягӣ – 1200 сол пеш аз мавлуди Исо барҳақ унвони «Модари шаҳрҳо»- ро соҳиб шуда буд ва Балх «дили Эрони ҳақиқӣ» маҳсуб мешуд. Хевае, ки ҳоло вайрона ва қашшоқ аст, бо шаҳодати Ал-Берунӣ як вақте бо саводнокии мардумаш он қадар машҳур буд, ки тақвими офтобии он беҳтарин тақвими солшумории хоразмиён буд ва он 678 сол пеш аз мавлуди Исои Масеҳ таҳия гардидааст.

Таърихшиноси машҳур Ёқут дар бораи китобхонаҳои бойи шаҳри Марв ва Хоразм маълумот медиҳад, ҳоло ин Хоразм* беному нишон ва ҷои туркманҳои кӯчманчӣ аст.

Гул-гулшукуфии Хоразм (кишвари хуршедӣ ё рӯшаниҳо) дар асри XI ба авҷи аълои тараққиёту пешрафт расид ва то ҳуҷуми Чингизи муғул (асри XIII) ин суръати тараққиёт идома ёфт. Дар ин ҷо Гирканияи машҳур воқеъ буд, ки бо тамаддуни баланд ва тиҷоратии васеи худ бо Балх, шуҳрат дошт. Трансоксион на танҳо бо дараҷаи баланди илму фарҳанг, балки махсус бо маъданҳо ва сангҳои қиматбаҳо шуҳрат ёфта буд, ки дар ин бора сарчашмаҳои чинӣ маълумот медиҳанд.

Суғдиён гаҳвораи тамаддуни таълимоти Зартушт дар бораи дугонагии нахустмабдаи ҷаҳон – Худои равшанӣ ва рӯҳи торикӣ аст. Он дар сарзамини муқаддаси Шарқ воқеъ гардидааст, ки чун хуршед нурҳои худро ба тамоми ҷаҳон паҳн мекунад, хусусан, тавассути Занд-Авасто – китоби муқаддас доир ба ҳаёти маънавии ҳинду-аврупоиҳо.

---

[1] Риттер К. Иран (Тарҷумаи Хаников). СПб. 1874. с. 40-48.

Ғайр аз рушди баланди дохилӣ, ҳавзаи Туркистон аз қадим ҷой ё майдони радду бадал намудану омезишёбии тамаддунҳо, густариш ва ба ҳам наздикшавии тамаддуни Шарқ ва Ғарб маҳсуб мешавад; роҳи абрешим ва корвони савдогарон аз Шарқ ба Ғарб маҳз аз ҳамин ҷо мегузашт. Абрешим дар Чин ҳанӯз 2000 сол пеш аз мавлуди Исои Масеҳ омода мешуд. Юнониҳо ҳанӯз то Ҳеродот 800 сол пеш аз мавлуди Исо чӣ будани абрешимро медонистанд, онро бо вазни тилло баҳогузорӣ мекарданд ва онро аз кишвари Isedon serica, аз Туркистони Шарқии ҳозира дастрас мекарданд.

Ҳанӯз дар замонҳои қадимтарин аҳолии ориёии ин ҷойҳо хеле пурқудрат буданд. 1500 сол пеш аз мавлуди Исои Масеҳ зада гардонда шудани ҳуҷуми лашкари «тамагу»-ҳои чашмкабуд дар сарҳадҳои ғарбии Арабистон (Мисри ҳозира) ёдоварӣ мегардад. Диодор нақл мекунад, ки Рамзеси III Маймун – фиръавни сулолаи XIX мисриҳо (солҳои 1462-1284 пеш аз милод) Либиё, Ҳабашистон (Эфиопияи ҳозира), Форс, Скифия ва Бохтарро ишғол намуда буд. Аз рӯи маълумоти Ктезия – Бохтар аз тарафи шоҳи Бобул – Нин забт карда шуда буд, ки ӯ бо лашкари дорои 1 700 000 нафар пиёдааскар, 200000 савора ва 10600 гардунаи бо досҳо муҷаҳҳаз ҳуҷум намуда буд.

Қабилаҳои сершумор, ки дар кӯҳҳо ва баландиҳо маскун буданд, пеш аз он ки ба тобеияти империяи бузург дароянд, аз озодии комили сиёсӣ бархӯрдор буданд ва дар он вазъе буданд, ки ҳоло бахтиёрҳо доранд, монанди онҳо ба товри оддӣ мезистанд, ба коркарди замини водиҳо ва чорводорӣ дар даштҳову баландкӯҳҳои алпӣ машғул буданд.[1]

Ривояти таърихии қадимаи модҳо, ки онро Ҳеродот меорад, дар он бобат нақл мекунад, ки танҳо аҳолии баландкӯҳҳо ва ҳамвориҳои баланд ба қонуну қоидаҳои ҷанг риоя намекарданд ва дигар қонунҳоро, ғайри қонуни адолат намедонистанд. Ин қабилае буд, ки шояд аз давраи аввали пайдоишаш боғуруру саркаш ва пурқудрат буд ва ба кӯдаконашон аз хурдӣ се ҳунарро ёд медод: «аспсаворӣ, аз камон тир паррондан ва ҳамеша рост гуфтан». Аз рӯи одати ин қабила дар бораи чизҳои мамнуъ ҳатто гап задан ҳам мумкин набуд. Ин ҷо хитобаи шоҳи модҳо – Астиагро, ки ӯро шоҳи форсҳо Куруши Кабир мағлуб намуда буд, бояд ёдовар шуд, ки гуфта буд: «Аҷиб аст, чӣ гуна одамоне, ки хӯрокашон писта аст, метавонанд бо чунин ҷасорат биҷангананд!»

Яке аз хусусиятҳои забони нахустини ориёиҳо, аз он ҷо, ки аз омӯзиши шеваҳои гуногуни аз он пайдошуда ба мо маълум аст, моро ноилоҷ ба хулосае меорад, ки мардумони нахуст бо ин забон гуфтугӯкунанда ирқе будаанд, ки ба дараҷаи баланд моили сулҳу осо-

---

[1] Реклю Э. Человек и земля. 1906. Ҷилди 1. с. 404.

иштагӣ будаанд. Дар ҳақиқат, калимаҳои ба машғулияти осоишта тааллуқдошта, аксар вақт бо ҳам мувофиқу монанданд ё решаҳояшон умумианд: ҳамин гуна калимаҳои ифодакунандаи ҳайвоноти хонагӣ чӣ дар ориёиҳои шарқӣ ва чӣ ғарбӣ ба ҳам наздиканд, вале калимаҳои ифодакунандаи ҷанг, шикор ва номҳои ҳайвоноти ваҳшӣ ба забонҳое таалллуқ доранд, ки хеле дертар пайдо шудаанд. Ин падида нишон медиҳад, ки баъди инсонҳои нахустин, ки дар сулҳи комил мезистанд, дар ҳамаи кишвар давраи мубориза ва ҷангҳо фаро расидааст.

Агар ба гуфтаҳои «Шоҳнома» эътиқод ва истинод кунем, нахустодамҳо аз хӯрдани гӯшти ҳайвон парҳез мекарданд, дигар хӯрокеро ғайр аз решаи растаниҳо, ғалла ва меваҳо намедонистанд. Фирдавсӣ ба мо дар бораи Заҳҳок – шоҳзодае, ки дар аввал накӯкор буду баъд чӣ тавр ба махлуқи бераҳм табдил ёфт, нақл мекунад: ӯро маҷбур карданд, ки аввал тухм хӯрад, баъд оҳиста-оҳиста ба хӯрдани гӯшти бирён ва баъд гӯшти хом одат кунонданд ва дар охир вай одамхӯри бадкирдор шуд, то он даме, ки Коваи оҳангар пешдомани чарминашро парчам карду бо ёрии шоҳзода Фаридун ӯро ба қатл расонд. Ин гуна тарбия ёфтани шоҳзода, ки дар он рамзи инқилоб, инқилоб дар мафкураи мардум, дар гузариш ба гӯштхурӣ буд, инқилобест, ки бо ҳама тахминҳо дар давраи он ҷангҳои собиқ, ки сокинони доманакӯҳҳо бо маскунони дашту биёбонҳо мебурданд, сар зада буд.

Мо аз эрониҳо барои нахустин кашфиётҳо, ки ба тараққии математика боис гардид, миннатпазирем. Мо дар асоси мувофиқат ва наздикии истилоҳоти ифодакунандаи якӣ, даҳӣ ва садиҳо дар ҳама халқиятҳои ориёӣ метавонем ҳукм кунем, ки маҳз сокинони Эрон системаи рақамҳоеро ба вуҷуд оварданд, ки он аз гуногуншакливу ҳаммаъноӣ озод буда, ҳар як рақам дар он ном ва ифодаи як адади алоҳидаро дошт. Ин дастовард – яке аз муҳимтарин таҳаввулоти башарӣ, ҳодисаи муҳим дар ҳаёти авлоду аҷдоди одамӣ маҳсуб мешуд. Ҳисобкунии ибтидоӣ, ба гумони мо, танҳо то садиҳо хотима меёфт, аз ин ҷост, ки шумораи «ҳазор» дар шева ва гуфтугӯйи ҳинду аврупоӣ тафовут пайдо мекунад. Он урфу одатҳои динӣе, ки дар ибтидо бо дигар унсур ва анъанаҳои динӣ якҷо шуда, баъдҳо маздоияро ташкил карда, сабаби сарзамини «пок» ном гирифтани Эрон гардиданд, гумон аст, ки аз саҷда кардан ба оташ ва муқаддас донистани кишоварзӣ, ки инсонро бо замин мепайвандад, сарчашма мегиранд; ин фарҳанги дугуна вақтҳои зиёд аз доираи оила берун набаромад ва боиси пайдо шудани табақаи коҳинон низ нагашт.

Табиист, ки аз он решаҳое, ки дарахти баҳашамату бузурги маздоия қад афрохт, аз ҳама қадимаш одати офтобпарастӣ ва рамзи он дар замин – оташи шуълаваре буд, ки ҳама чизро месӯзонд ва ҳамаро пок

мегардонд. Ин дини ибтидоӣ, ки нақши онро даврони инкишофи минбаъдаи инсоният қисман рӯфта партофт, дар олами эрониҳо он қадар таъсири амиқ ва нақши муайяни худро нигоҳ дошт, ки халқиятҳои Эрон дар ҳама давру замонҳо ҳамеша пурра дар зери таъсири он буданд, ҳамон гуна, ки дар аввали зиндагии бошууронаи худ.

Маълум аст, ки усулҳои ҳосил кардани оташ дар ибтидо кори

муқаддас ҳисоб мешуд ва давраи дуру дароз бо усули қадима ҳосил кардани оташ тавассути давр занондани тири чӯби мустаҳкаму сахт дар сӯрохии чӯби дарахти мулоим вазифа ва қарзи сарвари оила буд. Оташи хонадон дар давоми ҳазорсолаҳо бо нишонаҳои эҳтироми қавӣ иҳота шуда буд ва ҳар қадар аҷиб намояд ҳам, аммо ҳамин гуна эҳтиромро нисбат ба оташ мо ҳам дар пайравони дини яккахудоӣ ва ҳам бисёрхудоӣ, халқиятҳои ориёии Ҳинд, ҳам дар дуалистҳои (духудоёни) Эрон, ҳам дар фетешистҳои Африқо ва Олами Нав (Амрико) мебинем, аммо оё ин ба таври равшан нишонаи он буда метавонад, ки парастиши оташ барои ҳамаи халқҳо боиси пайдоиши эътиқодоти динӣ гаштааст?

Дигар аз эътиқодоти динии пешгузаштагони эрониҳо дар замонҳои хеле қадим ба вуҷуд омад, замоне, ки кадом деҳқони кашшофе ба испор пораи тезкардашудаи чӯб ё пораи оҳанеро насб кард ва ба испор юғ баста, барзаговҳоро, ки баъди саг эҳтиромашон ба он зиёд буд, барои кашидани испор одат кунонд. Бояд гуфт, ки саг ҳанӯз дар ҳамон замонҳо дӯсти вафодор ва ҳамроҳи содиқи одам буда, исми он дар навиштаҳои муқаддас бевосита баъди номи одамони озод нигошта мешуд.

Ҳанӯз маълум нест, ки кашфи шудгори мунтазами қабати ҳосилхези замин кай ва дар куҷо ихтироъ шуд, аммо ифтихороти шудгор кардани замин, ки мо дар ориёиҳо – дар Ведоҳои онҳо дучор меоем, моро ба хулосае меорад, ки онҳо ин санъатро аз он давроне, ки дар доманакӯҳҳо мезистанд, ба мерос гирифта, вақти фаромадан ба ҳамвориҳо бо худ овардаанд. Аз ҷониби дигар, мо ба шиносоии мардум бо испор дар доманакӯҳҳои нишебиҳои ғарбии Эрон, дар Месопотамия дар давроне, ки моро на камтар аз 7 ҳазор сол аз ҳам ҷудо мекунад, дучор меоем. Аз ин ҷоҳо – гӯшаҳои мухталифи Эрон қоидаи шудгори қабати хок ба тамоми майдонҳои васеи Дунёи Кӯҳна (Аврупо) паҳн шудааст.

Тағйирот дар коркарди замин баъдҳо боиси иваз кардани як намуди хӯрокворӣ ба дигараш гардид, ки он ба ҳамаи халқиятҳоиэронӣ барои зиндагӣ ва мавҷудияти беҳтаре сабаб шуд. Он вақтҳорустание, ки одамон аз он нон ҳосил мекарданд, арзан буд: баъдион ки кишоварзон асбобҳоеро ихтироъ карданд, ки дар майдонҳои васеъ ва хеле осон заминҳоро шудгор мекардагӣ шуданд, онҳо дигар рустаниҳоро низ ме-

кориданд, ки инҳо, пеш аз ҳама, гандум ва ҷавдор буданд, ки табиатшиносон ватани аслии онҳоро дар кӯҳҳои Эрон ва Осиёи Сағир меҷӯянд.

Аҷиб нест, агар бигӯем, ки эрониҳо, ки бо рӯҳбаландӣ ғалабаихудро бар табиати атроф эҳсос мекарданд, асосгузори дини нав – эътиқод ба заминдорӣ ва ҷашну маросимҳои кишту ҳосилдаравӣ буданд. «Эътиқоду боварӣ ба дини ҳақиқӣ дар чӣ ифода мешавад? – пурсида мешавад дар як ҷои Авасто: «Вай дар саъю талоши шудгори замин ва парвариши гиёҳҳои хушадор ифода меёбад», – ово медиҳад ҷавоби Ҳурмузд. «Он вакт, ки гандум неш мезанад, девҳоро ҳарос (тарс) фаро мегирад, вақте ки онро мекӯбанд, онҳо аз ноумедӣ бо ғазаб ва нолаву доду фарёд медароянд; вақте ки онро орд мекунанд, девҳо пароканда (нест) мешаванд»!

Ба ин эътиқоди ибтидоии эрониҳои қадим, ки дар Авасто ва дигар китобҳои муқаддаси Форс ифодаи равшани худро ёфта буданд, бо роҳи табиии эътиқодоти гуногун ва тасаввуроти динӣ, ки хоси даврони парастиши табиат ва онимизм буд, илова мешуданд. Парастиши бошукӯҳи осмон ва абрҳо, таъзиму саҷда дар назди қувваи ҳаётбахши об, ки аз замин чашмасон фаввора мезанад, тарс аз рӯҳу арвоҳи бадкор, ки дар майнаҳои бемору асабии нахустодамҳо ба вуҷуд омада буд, ифодаи худро дар динҳои аввалини эрониҳо ёфт, пеш аз шакл гирифтани маздоия – парастиши мавҷуди «Олитарин» ва донотарин».

Маздоия баъдҳо дар таърихи Эрон ва умуман дар таърихи

афкори инсоният моҳияти бениҳоят муҳим пайдо кард – ба худ тасаввуроти ибтидоӣ ва нахустин шакли диниро гирифта, ба он ғояҳои нав – ғояи муборизаи некӣ бо бадӣ (зиддияти ду қувваи асосӣ – некӣ ва бадӣ)-ро илова намуд.

Барои мо имрӯз он қадар муҳим нест, ки поягузори ин дин – Заратвастра, Заратуштра, Задуч ва ё Зороастр, Зартушт – шахсияти таърихие буд, ки дар Бохтар, дар Роғ ё дар Атропатен ба дунё омад ва ё ӯ як шахсияти ривоятие буд, ки он баъдҳо дар тасаввурот ва хаёлоти одамон пайдо шуд. Оё Зартушт, мувофиқи шарҳу тафсири этимологии на он қадар бовирибахш, дар ҳаққиқат «заминдори накӯкор» буд, ё нахустин рӯҳонӣ, нахустин ҷанговар ва нахустин заминдор (деҳқон), мо инро намедонем, он чиз басанда аст, ки номи ӯ амалан – рамзи дини дугона (духудоӣ)-и Эрон аст.

Дар ривоятҳои муқаддаси эрониҳо, пайдоиши ду сарманшаъ бо тавлиди Худоёни дугоник аз як батн ифода меёбад, ки аз ҷиҳати қувваю тавоноӣ ба ҳам баробар буда, ба қувваҳои рӯҳонии бешумор яксон ҳокимият доштаанд. Яке аз ин худоёни дугоник Аҳуро Маздо ё Ҳурмузд, яъне «Ҳукмрони хирадманд» дониста мешавад, Худои дигар Ан-

гро–Майну ё Аҳриман аст, ки «рӯҳи бадӣ» номгузорӣ шудааст. Дар байни ин ду қувва, ин ду Худо – қисмати ҷаҳон мекалавад ва инсон ҷуз бозича дар дасти ин ду қувва чизе нест ва як қурбонии зиддияти байни онҳо дониста мешавад. Аммо, инсон набояд аз натиҷаҳои ин зиддият (ё мубориза), ки дар баландиҳои осмон ба амал меояд, рӯҳафтода шавад: агар ӯ доимо қувваҳои худро ба ҷонибдории накӯӣ равона кунад, бо ёрии вай, яъне инсон, баъди 7000 қарни интизорӣ Ҳурмузд бар қувваҳои бадӣ ғолиб меояд, ҳамзамон ин ғалабаи хеле наҷиб аст – Аҳриман ба сӯи қувваҳои некӣ майл мекунад ва худ ба яке аз Худоёни некӣ ва муҳаббати ҷовидонии ҷаҳонӣ табдил меёбад.

Ҳамин гуна буд дине, ки аз бисёр ҷиҳат олӣ аст ва онро эрониҳо ҳанӯз аз замони Ҳахоманишиҳо ба халқҳои ҳамворӣ (водӣ)-ҳо талқин мекарданд, аммо баъдан бар асари омезиш бо урфу одатҳои маҳаллӣ ва он тағйироте, ки рӯҳониёни сарватпарасту ҳокимиятхоҳ ба он ворид карданд, ин дин ҳам хеле тағйир хӯрд. Бе ҳеҷ гумон, Авасто дар он шакле, ки мо медонем ва аз тарафи коҳинон, наздик ба асри III милодӣ ба мамлакати модҳо оварда шуда буд ва аз он ҷо, бо гумони комил, дигар китобҳои муқаддас аз боқимондаи китобҳои қадима пайдо шуда то ба мо омада расидаанд[1].

Дар бораи забони қадимаи эрониҳо низ мо аз рӯи Авасто муҳокимаронӣ карда метавонем. Аз ду шевае, ки дар Авасто вомехӯрад, яке ба қисмати ками он, ба Ясно ва чанд дуоҳои кӯтоҳ мансуб аст, ки онҳоро Готҳо (ё Ҳотҳо) меноманд ва дар натиҷа ҳамаи шеваи ин қисматро лаҳҷаи Готҳо ном гузоштаанд. Он ки ин қисмати Авасто қисмати аз ҳама қадим аст, аз матни тамоми китоб аён мешавад, зеро аз Готҳо ва дигар дуоҳое, ки бо ин усул навишта шуданд, дар қисматҳои дигари Авасто бо эҳтироми махсус сухан меравад, ҳатто баъзе қисматҳои он шарҳу баён ва тафсир мешавад. Аз ин ҷо тахмин кардан мумкин аст, ки ин қисматҳои китоб бояд нисбат ба қисмҳои дигари Авасто хеле пештар эҷод шуда бошанд. Чун ҷаҳонфаҳмии Готҳо ва қисматҳои дигари Авасто аз якдигар кам тафовут доранд, чунин ба назар мерасад, ки ин қисматҳои Авасто дар давраҳои начандон аз ҳам дур навишта шудаанд; фарқияти ин ду қисми гуногунуслуби Авасто ва истифодаи гуфторҳои аз ҳам фарқкунандаро бояд ба макони истифодаи онҳо нисбат дод. Аз он ҷо, ки забони қисмати боқимондаи Авасторо ба забони бохтарӣ маҳсуб медонанд, пас, андешаи Вастергардро қабул кардан мувофиқ аст, яъне ватани шеваи қадимтар бояд дар шимоли Бохтар, аниқтараш дар Суғд бошад. Ҳарчанд мо – мегӯяд профессор Спигел, – ба ин тариқ ҳарду шеваи Авасторо ба шеваи гуфтори Эрони

[1] Реклю Э. Человек и земля. Ҷилди 1. с. 404-406.

шарқӣ нисбат медиҳем, мутаассифона, мо имкон надорем ба ин гуна хулосабарорӣ нисбатан қадимтар будани яке аз ин шеваҳоро муайян намоем[1].

Омӯзиши муқоисавии ҳаёти халқҳо нишон медиҳад, ки дар ҳамаи давраи гул-гулшукуфии худ, ё қудрати сиёсиаш Бохтар дар муносибатҳои озоди савдо, ҳатто дар муттаҳидии сиёсӣ бо мамолики он тарафи кӯҳҳо буд. Ҳамин тариқ, дар асрҳои то таърихӣ, он гоҳ, ки дар ҳавзаи Оксус (Ому) маздоия ба вуҷуд омад, ориёиҳо дар баландиҳою ҳамвориҳои Осиё аз доманаҳои Тян-Шон ва Помир то қаторкӯҳҳои Озарбойҷон ҳукм меронданд. Баъди ин давра, дар он замоне, ки Бохтар, дар ҳукмронӣ мумкин нисбат ба ҳамқавму ҳамнажодони худ, ки дар доманакӯҳҳо мезистанд, як қадар бартарият пайдо кард, ин мамлакат боз солҳои дароз бо онҳо чӣ дар хушбахтию чӣ дар дар бадбахтӣ алоқаманд буд, зеро баъдҳо он ба зери нуфузи ассирияиҳо, дертар дар зери хукмронии модҳо, форсҳо, мақдуниҳо ва юнону селевкиҳо афтид.

Таърихнигорони қадим, 1200 сол пеш аз мавлуди Исои Масеҳ ҳуҷум овардани шоҳи ассириягӣ – Нинро ба Бохтар тасвир карда, аз сернуфусӣ, инкишофи сиёсат, вазъи пешрафту гул-гулшукуфии ин мамлакат гувоҳӣ медиҳанд.

Дар худи ҳамон даврае, ки қудрати ассириягиҳо ба авҷи инкишофи худ расид, як қувваи пурқудрати пешбаранда халқҳои Осиёи Марказиро ба пеш ҳаракат дода, ҳама мувозинатро барҳам дод. Соли 633 то мавлуди Исо скифҳо тамоми Осиёи Пеш, Бохтар, мавзеъҳоеро, ки ба водии Нил ҳамсарҳад буданд, фаро гирифтанд.

Дар зарфи 7-8 сол, дар охирҳои салтанати Ашурбонипал онҳо Мод, Ассирия, Арманистон, Бобул, Фаластин, Финикияро мағлуб карда, вале бо ин халқҳои худ мағлубкарда омезиш ёфтанд ва гӯё аз арсаи таърих нопадид шуданд. Сели вайронкоре гӯё ба кишвар зада даромада, бадар рафт, аммо мувозинату низоми ҳамаи халқиятҳо тамоман барҳам дода шуда буд.

Шарқшиноси маъруф, профессор Григорев дар тадқиқоти худ «О скифском народе саках» дар асоси адабиёти санскритӣ, хатҳои мехии давраи Ҳахоманишиҳо, солномаҳои чинӣ ва нишондодҳои таърихнигорони юнониву румӣ ва ҷуғрофиядонҳо ба хулосаи мусбате омад, ки сакоиҳо дар тарафи рости дарёи Яксарт зиндагӣ мекарданд ва тамоми атрофи шимол ва шарқи ин дарёро ишғол менамуданд. Аз рӯи ин далелу рақамҳо бармеояд, ки – мегӯяд ӯ, – оммаи васеи сакоиҳо аз қадим, тахминан, дар саргаҳи Амударё, Яркендарё ва ба шимол паҳн гардида, аз ин ҷо ба баландкӯҳҳои Тян-Шон то кӯли Балхаш, дар шимолу шарқ

[1] Риттер К. Иран (Тарҷумаи Хаников ва замимаи II профессор Спигел). 1874. с. 192-193.

то қуллаҳои водиҳои Илий, дар шимолу ғарб то поёноби дарёи Чу ҳаёт ба сар мебурданд. Мамлакатҳоро бо номҳои имрӯзаашон номбар карда, мебинем, ки дар асрҳои VI-VII то мавлуди Исо сакоиҳо дар қисматҳои барои зиндагӣ мувофиқи Помир ва Олой, дар Фарғона, дар сарҳадҳои ғарбии Қошғар, дар вилояти Ҳафтрӯд ва дар қисмати шимолу шарқи вилояти Сир-Дарё зиндагӣ мекардаанд.

Аз ин беҳтар чизе гуфтан имкон надорад, ки сакоиҳо бо халқҳое, ки худашон тобеъ карда буданд, омезиш ёфтаанд, зеро худи онҳо бо мардуми эронӣ тааллуқ доштанд, аммо ғайри зиндагии муқимӣ, онҳо ба тарзи кӯчманчигӣ низ ҳаёт ба сар мебурданд.

Дар бораи ба кадом миллат хешигарӣ доштани скифҳо (сакоиҳо)-е, ки дар замони Искандар дар ҳудуди Туркистони ҳозира мезистанд, чизе гуфтан имкон надорад. Ҷаноби Швартс мегӯяд, ки дар ин бора дар ҷои дигар ва замони дигар васеъ истода мегузарад, аммо мо дар асоси он чӣ ба мо маълум аст, оид ба ин масъала ба таври хулоса гуфта мегузарем.[1] Дар асоси маълумот доир ба он ки ин халқиятҳо чӣ гуна ҳаёт ба сар мебурданд, хислатҳои мардумӣ, нишонаҳои ҷисмонии онҳо чӣ гуна буд, паҳншавии скифҳо чӣ тавр сурат гирифт, мо ба хулосае омадем, ки асоси қабиларо пешгузаштагони славянҳои ҳозира ташкил медодаанд. Олмоншинос Фресел, ки кӯшиши исбот намудани ин даъворо дорад, мегӯяд, ки скифҳо пешгузаштагони германиҳо мебошанд ва бо ин муҳокимаронихои худ ақидаи моро дар ин бобат мустаҳкамтар менамояд. Халқҳои Олмон, пеш бо славянҳо як халқ маҳсуб мешуданд, вале пеш аз славянҳо аз Туркистон кӯч баста буданд, дар он вақтҳо, он чӣ мо дар бораи скифҳои қадим медонем, ин аст, ки онҳо дар Русияи Миёна ва Ғарбӣ, дар шимоли шарқии Германия ва дар Скандинавия ҳаёт ба сар мебурданд. Чун номи «қирғиз» ва «кайсак», ки ҳамчун ифодакунандаи халқиятҳои кӯчманчии муғултабори Туркистон истифода мешаванд ва аз забони туркӣ гирифта шудаанду забони қирғизу кайсакҳо низ ба ҳамин гурӯҳ тааллуқ дорад, гумон аст, ки калимаи «скиф», низ аз луғати худи ҳамон халқ гирифта шуда бошад, ки ғолибан скиф номида мешуданд. Дар забони русӣ феъли «скитатсия» мавҷуд аст, ки аз он исмҳои «скиталец», «скитание» ва «скит» пайдо шудаанд. Ғайр аз шакли «скиталец» (кӯчӣ), тахмин кардан мумкин аст, ки шакли кӯтоҳи «скитец» мавҷуд будааст, чунон, ки аз феъли «писать» (навиштан) ду исми «писатель» (нависанда) ва «писец» (хаттот) ба вуҷуд омадаанд. Ҳамин тарз, аз феълҳои «читать» (хондан), «плавать» (шиноварӣ кардан), «ре-

---

[1] Шварц Ф. Александр Македонский в Туркестане (Тарҷумаи боби 18-уми китоби «Alexander des. Gressen xeldzuge t. Turkestan». // Маҷаллаи «Туркестанские ведомости». 1894, №56.

зать» (буридан) ва «покупать» (харидан) ҳар кадом ду исми гуногунмаъно пайдо шудаанд: аз феъли «читать» калимаи «читатель» ва «чтец», аз «плаватель» «пловец» ва аз феъли «резать» – «резатель» ва «резец», аз «покупать» – «покупатель» ва «купец» пайдо шудаанд. Аз ин ҷо, ман чунин мешуморам, ки – мегӯяд ҷаноби Швартс, – калимаи юнонии «скифс» – шакли юнонишудаи калимаи «скиталец» аст ва калимаи «скиф» пеш номи ягон халқият набуд, танҳо кӯчманчиро, ки муқобил ба муқимӣ буд, ифода мекард. Скифҳое, ки Искандар дар Туркистон бо онҳо аввал дар назди Хуҷанд ва баъдтар дар наздикии Бухоро сару кор дошт, ба ақидаи ҷаноби Швартс, пешгузаштагони славянҳои шарқӣ будаанд. Баъди он ки халқҳои гуногуни ориёӣ, мисли германҳо, келтҳо дар натиҷаи хушксолиҳои дар кишварҳояшон ба амал омада хеле барвақт маҷбур буданд, ки ба Аврупо кӯч банданд ва славянҳо низ дар охир аз Туркистон танг карда бароварда шуданд, қисман бо ҳамин сабабҳо, қисман дар натиҷаи ҳуҷуми қабилаҳои муғул ва ба ҳамин тариқ, он кӯчиёни Ҳинду Ориёӣ шудаанд, ки дар қисмати ҷануби шарқии Аврупо ҷо гирифтаанд, вале ҳамқабилаҳои пеш муқимӣ гаштаашон – тоҷикон тавонистанд, ки дар шаҳру доманакӯҳҳо зиндагӣ кунанд ва то имрӯз дар паҳлӯи аҳолии кӯчии муғулу турк ҳаёт ба сар баранд.

Маълум аст, ки немисҳои қадим ҳамсояҳои шарқии худро «славян», ҳатто винд ё венд ном мебурданд, ки ин номро як қисм славянҳо то замони ҳозира нигоҳ доштаанд. Калимаи «венден»-ро баъзе забоншиносон бо калимаи «скиталец» (кӯчӣ) як медонанд. Агар чунин шарҳ дуруст бошад, он гоҳ он имкон медиҳад дар бораи дурустии ақидаҳои дар боло овардаамон сухан ронем: номи ба славянҳо додаи олмониҳои қадим дигар чизе ғайри тарҷумаи калимаи славянии «скитец» нест, он чӣ ки юнониҳо барғалат номи ҳақиқии славянҳо ҳисоб мекарданд ва аз ин рӯ, онро бетағйир ба забони худ дохил карда буданд.

Аррион скифҳои осиёӣ ва аврупоиро аз ҳам ҷудо медонад. Зери мафҳуми скифҳои аврупоӣ он скифҳоеро бояд дар назар дошт, ки дар тарафи рости Сирдарё мезистанд: танҳо дар боби сеюми китоби чоруми худ ӯ бе ягон асос онҳоро скифҳои осиёӣ ном мебарад. Дар зери ибораи скифҳои осиёӣ Аррион онҳоеро дар назар дорад, ки дар қисмати чапи Сирдарё кӯчманчигӣ мекарданд, он минтақае, ки ҳоло қирғиз-касакҳо ҳаёт ба сар мебаранд. Скифҳои ҷануби Амударёро Аррион массагет ном мебарад. Тафовути скифҳои Осиёӣ ва Арупоӣ ба он асос карда мешавад, ки ҳамроҳон (лашкариён)-и Искандар Танас ё Сирдарёро бо Танаис ё Дон як дониста буданд ва аз ин рӯ, аз надонистани ҷуғрофиё мамлакати тарафи рости соҳилҳои Сирдарёро ба Аврупо як медонистанд.

Дар қадим ҳамном будани Дон ва Сирдарёро, он гуна шарҳ бояд дод, ки он халқҳое, ки пеш дар соҳили Сирдарё мезистанд, баъди

муҳоҷират ба Россияи Ҷанубӣ ба он дарёе, ки дар наздаш зиндагиро оғоз намуда буданд, номи дарёи авваларо дода буданд, ин мисли он аст, ки муҳоҷирони аврупоӣ номҳои дӯстдоштаи худро ба Америка ва дигар ҷойҳо бурдаанд, аз ин рӯ, дар Америка чун дар Аврупо шаҳру мавзеъҳои ҳамноми Брауншвейг, Афина, Орман, Кембриҷ, Толедо ва ғайраҳо ҳастанд. Дар қисмати шарқии Пруссия, дар уезди Гумбинвен дарёе ҳаст, ки номи шохаи Сир-Дарёро дар шимоли Тошканд дорад, яъне Арис номида мешавад. Ариси Пруссия –ҷараёни кӯли Арис ба кӯли Сирандиг аст, ки дар назди он шаҳри ҳамноми Арис воқеъ гардидааст. Шояд монандии номи дарёи Пруссия ва тасдиқи он ки славянҳо ва пруссакҳо ба онҳо тааллуқ доранд, як замоне аз атрофи Тошканди имрӯза кӯч бастанд?

Сабаби дигаре, ки юнониҳоро маҷбур сохт скифҳои соҳили рости Сирдарёро ба Аврупо мансуб донанд, он чиз буд, ки юнониҳо тарҳи чеҳра, забон ва тарзи зиндагии ин ҷоро ба тарзи зисту зиндагӣ, забон ва чеҳраи он мардумоне, ки дар қисмати ҷанубии Русия мезистанд, бисёр хуб мушоҳида карда, монанд ёфта буданд. Аз ин рӯ, он чизро дуруст бояд донист, ки дар замони Искандар шохаи ғарбии славянҳо, аҷдоди славянҳои ғарбии ҳозира ҳанӯз дар ҳамон давра ба ҷануби Русия расида буданд, ки дар ин бора нишондоди Куртсий (VIII-35) низ шаҳодат медиҳад: воизе, ки сафири скиф фиристода буд, гуфт, ки: «халқи ӯ аз Бохтар то Фракия паҳн шудааст: «calezim rosef Asiae ef Europae custodes nisi dividat Tanais, contingimus; ultra Tanain usque ad Phracam colrimus: Phracae Macedoniam consummatam esse fama Fert».

Дар боби якуми китоби IV Аррион ва дар боби 26 китоби VII Куртсий хотиррасон карда мешавад, ки ба назди Искандар дар он даврае, ки ӯ дар соҳили Сирдарё буд, аз тарафи абиҳо сафир фиристода шуд, шояд он замон скифҳо дар биёбони Қизил-Қум дар ҷониби ғарбии Сирдарё мезистанд. Дар ин мамлакат акнун қашшоқтарин аҳолӣ – қирғиз-кайсакҳо мезиянд, ки дар натиҷаи беҳосилии қабати хок (набудани алаф) онҳо шумораи ночизи чорворо нигоҳубин карда метавонанд, он ҳам танҳо шутур ва гӯсфандро ва наметавонанд ба заминдорӣ машғул шаванд, чунки бо сабаби қашшоқу нодор буданашон ва аз замин ғайриимкон будани рӯёнидани чизе, ба ин қабила касе аҳамият намедод ва онҳо низ дар навбати худ имконе надоштанд, ки ба ҳамсояҳо тохт биёваранд: ин масъаларо низ Аррион ва Куртсий, вобаста ба абийҳо, хотиррасон мекунанд.

Дар бораи он ки ҳанӯз дар замонҳои қадим сакоиҳо тамаддуни баланд доштанд, ёдгориҳои басо қадима ба хати санскритӣ, достони қаҳрамонии Маҳабҳарата, хусусан ривоят дар бораи туҳфа фиристодани сакоиҳо ва дигар халқҳо ба назди шоҳ Юдиштор ба муносибати

овардани қурбонии бузург ба Худоён (асва-меда) шаҳодат медиҳад. Он ҳикоят дар бораи овардани тухфаҳо чунин аст: «Ман дидам, ки дар назди дарвоза сакоиҳо, тухарҳо, канкиҳо интизор буданд, – мегӯяд Дудводана, – яке аз қаҳрамонони Маҳабҳарата, – одамони сермӯй, ки пешониашон бо зебу зиннат ва нақшҳо оро дода шуда буд. Дастони онҳо пур аз туҳфа буд: пораҳои либосе, ки аз мӯйина, аз абрешим, аз нахи дарахти патто омода шуда буд, ҳазорон пора либосҳое, ки гул партофта шуда буданд, пӯшокҳое, ки аз матои пахтаву коғазӣ ва аз наххои нафиси пашми гӯсфанд омода шуда буданд, пӯстҳои пурқимати чилодор, шамшерҳои дарози дамашон тезкардашуда, кордҳо, сиххои оҳанин, табарҳои ҷангӣ, табарзинҳои бурро (тез), нӯшокиҳо, хушбӯйиҳои гуногун ва ҳазорон сангҳои пурқимат…».

Баъди ҳуҷуми сакоиҳо, чунон ки дар боло гуфтем, ба Осиёи Пеш, модҳо нахустин шуда аз оқибатҳои ин ҷангу хунрезиҳо ба худ омаданд ва дарҳол дар бораи несту нобуд кардани ассириягиҳо орзу мекардагӣ шуданд. Ба зудӣ дар вайронаҳои империяи Ниневия империяи модҳо барқарор шуд. Ниневия аслан нест карда шуда буд ва дигар дар таърих ёд карда намешавад. Дар давраи ҳукмронии шоҳ Фраорст (Фравартис) давлати Модҳо солҳои 655-633 якҷоя бо Парфия ва Форс Бохтарро низ ба тобеияти худ даровард. Пас аз сад сол дар замони ҳукмронии Куруш, ки шоҳигарии бузургро дар сарзамини Форс ташкил дода буд, бохтариҳо бо тобеонашон Суғд ва Марғиён, ихтиёран ҳукмронии Курушро пазируфтанд, ки дар ҳайати он мамлакат аҳолии қабилаи скифҳо сатрапии 12-уми шоҳигарии Форсро ташкил медоданд. Ҳанӯз дар ҳамон давраҳо Бохтар бо маданияту маорифи хеш машҳур буд ва шаҳри асосии он – Бактра нуқтаи муҳими савдои Осиёи Марказӣ маҳсуб мешуд. Сатрапии Бохтар бо ҳама шоҳигарии Форс бояд ба Искандари Мақдунӣ итоат мекард. Искандар дар он 12 шаҳр бунёд кард ва дар ин мавзеъ 14000 юнониҳоро муқимӣ намуд, ки онҳо тамаддуни юнониро ҷорӣ мекарданд. Ба Искандар лозим омад, ки бо шоҳи Форс – Доро чанд маротиба ба ҷанг дарояд. Ниҳоят, дар соли 330 Искандар ба Экботан ҳуҷум оварда, аз он ҷо ба тарафи шарқ ҳаракат кард.

Хабари он ки чанде аз сарварони ҳукумати маҳаллӣ бо сардории Бесс (ҳукмрони Бохтар) Дороро асир гирифта, ҳукумати ӯро вожгун кардаанд, вайро маҷбур кард, ки зуд амал кунад, аммо Искандар фурсат наёфт, онҳо бо сарварии Бесс Дороро ба қатл расонда буданд. Дар ин бора Искандар чун фаҳмид, кӯшиш кард, ки Бессро ба худ таслим кунад, зеро ӯ худро шоҳи ҳудуди боқимондаи Форс эълон карда буд ва дар ин баробар Гиркания, Ориё, Дрангион, Арахоз ва оқибат, солҳои 329-328, Бохтару Суғдро, ҳарчанд, ки онҳо дар Суғд Бессро ба Искандар таслим намуда буданд, ба итоати худ даровард. Ба Искандар лозим

меомад, ки муқобилияти халқҳоро дар ин ҷойҳо пахш намояд, истиқоматгоҳҳои мустаҳками ҳокимҳои маҳаллиро бо ҷанг ишғол намояд. Ба ҳамин тариқ, Искандар ба канораҳои охирини шоҳигарии Форс расида, ҳатто аз дарёи Яксарт (Сир) гузашта, ба мамлакати скифҳо зада даромад ва қалъаҳои то ин вақт дастнораси онҳоро фатҳ намуда, тамоми мамлакати Суғдро ба итоати худ даровард. Вай ба духтари ҳокими Бохтар – Оксарт, ки Рухшона ном дошт, хонадор шуда, бо ҳамин Бохтарро бо номи худ мустақар намуд.

Баъди вафоти Искандари Ҷаҳонгир дар соли 321 то мавлуди Исои Масеҳ Бохтар ва Суғд ба Станазор расиданд. Аммо дар давраи ҳуҷуми Селевеки I ба Ҳиндустон дар соли 307-и то милод ҳардуи ин давлат ба шоҳигарии Сурия (Шом) ҳамроҳ карда шуда буданд. Бохтар наздикии соли 255 ба зери ҳукмронии Антиохи II даромад ва валиаҳди ӯ, ки Диодоти I буд, дар Осиёи Марказӣ асосгузори давлатдории юнониҳо, давлати Юнону Бохтар гардид. Ин ҳукуматдорӣ яксаду панҷоҳ сол идома ёфта, дар ин муддат чандин тағйиротро пушти сар намуд. Эвтемедас, ки вориси Диодоти II буд (солҳои 220-190), аз тарафи Антиохи Кабир ҳангоми юриши ӯ ба Ҳиндустон мағлуб шуд, аммо боз аз тарафи ғолиб ба шоҳӣ барқарор ва барои нигаҳдории сарҳадҳо аз кӯчманчиҳои шимол, ки ба Суғд таҳдид мекарданд, масъул карда шуд.

Гурӯҳҳои бешумори кӯчиҳои дузду ғоратгар, ки аз қадим Осиёи Марказиро мавриди ҳамла ва ғоратгарӣ қарор дода буданд, ягон лаҳза оромӣ надоштанд: онҳо чун мавҷҳои баҳр аз ин давра ба он давра ба даштҳои беканор ҳуҷум меоварданд, якдигарро танг кардаву пеш карда, ғоратгарӣ мекарданд ва ҷойҳои ба худ мувофиқи зиндагӣ ва чарогоҳҳоро забт карда, ҳама ҷоро чун муру малах ба харобозор табдил медоданд. Маълум аст, ки онҳо ба Туркистон аз роҳи қадимаи абрешими ағбаи Терек-давон ё тавассути Ҷунгара дохил мешуданд.

Кӯшиши онҳо барои дохил шудан ба даруни хоки Чин дар охири асри III-и то милод (соли 212) тавассути бунёди Девори Бузурги Чин боздошта шуд, ки ин девор барои Хитой аҳамияти калони ҷаҳонӣ дошт, зеро ин садд тӯдаи ваҳшиёни хунхорро ба сӯйи Ғарб, ба ҳавзаи Туркистон равона сохт.

Мардуми серҳаракати қабилаи Ию-Чи (Июти, Чети; аз рӯи транскрипсия – о. Иакинф, ки Григорев онро дуруст мешуморад – Юе-Чжи) дар асри II то милод Хутанро бо ҳамсояҳои худ – кӯчманчиён, усун (у-сун)-ҳои сафедмӯ ва чашмкабуд пур карданд. Дар он вақт дар қисмати шимолии Тян-Шон, дар ҳозира Ҷунгара халқе бо номи сее ё сэ мезист. Соли 177-и то милод Ию-Чи ё Юе-Чжи, ки онҳоро Гионгну ё хуннҳои аждодҳояшон муғул танг карда буданд, маҷбур шуданд, ки дар Ҷунгара ҷойгир шаванд ё ба соҳилҳои Сирдарё биёянд ва қабилаи Сэ (сакҳо)-ро ба ҷануб биронанд.

Баъдҳо усунҳо, ки онҳоро низ хуннҳо водор сохта буданд, ки қабилаи Юе-Чжиро танг карда, онҳоро ба ҷануб, ба Суғд, Трансоксания ва Бохтар ронанд, онҳо дар навбати худ Сэҳоро ба Фарғона ронданд ва усунҳо дар ин ҷо – мардуми чашмкалон ва дорои биниҳои барҷастаро дучор омаданд.

Баъди вафоти Менандр, тахминан дар давраи ҳукуматдории Гермес, наздики солҳои 90-уми то милод давлати юнону бохтарӣ аз тарафи қабилаи Юе-Чжи мағлуб карда шуд ва шоҳигарии нави гетҳо ё ҳиндускифҳо ташкил ёфт, ки то резишгоҳи дарёи Ҳинд тӯл кашида буд.

Усунҳои чашмкабуд, ки майдони байни дарёи Сир ва Аму-Дарёро мавзеи зист қарор дода буданд, ба зудӣ бо дигар халқҳо омезиш ёфта, минбаъд дар таърих ягон роли муҳим набозиданд. Аҳолии қадима, ки Юе-Чжиҳо онҳоро машғули заминдорӣ дарёфта буданд, шумораашон қариб як миллион нафар, дар шаҳрҳо мезистанд ва асосан ба тиҷорат машғул буданд.

Маълумот ва ахбороти аҷибе аз таърихи Чин дастрас аст, ки онро Чен Син аз ҳаволии Шимолиҳо гирифта навиштааст. Тибқи он мардуми давлати Юе-Чжи метавонистанд аз сангҳо шишаҳои ранга истеҳсол кунанд ва дар асри V то милод ин ҳунарро аз онҳо чиниҳо ёд гирифтанд. «Чашмони фурӯрафта ва риши ғуллӣ» аз ҷиҳати этнографӣ симои ин мардумро пурра ифода мекунад.

Дар ҳамин даврон хитоиҳо дар ҳавзаи Тарим ҳукумат ёфтанд ва бо аҳолии мамолики ғарб, махсусан бо Форс, савдо ва доду гирифтро пурзӯр намуданд. Чиниҳо, чун имрӯз, аз роҳи ағбаи Терекдавон, ки худи онҳо Таунглинг меномиданд, истифода мекарданд. Дар ин тараф онҳо ба заминҳои тозиҳо (тоҷикон), ки шаҳри асосиашон Чзи (Чзгайид) буда, дар ғарбии Фарғона ҷойгир буд, роҳи тиҷорату савдо ёфтанд.

Чанг-Киенг – мансабдори Чин, ки бо амри император (фағфури Чин) дар миёнаи садсолаи II пеш аз милод ба Фарғона омадааст, навишта буд: «Дар он ҷо ғалла ва шолӣ мекоранд, аз ангур май омода месозанд (ин усулро он солҳо дар Чин намедонистанд) ва аспҳои хеле бидаву пурқувват тарбия мекунанд. Мардуми Тазиа (аз рӯи миллат онҳоро чиниҳо Пас-се, яъне форсҳо ном мебурданд) халқи муқимӣ, созандаи хонаҳо буда, дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд. Урфу одати онҳо ба урфу одати сокинони Таван монанд аст (ё Уструшон, вилоят дар байни Самарқанду Хуҷистон аст, ки шаҳри асосиаш Бунҷакат буда, вайронаҳои он имрӯз дар 25-километрии ғарбии Ӯротеппа ҷойгир аст), аммо сарбозонашон камқувват ва камҷуръатанд; аз ин рӯ, Юе-Чжиҳо тавонистанд аз онҳо як қисми заминҳояшро кашида гиранд. Тазиҳо савдогарон (тоҷирон)-и боҳунару олидараҷат ҳастанд ва дар шаҳрҳои асосии онҳо бозорҳои калону бой мавҷуданд».

Муносибатҳои чиниҳо ва форсҳо тавассути Фарғона, Таван ба Самарқанд сурат мегирифт. Мамлакати Таван бо аспҳои хушзоти худ машҳур буд, аз ин рӯ, ҳукмрони «империяи осмонӣ» орзуи зиёд дошт, ки ба аспҳои тавинӣ соҳиб бошад, аз ин рӯ, ба амалҳои душманона даст мезад. Аммо тиҷорати рӯ ба инкишоф овардаро дигар ин амалҳои душманона боздошта наметавонист.

Вале ба ҳар ҳол дар айни авҷи савдову додугирифт бо Чин дарОсиёи Миёна ҷунбишу норозигиҳо ба амал омаданд ва дар охир Чин ҳавзаи Таримро дар нимаи дуюми асри I то милод забт кард ва дар пеши чашми ҳамсояҳои ғарбии худ он қадар пурқудрат ҷилвагар шуд, ки ҳатто Тавании ба Чин кам итоат мекардагӣ низ ба Чин закоти аспҳои хушзотро фиристод. Ин закот баъдҳо боз се бор фиристода шуд ва он хеле муҳим ҳам буд, зеро Чин на танҳо Юе-Чжиро дар Бохтар ишғол кард, балки ҳукмронии худро то баҳри Каспий васеъ намуд, аз ин ҷо буд, ки дар миёнаи асри II то милод ҳатто Рим ба Чин сафири худро фиристод. Дертар ҳукмронии Чин дар ғарб сол ба сол суст шудан гирифт; агар сад сол баъд (соли 265-и то милод) ба Чин аз миёнаҳои резишгоҳи Сирдарё ва Суғд туҳфаҳо фиристода мешуданд, агар ба ҳокимони Суғд унвонҳои чинӣ дода мешуд (наздики соли 280-и то милод) – ин ҷуз садои пасти шуҳрати гузашта чизе беш набуд. Дар он даврае, ки форсҳо бо омадани хонадони Сосониҳо ба сари қудрату тавоноӣ расиданд ва ҳудуди мамлакати худро васеъ карданд, диққати асосии муғулҳо дар чанд садсола ба Аврупо нигаронда шуда буд, то он вақте ки 70 сол баъд аз Аттилла қабилаи номадҳо аз сари нав ба мамлакате, ки дар ҳудуди дарёи душоха ҷо гирифта буд, ҳуҷум оварданд ва бо номи Иета як давлати пурқудрат барпо карданд, ки бо гузашти 30 сол он низ ба тобеияти тукиу (туркҳо) даромад.

Тукиҳо боз ҳам ҳукмронии худро вусъат дода, дар охирҳои асри VI ҳатто ба Византия сафири худро ба дарбори Юстиниани II бо мақсади барқарор кардани муносибатҳои савдо ва додугирифт фиристод.

Дар аввали асри VII милодӣ чиниҳо аз нав ҳавзаи Таримро забт карданд, ҳамаи қабилаҳои шарқии туркро ғулом намуда, тукиу (туркҳо)-ро шикаст доданд ва на танҳо Суғдро дуюмбора ба итоати худ даровარданд, балки мамлакати дар ҷануби поён ҷой гирифтаи Байнаннаҳрайнро низ тобеъ карданд. Дар солҳои 656- 660-и милодӣ ҳокими Аланҳо дар Хуҷанд чун ҳокими тобеи Чин маҳсуб мешуд.

Аммо дар ғарб ба Чин лозим меомад, ки на танҳо бо туркҳо сару кор дошта бошанд, балки онҳо бо форсҳо низ рӯ ба рӯ омаданд. Қудрату тавоноии Форсҳо дар давраи ҳукмронии Хусрави I (531-579) ба авҷи аълояш расида буд. Хусрав якҷоя бо туркҳо давлати эфталитҳоро несту

нобуд кард. Ҷилои Форс, албатта, ба тоҷикон ва дигар сокиноне, ки дар Суғд ва берун аз он умр ба сар мебурданд, бетаъсир намонд. Дар ин давра дини зартуштӣ дар Форс чун дини давлатӣ пазируфта шуд (пештар чун дини бегона ва нолозим сахт таъқиб мешуд) ва моҳияти иҷтимоии рӯҳониён афзуд. Ҳар як халқе, ки тобеи ин давлат буд, забону дину оини худ, ахлоқу урфу одат ва қонунҳои худро нигоҳ медошт, ҳатто роҳбарони миллии худро ҳифз мекард, аммо ба ҳамаи ин маъмурияти умумӣ ҷорӣ карда шуда буд.

Дар дохили давлати Хусрав интизом қатъӣ буд, ки дар ин кор ба қувваи ашрофону дарбориён ва рӯҳониён такя карда мешуд. Вале дар ҳамин давра аллакай дар дохили давлати форсҳо вайронӣ, фасод ва бесарусомонӣ роҳ ёфта буд. Дар вақти ҳукмронии Хусрави I сосонӣ дар Макка нафаре ба дунё омад, ки рисолаташ барои миллионҳо одамон дин ва қонуну қоидаҳои нав (шариат)-ро ҷорӣ кардан ва баъди ҳазор сол бо дини масеҳӣ барои ҳукмронӣ дар олам мубориза кардан буд. Ин мард – Муҳаммад (с) буд, ки моҳи апрели соли 571 чашм ба олам кушод.

Ба Бохтар даромадани қабилаҳои аз мамлакатҳои шимол шикаст хӯрдаю рондашудаи кӯчӣ як муддати муайян онро дар муҳосира монда, аз марказҳои тамаддун дур сохт. Даштҳои васеи дар шимол ва шимолу ғарб воқеъбуда, ки ҳудудҳои Яксарту Оксусро маҳдуд мекарданд, хавфи ҳуҷуми бодиянишинҳоро зиёд менамуд. Ин марказҳои тамаддун дорои заминҳои ҳосилхез, шаҳру навоҳии сераҳолӣ буда, дар айни замон иштиҳои қавмҳои кӯчиро бедор менамуд. Урдуи қабилаҳои роҳзан ҳанӯз дар давраҳои аввал ба сафи пеши қатори халқҳои соҳибтамаддун ҳуҷум оварда, фурсати муносиб меҷустанд, то ки ба тамоми кишвар даст ёфта, соҳиби боигариҳои ҳарбӣ ва табиӣ гарданд. Чӣ андозае, ки ҳуҷуму юриши кӯчиҳо бо ин сарзамин меафзуд, аҳолии ин мавзеъ омехта мегардид, зеро бадиянишинҳои ғолибомада дар бисёр ҳолатҳо ҷои мардуми маҳаллиро забт карда гирифта, дар хонаҳои онҳо муқимӣ мешуданд. Бисёр халқиятҳои марказҳои тамаддуни шимол дар зери тазйиқу ҷабри кӯчиҳо хонаҳои худро дар шаҳру рустоҳо тарк намуда, ба дарунтари мамлакат – ба кӯҳу доманакӯҳҳо ва водиҳои баландкӯҳ рӯ меоварданд ва сокини ин мавзеъҳои кӯҳӣ мешуданд ё ботамом маҳв мегардиданд.

Дар ин ҳангом дар саҳнаи ҷаҳондорӣ қувваи даҳшатборе пайдо гардид, ки он фарҳангу дину оини эрониро барҳам зад.

Аллакай дар соли 638 милодӣ ба Фарғона ва мамлакатҳои ҳамҷавори вай лозим омад, ки ба Чин дар бораи бастани шартномаи ҳифзи худ муроҷиат кунанд, зеро арабҳо дар ин вақт ба Форс ҳуҷум овардаву дар атрофу акноф тарсу ҳарос ва даҳшат паҳн мекарданд. Дар соли 653 ин хоҳиш ё илтимоснома такроран фиристода шуд. Хитоиҳо, ки ба низоъҳои дохилӣ банд буданд, ягон ёрии дуруст нарасонданд ва

аз ҳамин давра сар карда, доираи таъсири онҳо ба Ғарб кам, вале баръакс, мартаба ва таъсиргузории арабҳо зиёд шудан мегирад. Дар аввал арабҳои истилогар барои ҳарчи бештар рӯёндану аз худ кардани бойигариҳо ва баланд бардоштани шуҳрати худ саъю талош доштанд, барои онҳо дину оин аҳамияти казоӣ надошт ҳамчуноне, ки барои муҳофизони мулкҳои бумӣ. Ҳатто ҳодисаҳои бо паҳлавонони маҳаллӣ дӯсту ошно гардидани паҳлавонони араб рух медод. Ғояҳои ҷавонмардӣ ба истилогарон бетаъсир намонд; бо мақсади баланд бардоштани рӯҳияи ҷанговарони худ Қутайба мардуми маҳаллиро «деҳқонони араб» номгузорӣ кард. Истилои ҳақиқии ин мулк аз ҷониби арабҳо танҳо баъди он ки Қутайба ибни Муслим (с. 705) ҳокими Хуросон таъйин гардид, оғоз шуд. Аммо дар замони ҳукмронии ӯ арабҳо тавонистанд, ки танҳо дар қисмати ҷанубии мамлакат мустаҳкам ҷойгир шаванд. Дар мамлакатҳои истилошуда намояндагони арабҳо ҳукмрон ва андозчинон буданд ва дар паҳлуи онҳо сулолаи ҳокимони маҳаллӣ низ буданд, ки ба онҳо вазифаи роҳбарии ҷомеа супурда шуда буд. Аммо мардуми маҳаллӣ дар чунин шароит ҳам ба ҳукмронии арабҳо бетафовут нигоҳ намекарданд ва ба ёрии Чин умедвор буданд. Самарқанд ҳанӯз солҳои 731 ва 741-и солшумории милодӣ ва Фарғона бошад, то соли 754 андози худро ба Чин мефиристоданд.

Дар Мовароуннаҳр арабҳо ба чӣ гуна сиёсати иҷтимоӣ дучор шуданд?!

Нақши асосии ин гуна зиндагии ҷомеавиро ҳукмронии ашрофони заминдор (он вақт онҳо деҳқон номида мешуданд) ташкил медод, на чун дар Форс, ки иттифоқи тахту меҳроб, яъне ҳукмронии давлати мутлақ бо рӯҳониёни бонуфуз амал мекард[1]. Ҳукмронҳои маҳаллӣ танҳо дарбориёни аввалин буданд; ҳатто аз ҳама нерумандтарини онҳо, ба мисли тобеони онҳо деҳқон номида мешуданд. Дар сарчашмаҳои арабӣ қайд гардидааст, ки ҳокимони маҳаллӣ сарбозони шахсии худро доштанд, ки онҳо шокир ё чокар номгузорӣ шуда буданд; аммо аз ҳикояти Наршахӣ дар бораи дарбори шоҳдухтари бухоройӣ маълум мешавад, ки ин сарбозон танҳо мақоми муҳофизони шахсиро дошта, аз намояндагони ҷавонон ва фарзандони аъёну ашраф ва амалдорон иборат будаанд, ки ин вазифаро бонавбат дар дарбори шоҳону ашрафон ба ҷо меовардаанд. Дар чунин як шароити сиёсӣ дар бораи дини давлатӣ, ҳамчунон, ба маънии томаш, сухан рондан ҳоҷат надорад; ба он нигоҳ накарда, ки дар ин ҷо низ чун дар Форс дини ҳукмрон – дини зартуштӣ буд, дар байни мардум динҳои бутпарастӣ, дуалистӣ (духудоӣ

---

[1] Бартольд В.В. Несколько слов об арийской культуре в Средней Азии. //Маҷаллаи «Туркестанские ведомости». 1896. с. 182.

– Аҳурумаздо ва Аҳриман) ва дини масеҳӣ низ парастида мешуданд. То ҳол бисёр одамони маҳаллӣ қӯрғонҳо (қабристонҳо)-еро, ки дар онҳо мурдаҳо гӯронда шудаанд, ба «муғҳо», яъне ба соҳирони оташпараст (габрҳо) нисбат медиҳанд.

Дар қӯрғонҳои кофташуда, чунон ки маълум аст, тобутҳои на чандон калон ёфт гардиданд, ки дар онҳо устухони мурдаҳо нигоҳдорӣ шудаанд. Ҳаҷми на чандон калони ин тобутҳо маълум менамояд, ки дар онҳо танҳо устухонҳои ҷасад гузошта мешуданд. Устухонҳо сӯзонда нашудаанд. Одати аз гӯшт тоза кардани устухонҳо берун аз пиндор ва ғайриоддӣ менамояд, вале аз чунин усули нигоҳдории устухони мурдаҳо ба мо Табарӣ маълумот медиҳад; соли 739 ҳокими онвақтаи Бухоро (Бухор-худот) аз тарафи ду деҳқони ба ӯ душман кушта мешавад; муаррих дар ин бора ҳикоя карда, илова менамояд: «аз ҷасади ӯ гӯштҳоро ҷудо намуда, устухонҳояшро ба Бухоро бурданд»[1].

Дар бораи муборизаи байни динҳои зартуштию буддоӣ танҳо нақли Сюан-тсан дар бораи Самарқанд гувоҳӣ медиҳад; суханони ин сайёҳи оворагард дар бораи комёбиаш шаҳодат медиҳад, ки ин зиддияту мубориза чандон тезу тунд набудааст. Дар мубориза ба муқобили арабҳои истилогар, чунон ки маълум аст, рӯҳониён нақше набозидаанд ва мақоме надоштаанд.

Барои аниқ кардани масъалаи он ки дар байни худи ашрофон дараҷаю унвонҳои фарққунанда ва синфҳо, чунон ки дар Форс буд, мавҷуд буданд ё не, маълумот надорем. Дар мавридҳои алоҳида Табарӣ барои ҳокимони осиёимиёнагӣ ҳам ифодаҳоеро ба кор мебарад, ки чун баёнгари унвонҳои дараҷаи олии синфҳои болоии ашрофони форс хизмат мекунанд, вале дар як вақт, чунон ки маълум аст, калимаи деҳқон маънии заминдори оддӣ ва ашрофони ҳокимро як хел ифода мекард; ин калима ҳоло ҳам ба ҳамин маънӣ ба кор бурда мешавад.

Ба андешаи мо, ашрофони пулдор (сарватманд), яъне савдогарон, ки тавассути роҳҳои тиҷоратӣ ба Хитой ва дигар мамлакатҳо сарватманд шуда буданд, мавқеи махсус доштанд. Дар нақли Табарӣ дар бораи ронда шудани суғдиҳо ин гуна савдогарон дар қатори «шоҳон» номбар мешаванд, навиштаҳои Наршахӣ дар бораи тоҷирони бухороӣ нишон медиҳанд, ки онҳо молу мулки беандозаи шахсӣ доштаанд, дар коху қалъаҳо мезистаанд ва аз рӯи мавқеи ишғолкардаашон аз деҳқон (ашроф)-ҳо кам фарқ доштаанд. Мо дар ин ҷо бо бойҳои алоҳида сару кор дорем, ки манфиати онҳо бо манфиати ашрофон як буд, на ба оммаи савдогарони сершумори молҳои гуногуни саноатӣ, ки дар давраи мусулмонӣ буд. Дар бораи зиддияти оштинопазир (антого-

---

[1] Бартольд В.В. Несколько слов об арийской культуре в Средней Азии. // Маҷаллаи «Туркестанские ведомости». 1896, №43.С. 69

нистӣ)-и байни деҳқонон ва тоҷирон ягон маълумоте нест. Вобаста ба маънавиёти кишвар ҳикояти Табарӣ дар бораи одати суғдиён ҷолиб аст: ҳар сол дар Самарқанд барои паҳлавони далертарини Суғд як мизе буд, ки дар болояш анвои хӯрокворӣ ва кӯзаи май (шароб) гузошта мешуд: агар касе ба ин хӯрданиҳо даст мерасонду аз онҳо мехӯрд, ӯ гӯё паҳлавонро ба ҷанг даъват мекард; ҳар кӣ дар ин ҷанг ҳарифи худро мекушт, то он вақте ки паҳлавони наве пайдо шуда, ӯро мағлуб мекард, ӯро паҳлавони далертарини мамлакат мешумурданд.

Ба арабҳо дар вақти ҳуҷум ба Мовароуннаҳр лозим омад, ки бо мулкҳои хурди бисёре сару кор гиранд, ки онҳо байни ҳам ҷангҳои доимӣ мебурданд, инчунин, онҳоро мебоист бо ҷанговарони диловару шуҷоъ – табақаи ҷавонмардону баҳодурони номуташаккил рӯ ба рӯ шаванд. Дар чунин ҳолат натиҷаи ҷанг, бешубҳа, маълум буд. Дар муқоиса бо низоъҳои байнихудии маҳаллӣ ихтилофи байни худи арабҳо, ҳатто душмании байни қабилаҳои шимолӣ ва ҷанубии арабҳо, ҳеҷ аҳамияти ҷиддӣ надоштанд. Ғалабаи арабҳо, инчунин, қисман бо ёрии одамони маҳаллӣ ба даст омад. Фармони маълуми Умар, ки мувофиқи он танҳо мусулмонони ҳақиқӣ ҳуқуқи бо худ яроқ доштанро пайдо карда буданд, дар Осиёи Миёна ҷорӣ карда нашуда буд.

Қутайба ва дигар истилогарон дар ҳуҷуму ғоратгариҳои худ аз хизмати мардуми як маҳал ба муқобили маҳалли дигар истифода мебурданд. Дуру дароз давом кардани давраи истилоро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки арабҳо солҳо ба ғаниматҳои ҳарбӣ ва ушру андоз ва закотҳо қонеъ мегардиданд ва чандон майли забти пурраи кишварро надоштанд, аз тарафи дигар, монеаҳои табиӣ садди роҳи онҳо буданд. Новобаста аз он ки арабҳо сифатҳои барҷастаи ҳарбӣ доштанд, ба онҳо шароити табиии зисту зиндагӣ дар ватанашон бетаъсир набуд; агарчи ба онҳо юришҳо дар дашту биёбонҳо душворие пеш намеовард, вале ба ҷангҳо дар кӯҳсор хеле бо мушкилӣ одат мекарданд, ҳатто дар гузаштан аз ағбаҳое, ки барои лашкари замонавӣ душворие надошт, хеле ноуҳдабароёна амал мекарданд.

Аз рӯи нақли Табарӣ ашрофон (ҳокимон-)и маҳаллӣ ҳамасола дар яке аз шаҳрҳои наздики Хоразм ҷамъ омада, бо якдигар барои бо роҳи осоишта, на ба роҳи амалиётҳои ҳарбӣ ҳал кардани тамоми масъалаи баҳсӣ ба ифоқа меомаданд, инчунин барои ба муқобили арабҳо якҷоя мубориза бурдан, чораҷӯӣ мекарданд.

Ин шартномаҳо то чӣ андоза иҷро мешуданд, аз ҳамин ҳам қиёс кардан мумкин аст, ки онҳоро ҳар сол гузарондан лозим мешуд ва инро аз таърихи истилои Қутайба низ дарк кардан мумкин аст[1].

---

[1] Бартольд В.В. Несколько слов об арийской культуре в Средней Азии. // Маҷаллаи «Туркестанские ведомости». 1896, с. 186.

Қутайба дар вақти лашкаркашиҳо аз ягон восита рӯ намегардонд; дар он ҷое, ки далерию шуҷоат кофӣ набуд, ҳиллаю найранг ва фиребро ба кор мебурд, ӯ нахустин нафаре буд, ки ҳокимияти арабҳоро дар Мовароуннаҳр устувор намуд.

Ӯ аз низоъҳои байнихудии ҳокимони маҳаллӣ ба дараҷаи лозимӣ истифода бурд; соли 712 дар вақти ҳуҷуми ӯ ба Самарқанд бухороиҳо ва хоразмиҳо бо Қутайба хеле далерона ҷангиданд ва ҳатто ихшиди суғдӣ – Ғурак ба сарлашкари араб таъна зад, ки ӯ ғалабаҳои худро дар натиҷаи саъю талоши «бародарон ва хешу табор»-и душманони худ ба даст меоварад.

Қутайба солҳои 705-715 ба фатҳи устувори мамлакат асос гузошт; вай дар ҳама нуқтаҳои муҳимтарини аҳолинишин гарнизонҳои ҳарбии худро монд, аммо истилои пурраи Мовароуннаҳр танҳо дар давраи ҳукмронии Аббосиҳо, ки дар нимаи асри VIII Уммавиҳоро иваз намуда буданд, ба амал омад. Қутайба дар Бухоро, Самарқанд ва дигар шаҳрҳо масҷидҳо сохта, мардумро маҷбур кард, ки нимаи хонаҳои шаҳристонҳоро барои арабҳо холӣ намоянд; самарқандиҳо бошанд, аз рӯи баъзе маълумот бояд тамоми шаҳрро барои арабҳо, ки онро забт карда буданд, холӣ мекарданд, ҳатто дар ин ҷо Қутайба аз ояҳои Қуръон дар бораи ҳалокати аҳолии Од ва Самуд ривоят овард.

Солҳои 713-715, ҳангоме ки Қутайба бо лашкари худ ба Хуҷанд, ҳатто ба Косон ва Фарғона, ки дар соҳили рости Сирдарё, дар ҷониби шимолу ғарби Намангон мавқеъ доранд расид, дар ҳама вилоятҳо, ҳатто дар Фарғона ҳам, ҳокимонро аз арабҳо таъйин кард.

Хуҷанд дар нуқтаи ба ҳам омадани роҳҳо воқеъ гардида, дар вақти забткории арабҳо дар Осиёи Марказӣ ширкати ҳамаҷониба дошт. Хуҷанд яке аз шаҳрҳои калонтарин Мовароуннаҳр буд, ки дар он кушкҳо, шаҳристонҳо ва работҳо буданд; дар назди кушкҳо зиндон, дар назди шаҳристон – масҷиди ҷомеъ, дар работ дар миёнаи майдон қаср воқеъ гардида буд. Шаҳр бо ангурзору боғҳои худ шуҳрат дошт; аҳолӣ он қадар зиёд буд, ки ғаллаи аз заминҳои гирду атроф рӯйёндашуда талаботи мардуми шаҳрро қонеъ гардонда наметавонист, бинобар ин, ба ин ҷо аз Фарғона ва Устурушон ғалла ва дигар хӯрокворӣ оварда мешуд.

Роҳи асосӣ аз Хуҷанд ба ағбаи Терекдавон тавассути нуқтаи охирин – Фарғона – Узгенд аз қисмати ҷанубии Фарғона, аз шаҳрҳои Канд, Конибодом, Сух, Риштон, Зиндерамш ва Куба мегузашт, ҳар яке то дигараш якрӯза роҳ дошт.

Ба он нигоҳ накарда, ки Фарғона танҳо дар асри IX пурра аз тарафи мусулмонон тасхир карда шуд, дар гирду атрофи Андиҷон хеле пештар ҷойҳои муқаддаси мусулмонӣ мавҷуд буданд.

Аз ҷониби шимол Хуҷанд аз ҳуҷуми туркҳо бо ду садд ҳифз мешуд; Сирдарё, ки як садди ба Хуҷанд наздик маҳсуб мешуд; водии Чирчиқ дар ҷониби шимолии мамлакат бо деворе, ки аз кӯҳҳои Сайлик то соҳилҳои Сирдарё мерасид, иҳота карда шуда буд. Боқимондаҳои ин девор то имрӯз дар намуди баландиҳо, ки халқи маҳаллӣ чун баландиҳои Бухоро ба он номи аҷиби «Кампир девор» додаанд, маҳфуз аст.

Дар бораи роҳе, ки аз Бинкент (Тошканд) ба Хуҷанд мебарад, ҳаминро бояд гуфт, ки дар ин ҷо то вақтҳои наздик роҳҳои кӯҳӣнисбат ба роҳи биёбон бештар мавриди истифода қарор дошт. Дуроҳро ёдоварӣ мекунанд: як роҳ аз Бинкент то кони нуқра, ки дар рӯ ба рӯи деҳаи ҳозираи Облиқ мавқеъ дорад, тавассути ағбаи Кендердавон, ба Хуҷистон – нуқтаи собиқи муҳофизавии назди

силсилакӯҳ, аз Хуҷистон тавассути Самғор ба Хуҷанд мебурд. Ин роҳ аз он ҷиҳат муҳим буд, ки дар назди Хуҷистон конҳои калони намак воқеъ буданд; аз онҳо талаботи мардуми Шош (Тошканд), Хуҷанд ва дигар вилоятҳо таъмин карда мешуд (чуноне маълум аст, намаки сангӣ ҳоло ҳам дар кӯҳҳои назди Сомғор истеҳсол карда мешавад). Роҳи дуйум – қад-қади Сир-Дарё, то он ҷое, ки дарёи Ангрен ба он мерезад, поён омада, ба тарафи рости соҳили дарё мегузашт ва рӯ ба шимол мерафт.

Роҳи байни Хуҷанд ва Самарқанд ба вилояти Уструшан мутааллиқ буд. Дар бораи ин вилоят дар боло ёдовар шуда будем. Акнун танҳо ҳаминро илова мекунем, ки ҳаёти шаҳрӣ дар Устурушан кам инкишоф ёфта буд; вилоят нисбат ба дигар ҷойҳо камтар зери таъсири фарҳанги арабҳо монда буд, аз ин рӯ, хусусиятҳои ҳаёти ашрофонаи қадимаи ориёиро то дерҳо нигоҳ медошт. Дар ин вилоят барои сохтани аслиҳаи оҳанӣ мавод истеҳсол карда мешуд, ки он дар Фарғона коркард мешуд ва дар ҳамаи вилоятҳо – то Бағдод ба фурӯш бароварда мешуд. Аз кӯҳҳо тилло, нуқра, зок ва навшодир истихроҷ мешуд.

Аллакай дар асри VIII ба Хуҷанд лозим омад, ки дар шӯришҳо ба муқобили истилогарони араб иштирок кунад ва аз зиддияту ҷангҳои туркон бо арабҳо дар ин ҷойҳо маҳрумиятҳо бинад.

Ҳамин тавр, дар солҳои 721-722 суғдиёни шӯришгар, хусусан, деҳқонон ва тоҷирони бой, қарор доданд, ки ватани худро тарк мекунанд; шоҳи Фарғона ба онҳо ваъда дода буд, ки дар мавзеи Исфара ба онҳо барои зист ҷой медиҳад, аммо беаҳдӣ карда, онҳоро ба дасти арабҳо супурд. Гурезаҳои дар Хуҷанд баиҳотамонда маҷбур буданд, ки таслим шаванд ва дар ин ҳол уҳдадор шуданд, ки ҳама хироҷи боқимондаи доданашударо пурра супоранд. Баъди таслими шаҳр арабҳо баҳонае ёфта, шартномаро вайрон карданд ва ба ҳамин тариқ, суғдиҳо аҳдишиканона шикаст дода шуданд; дар натиҷаи ҳамин

аҳдшиканӣ арабҳо тамоми нуқтаҳои муҳофизатиро дар водии Зарафшон ва Қашқа-Дарё ишғол намуда, ҳокимияти худро пурра барқарор карданд.

Соли 724 арабҳо аз сари нав ба Мовароуннаҳр ҳамла оварданд, то Фарғона расиданд, вале дар бозгашт онҳоро туркҳо шикаст доданд ва бо аҳволи бад ва зарари зиёд пас гаштанд.

Қисмати пурраи ғарбии Осиёи Марказиро ба даст оварда, Сулу – сардори қабилаи туркҳо–турғашҳо як давлати пурқувватеро бунёд кард, ки аз рӯи сарчашмаҳои арабӣ то соли 737, аз рӯи нишондодҳои чиниҳо то соли 738 мавҷуд буд (турғашҳо қабилае буданд, ки ба хонҳои ғарбии турк итоат карда, ба ҳайати панҷ аймоқи дулу дохил мешуданд; баъди аз байни рафтани хонҳои ғарбии турк ҷои онҳоро асосгузорони қабилаи турғаш ишғол намуда буданд. Баромади иҷтимоии олтоӣ доштани онҳоро, ҳоло ҳам дар байни тоторҳо мавҷуд будани авлодҳои турғаш ва қарғаш тасдиқ мекунанд). Тамоми қисмати ғарбии Осиёи Марказиро ишғол намуда, Сулу наметавонист Мовароуннаҳрро бе ҷангу мубориза ба арабҳо диҳад; агар арабҳо ба Суғд чун ба «боғи халифаи мӯъминон» нигоҳ мекарданд, барои туркҳо низ ба даст овардани ин вилояти бою ҳосилхез аҳамияти хеле калон дошт. Дар давраи ҳукмронии худ Сулу аз тарафи деҳқонони шӯришгар ҷонибдорӣ медид, аз ин рӯ, ӯ ба арабҳо он қадар зарба мезад, ки онҳо ба вай «Абу–Музаҳҳим» («Ҳазиматоваранда», яъне фил ё барзагов) ном дода буданд.

Аз худсарии арабҳо ва ришвахории ҳокимони дастнишондаи онҳо, пеш аз ҳама, аҳолии мутеъгардида азобу машаққат мекашиданд. Баъзан манфиати хазина ва ҳокимон ба манфиати дин, ки бо номи он ин истилову футуҳоту кишваркушоӣ ба амал оварда мешуд, мувофиқ намеомад. Чун дар тамоми давлати араб, дар ин ҷо низ ҳалли масъалаи аз мардуми маҳаллӣ, ки дини исломро қабул кардаанд, хироҷ гирифта шавад ё не, мушкилот ба бор меовард.

Волии Хуросон Атрас соли 728 мақсад гузошт, ки мардуми Мовароуннаҳрро мусулмон гардонад; ба Самарқанд ду таблиғотчиро, ки яке форс ва дигаре араб буд, фиристоданӣ шуд, ҳамзамон Атрас ба онҳо ваъда дод, ки аз шахсони нав мусулмоншуда андоз гирифта намешавад. Муваффақияти ин ташвиқ аз ҳадди интизориҳо беш буд, вале то ҳамон андоза дар байни кормандони хазина ва деҳқонон (ашрофон) норизогиро ба амал овард; деҳқонону ашрофон барои нигоҳдории сохти ашрофонаи худ манфиатдор буданд, аз ин рӯ, ба паҳн шудани дини нав, ки ҳанӯз дар он вақт ҷиҳатҳои озодихоҳӣ ва демократии худро мустаҳкам накарда буд, бетарафу бепарво нигоҳ карда наметавонистанд. Худи Атрас дарк намуд, ки «қудрату тавоноии мусулмонон дар хироҷ аст» ва супориш дод, ки танҳо навмусулмононеро аз андоз озод кунанд, ки

хатна шудаанд ва аҳкому аркони исломро иҷро мекунанд ва аз Қуръон сураю ояҳо аз ёд хонда метавонанд. Ба ӯ ҷавоб доданд, ки мардуми маҳаллӣ дар ҳақиқат исломро қабул кардаанд ва ба сохтмони масҷидҳо сар кардаанд, аз ин рӯ, «ҳамаи одамон араб шудаанд» ва аз ҳеҷ касе хироҷ гирифта намешавад. Он вақт чунин қарор шуд: «Аз ҳамаи онҳое, ки пештар андоз гирифта мешуд, хироҷ гиред». Шӯриши умумихалқӣ сар зад: тамоми Суғд бар зидди арабҳо бархоста, туркҳоро ба ёрӣ хонданд. Мардуми маҳаллӣ, ба гумони мо, чун форсҳо ҷонибдори қабул кардани шохаи шиаи дини ислом буданд, зеро шиаҳо бо ҷонибдорӣ кардани Алӣ ва барқарор кардани ҳуқуқҳои аҳли байти ӯ ба ҳукумати араб, ки форсҳо ба онҳо бадбинӣ доштанд, мухолиф буданд. Мусолиҳаи бадастомада байни ислом ва динҳои маҳаллӣ, хусусан, таълимоти ҷойвазкунии рӯҳро Абумуслим (тақрибан соли 747) истифода бурда, деҳқонон ва аҳолии деҳотро ба тарафи худ кашид.

Баъди ба даст овардани ғалаба бар ворисони уммавиҳо ба Абумуслим лозим омад, ки тамоми қувваи худро барои ором нигоҳ доштани оммаи бағазабомада сарф карда, онҳоро на танҳо ба муқобили худи арабҳо (уммавиҳо), балки бар зидди ҳаракати оммавии форсҳо низ равона намояд. Дар Нишопур аз байни оташпарастон Беҳофарид (дар асари Авфӣ – Меҳофарид) ном ислоҳотчӣ пайдо шуд, ки мехост таълимоти Зартуштро дар шакли нахустинаш барқарор кунад ва аз ин рӯ, ба рӯҳониёни расмии Форс тезутунд ҳуҷум овард. Рӯҳониён ба Абумуслим шикоят бурданд, ки одаме пайдо шудааст, ки меҳоҳад обрӯву эътибор ва дини онҳоро аз байн барад ва Абумуслим онҳоро дар пахш кардани шӯриши Беҳофарид дастгирӣ кард; ба Абумуслим чун яке аз фаъолтарин тарғиботчиёни Аббосиҳо лозим омад, ки дар пахш кардани шӯриши Алипарастҳо иштирок кунад ва Аббосиҳоро тадриҷан ба сари ҳокимият барорад.

Чуноне маълум аст, ҳаракати шиаҳо дар аввал танҳо бо мақсади ҷорӣ ё барқарор кардани амри паёмбар ба нафъи аҳли авлоди ӯ буд, дар он талабҳо номи ягон даъвогар аз аҳли хонадон зикр намешуд. Ворисони асосии паёмбар Алавиҳо (ҷонибдорони Алӣ ва фарзандони ӯ) ҳисобида мешуданд.

Дар Бухоро соли 750-751 арабҳо ба муқобили Аббосиҳо шӯриш бардоштаанд. Сардори шӯриш – Шарик бинни Шайх-ал- Меҳрӣ эълон кард: «Мо на барои он аз қафои хонадони паёмбар рафтем, ки хун бирезем ва корҳои ноадолатонаро ба ҷо орем». Шарик барои нафъу тарафдории Алавиҳо шӯриш бардошта буд: намояндагони ҳукумати арабҳо дар Бухоро ва Хоразм ба тарафи шӯришгарон гузаштанд; аҳолии шаҳри Бухоро низ ҳамроҳи шӯришчиён буд. Шӯриш бо бераҳмии гӯшношунид пахш гардид; шаҳр оташ зада шуд ва се шабу рӯз сӯхт; баъд дар Самарқанд низ шӯришгарон мағлуб карда шуданд.

Дар баробари бенизомиҳои дохилӣ Мовароуннаҳр аз ҷониби душманони беруна ба хатари ҷиддӣ мувоҷеҳ гардид. Дар соли 748 чиниҳо дар Фарғона ва Шош пайдо шуданд. Зиёд бинни Солеҳ – сарлашкари Абумуслим, ки навакак шӯриши Шарикро пахш карда буд, дар моҳи июли соли 751 лашкари чиниҳоро бо сарварии Гао- Сян-Чжи торумор намуд. Ин муҳориба дар таърихи Туркистон моҳияти хеле бузург дорад, зеро он тақдир ва ҳалли масъаларо дар бораи қабули кадом фарҳанг – чинӣ ё мусулмонӣ дар мамлакат ҳал намуд.

Ҳамин тариқ, Абумуслим ба душманони дохилӣ ва берунӣ зафар кард; аммо шуҳрати бузурги ӯ дар байни аҳолии маҳаллии Хуросон, ки барои онҳо вай натанҳо намояндаи ҳукумати давлатӣ, балки тарғибгари дину оин ҳам буд, дар байни Аббосиҳо хавфу рашкро ба вуҷуд овард; Абӯмуслим, ки бо фиреб ба дарбори халифа даъват карда шуда буд, соли 755 хоинона ба ҳалокат расонда шуд. Баъди ин тарафдорони Абӯмуслим душмани хонадони Аббосиҳо гардиданд. Роҳбарони як қатор ҳаракати шиаҳо дар Форс ва Мовароуннаҳр хоҳу ноҳоҳ кору муборизаи худро бо номи Абумуслим алоқаманд намуданд. Ранги фарққунандаи ҳизб (албатта, дар давраи шӯришу ҳаракатҳои ошкоро) либосҳои рангашон сафед ва парчами сафед интихоб шуда буд; ба ҳамин тариқ, ҳизбе, ки як вақтҳо парчами сиёҳ боиси шаъну шуҳраташ гардида буд, номи «Сафедҷомагон» (бо арабӣ ал-мубейда)-ро гирифт. Табарӣ оғози ҳаракати шиаҳоро дар Хуросон ба даврони ҳукмронии Умари II (717-720) мансуб медонад, вале танҳо соли 734 Ҳорис бинни Сурайҷ бо шиори: «Китоби Аллоҳ ва суннати паёмбар» парчами сиёҳ бардошт; ӯ ваъда дод, ки «шартномаҳоро бо касони ба дигар динҳо эътиқоддошта риоя карда, аз мусулмонҳо андоз намегирад ва ҳеҷ касро озор намедиҳад».

Намояндагони аввалини сулолаи Аббосиҳо ба мисли Уммавиҳо ҳукмронони рӯшанфикр буданд; онҳо илму фарҳанги юнониҳоро ошкоро тарафдорӣ мекарданд ва ҷонибдори равияи ратсионалистӣ (ақлгароёна)-и муътазила буданд. Аз Уммавиҳо онҳоро саъю талош ва кӯшиши давлатӣ фарқ мекунонд: дар он ҳолате, ки Уммавиҳо танҳо сарвари халқи араб буданд, Аббосиҳо хостанд давлате бисозанд, ки вилоятҳои Форс ва вилоятҳои аҳолиаш араб ҳуқуқҳои баробар дошта бошанд. Дар ин бобат сохти бонизоми давлатдории Сосониҳо чун намуна хизмат мекард, ки онро арабҳо дараҷаи олии хиради давлатдорӣ медонистанд (Ҷоҳиз дар соли 869 мегӯяд, ки форсҳои сосонӣ дар идоракунии давлат аз тамоми ҳалқҳои дигар пеш гузашта буданд, чунон ки чиниҳо дар ҳунармандӣ, юнониҳо дар илм, туркҳо дар кори ҳарбӣ).

Дар даврони Аббосиҳо сохти давлатдории мусулмонҳо он шаклеро гирифт, ки дар амал онро то имрӯз нигоҳ доштааст. Сиёсатмадорони аббосӣ дар назди худ мақсад гузошта буданд, ки унсурҳои мӯътадили

ҳарду миллатро ба тарафи худ кашида, бо ёрии онҳо на танҳо шӯришҳои халқҳои мутеъкардашударо, ки арабҳо баробарҳуқуқии онҳоро эътироф кардан намехостанд, пахш кунанд, балки ҳаракатҳои зидди мусулмонии мардуми ориёиро барои барқарор кардани эътиқодоти пешин несту нобуд намоянд. Чунон сохти ҷамъиятиро ба вуҷуд овардан лозим буд, ки тамоми табақаҳои асосии ҷомеа онро барои худ манфиатнок ҳисобида, тартиботи навро тарафдорӣ намоянд. Ба таври умумӣ шакли роҳбарию давлатдории форсҳоро қабул ва дар амал татбиқ намуда, Аббосиҳо исломро ба зери ҳимояи худ гирифтанд, албатта, ба шарте, ки рӯҳониён ба ҳукумати шаҳрвандӣ итоат кунанд. Аз он ҷиҳат, ки ҳукумати Аббосиҳо асоси миллӣ надошт, барои ҳифзи он сарбозони аҷнабӣ, асосан аз ҳисоби ғуломони турк, хизмат мекарданд. Фуқаро маҳз он иддае дониста мешуданд, ки ба давлат бояд воситаҳои пулию молӣ, яъне андоз супоранд.

Маҳз аз ин ҷиҳат, вазифаи асосии волии вилоятҳо, аз ҷумла, волии Хуросон, ки Мовароуннаҳр ҳам ба ҳайати он дохил буд, аз андозғундорӣ иборат буд.

Ду маротиба, чунон ки дар замони Сосониҳо буд, дар ин вилоят писари сардори давлат волӣ таъйин гардид, ки ин аз муҳим будани волигии Хуросон гувоҳӣ медиҳад; дар ин ҷо мубориза алайҳи душманони дохилию хориҷӣ мушкилоти зиёд дошт. Вазифаи волиҳо дар мустаҳкам кардани сохти давлат- дорӣ дар рӯҳияи анъанаи сосониҳо, дар муттаҳид кардани ҳамаи тарафдорони тартиботи нав, оромӣ, сулҳу салоҳ кардан бо тоифаҳои низоъхоҳ, ҷангҳо барои пахши шӯришҳо бо халқҳои мутеъ кардаашон, ки аз итоат баромада ва бо иттифоқчиёни биёбонии худ – туркҳо забон як кардаанд ва ғайра иборат буд.

Тобеияти пурраи мамлакат ба ҳокимияти исломӣ ва бехатарии пурраи дохилӣ ва берунии он танҳо он вақте таъмин гардид, ки дар сари ҳокимият ба ҷои волиҳои зуд-зуд ивазшавандаи араб ҳокимонро аз ашрофону авлодҳои ҳокимони маҳаллӣ гузоштанд (ба мисли Тоҳириҳо, Саффориҳо); онҳо ба шароити маҳаллӣ хуб ошно буданд ва ба боварии мардум даромада буданд.

Худ аз худ маълум аст, ки ин ҳокимон нисбат ба халифаҳо бештар ба манфиати шахсии худ амал мекарданд ва маълум мегардид, ки тобеияти онҳо ба хилофат дер ё зуд танҳо бо ном боқӣ хоҳад монд.

Ба волиёни Аббосӣ, ки то сулолаи Тоҳириён Хуросонро идора мекарданд, лозим меомад, ки чандин хуруҷу шӯришҳоро чӣ аз ҷониби арабҳо ва чӣ аз тарафи форсҳо, пахш намоянд. Баъди ба мусолиҳа овардани шӯришгарони Шарик, лозим омад як қатор хуруҷҳои шиаҳои арабро дар Бухоро пахш кунанд.

Дар бораи сафедҷомагон, яъне ҳизби Абумуслим ҳаминро бояд гуфт, ки ҳаракати онҳо ягон лаҳза қатъ нагардид (ин ҷараён аз асри XII

инҷониб идома дошт), ҳарчанд ки мутаносибан ошкоро хеле кам хуруҷ кардаанд. Дар бораи мавҷудияти эътиқоди динии сафедҷомагон дар Мовароуннаҳр, ки урфу одатҳои он ба эътиқодоти зиндиқ (дуалист)-ҳо монанд буд, Макдисӣ низ сухан меронад; сафедҷомагон дар байни аҳолии деҳоти Илоқ сершумор буданд.

Дар бораи шӯриши соли 806-и Рофеъ бинни Лайс ёдовар мешавем. Маълум нест, ки Рофеъ бо кадом воситаҳое тавонист боварии аҳолии маҳаллиро ба даст оварад ва волии Самарқандро кушта, шаҳрро ба тасарруфи худ дарорад. Аҳолии Насаф худашон аз Рофеъ ёрӣ пурсида, бар зидди ҳукумат бархостанд; Рофеъ ба ёрии онҳо «ҳукмрони Шошро бо туркҳояш» фиристод. Ғайр аз ин, Ёқубӣ аҳолии Фарғона, Хуҷанд, Уструшан, Чағониён, Бухоро, Хоразм ва Хуталро ҷонибдори Рофеъ гӯён номбар мекунад. Ҳатто туғуз-оғузҳо, қарлуқҳо ва тибетиҳо ба ёрии Рофеъ гурӯҳҳои мададрасони худро фиристода буданд. Шӯриш танҳо соли 810 пахш карда шуд; фақат он вақте ки соли 809 туркҳо онҳоро тарк карда рафтанд, Рофеъ ба Маъмун таслим шуд.

Қайд кардан зарур аст, ки боз як чорабинии волиёни аббосӣ, ки бешубҳа аҳамияти калони иқтисодӣ дошт, ин ба муомилот баровардани тангаҳои майдаи арзишашон паст буд. Аз рӯи навиштаҳои Наршахӣ дар Бухоро аввалин шуда тангаҳои нуқрагин (дирҳам)-ро бухор-худоти Кон оғоз намуд; тангаҳоро ӯ дар замони ҳукмронии халифа Абубакр (632-634) ба муомилот баровард; дирҳамҳо аз нуқраи холис баровардa мешуданд, ки дар онҳо тасвири расми сари бухор-худоти тоҷдор акс ёфта буд. Дар охири асри VIII ин тангаҳо, аллакай аз байн рафта, аз муомилот баромаданд ва ҷои онҳоро тангаҳои хоразмӣ гирифтанд.

Аз ин ҳол норизо гардида, бухороиҳо ба волӣ Ғитриф бинни Ато муроҷиат карда, талаб намуданд, ки барои онҳо ҳамон гуна тангаҳое барорад, ки ба тангаҳои бухор-худоти Кон монанд бошанд, вале ин тангаҳо аз доираи вилоят ба берун баровардa нашаванд. Чун он вақтҳо арзиши нуқра бисёр баланд буд, Ғитриф баровардани тангаҳоеро ба роҳ монд, ки аз омехтаи шаш намуди маъдан таркиб ёфта буд: тилло, нуқра, сурб қалъагӣ, оҳан ва мис. Тангаҳо бо ҳамон тасвири пештара, вале бо номи Ғитриф сикка зада мешуданд; аз ин рӯ, ин тангаҳо номи «Ғитриф»-ро гирифтанд.

Дирҳамҳои «ғитрифӣ» – дирҳами ягона ва аввалини он давраҳо набуданд. Ғайр аз дирҳамҳои Хоразм таърихчиён ва ҷуғрофидонҳо боз се намуди дирҳамҳои арзишашон пастро фарқ мекунанд, ки бо онҳо дар Мовароуннаҳр андоз пардохта мешуд, инҳо дирҳамҳои муҳаммадӣ, мусайябӣ ва ғитрифӣ буданд, ки аз ҷумла, андозҳои дар Шош, Илоқ ва Хофисит бо дирамҳои мусайябӣ пардохта мешуд. Дар ҳамаи ин тангаҳо

тасвирҳое буданд, ки аз тангаҳои ҳамтои мусулмонии худ ба куллӣ фарқ доштанд, дар онҳо низ навиштаҷоти номафҳум ба назар мерасад.

Илми сиккашиносӣ ҳоло муайян кардааст, ки дар Суғд дар асрҳои V ва VI бо пайравӣ аз сосониҳо дирҳамҳо сикка мезаданд; агар нишондодҳои муназзам (хронологӣ)-и Наршахӣ дар бораи сикка задании тангаҳо дар Бухоро дуруст бошанд, он вақт бухорхудотҳо сикказании ин намуди тангаҳоро бевосита на аз Сосониҳо, балки аз ҳамсояҳои худ – суғдиҳо ёд гирифтаанд (зеро онҳо баъди он ки арабҳо дирҳам сохтаанд, намунаи дирҳамҳои Хусрави II-ро бояд қабул мекарданд).

Бисёр аҷиб аст, ки ҳанӯз дар охири асри VIII, он вақте ки дар Мовароуннаҳр кайҳо дирҳаму фулусҳои намуди куфӣ сикка зада мешуданд, лозим омад, ки талаботи аҳолӣ бо пули майда тавассути дирҳамҳои сохти кӯҳна, бо тасвирҳои ғайримусулмонӣ қонеъ гардонда шавад.

Охирин амалиёти ҳарбии бузурге, ки арабҳо дар Осиёи Марказӣ, гузаронданд ва тафсилоти он то ба мо омада расидааст, ин юриши солҳои 822-823 ба Уструшон – вилояте, ки аз Ҷиззах то қарибии Хуҷанд тӯл кашидааст, буд. Дар шимолу шарқ арабҳо то Талас расиданд, ки дар ин ҷо соли 751 лашкари хитоиҳоро шикаст доданд, баъд арабҳо аз водии ин дарё ва аз вилояти Исфинҷоб (Чимкент ва атрофи он) даст кашиданд, дар даштҳои Талас, ки Исфинҷобро аз Шош (Тошканд) ҷудо мекунад, девор кашиданд, то аз ҳуҷуми кӯчманчиёни шимол худро ҳифз кунанд. Ин девор аз Сирдарё то кӯҳи Сайлик тӯл мекашид. Боқимондаҳои ин девор дар ин дашт ҳоло ҳам аён аст.

Умуман, дар вилоятҳои шимолии Мовароуннаҳр, ки ба арабҳо дар асри IX тобеъ шуданд, унсурҳои арабӣ (дину оин, урфу одат) тамоман такягоҳ пайдо накарданд, баръакс, нишонаҳои асосии фарҳанги ориёӣ дар ин ҷо минбаъд низ нигоҳ дошта шуданд. Ба чунин вилоят Уструшан низ дохил мешавад. Дар он даврае, ки дар дигар вилоятҳо арабҳо маскан гирифта буданд, пойи онҳо ҳанӯз ба Уструшан нарасида буд, зеро онҳо арабҳоро барои истиқомат ба хонаҳои худ роҳ надода буданд. Ба ҳамин тариқ, Уструшан барои омӯзиши боқимондаҳои маданияти қадим моҳияти махсус пайдо мекунад. Мавқеи ҷойгиршавии маркази Уструшан, ки онро арабҳо Банҷикент (Панҷакент) меномиданд, аз рӯи суханони зерини ҷуғрофидонҳои араб муайян мекунанд: «аз Сабат (Сават) ду фарсах мераванд аз ҳамвориҳо ва баъд 5 фарсах қад-қади дарё, ки аз назди шаҳр ҷорӣ мешавад; аз ҳарду ҷониби роҳ кӯҳҳо воқеъ гардидаанд, ки дар он ҷо деҳаҳо ҷой гирифтаанд». Аз рӯи ин навиштаҷот, мумкин аст ба хулосае омад, ки боқимондаҳои пойтахти Уструшанро дар хоктӯда (вайрона)-ҳои дар назди деҳаи Шаҳристон воқеъгардида, ягон 25 фарсах ҷанубу ғарби Уротеппа бояд эътироф ва ҷустуҷӯ кард.

Яке аз дигаргуниҳои муҳиме, ки дар ин давраҳо ба амал омад, ин таъйин шудани Сомониҳо ҳамчун ҳокими Мовароуннаҳр дар тобеияти волигии Хуросон буд.

Аз ҳамин давра сар карда тобеияти пурраи Мовароуннаҳр ба ҳукмронии мусулмонӣ дар зери хилофати Бағдод ба амал омад. Соли 875 набераи Сомон-худоти форс (тоҷик), ки мусулмониро қабул намуда буд, аз халифа Муътамад барои ҳукмронӣ ба тамоми Мовароуннаҳр васиқа гирифт. Дар худи ҳамин замонҳо афзудани таъсири туркҳо ба корҳои дохилии Мовароуннаҳр ба мушоҳида мерасад. Аллакай дар замони ҳукмронии Мӯътасим сарбозони хосаи турк (гвардияи турк), ки дар ҳайати онҳо туркони баромади иҷтимоиашон аз Суғд, Фарғона, Уструшан ва Шош низ буданд, аз ҳомиёни асосии тахту тоҷ маҳсуб мешуданд*. Ин вазъият ба он оварда расонд, ки дар мамлакат дину оини мусулмонӣ пурра паҳн ва ҷорӣ гардад. Аҳолии маҳаллӣ пурра чун мусулмони воқеӣ пазируфта шуданд ва худи онҳо дар «мубориза барои дину имон ва эътиқод» ва мусулмонгардонии ҳамсояҳои худ – туркҳо фаъол шуданд.

Аммо аз ҷиҳати баромади иҷтимоӣ – ашрофзодагӣ ва аз рӯи мавқеи расмии намояндаи ҳукумати арабҳо будан – Сомониҳо наметавонистанд ифодакунандаи ғояҳои миллӣ ва муборизаҳои озодихоҳии мардум, ба мисли Абумуслим ва дигар «доиёну» даъвогарон ва таблиғгарони шиа бошанд.

Барои мустаҳкам кардани сохти давлатдорӣ дар Мовароуннаҳр дар рӯҳияи маърифатнокии мутлақ – шоҳ Исмоил бинни Аҳмад (солҳои 892-907) корҳои зиёдеро ба сомон расонд.

Соли 893 сулолаи маҳаллии Уструшан барҳам дода шуд ва ин вилоят бевосита ба ҳудуди қаламрави Сомониҳо ҳамроҳ карда шуд.

Дар ҳамин давра сохти давлатдории Мовароуннаҳр пурра шакл гирифта, дар бораи ин замони ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ маълумотҳои фаровон фароҳам омадааст.

Дар сари давлат ҳукмрони мутлақ – шоҳ меистод, ки ӯ танҳо дар назди Худо масъул буду халос. Таърихнигорони форс гоҳо Сомониҳоро «ҳокими муъминон» ном мебаранд, яъне ба онҳо ҳамон унвонеро медиҳанд, ки халифаҳо доштанд.

Тибқи ҷаҳонбинии форсҳо ҳар як ҳоким (шоҳ) бояд «хӯҷаин»-и хуби давлати худ бошад ва дар бораи ободонии дохилии он мунтазам ғамхорӣ намояд, чунончи дар кандани ҷӯю корезҳо, дар сохтани пулҳо аз болои дарёҳои калон, дар ободию маъмурии деҳаҳо ва нигаҳдории замин, мустаҳкамкунӣ ва бунёди шаҳрҳои нав, зебу зиннату сохтмони биноҳои мӯҳташаму зебо дар шаҳрҳо, бунёду ташкили работҳо дар роҳҳо ва ғайра.

Албатта, дар кори интихоби шахсоне, ки ба онҳо соҳаҳои алоҳидаи роҳбарӣ супурда мешавад, ҳоким (шоҳ) мавқеи асосӣ ва аввалиро соҳиб буд. Дар тамоми сохтори ташкилотҳои сиёсии давлатҳои мусулмонии Шарқ ба ду қисмати асосӣ тақсим кардани корҳои мақомоти идоракунӣ – ба дарбор ва ба девон бараъло мушоҳида мешавад. То давраи Сомониҳо дар бораи дар мамлакатҳои шарқӣ-мусулмонӣ, аз ҷумла дар дарбори Аббосиҳо, мавҷудияти гвардияи шахсии амир, ки аз ғуломони зархарид, асосан аз туркҳо иборат бошад, маълумоте надорем. Дар дарбори Исмоил ва ворисони минбаъдаи ӯ мо чунин муҳофизони шахсиро мебинем, ҳарчанд, ки «одамони дарборӣ» дар ин давра нисбат ба давраҳои минбаъда он қадар нуфузу эътибор надоштанд. Мансабҳои асосии ҳарбӣ на танҳо ба сарварони гвардия, балки ба намояндагони ашрофони маҳаллӣ низ дода мешуд; ба ҳайати лашкар, ғайр аз туркҳо, ашрофон низ дохил мешуданд; умуман, дар он давра аксар сокинони Мовароуннаҳр бо худ аслиҳа мегардонданд.

Ҳамин тавр, аҳамият ва ҳокимияти вилояту маҳалҳои алоҳида, ки ба ҳайати Мовароуннаҳр дохил буданд, суст шуда, дар тамоми минтақаи байни ду дарё – Мовароуннаҳр ҳукумати мутлақи дарбору девон ба шакли расмӣ ҷорӣ гардид.

Мубориза бо заминдорони маҳаллӣ хеле оқилона ба амал бароварда мешуд; дар бисёр ҳолатҳо ҳудуду минтақаҳое, ки ба заминдорон тааллуқ доштанд, бо роҳи хариду фурӯш ба ихтиёри табақаҳои тоҷирону косибон мегузаштанд.

Дар даврони Сомониҳо зери таъсири сулолаҳои маҳаллӣ, ки ба ҳукумати марказӣ танҳо шартан итоат мекарданд, қисмати шарқии хонигарии Бухорои ҳозира (вилояти Хутал ва Чағониён), Хоразм ва ҳудуди мулкҳои Исфиҷоб, ки дар тасарруфи туркҳо буд, монда буданду халос. Дар шаҳри Тункет – маркази ин вилоят, тибқи маълумоти ҷуғрофидони араб «деҳқони неруманд»-е зиндагӣ мекард, ки худ ҳуқуқи сикка задани тангаҳоро дошт.

Он чӣ ба оммаи халқ дахл дорад, ҳамин аст, ки вазъи онҳо дар замони Сомониҳо аз ҷиҳати равобити хориҷӣ ва инкишофи ҳарҷонибаи саноати ҳунармандӣ ва савдо хеле хубу мувофиқ буд. Аз Самарқанд матоъҳои наху торҳояшон нуқрагин (симгун)-и самарқандӣ, дегҳои калони мисин, ҷомҳои дурахшони нафис, хаймаҳо, лаҷому узангу, тасмаҳо; аз Ҷиззах – намудҳои хуби пашм ва либосҳои пашмин; аз Банокет – матоъҳои туркистонӣ; аз Шош – зинҳои баланди аз пӯсти асп омодашуда, тиркашҳо, хаймаҳо, пӯст (аз туркҳо оварда, намак зада, ош дода мешуд), рӯпӯшҳо, ҷойнамозҳо, китфандозҳо, гандум барои ордкунӣ, камонҳои зебову бақувват, сӯзанҳои аълосифат, коғази аз пахта тайёр кардашуда, ки ба туркҳо фиристода мешуд, қайчӣ; аз Самарқанд – пар-

ча, ки барои туркҳо бароварда мешуд, матоъҳои сурх, ки бо номи мамарҷил маълум буданд, матои оҳар додашудаи патдор барои ороиши либосҳои занон, абрешими бисёр ва маҳсулоти абрешимӣ, чормағз; аз Фарғона ва Исфиҷоб –ғуломони турк, матоъҳои сафед, сару либос ва олоту аслиҳаҳои ҳарбӣ, ханҷар, шамшер, мис, оҳан оварда мешуданд. Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки 1000 сол пеш дар ин кишвар он чизе истеҳсол мешуд, ки имрӯз ҳаст.

Саноат, бешубҳа, дар зери таъсири Чин инкишоф меёфт. Истилогарони араб дар Мовароуннаҳр бисёр осори чиниро пайдо карданд, ки фурӯши онҳо бояд баъд аз тараққии саноати маҳаллӣ кам мешуд; таъсиргузории ҳунари чиниҳо аз он маълум аст, ки арабҳо ҳама гуна зарфи зебову пурнақшро «чинӣ» миномидагӣ шуданд. Аз маҳсулоти дар Мовароуннаҳр истеҳсолшуда дар олами мусулмонӣ бештар матоъҳои абрешимӣ ва пахтагини водии Зарафшон, маснуоти оҳанини Фарғона, хусусан яроқҳои фарғонӣ, ки ҳатто дар Бағдод харидорӣ мешуданд, маълум буданд. Ба рушди саноати маҳаллӣ дар Фарғона, бешубҳа, тараққии истихроҷи маъдан, бештар ангишт дар музофоти Исфара мусоидат намуд (кулӯласангҳои сиёҳ, ки чун ангишт хуб месӯзанд; хокистари он барои сафед кардани либос ба кор меравад).

Қоғази Самарқанд дар таърихи тамаддун аҳамияти калон дошт, ки аз давраҳои қадим чун коғази латтагин машҳур буд. Аз рӯи маълумоти муаррихони мусулмон самарқандиҳо тарзи тайёр кардани чунин навъи коғазро аз ҳунармандони чинӣ, ки ба дасти Зиёд бинни Солиҳ, соли 750 асир афтода буданд, ёд гирифтаанд; аммо аз рӯи тадқиқотҳои профессор Қарабечек, самарқандиҳо аз хитоиҳо танҳо усули тайёр кардани коғазро ёд гирифта, баъд худашон воситаи аз матоъ омода карданикоғазро ёфтаанд, зеро дар Чин коғази латтагӣ танҳо соли 940 пайдо шудааст. Дар охири асри X коғази самарқандӣ дар тамоми мамолики мусулмонӣ тавонист, ки ҷои папирус ва пергаментро бигирад.

Савдо бо кӯчманчиёни турк, ки аз онҳо ҳайвоноти барои гӯшт забҳ шуда, ҳайвоноти боркаш, пӯст, мӯйина ва ғулом харид карда мешуд, бисёр ривоҷ дошт. Бо аҳолии муқимӣ савдо ва додугирифт кардан барои халқҳои кӯчманчӣ низ ба ҳамон андоза зарур буд, зеро ки онҳо ба ин роҳ ашёҳои барои рӯзгор лозим – либос ва нон мегирифтанд. Кӯчиҳо омадани корвони савдогаронро дар даштҳо интизор нашуда, худашон ба сарҳади деҳаю шаҳрҳои ҳамсоя чорвояшонро ронда меоварданд.

Бояд гуфт, ки ба инкишофи саноат ва тиҷорат кам шудани бори вазнини андозу хироҷ мусоидат намуд.

Қайд кардан зарур аст, ки Сомониҳо бо додани моҳона ба ҳарбиён қаноат карда, ба онҳо ҳиссаи замин намедоданд.

Бинобар ташкили бонизоми давлатдорӣ сулолаи Сомониҳо тавонистанд, ки дар Мовароуннаҳр қариб 100 сол пойдор монанд.

Дар замони Сомониҳо ҳаракати шиаҳо дар Мовароуннаҳр, махсусан, дар соли охирини ҳукмронии Насри II бинни Аҳмад (соли 934) пурзӯр шуд. Таблиғоти шиа дар Хуросон, ки яке аз марказҳои асосии муқаддаси он дар ин ҷо воқеъ гардидааст, ҳеҷ гоҳ қатъ нагардидааст ва аҳли байту авлоди Алӣ аз давраҳои пеш дар ин ҷо дар байни аҳолӣ таъсиру нуфузи калон доштанд. Ташвиқоти шиаҳо ба таври намоён баъди ташкили хилофати фотимиҳо (дар аввали асри X) афзуд; таблиғотчиён (доҳиён)-и фотимӣ ба Хуросон омада, Ҳусайн бинни Алии Марвазиро, ки вориси ӯ Муҳаммад бинни Аҳмади Нахшабӣ буд, ба қабули шиа моил намуданд. Васияти устоди худро ба ҷо оварда, Нахшабӣ маркази фаъолияти худро ба Мовароуннаҳр кӯчонд ва дар зодгоҳи худ – Насаф (Қаршӣ) ва баъд дар пойтахт – Бухоро камёбиҳо ба даст овард. Ба вай муяссар шуд, ки якчанд аъёну ашрофро, ки дар байнашон ҳоҷиб Ойтош, дабири Хос Абӯбакр бинни Абӯашас, ариз Абӯмансури Чағонӣ, Раиси Бухоро, сардори идораи молия ва волии Илок – Ҳусайн Молик буданд (дар замони Сомониён волии Илок, сарвари ашрофони маҳаллӣ, ки дар Тункет, дар соҳили Ангрен мезист, ҳукмронии сиёсӣ надошт, аммо ҳанӯз ҳам ба мардум таъсири зиёд дошт, аз ин рӯ, Мақдисӣ ӯро «деҳқони неруманд» меномад). Бо ёрии онҳо Нахшабӣ ба дарбор роҳ ёфт ва дере нагузашта, худи амир «қарматӣ» шуд.

Ба бидъати шиа ҳамроҳ шудану ба он эътиқод кардани амир ба рӯҳониёни ислом (суннимазҳабҳо) ҳеҷ маъқул набуд, аз ин рӯ, онҳо ба иттифоқчиёни ҳамешагии худ – ба намояндаҳои горди туркӣ муроҷиат карданд.

Шавқу ҳавас ва саргармӣ ба ҷараёни шиа боис гардид, ки амир маҷбуран аз тоҷу тахт бо фоидаи писараш Нӯҳ даст кашид.

Нӯҳ эълон кард, ки то замони ҳамла ба мулки туркҳои кофир аввал дар дохили мамлакат аз кофирон халос шудан лозим аст; ҳамаи молу мулк, аз хазинаи амири ба бидъат олудашуда сар карда, бояд ба дасти муъминони ботақво гузарад. Лату кӯби бидъаткорон дар саросари Мовароуннаҳру Хуросон оғоз гардида, Нахшабӣ ва пайравони ӯро дар навбати аввал дастгир карданд; ҳамаи чораҳо дида шуд, ки дар ин ҳолат (аз рӯи адовати шахсӣ) дар қатори бидъаткорон мусулмонони ҳақиқӣ кушта нашаванд. Аз он давра сар карда, ҷараёни шиа дар Мовароуннаҳр танҳо пинҳонӣ, чун ҷараёни махфӣ вуҷуд дошт.

Пурзӯр шудани иқтидори туркҳо ба давраи ҳукмронии Сомониҳо рост меояд. Туркҳо, ки онҳоро муғулҳо танг карда буданд, тамоми заминҳои гирду атрофи Мовароуннаҳрро чун ҳалқаи мустаҳкам печонда

гирифта буданд. Омезишёбии туркҳо ва мовароуннаҳриҳо ривоҷ ёфт. Тоҷирон ва таблиғотчиён ба дашту биёбонҳо, ба назди туркҳо мерафтанд, дар баробари рушди тиҷорат ҳамзамон дини ислом низ дар байни қабоили биёбонгард ҷорӣ шудан гирифт. Баъзе сарлашкарон аз ҳисоби ғуломони турк дар дарбори Сомониҳо дар ин давра обрӯ ва нуфузи калон пайдо карданд. Як қисм оғуз (туркман)-ҳо, ки бо сабабҳои номаълум сарзамини худро тарк намуда буданд, бо розигии ҳукумат дар Мовароуннаҳр он заминҳоеро, ки барои чорводорӣ мувофиқ буданд, ишғол намуданд ва дар навбати худ нигоҳдории сарҳадҳоро аз ҳар гуна ҳуҷумҳои берунӣ ба ӯҳда гирифтанд. Қисми дигари туркманҳо бо сардории Салҷуқ аз ҳамқабилаҳои худ дар поёноби Сирдарё ҷудо шуданд; Салҷуқ дини исломро қабул намуда, волиро, ки бо ворисони ӯ дар ҳолати шадиди душманӣ қарор дошт, аз мансаб озод кард; Сомониҳо салҷуқиёнро хуб қабул намуда, онҳоро дар гирду атрофи Нур (ҳоло Нур-ато, дар шимолу шарқии Бухоро) ҷойгир намуданд.

Дар асри IX илокҳои қарлуқ Хутану Қошғарро ишғол карда, ба тамоми хоки Мовароуннаҳр таҳдид намуданд ва саранҷом, соли 999 илок Наср қарор дод, ки боқимондаи ҳукумати Сомониёнро дар Мовароуннаҳр барҳам занад.

Аз нақли шоҳидони воқеаҳои он замон маълум мегардад, ки Сомониён қарор доданд ба душман муқобилияти сахт нишон диҳанд; бо фармони ҳукумат хатибони масҷидҳои Бухоро халқро барои ҳимояи сулолаи шоҳони худ моил кунонданд. Дар он давра бухороиён чун тамоми мардуми Мовароуннаҳр ҳанӯз ҳам бо худ яроқ доштанд; агар ба Сомониҳо муяссар мегардид, ки мардумро ба тарафдории худ ба по хезонанд ва ҳаракати оммавии мардумро ташкил кунанд, он гоҳ ин ба қарахониҳо мушкилоти зиёд ворид мекард, ҳарчанд, ки барҳам хӯрдани сулоларо пешгирӣ кардан багумон буд. Таблиғоти хатибон, бояд гуфт, ки ба мардум ягон таъсире нарасонд. Сомониҳо, ҳатто худи Исмоил ҳам ягон вақт кӯшише накарда буданд, ки боварии халқро ба даст оранд ва онҳоро такягоҳи ҳокимияти худ қарор диҳанд; таъқиботи ҳаракати шиаҳо, ки он бегумон, ҷанбаҳои миллӣ ва озодихоҳӣ дошт, гувоҳи ин гуфтаҳост. Мо медонем, ки таълимоти шиамазҳабон дар солҳои охири ҳукмронии Сомониён низ дар Мовароуннаҳр пайравон ва муътақидони махфии зиёде дошт, бояд гуфт, ки падар ва бародари Абӯалӣ ибни Сино низ дар он шумор буданд. Таваҷҷуҳи рӯҳониёни суннимазҳаб, новобаста ба ҳама ғамхориҳои Сомониён нисбат ба дину оин ва намояндагони он – ба тарафи ин сулола не, балки ба ҷониби душманони онҳо буд. Аҳолӣ, ки онҳоро таблиғоти хатибон мутмаин нагардонда буд, ба фақеҳон, яъне ба намояндагони рӯҳониёни ғайрирасмии нуфузашон дар байни аҳолӣ нисбат ба хатибону имомҳои расмӣ

баландтар, рӯ овարданд. Чуноне дар ин гуна ҳолатҳо рӯй медиҳад, кӯчиҳои хурофотпараст, ки исломро нисбатан нав қабул карда буданд, қонуну қоидаҳои динро хеле ҷиддитар риоя мекарданд ва ба ходимони дин – муллоҳо нисбат ба ҳокимони соҳибтамаддун зиёдтар боварӣ доштанд. Аҳолӣ ба маслиҳати пирони худ амал карда, қарор дод, ки: «вақте мубориза ба хотири ҳаёти моддӣ меравад», лозим нест, ки «мусулмонон худро ба куштан диҳанд».

Илок эълом дошт, ки ба Бухоро меравад; аҳолӣ ишғолгаронро тамоман бемуқобилият пешвоз гирифт; сарони қувваҳои ҳарбии бухорой – Бектузун ва Энал-тегин ихтиёран ба қароргоҳи ишғолгарон гузашта, дар он ҷо дастгир шуданд. Рӯзи душанбеи 23 октябри соли 998 Илок бе ягон муқобилият Бухороро ишғол карда, хазинаи Сомониҳоро соҳиб шуд. Абдулмалик ва дигар аъзои хонадони Сомониҳо ба Ӯзгенд (Фарғона) фиристода шуданд; Илок низ дар Самарқанду Бухоро волиёни худро таъйин намуда, ба Фарғона баргашт; ҳамин тариқ, дар натиҷаи бетарафии умум ҳукмронии сулолаи машҳури Сомониён анҷом пазируфт. Ба гумон аст, ки дар он давра касе ба моҳияти таърихии ин воқеа – барҳам хӯрдани ҳукмронии охирин сулолаи ориёиҳои маҳаллӣ сарфаҳм рафта тавониста бошад.

Мовароуннаҳрро ишғол кардани қарахониҳо аз ягон ҷиҳат манфиатовар набуд: сохти давлатдорӣ дигар шуд, заминдорӣ ва ҳунармандӣ рӯ ба завол овард.

Хонҳо ҳаёти кӯчии худро идома медоданд, Шамсулмулк танҳо дар атрофи Бухоро як зимистонро бо лашкари худ сипарӣ намуд; дар ин муддат ӯ ба таври қатъӣ назорат кард, ки сарбозон аз хаймаҳои худ берун нараванд ва сокинонро танг насозанд; баъди фурӯ рафтани офтоб ягон сипоҳӣ ҳуқуқ надошт, ки дар ҳудуди шаҳр монад. Ба тарзи ҳаёти кӯчии худ нигоҳ накарда, қарахониҳо ҳамон вазифаи ҳокимону давлатдоронро, ки дар «зиннат додани шаҳрҳо бо биноҳои баланду зебо, сохтмони работҳо дар роҳ ва дигар созандагиҳо» ифода меёфт, риоя мекарданд.

Андешаи форсҳо дар бобати ҳокими мутлақ будани шоҳ дар давлатдорӣ барои кӯчиҳо бегона буд, зеро аз нигоҳи онҳо шоҳигарӣ моликияти тамоми авлоди хонҳо маҳсуб мешуд. Моликияти хусусӣ ва ҳамрадифи доимии он – ҷангҳои байнихудӣ дар давлати қарахониҳо хеле инкишоф ёфта буд. Ба ҳамин андоза ба аҳолӣ зараровар будани шакли иқтаъ, яъне тақсими замин ва ё ҷудо кардани ҳиссаи замин ба сардорон ва кормандони ҳарбӣ ба ивази моҳона эҳсос мешуд. Дар қисмати шарқии олами ислом ин шакли ҳавасмандгардонӣ танҳо баъди он ки ин ҷойҳоро туркҳо ишғол карданд, васеъ ҷорӣ гардид. Бахшидани заминҳо ё иқтаъ – як намуд амали оддӣ шуда буд, вале ин ҳодиса бо-

иси эҳёи сохти крепостной (нимғуломдорӣ) нашуд; Низомулмулк ба соҳибони иқтаъ хотиррасон мекард, ки ба онҳо аз сокинон танҳо гирифтани як миқдор пули муайян иҷозат аст, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ ҳуқуқӣ надоранд ба шахсият, молу мулк, зану фарзанди аҳолӣ соҳиб шаванд.

Аз бенизомие ки дар натиҷаи ҷорӣ гардидани иқтаъ ва мулки хусусӣ ба амал омада буд, дар навбати аввал синфи заминдор – деҳқонон зарар медид. Ғолибан мумкин аст, ки дар солҳои аввали ба сари ҳокимият омадани сулолаи нав мавқеи деҳқонон (заминдорони калон) баланд гардидааст, ки инро аз пайдо шудани далели сикка задани тангаҳо аз ҷониби деҳқонони илоқӣ мушоҳида мекунем. Аммо дар навиштаҳо ва нақлҳо дар бораи ҳуҷуми муғулҳо дар хусуси нақшу моҳияти ин синф дар Мовароуннаҳр ягон маълумоте нест, вале дар Хуросон ба мисли пешин аз заминдороне, ки дар кӯшкҳои авлодӣ зиндагӣ мекарданд, ёддоварӣ мешавад; аз рӯи одати худ, агар муғулҳо аҳолии деҳотро барои корҳои муҳосира ҷамъ оварданӣ мешуданд, дар ин бора ба заминдорони калон фармон мефиристоданд. Сукут ё таназзули синфи заминдорони калон дар Мовароуннаҳр, эҳтимол ба сабаби беқурб шудани нархи заминҳои хусусӣ ба амал омадааст, ки дар ин бора мутарҷими Наршахӣ низ хотиррасон мекунад; дар замони ӯ як ҷуфтворро (замине, ки дар як рӯз ҷуфт карда мешавад, - тарҷумон), ки дар давраи Сомониҳо 4000 дирҳам фурӯхта мешуд, ҳеҷ кас ҳатто муфт ҳам намегирифт; агар харидор ҳам ёфт мешуд, замин «аз сабаби ҷабри ҳокимон ва бераҳмона муносибат кардан ба табаа» кишту кор намешуд.

Дар давраи ҳукмронии Маликхон тамоми Осиёи мусулмонӣ ба як шоҳ итоат мекард; аммо дар ин замон ба сарҳадҳои шарқии мусулмонон мардуме ворид шуданд, ки нахустин бор мусулмонони Мовароуннаҳрро водор сохтанд ҳукумати ғайридинҳо (кофирон)-ро қабул кунад.

Қабилаи Қара-кидини турк, ки дар Муғулистон умр ба сар мебурданд, ҳавзаи Таримро забт намуданд. Дар чоряки дуюми асри XII ҳоким (князь)-и киданӣ Елюй-Дашт, ки аз Кидани Хитои шимолӣ (он вақтҳо онро чурчженҳо ишғол карда буданд), гурехта аз касони мисли худаш гурезаҳои киданӣ ва қабилаҳои гуногуни турк лашкар тартиб дода, ба он уйғурҳои шарқии Тёншонро ҳамроҳ намуд. Ин уйғурҳо ҳаёти муқимӣ дошта, соли 1028 заминҳои наздитёншонии худро аз даст дода буданд. Бо лашкари дар натиҷаи муваффақиятҳои пайдарҳам ва ғаниматҳои ҷангӣ пурқувватгаштаи худ Елюй соли 1137 лашкари Маҳмудхонро дар назди Хуҷанд торумор намуда, дашти Тёншони ғарбӣ ва Мовароуннаҳрро ишғол намуд.

Дар ин давра Мовароуннаҳр замони вазнини ҷангҳои байнихудиро аз сар мегузаронд. Хоразмшоҳ кӯшиш мекард, ки дар ҳамаи ин давлатҳо ҳукмронии худро ҷорӣ кунад ва ӯ барои ин аз ёрии қарахи-

тоиҳо истифода мебурд, худи вай тобеи қарахитоиҳо буд. Хоразмшоҳ, ки наметавонист ё намехост минбаъд зердастии қарахитоиҳои кофирро таҳаммул кунад, барои нигоҳдории нуфузи худ бояд сарварии ҳаракати озодихоҳии мусулмононро ба ӯҳда мегирифт (Барои ин ба вай шароити мувофиқ фароҳам омада буд, зеро дар ин вақт – дар аввали асри XIII – яке аз воқеаҳои бузурге дар таърихи ҳаракати мусулмонӣ ба амал омад, ки он Туркистони Шарқӣ, Ҳафтрӯд, кишварҳои Қулҷин ва Мовароуннаҳрро фаро гирифт).

Давлати қарахитоиҳо, ки марказаш дар водии дарёи Чу воқеъ гардида, пойтахташ шаҳри Баласоғун буд, то соли 1211, то он даме, ки охирин хони Қара-Кидан – Гурхон аз тарафи домоди худаш, хони найман – Кучлукхон асир гирифта шуд, пойдор буд. Кучлукхони аз ҷониби муғулҳо аз заминҳояш маҳрумгардондашуда дар назди Киданҳо чун гуреза мезист. Кучлукхон ба Туркистон бо мақсади истилои он ҳуҷум наовард, балки се ё чор сол (яъне солҳои 1211-1214) ба ин мамлакат дар вақти ғалладарав зада даромада, онро ба харобазор табдил дод. Дар худи ҳамин давра Хоразмшоҳ Муҳаммад ҳам ба ин вилоят гурӯҳи сарбозони худро фиристод. Тохтутози Кучлук ба мақсади аслии ӯ мувофиқ омад; дар мамлакат гуруснагӣ сар зад, ки он аҳолиро маҷбур намуд ба Кучлук сари итоат хам кунад. Гумон меравад, ки рафтори хоразмиҳо дар дигар ҷойҳои мамлакат ва якҷоя шуда омадани лашкари Кучулук бо Муҳаммад аҳолиро ба тобеият водор намуда буд. Хоразмшоҳ он таъқибу даҳшатҳоеро, ки Кучулук дар ҳаққи мусулмонон баъди ғалаба дар Туркистони шарқӣ раво дид, қариб пешгирӣ накард. Муҳаммад на танҳо ба ҳамдинони қошғарӣ ва хутании худ ёрие нарасонд, балки аз ҳуҷуми Кучлук шимоли Мовароуннаҳрро низ муҳофизат карда натавонист. Чунон ки Ибн ал-Асир маълумот медиҳад, султон (Хоразмшоҳ) тобистони соли 1218-ро аз тарси ҳуҷуми Кучлук ба Мовароуннаҳр дар Самарқанд гузаронд; дар охир ба аҳолии Исфиҷоб, Шош, Фарғона ва Косон амр дода шуд, ки ба қисмати ҷануби ғарбӣ кӯч бананд, ин вилоятҳо вайрону валангор ва харобазор карда шуданд, то ки ба дасти Кучлук наафтанд. Маълумоти Ибн ал-Асир нисбат ба Исфиҷоб ва Шош аз тарафи Ёқут тасдиқ мегардад, ки ӯ низ сабаби ин иқдомро нишон додаст: Хоразмшоҳ ин вилоятҳоро барои он хароб кард, ки қудрати онҳоро ҳифз кардану соҳибӣ кардан надошт.

Умуман, пеш аз тохтутози муғулҳо пояҳои ҳукумат дар мулкҳои Хоразмшоҳ хеле ноустувор шуда буд. Муҳаммад Хоразмшоҳ, ки ба сарбозони хосаи худ ниёзу эътимоди калон дошт, тамоми саъйу кӯшиши худро ба он равона мекард, ки бо ин сарбозон дар ҳоли созиш ва сулҳу салоҳ муносибат дошта бошад. Лашкари зархарид ягона қувваи асосии ҳарбии Хоразмшоҳиён маҳсуб мешуд; ба оммаи халқ дар асри

XII нисбат ба даврони пешин бештар чун ба қувваи кории зарурӣ муносибат мекарданд, ки онро дар итоати пурра нигоҳ доштан лозим буд. Ал-котиб-ас-Самарқандӣ аз забони султон Санҷар чунин лутферо баён мекунад: пурзӯронро аз озори нотавонон ҳифз кардан бештар зарурат дорад, аз он ки камқувватонро аз ранҷонидану зулму истибдоди зӯроварон; таҳқири камқувватон аз ҷониби пурзӯрон – ин танҳо беадолатист, аммо таҳқири зӯрон аз тарафи беқувватон ҳам беадолатӣ аст ва ҳам шармандагӣ. Агар оммаи мардум аз итоат бароянд, он вақт бенизомии пурра ба вуҷуд меояд; «одамони ноҷинс кори бузургонро ба ҷо меоранд, вале бузургон наметавонанд корҳои хурдро ба сомон бирасонанд», яъне халқи оддӣ мехоҳад ба мисли одамони доро зиндагӣ кунад, он вақт ҳеҷ касе ёфт намешавад корҳоеро ба ҷо оварад, ки иҷрои онҳо ба ӯҳдаи одамони оддӣ аст. Дар бораи синфи ҳунармандон ва заминдорон мо боз як мулоҳизаи характернокеро аз ҳуҷҷатҳои расмии даврони Санҷар пайдо мекунем: «Онҳо забони шоҳонро намедонанд, барои онҳо фаҳмиши мусолиҳа бо ҳукуматдорон (давлатмардон) ё ғазаб ва балво бар зидди шоҳон бегона аст; ҳамаи амалу кори онҳо танҳо барои як мақсад аст – ба даст овардани воситаҳои зиндагӣ ва таъмини зану фарзандон; маълум аст, ки дар ин ҳол онҳоро барои истифода аз оромию бепарвоии доимӣ таъна кардан ҳам зарурат надорад».

Ҳамин тариқ, лашкари зархарид ягона такягоҳи тоҷу тахт маҳсуб мешуд ва шоҳ маҳз барои манфиати худ бояд ба ин лашкар нисбат ба дигар табақаҳои иҷтимоӣ бештар бартарӣ медод.

Шакли танхоҳи ҳарбӣ, ки дар даврони ҳукмронии Салҷуқиён васеъ паҳн шуда буд, идома дошт.

Хулоса, сохти давлатдории шарқӣ, ки Аббосиҳо ташкил карда, минбаъд аз тарафи Тоҳириҳо ва Сомониҳо инкишоф дода шуда буд, тамоман аз байн рафт. Халқе, ки онро Муҳаммад (с) аз зулми кофирон озод карда буд, ба муқобили озодкунандаҳои худ баромад ва дар хуни худ ғарқ карда шуд.

Натиҷаи мубориза миёни чунин давлати парокандаю нотифоқ ва қувваи тозаи кӯчиҳои биёбонгард, ки онҳоро яке аз шахсиятҳои барҷаста, ташкилотчии фавқулоддаи ҳамаи давру замонҳо муттаҳиду сарҷамъ намуда буд, маълум аст.

Таркиби этникии аҳолии Мовароуннаҳр пеш аз ҳуҷуми муғулон хеле тағйир ёфта буд. Дар шаҳрҳо туркон ҳиссаи калони синфҳоро ташкил медоданд. Дар бораи гуногунии баромади этникии аҳолӣ мо танҳо ба таври тахминӣ аз рӯи ҳайати лашкар муҳокима ронда метавонем. Ба мудофиаи Самарқанд – шаҳри асосии Мовароуннаҳр Хоразмшоҳ аҳамияти махсус медод; табиӣ аст, ки дар ин ҷо қисмҳои бузурги ҳарбӣ нисбат ба дигар ҷойҳо бештар ҷамъ оварда шуда буд. Аз

рӯи маълумоти Ҷувайнӣ дар Самарқанд то 110,000 лашкар буд, ки аз онҳо 60,000-ашон туркҳо ва 50,000-ашон тоҷикон буданд. Аз рӯи маълумоти Нисоӣ лашкар танҳо аз 40,000 сарбоз, аз рӯи ахбороти Ибнал Асир – 50,000 нафар, аз рӯи хабари Ҷузҷонӣ – 60,000 нафар буданд, ки дар байни онҳо туркҳо, тоҷикон, ғуриҳо, халиҷиҳо ва қарлуқҳо буданд. Идриси араб дар шумули кӯчиҳо, ки дар гирду атрофи Фарғона буданд, ҳамчунин, қипчоқҳо ва булғорҳоро* номбар мекунад. Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки аҳолии муқимии Мовароуннаҳр пеш аз ҳуҷуми муғулҳо хеле турк* шуда буд.

Ҳуҷуми муғулҳо ба Мовароуннаҳр на танҳо ба бад шудани иқтисодиёту дараҷаи зисту зиндагонии аҳолӣ, балки ба дигаргун шудани ҳайати этникии мардуми муқимӣ оварда расонд. Муҳосираи шаҳри Самарқанд ба моҳи сентябри соли 1219 рост омад.

Бешубҳа, муғулҳои Чингизхон ҳатто, нисбат ба ҳамқабилаҳои худ қароитҳо ва найманҳо дар дараҷаи хеле пасттарини фарҳанг мавқеъ доштанд; аз ин рӯ, баъди муттаҳид шудани Муғулистон, пеш аз тасхири вилоятҳои фарҳангӣ лозим омад, ки аз халқҳои мутеъшуда бисёр омӯзанд. Нахустин намояндагони фарҳанг дар дарбори Чингизхон тоҷирони мусулмон буданд. Коргузории хаттӣ дар давлати Чингизхон баъди мутеъ кардани найманҳо (соли 1206) ба вуҷуд омад; уйғур Тоша-тун – нигоҳдори муҳри хони найманҳо, ҳамон мансаби муҳрдориро дар дарбори Чингизхон ба ҷо меовард; ғайр аз ин, ба ӯ супурда шуд, ки ба бачаҳои хон хату саводи уйғуриро ёд диҳад. Ҳамин тариқ, аввалин омӯзгорони муғулҳо ва нахустин мансабдорони империяи муғулҳо уйғурҳо буданд; минбаъд мансабдорони уйғур якҷоя бо ҷаҳонгирони муғул ба мамлакатҳои фарҳангӣ омаданд ва чуноне дар Чин буд, дар мамлакатҳои мусулмонӣ бо халқҳои маҳаллӣ, ки аз онҳо хеле соҳиб-маълумоттар буданд, бомуваффақият ба рақобат тоб оварданд.

Нахустин шаҳре, ки ба ҳуҷуми муғулҳо дучор шуд, шаҳри Нур буд. Шаҳр ишғол карда шуд; бо талаби Субудай (сарлашкари муғул) сокинон бо худ танҳо барои зинда мондан захираи хеле ками хӯроквbooрӣ, олоти деҳқонӣ ва чорвои худро гирифта, шаҳрро тарк намуданд; баъди ин хонаҳо аз тарафи муғулҳо ғорат карда шуд. Дар моҳи феврали соли 1220 ӯ ба назди Бухоро расид; шаҳр истило карда шуд. Сокинон бояд ба муғулҳо ҳамаи захираи хӯроквориеро, ки барои лашкари султон (Хоразмшоҳ) омода карда буданд, пешкаш мекарданд; баъди ишғоли шаҳр ҳамаи муҳофизони он ба қатл расонда шуд. Дар охир, сокинони зиндамонда танҳо бо либосҳои дар бар дошта, бояд шаҳрро тарк мекарданд; муғулҳо ҳамаи боигарӣ ва дороии онҳоро ба яғмо burданд. Баъди таллаву тороҷ шаҳр оташ зада шуд; танҳо масҷиди ҷомеъ, баъзе қалъаҳо, ки аз хишти пухта сохта шуда буданд, боқӣ монданду халос.

Дар роҳи Бухоро ба сӯйи Самарқанд муғулҳо ҳамроҳи худ тӯдаи калони асиронро мебурданд. Аз рӯи маълумоти то ба мо расидаи Ибн-ал-Асир тақдири ин асирон бисёр вазнин буд; онҳо 90 бояд пиёда аз қафои лашкари савораи муғул мерафтанд; касе, ки қафо мемонд ё аз рафтан саркашӣ мекард, фавран кушта мешуд. Ғайр аз асирони шаҳрӣ дар ин тӯда, бегумон, сокинони деҳот низ буданд; дар ҳамаи он мамолике, ки муғулон амалиёти ҳарбӣ мебурданд, барои корҳои заминкобӣ ва муҳосиравӣ аз деҳаҳои гирду атроф барзгарон (кишоварзон)-ро пешандоз карда меоварданд.

Дар моҳи март муғулҳо ба назди Самарқанд омаданд. Туркҳое, ки дар лашкари Султон (Хоразмшоҳ) хизмат мекарданд, ба муғулҳо арзи таслимшавӣ намуданд, муғулҳо дар аввал розӣ шуданд. Шаҳр таслим шуд, вале арк бо ҳуҷум гирифта шуда, муҳофизони он ба қатл расонда шуданд. Ҷанговарони лашкари Султон, ки дар аввал хизмати муғулҳоро пазируфта буданд, акнун дар як дашти ҳамвор аз тарафи муғулҳо иҳота карда шуда, бо ҳамроҳии сарлашкарони худ ба ҳалокат расонда шуданд. Он чӣ ки ба аҳолии боқимонда дахл дорад, ҳамин буд, ки аз байни онҳо 30 000 ҳунармандон ба фарзандон ва хешу табори Чингизхон ба асирӣ ва ғуломӣ дода шуданд; тахминан ҳамин қадар одамон барои корҳои муҳосира ронда оварда шуданд; ба боқимонда ба шарти супоридани 200 000 динор барои баргаштан ба шаҳр иҷозат дода шуд. Баъди ин боз чанд маротибаи дигар одамон аз шаҳр бароварда шуданд, ки дар натиҷа шаҳр (Самарқанд) қариб беодам монд. Навбат ба Банокат (дар назди резишгоҳи Ангрен) расид.

Муғулҳо муҳофизон (гарнизон)-и шаҳрро шикаст дода, аз сокинон ҳамаи ҳунармандон ва гурӯҳи ҷавононро барои корҳои муҳосира бо худ бурданд. Аз Банокат дастаи муғулҳо ба Хуҷанд рӯ оварданд. Муҳосираи Хуҷанд яке аз саҳифаҳои дурахшони воқеаҳои таърихии ин давра ба ҳисоб меравад. Ҳокими Хуҷанд – Темурмалик худи шаҳрро муҳофизат карда наметавонист, аз ин рӯ, вай бо 1000 ҷанговар дар яке аз ҷазираҳои Сирдарё мавқеъ гирифт; яқинан ин ҳамон ҷазираест, ки як фарсах поёнтар аз Хуҷанд ҷо гирифтааст. Дар ниҳояти кор Темурмалик маҷбур шуд ҷазираи худро тарк кунад; шояд, захираи хӯрокворӣ ва яроқ ба охир расид. Шабона Темурмалик дастаи худро ба киштиҳо шинонда, дар равшании машъалҳо ба рафти ҷараёни дарё ба поён шино намуд. Дар Ҷанд оқибат ҳамаи киштиҳо ва сарбозони худро аз даст дод ва тани танҳо ба Хоразм омад.

Доир ба кирдори муғулҳо аз нақли ишғоли Хоразм маълумот гирифтан мумкин аст. Баъди шаҳрро ишғол кардан сокинон ба майдон ронда шуданд; эълон карда шуд, ки ҳунармандон ҷудо истанд; баъзеҳо ин супоришро иҷро карданд, дигарҳо бо гумони он ки муғулҳо чун дар

дигар шаҳрҳо ҳунармандонро бо худ мебаранд ва боқимондаҳоро барои мондан дар шаҳр иҷозат медиҳанд, донишу ҳунари худро пинҳон доштанд. Аз рӯи маълумоти Ҷувайнӣ ҳунармандон аз 100 000 зиёд буданд, ки онҳоро муғулҳо ба «мамлакатҳои шарқ» бурданд ва онҳо дар он ҷойҳо минтақаҳои калони аҳолинишинро ташкил карданд. Бачаҳои хурд ва занҳои ҷавонро ба асорат бурданд; аҳолии боқимондаро зада куштанд, дар ин куштор ба ҳар муғул 24 мақтул рост меомад. Дар боло дар бораи беодам мондани деҳаҳо ва беарзиш шудани қимати замин дар давраи ҷангҳои байнихудӣ дар Мовароуннаҳр, ҳанӯз пеш аз ҳуҷуми муғулҳо гуфта будем. Дар вақти ҳуҷуми муғулҳо бошад, қариб ҳамаи шаҳрҳо вайрону валангор шуда, ҳунармандӣ барҳам хӯрд ва якҷоя бо шаҳрҳо оммаи васеи аҳолии муқимии Мовароуннаҳр нест карда шуд.

Заминҳои ҳарду ҷониби Тяншон ва Мовароуннаҳр мулки хусусии писари дуюми Чингизхон – Чағатой маҳсуб мешуданд.

Бояд фаромӯш накунем, ки муғулҳо мардуми саҳронишин буданд. Баъди ишғоли Мовароуннаҳр онҳо дар заминҳои забткардаи худ, хусусан, дар доманакӯҳҳо, ки марғзору чарогоҳҳои сералаф дошта, дар он ҷойҳо ҷӯю чашмасорони бисёр ҷорӣ мегардид, ҳаёти кӯчманчигӣ ба сар мебурданд. Чун имрӯз ин бодиянишинон баъди худ дарахту буттаҳои несту харобшуда, заминҳои лучу урёнро боқӣ мегузоштанд, ки чунин ҳол ба он оварда расонд, ки талу теппа ва доманакӯҳҳои урён дигар ба борону барфҳои баҳорӣ муқобилият карда наметавонистанд. Ин ҳолат ба кам шудани майдони чарогоҳҳо, ифлосу хушк шудани чашмаҳо боис гардид. Ҳамин тавр, оҳиста-оҳиста табиати маҳал дигар шуд.

Ҳамсояҳои наздиктарини Мовароуннаҳр дар ин давра вобаста ба баромади этникиашон инҳо буданд: аз дарёи Талас то Сирдарёро канглҳо (ҳоло авлоди Урдуи Бузург) ва қарлуғҳо; ғарби Тяншонро қирғизҳо ва қара-қирғизҳо ҳамчун аҳолии маҳаллӣ ишғол карданд.

Дар охири январи соли 1223, аллакай дар қисмати соҳили рости Сирдарё қароргоҳи хон ҷой гирифта буд; муғулҳо харобкориҳои худро ба анҷом расонда, ба ин ҷо бармегаштанд. Ҳукмронии онҳоро дар Мовароуннаҳр акнун ҳеҷ кас инкор карда наметавонист.

Ҳарчанд Чағатой аз лашкари падараш – Чингизхон шумораи ками ҳанӯз ба муғулҳо омехтанашудаи туркҳоро бо худ гирифта буд, боз ҳам лашкари ӯ қариб пурра аз қабилаҳои турк иборат буд, ба ҳар ҳол, ҳукмронии чағатоиҳо то он вақте мустаҳкаму барқарор буд, ки даҳшати истилогарони муғул аз дили онҳо берун шуд ва туркҳо, ки мувофиқи урфу одати авлодӣ ҳаёти кӯчманчигии худро идома медоданд, қудратмандии худро эҳсос карданд, зеро одатан он чингизие дар мубориза барои сарварӣ ғалаба ба даст меовард, ки қабилаҳои пурқуввати туркро ба тарафи худ кашида тавониста бошад.

Дарки қудратмандии худ дар дар роҳи расидан ба мустақилият боиси он гардид, ки туркҳо ҳақиқати дигареро ҳам фаҳманд: яъне истиқлолиятхоҳии онҳо хоҳ-нохоҳ ба тақсим кардани улуси Чағатой оварда мерасонад. Аллакай, дар нимаи дуюми асри XIV чағатоиҳо Мовароуннаҳрро аз даст доданд, зеро дар натиҷаи ба ҳам овардану муттаҳид кардани туркҳои маҳаллӣ Мовароуннаҳр ба дасти Темур ва авлоди ӯ гузашт.

Чунон ки маълум аст, Темурланг бошишгоҳи доимии худ Самарқандро интихоб намуд. Темур аз қабилаи туркшудаи муғулии барлос буд. Дар давраи хурдсолии ӯ ҳокимияти чағатоиҳо таназзул ёфт. Дар Мовароуннаҳр аз соли 1346 ҳокимият ба амирони турк ва хонҳои интихобнамудаи онҳо тааллуқ дошт. Ҳукмронии хонҳо, албатта, танҳо бо ном буд. Мовароуннаҳр давраи аз ҳама ноороми худро аз сар мегузаронд; махсусан зиндагии аҳолии муқимӣ вазнин буд. 10 апрели соли 1370 Темур аз ҳама сарлашкарони Мовароуннаҳр савганди вафодорӣ қабул намуд. Ӯ солҳои аввали ҳукмронии худро ба барқарор кардани тартибу низом дар мамлакат ва бехатарии сарҳадҳои он сипарӣ намуд. Дар Самарқанд биноҳои зебо қомат афрохт. Темур бештар барои гулгулшукуфӣ ва ободии Мовароуннаҳр, зиннату ороиши пойтахти кишвар – шаҳри Самарқанд, ки ба ин ҷо аз мамолики гуногун намояндагони ҳама гуна намудҳои санъату ҳунар ва илму маърифат ҷамъ оварда шуда буд, ғамхорӣ зоҳир менамуд; танҳо солҳои охир барои ободу маъмур гардидани дигар вилоятҳои давлат, асосан минтақаҳои марзӣ чора медид. Дар бораи беҳтар ба роҳ мондани роҳбарӣ ба мардум ҳам диққат дода мешуд, ки дар ин бора муҷозоти ҳокимон ва ба ҷавобгарӣ кашида шудани гунаҳгорон дар Самарқанд, Ҳирот, Шероз, Табрез гувоҳӣ медиҳад. Темур ба рӯҳониёну сӯфиён зоҳиран ҳам бошад, эҳтиром мегузошт, рӯҳониён низ ба корҳои амлокӣ дахолат намекарданд, ба паҳн шудани бидъат роҳ намедод (ба фалсафа ва мантиқ машғул шуданро манъ карда буд), дар бораи он ки тобеон ва тамоми аҳолӣ талаботи қонуну қоидаҳои дину шариатро пурра риоя намоянд, назорати қатъӣ ҷорӣ карда буд, аммо худашро шахсан аз кайфу сафое, ки дин ҳаром медонисту манъ карда буд, нигоҳ намедошт ва танҳо пеш аз марг супориш дод, ки асбоби айшу нӯши ӯро, ки дар базмҳо истифода мекард, шикананд. Тартиби роҳбарии ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ дар даврони ҳукмронии Темур аз рӯи низом ва қонунҳои Чингизхон ба роҳ монда шуда буд; дар натиҷа рӯҳониёну муъминони эътиқодманди бонуфуз аз эътироф кардани Темур ҳамчун мусулмони комил (албатта, баъди маргаш) даст кашиданд, зеро ӯ қонунҳои Чингизхонро аз риояи қонуну қоидаҳои шариат боло мегузошт.

Аз марги Темур чанде нагузашта қабилаҳои гуногун ҳудудҳои пештар аздастдодаи худро дубора соҳиб шуданд. Давлати темуриҳо сусту заиф шуд, чунки мухолифони он хеле зиёд буданд; мамлакат ба чанд ҳудуд тақсим шуд. Дар он даврае, ки се писари Маҳмуд – яке аз охирин ҳукмронони темурии Мовароуннаҳр, байни ҳам барои боқимондаҳои империя меҷангиданд, қувваи наве ба майдон омад, ки бо ҳукуматҳои хурд дар Мовароуннаҳр хотима дода, баъди давраи бенизомию дарҳамбарҳамӣ аз нав давлати пуриқтидореро барқарор кард. Ин воқеа соли 1503 ба амал омад: темуриҳо аз тарафи ӯзбекҳо бо сарварии Шайбонихон аз сари ҳокимият ронда шуданд.

Номи ӯзбек дар аввал ба қабилаҳои қисмати шарқии улусҳои ҷучиҳо барои фарқ кардан аз чағатоиҳо дода шуда буд. Пеш аз Ӯзбекхон, ки солҳои 1312-1342 ҳукмронӣ кардааст, ин ном вонамехӯрад, аз ин ҷо ҳадс задан мумкин аст, ки ӯзбекҳо оғози худро аз номи ҳамин ҳоким гирифтаанд. Ӯ сӣ сол давр ронда буду тобеонашро аз рӯи одат «ӯзбекиҳо» ном мебурданд; барои тафовут аз кӯчиҳои дигари мусулмон ба онҳо ҳамин ном – ӯзбек дода шуд. Дар нимаи дуюми асри XV, боқимондаи қабилаҳои турк, ки номи худсару озод, яъне қазоқро* гирифта, ба Абулхайрхон ва авлоди ӯ содиқ монда буданд, қисман номи ӯзбекро нигоҳ доштанд. Пайравони шайбониҳо, ки гирду атрофи улуси Ҷучиро тоза намуда, ҳамроҳи тарафдорони Шайбонихон ва ворисони ӯ ба Мовароуннаҳр гузаштанд, низ ин номро нигоҳ доштанд. Ӯзбекҳои Мовароуннаҳр, чуноне ки маълум гардид, аз ҳамон қабилаҳои турк таркиб ёфтаанд, ки аксари онҳо ба ҳайати қирғиз-қазоқҳо дохил шудаанд, аммо ҳайати асосии ӯзбекҳо аз ҳамон боқимондаҳои муғулҳо ва қабилаҳои шимолу шарқии туркҳоанд, ки як қисми лашкари Ҷучиро ташкил медоданд, ки барои чингизиҳо чун табақаи хизматгор маҳсуб мешуданд. Гузашта аз ин, ба ҳайати ӯзбекҳо, дар Мовароуннаҳр бетаъхир туркҳои маҳаллӣ, ки дар аввалҳо хизмати темуриҳоро мекарданд ва баъдҳо ба шайбониҳои музаффар хизмат мекардагӣ шуданд, дохил гардиданд. Ин омезишёбӣ тӯли солҳо идома ёфта, гурӯҳи этникии навро ба вуҷуд овард.

Ӯзбекҳо дар Мовароуннаҳр, Фарғона ва Тошканд аҳолии сершумори туркҳои муқимӣ ё аҳолии туркшударо дарёфт карданд, ки дар натиҷаи муқимӣ шудани ӯзбекҳои кӯчӣ ва омехташавии онҳо бо сокинони маҳаллӣ шумораашон афзуд (Дар байни дастаҳои шайбонӣ намояндагони авлоду қабилаҳои маҷар, уйшун, татар, уйғур, қунғрот, салуркатак, дурман, ямалиқ, отаҷӣ, киот, найман ва ғайра вомехӯранд)[1].

---

[1] Аристов Н.А. Заметки об этническом составе тюркских племён и народностей и сведения об их численности. СПб., 1897. с. 147 ва 159.

Онҳо заминҳои байни дарёҳои дугоник (Аму ва Сир)-ро ишғол карда, монанди ҳама гузаштагони худ ба сӯйи болооб ҳаракат карда, нахуст Самарқанд ва дар охир Фарғонаро забт намуданд. Дар зарфи тамоми асри XVI дар Мовароуннаҳр шайбониҳо ҳукмронӣ карданд; онҳо дар Хоразм (Хева) хонигарии махсуси шайбониҳоро барқарор намуда, Хуросонро ба сафавиҳо вогузор карданд. Баъд Ҷониҳо ё сулолаи Аштархониҳо, ки ба шайбониҳо аз тарафи модарӣ хешӣ доштанд, дар ин вилояти торафт тангшудаистода дар асрҳои XVII – XVIII ҳукмронӣ карданд. Дар охир, хешовандони онҳо аз риштаи модарӣ-манғитҳо хонигарии Бухороро соҳиб шуданд, ки акнун масоҳати он аз ҳисоби ташкилёбии хонигарии Хуқанд ва бо сабаби ба вуҷуд омадани соҳибихтиёрӣ дар Тошканд, Уротеппа, Хуҷанд ва дигар ҷойҳо ва низ дар натиҷаи баланд гардидани мартабаи Дурониҳо дар Афғонистон хеле танг шуда буд. Соли 1758 баъди дар Ҷунгара ба таври даҳшатангез ба қатл расонидани қарлуқҳо Чин аз сари нав Фарғонаро то Тошканд ба даст даровард. Хитоиҳо дар ин ҷойҳо дуру дароз наистоданд ва баъди рафтани онҳо ҳукмронии авлоди шайбониҳо аз нав барқарор карда шуд, то он даме, ки Бухоро, Хева ва Хуқанд зери тасарруфи русҳо афтоданд.

Ӯзбекҳо ба Мовароуннаҳр омада, муддати дароз тарзи ҳаёти кӯчӣ ва чорводорӣ ба сар мебурданд; дар шаҳрҳо танҳо бекҳо мезистанд, ки онҳо ба вилоятҳои алоҳида ҳукмронӣ мекарданд, инчунин, мансабдорони калони ҳарбӣ ва дигар шахсиятҳои ба табақаҳои аҳолӣ сарвар дар ихтиёри бекҳо буданд. Боқимонда ҳама бо рамаҳои худ дар ҳар кунҷу канор рамабонӣ мекарданд, ҳар сари чанд вақт ҷойҳои молчаронии худро вобаста ба ҷангҳову задухӯрдҳо ва хусусан ҷангҳои байнихудӣ, иваз мекарданд.

Бо гузашти вақт алафу рустанӣ ва буттаҳои наздикӯҳӣ аз истифодаи зиёди кӯчманчиҳо ба нестӣ расида, ин қабати муҳофизатӣ вайрон гардид ва чарогоҳҳо кам шудан гирифтанд. Аҳолӣ дар натиҷаи афзоиши табиӣ ва ҳам баъди ба ин ҷойҳо омадани ӯзбекҳо, инчунин, тоҷикон аз Қаротегину Ҳисор хеле зиёд шуд.

Чарогоҳҳои харобу беалафмонда ахиран ӯзбекҳоро водор намуд ба заминдорӣ рӯ оваранд, зеро ин кор нисбатан осонтар ба назар мерасид. Дар он давра тамоми заминҳо, ба ғайр аз заминҳои танхоҳ (иқтаъ), ки ба деҳаҳои тоҷикнишин медаромаданд, ба ҷамоаҳои авлодии ӯзбекҳои истилогар тааллуқ доштанд. Ба фаъолияти заминдорӣ гузашта, як қисми ӯзбекҳо оҳиста-оҳиста аз кӯчманчигӣ ва нимкӯчманчигӣ ба зиндагии муқимӣ гузаштанд. Дар муҳити барои онҳо тамоман нави заминдорию боғдорӣ зиндагӣ карда, аз рӯи завқи табиӣ ӯзбекҳо мебоист ягон чизи мавҷудаи тайёрро аз худ мекарданд: ҳамин тавр ҳам шуд.

Онҳо тамоми урфу одату анъана ва таҷрибаи, агар ҳазорсолаҳо ҳам набошад, ба ҳар ҳол асрҳо аз сар гузарондаи тоҷики маҳаллиро қабул карданд; онҳо аз тоҷик на танҳо восита ва асбобу анҷоми коркарди замин, балки тарзи сохтани хона, ашёҳои рӯзгор ва маснуоти гуногунро якҷоя бо тарзи истифодаи васоити истеҳсолӣ омӯхтанд.

Ҳамин тариқ, ҳамаи воситаҳои рӯзгузарониро дар намуди тайёраш аз худ намуда, дар айни ҳол ӯзбек дар пеши тоҷике, ки мутеъ карда буд, чун шогирди гапдаро шуда буд. Дар ҳамин асос, ӯзбеки ба замин вобасташуда қарор наистод; аз тоҷик ин ё он асбобро, ки дар забони ӯ ҳатто унвони он мавҷуд набуд, чунки дар зиндагии кӯчии вай ин асбоб умуман вуҷуд надошт, ӯзбек ин асбобро чуноне, ки онро тоҷик номгузорӣ карда буд, яъне бо форсӣ-тоҷикӣ ном мебурдагӣ шуд. Бо ҳамин роҳ ба забони ӯзбекӣ як силсила калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ дохил шуданд. Дар баробари ин, дини нави мусулмонӣ бо адабиёти ғании худ на камтар, балки бештар истилоҳот ва мафҳумҳои арабиро ба миён овард; дар як вақт бо дигар шудани ҳаёти иҷтимоӣ ба забони ӯзбекӣ низ тағйироту дигаргунии зиёде ворид гардид[1].

Чунин аст нақши фарҳангии халқи муқимии ин сарзамин – тоҷикон.

### *МАЪНИИ КАЛИМАИ «ТОҶИК» ВА «ҒАЛЧА»*

Вожаи тоҷик аз исми форсии тоҷ, яъне афсар пайдо шуда, маънои «тоҷдор» «нишондор»-ро дорад. Шарҳи боз ҳам васеи ин калима ва таърихи пайдоиши онро дар асари Н.В. Хаников[2] пайдо карда метавонем.

Тоҷек ё тоҷик, – мегӯяд ҷаноби Хаников, – яъне тоҷдор, одаме, ки ба сараш тоҷ дорад. Вале худ аз худ маълум аст, ки – идома медиҳад ҷаноби Хаников, – ин ҷо сухан на дар бораи тоҷу афсари шоҳӣ, балки дар бораи он тоҷе меравад, ки дар таълимоти зардуштия аҳамияти зиёди ирфонӣ дорад, он тоҷе, ки бешубҳа, дар замонҳои пеш пайравону муътақидони ин динро аз бединону мушрикон (ҳатто аз пайравони дигар динҳо) фарқ мекунонд, мисли он ки масеҳиёнро то ҳол аз рӯи салиб, мусулмонҳоро аз салла фарқ мекунанд. «Аз ин ҳама, ба назари ман, – мегӯяд Хаников, – ба хулосае омадан мумкин аст, ки калимаи тоҷик, чун калимаи арабии салибӣ ё Бинни салиб, чун калимаи крестянини русӣ, яъне шахсе, ки салиб дорад, оне, ки салиб овехтааст (крешённый) дар аввалҳо номи этникӣ набуд, яъне номи ягон қабилаи алоҳида набу-

---

[1] Наливкин В.П. Краткая история Кокандского ханства. Қазон, 1885. с. 16-17.

[2] Ханыков Н.В. Приложение VI. Шарҳҳо ба тавзеҳоти боби 2-юм («Жители восточного рубежа Ирана – аборигены и переселенцы»)-и нусхаи аслии китоби Риттер К. Иран. (Тарҷумаи Н.В. Хаников), СПб. 1874. с. 509 ва давомаш.

да, балки унвони ҳамаи пайравони таълимоти Зардушт буд. Дар давоми асрҳо эрониҳо, ки ҳамаи дигар халқиятҳои ба ин дин гаравидаро дар дохили худ ҳазм карда буданд, бешубҳа ин динро комилан аз худ намуданд, мисли он ки ин азхудкунӣ ва ҳазмсозиро аз тарафи эрониҳои замони Ҳеродот ва навиштаҷоти Доро дар нисбат ба халқҳое, ки дар Форс сокин буданд, мушоҳида мекунем. Ақвоми нав гоҳ пайдо мешаванд, гоҳ нопайдо мегарданд, аммо ифодаи қадимаи этникии Эрон мунтазам нумуъ мекунад; дар даврони Сосониҳо, он чун лақаби шоҳоне, ки дар Эрон, на дар ғайри Эрон (Анирон) ҳукмфармоӣ кардаанд, ба таърих ворид мешавад.

Худи паҳншавии ҷуғрофии ин ном ба мо дурустии ин шарҳро нишон медиҳад. Ин ном бештар дар гаҳвораи тамаддуну таълимоти Зартушт ба вуҷуд омада, паҳн шудааст, ё аниқтараш, дар он ҷое, ки он дини давлатии нахустин буд, яъне дар Бохтари қадим ва Суғд.

Дар ҳақиқат, дар Бухоро, Балх ва Афғонистон тоҷик он аст, ки забони форсиро забони модарии худ медонад. Дар Хуросон ва Сиистон ин калима маънои фаврӣ ва муайянкунандаи худро гум мекунад. Дар Форси Ғарбӣ ва Паси Қафқоз онро ба ҷуз аз шакли кӯтоҳкардашудаи тот дигар хел истифода намебаранд. Барои исботи он, ки ин номи охирин ҳам он маънои аввалро дорад, мо шаҳодати ашрофи итолиёвӣ Pitro della Yall (Питро делла Йолл)-ро, ки дар аввали асри XVII дар хизмати шоҳ Аббос буд, дар даст дорем. Дар саҳифаи 469, ҷилди 2 тарҷумаи фаронсавии мактубҳои ӯ, ки соли 1663 чоп шудаанд, мо мехонем: «Қизилбош – ин номи қабилаи маълум аст, ки ба Форс ҳуҷум овард ва соҳибқудрат шуда, чуноне ман пеш аз ин навишта будам, дар зери итоати Шоҳ Исмоили Сафӣ аст; дар ҳоле ки тот номи онҳое аст, ки бевосита аз қавми аслии қадимаи форсҳо пайдо шудаанд.[1] Ҳамин тариқ, номи тоҷик, ҳар қадар, аз маркази таълимоти Зардушт дур шавем, ҳамон андоза камтар вомехӯрад».

«Ба шарҳи таърихи худи калимаи тоҷик гузашта, мо эҳсос мекунем, ки – мегӯяд Хаников, – калимаи тоҷ (афсар – чизе, ки ба сар чун рамзи шоҳӣ монда мешавад), аз забони форсӣ пайдо шудааст». Дар за-

---

[1]Вамберӣ мегӯяд, ки калимаи тоҷик дар Осиёи Ғарбӣ вомехӯрад, аниқтараш арманиҳо, туркҳо ва арабҳо, умуман пайравони дини Муҳаммадро тоҷик меноманд, аммо танҳо дар миёни худ ва махфиёна; ба ман чунин менамояд, ки ин ғайр аз номи тамасхӯромез, ки дар ҳаққи золимони тазйиқовари худ гуфта мешавад, чизи дигаре нест, чунки ин номро ман (Вамберӣ) қатъан аз ҳама арманиҳои Осиёи Хурд шунидаам. Ба ман чунин менамояд, ки ба ин ном на танҳо муҳаммадиҳо, балки умуман, ҳамаи муътақидони динҳои дигарро ном
мебаранд ва ин калима, ба ҳар гумон, қадимтар аст ва тавассути сокинони қадимаи Форс, ки дар даврони Сосониҳо бо онҳо арманиҳо робита доштанд, ба арабҳо гузаштааст. Вамбери А. Очерки Средней Азии. Москва, 1868. с. 320 ва321.

бони форсӣ ҳамчунин калимаҳои тоҷ, тоҷдор, тоҷвар, бегумон, бисёр қадимианд, чуноне аз рӯи гуфтаҳои Дегиню медонем, дар таърихномаҳо (солномаҳо)-и чинӣ наздик ба соли 122-и то мавлуди Исои Масеҳ дар ҳангоми зикри сарлашкар Тан-Киао, инчунин, дар бораи подшоҳии Тяоҷи гуфта мешавад; зикри зиёди минбаъдаи ин калима аз тарафи таърихнигорони чинӣ ҳамаи шубҳаҳоро дар ин бобат, ки ин ҷо сухан дар бораи тоҷикон меравад, барҳам мезанад. Ғайр аз ин, тоҷ аз ҷониби арманиҳо кайҳо дар шакли тагх истифода мешавад, аз он калимаи таговур (тоҷвар) сохтаанд, ки ҳамоно маънои тоҷдорро дорад. Дар Ҳиндустон ба қавли Fordtsy дар байни халқ чун Thath (Тоз) истифода мешавад. Калимаи юнонии Taios (Таиос), ки дар осори Эсхил дучор мешавад, одатан аз феъли Tassia бармеояд, аммо ман (Хаников) бовар надорам, ки он ба тоҷи форсҳо муносибат надошта бошад. Ба ҳар ҳол, ин калима бисёр қадимӣ буда, бо ҳама дигар калимаҳои аз он сохташуда ҳанӯз чандин аср пеш аз солшумории милодӣ дар истифода буд. Агар чунин бошад, мо ҳатман бояд дар навиштаҳои нависандагони юнонӣ навиштаҷотро дар хусуси тоҷикон пайдо кунем. Дар ҳақиқат, дар китоби III Таърихи Ҳеродот мо мехонем, ки саттагидҳо, гандариҳо, дадикҳо ва апахитҳо, ки ҳама якҷоя дар як сол 170 талант хироҷ медоданд, онро ба Суз меоварданд ва сатрапӣ (волигӣ)-и 7-умро ташкил медиҳанд. Сузе, ки дар ин ҷо сухан дар бораи вай меравад, ба ҳар ҳол, Сузианаи ғарбӣ набуда, яъне на Шуштари ҳозира, балки Сузаи Ориёӣ, он ҷое аст, ки ба қавли Арриана, Искандари Мақдунӣ ҳангоми амалиёти ҷангии худ аз Гелон ва Мозандарон ба Бохтар Сатирборзанро ба сатрапӣ (волигӣ)-и ориёиҳо таъйин намуд, аз ин рӯ, ҳадс задан мумкин аст, ки дадикҳои таърихнигори галикарнассӣ (юнонӣ) тоҷикони хуросонӣ ҳастанд, илова бар ин, дар китоби VII, 66 Ҳеродот онҳоро аз рӯи яроқу аслиҳа ба бохтариҳо муқоиса мекунад. Дигар ин ки Риттер (Землевладение Азии, Ҷ. VII, с. 714) қайд кардааст, ки Дионисий Перигетский – ҳамзамони Нерон ва Троян (соҳои 54-93-и солшумории милодӣ) дар бораи тоҷикон ба номи «таспаи» ёдоварӣ мекунад.

Дар тамоми давраи ҳукмронии худ Сосониҳо бо хитоиҳо дар муносибати наздик қарор доштанд ва охирин намояндагони Сосониҳо аз таъқиби арабҳо дар Чин паноҳ ёфтаанд ва умеди худро барои баргашта гирифтани тахту тоҷ бо ёрии дарбори Пекин то соли 771-и милодӣ, гум накарда будаанд. Ҳамин тавр, дар бораи онҳо охирин маротиба дар солномаҳои чинӣ ёд кардаанд. Бо мурури вақт, чун хитоиҳо бо вилоятҳои боз ҳам ғарбтари шоҳигарии форс шинос шуданд, онҳо калимаи Посеро дар гуфтугӯ ва навишти худ барои ифодаи форсҳо бештар истифода мекардагӣ шуданд, вале онҳо номи пештараи ин мардум – Тяоҷиро низ фаромӯш накарда, ба кор мебурданд, аз ин рӯ, ягон зарра

ҷои шубҳа нест, ки истифодаи ин калима дар замони Сосониҳо айб дониста намешуд. Акнун шарҳ бояд дод, ки ин мафҳум баъди аз тарафи арабҳо истило шудани Форс ва қабул гардидани дини ислом аз ҷониби форсҳо чӣ гуна ба тамомӣ аз байн меравад?

Ман (Хаников) ин калима – тоҷикро қасдан аз осори ҷуғрофидонҳои араб, ки дар садсолаи аввали солшумории ҳиҷрӣ, зиндагӣ кардаанд, ҷустуҷӯ намудам, он ҳатто дар тарҷумаи форсии таърихи Табарӣ, ки дар Бухоро анҷом пазируфта буд, пайдо нашуд. Гузашта аз ин, на танҳо Ёқуб – охирин ҷуғрофидони араб то даврони ҳуҷуми муғулҳо, ҳатто Ибни Батута – нахустин сайёҳи араб баъди аз тарафи муғулҳо истило гардидани Форс низ аз тоҷикон ёде намекунанд.

Умуман, такрор мекунем, ки то замони Темур гӯё ин калима аз забон гум мешавад. Ҳатто баъди Темур, масалан дар навиштаҳои Бобур, он ҳамагӣ ду бор дучор меояд, ӯ айнан мегӯяд: «Дар давлати Кобул қабоили бисёри гуногун аст. Дар водиҳо ва ҳамвориҳои он туркҳо, аймоқҳо ва арабҳо сокин ҳастанд. Дар шаҳрҳо ва қисмати зиёди деҳаҳо асосан тоҷикон зиндагӣ мекунанд. Бисёре аз деҳаҳои дигар манотиқи кишварро пошоиҳо, парачиҳо, тоҷикон, берекҳо ва афғонҳо ишғол кардаанд. Дар қисмати кӯҳии вилоят, рӯ ба ҷониби ғарб, ҳазораҳо ва нукдорҳо ҳаёт ба сар мебаранд. Дар байни ҳазораҳо ва нукдорҳо (аз рӯи навиштаҳои Марко Поло – нуқодор) боз қабилаҳое ҳастанд, ки бо муғулӣ гуфтугӯ мекунанд».

Аз байн рафтани ин калима дар забони хаттӣ, дар ҳақиқат, аҷиб аст. Бо шарофати дастхатҳои бойи осорхонаи бритонӣ ва масъулияти ҳифзкунандаи онҳо Г. Рие ҷаноби Хаников бисёр луғатҳои қадимаи форсиро аз назар гузаронд, аммо дар онҳо ягон навиштаҷотеро дар бораи тоҷикон пайдо накард. Зикри тоҷикон танҳо дар луғатҳои нимаи дуюми асри XVII вомехӯранд, аз ин рӯ ин давраро марҳалаи дуюми эҳёи ин калима, яъне мафҳуми тоҷик, дар забони хаттӣ донистан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки дар ин калима ким-чизе барои арабҳо манфур ва мухолиф мавҷуд буд, агар ин калима ифодакунандаи халқе мебуд, ки «ба забони форсӣ гуфтугӯ мекунад», арабҳо ҳеҷ гоҳ онро аз байн намебурданд, вале азбаски ин калима нишонаи зоҳирии мутааллиқ будану эътиқод доштан ба дини Зардуштиро дошт, на танҳо арабҳои сахтэътиқоду истилогар, балки онҳое, ки аз ин забткориҳо нафъ медиданд, аз манъи истифодаи он шод буданд. Баъдҳо барои омехта накардани тоҷикон бо он қисмати аҳолии Эрон, ки ба зулму фишороварихо нигоҳ накарда, ба таълимоти Зардушт содиқ буданд, арабҳо ин қисмати аҳолиро кофир эълон карданд ва аз ин ҷо дертар ифодаҳои гавр ва габр пайдо шуданд.

Бовуҷуди ҳамаи ин, Вамберӣ мегӯяд, ки номи тоҷик дар ОсиёиМиёна дар давраҳои нисбатан хеле қадим пайдо шудааст – инро аз ҳама зиёдтар дар дастнависи уйғурии «Кутадғу билиғ» (Дониши хушбахтиовар) исбот мекунад. Дар ин дастнавис (манускрипт), ки соли таълифаш 465-и ҳиҷрӣ қайд шудааст, калимаи тоҷик хеле зиёд ҳамчун муқобили мафҳуми турк истифода бурда шудааст[1]. Ҳамин тариқ, бе шубҳа метавон гуфт, ки калимаи тоҷик, аз қадимулайём то аз тарафи арабҳо истило гардидани Форс маънои пайраву эътиқодманди таълимоти Зартуштро дошт, баъди забткории арабҳо дар асоси мухолифати динӣ аз истифода бароварда шуда, аз сари нав дар забони хаттӣ – баъди он ки муғулҳо бо ҷорӣ намудани ҷӯйҳои хун таассуб (фанатизм)-и семитии нисбат ба эрониҳо доштаи арабҳоро шикастанд, дар даврае, ки мусулмонӣ аллакай пурра мустаҳкам шуд ва хавфи таъсири баргаштан ба гузаштаи куҳан аз байн рафт, калимаи тоҷик ба маъною мафҳуми этнографии «форсизабонҳо» аз нав рӯи кор омад. Ҳоло тоҷике, ки мусулмон набошад, нест, лекин бисёр хуб аст, ки дар байни онҳо нисбат ба дигар эрониҳо хеле зиёдтар урфу одату боварҳое боқӣ мондаанд, ки муҳри ҳамон эҳтирому эътиқоди қадимию ибтидоиро ба оташ нигоҳ доштаанд, ҳамон эътиқодеро, ки одамони нахустин бо эҳсоси он ки ин қувваи бузурги табииро барои эҳтиёҷоти инсонҳо истифода бурдан мумкин аст, дарёфта буданд ва ба ин васила насли одамӣ аз олами вуҳуш имтиёзу бартарӣ ёфта буд.

Айни замон тоҷикони водиҳо, ҳамчун шаҳриёни таҳҷои ин кишвар худро бо унвони шаҳрҳое, ки он ҷо таваллуд шудаанд ё зиндагӣ мекунанд, ном мебаранд, масалан: тошкандӣ, хуҷандӣ, самарқандӣ ва монанди ин; баръакс, тоҷикони кӯҳистон дар водиҳо бештар бо унвони умумии «ғалча» маъруфанд, ҳол он ки дар минтақаи худ, яъне дар кӯҳистон, онҳо бо номи дарёҳое, ки дар наздикии он зиндагӣ, мекунанд, масалан: матчоӣ, ё ба таври умумӣ, чун дар мисоли қаротегинӣ, ё ахирин ба номи дараву деҳаҳо унвон мешаванд.

Ғалча дар тарҷума маънои ғаллачӣ (ғалла – нон ва ча – пасванде, ки ба касбу кор ишоракунанда)-ро дорад. Ин ном андешаеро ба бор меорад, ки тоҷикони кӯҳистон, бинобар сабаби норасоии маҳсулоти полезӣ танҳо тавассути гандуме, ки аз шаҳрҳои наздик меоранд, зиндагӣ мекарданд. Бинобар ин, тоҷикони ҳамворӣ калимаи «ғалча»-ро ба маънои «камбағалҳо» ва «бечораҳо» истифода мебаранд.

---

[1] Вамбери А. Очерки Средней Азии. Москва, 1868. с. 321.

### *7. ПАЙДОИШИ ТОҶИКОН*

Сарчашмаҳои қадимтарин дар бораи Туркистон – ривояту навиштаҷоти динӣ-ахлоқии ҳиндиву эронӣ мебошанд. Бамаврид аст қайд кунем, ки фарзияи гаҳвораи қабилаҳои ориёӣ будани баландиҳои Помир, ки Туркистонро аз тарафи ҷанубу шарқ иҳота мекунанд ва аз ин ҷо ба атрофи олам рафтани онҳо низ ба ҳамин маълумот асос ёфтааст.

Як шохаи ориёиҳо, ки аз пайравони Зардушт буданд, Суғдиён (кишвари байни дарёҳои Ому ва Сир), Марғиён (Марв), Бохтар (Туркистони Афғонистон), Ориёно (Эрон) ва тамоми ҳамворӣ (суфакӯҳ)-ҳои Эрон, ҳамаи Эрон ва Хоразм (Хева)-ро ишғол карданд.

Ориёиҳо, ки дар кишвари Туркистон то ин вақт бо номи тоҷикон боқӣ мондаанд, аҳолии аслии муқимии ҳавзаи Аму ва Сирдарё, ҳамчунин Тарим дар Туркистони Шарқӣ, маҳсуб мешаванд.

Аҳолии кӯчӣ, ки дар қадим бо номи скифҳо, массагетҳо, сакоиҳо ва дигарҳо маълуманд, аз рӯи навиштаҷоти нависандаҳои юнонӣ ба қабилаҳои муқимӣ, яъне тоҷикон, риштаҳои хешу таборӣ доранд, аз ин рӯ, онҳо низ пайдоиши ориёӣ доранд.

Фарҳанги ориёиҳо дар Туркистони Ғарбӣ – яке аз қадимтаринҳо маҳсуб мешавад. Таърихнигорони қадим ҳуҷуми шоҳи ассириягӣ Нинро ба Бохтар 1200 сол пеш аз милод медонанд, ки ин аз хеле қадимаву сераҳолӣ, шукуфону обод будани ин мамлакат гувоҳӣ медиҳад. Ҳарчанд дар таърихи ҳукмронии ассириягиҳо шахсияти Нин ва семирамидҳо як навъ афсонавӣ ва ривоятӣ ба назар мерасанд, аммо ин маълумот дар бораи Бохтар, ки ҳамчун давлати пуриқтидор дар замони қадим аҳамияти худро нигоҳ доштааст, барои мо қимати калони таърихӣ дорад.

Хуросони қадим, ки то Тотористони Чин доман паҳн карда буд, аз тарафи ориёиҳо обод карда шуд ва дар он ҷо чуноне ки аз маълумоти заминшиносон бармеояд, муҳоҷирони ориёӣ иқомат мекарданд.

Дар замонҳои қадим дар Хоразм фарҳанги баланд вуҷуд дошт ва мутобиқи маълумоте, ки аз қаъри асрҳо ба мо омада расидаанд, дар ин давлат дараҷаи баланди инкишофи ҷомеа ба назар мерасад. Ин андеша, ки сокинони хонигарии Хева ба оилаи ориёиҳо мутааллиқ буданд, ҳамаи муаррихони муосир, ки ба омӯзиши таърихи Хеваи қадим машғуланд, созгору мувофиқанд. Солҳои наздик хулосаҳои[1] осори математик ва ситорашинос Ал-Берунӣ (дар охири асри X ва аввали асри XI зиндагӣ кардааст) дастраси умум гардонда шуд. Аз китоби ӯ – «Осор-ул-боқия» то ин вақт танҳо ном маълум буду халос. Дар ин асар

---

[1]Веселковский П. Очерк историко-географических сведений о Хивинском ханстве от древнейших времен до настоящего. СПб, 1877, с. 2 ва 3.

Ал-Берунӣ қайд намудааст, ки тақвими офтобии хоразмӣ аз ҳама тақвимҳои ба ӯ маълум – аз тақвимҳои юнонӣ ва арабӣ аниқтар аст; ба ӯ, ҳамчун олим ва донандаи хуби соҳаи худ мо бовар накарда наметавонем. Дар ин китоб мо номҳои 12 моҳ, 30 рӯзи ҳар моҳ, аломоти бурҷҳои осмонро пайдо карда метавонем.

Ҳамаи ин номҳо бо он забонеанд, ки дар замони ин олим бо он дар Хоразм сухан меронданд; қисмати асосии ин номҳо бо зандианд, дар айни ҳол шакли тоза ва боз ҳам навтари ин мафҳумҳо он калимаҳоеанд, ки дар Форс ҳифз шудаанд. Дар асоси овардани якчанд калимаҳои забони қадими хоразмӣ маълум мегардад, ки ин забон бо зандӣ, форсии қадим ва паҳлавӣ наздикӣ дорад, яъне забони қадимаи Хоразм ба шӯъбаи форсӣ ва халқи он ба оилаи халқҳои ориёӣ дохил мешудааст.

Оғози инкишофи шаҳрвандӣ дар воҳаи Хева дар қаъри таърих нопадид мегардад. Ал-Берунӣ аз рӯи маълумоти сарчашмаҳои дар ихтиёр доштааш хабар медиҳад, ки давраи солшумории ин ҷо аз селевкиҳо 980 сол муқаддам аст; аз ин ҷо маълум мешавад, ки он аз соли 1292-и пеш аз милод оғоз мегардад. Давраи селевекиҳо бошад, аз 1-уми октябри соли 312-и пеш аз милод, аз рӯзи ба сари ҳокимияти Бобул омадани Селевек оғоз мегардад.

Мо ҳарчанд аз рӯи ин маълумот воқеияти ин андешаро аниқу дуруст муайян карда наметавонем, аммо ба хулосаи аниқе омада метавонем, ки фарҳанги Хеваи қадим бо фарҳанги Бохтар ҳамзамон ва ҳамреша будааст, ё ин ки аз фарҳанги қадимаи Бохтарӣ ибтидо гирифта, инкишоф ёфтааст.

Маълумоти таърихӣ нишон медиҳанд, ки ҳатто дар замонҳои қадимтарин одамони муқимии ин ҷойҳо ба ҳуҷуми халқҳои ҳамсоя дучор шудаанд, вале марзҳои худро ҳифз намуда, шаклу намуди аҷдодии худро низ нигоҳдорӣ кардаанд. Ин ҳол мумкин дар натиҷаи он ба амал омадааст, ки ғосибон аз кӯчманчиҳое будаанд, ки аз ҷиҳати пайдоиши иҷтимоӣ ба халқи муқимӣ ҳамзабону ҳамшаклу ҳамнажод будаанд. Кӯчманчиҳои ба давлатҳои Осиёи Миёна наздик, ки аз тарафи кӯчиҳои дигар танг карда мешуданд, одатан ба хоки халқҳои муқимӣ зада медаромаданд. Шиддати ҳуҷуми онҳо он қадар зиёд буд, ки халқҳои муқимӣ маҷбур буданд ба кӯчманчиҳои ғолиб итоат кунанд.

Аз дигар кӯчиҳо пештар[1] , аз рӯи сарчашмаҳои чинӣ, ба вилоятҳои муқимӣ қабилаи сэ ё сай ҳуҷум овардааст, ки аз рӯи эътирофи ҳамаи муҳаққиқон ин халқ бо сакоиҳо, ки таърихнигорони юнонӣ дар бораашон навиштаанд, як ҳастанд. Сакоиҳо шоҳигарии юнонӣ–бохтариро барҳам зада, мамлакати халқҳои Дахро, яъне Суғд ва Бохтарро забт намуданд.

---

[1]Веселковский П. Очерк историко-географических сведений о Хивинском ханстве от древнейших времен до настоящего. СПб, 1877. с. 2 ва давомаш.

Сababи ин ҳуҷуму забткорӣ дар он буд, ки сакоиҳои Ҷунгара худашон ба ҳуҷуми халқҳои кӯчманчии дигар – Юэҷҳо ва Усунҳо, ки дар навбати худ аз ҷониби Хунҳои аз Гобу Хуанхе то кишвари Илӣ ва вилоятҳои атрофи кӯлҳои дохилиосиёӣ зиндагикунанда танг карда шуда буданд ва ин ҳуҷуми кӯчиҳои дур боиси ба пеш ҳаракат кардани ин қабилаҳои наздик гардида буд. Аз думболи сакоиҳо ба Мовароуннаҳр Юэҷҳо фурӯ рехтанд. Ин воқеаро Чжан-Сян (сафири «Кишварҳои Ғарб» дар охири асри II то милод) чунин тасвир мекунад: «Хонадони Юэҷҳо мамлакати байни Дун-Хуан ва қаторкӯҳи Силян-Шан (Тангути ҳизира)-ро ишғол менамуд; вақте ки хуннҳо онҳоро шикаст доданд, аз он ҷо дур шуда, ба Даҳҳо зарба заданд ва заминҳои онҳоро забт намуданд, ҷои истиқомати доимии худ – қисмати шимолии дарёи Гуй-Шуй (яъне Амударё)-ро қарор доданд». Дар бораи сарзаминҳои Юэҷҳо сухан ронда, Чжан Сян мегӯяд, ки он қариб 3000 мил аз Давон (Фарғона) дар ғарб, дар шимоли дарёи Гуй-Шуй мавқеъ дорад. Аз ин ҷо, дар қисмати ҷануб – Дахя (Бохтар ва Суғд), дар ғарб – Анси (Парфия), дар шимол Кангюй (даштҳои ҳозираи қирғиз) мавқеъ доштанд. Чунин бармеояд, ки Юэҷҳо дар тарафи рости соҳили Амударё, дар Хоразм сукунат доштанд. Ин Юэҷҳо баъди аз ҳудуди Хитой ба ғарб берун шуданашон аз ҷониби нависандаҳои чинӣ да-юэҷҳо, ё аз рӯи навиштаҳои дурусттар да-юэҷҳо, яъне чун юэҷҳои бузург, ё юэтҳои бузург ёд карда мешаванд.

Ин юэтҳо чӣ гуна халқ ҳастанд? - суол медиҳад П. Веселевский. На дар осори нависандагону таърихнигорони юнонӣ, на дар навиштаҳои римиён, давом медиҳад ӯ, ин гуна номро пайдо карда наметавонем, аммо ин халқ набояд ба онҳо маълум набошад. Дар ҳақиқат, нависандагони юнонӣ ва римӣ юэтҳоро хуб медонистанд, аммо бо номи дигар. Ба ин назария муайянкунандаи «да»-и чинӣ, ки маънои «бузург»-ро дорад, чун калиди мушкилкушо хизмат мекунад, ин калима дар лаҳҷаи форс маънои сифати маз, мас-ро медиҳад. Аз ин калима дар навиштаҳои нависандагони қадим номи қабилаи кӯчманчиёни массагет, «гетҳои бузург» оғоз мегардад. Аз ин ҷо юнониҳо ва римиҳо номи Юэҷҳо (юэтҳо)-ро намедонистанд, танҳо тарҷумаи онро медонистанду халос.

Илова бар ин, маълумоти чинӣ тахмин мекунанд, ки аҳолии нимаи ғарбии Осёи Миёна ба оилаи ориёиҳо мутааллиқ ҳастанд. «Аз Давон ба тарафи ғарб то Анса, - хабар медиҳанд онҳо, - ин халқҳо, ҳарчанд бо забонҳои гуногун гуфтугӯ мекунанд, вале дар бисёр ҳолат ба якдигар монанд ҳастанд, ҳатто дар гуфтугӯ якдигарро хуб мефаҳманд. Сокинон умуман чашмони фурӯрафта, риши ғуллӣ доранд». Ин нишонаи охирин бисёр муҳим аст; ба чиниҳои чашмонашон барҷаста баромада, албатта, ҷиҳатҳои зоҳирии аҳолии ҳавзаи Сиру Ому бояд бисёр аҷиб менамуд ва онҳо инро ҳамчун ҳодисаи ғайримаъмулӣ ба қалам додаанд. Барои мо

бошад, ин тавсифи нишонаҳои зоҳирии аҳолии «кишварҳои ғарб» чун шаҳодати раднашавандаи он ақидаест, ки ин мардум ба оилаи ориёиҳо тааллуқ дорад.

Юэтҳо дар қисмати шимолии Хоразм сокин шуда, чун замони пешин халқи кӯчманчӣ боқӣ монданд: «сокинон бо чорвои худ аз як ҷо ба ҷои дигар мераванд».

Дар асри V милодӣ дар навиштаҷоти византӣ халқе гоҳ бо номи хуннҳо-эфталитҳо, гоҳ хуннҳо-кидаритҳо, ё хуннҳои сафед ёд мешавад. Вивен Сен Мартен тадқиқотҳои васеи худро ба ин халқ бахшида, исбот намуд, ки эфталитҳо дар асл наслҳои бевоситаи юэтҳо – фотеҳони Трансоксания (Мовароуннаҳр) ва айнан ҳамон шохаи қабилаҳоеанд, ки дар осори нависандагони чинӣ номи «Еда»-ро гирифтаанд.

Тибқи сарчашмаҳои чинӣ дар бораи онҳо чунин ахбор гирифта метавонем: сарақдоди Еда бо Юэҷҳои Бузург аз як авлод мебошанд (дигарҳо мегӯянд, ки Еда – шохаи қабилаи Гаогюй мебошад). Шаҳр надоранд, дар он ҷое, ки алафу об бисёр бошад, дар хонаҳои намадин зиндагӣ мекунанд. Дар он мулк ароба нест, аз сароҷа (тахти равон) истифода мебаранд, аспу уштур бисёр аст. Халқи бераҳм, ҷасур ва ҷанговаранд.

Дар бораи ин Едаҳо (эфталитҳо) тафсилоти нависандаҳои византӣ аз маълумоти чиниҳо тафовут доранд. Фарқи асосӣ дар он аст, ки Еда аз рӯи сарчашмаҳои чинӣ, мулки кӯчманчиҳо аст, бовуҷуди он ки ҳокими онҳо дар шаҳр ҳаёт ба сар мебарад; аз маълумоти юнонӣ эфталитҳо халқи муқимӣ ҳастанд. Чунин шуда- наш мумкин аст, ки Еда дар аввалҳо халқи кӯчӣ буда, ҳангоми ба Хоразм – ба мамлакати аз қадим муқимӣ омадан ҳам, яку якбора муқимӣ нашуд, балки кӯчманчигии худро дар худи Хоразм ҳам идома додааст; аммо ҳангоме ки византиягиҳо дар бораи эфталитҳо хабар ёфтанд, онҳо аллакай кӯчманчӣ набуданд, онҳо дар ин бора ба иштибоҳ роҳ дода наметавонистанд. Чиниҳо бошанд, аз рӯи хотираҳои кӯҳна, ки дар навиштаҳои қадим маҳфуз буданд, онҳоро ҳануз ҳам халқи кӯчманчӣ мешумориданд.

Акнун бубинем, Прокопий онҳоро чӣ гуна қаламдод мекунад: «Агарчи эфталитҳо – халқи қабилаи хуннҳо ҳастанд, вале онҳо бо хуннҳои ба мо маълум омезиш наёфтаанд, бо онҳо якҷоя зиндагӣ намекунанд, вилоятҳои бо онҳо ҳамсарҳад надоранд; онҳо бо форсҳо дар шимол, дар он ҷое, ки халқе бо номи Горго ҷойгир аст, ҳамсарҳаданд, дар он ҷое, ки байни онҳо ва форсҳо барои сарҳад зуд-зуд ҷангу задухурдҳо ба амал меоянд. Онҳо ба мисли қабилаҳои хуннҳо кӯчманчӣ нестанд, аммо аз даврахои қадим дар мамлакати ҳосилхез зиндагӣ доранд ва ҳеҷ гоҳ ба сарзамини римиҳо ҳуҷум наовардаанд, магар якҷоя бо лашкари модҳо. Аз ҳамаи хуннҳо танҳо онҳо сафедпӯстанд ва чеҳраашон зишт

нест. Дар зери ҳукмфармоии як шоҳанд, ҷомеаи ободу қонуну қоидаҳои хуби шаҳрвандӣ доранд, нисбат ба худ ва дигарон адолатро на бадтар аз римиҳо ё дигарҳо риоя мекунанд». Ин эфталитҳо ё «хуннҳои сафед» дар осори таърихнигорони мусулмони Форс (Мирхонд) бо номи ҳайтолӣ, дар осори нависандаҳои арманӣ – тоталҳо ва ғайра ном бурда мешаванд. Аз навиштаҳои таърихнигорони арман мо мефаҳмем, ки аршакҳои бохтарӣ, ки қисматҳои шимолу шарқии Форсро нооором мегардонданд, дар охири асри IV милодӣ аз тара- фи теталҳо тобеъ гардонда шуда буданд; ин теталҳо дар навбати худ ба Форс ҳуҷум оварда, онро ба харобазор табдил доданд, ки дар ин ҳол қувваҳои асосии ҳарбии Сосониҳоро, ки бо римиҳо меҷангиданд, ба худ ҷалб карданд. Аз ин сарчашма дарёфтан мумкин аст, ки эфталитҳо гоҳо ҳокимияти Сосониҳоро эътироф мекарданд ва талаботҳои онро иҷро менамуданд.

Эфталитҳо дар тағйироту табаддулоти Форс иштироки фаъолона доштанд, ҳатто форсҳоро маҷбур мекарданд, ки хироҷ диҳанд. Масалан, Фирӯз Палаш (солҳои 488-491) ду сол ба эфталитҳо хироҷ месупурд. Бародари Палаш – Қубод бо ёрии 30 ҳазор лашкари эфталитҳо тоҷу тахтро соҳиб шуд. Писари Қубод – Нӯшервон бо юнониҳо сулҳ баста, сипоҳи худро ба ҷониби Туркистон, Кобулистон ва Сағониён ронд; ӯ сарзамини эфталитҳоро ба худ тобеъ намуд. Аммо форсҳо аз болои эфталитҳо дуру дароз ҳукмронӣ карда натавонистанд; Дар садаи VI эфталитҳо аз тарафи халқи нави осиёимиёнагӣ – туркҳо, бо талаффузи чинӣ – ту-кюе мутеъ карда шуданд.

Боз ба қафо бармегардем. Баъди баромада рафтани юэҷҳо, усунҳо дар Илӣ монданд ва дар он ҷо қуввату иқтидор ва тавоноӣ пайдо карданд.[1] Ҳокими онҳо Кюн-ми ё Кюн-мо ном дошт ва истиқоматгоҳи ӯ, аз рӯи сарчашмаҳои чинӣ – Чи-гун-чи, яъне «шаҳри водии сурх» буд.

Он дар дурии як чақрим аз Ян-Хай ё Же-Хай, яъне Иссиқкӯл воқеъ гардида буд. Солноманависони чинӣ чунин мешуморанд, ки шумораи онвақтаи усунҳо 120000 оила ва 630000 нафар буд ва лашкари онҳо, ки ба он ду сарлашкар сардорӣ мекард (бо номҳои Талу ва Дару) аз 18 000 сарбоз иборат буд. Дар ин ҷо, дар Ил, Бал- хаш ва Иссиқкӯл усунҳо мамлакатеро ишғол карданд, ки пеш ба халқи сай ва сэ мутааллиқ буд. Мамлакати онҳо, ки ба тарафи ғарб (то Хан Кэу) хеле дур паҳн шуда буд, чуноне чиниҳо мегӯянд, аз як водии паҳновар иборат буда, дорои чарогоҳҳои хубу сералаф ва рамаҳо – боигарии асосии усунҳо иборат буд. Аммо ин ҷо хеле хунук ва боронӣ буда, кӯҳсорашро ҷангалҳои дарахтони сузанбарг ва паҳнбарг фаро гирифта буданд. Халқ ҳамчун

---

[1]Риттер К. Землевладелие Азии. Китайская империя, независимая Татария, Персия и Сибирь. СПб. 1859, с.128 ва давомаш.

хуннҳо ҳаёти кӯчӣ ба сар мебурд. Машғулияти асосии онҳо аспparварӣ буд; бойҳо то 4000-5000 асп доштанд. Чиниҳо усунҳоро дағал, ҷоҳил, аҳдшикан ва хунхор мешумориданд.

Хуннҳои нисбатан пуриқтидортар зуд-зуд ба сари онҳо тохт меоварданд, бояд гуфт, ки ҳатто як ҳокими усун дар ин ҷангҳо ҳалок гардид. Ривояте ҳаст, ки писари ин ҳокимро ба таври аҷиб модагурге сина маконда ва кадом паррандае ба ӯ хӯрок меовард. Шанюни хуннӣ аз ин муъҷиза хабардор шуда, ин кӯдакро доди Худо донисту тарбия намуд ва ба ӯ тахти подшоҳии падарашро бо унвони Кюн-ми баргардонд ва ӯро ҳокими вилоятҳои ғарбии худ таъйин кард.

Ин ҳолат қудрату тавоноии усунҳоро боз ҳам бештар намуд, ҳарчанд хуннҳо ҳанӯз ҳам дар болои онҳо ҳукмронӣ мекарданд. Чиниҳо бо онҳо воситаҳои наздикшавӣ ва иттифоқ шуданро меҷӯстанд. Барои мустаҳкам шудани ин иттифоқ як шоҳдухтари  чинӣ ба Кюн-мии усунӣ ҳамчун Кюн-ди – малика-духтари чинӣ ба занӣ дода шуд. Ин воқеа соли 107-и то милод ба амал омад; он вақт нахустин қаср барои маликаи бадбахт сохта шуда буд, барои ма- ликае, ки солноманависи чинӣ Мадуан-ли дар бораащ сурудҳои ҳузновареро сабт намудааст. Онҳоро ҳамчун намунаи сурудҳое, ки хусусияти иҷтимоӣ-ҳаётӣ доранд, меорем: «Наздиконам маро ба шавҳар доданд ва маро во доштанд, ки дар кишвари дур иқомат ихтиёр кунам. Хонаи намадини сиёҳи камбағалона қасри ман аст; гӯшти хом хӯрок ва дӯғи турш нӯшокии ман аст». Қудрату тавоноии усунҳо афзуд; онҳо ҳамроҳи чиниҳо якчанд бор ба душманони ғолиби худ ҳуҷум оварданд ва боиси сусту заиф шудани онҳо дар ғарб гардиданд. Вале дар замони подшоҳии набераи маликае, ки дар боло аз ӯ ёд кардем, яъне У-тси-ти (Узузюту) тақсимшавии усунҳо ба Кюн-мии калону хурд ба амал омад, ки дар натиҷа онҳо заиф гардиданд. Кюн-мии хурд ба тарафи кӯҳҳо, ба шимол, ба он 107 тарафи дарёи Илӣ, қарибиҳои Ҷунгараи Алатов рафта, ҳамин тариқ пойтахти худ – Чи-гу-чинро, ки дар қисмати ҷанубии Иссиққӯл дар Қизилсӯи ҳозира воқеъ буд, тарк намуданд. Баъди ин, як қисми онҳо аз тарафи қабилаи сиянбӣ – авлодони шимолии хуннҳо бо ҳуҷумҳои беохир танг карда шуданд; сянбӣ, ки халқ ин номро ба онҳо дода буд, худ дар тобеияти тунгузҳо ё корегияҳо, чунон ки як гурӯҳи сянбиниҳо тахмин мекунанд, буданд. Сянбӣ як қисми усунҳоро аз чарогоҳҳо бароварданд ва онҳоро маҷбур сохтанд, ки ба ғарб аз пайи юэҷҳо раванд. Онҳо ҳамроҳи юэҷҳо тадриҷан то асри I пеш аз милод тамоми заминҳои шоҳии Бохтар ва ҳатто паси Ҳиндукушро ишғол намуданд. Наздик ба соли заминҳои усунҳо ва аҳолии он аз тарафи Ту-кюе (туркҳо) ғасб карда шуданд ва сафири Византия – Зимарх соли 568 на танҳо қисмати ғарбии Тян-шон, балки Трансоксонияро дар зери ҳукмронии туркҳо дарёфт.

Ин усунҳо (дар қадим хэу-сун ва дар забони чинии навтарин – усун аз рӯи шаҳодати Аб. Ремюза барои омӯзиши этнографии Осиё аз он ҷиҳат мароқангезанд, ки онҳо ба якчанд авлоди соки- нони Осиёи Марказӣ ҷудо мешаванд ва хеле гуногунанду аз дигар қабилаҳо аз рӯи навиштаҷоти чинӣ, ба нажодҳои чашмкабуд ва малламӯй мутааллиқанд.

Юэҷҳо ва усунҳо, инчунин туркҳо, аз нахустин халқҳои давраи таърихӣ мебошанд, ки аз Шарқ ба ин сарзаминҳо омадаанд ва шаклу намуди сокинони ин мамлакатро тағйир додаанд.

Дар асри VII милодӣ арабҳо чун истилогарон ба ин кишвар дохил шуданд.

Ҳукмфармоии арабҳо дар Осиёи Миёна на мустаҳкам буд ва на давомнок. Халифаҳо он қадар қуввату қудрате надоштанд, ки ба тақдири музофотҳое, ки забт карда буданд, ба хости худ мудохила кунанд. Ҳокимону волиҳое, ки арабҳо таъйин мекарданд, худро он қадар мустақил нигоҳ медоштанд, ки ҳатто ҳукуматро ба фарзандони худ ба мерос мондаанд. Ба халифаҳо танҳо як роҳ – мусолиҳа боқӣ монда буд ва онҳо ягон хоҳишу иродаи худро ҷорӣ карда наметавонистанд. Онҳо танҳо имкон доштанд, ки ҳокимони ба худашон номақбулро иваз кунанд. Ҳамин тариқ, дар Осиёи Миёна хеле зуд сулолаҳои мустақиле ба миён омаданд, ки халифаҳоро танҳо чун сарвари дин эътироф мекарданд. Маҳз аз ҳамин давра ҷудошавӣ ва истиқлолиятхоҳии музофотҳо оғоз гардид. Пеш аз дигарон Тоҳириҳо дар Хуросон (аввали асри III ҳиҷрӣ), баъди онҳо Саффориҳо дар Суҷистон (охири асри III ҳиҷрӣ) истиқлолият ба даст оварданд. Ҳамаи онҳо забону адабиёти форсиро пос медоштанд ва ҳифз мекарданд, зеро ин фарҳанг ба эҳёи онҳо мусоидат намуда буд.

Аммо мустақилияти сулолаҳо дер идома наёфт. Ҳанӯз дар аҳди Сомониҳо афзоиши таъсири туркҳо дар идоракунии дохилии мамлакат ба вуҷуд меояд. Баъзе саркардаҳои ҳарбии туркнажод нуфузи хеле калон доштанд. Як урда (гурӯҳ)-и оғузҳо (туркманҳо) бо розигии ҳукумат (Сомониҳо) қисме аз заминҳоро дар Мовароуннаҳр соҳибӣ карданд. Ахиран, дар замони ҳукмронии илоки беирода – Наср соли 999 ба ҳукуматдории ориёиҳо ба таври абадӣ хотима гузошта шуд.

**Забони тоҷикон.** Тоҷикон бо забони форсӣ гуфтугӯ мекунанд. Онҳо ба шохаи эрониҳо – халқҳои тасхиркунандае тааллуқ доранд, ки як вақтҳо бо забони зандӣ*, бо забони Авасто ё китоби муқаддаси қадимаи форсӣ, бо забони навиштаҷоти силсилаи нахустини шоҳони бузурги Форс ё бо онҳо алоқаманд сухан мекунанд. Аз Занд ва омехташавии он бо унсурҳои семитӣ забони паҳлавӣ пайдо шуд ва аз охирин – форсии нав[1]. Ба гурӯҳи забонҳои зандӣ – забони курдушҳои қадим,

---

[1] Пешел Оскар. Народоведение. Петербург. 1890, с. 532-533.

курдҳои ҳозира, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар гӯшаҳои дури кӯҳҳои Эрон, дар ҷониби Месопотамия ва дар баландиҳои Арманистон ҷо гирифтаанд, эрониҳо ё осетинҳои Қафқоз, балуҷҳо – дар Балуҷистон ва ахиран, афғонҳо дар Афғонистон, ки худро паштун ва забони худро паштунӣ меноманд, дохил мешаванд. Ҳамаи тоҷикон бо лаҳҷаҳои гуногуни форсӣ гуфтугӯ мекунанд, аз тоҷики бухороӣ сар карда, ки бо асолату тозагии лаҳҷаи форсии худ ифтихор дорад ва ахиран, то сарикӯлиҳо ва вахониҳо, ки бо ифодаҳои образноку номафҳум гуфтугӯ карданро ёд гирифтаанд, як халқ ҳастанд. Со- кинони Хуҷанд – истиқоматкунандагони Ғулакандоз ва Қистакӯз (наздикии Хуҷанд) забоне доранд, ки аз ҷиҳати талаффуз ва шаклҳои грамматикӣ аз забони дигар тоҷикон поктар аст[1]. Ин ҳолат махсусан, дар Хуҷанд бештар мушоҳида мешавад. Хуҷандиҳо усулу ифодаҳоеро истифода мебаранд, ки онҳоро замоне шоири қадимии форс – Рӯдакӣ, мутаваллиди Бухоро ба кор мебурд.

Сокинони водиҳо бародарони ҳамхуни худ – тоҷикони кӯҳистонро ғалча меноманд, ҳарчанд, ки худи кӯҳистониён худр тоҷик мегӯянд ё бо номи он маҳалле, ки истиқомат мекунанд, худро муаррифӣ мекунанд. Ба ғайр аз лаҳҷаи маҳаллӣ, ки бо он кӯҳистониҳо танҳо байни худ, барои он ки суханони онҳоро бегонаҳо нафаҳманд, гуфтугӯ мекунанд, онҳо дар аксар ҳолатҳо бо форсӣ ҳарф мезананд. Лафзи онҳо мулоим, ифоданок ва хушоҳангу форам аст, махсусан забони сокинони деҳаҳои соҳилҳои дарёи Панҷ (қисматҳои водии Шоҳдара ва Ғунд), ки дар он ҷойҳо калимоти қирғизӣ умуман шунида намешаванд. Дар гуфтугӯйи мардуми болооби дарёҳои номбаршуда, ки бо Помир ҳамсояанд, баръакс, калимоти қирғизӣ бисёр истифода мешавад. Тоҷикони кӯҳистон каме мад кашида, нутқи худро бо имову ишора баён мекунанд, ки ин оҳангнокӣ ба гӯши аврупоӣ аҷиб мерасад[2].

Ба ғалчаҳо – сарикӯлиҳо, вахониҳо ва шуғнониҳо, мардуми Мунҷон, қисми болоии водии Лудхо ва вутисаҳо (мардуми Санглох ва Ишкошим)-ро дохил мекунанд. Мардуми Ҳисор, Дарвоз ва Қаротегин, дар қисмати шимоли дарёи Оксус ва Бадахшон ба ин гурӯҳ қаробати наздик доранд, ҳарчанд ки онҳо айни ҳол бо форсӣ ё туркӣ гап мезананд ва дар баъзе ҷойҳо бо хуни ӯзбекӣ[3] омезиш ёфтаанд. Ҳолати аз байн рафтани забонҳо, шояд, чунин ба амал меояд, ки қабила аввал бо ду забон гап мезанад, ҳамчунон ки ҳоло дар Сарикӯл, Шуғнон ва Вахон ғайр аз забони худ бо форсӣ сухан меронанд ва дар водиҳои Сват, Кунар ва Панҷкора қабилаҳои дард (Дардистон номи умумии водиҳоест,

---

[1] Вамбери А. Путешествие по Средней Азии. СПб. 1865. с.189

[2] Серебренников А.Г. Памир. //Ежегодник Ферганской области. Ҷилди. 1. Бороришӣ. 190

[3] Биддельф К. Народы населяющие Гинду-Куша. Ашқобод. 1886. с. 21 ва давомаш.

ки дар байни Панҷоби Ғарбӣ ва Ҳиндукуш доман паҳн кардаанд) ба ғайр аз лаҳҷаи худ, боз ба забони пушту гуфтугӯ мекунанд. Бо гузашти вақт дар натиҷаи муносибату муошират бо ҳамсояҳо ин ҳолат водор менамояд, ки аз ду забон ҳамон забонеро интихоб кунанд, ки бештар паҳн шудааст, дар ин ҳол забони бегона метавонад пурра забони маҳаллиро танг кунад. Набудани хат метавонад ин ҳолатро битезонад.

Забонҳое, ки бо онҳо ғалчаҳо гуфтугӯ мекунанд, ба андешаи мо, аз забони қадимии форсӣ (зандӣ) пайдо шудаанд. Забони идгоҳ, ки дар водии Лидхо бо он гуфтугӯ мекунанд, фақат шеваи мунҷонӣ аст; аз рӯи сохт он ба забони ғалчаҳо монанду наздик аст, ки грамматикаи онро Шау дарҷ намудааст. Ба ин монанд, идгоҳ аз дигар забонҳои дардӣ бо истифодаи зиёди овози «в» тафовут дорад ва бо он ки дар ин забон барои ифодаи замонҳои ҳозира ва оянда танҳо як замон вуҷуд дорад.

Дар ҷанубтари онҳо ба Ҳинд, дар водиҳои Сват ва Панҷкор ва водии Кунар ба забоне гуфтугӯ мекунанд, ки ба санскрит бешта наздик аст.

Забони ховарӣ (ё читролӣ) бо забонҳои номбаркардаамон монандӣ дорад, эҳтимол, он ҳалқаи мобайнии онҳоро ташкил диҳад.

Умуман, эътироф шудааст, ки Бадахшон ва қисмати болоии водии Оксус аз нахустин бошишгоҳҳои нажоди ориёӣ маҳсуб мешаванд. Муҳоҷироти онҳо ба ҷануб, эҳтимол, давомнок буд ва аввалан дар натиҷаи афзоиши табиии аҳолӣ ба амал омада буд, на аз ҳирси кишваркушоию забткорӣ. Вақте ки онҳо дар заминҳои боз ҳам ҳосилхезу иқлимаш мусоид сокин шуданд, шумораи онҳо афзудан гирифт. Дар ин ҳол, дахолатҳои ҳарбӣ, ки аҳамиятнок буданд, вусъат ёфтанд. Ғалчаҳо, ғолибан авлоди ҳамонҳое ҳастанд, ки дар маҳалҳои худ мондаанд ва дар давраҳои минбаъда ба водиҳои камбар ронда шудаанд ва онҳо то кунун дар ин ҷойҳо зиндагӣ доранд. Дар баъзе ҳолатҳо, масалан, ба водии Лудхо ҳаракат карда, онҳо аз қаторкӯҳи бузург гузаштаанд ва дар тарафи ҷануби он дар давраҳои нисбатан нав муқимӣ шудаанд.

Сокинони деҳоте, ки қад-қади Яғнобдара воқеанд, ба ғайр аз забони тоҷикӣ, боз ба лаҳҷаи махсуси маҳаллӣ гап мезананд, ки барои мардумони соҳилҳои Сирдарё ва Амударё, инчунин, барои ҳамаи кӯҳистониён, ки дар болооби дарёи Зарафшон[1] зиндагӣ мекунанд, тамоман нофаҳмост.

Худи яғнобиҳо бовар мекунонанд, ки забони онҳо хат надорад; китоб, афсона, зарбулмасал ва суруд бо ин забон мавҷуд нест; онҳо намедонанд, ки кай ва бо кадом сабаб ба ин ҷо муҳоҷират кардаанд,

---

[1] Искандер-тюря. Сведения об ягнобском народе. //Маҷаллаи «Туркестанские ведомости». 1881, №4; Реклю Э. Земля и люди. СПб. 1909. Ҷилди 6. с. 346; Акимбетов Ш. Очерки Когистана. //Маҷаллаи «Туркестанские ведомости». 1881, №3.

танҳо ривояти норавшане ҳифз шудааст, ки ватани аслии онҳо Кашмир аст. Саволе ба вуҷуд меояд, ки оё онҳо сияҳпӯшон, яъне кофирон нестанд? (Ш. Акимбетов). Ягон кас аз қабилаҳои дигаре, ки дар кӯҳҳои Зарафшон зиндагӣ мекунанд, ба ин забон гап намезананд. Аз омӯзиш ва таҳқиқотҳои охирин маълум мешавад, ки забони яғнобӣ мемирад, вай рӯз аз рӯз бештар аз ҷиҳати физиологӣ мустақилияти худро гум мекунад. Забони яғнобӣ аз ҳар тараф дар иҳотаи забони тоҷикӣ монда, гуфтугӯи тоҷикони сокини кӯҳистон мавқеи онро танг месозад. Ба ин хулоса моро далелҳои зерин оварда расондааст: дар гуфтугӯи яғнобиҳо калимаҳои тоҷикӣ бисёр истифода мешаванд, ҳол он ки барои ифодаи ҳамон як мафҳум онҳо дар забони худ калима доранд; дар шеваи яғнобиҳо калимаҳои тоҷикие ҳастанд, ки бо анҷомаҳои яғнобӣ меоянд ва баръакс калимаҳои яғнобӣ бо анҷомаҳои грамматикии тоҷикӣ ба кор бурда мешаванд, ҳатто ифодаҳои зиёди тоҷикӣ бо шаклҳои дастурии тоҷикӣ истифода мешаванд.

Гуфтугӯйи яғнобиҳо бо суръати талаффуз ва номафҳумии калимаҳо фарқ мекунад. Аксари бандакҳои охири калимаҳо дар нутқи онҳо бо калимаҳои дар оянда талаффузшаванда ҳамроҳ карда мешаванд. Талаффузи худи калимаҳои тоҷикӣ низ дар нутқи яғнобиҳо бо шакли вайрону ғалат аст.

Намунаҳои нутқи яғнобӣ, ки онҳоро Искандар-тура ҷамъоварӣ кардааст, аз тарафи мутахассисон таҳқиқ карда шуд ва маълум гардид, ки он ба гурӯҳи шеваҳои эронӣ мутааллиқ аст; дар ин шева бисёр хусусиятҳои забони қадимаи эронӣ ҳифз ва нигоҳдорӣ шудааст, ки дар дигар шеваҳои ҳозиразамони кишвари Туркистон ин ҳодисаи камназир аст.

***В.В. Бартолд***

# ТОҶИКОН*

Аҳолии таҳҷоии Туркистони ҳозира халқҳои эронинажоданд (ориёинажоданд). Зимнан масъалаҳои мураккабу баҳсталаби ватани қавмҳои эронӣ (ориёӣ), ҳудудҳои паҳншавии онҳо дар замонҳои қадим ва пайваста маҳдуд шудани ин марзҳоро дар асрҳои миёна як сӯ гузошта, бо таъйини ҳамин далел иктифо менамоем, ки дар тули беш аз 1500 сол, аз садаи VI то мелод, дар ҳудуди Туркистони ҳозира аз ду ҳалқи муттамаддини эрониасл суғдиён ва хоразмиҳо ёд мешавад.

Дар лавҳаи дахмаи Доро, ки дар ҳаволии харобаҳои Персепол дарёфт шудааст, миёни қавмҳои дигари империяи ӯ (522-486) тасвири марди суғдиву хоразмӣ низ ба назар мерасад.

Маълумоти камубеш дақиқро доир ба забони ҳар ду халқ мо танҳо аз давраи фаношавии онҳо дар даст дорем. Ин маълумот дар асари донишманди хоразмӣ Берунӣ, ки соли 1000 мелодӣ бо забони арабӣ таълиф шуда ва оид ба солшумории халқҳои гуногун баҳс мекунад, зикр шудааст.[1] Доир ба тақвимҳои суғдию хоразмӣ сухан ронда, Берунӣ номи хосаи моҳҳову рӯзҳо, маросимҳои динӣ ва амсоли инҳоро нақл менамояд. Аз рӯи ин номҳо хусусиятҳои шевагии ҳарду забонро ба забони форсӣ қиёс кардан имконпазир аст.

Аз миёни ду халқи зироаткору муттамадини эрониасли (ориёиасл) Осиёи Миёна солиёни дароз танҳо хоразмиҳо истиқлоли сиёсӣ доштанд. Истиқлоли онҳо то таъсиси империяи Ҳахоманишиёни форс давом кард. Хоразмиҳо муддате ба форсҳо тобеъ шуда, сипас аз тобеият раҳоӣ ёфтанд, ҳангоми истилои Искандари Мақдунӣ (330-527) Хоразм шоҳи худро дошт, ҳол он ки кишвари суғдиён, ки маркази он ҳавзаи Зарафшон буд, музофоти форсҳо маҳсуб мешуд.

Чунон ки маълум аст, Хоразм ба истилои Искандару шоҳони Юнону Бохтар ва халқҳои бодиянишини Осиёи Миёнаи то ислом дучор нагардидааст. Истилои мусулмонон ба истилои сиёсӣ ва ҳатто сонитар ба махсусияти нажодии Хоразм хотима дод; вале ҳокимони мусулмон то охирин хонҳои узбеки Хева унвони шоҳони тоисломии Хоразм-

---

* В.В. Бартолд. Тоҷикон // Садои Шарқ, 1990.- № 1. – С. 92-103. Тарҷумаи Мирзо Муллоаҳмадов.

[1] Матлаби «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ аст. Ҳоло ёдгориҳои ҷолиби забони суғдӣ ба даст омадаанд ва муҳимтарини онҳо ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки соли 1932 дар қалъаи Муғи деҳаи Хайрободи ноҳияи Айнӣ ёфт шудаанд. Аз ёдгориҳои забони хоразмӣ бошад ҳуҷҷатҳои асрҳои III –IV–ро, ки дар ҳафриёти Тупроққалъа солҳои 1949-1953 кашф шудаанд, мисол овардан мумкин аст.

хоразмшоҳиёнро қабул мекарданд. Аз тамоми рутбаҳои ҳокимони то-исломии вилояти ҷудогонаи Туркистон танҳо ин унвон то рӯзгори навин расидааст. Вилояти Суғд ба салтанати Искандар ва сипас ба давлати Юнону Бохтар дохил шуд, ба ҳар ҳол аз асри II то мелод ва ҳатто аз ин ҳам пештар, вай борҳо ба ҳуҷуми халқҳои бодиянишин дучор гардид, аз ин рӯ дар ин ҷо мисли Хоразм барои эҷод ва таҳкими истиқлоли сиёсӣ заминаи мусоиде муҳаё набуд. Танҳо каме қабл аз истилои мусулмонон ҳокими Самарқанд то андозае ҳокими куллии мардуми суғд гардида, унвони «ихшиди суғди»-ро (ҳамин унвони «ихшид»-ро ҳокими Фарғона ҳам дошт) гирифт, вале ҳукумати ихшидҳо хело ноустувор буда, дар давраи исломӣ зуд аз байн рафт ва дар ҳаёти минбаъдаи Туркистон асаре боқӣ нагузошт. Вале суғдиён ба ҷараёни таърихи фарҳанг назар ба хоразмиҳо бештар таъсир расонидаанд ва интишордиҳандагони фаъоли тамаддуни Осиёи Наздик дар ноҳияҳои шарқи Туркистон буданд. Таърихи ин ҷабҳаи фаъолияти суғдиён танҳо ба туфайли бозёфтҳои бостоншиносӣ дар Туркистони Чин ва ноҳияҳои марзии худи Чин равшан хоҳад шуд. Дар асоси муқоиса бо маълумоти Берунӣ оид ба забони суғдӣ забони ҳуҷҷатҳои асри I мелодӣ, ки дар яке аз бурҷҳои садди Чин дар наздикии ноҳияи марзии Дунхуан[1] ёфт шудаанд, суғдӣ дониста шуд. Алифбои ин ҳуҷҷатҳо бо яке аз навъҳои алифбои сомии шарқӣ ё худ оромӣ, ки ба Осиёи Миёна аз тариқи Форс ворид шуда буд, мансуб аст, ҳамин гуна санадҳои дар ноҳияи Лоб Нор низ ёфт шудааст. Дар қисмати ғарбии ноҳияи Турфон низ ёдгориҳои адабиёти динӣ – буддоӣ, монавӣ[2] ва насронӣ ба забони суғдӣ ёфт шуда буданд, ин ёдгориҳоро ба асри VII ва ба қарнҳои баъд нисбат медиҳанд, умуман мо дар онҳо низ ҳамон алифборо бо шакли хеле тағйирёфта мебинем.

Муҳаққиқи асосии забони суғдӣ марҳум Гото[3] миёни ҳуҷҷатҳои қаблии суғдӣ ва ёдгориҳои буддоӣ тафовути забонӣ намебинад, ҳарчанд дар байнӣ онҳо фосилаи зиёди замонист. Ёдгориҳои монавӣ ва насронӣ ба шеваҳои баъдина навишта шудаанд, зимнан байни шеваҳои ёдгориҳои монавӣ ва насронӣ низ тафовути чашмрас мавҷуд аст. Илова

---

[1] Тибқи таҳқиқоти В. Ҳеннинг, ҳуҷҷатҳои суғдии аз Дунхуан ёфта, на ба асри I, балки ба ибтидои асри IV мелодӣ рост меояд. (Шарҳи мураттиб).

[2] Таълимоти монавӣ дар асри III мелодӣ пайдо шудааст ва ба қаробати ғояҳои дини форсии қадим (зардуштӣ) бо буддоӣ ва насронӣ асос ёфтааст. (Шарҳи муаллиф).

[3] Гото (Gauthiot) Робер (с.1876-1916) – забоншиноси машҳури фаронсавӣ, ки ба таҳқиқи масъалаҳои муқоисавии забонҳои ҳиндуаврупоӣ машғул гардида, забонҳои олмонӣ, балтӣ, финнию угориро омӯхтааст. Муаллифи як қатор китобҳо оид ба эроншиносии умумӣ аст. Аз ҷумла, ба забони суғдӣ марбут будани ҳуҷҷатҳои аз Дунхуан пайдо намударо муайян намуд ва муаллифи аввалин граматикаи забони суғдӣ мебошад. Солҳои 1913-1914 ҳангоми сафараш дар Осиёи Миёна доир ба забонҳои мавҷудаи эронии минтақа маводи зиёде ҷамъ овард. (Шарҳи мураттиб).

бар ин монавиҳо ва насрониҳо алифбои миллии суғдӣ ҳамчунин алифбоҳоеро, ки пайравони ин ду дин ба Осиёи Миёна оварда буданд, истифода мекарданд.

Дар бобати таъсири фарҳангии эрониёни Осиёи Миёна ба бодиянишинон дар аҳди Ҳахоманишиён, Искандар, ворисони ӯ ва шоҳони юнону бохтар маълумоти дақиқе нест. Осори фаъолияти тиҷоратию фарҳангии суғдиён танҳо аз замони ба истилоҳ давлати ҳинду скифҳо, ки дар асри II то мелод тавассути тахориҳо, ё кушониёни аз шарқ омада (ба эҳтимоли қавӣ ин халқ низ эрониасл (ориёиасл) буд), салтанати юнонию бохтариро хароб кардааст, таъсис ёфта буд, шуруъ мешавад. Дар асри II ба Туркистон чиниҳо ворид шудаанд, ки ин боиси ривоҷи тиҷорат гардид. Ақидае ҳаст, ки қадимтарин алифбои ба мо маълуми туркӣ – энисеиву урхонӣ (дар соҳили ҳарду дарё катибаҳо ёфт шудаанд, дар байни онҳо катибаҳои таърихии урхонии асри VIII аҳамияти хосса доранд), аз суғдӣ реша мегирад. Асоси суғдии алифбои дувуми туркӣ, яъне уйғурӣ мансуб ба халқест, ки тақрибан сад сол (744-840) дар Муғулистон ҳукмронӣ карда, сипас муддатҳои тӯлонӣ дар он қисмати Туркистони Чин, ки ҳоло шаҳрҳои Хоми (Камул), Турфон, Гучэн ва ғайра воқеанд, ҳукумат рондааст.

Сарфи назар аз алоқамандии хат бо таблиғоти дин дар Осиёи Миёна ҳам мисли дигар ҷойҳо таъсири алифбои суғдӣ нисбат ба алифбоҳое, ки мубалиғони дини буддоӣ (алифбои ҳиндӣ), насронӣ (суриёнӣ) ва монавӣ (ҳуруфи оромӣ) овардаанд, қавитар будааст. Ҳар чи бештар ақидае боло мегирад, ки алифбои уйғурӣ, ки аз он сонитар алифбои муғулӣ (аз муғулӣ-манҷурӣ) ба вуҷуд омадааст, на аз алифбои суриёнӣ-насронӣ, ки пештар дар ин фикр буданд, балки аз суғдии миллӣ, ки бештар тавасути буддоиҳо маҳфуз монда буд, вале насрониёну монавиҳо низ онро баробари алифбои динии худ истифода мебурданд, пайдо шудааст. Шабоҳати ҳарфҳои суғдию уйғурӣ ба ҳам аз рӯи мушоҳидаи Гото чунон зиёд аст, ки ҳатто наметавон байни ин ду алифбо ҳадде гузошт. Катибаи бо забони суғдӣ дар Муғулистон ёфтшуда якҷоя бо катибаи чинии хони уйғур дар дар асри IX, ки аз дини монавиро қабул кардани уйғурҳо дар соли 762 ҳикоят мекунад, аз ҷиҳати шакли ҳуруф комилан бо уйғурӣ монанд аст. Ҳамин тавр алифбои сомӣ ба шарофати суғдиҳо то Уқёнуси Бузург паҳн гардид.

Замони инкишофи тиҷорати суғдиҳо асри VIII буд, ки он вақт ватани онҳо гоҳо ба ҳукумати олии хонҳои турк (бартарии сиёсии туркҳо дар Туркистон дар асри VI муайян шудааст), гоҳи дигар ба ҳоқони Чин тобеъ буд. Тиҷорати беруна ба инкишофи нерӯи сиёсиашон мусоидат мекард, суғдиҳо аз ин на танҳо барои сафарҳои тиҷоратӣ, балки ҷиҳати бунёди марказҳои савдо дар мамолики дурдаст низ истифода мекарданд. Дар ин хусус илова бар бозёфтҳои бостоншиносӣ ахбори китобии чӣ муаррихони ҳамзамони чинӣ ва чӣ муаллифони баъдинаи ис-

ломӣ мавҷуданд. Дар сарчашмаҳои чинӣ аз мустамликаи суғдиҳо дар Лоб Нор[1], ки дар асри VII таъсис ёфта, пас аз сад сол андаке мухторият пайдо кардааст, ёд мешавад. Сайёҳи чинӣ Сюан Тсзан, ки соли 630 аз Туркистон гузар карда буд, таҳти номи Сули (тахмин мекунад, ки Сулик – шакли буддоӣ ва монавии калимаи Суғдист, ки ҳарфи «д» ба «л» табдил ёфтааст) ҳамаи кишварро аз соҳили дарёи Чу то Шаҳрисабз мутаҳид мекунад, дар ҳама ҷо забон ва хат якто буд, бо ин хат аз боло ба поён (чунон ки баъдтар уйғурҳо ҳам) менавиштанд. Аз гуфтаҳои Сюан Тсзан пайдост, ки он замон дар сарзамини суғдиён ойини буддоӣ расм набудааст, мисли он ки дар аҳди ислом миёни суғдиён ғайр аз пайравони дини зардуштӣ монавиҳову насрониҳо низ буданд, вале буддоиҳо набуданд. Аз ин рӯ ёдгориҳои адабиёти буддоӣ бо забони суғдӣ, агар онҳо дар ҳақиқат ба асри VII мансуб бошанд, на дар ватани суғдиён, балки дар мустамликаҳои дурдасти онҳо нигошта шудаанд. Дар бораи сарзамини сарторсари суғдҳо то соҳили Чу ба ҷуз ҳикояти Сюан Тсзан дигар маълумоте нест, вале аз фаъолияти мустамликадории суғдиён то води дарёи Чу муаллифи исломии асри XI Маҳмуди Қошғарӣ сухан меронад; ӯ дар бораи халқи сугдак менависад, ки онҳо «мардуми дар Баласағун[2] маскун шуда; онон аз он Суғданд, ки байни Бухорову Самарқанд аст, фақат эшон либоси туркиро қабул кардаанд».

Дар ҷои дигари асари мазкур гуфта шудааст, ки «Аҳли Баласоғун ба суғдию туркӣ ҳарф мезаданд, бад-он сон сокинони Тароз[3] ва Шаҳри Сафед низ».[4] Ба назарам аҳолии Баласоғун ва ҷойҳои дигар дар асри XI марҳилаи охирин аз даст додани забони худро таҳти таъсири туркон аз сар мегузаронид; ҳанӯз одамоне буданд, ки ба суғдӣ ҳарф мезаданд, вале аллакай одамони танҳо ба суғдӣ такаллумкунанда набуданд. Дар хусуси мустамликаҳои суғдӣ дар самти шарқ Маҳмуди Қошғарӣ чизеро зикр намекунад, вале ҷуғрофони номаълуми форси охири қарни X дар бораи панҷ деҳаи суғдӣ дар мулки тугузҳо, яъне дар ҳамон қисмати Туркистони Чин, ки ёдгориҳои адабиёти динии суғдӣ ёфт шуда буданд, маълумот медиҳанд. Муаллифи мазкур илова мекунад, ки дар байни ин суғдиён насрониҳо, габрҳо (зардуштиҳо) ва «сабиҳо» буданд; унвони охирин дар он замон умуман нисбат ба будпарастон аз ҷумла буддоиҳо истифода мешуд, дар Самарқанд монавиҳоро низ ҳамин тавр меномиданд. Аз ин маълум мешавад, ки мустамликаҳои суғдӣ ҳанӯз дар давраи то исломӣ

---

[1] Кӯл ва минтақаи ҳамном дар қисмати ғарбии Хитой. (Шарҳи мураттиб).

[2] Маҳали воқеии ин шаҳр ҳанӯз маълум нест, ба ҳар ҳол он дар водии дарёи Чу воқеъ будааст.

[3] Ё ин ки Талас ҳоло Авлиё-Ота (имрӯз номи Ҷамбулро гирифтааст).

[4] Эҳтимол ин шаҳр дар тарафи ғарбии Авлиё-Ота ҷойгир буд.

таъсис шудаанд. Ҳатто дар хусуси баромади суғдии алифбои туркӣ муаллифи ибтидои асри XIII Фахриддин Муборакшоҳ ёдовар мешавад.

Марзи ҷанубии Суғд ва мулки ҳокимони тоисломии Самарқандро маъхазҳои исломӣ ҷое медонанд, ки Сюан Тсзан нишон дода буд, яъне наздики: «Тоқҳои оҳанин ё гузаргоҳи Бузғола. Аз паси ин гузаргоҳ сарзамини тохарҳо –Тахористон, ки вилояти шимоливу ҷанубии болооби Амударёро дар бар мегирифт, шуруъ мешуд. Дар замони Сюан Тсзан дар Тахористон ҳанӯз буддизм, ки аз сарзамини суғдиҳо танг карда бароварда шуда буд, ҳукмронӣ дошт, алифбои махсусе мавҷуд буд, аз чап ба рост менавиштанд, аз ин ҳувайдост, ки алифбои ҳиндиасл дар назар дошта шудааст. Аз суханони Сюан Тсзан мавҷуд будани робита байни ин алифбо ва алифбоҳои дигари ҳиндӣ, ки дар Туркистони шарқӣ – дар Куча ва Хутан истифода мешуданд, маълум намегардад. Аз муаллифони давраи исломӣ дар хусуси алифбои тоисломии Тахористон танҳо Самъонӣ (асри XII) сухан меронад: зимни тасвири шаҳри Вашгирд (ҳоло Файзободи Бухоро) ӯ аз «ҳуруфе, ки дар ибтидои ислом дар он ҷо роиҷ буд, маъруф буд ва дар кутуб мазкур буд», ёд мекунад. Ҳамин тавр, Самъонӣ на доир ба далели нави кашфкардааш, балки оид ба далели ба муосиронаш хеле маълум сухан мегуяд: вале то имрӯз танҳо ҳамин як маълумот расидааст, «кутуби» Самъонӣ ёд карда, зоҳиран, бепай гум шудаанд.

## 2

Ҳуҷуми арабҳо дар асрҳои VII-VIII таркиби этнографии аҳолии эронии Туркистонро тағйир дод ва барои он истилоҳи нав эҷод намуд. Дар Форси тоисломӣ дар аҳди сулолаи Сосониён (асрҳои III-VII) аз лиҳози ҷуғрофӣ наздиктарин қабилаи бадавӣ ба Форс қабилаи тай буд, онҳо шаҳри Ҳираро дар ғарбии Фурот сохтанд (дар давраи исломӣ чунон ки маълум аст, дар наздикии Ҳира Куфа ба вуҷуд омад), ки баъдҳо марказӣ ҳукумати араб шуд ва дар тобеияти Форс қарор дошт. Ҳанӯз дар қарни III мелодӣ яке аз муаллифони суриёӣ, ки дар Эддеса эҷод мекард, калимаи «тай»-ро дар баробари «саракинҳо» барои ифодаи ҳамаи бадавиён ба кор бурда буд. Аз номи ин қабила дар форсии миёна ё паҳлавӣ (забони адабии форсии аҳди портӣ ва сосонӣ паҳлавӣ номида мешавад) ва арманӣ «тачик» ба маънии араб ба вуҷуд омад, дар давраи исломӣ мо шаклҳои баъдии он – «тозик» ва «тозӣ»-ро мебинем, аз калимаи аввал дар туркӣ «теҷик»[1] пайдо шудааст. Табдили ҳарфи «**з**» ба «**ҷ**»-ро овози «**ж**»

---

[1] Доир ба пайдоиши калимаи «тоҷик» аз калимаи арабии «тозӣ» ва доир алоқамандии калимаи «тозӣ» ба маънои «араб» ва «тоҷик» нисбати халқҳои шарқиэронӣ баҳси доманадор ҷой дорад. Баъзе паҳлӯҳои мулоҳизаҳои В.В. Бартолд аз тарафи олимони соҳа, аз ҷумла Б. Ғафуров, Боровков ва дигарон рад карда шуданд. (Шарҳи мураттиб).

нишон медиҳад ва дарвоқеъ дар асари Маҳмуди Қошғарӣ шакли «тежик»-ро пайдо кардан мумкин аст[1]. Маҳмуди Қошғарӣ ба монанди муаллифи дигари турки асри XI Юсуфи Баласоғунӣ ин калимаро аллакай ба маънои форс истифода мебарад, вале қаблан туркҳо арабҳоро тоҷик меномиданд, ки ба ин даши (араб)-и чинӣ ишора мекунад.

Аз рӯи тасавуроти онрӯза касе ки исломро қабул карда бошад, араб мешуд: ҳангоме ки ашрофони Бухоро соли 728 ба волии араб Ашрас дар бораи тавфиқи ташвиқоти ислом дар Туркистон хабар додаанд, онҳо ифодаи «кулли мардум араб шуданд»-ро ба кор бурданд. Комилан табиист, ки барои туркон теҷикон (ба талаффузи туркӣ) на он қадар ки мардуми арабиасл, балки бештар намояндагони ислом ва тамаддуни муслумонӣ буданд, ки ба назди онҳо ба биёбон меомаданд ва миёни онҳо микдоран эрониҳои ғарбӣ бешубҳа бештар буданд, зеро теъдоди арабҳои ба Осиёи Миёна омада он қадар зиёд набуд. Аз ин рӯ барои туркон форсӣ забони «теҷикӣ» шуд, вақте ки туркҳо вилоятҳои исломиро забт карданд ва бо ду халқи асосии муслумон арабҳо ва форсҳо аз наздик шинос гаштанд, калимаи «теҷик»-ро танҳо нисбат ба форсҳо нигоҳ дошта, тоҷиконро аз  арабҳо фарқ мекардагӣ шуданд, ҳарчанд дар аввал форсҳо ва дар пайравии онҳо маҳз арабҳоро тоҷик меномиданд. Эҳтимол барои суғдиён ҳам тоҷикон на танҳо арабҳо, балки форсҳои муслумон низ буданд, вале аз ин тарзи истифодаи калимаи «тоҷик» аз тарафи эрониёни маҳаллӣ далеле надорем.

Ҳамроҳ кардани вилоятҳои мутамаддини Туркистон ба хилофат тарзи ҳайёти маҳалро комилан тағйир дод. Бо ҳама муваффақиятҳои тиҷоратии суғдиён дар асрҳои VI-VII сохти ҷомеа дар ин  давра ҳам монанди замони Искандари Мақдунӣ буд[2]. Давраи беш аз ҳазорсола, ки  аз аҳди Искандар то истилои арабҳоро фаро мегирад, дар ин бобат дар Туркистон беасар  будааст; ҳам мақдуниён дар асри IV то мелод ва ҳам арабҳо дар  қарни VIII мелодӣ дар Туркистон ҳукмронии ашрофони заминдорро, ки дар қалъаҳои мустаҳкам мезистанд, диданд, шаҳрҳо зиёд набуданд ва калон ҳам набуданд. Ҳамаи инҳо аллакай дар асрҳои аввали ислом  тағйир пазируфтанд: шаҳрҳо зуд вусъат меёфтанд, та-

---

[1] Вожаи «тежик», баробари вожаи «тоҷик», бештар аз тарафи Сайфиддини Ҳиротӣ, муаллифи  охири асри XIII ибтидои асри XIV, ки оид ба таърихи Ҳирот асаре таълиф намудааст ва он баъди вафоти В.В. Бартолд нашр шуд, бештар истифода шудааст. Ниг. Сайфи Ҳиравӣ. Таърихномаи Ҳирот. Калкутта, 1944.

[2] Бо ин навиштаҳои В.В. Бартолд, ки ақидаи он вақт дар байни муҳаққиқони Ғарб паҳншудаи  «феодализми абадӣ» дар Шарқро дастгирӣ менамояд, умуман  розӣ шудан мумкин нест.  Аммо В.В. Бартолд дар бисёр мавридҳо ба ин иштибоҳ роҳ медиҳад ва сабаби асосии он то дараҷаи зарурӣ таҳқиқ наёфтани масъалаи мазкур дар замони ӯ мебошад. Илми муосири таърих ин ақидаро ба куллӣ рад мекунад. (Шарҳи мураттиб).

бақаи тоҷирон ҳар чи бештар бартарӣ пайдо мекард. Онҳо бештар ба назарам муҳоҷирони Форс буданд, ки ислом дар он ҷо салтанати сосониҳоро сарнагун намуда, барои пешрафти иқтисодию фарҳангии халқи форс роҳи васеъ кушод. Дар айни замон форсҳо аз рӯи ватандӯстӣ суннатҳои давлатдории худро, ки намояндааш сосониён будаанд, дастгирӣ менамуданд ва ин суннатҳо ҳамроҳ бо забони форсӣ аз тарафи эрониёни Осиёи Миёна пазируфта шуд. Вақте ки дар ҳаёти сиёсии мусулмонони Туркистон намояндагони аъёну ашрофи маҳаллӣ аввал ҳамчун ноиби халифа, сипас ба сифати ҳокимони ворис ширкат варзидаанд, онҳо худро бо Сосониён ҳамнасаб шинохтанд: намояндагони сулолаи аз ҳама пуриқтидори Сомониён, ки дар асри X ба Туркистону Хуросон ҳукмронӣ мекарданд, чунин амал намуданд, дар асри XII ҳокимони маҳаллии вилояти Хутал – Кӯлоби имрӯза ҳам ҳаминтавр карданд. Аҳолӣ ҳатто дар Бухорои асри X он замон ба суғдӣ ҳарф мезад, вале забони девондории давлати Сомониён дар баробари забони арабӣ танҳо форсӣ буд, ки **«дарӣ»** (дарборӣ) низ мегуфтанд. Яке аз шоироне, ки аз Самарқанд аст, Рӯдакӣ ҳатто ба зумраи шоирони классикии адабиёти форсии исломӣ мансуб мешавад. Тадриҷан забони суғдӣ мавқеашро аз даст дод ва аз забон афтид: ягона боқимондаи он дар замони ҳозира ду лаҳҷаи водии Яғнобрӯд яке аз шохобҳои Фондарё мебошад. Лаҳҷаҳои яғнобӣ ворисони мустақими забонҳои адабии ба мо маълуми суғдӣ намебошанд, вале бештар ба забони ёдгориҳои насронӣ наздиканд[1].

Эҳтимол меравад, ки ҳанӯз дар даврони тоисломӣ байни аҳолии дашт ва кӯҳистон фарқ гузошта мешуд. Дар давраи исломӣ мо бо истилоҳе дучор меоем, ки аз рӯи таркиби овозҳояшон баромади хеле қадимӣ доранд: **ғар** (кӯҳ), **ғарча** ё ба талафузи кунунӣ **ғалча** (куҳистонӣ), **Ғарч** ё **Ғарчистон** – вилояти Кӯҳистон. Ноҳияи болооби Марғобро (дар Марв) ба таври махсус Ғарчистон меномиданд, ки то асри XI мулки ҷудогона ба шумор мерафт: ғайр аз ин Самъонӣ дар асри XII дар бораи «Ғарчистони Самарқанд» сухан ронда ба эҳтимоли қавӣ ноҳияи кӯҳсори болооби Зарафшонро дар назар дорад. Аз истифодаи ин истилоҳ нисбат ба аҳолии ноҳияҳои кӯҳсори болооби Амударё дар адабиёти асрҳои миёна, то ҷое ки медонем, далеле нест. Тасаввуроти нависандагони исломӣ дар бобати ғарчаҳо ё ғалчаҳо аз афташ бо тасаввурот дар хусуси забони махсуси ба дигарон номафҳум як набуд; дар бораи лаҳҷаи Ғарчистон фақат гуфта мешавад, ки он ҳамон тавре ки аз рӯи

---

[1] Ба ақидаи В.А. Лившитс чунин мулоҳиза пояи воқеӣ надорад, зеро матнҳои насронӣ аз ҷиҳати забон ниҳоят ба забони гуфтугӯии суғдии асрҳои VIII-X наздик бошанд ҳам, аммо забони яғнобӣ яке аз диалектҳои забони суғдӣ мебошад, ҳарчанд бо ин шева осори хаттӣ пайдо нашудааст.

мавқеи ҷуғрофиаш чашмдор шудан мумкин аст, лаҳҷаи мобайнии миёни лаҳҷаҳои Ҳирот ва Марв мебошад. Дар замони навтарин ҳам калимаи ғалча дар Осиёи Миёна ба маънии куҳистонӣ ва на барои ифодаи гурӯҳи махсуси забонӣ истифода мешавад. Сафири рус Мейендорф[1] соли 1820 дар Бухоро шунидааст, ки мардуми камбағал ва мастақилеро, ки дар қисмати шарқии Бухоро ва шимолии Ҳисор, яъне болооби Зарафшон зиндагӣ мекунанд ва бо форсӣ ҳарф зада забони дигарро намедонанд, вале аз рӯи қиёфаашон аз тоҷикон фарқи зиёд доранд, ғалча меноманд[2]. Истифодаи васеи истилоҳи ғалчаро мо дар асари муҳаққиқи англис Шоу (с. 1876) мебинем, ки ба қавли ӯ бо ин ном «дар байни ҳамсоягони туркашон» аҳолии Кӯлоб, Мастчоҳ, Қаротегин, Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон, Вахон, Бадахшон, Зебак ё Санглич, Минҷон ва ҳакозо машҳуранд. Дар мақолаи В. Гейгер, ки маҷмуи маълумоти ба забони немисӣ доир ба филологияи эронӣ мебошад, калимаи ғалча ҳамчун номи умумии аҳолии эронии водиҳои Помир, ки ба лаҳҷаҳои хос ҳарф мезананд, аз назар гузаронида мешавад, аз ин ноҳия Дарвоз, Кӯлоб, Қаротегин ва Бадахшон, ки чун сокинони водиҳо бо забони тоҷикӣ ҳарф мезаданд, сарфи назар шудаанд. Ба ҳар ҳол дар калимаи ғалча, аз рӯи баромади этимологияш ягон маънии таҳқиромезе нест, вале аз сабаби паст будани савияи мадании кӯҳистониён онро аҳолии водиҳо ба оҳанги таҳқир ба кор мебурданд. Дар фарҳангҳои форсӣ ба калимаи ғарчагӣ (исме, ки аз ғарча сохта шудааст) маънии гӯлу нодон, ба калимаи ғарча маънии оворагард дода мешавад. Комилан табиист, ки кӯҳистониёни болооби Зарафшон (дар ҷойҳои дигар калимаи ғалча ба худи кӯҳистиниён, ба назарам, маълум набуд) намехоҳанд, ки онҳоро ин тавр номанд, ба яке аз муҳаққиқони рус С.Д. Масловский дар Зарафшон, дар он тарафи Панҷекат, аз афташ дар Фалғар гуфтаанд: «мо ғалча нестем, ғалча ин дар Яғноб, ин дар Мастчоҳ, он ҷо тоҷикони ганда, мо бошем ғалча нестем»[3]. Ба назарам, барои баъзе кӯҳистониён калимаи тоҷик бо мафҳуми қабул кардани ислом ва маданияти исломӣ алоқаманд аст: худи ҳамон С.Д. Масловский «дар шарқии Дарвоз,

---

[1] Мейендорф А.М. (1798-1865), барон, саёҳатчии машҳури рус, геолог, соли 1820 дар ҳайати Сафорати рус ба Бухоро омада буд. (Шарҳи мураттиб).

[2] То Мейендорф доир ба «ғалча» Назаров, ки солҳои 1813-1814 ба Қӯқанд омада буд, маълумот дода менависад, ки «форсҳои кӯҳӣ»-ро чунин меномиданд. Ӯ дар бораи «форсҳои кӯҳӣ» маълумоти фаровон дода, тарзи зиндагӣ, машғулият ва ҳудуди зисти онҳоро тасвир намудааст. (Ниг. Назаров Ф. Записки о некоторых народах и землях средней части Азии Филиппа Назарова, Отдельного Сибирского корпуса переводчика, посыланного в Когант в 1813 и 1814 годах, СПб., 1821). Таҳлили илмии ин маълумот бори нахуст дар мақолаи Иванов П.П. Казахи и Кокандское ханство (к истории их взаимоотношений в начале XIX в.), (ЗИВАН, Т.VII, 1939) дода шудааст.

[3] Масловский С.Д. Галча (Первобытное население Туркестана). Русский антропологический журнал, М., 1901, №2, с.3.

Шуғнон, Рӯшон» ибораи «мо ба наздикӣ тоҷик шудем[1]»-ро шунидааст (мутаассифона муҳаққиқ аз афташ аз ҳамсуҳбатонаш савол накардааст, ки онҳо қаблан кӣ буданд).

Охири асри X дар Туркистон туркҳо бартарии комил ва қатъии сиёсӣ ба даст оварданд. Барои ифодаи аҳолии тасхиршудаи эронӣ ба ҷуз калимаи тоҷик инчунин, калимаи **тот**, ки пайдоишаш чандон равшан нест, истифода мешуд. Дар ин маврид бештар на мардуми зоташон ғайритурк, балки аҳолии муқимӣ дар назар дошта мешуд; на танҳо эрониён, балки уйғурҳо ҳам тот буданд. Ҳоло туркманҳо ҳам онро ба ҳамин маънӣ ба кор мебаранд, барои онҳо узбеки хевагӣ ҳам тот аст: калимаи тот дар Қафқоз маънии нажодӣ касб мекунад. Дар Туркистон эрониёни маҳаллӣ худро ҳеҷ гоҳ тот наменомиданд, вале бо таъсири хоҷагони туркашон худро тоҷик меномидагӣ шуданд. Аз ин тарзи истифодаи калимаи тоҷик дар аҳди Сомониён мо далелеро дучор намеоем, вале дар асри XI эрониён бо ҳокимони турк мусоҳиб шуда ифодаи «мо, тоҷикон»[2]-ро ба кор бурдаанд. Муаррих Байҳақӣ ин ифодаро ба яке аз ашрофони эронӣ, нисбат медиҳад, ки соли 1039 дар сӯҳбат бо Султон Масъуди Ғазнавӣ гуфтааст (маълум аст, ки мероси Сомониён дар ноҳияҳои қисмати ҷанубии Амударё ба сулолаи Ғазнавиён, ки аз лашкариёни турки Сомониён баромада буд, гузашт).

Аз асри XI сар карда вилоятҳои эронӣ ҳар чи бештар зери ҳукумати туркон гузаштанд, дар айни замон, албатта, ноҳияҳои кӯҳистон ва дар ҳимояи кӯҳсорон буда мустақилии худро муддати дароз нигоҳ доштанд. Аз сулолаҳои эронинажод танҳо сулолаи Ғуриёни вилояти кӯҳистони Ғур, ки дар қисмати ғарбии Афғонистон воқеъ буда, мулки васеъро, аз ҷумла, баъзе вилоятҳои қисмати шимоли Амударё, масалан водии Сурхонро ба тасарруфи худ дароварда буданд, кӯшиши ташкили давлати бузург намуданд.

Дар мубориза барои пешдастӣ дар қисмати шарқии олами исломӣ султонҳои ғурӣ дар ибтидоӣ асри XIII аз ҳокимони турки Хоразм – Хоразмшоҳон шикаст хӯрданд. Хоразм дар ин овон аллакай кишвари туркӣ шуда буд, на фақат аз лиҳози ҳукмронии сиёсии туркҳо, балки аз рӯи забони аксари аҳолӣ низ, ҳол он ки ҳанӯз дар асри XI онҳо на танҳо ба хоразмӣ ҳарф мезаданд, балки менавиштанд. Мутаассифона, на ёдгориҳои адабӣ, на ҳуҷҷатҳо ба забони хоразмӣ то ба мо нарасидаанд.[3]

---

[1]Масловский С.Д. Галча (Первобытное население Туркестана). Русский антропологический журнал, М., 1901, №2, с.3.

[2] Абулфазли Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ, чопи В.Ҳ. Морлей, Калкутта, 1862, с.746.

[3] Ҳоло баъзе далелу аснод ба даст омадааст. Аз ҷумла, дар ҳафриёти Тупроққалъа, ки солҳои 1949-1953 таҳти роҳбарии С.П. Толстой сурат гирифтааст, як қатор ҳуҷҷатҳои хоразмии асрҳои III-IV мелодӣ пайдо шудаанд.

Ғайр аз муборизаи сулолаҳо миёни халқҳо низ низоъ зоҳир мегардад. Дар ҳикояте оид ба муборизаи Хоразмшоҳ Ҷалолиддин бо муғулҳо дар бобати задухӯрдҳои байни туркону лашкаркашони ғурии хоразмшоҳ сухан меравад; аҳдномае, ки лашкаркаши тур пешниҳод карда буд, аз тарафи ғуриён бо чунин суханон рад мешавад: «Мо ғуриёнем, шумо бошед туркҳо: мо бо ҳам зиста наметавонем».[1] Вақте ки яке аз хоразмшоҳиён бо ҳокими Мозандарон муъоҳида баст, ҳамзамон бо устувории ин дӯстӣ бовар накарданду гуфтанд: «Миёни турку тоҷик роҳҳо ториканд, раҳоӣ аз ҳалокат душвор аст, дӯстию хешовандӣ ҳамеша бо адоват ба поён мерасид». (Мозандарон дар воқеъ, баъдан аз тарафи хоразмшоҳиён забт гардид). Ҳангоме ки яке аз шоҳзодагони хоразмӣ дар муборизa барои тахт шикаст хӯрда Хоразмро тарк гуфт, ӯро огоҳ карданд, ки ба Мозандарон наравад: «Тоҷик ҳеҷ гоҳ ба турк бовар нахоҳад кард».[2] Бо вуҷуди ин туркҳо бе тоҷикон илоҷе надоштанд, аллакай Маҳмуди Кошғарӣ ин мақолро оварда буд: «Бе тот турк буда наметавонаду бе сар кулоҳ». Вазъияти тоҷикони зери ҳукумати бодиянишинон, албатта хеле вазнин буд. Ба қавли муаррих Рашидаддин ҳокими муғули Форс Ғазонхон (1295-1304), ки бо додгустарӣ шӯҳрат дошт, ба муғулонаш гуфтааст, ки тороҷи тоҷикон кори осон аст, вале баъд барои онҳо дарёфти ғизо хеле душвор хоҳад буд; онҳо зану бачаҳои тоҷиконро саркӯб мекунанд ва ба ёд намеоранд, ки барои худашон ҳам зану фарзандашон азизанд ва ҳол он ки тоҷикон «ҳам инсонанд».

Тоҷикон барои туркон ҳамчун намояндагони саноату тиҷорат ва умуман маданият лозим буданд. Забони форсӣ дар давраи ҳокимони турк ҳамчун забони коргузории давлатӣ ва адабӣ боқӣ монд, тоҷирони эронӣ ҳар чи бештар ноҳияи фаъолияти тиҷоратию истеъмории худро васеъ менамуданд. Муаллифони асри XI турк Муҳаммади Кошғарӣ ва Юсуфи Баласоғунӣ ба маънии тоҷир калимаи сартро, ки ҳоло аз алфози ҳиндӣ будани он исбот шудааст, ба кор мебурданд; ба эҳтимоли қавӣ аввалин тоҷироне, ки туркҳо ба онҳо сару кор доштанд, ҳиндуҳо буданд ва ба даст овардаҳои тиҷорати ҳиндӣ пешрафтҳои ташвиқоти дини буддоӣ алоқаманд буданд. Шояд аз аз байн рафтани буддизм ҳам ба интиқоли нақши тоҷирӣ аз ҳиндуҳо ба эрониён вобаста бошад. Тоҷикон дар ин масъала чунон бобарор кори ниёгони худ суғдиёнро идома медоданд, ки истилоҳи сарт аз тарафи муғулҳо ва шояд боз ҳам пештар аз ҷониби туркони шарқӣ ба ҳамаи мардумони эронии Осиёи Миёна, ки тоҷирон аз онҳо баромадаанд, ба давлатдорию маданияти

---

[1] Атомалики Ҷувайнӣ. Таърихи Ҷаҳонкушой, чопи Муҳаммад Қазвинӣ, ч.2.2, Лейден-Лондон, 1916, с.193.

[2] Заҳриддини Маръашӣ. Таърихи Табаристон, Руён ва Мозандарон, чопи Б. Дорн, Ст-Петербург, 1850, с.284.

онҳо интиқол дода шуд. Шаклҳои муғулии калимаи **сарт саратул ва сартактай** буданд; дар эпоси муғулҳо симои баҳодур **Сартактай** офарида шуд, ки бинокори дарғоту сарбанди аҷиб буд ва аз ин ҳам ҳувайдост, ки эрониҳо дар биёбон на танҳо тоҷир, балки паҳнкунандагони маданияти моддӣ, ба хусус лавозимоту дастгоҳҳои обёрӣ буданд. Аз тарафи дигар тоҷикон – мусулмон мисли суғдиёни пешин мубаллиғони дини худ набуданд*; миёни қабилаҳои муғул насрониён буданд, вале мусулмонон набуданд, ҳарчанд муслумонон намояндагони асосии тиҷорат буданд. Нишонаи мансубият ба фарҳанги пешрафта дар назари бодиянишин аз мансубияти миллию забонӣ муҳимтар буд. Чингизхон аввалин ҳокими мусулмони ба ӯ тобеъшуда Арслонхони қарлуқро (дар қисмати шимолии Ҳафтрӯд) ба қавли муаррих Рашидаддин сартакай, яъне тоҷик хондааст, ҳол он ки қарлуқҳо халқи турк буданд ва албатта ба туркӣ гап мезаданд. Дар навиштаҳои замони Чингизхон дар хусуси баргаштани ӯ аз сафари кишвари сартаулҳо, яъне давлати Хоразмшоҳ Муҳаммад ва писари ӯ Ҷалолуддин сухан рафтааст. Плано Карпини, ки соли 1246 дар Муғулистон буд, вақте доир ба истилои «сартҳо» аз тарафи муғулҳо сухан меронад, ҳамин сафарро дар назар дорад. Дар асари забоншиноси асри XIV гумноми араб дар бораи забони муғулӣ[1] калимаи сартаул мусулмон тарҷума шудааст, вале бештар калимаи сарт ва сартаул дар давлатҳое, ки муғулҳо дар Осиёи Миёна ва Форс ташкил карда буданд ва дар охири асри XIV таҳти ҳукумати Темур мутаҳид гаштанд, ҳамчун муродифи калимаи тоҷик истифода мешуд. Дар аҳди ворисони Темур аллакай дар хусуси забону адабиёти «сартҳо» бар хилофи забону адабиёти туркон сухан меравад, яъне сартҳо гуфта умуман форсҳоро мефаҳмиданд. Шаҳодати Бобур (ибтидои асри XVI) дар хусуси фарқ доштани сартҳо аз тоҷикон, ки ба наздикӣ А.Н. Самойлович зикр карда буд, яккаву ягона мебошад. Зимни тасвири вилояти Кобул Бобур менависад, ки он ҷо «дар марғзору шӯразамин туркҳо, аймоқҳо (бодянишинони аслашон омехта) ва арабҳо, дар шаҳр ва баъзе деҳот сартҳо, дар баъзе деҳоти дигар тоҷикон, афғонҳо зиндагӣ мекунанд» ва боз намояндагони се халқи дигар ҳаёт ба сар мебаранд. Бобур фарқи тоҷикону сартҳоро дар чӣ медид, маълум нест, дар гумон аст, ки ӯ тафовути забониро дар назар дошта бошад, на забони сартӣ ва на забони тоҷикӣ ёд намешавад ва танҳо форсӣ – шояд забони муштараки тоҷикони сартҳо хотирнишон мегардад. Дар ҷойҳои дигари асари Бобур тоҷикон ёдоварӣ намешаванд; масалан, зимни тасвири Фарғона ба туркону забони онҳо танҳо сартҳову забонашон муқобил гузашта мешаванд.

---

[1] Ишора ба асари Ҷалолуддин ибни Муҳанно (ваф.1425). «Китоби тарҷумони форсӣ ва туркӣ ва муғулӣ».

*Ин ақидаи В.В. Бартол қобили қабул нест. (Б.С.).

Пас аз забти Туркистон аз тарафи ӯзбекҳо (дар ҳамон асри XVI) номи сарт ба мардуми муқимии истилошудаи хоҳ нигоҳдорондаи забони форсӣ ва хоҳ ба туркӣ ҳарфзананда дода шуд. «Сартҳо» ба «ӯзбекҳо», махсусан возеҳу пайгирона дар Хоразм, чӣ дар асари муаллифи асри XVII Абулғозӣ ва чӣ дар замони навтарин муқобил гузошта мешавад. Қобили қайд аст, ки Абулғозӣ калимаи сартро танҳо маҳз дар мавридҳое ба кор мебарад, ки сухан аз Хоразм равад; ҳар ҷо ки сухан умуман аз эрониён ва забонашон бошад, калимаи тоҷик истифода мешавад; Абулғозӣ аҳолии Бухораи замонаашро ҳам тоҷикон меномад. Дар асри XIX калимаи сартро бештар муаррихони Қӯқанд ба кор мебурданд, зимнан борҳо якҷоя ба тарзи «ӯзбекҳо, тоҷикон ва сартҳо» ёд мешавад; бинобар ин сартҳо аз тоҷикон фарқ мекарданд, вале оё бо калимаи сарт маҳз қисмати туркшудаи аҳолии муқимии маҳаллиро мефаҳмиданд (намояндагони илми аврупоиву рус сайъ мекарданд, ки ба калимаи сарт ҳамин маъниро диҳанд) аз сухани муаррихон маълум намешавад. Аксаран дар Фарғона низ ба маънии «ҳамаи аҳолӣ» ифодаи «ӯзбекҳо ва сартҳо» ба кор мерафт, яъне сартҳо нисбат ба тоҷикон аз ӯзбекҳо ба таври мушаххастар фарқ меркарданд. Донандаи беҳтарини ҳаёти Фарғона шодравон В.П. Наливкин гуфта буд, ки аҳолии муқимии Фарғона, ки номи умумии сартҳоро доранд, аз ӯзбекҳову тоҷикон иборат аст, вале азбаски «дар ҳудуди Фарғона сартҳо – ӯзбекҳо аз тоҷикон бештаранд», Наливкин таҳти унвони забони «сартӣ» ғолибан «туркиро» мефаҳмид. Умуман ҳамзамон бо гузариши ӯзбекҳо ба ҳаёти муқимӣ ба сартҳо на ӯзбекҳоро мисли пешина, балки қазоқҳоро муқобил мемондагӣ шуданд. Дар замони навтарин калимаи сарт барои мардуми таҳҷоӣ таҳқиромез дониста шуда аз истифода берун гаштааст, ҳарчанд аввал ягон ҷиҳати таҳқиромез надошт; тасаввури таҳқиромез аз он сабаб ба вуҷуд омад, ки бодиянишин ба он оҳанги таҳқир ба зироаткору шаҳрнишинро ворид кард. Бо ҳамин гуна таҳқир турк баъзан дар бораи тоҷик сухан меронд, вале ин дар забон хеле кам инъикос ёфтааст, зеро калимаи тоҷик то ҳол ба маънии аввалаи забонияш зич алоқаманд аст.

## 3

Аз вилоятҳои аҳолинишини эронӣ танҳо Бадахшон ба ҳуҷуми муғулҳо дучор нагардид. Дар замонҳои пешин Бадахшон аз ҳаракатҳои истилогарона дар канор набуд, туркон ба он ҷо ҳанӯз дар давраи тоисломӣ сар даровarda буданд, ҳокими қарлуқ он вақт ба маънии васеъаш малики олии Тахористон буд, ки Бадахшонро низ дар бар мегирифт. Каме баъдтар шахсе ба унвони туркӣ чун ҳокими Бадахшон ва Шуғнон ёд мешавад. То ба майдон омадани муғулҳо Бадахшонро ғуриҳо идора мекарданд, бо вуҷуди ин дар давраи муғул тасаввуре буд,

ки гӯё Бадахшон на танҳо дар замони муғулҳо, балки қаблан ҳам ба ҳеҷ истилогар тобеъ набуд ва дар тӯли 3000 сол (шояд дар бораи хронология тасаввури равшан набуд) аз тарафи ворисони Искандари Мақдунӣ идора мешуд.

Олимони аврупоӣ майл доштанд, ки дар ин ривоят акси садои далелҳои таърихӣ – амали Искандарро дар вилоятҳои кӯҳсори Бохтар ва издивоҷи ӯ бо маликаи маҳаллӣ Рухшона бубинанд, вале мо дидем, ки дар замони пеш аз муғул ҳокимони маҳаллии эронии Осиёи Миёна мехостанд, ки ворисони Сосониён бошанд, ривояти ба «шоҳ Искандар ва духтари шоҳ Доро» расидани аслу насаби ҳокимони Бадахшон бори аввал дар асри XII дар асари Марко Поло дучор меояд. Минбаъд ҳокимони як қатор вилоятҳои чӣ болооби Амударё аз Вахон то Дарвозу Қаротегин ва чӣ мавзеъҳои соҳили Ҳинд (Читрол) худро вориси Искандар меномиданд, танҳо ёдгориҳои адабии исломии асри XV-XVI насаби ҳокимони бадахшониро ба Искандар мепайванданд. Нақл аст, ки мушовирони Искандар барои ворисони ӯ дар Бадахшон дастуре омода кардаанд ва аз рӯи он истиқлолияти Бадахшон, ки ба махсусияти маданияташ нисбат ба ҳамсоягон алоқаманд аст, таъмин будааст. Ҳангоме ки ҳокими Бадахшон Султон Муҳаммад (дар асри XV) ба адабиёти форсӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, нахустин бор ба забони форсӣ шеър гуфт, дар ин амал вайроншавии васияти Искандарро диданд, аз ҳамон вақт Бадахшон ба зери султаи ворисони Темур гузашт. Ҳуҷуми ӯзбекҳо (дар ибтидои асри XVI) дар Бадахшон ҷунбиши миллиеро ба вуҷуд овард ва ёдгоре аз Қалъаи Зафар, ки онро дар соҳили чапи Кокчи (ба номи дигар дар ин ҷо пештар ҳам қалъа буд) яке аз роҳбарони шӯриш Мубораккшоҳ Музаффари мансуб ба зумраи аъёну ашрофи собиқи бадахшонӣ сохта буд, то имрӯз боқист. Мубораккшоҳ муваффақ шуд, ки ӯзбекҳоро танг карда барорад; вале ӯ дар мубориза бо ҳарифаш Зубайри Роғӣ ҳалок гардид. Кашмакаши роҳбарони ҷунбиши миллӣ ба манфиати Темуриён буд; ба яке аз онҳо – Мирзохон муяссар гардид, ки Зубайрро аз байн барад ва сипас ба ҷунбиши исмоилиҳо ҳам, ки сарвараш Шоҳ Розиаддин буд, дастболо шавад.

Ҳукумати темуриҳо дар Бадахшон то соли 1584 вақте ки хони Бухоро Абдулло Бадахшонро забт кард, идома ёфт ва аз он замон то забти ҳамаи қаламрави ӯзбекҳо дар қисмати ҷанубии Амударё аз тарафи афғонҳо таҳти султаи ӯзбекҳо боқӣ монд.

Пас аз пароканда шудани хонигарии ӯзбекҳо дар охири асри XVII дар Бадахшон сулолаи хоссаи амирҳо, ки асосгузораш Ёрбек – бунёдгузори пойтахти кунунии Бадахшон – Файзобод буд, ҳукумат меронд, ин ҳокимони ӯзбек ҳам худро вориси Искандари Мақдунӣ мешумориданд. Таҳти хукумати олияи бадахшониён Ишкошим ва Вахон қарор

доштанд, аз ин сабаб ин давра дар он ҷо «замони ӯзбекҳо» номида мешавад. Ба назарам вилоятҳои душворгузари Дарвозу Қаротегин ба ӯзбекҳо тобеъ набуданд. Муаррих Маҳмуд ибни Валӣ менависад, ки танҳо дар соли 1047/1637 -38 бори аввал қалъае дар вилояти Хутталон, Қалъаи Хум (Қалъаи Хумб, шаҳри асосии Дарвоз) ба ӯзбекҳо тобеъ шуд; ба ӯзбекҳо аз қабилаи айрат Боқиатолиқ сарварӣ мекард; ҳоким Шоҳғариб кушта шуд ва сари ӯ ба Бухоро фиристода шуд; ба ҷои ӯ эҳтимол ҳамчун зердасти ӯзбекҳо бародараш Шоҳқирғиз, ки аз хурдсолӣ дар дарбори ӯзбекҳо (дар Балх) зиндагӣ мекард, таъйин гардид. Акси садои ин ҳодиса шояд ҳикояте бошад, ки дар охири асри XIX С.Д. Масловский шунида буд: ба ӯ гуфтанд, ки шаҳри Қалъаи Хумб номи худро «дар асри XIX дар аҳди ҳукумронии Қирғизхон волии амир Абдуллохон дар Дарвоз гирифтааст»[1]. Носаҳеҳии замонӣ албатта комилан табиист ба хусус дар Туркистон ривоятҳо ҳамаи ҳодисаҳои маъруфро ба аҳди Темур ё Абдуллохон мансуб медонанд. Дар бораи Қаротегин дар ҳамон маъхаз омадааст, ки дар моҳи раҷаби 1045 (11 декабри соли 1635 - 9 январи соли 1636, яъне дар зимистон, ки ба Қаротегин рафтан номумкин аст) 12000 оилаи қирғизҳо (қароқирғизҳо), ки кофир шуморида мешуданд, бо сардории 12 роҳбалад, ки дар ибтидои моҳи оянда аз тарафи хонҳои ӯзбак дар Балх пазируфта шуданд, аз Қаротегин гузашта ба Ҳисор омаданд. Дар замони навтарин ҳам баъзан ривоятҳое оварда мешаванд, ки мувофиқи онҳо Қаротегин қаблан ба қароқирғизҳо мансуб буда танҳо ба наздикӣ тоҷикон гирифтаанд: агар ин тавр мешуд, ин ҳодисаи нодири гузаштани ҳукумати туркон ғасб карда аз нав ба эрониён мегардид. Сарфи назар аз он ки Қаротегин бо номи «Рашт» дар асри X вилояти мусулмонӣ буд, соли 1820 дар Бухоро ба Мейендорф дар хусуси он ҳамчун вилояти кофирони на он қадар шум сухан рондаанд; маркази кофирони бадхашм ба қавли Мейендорф, Қалъаи Хумб буд. Дар ҳақиқат, дини аҳолии ҳам Дарвоз ва ҳам вилоятҳои ҷанубу шарқии он дер боз ислом буд.

Дар бобати таърихи ҳукуматҳои тоҷик дар асри XIX мо аз асарҳои сайёҳони Аврупои Ғарбӣ ва рус маълумоти зиёде пайдо мекунем; ҳамон тавре ки интизор шудан мумкин аст, дар он маълумот ихтилофи зиёд махсусан аз назари замонӣ мавҷуд аст. Ҷамъоварии ин аснод ва танқидан таҳқиқ кардани онҳо хеле зарур аст, ҳарчанд ин кори мураккаб буда, то ҳол иҷро нашудааст. Дар сурате ки дар вилояти болооби Амударё навиштаҷоте ба назар намерасад ва ҳамчунин одамоне, ки аз гузаштаи кишвари худ воқиф ҳастанд, хеле каманд, муқоисаи навиштаҳои сайёҳон бо гуфтаҳои мардуми маҳаллӣ боз ҳам душвортар аст. Ин ҷо очерки таърихи Шуғнон, ки дар охири соли 1912 ба забони

[1] Масловский С.Д. Асари зикршуда. – С.12.

форсӣ Саид Ҳайдаршои шуғнонӣ мураттаб намудааст ва онро А.А. Семёнов ба русӣ баргардонидааст, мустасност; дар тавзеҳоти мутарҷим ҳамчунин маълумот аз ҳикоёти сайёҳон ва ба хусус аз ҳуҷҷатҳои расмии русӣ оварда шудаанд. Ғайр аз ин ба забони форсӣ роҳнамои Қатағану[1] Бадахшони Кушкакӣ, ки солҳои охир дар Афғонистон дар аҳди амир Амонулло ба муносибати сафари вазири ҷанг Муҳаммад Нодирхон тартиб дода шудааст; ба таркиби ин китоб ғайр аз тавсифи ҷуғрофӣ очеркҳои таърихӣ, махсусан, таърихи мухтасари умумӣ (саҳ12-180), таърихи Бадахшон (саҳ.162-173), таърихи Шуғнон (336-348), таърихи Дарвоз (356-365) дохил мешаванд. Очеркҳо хеле сатҳӣ ва аксаран печ дар печ мураттаб шудаанд. Ба шарофати И.И. Зарубин ман бо ин китоб шиносоӣ пайдо кардам.

Аз шарҳи ҷузъиёт худдорӣ намуда ва ба таҳқиқи баёноти пурхилоф дар хусуси номҳову санаҳо сайъ накарда, бо муқоисаи далелҳои асосӣ иктифо месозем. Тобеияти умумӣ ба ӯзбекҳои Бадахшон ҳокимони тоҷикро аз ҷанги байниҳамдигарӣ, аз ҷанг бо Дарвоз, ки ба Бадахшон ва ҳокими Қундуз Муродбек, ки дар солҳои сиюми асри XIX чанд муддат Бадахшон ва вилоёти шарқии он, инчунин Читролро дар ҷануб ва Кӯлобро дар шимол дар итоат дошт, раҳоӣ набахшид. Амалиёти Муродбек дар вилоёти кӯҳсор бебарор омад; дар Шуғнон боре қариб сад нафарро дар натиҷаи фаромадани тарма аз даст дод, ҳарчанд сафар дар тобистон  сурат гирифта буд. Шоҳи Дарвоз, ба қавли сайёҳ Вуд (1837-1838) лашкари зиёдеро ба ҳар ҳол нисбат ба лашкари ҳамсоягони сусташ нигоҳ медошт. Дар бобати Қаротегин Вуд изҳор мекунад, ки (аз рӯи овозаҳо аз аврупоиҳо ба ин ҷо бори аввал русҳо, он ҳам дар соли 1878 ворид шуданд) ӯ  дар масъалаи тобеият ба Қӯқанд  ва Қундуз дудила аст. Маълум аст, ки Қаротегин аз тарафи хони Қӯқанд Мадалӣ (1822-1842) забт шуда буд; маълумот ҳаст, ки дар ҳамон вақт саркардаи қӯқандӣ Муҳаммад Шариф атолиқ Дарвозро истило намудааст, «ҳокими» Дарвоз Султон Муҳммадхон ба Фарғона фиристода шуда дар роҳ вафот кард ва дар Шоҳимардон дафнаш намуданд. Ҳангоми сар задани ошӯбҳо дар хонии Қӯқанд пас аз соли 1842, эҳтимол Дарвоз ва Қаротегин истиқлоли худро аз нав ба даст оварданд, ҳарчанд хонҳои Қӯқанд аз даъвои Қаротегин даст намекашиданд, вале дар солҳои 70-ум Дарвоз ва Қаротегинро бухороиҳо забт намуданд, ба қавли Семёнов охирин ҳокими Дарвоз аз ворисони Искандар  Сироҷхон дар Бухоро ба асирӣ афтод; бародари ӯ Муҳаммадхон вазири бузурги амир  Абдуллохони афғон (1880-1901) буд; ба Семёнов дар Дарвоз «таҳҷоиён ва баъзе мансабдорони бухороӣ» ҳамин тавр ҳикоят кардаанд. Ба қавли Бурҳонид-

[1] Қатаған – номи қабилаи узбек аст, ки аз ибтидои асри XVII Қундуз ба он тобеъ буд.

дин «Шоҳмаҳмуд» ҳокими Дарвоз буда бо Абдураҳмон ҳанӯз вақте, ки ӯ дар Самарқанд (1869-1879) буд, қабл ва баъди Дарвозро забт кардани бухороиҳо робита дошт. Бинобар ин Абдураҳмон баъди ба тахт соҳиб шудан Шоҳмаҳмуд ва бародараш Шоҳафзалро аз Марғелон, ки онҳо пас аз ронда шуданашон аз Дарвоз мезистанд, ба Кобул даъват намуд ва онҳо пас аз чанд сол он ҷо вафот карданд. Семёнов дар Қалъаи Хумб «тахти сангини ба чанд қисм пора шудаи» ҳокимони собиқи Дарвозро аз ворисони Искандар дидааст. Масловский аз «хумдони» (деги) аз хоро тарошидае, ки то замони ҳозира боқӣ мондааст ва ба қавле амали ҳамсафони Искандари Мақдунӣ будааст, ёд мекунад; аз ин рӯ ин маҳал ба гуфтаи таҳҷоиён Қалъаи Хумб ном гирифтааст»[1].

Қисмати Қаротегин бештар баҳснок ба назар мерасад; муддате он ба қӯқандиҳо мансуб буд, аз ин рӯ ҳукумати рус, ки ба мулкҳои собиқи хонҳои Қӯқанд дар Помир ва Қошғар даъво дошт, метавонист Қаротегинро ҳам мулки худ эълон кунад, вале ин ҳодиса рӯй надод. Моҳи августи соли 1876 пас аз ҳамроҳкунии Фарғона ба Россия Скобелев бо беки Қаротегин, ки дар тобеяти Бухоро монда буд, дар бобати хати марз аҳднома баст.

Вилоятҳои тоҷикону ӯзбекони ҷанубтари Амударё тадриҷан ба афғонҳо тобеъ шуданд. Ин ҷараён, ки ҳанӯз солҳои 1850 дар аҳди амири афғон Дӯстмуҳаммад шуруъ шуда буд, тақрибан пас аз мурури чил сол дар охири солҳои ҳаштод ба поён расид. Чандин бор ҳокимони маҳаллӣ ба афғонҳо тобеъ шуда дар вақти мусоид аз нав зидди онҳо бармехестанд. Афғонҳо баъзан барои мустаҳкам намудани ҳукумати худ бо таъсири русҳо тадбирҳо меандешиданд. Баъди ба Шуғнон омадани духтур ва набототшинос Регел дар тобистони соли 1882 амир Абдураҳмон ба Шуғнон Гулзорхонро фиристод ва ба ӯ муяссар шуд, ки ҳокими маҳаллӣ Юсуф Алихонро (ӯ ҳанӯз дар соли 1871 ёд мешавад; бародари Шоҳамирбек, ки барои ба исмоилиҳо майл доштанаш аз тарафи падараш аз мерос дар Шуғнон маҳрум шуда буд, ҳанӯз дар солҳои шаст ҳокими Вахон буд) розӣ намояд, ки ба Бадахшон ояд, ба он ҷое ки ӯ ва писараш Қубод - ҳокими Рӯшонро (худи Юсуф Алӣ дар аҳди падараш Рӯшонро идора мекард) боздошт намуданд ва ба Кобул фиристоданд. Дар чунин шароит фикр намекунам, андешаи соли 1886 баёнкардаи англис Йет, ки Рӯшон дар он аҳд дар ҳукумати ворисии худ буд, дуруст бошад. Шӯриши охирин соли 1888 вақте, ки лашкари афғонҳо Шуғнонро ба сабаби исёни хеши наздикаш Исҳоқ – волии Туркистони Афғон (баъдан ба Россия гурехт) ба муқобили амир Абдураҳим тоза намуданд, ба вуқуъ омада буд; он вақт ба Шуғнон аз Ҳисор Муҳаммад

---

[1] Масловский С.Д. Асари зикршуда. – С. 12.

Акбархон – насли ҳокимони собиқи Шуғнон омад. Баъди шикасти Исҳоқ афғонҳо ба Шуғнон ва вилоятҳои дигар баргаштанд; ба қавли М.С.Андреев байни солҳои 1889 ва 1891 Зебак, Вахон ва Ишкошим ба афғонҳо тобеъ шуданд. Марзкашии Помир дар соли 1895 ҷараёни маҳвшавии истиқлоли сиёсии тоҷикон ва тақсими вилоятҳои онҳоро байни Россия, Афғонистон ва Бухоро ба анҷом расонид. Ин марзкашӣ аз назари иқтисодӣ барои аҳолӣ аз он ҷиҳат ҳам беманфият буд, ки Бадахшон аз лиҳози сиёсӣ аз вилоятҳое, ки робитаи доимии иқтисодӣ дошт аз Кӯлоб дар Ғарб, аз Шуғнон дар Шарқ ҷудо карда шуд.

Аз се хони ӯзбекҳои Туркистон забони тоҷикӣ беш аз ҳама дар хонии Бухоро забони маъмурӣ ва фарҳангӣ буд ва дар Хева нисбатан камтар нуфуз дошт; Қӯқанд дар ин масъала ҳолати мобайниро ишғол мекард. Дар муқоиса ба Хева унсури тоҷикӣ дар Бухоро чунон пурзӯр буд, ки муаррихи хевагӣ лашкари Бухороро тоҷикӣ мешуморад, ҳарчанд дар Бухоро ҳам унсури ҳукмрон, махсусан дар байни табақаи низомиён ӯзбекҳо буданд. Забони тоҷикӣ на танҳо дар хонии Бухоро, балки дар Ҷумҳурии Бухоро, ки сентябри соли 1920 таъсис ёфт, чун забони давлатӣ шинохта шуд.

Ҳамбаста ба гузаштани ӯзбекҳо ба ҳаёти муқимӣ тоҷикон ва забони онҳо ҳар чи бештар танг карда ба кӯҳсорон ронда мешуданд; ҳолате ба вуҷуд омад, ки Наливкинро ба иштибоҳ андохт, ки «яке аз хусусиятҳои хоси миллии тоҷикон майли онҳо ба кӯҳҳост». Ҳодисаи гузаштани ӯзбекҳо ба ҳаёти муқимӣ барои тамоми Туркистон чӣ маънӣ дорад, масалан, дар қисмати калимаи қишлоқ (ба туркӣ зимистоннишин) зоҳир мегардад. Дар ҳуҷҷате, ки январи соли 1598, яъне дар арафаи вафоти Абдуллохони Бухороӣ навишта шудааст, миёни **деҳнишин, қишлоқнишин** ва **саҳронишин** фарқ гузошта шудааст; бошандагони қишлоқ, ки барои онҳо бошишгоҳи зимистонӣ тадриҷан ягона иқоматгоҳ гардид, байни зироаткорони муқимӣ ва бодиянишинон ҳолати мобайниро ишғол намуданд. Ҳоло чунон ки маълум аст, қишлоқ маҳз деҳаи зироаткори пурра муқимӣ мебошад ва на танҳо ӯзбекҳо, балки тоҷикон ва ҳатто кӯҳистониён ҳам деҳаи худро ҳамин тавр меноманд.

Истилои русҳо деҳоти тоҷиконро аз ҳуҷуми ғоратгаронаи бодиянишини турк наҷот дод. Деҳаи Пискон (Пскем) дар болооби Чирчиқ бори охирин аз тарафи қароқирғизҳо ҳангоми Тошкандро гирифтани русҳо, яъне наздики соли 1865 тороҷ гардида буд. Дар вақти ҳукумронии русҳо чунин тороҷгариҳо номумкин шуданд. Аз тарафи дигар бо таъсири барқарории тартибу низом ва беҳтар шудани роҳҳои мубошират забони аксарият – ӯзбекӣ беш аз пеш забони ҳаммаи аҳолӣ мешуд. Дар давраи истило чунон ки ба ман гуфтанд, дар деҳоти кӯҳӣ ва болооби Чирчиқ касе туркиро намефаҳмид; шахсан ман ҳангоми мусофира-

там дар Туркистон танҳо як маротиба дар Бухоро калимаҳои «туркӣ намедонем»-ро шунидам. Академик Радлов соли 1868 дар кӯчаи Самарқанд қариб, ки пурра танҳо нутқи форсиро шунидааст, дар ҳузури ман (соли 1904) он ҷо бештар аз форсӣ дида ба туркӣ ҳарф мезаданд. Бо ин забон аз форсӣ дида ба ҳукуматдорони рус сӯҳбат кардан осонтар буд, зеро русҳо ҳамроҳи худ мутарҷимони тотору қирғиз (қазоқ)-ро меоварданд; аз ҳамин сабаб қозикалони собиқ самарқандӣ Камолиддин, ки гирифтори ҷазо шуда буд, соли 1871 аризаи бегуноҳияшро на ба забони модарияш форсӣ, балки туркӣ навишт, то ки мазмуни он ба русҳо фаҳмо бошад. Вақте ки наздикии ҳамон давра зарурати нашри иловаҳо ба «Туркистанские ведмости»-и расмӣ ба забонҳои маҳаллӣ эътироф гардид, даставал ба он забонҳо тоҷикӣ ҳам дар радифи «ҷиғатоӣ» ва қирғизӣ (қазоқӣ) дохил карда шуд. Баъд ба ҷои ин дар бораи «иловаҳо ба гуфтори туркӣ (сартӣ) ва қирғизӣ» сухан ронда шуд; ва бо ҳамин ду забон аз соли 1871 чор маротиба ҳар моҳ – ду маротиба ба забони сартӣ ва ду бор ба қирғизӣ (қазоқӣ) иловаҳо чоп мешуданд, аз соли 1883 ба ҷои ин рӯзномаи на он қадар калон ба забони «сартӣ» нашр гардид. Вақте ки соли 1920 қонуни асосии Ҷумҳурии Туркистон тасдиқ шуд. «миллатҳои таҳҷои»-и ин ҷо танҳо қирғизҳо, ӯзбекҳо ва туркманҳо эътироф шуданд; сокинони қадимтарини ин кишвар тоҷикон аз ёд рафтанд. Ба кадом андоза тақсимоти ҳудудии миллии соли 1924 ба эҳёи миллати тоҷик мусоидат мекунад, оянда нишон хоҳад дод.

***М.С. Андреев[1]***

# МАЪЛУМОТЕ ЧАНД АНДАР ШИНОХТИ ТОҶИКОН

Тоҷикон халқиятеанд мансуб ба гурӯҳи калони шохаи ориёии оилаи қавмҳои ҳиндуаврупоӣ. Баъзе мардумшиносон онҳоро ҳамчун қисми шарқии бузургшуморатарин халқи эронинажод – форсҳо муайян намудаанд, ки ба се гурӯҳи асосӣ тақсим шудаанд. Тибқи таърифи Деникёр, «агар тақрибан ҳудудҳои Форси ҳозираро фаро гирифта, аз Астаробод ба ҷониби Язд хатте гузаронем, дар қисмати шарқи он тоҷикон, дар ғарб ҳаҷамиён[2] (байни Теҳрону Исфаҳон) ва порсҳо ё форсҳоро (байни Исфаҳону халиҷи Форс) дарёфт мекунем»[3].

Ҳамин тариқ, қадимтарин сокинони ба мо маълуми Осиёи Миёна – тоҷикон ҳатто пас аз тохтутози урдуҳои ғосиби ғайр, ки дар бисёр ҷойҳои фарохои Осиёи Миёна унсурҳои эрониро несту нобуд намудаанд ё дар таркиби худ омехтаанд ва ё ба кӯҳҳо танг кардаанд, то ҳол дар ин минтақа масоҳати васеъро соҳибӣ доранд. Каноратарин маҳалҳои тоҷикнишин, ки бештар ба шимол интиқол ёфтаанд, дар ҳавзаи рӯди Чатқал (саргаҳи дарёи Чирчиқ, уезди Тошканд) ҷойгир шуда, аз онҳо деҳаи Бисканд, ки дар дараҷаи 42-и арзи шимолӣ воқеъ аст, ин замон дурдасттарин нуқтаи ҳудудии ҳаракати тоҷикон сӯи шимол мебошад. Тақрибан ним дараҷа ҷанубтар аз он, дар доманаи ҳамон ҳавзаи кӯҳӣ, шимолтарин маҳалҳои тоҷикнишин дар Фарғона, ҳамчунин гурӯҳҳои алоҳидаи тоҷикони уезди Тошканд, дар иҳотаи халқиятҳои туркзабони атроф маскан доранд. Дар самти шимол каноратарин пешдастаҳои тоҷикон, ки низ нисбат ба маркази асосӣ пештар ҳаракат кардаанд, маҳалҳои аҳён-аҳёнро таркиб медиҳанд. Зоҳиран, инҳо вахониён ё сарикӯлиёнанд, ки дар доманаи шимолу шарқии Ҳимолой, дар қисмати қарибии пайвастшавии ин силсилакӯҳи пуразамат бо қисмати

---

*Ориёнома (ҷуғрофия, таърих ва фарҳанги мардумони ориёӣ дар интишорот) ҷ .2. ≪Душанбе: "Эр-Граф", 2006. – С. 38-51. Тарҷумаи Салими Зарафшонӣ.

[1] Академик, этнограф ва муҳаққиқи барҷастаи соҳаи забоншиносӣ, хатмкунандаи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна. Тавассути ташкил намудани экспедитсияҳои зиёди этнографӣ дар Осиёи Миёна маълумоти фаровонеро доир ба сокинони минтақа, аз ҷумла тоҷикон ҷамъоварӣ намудааст. Махсусан, диқати ӯро бештар манотиқи кӯҳӣ ва сокинони он ба худ ҷалб намудаанд. Экспедитсияҳои таҳқиқотии этнографии ӯ ба Помир, Вахон,Шуғнон,Ишкошим, Қошғар, Помири Шарқӣ, Фарғона, Масчоҳ, Яғноб, Ҳисор, Афғонистон ва манотиқи дигар ҳамеша бо маводи зиёди илмӣ анҷом ёфтаанд. Махсусан, таҳқиқоти ӯ доир ба тоҷикони водии Хуф ва Яғноб аз мондагортарин рисолаҳои илмӣ мебошанд. М.С. Андреев донандаи забони тоҷикӣ, яғнобӣ ва язғуломӣ буд.

[2] Яқинан, аз калимаи “аҷамӣ” ҳосил шудааст.

[3] Деникёр, “Иркҳои инсонӣ”, аз фаронсавӣ тарҷумаи Е. Рантсов, СПб, 1892, с. 502.

шарқии интиҳои Ҳиндукуш вомехӯранд. Аммо ҳудудҳои густариши тоҷикон ба ҷанубро муайян кардан душвортар аст. Масоҳате, ки қариб саросар тоҷикнишин мебошад, ба ҷануби силсилакӯҳи Туркистон ва қисмати пайвастшудаи Олой доман кашида, то саргаҳи Амударё (яъне дарёи Панҷ) рафта мерасад ва масофае чанд дар хоки Афғонистон ҳам (асосан тавассути Бадахшони Шарқӣ) идома ёфта, доманакӯҳҳои қисмати шарқии Ҳиндукуш ва водиҳои онро ишғол менамояд. Танҳо дар як худи Афғонистон, мувофиқи ҳисоби номукаммали роҳнамои ҷуғрофии инглисӣ, тоҷикон, ки аз рӯи шумора дар байни халқҳои ин кишвар баъди афғонҳо ҷои дувумро ишғол мекунанд, анқариби 900,000 нафаранд[1].

Зимнан тоҷикон инчунин дар ҳайати музофоти Ҳироти Афғонистон бисёранд. Дар ҷануб, аниқтараш дар тарафи ҷанубу шарқии Ҳиндукуш тоҷикон, ки густаришро байни дигар ақвом андак-андак аз нав оғоз намудаанд, ба қадри наздикшавӣ сӯи сарҳади Ҳинд, беш аз пеш камтар вомехӯранд, агарчи унсури тоҷикӣ аллакай дар атрофи Кобул хеле зиёд дучор меояд. Ба сарҳади Ҳинд расидан замон, чунон ки ҳадс задан имкон дорад, тоҷикон қариб тамоман нопайдо мегарданд. Ҳарчанд нишонаҳои мавҷудияти онҳоро дар наздикии сарҳад, ба ҳар ҳол, масалан, дар нишондодҳои харитаи англисии Нангарҳори Шарқӣ (дар 34°5' арзи шимолӣ ва 70° 35' тӯли шарқӣ)[2] дидан мумкин аст. Дар марзҳои пасисарҳадии Ҳинд тоҷикон аллакай вонамехӯранд, вале дар байни юсуфзайҳои вилояти Пешовар, бо патанҳои гирду пеш махлут шуда, ҷо-ҷо ба чашм мерасанд. Онон дар иҳотаи қавми патан, ки ма-

---

[1] Роҳнамои ҷуғрофии расмии англисӣ оид ба Ҳиндустон (Imperial Gazetters of India, Calcutta, 1908) ба дигар осори дар бораи ин кишвар навишташуда такя намуда, ҳамаи аҳолии Афғонистонро байни 4,5 ва 5 миллион ҳисобидааст. Аммо Тет (С. Р. Tate), ки Афғонистонро аз наздик медонист, дар китобаш “The Kingdom of Afganistan” (Бомбей, 1911) мушоҳидаҳои комиссияи Сиистонии соли 1904-ро асос қарор дода, аҳолии Афғонистонро 12,000,000 ба шумор меорад. Ин як дараҷа аз он ҷиҳат низ тасдиқ мешавад, ки Абдураҳмонхон, донандаи хуби кишвари хеш ва умуман марди корогоҳ, артиши якмиллионнафара орзу мекард, то ҳангоми ҳуҷуми душмани пурқуввати бурунмарзӣ онро истифода барад. Амалӣ гардидани ин нақша танҳо он вақт имконпазир мешуд, ки шумораи аҳолии Афғонистон хеле бештар аз 4-5 миллион бошад. Аммо агар ин ба воқеият мувофиқ ояд, тоҷиконро бояд камаш ду баробар зиёд ҳисоб намуд, яъне дар ин ҳол шумораи тоҷикони Афғонистонро на 900,000 балки наздики 2 миллион бояд донист.

[2] Тибқи иттилооти роҳнамои ҷуғрофии Ҳинд (Оксфорд, 1908. ҷ. XVI, с. 150), тоҷикон ҳатто дар округи Лаш-Ҷувайн, ки бо Ҳомуни соҳили дарёи Ҳилманд ҳамҷавор аст, яъне дар ин қисми Афғонистон, ки то 30$^{0}$ арзи шимолӣ ба сӯи ҷануб меравад, зиндагӣ мекунанд. Тоҷикон дар ин ҷо бо авлоди shakzai-и қабилаи дурронии афғонҳо, ки аксариятро ташкил медиҳанд, сукунат доранд.

Ба гуфтаи Bellew, “тоҷикон дар саросари паҳнои ҳамвории Афғонистон – аз Ҳирот то Хайбар ва аз Қандаҳор то Оксус паҳн шудаанд” (The Rases of Afganistan, Calcutta, 1880, с 110).

нофеи авлодиашро ҷиддан ҳифз менамояд, номи қабилавии хешро ҳам нигоҳ доштаанд.

Чунон ки дар боло гӯшрас кардем, тоҷикон қадимтарин бошандагони ба мо маълуми Осиёи Миёнаанд, ки дар он ҷо замоне унсурҳои эронӣ мавқеи асосӣ доштанд. Дар паҳнои азиме, ки ҳоло Афғонистони Шимолӣ, вилояти Пасихазар (мувофиқи номгузории охирин – Туркманистон), Хоразм, мулкҳои Бухоро, Туркистони Ғарбӣ ва ҳатто Шарқӣ, яъне Туркистони Хитойро фаро гирифта, тавассути он сӯи шарқ доман паҳн густардаанд, дар фазое, ки бевосита ба Форси ҳозира пайваставу як шудааст, қавмҳои гуногуни эронӣ (ориёӣ) мезистанд. Боқимондаи онон, ки ҳанӯз ба шеваҳои эронӣ ҳарф мезананд, имрӯз дар Осиёи Миёна бо номи умумии тоҷикон маъруфанд. Нақши дар маданияти ҷаҳонӣ бозидаи он ниёгони тоҷикҳои имрӯза хеле бузург мебошад ва Лауфер онро чунин сифат намудааст: "Мо медонем, ки халқҳои эронӣ як давра масоҳати паҳноватеро, ки саросари Туркистони Хитойро дар бар мегирифт, ишғол мекарданд. Онҳо ба Хитой гузаштанд, бо аҳолии он иртибот барқарор намуданд ва ба халқҳои бегонанажод, алалхусус туркону хитоиён, таъсири амиқ гузоштанд. Эрониҳо миёнаравони бузург буданд васати Ғарбу Шарқ, ки ғояҳои меросмондаи эллиниро ба Осиёи Марказиву Шарқӣ бозмерасонданд ва растаниҳои гаронқимату маҳсулоти Хитойро ба арсаи Баҳри Миёназамин мебароварданд. Фаъолияти онон аҳамияти таърихии умумибашарӣ дорад, ки бе навиштаҷоти хитоиён мо сурати ҳолро комилан фаҳмидан наметавонистем"[1].

Сели ҳуҷумҳои паёпайи ғосибони аҷнабӣ ба Осиёи Миёна, ки ҳамеша бархӯрдгоҳи роҳҳои калон буд ва тавассути он кӯчокӯчи халқҳо мегузашт, ба эрониёни таҳҷоӣ басо таъсири марговар ниҳода, тухми ононро аз рӯйи замин рӯфт ё бо истилогарон махлуташон намуд, қисмҳои боқимондаи гурезаро ба кӯҳҳои баҳри душман дастнорас танг карда баровард, ки он маконҳои аз ҷиҳати сарвату амволи гирдоварда хеле камбағал, бар хилофи манотиқи пурсарвати водиҳо, ғосибонро сӯи худ намекашиданд.

Аз ин ваҷҳ барои таъйину таснифи манфиатҳои забткоронаи душманон он чиз ҳам нишондиҳандаи хос аст, ки тоҷикон имрӯз низ фақат дар мавзеоти чарогоҳҳои хубу васеъ надошта зиндагӣ мекунанд, яъне барои дар он ҷойҳо зистан вомонда шудаанд. Чарогоҳҳои хубро, албатта кӯчиёни ғосиб мекӯшиданд, ки худашон соҳиб шаванд.

Вале манбаи боварбахштарину возеҳтарин, ки носозгориҳо ва дигаргуниҳои таърихии сарнавишти тоҷиконро пеши назари муҳаққиқ ҷилва медиҳад, харитаи ҷойгиршавии имрӯзаи ин халқ аст. Агар ақал-

[1] Berthold Laufer. "Sino-iranika", Chicago,1919.

лан ба нақшаи хомакии қисмҳои собиқ вилоёти Сирдарё, Самарқанд ва Фарғона нигарем, бо як назар мебинем, ки чӣ гуна тоҷикон дар шакли ҷазирачаҳову воҳаҳои алоҳида ба танаи кӯҳҳо часпида, дар атрофи водиҳое боқӣ мондаанд, ки дар он мавозеъ онон аллакай ҳангоми ҳуҷуми муғулон зиндагӣ мекарданд. Масалан, дар водии дарёи Чирчиқ, ки дар қадимзамон аз сабаби тезҷараёниаш номи тоҷикии «Парак» (Парвозкунанда) дошт. Ё дар водии дарёи Ангрен (вайроншудаи «Оҳангарон»-и тоҷикӣ), ки дар он ҷо муғулон танҳо аз шаҳри харобкардаи Банокат (дар резишгоҳи Ангрен ба Сирдарё ҷой гирифта буд), мувофиқи шаҳодати таърихнигор Ҷувайнӣ,[1] панҷоҳ ҳазор тоҷикро барои корҳои муҳосираи зидди Хуҷанд ва дигар манотиқ, аз ҷумла Тошканди ҳозираву атрофи он (ки номҳои куҳнаи ҷӯйбору шаҳҷӯйҳои хатти обёрӣ, номҳои нуқоту мавзеъҳои гуногун оид ба маданияти даври пешини тоҷикон гувоҳи айнулаёнанд) бурдаанд. Нахустин нуқтаҳои тоҷикнишини самти шимолу шарқ аз маҳалли калони Хавос (наздики истгоҳи марказие, ки он ҷо роҳҳои оҳани Тошканд, Самарқанд ва Фарғона ба ҳам пайваст мешаванд, ҳоло Хавос ном дорад, собиқан ин маҳалро ба русӣ Урсатьевская меномиданд) ва кӯҳҳои Хуҷанду пиромуни он иборатанд. Ҳоло ҳастанд дербошоне, ки боқимондаи тоҷикони дар Бисканд (маҳалле дар роҳи рости аробагарди байни Тошканд ва Хуҷанд) маскангирифтаро дар ёд доранд, вале имрӯз дар он ҷо тоҷикон нестанд. Дар паси ин қароргоҳҳои ба пеш ҳаракаткарда, асосан дар тарафи ҷануб ва шарқи онҳо, ҳарҷо-ҳарҷо тоҷикони ноҳияи Уротеппаву Фарғона, дар иҳотаи мардуми мутакаллим бо лаҳҷаҳои туркӣ ягон-ягон ва дар доманакӯҳҳо бештар гурӯҳ-гурӯҳ вомехӯранд. Ин пораҳои парокандаи то рӯзҳои мо расидаи тасма-тасма аз шарқ ба ғарб қад-қади фазои васеи тоҷикнишин тӯлкашидаву ба самти ҷануб (тарафи ҷануби қаторкӯҳи Туркистон) идомаёфта боқимондаҳои аҳолии фузуни эрониӣанд, ки як замон маҳз дар ҳамвориҳо сернуфус буданд. Инҳо монанди он аҳолие, ки ҳоло дар оғӯши кӯҳҳое, ки фақат мардуми камшуморро хӯрондан метавонанд, сукунат доранд, ба шакли силсилақитъаҳои пайдарпай эмин мондаанд.

Ба ин паҳно нигариста гуфтан мумкин аст, ки дар ин ҷойҳо муҳорибаи садсолаҳо идомадошта ва имрӯз ҳам хомӯшнашуда мерафту меравад (махлуткунии тоҷикон бо аҳолии туркзабон ҳанӯз давом дорад) ва инак натоиҷи он:

Паҳнои эронӣ, ба маънои маҳфузияти забон, бо суръати ҳайратовар рӯфта шудааст. Дар водиҳо фақат марказҳои нисбатан пурқуввати ҳаёти тоҷикон, амсоли шаҳрҳои бузурги Самарқанду Бухоро, барҷо истодаанд. Ҳамчунин онсӯтар дар қисмати ҷанубу шарқ, шояд ба фишори забтгарон

---

[1] Ин маълумотро ба ман В.В. Бартолд пешкаш кард.

камтар дучор гардида, минтақаҳои ҳамворӣ ва доманакӯҳи Фарғона-Уротеппа, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба фазои яклухти ҳозираи тоҷик мепайванданд, ба намуди воҳаҳо боқӣ мондаанд. Охирин мариҳлаи мавҷудбудаи алоқаи бевоситаи байни фазои эронии Туркистону Бухоро аз як тараф ва Хуросону Форс аз дигар тараф - қадимтарин муттакои Эрон, яъне Марв, қиёсан дар замони на он қадар дур (охири асри XVIII ва аввали асри XIX) аз ҷониби амири Бухоро Маъсум хароб ва аҳолии боқимондаи он ба Бухорову Самарқанд кӯчонда, биноан ин соҳат барои ишғоли туркманҳо (сариқҳо дар соли 1790-91 ва текелҳо соли 1834)[1] тоза карда шуд. Ҳамин тариқ, иртиботи байни эрониёни Туркистону Бухоро аз як сӯ ва Форс аз сӯи дигар, ки пештар бо сабаби тафриқаи динӣ басо коста буд, аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҳам хеле суст гашт.

Ба оммаи тоҷик, ки ҳоло ҳам васеъ доман густардааст, нигаҳ давонда, сари саволи зерин муфассалтар таваққуф варзидан табиист: Калимаи «тоҷик» аз ҷиҳати этникӣ чиро муайян мекунад? Ба тавсифоти гуногун ва умуман, аз рӯи гап, на ба дараҷаи кофӣ итминонбахши маънои худи калима[2] наистода, як қадар номуайяниро дар тавсифи он ки дар манозили Осиёи Миёна маҳз кӣ тоҷик мебошаду кӣ тоҷик не, зикр кардан мумкин аст. Одатан, аҳолии туркистони Бухорову Туркистон феълан ҳамон аҳолии таҳҷоии Осиёи Миёнаро тоҷик меноманд, ки ба забонҳо-(ё шеваҳо)-и эронӣ гап мезананд, он шеваи забони форсӣ аст, ё фарз кардем, яке аз лаҳҷаҳои ғайрифорсии эронии саргаҳи Панҷ, фарқ надорад. Аҳли Хуросон ва пашту-афғон, масалан, як сон аз ин гурӯҳ хориҷ карда мешаванд, якуминҳо чун «эрониён» ё «порсиён», дуюминҳо чун «афғон», агарчи тоҷики афғон дар назари онҳо аздусар тоҷик мемонад. Дар миёни худи тоҷикон бошад, чунин умумигардоние дар тавсиф мушоҳида намешавад.

Аз он оғоз мекунем, ки дар болооби Панҷ сокинони он ҷо ки бо лаҳҷаҳои ғайрифорсӣ ҳарф мезананд, танҳо худашонро тоҷик меангоранд (масалан, дар Шуғнон, Рӯшон) ва, мисол гирем, ҳамсояҳояшон – дарвозиёнро дар қатори дигар мардуми ба шеваҳои форсӣ гапзананда форсигӯй меноманд[3]. Дар дигар ҳолат ва маҳз дар Яғноб, дар ин мамлакати хурди кӯҳӣ, ки қад-қади яке аз шохаҳои дарёи Зарафшон мавқеъ до-

---

[1] Асноди марбути ин давра дар тадқиқоти олиҷаноби марҳум В.А. Жуковский «Харобаҳои Марви бостонӣ» (МАР № 16, СПб, 1893), инчунин мақолаи «Роҷеъ ба таърихи Марв» (ЗВО, ҷ. XIX, 115-138, 0218-0219) ва асари «Тавсифи таърихӣ-ҷуғрофии Эрон»-и В.В. Бартолд, ки дар илми эроншиносӣ саҳми бузурги ӯст, оварда шудаанд.

[2] Оид ба мафҳуми «тоҷик» нигаред ба «Тавзеҳот»-и калони Хаников, ки барои асари Риттер «Эрон» (СПб,1903) ҳангоми тарҷумаи он ба забони русӣ илова кардааст ва инчунин ба очерки таърихии В.В. Бартолд, ки дар ҳамин китоб ҷой гирифта, ин нуктаро аз диди имрӯз баррасӣ кардааст.

[3] Тибқи навиштори муҳаққиқони англис, тоҷикон худро форсивон меноманд.

рад, аҳолии он, ки бо забони махсуси боқимондаи забони қадимаи суғдӣ такаллум мекунанд, баракс аст. Ҳамсояҳои яғнобиён, ки бо лаҳҷаҳои забони форсӣ ҳарф мезананд (фалғариҳо, масчоҳиён) фақат худро тоҷик меноманд, яғнобиёнро бошад, ғалча[1] мехонанд ва одатан дар ғоибашон чунин ном мебаранд, зеро ин ном таҳқиромез шумурда мешавад. Аҳли Яғноб ҳам, зоҳиран, худро аз тоҷикон ҷудо карда, ҳамсояҳояшонро тоҷик, худашонро яғнобӣ меҳисобанд.

Аҳолии ноҳияи Хуҷанд низ, ки дар ҳамвории даромадгоҳи Фарғона ҷойгир аст ва нутқаш ба лаҳҷаи забони форсист, худро тоҷик меномад, вале нависандаи ин сатрҳоро ба пайи номи куҳна афтодан муяссар шуда буд - маълум гашт, ин ном дар хотироти азбайнраванда бад-он маъно маҳфуз монда, ки онон сартҳо ҳастанду забонашон тоҷикист. Тоҷикони асил гуфта, онҳо кӯҳистониён-(масалан, аҳли Дарвоз, Масчоҳ)-ро дар назар медоранд.

Барои мисоли боло далели аҷибе ёфтем, ки бисёр гуфтаҳоро оид ба ин масъала тасдиқ менамояд: калимаи “сарт”пештар дар талаффузи куҳна аҳолии тоҷикзабон ва зоҳиран бештар тоҷикони водинишини шаҳриро ифода мекард[2].

Аз ин рӯ фаҳмо мешавад, ки сартҳо (аслан эрониён-тоҷикон) ҳангоме асосан аз ҷиҳати забон бо ғосибон махлут шуданд, забони туркии онҳоро қабул намуда (дар он ҳамҷӯрии садонокҳои туркиро сарфи назар карда ва ба дараҷае фонетикаи эрониро[3] маҳфуз монанда), номи қабилавии худро нигоҳ доштанд. Чун шумораи сартҳои водинишине, ки забонашонро бо

---

[1] Вожаи «ғалча», ки шарқшиносон ва мардумшиносон, тибқи одат, барои мафҳуми умумии тоҷикони кӯҳистон васеъ истифода мебаранд, аз тарафи худи тоҷикон хеле кам ва дар марзҳои хеле маҳдуд истеъмол карда мешавад ва ба гумон аст, ки аз ин ҷиҳат бакорбарии аврупоиён ҳақ бошад. Дар бисёр ҷойҳо, ҳам дар кӯҳсорон (мисол, дар кишварҳои соҳили Панҷ), ҳам дар водиҳо аҳолии тоҷик ин калимаро истифода намекунад ва намедонад. Дар Туркистону Бухоро зоҳиран бештар аз ҷониби самарқандиён нисбати кӯҳистониҳои болооби Зарафшон корбаст мешавад.

[2] Мисол, Бобур дар бораи ҳамон ноҳияи Хуҷанд-Уротеппа, маҳз маҳаллаи Деҳкат, ки дар доманаи шимолии силсилакӯҳи Туркистон, наздики ағбаи Оббурдон ҷойгир аст, сухан ронда мегӯяд: “Аҳолии он агарчи сартанд, дар деҳот зиста, мисли туркҳо чӯпону соҳиби рамаҳоянд» (бо сабаби дар даст надоштани матни асл аз тарҷумаи англисии A. Beveridge, в. 1, с, 149 баргардон намудам). Бобур хуб медонист, ки аҳли Деҳкат тоҷикон буданд ва бо шеваи забони форсӣ ҳарф мезаданд, он гуна ки то ҳол мондаанд.

Маълумоти муфассал доир ба калимаи «сарт» ва мафҳуми он дар замонҳон гуногун дар мақолаи ҳамзамон ҷойшудаи В.В. Бартолд омадааст.

Ҳамчун инъикоси басо тааҷубовари мафҳуми куҳнаи калимаи «сарт» шояд он низ бошад, ки аҳолии саргаҳи дарёи Панҷ, яъне шуғнониҳо, рӯшониҳо, вахониҳо, то ҳоло байни ҳамдигар, чунон ки А.М. Дяков ба ман иттилоъ дод, дар бораи аҳолии ҳамвориҳои Туркистон гап зада, бе фарқияте ҳам тоҷикони водӣ ва ҳам «сартҳо», яъне тоҷикони туркшударо бо калимаи “сарт” ифода менамоянд. Аммо ӯзбекҳоеро, ки бо онҳо ҳамҷавор мезиянд, болоипанҷиҳо ҷудо карда, «юзбак» меноманд.

[3] Е.Д. Поливанов чунин муқаррар намудааст.

забони аҷнабиҳо бадал кардаанд (аслан тоҷикон), ҳам дар Хева, ҳам дар вилояти Сирдарё ва Фарғона афзун буд, охирин шеваи онҳо чун туркӣ ва худашон чун халқи ба ин шеваи туркӣ мутакаллим шинохта шудаанд. Аз дигар тараф, тоҷикони водинишин, ки забонашонро маҳфуз дошта буданд, худашон низ пештар худро сарт меномиданд. Тавре мо дар мисоли ноҳияи Хуҷанд дидем, онҳо оҳиста-оҳиста аз чунин номбарӣ даст кашида, нисбати худ истилоҳи «тоҷик»-ро пазируфтанд.

Тоҷиконро аз рӯи ноҳияҳои зист ва қисман аз рӯи тип ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: водинишин ва кӯҳистонӣ. Табиист, ки хуни аввалинҳо ба хуни истилогарони охирзамон бештар омезиш ёфта, аз кӯҳистониён тафовути назарраси типӣ доранд, ҳамчунин дар байни ноҳияҳои гуногуни водӣ типҳои хос мавҷуданд, аммо инро баъди тадқиқоти вижа муайян кардан мумкин хоҳад буд. Дар бораи тоҷикони кӯҳистонӣ бояд гуфт, ки бо сабаби беҳтар боқӣ мондани хуни ориёӣ онон умуман нисбати водинишинон бештар ба типҳои ақвоми аврупоӣ мушобеҳанд. Аз ин ҷиҳат хусусан кӯҳистониҳои болооби дарёи Панҷ ҳайратоваранд. Дар байни онон кам нестанд афроде, ки агар тағйири либос кунанд, комилан онҳоро аҳли Аврупо, бештар олмониҳо ва ё дигар аврупоиёни шимолӣ пиндоштан мумкин аст. Типҳое ҳам вомехӯранд, ки ба халқҳои Қафқоз (осетинҳо ва дигарон) монанд ҳастанд. Онҳо қомати баланду мавзун, риши зардранг ё бӯр, чашмони мешӣ дошта (зимнан тазаккур бояд дод, ки мӯйи сиёҳ ё бӯри тирагун ва чашмони мешии тира ё сиёҳ бештар вомехӯранд), ранги пӯсташон равшан буда, бо хусусиятҳои ирқии ҷисмонӣ махсусан аз қирғизҳои кӯчманчии атроф ҷудо шуда меистанд. Маҷмуан бояд гуфт, ки ҳудудҳои байни қабоили гуногуни тоҷикон дар Осиёи Миёна ба маънои фарқиятҳои типӣ аз ҷониби пажӯҳишгарон ҳаллу фасл ва мушаххас нагардидаанд[1], аммо дар баъзе макону маҳалҳо вуҷуд доштани ин тафовутҳо нишон медиҳад, ки худи тоҷикон аз ҷиҳати типӣ ба кадом гурӯҳи қабилавӣ мутааллиқ будани ҳамқавми вохӯрдаашонро муқаррар намудан метавонанд.

Тоҷикони ҳамворинишини дар шимол ва шимолу ғарби Тоҷикистон ҷойгирифтаро барои осонии тасниф асосан ба «бухороиён», яъне аҳолии Бухорову атрофи он, ба ҳамин сурат «самарқандиҳо», «уротеппагиҳо» ва нисбатан норавшан – «фарғониҳо», яъне аҳолии нуқоти гуногуни Фарғона гурӯҳбандӣ кардан метавон. Бо сабаби набудани асноди муайян мо ночорем, ки аз баёни ақоид дар бораи ба тафовути типии миёни ин ноҳияҳо даст кашем, агарчи баъзе фарқиятҳо ба чашм мерасанд. Вале дар бораи забон қиёсан бо итминон ҳарф задан имконпазир аст.

---

[1] Дар ин бобат навиштаи С.Д. Масловский «Ғалча, аҳолии ибтидоии Туркистон» (Русский антропологический журнал, 1901, № 2) вуҷуд дорад. Мутаассифона, роқими ин сатрҳоро аз сабаби нобарории ҷустуҷӯ дар Тошканд шиносоӣ бо ин асар муяссар нагардид.

Дар шароити умумии мавҷуда, ки ҳама тоҷикон ба оилаи забонии (филологии) эронӣ мансубанд, тоҷикони Осиёи Миёнаро ба ду қисмат ҷудо намудан мумкин аст:

1. Онҳое ки бо шеваҳои форсӣ гуфтугузор мекунанд.
2. Онҳое ки бо забонҳои эронӣ, вале на форсӣ, сухан меронанд.

Қисмати ахир аз ҷиҳати шумора назар ба қисмати аввал манозили хеле камро ишғол менамояд ва аз ҷиҳати ҷуғрофӣ низ ба ду ноҳияи нобаробаршумора тақсим мешавад:

Гурӯҳи якум: гурӯҳи забонҳо ё шеваҳои қисми болоии ҳавзаи Амударё (Панҷ), ки ҳоли ҳозир нуқтаҳои ҷудогонаи ин гурӯҳ бо шумораи кам ва ҳарҷо-ҳарҷо ба самти шарқ, ҳатто то доманаҳои шарқии интиҳои шимолӣ-ғарбии Ҳимолой расида[1], тул кашидаанд.

Гурӯҳи дувум: боқимондаи забони суғдист, ки тасодуфан то рӯзҳои мо ба ҳайси реликт омада расидааст ва дар шахси яғнобиёни ба дараҷаи ҳайратангез каммиқдор (ҳамагӣ 1000-1500 нафар) таҷассум ёфтааст. Онҳо дар масоҳати хурд, дар хилвати кӯҳҳои душворфатҳ, қадқади шохоби дарёи Зарафшон – Яғноб ҷойгузин шуда, аз ҳар тараф дар инҳисори тоҷикони ба шеваҳои форсӣ ҳарфзананда мондаанд[2].

Бо сабаби набудани маводи дақиқ ва тадқиқоти муназзам ин замон доир ба маҷмуи гӯишу лаҳҷаҳои эронӣ дар Туркистон ва Бухоро ҳукм кардан мушкил бувад, вале қайд намудан зарур аст, ки тақсимбандии муқаррарии шеваҳои кӯҳистонии форсӣ ба «қаротегинӣ», «дарвозӣ», «масчоҳӣ», яъне тақсим кардан аз рӯи водиҳо ва сохти маъмурӣ на ҳама вақт ба воқеият мувофиқ меафтад. Дар нисбати ноҳияҳои ҳамворинишин низ чунин бояд гуфт. Танҳо тадқиқу таҳлили муфассал, як навъ барӯйхатгирии оморӣи гӯишҳои гуногун бо назардошти сифоти хоси онон метавонад манзараи лаҳҷаву гӯишҳои эронӣ-(тоҷикӣ)-и Осиёи Миёнаро равшантару дақиқтар ба назар ҷилвагар созад. Одатан, ба кишварҳои кӯҳие чун Масчоҳ, Қаротегин, Ҳисор ва ҳатто Яғноби кӯчак дахл карда, зинҳор аз рӯи дар ҳар яки онҳо вуҷуд доштани «лаҳҷае» ҳарф задан мум-

---

[1] Таърифи ин қисмат аз лиҳози антропологӣ дар асари T.A. Joyse “Notes in the Physikal Anthropology of Chinese Turkestan and Pamirs” (Jurnal of the Royal Anthropologyl institute, v. XLII, 1912) омадааст.

[2] Вақтҳои охир мавҷудияти боз як гурӯҳи хурди яғнобиён, ки дар гузаштаи наздик (50-60 сол пештар) аз Яғноб муҳоҷир карда шудааст, дар доманаҳои ҷанубии силсилакӯҳи Ҳисор, ки Яғнобро аз Ҳисор чудо месозад, ошкор гашт. Чунон ки А.М. Дяков ба ман иттилоъ дод, онҳо ҳамагӣ чор деҳаро фаро гирифтаанд: Зумон (30-35 хона), Сайроб (10 хона), Роғ (20 хона) ва Кӯктепа (15-20 хона). Ба ҷуз ин боз деҳоте ҳастанд, ки нисфи аҳолиашонро яғнобиён ташкил медиҳанд: Лойоб ва Харангон. Ин ду деҳа 10 вёрст дуртар аз Душанбе ҷой гирифтаанд. Дигар деҳоти фавқуззикр тақрибан 50-55 вёрст дур аз Душанбе воқеанд. Кулли он бадарғашудагон байни худ ба яғнобӣ гап мезананд. Баъзе аз онҳо дар Яғноб заминҳояшонро нигоҳ доштаанд. Ин гурӯҳро ба назар гирифта зоҳиран шумораи ҳамаи яғнобиёнро тақрибан 1500-2000 қабул кардан ҷоиз мебошад.

кин нест. Дар ҷойҳои гуногуни чунин кишварҳо аксар замон ба назари аввал зайле метобад, ки лаҳҷаву гӯишҳои гуногун ба гурӯҳи бошишгоҳҳо ва баъзан ба бошишгоҳҳои алоҳида тақсим шудаанд. То дараҷае гуногун, ки агар Масчоҳро (болооби Зарафшон) мисол гирем, дар Масчоҳи Боло ва Поён онҳо ҳатто аз доираи умумии гӯишҳои масчоҳӣ ҳамчун номи гурӯҳ, ки маҷмуан бештар таърифи ҷуғрофист, берун мебароянд. Дар ҳақиқат, аз ҷиҳати забонӣ гӯишҳои масчоҳи болоӣ, ки ба дарозои Масчоҳ хеле тул кашидаанд, ба қаротегинии ҳамсоя қарибанд, лекин гӯишҳои масчоҳи поёнӣ дар ин нисбат аз масчоҳи болоиҳо бештар мутафовит буда, дар навбати худ, масалан, ба гӯишҳои ҳамҷавори фалғарӣ монандтар мешаванд (Фалғар дар поёнтари қад-қади Зарафшон воқеъ гашта, аз ҷиҳати табиию ҷуғрофӣ давоми ҳамон дараи Масчоҳ аст). Чунин манзара дар Қаротегини ба Масчоҳ ҳамсоя, ки аз он тавассути қаторкӯҳи азим ҷудо шудаву қариб мутавозӣ ба он имтидод ёфтааст, низ ба чашм мерасад. Масалан, гӯишҳои қаротегини поёнӣ бо зиёд истифодабарии ҳиссачаи хурдкунандаи «ак» («будакак», «наздикак»), албатта, ба гурӯҳи гӯишҳои ҳисории ҳамсоя дохил мешаванд, назар ба он ки мансуби гӯишҳои қаротегини миёнагӣ ва гузашта аз ин, қаротегини болоӣ бошанд.

Аммо он чи ки дар кишварҳои кӯҳӣ бо вуҷуди мушкилоти муносибату алоқаи байни ҳамдигар ва дурии қиёсии гурӯҳҳои алоҳидаи деҳот ё деҳоти ҷудогона муқаррарӣ менамояд, дар ҳамвориҳо касро бештар ба тааҷҷуб меорад. Барои мисол мегирем волости Далёни уезди Уротеппаро, ки дар он ҷо бисёр қишлоқҳои тоҷикон парешонанд. Аҳолии таҳҷоӣ бовар мекунонанд, ки дар ин ҷо фарқи байни баъзе деҳоти алоҳида ё гурӯҳи деҳот аз лиҳози забон чунон бузург аст, ки онҳо вобаста ба тарзи гапзанӣ аксар вақт аз кадом нуқтаи аҳолинишини атроф будани ҳамсуҳбати ношиносро, баъзан ҳатто аз суханони аввалинаш, муайян намудан метавонанд. Чунон ки таҳҷоиён мегӯянд, дар фазои мазкур гоҳо ҳатто дар байни ду деҳаи ҳамсоя фарқи тамоман эҳсоспазир дида мешавад. Ба сабаби мавҷудияти чунин тафовути гӯишҳо миёни деҳоти ҳамсоя, ки ба замми он дар водӣ мавқеъ гирифтаанд, мо бояд биандешем, ки ҷараёни таърихии кӯчиш ва дар ин иртибот ба табақаҳо ҷудошавии аҳолии Осиёи Миёна ҳанӯз дар замони нисбатан хеле наздик қатъ нагашта буд. Фарқи возеҳи забониро дар байни ҳамсоямаҳалҳои водӣ фақат аз ҳамин нигоҳ фаҳмондан мумкин аст[1].

---

[1] Аллакай баъди сатрҳои мазкурро навиштани ман А.М. Дяков, ки аз сафари ноҳияи Уротеппа ва Яғноб баргашт, хабар дод, ки дар волости Далёни ноҳияи Уротеппа (яъне худи ҳамон ҷое, ки ман роҳи гузар ба фарқи калони гӯишҳои байни баъзе маҳалҳо мутаваҷҷеҳ шуда будам) чор деҳа ҳаст, ки дар он ҷо аҳли дараи Яғноб зиндагӣ мекунанд. Онҳо яғнобиёни асл набуда, балки дар Яғноб низ миёни ҳамдигар бо шеваи забони форсӣ ҳарф мезадаанд. Онҳо ба Уротеппа дар замони нисбатан на он қадар дури мозӣ кӯчидаанд. Ин далел тахмини маро тасдиқ мекунад ва тафовути мушоҳидашударо мефаҳмонад.

Бад-ин тариқ, ҳамзамон тазаккур бояд дод, Осиёи Миёна, ки қисмати асосии фалоти Эрониро ташкил медод, аз ҷиҳати дар паҳнои он то ҳозир боқӣ мондани забон ва лаҳҷаҳои эронӣ, зоҳиран, ҳамон гуна манзараи рангорангро таҷассум менамояд, ки давоми табии он дар Эрон. Дар омади гап, барои равшанӣ андохтан ба ин масъала асарҳои аз ҷониби Академияи илмҳои Русия интишоршудаи марҳум В.А. Жуковский хеле мусоидат кардаанд[1].

Доир ба манзараи умумии филологии забонҳо ва шеваҳои эронии Осиёи Миёна чунин тақсимбандии онҳоро ба гурӯҳҳои асосӣ, ки ба ман А. Фрейман вогузор кардааст, меорам:

а) Забони яғнобӣ бо якҷоягии забонҳои зиндаи хеттиву помирӣ ва забонҳои мурдаи суғдӣ, сакоӣ ва шояд авестоӣ ба шохаи шимолӣ-(скифӣ)-и забонҳои эронӣ мансуб аст. Муқоисаи забони яғнобӣ бо забони азбайнрафтаи суғдӣ қаробати фавқулодаи онҳоро нишон медиҳад, аз ин рӯ бояд ангошт, ки забони яғнобӣ ворисии бевоситаи забони суғдӣ ва ё забонест, ки аз ҷиҳати лаҳҷавӣ миёни он ва забони суғдӣ тафовути кам ҷой дорад. Дар забони яғнобӣ мавҷудияти ду гӯиш: шарқӣ ва ғарбиро ҳис кардан мумкин аст.

б) Оид ба шеваҳои помирӣ (шеваҳои помириро ба маънои танги ин калима (гурӯҳи шуғнонӣ) фарқ бояд намуд) тадқиқот нокифояанд, ки ин таснифи дақиқтари шеваҳои мазкурро душвор мегардонад. Аз рӯи баъзе нишонаҳо, шеваҳои мунҷониро ба афғонӣ наздик шумурдан мумкин аст. Як зумра олимон (Рейҳелт, Моргенстерн) ҷадди шеваҳои помириро забони сакоӣ меҳисобанд, ки ёдгориҳои он дар оғози асри равон дар Хутан ёфт шудаанд.

в) Ҳама забонҳои шарқи эронӣ, сарфи назар аз дурии ҳозираи ҷуғрофии соҳибзабонон (аз кӯҳҳои Иристон то Помир), гурӯҳи ба ҳам зич алоқаманди забонҳоро ташкил медиҳанд. Ин наздикӣ ҳам аз ҷиҳати морфологӣ ва ҳам аз ҷиҳати лексикӣ сомон ёфтааст.

г) Забони тоҷикӣ идомаи забони форсӣ (забонҳои ҷануби эронӣ) мебошад, ки ба шимоли Эрон зери таъсири маданию сиёсии Форс дар асоси шеваҳои маҳаллӣ бо фарогирии бархе хусусиятҳои забонҳои ақвоми баъдҳо дар манозили мазкур нишеманкарда (маслан, забони туркӣ) ворид шудааст.

* * *

Фарҳанги ниёгон ва гузаштаи бузурги таърихӣ ба феълу хӯйи тоҷик ва шуғли ӯ, ҳатто пас аз сипарӣ шудани шуҳрати сиёсиаш, наметавонист беасар монад. Тоҷик ин кишоварзи типитарин ва серғайрати

---

[1] Жуковский В.А. «Маводҳо барои омӯзиши шеваҳои форсӣ», ҷ. 1, СПб, 1888, ҷ. II, III Петроград, 1922.

азалӣ, соҳиби маданияти баланди заминкорӣ, ҳоло ҳам дар қиёс бо дигар ақвоми Осиёи Миёна бо нозуктабъии хеш дар чунин шароити маҳаллӣ фарқ карда меистад. Низоми обёрии тарҳдодаи ӯ бошад, аз он ҷумла иншооти аҷиби корезро[1] ёдовар нашудан мумкин нест, мушоҳидонро як сон ҳам дар Афғонистон, ҳам дар Эрон ва ҳам дар Туркистони Шарқӣ ба ҳайрат овардааст. Агар имкониятҳои дар техникаи барои тоҷик дастрас ва қадимияти иморатҳои оғозинро назардошт бинамоем, ӯ бо дурандешӣ, нубуғ ва меҳнатдӯстии пайгиронааш касро дар аҷаб мемононад.

Бо ҳамон асосҳои фарҳанги қадимӣ муҳаббати тоҷик ба тозагию озодагии хона, ба осоишу ҳузуру ҳаловат, ба тарзи махсусан хушоянд ва амалии ҷой додани дарахтҳо дар атрофи манзили худ, шавқу рағбат ба гулзоркунии ҳавлӣ дар хонаводаҳои сарватманд шарҳ дода мешавад. Ҳамин майлу рағбат ба хушгузаронии умр вайро барои сохтани суффаҳои зебову шоиронаи гилин зери сояи дарахтон дар лаби обанбори сунъӣ («ҳавз») - ҷои кайфу фароғат, пазиришгоҳи меҳмонон ва нишастангоҳи муқаррарии тобистонаи соҳибхонагон ҳангоми истироҳат, ғайр аз рӯзҳои гармтарин, ки салқинӣ дар утоқҳои торики хона бештар маҳфуз мемонад, таҳрик мебахшад. «Лаби ҳавзу боғу шамол!» – ин аст шароити идеалӣ барои тобистонгузаронии тоҷик.

Низ аз ин лиҳоз шавқи тоҷик ба шеъру шоирӣ, муҳаббат ба савту суруд, таваҷҷуҳ ба ҳаёти ҷомеа шарҳ дода мешавад. Тоҷик суханронӣ, чақ-чақ, маҷлису маҳфилҳои ҷамъиятиро хеле хуш дорад. Ин чун хатти сурхе аз васати тамоми сохти ҳаёти тоҷик гузашта, бештар дар зимистонрӯя, ки фориғ аз корҳои боғу саҳро ва ташвишҳои рӯзгор зиёдтар вақти холӣ дар ихтиёр дорад, ҳис карда мешавад.

Дар шаҳрҳо ё деҳоти калони водиҳо мардон ҳангоми зимистон гурӯҳҳои махсусе бо номи «ҷӯра» ташкил дода, дар вақтҳои муайян барои ҳарифонахурӣ ё бо ин баҳона ҳамту барои бо ҳам нишастан, вақтгузаронӣ кардан, ҷамъ меоянд. Дар ин маҳфилҳо ҳамеша суханони шӯхиомез садо медиҳанд, қаҳ-қаҳи аҳлона ба фазо мепечад, касе танбӯр ё ягон асбоби дигари мусиқӣ менавозад, баъзан раққосон, маъмулан, дар ҳавои суруд зе-

---

[1] Корезҳо дар манозили беоб ё камоб сохта мешаванд. Ҳар корез аз қатори тӯлкашидаи чоҳҳо, ки одатан аз баландиҳои бари ҳамвориҳо гузашта, қабатҳои обдоштаи даруни хокро дар бар мегиранд, иборат аст. Силсилаи чоҳҳо ба як шоҳҷӯи умумии зеризаминӣ пайванд карда мешавад, ки тавассути он оби гаронбаҳо ба рӯи ҳамворӣ мебарояд. Дар атрофи чунин низомҳои корезӣ воҳаҳои калоне ҷойгир мешаванд, ки ё чун нахустин дастовардҳои эрониёни қадим -- Ҳинду, Қарохоҷакорез, Суншӣ ва ғайра дар Туркистони Шарқӣ танҳо ба туфайли оби корез мавҷуданд, ё чун Лукчун ва Турфон бар замми оби муқаррарии нокифоя дорои низоми корезӣ ҳастанд. Чоҳҳои асосӣ, ба қавли Грум-Гржимайло, баъзан, чун дар корезҳои Ҳинду, то 40 сажен жарфанд (Сафарномаи Хитойи Ғарбӣ, ҷ. 1, СПб, 1896). Ба ҳисоби миёна ба як вёрсти корез аз 100 то 120 чоҳ рост меояд.

ри оҳанги даф ҳунарнамоӣ мекунанд. Ҳам аз ин ҷиҳат шӯҳрати чойхонаҳо, ки дар шаҳрҳо ва деҳаҳои калон вазифаи як навъ маҳфилгоҳро иҷро менамоянд, тавзеҳ дода мешавад. Ҳатто тоҷикони кӯҳистоние, ки барои пулкоркунӣ ба водӣ рафтаву дар шаҳрҳои бузург ва атрофи онҳо мезиянд, ҳар ҳафта як маротиба, чун қоида, рӯзҳои ҷумъа, бо ҳамдиёронашоя як ҷо ҷамъ омада, зиёфату ҳарифонаҳо сомон медиҳанд. Аммо бисёртар маҷолиси ҷамъиятӣ ба шакли комилтари кӯҳнаашон дар байни ҳамин тоҷикони кӯҳистонӣ, дар деҳаҳо барҷо мондаанд. Масалан, дар Дарвоз, Қаротегин, Ҳисор, яъне дар қисмати беши Тоҷикистони ҳозира, дар назди масҷиди ҳар деҳу маҳал бо номи «аловхона» ҷои махсуси ҷамъиятӣ вуҷуд дорад, ки мардон ҳар рӯз дар вақтҳои муайян ба он гирд меоянд[1]. Одатан онҳо ё субҳгоҳ ё бегоҳ мувофиқи вақти намоз сарҷамъ мешаванд. Дар бисёр ҷойҳо ҳар намозхон бо худ таоме меорад, ки ҳамакаса онро тановул мекунанд. Мисол, дар Дарвоз (Ванҷ), чун намоз асосан саҳарҳангом гузаронида мешавад, ҳар кас бо худ ноне меоварад ва баъди намози бомдод чойхӯрии умумӣ ташкил карда, пасон аз дунболи кори хеш мешаванд. Гоҳи зимистон ҳар шахс дар таъмини ҳезуму сӯзишвории барои афрӯхтани оташи ҷамъиятӣ зарур банавбат саҳм мегирад. Баъзан рӯзона ин гуна ҷойҳо ба ҳайси мактаб хидмат мекунанд ва имоми масҷиди шафат бачагони деҳаро сабақ меомӯзонад. Ҳамчунин дар ин ҷо зиёфату ҳарифонаҳо ташкил мешаванд, ё аксар вақт ҳозирон «худоӣ» мехӯранд, ки зиёфатест ба хотири аҳдофи худописандида, бештар чун қурбонӣ баҳри дур ё рафъ намудани кулфату бемориҳо.

Дар деҳоти кӯҳӣ то ҳанӯз расми қадимаи меҳмонпазирии ҳамагонӣ маҳфуз аст. Мусофири дар ин ҷо шабмонда, маъмулан, бо анвои хӯрданӣ аз ҷониби бошандагон таъмин карда мешавад. Аҳли деҳа гоҳи зимистон аз хонаашон ба аловхона ё гоҳи тобистон ба майдони назди масҷид, барои бо мусофир якҷоя хӯрдан ва то серӣ хӯрондани ӯ, ғизои зиёд меоранд. Дар маҳале, ки биноҳои ҷамъиятӣ надоранд, мусофир метавонад ҳар кадом хонаеро хоҳад, қароргоҳ ихтиёр кунад, зеро аз рӯи расму русум меҳмон напазируфтан, агар баҳри ин сабаби узрноке мавҷуд набошад, айб шуморида мешавад. Мисол бигирем, дар Масчоҳ нисбати муқимони як-ду деҳа овозаи баде паҳн шуда, ки онон хӯрданиҳоро ба мусофирон мефурӯхтаанд, аз ин сабаб барояшон лақаби истеҳзоомези «кулчафурӯш» додаанд.

Тоҷикон дар бисёр ҳолатҳо нармхулқӣ зоҳир менамоянд. Ин махсусан дар муносибати онҳо ба кӯдакон равшан ифода меёбад, ки кӯдак-

---

[1] Масалан, дар Дарвоз танҳо масҷидҳои аловхонадорро «масҷид» меноманд, беаловхонаро «хонақоҳ» гӯянд.

ро, хосатан кӯдаки навзабонро, навозиш кардани тоҷикҳои калонсол бегонагонро ба ҳайрат меоварад. Вале бачагони болиғро низ тоҷикон, қиёсан бо дигар ақвом, банудрат ҷазо медиҳанд. Ҳамчунин тоҷикон бо занон нарммуомилаанд, агарчи дар аъмоқи маҳалҳои кӯҳӣ бо сабаби баландҳиссиётии ориён-тоҷикон хеле кам, вале ба ҳар ҳол, ҳодисоти худкушӣ ва маҳз дар байни занон, ғолибан бар асари таъқиботи мард, рӯй медиҳанд. Тарзи муқаррарӣ дар ин вазъ чеҳраро бо як қисми пироҳан пӯшонида, аз баландие худро ба дарёи ҷӯшон партофтан мебошад. Муносибатҳои сахти як замон дар ҳаққи мӯйсафедон ҷоиз, ки ҳангоми костани захираи хӯрокворӣ дар солҳои қаҳтиву гуруснагӣ на як бор дар кӯҳистон воқеъ мешуданд, зоҳиран имрӯз чун дар дигар халқҳо ба олами афсонаву ривоятҳо кӯчидаанд.

Муҳаббат ба гулҳо, шеър, суруд, мусиқӣ, як каме шӯҳратхоҳӣ, майл ба хушсарулибосӣ баҳри одами амал будану дар роҳи ҳалли масоили рӯзгор ба рӯи замин устуворона гом ниҳодани тоҷик халал намерасонад. Чун қоида, ӯ хеле хушфаросату ҳушманд буда, шароитро зуд ва нағз сарфаҳм меравад, ба туфайли зиндадилию омилии хеш бо вазъу ҳолати барояш нав фавран одат мекунад. Ӯ он қадар, ки дар шаҳр ҳунарвари хуб аст, ҳамон қадар дар саҳро кишоварз мебошад. Ҳам дар Афғонистон ва ҳам дар Туркистону Бухоро, чунон ки ҳаёт нишон дод, ӯ зинаҳои маъмуриро бомуваффақият тай намуда, баъзан дар ин арса қариб одами бебадал шуда мемонад. Тиҷорат низ дар баъзе манозили Афғонистон ва Туркистон барои тоҷик муҳити мувофиқ буда, махсусан соҳаҳои майдасавдогарӣ дар дасти ӯ гул-гул мешукуфанд. Дар корҳои калонтари тиҷоратӣ намояндагони баъзе халқҳои дигар, дар Туркистон бештар яҳудиёни таҳҷоӣ, бо ӯ рақобат меварзанд.

Тоҷикон дар маҳалу манзили хеш нисбат ба ирқҳои ҷавонтари атрофашон – ӯзбекҳо, қирғизҳо, афғонҳо, ҳазораҳо[1] дараҷаи хеле ба-

[1] Бар тавсифи тоҷикони афғон чунин сатрҳои аҷибро аз китоби C.P. Tate “The Kingdom of Afganistan”, Bombai, 1911, с. 15 иқтибос меоварам: “Тоҷикон ҳоло ҳам аз худ ҳамон сифоти аҳолии кишоварзи водии Оксусро, ки миёни хитоиён чун tahia маъруф буданд, зоҳир менамоянд. Онҳо дар хонаҳо зиста, ҷамоатҳои баинтизоми қишлоқиро таркиб додаанд. Онҳо неъматҳои маорифу хушиҳои зиндагии мутамаддинро қадр мекунанд ва дар манзилашон нисбат ба афғону ҳазораҳо сатҳи бартари ҳузуру ҳаловатро маҳфуз медоранд. Онҳо дар ҳама ҷо заминкор ва аз авлоди ирқи қадимии соҳибзамин ҳисобида мешаванд. Ба идоракунии ҷоҳилонаи садсола ва уқубатҳои юғи бандагии барбарони дадкирдор нигоҳ накарда, онон баисрор машғули киштукори заминанд ва ҳамчунин хуб тиҷорат меварзанд. Ҳар куҷое, ки замини шоистаи меҳнат вуҷуд дорад, дар он ҷо ин насли ирқи қадимӣ ҳаст. Дар маҳалҳои гуногун бо номҳои гуногун чун «деҳвар» ё «деҳқон» (аҳли деҳа), тоҷикон ё порсивон (яъне «форсигӯйҳо», чун ки форсӣ забони модариашон аст) онҳо ҳама як халқро ифода мекунанд. Сареҳан, онон ирқи эронӣ ё ориёӣ ҳастанд, ки дар байнашон Зардушт таълимоти хешро ташвиқу тарғиб менамуд».

ланди фарҳангиро нигоҳ дошта, табиист, ки камтар ҷангҷӯянд ва ба ақидаи муҳаққиқон, аҳолии басе сулҳпарвар буда, қиёсан бо ҳамсоягони номбаршудаашон ба разм камтар моиланд. Вале зоҳиран ин на дар ҳама ҷо якгуна аст ва дар маконҳои гуногун истисноҳоест. Мисол, тоҷикони афғон дар Исталиф (30 вёрст дуртар аз Кобул воқеъ аст), ба гуфтаи англисҳо, чун яке аз унсури ҷангаратарин ном баровардаанд. Онҳо инчунин ба ҳайси беҳин пиёдааскарони Афғонистон шӯҳрат ёфта, халқи зебо, солим ва дӯстдори варзишу пайкоранд[1].

Зан дар миёни тоҷикон ҳақиқатан, дар муқоиса бо он, ки чашмдор будан мумкин аст, камтар вазъи залилона дорад[2]. Зан дар ҳамвориҳо, албатта, рӯяшро аз мардони бегона пӯшонда мегардад, аммо дар кӯҳистон, махсусан дар водиҳои дурдасти кӯҳӣ, ки дини ислом дар он ҷойҳо нуфузи зиёде надорад ва зиндагӣ содатар аст, ӯ аксаран бо рӯи боз умр месипарад.

Дар ҷомеаи тоҷикони кӯҳистонӣ зан ёвари ҷиддии шавҳар аст. Ҳама корҳои рӯзгор ба дӯши ӯст ва ғайр аз ин дар корҳои саҳро ширкат меварзад: дар баъзе маҳалҳои кӯҳӣ занон ҳамрадаи мардон ғалла медараванд, хирман мекӯбанд (ба тарзи муқаррарии осиёимиёнагӣ: ҳайвонотро ба рӯи дарзаҳои хирман ронда) ва баъзе корҳои дигарро низ ба субут мерасонанд.

Қобилияти корбарии мустақилонаи занони тоҷик то дараҷае дар он зоҳир мегардад, ки онҳо бо фарзандон ва чорво дар оғози фасли тобистон ба чарогоҳҳои тобистона мекӯчанд. Онҳо дар он ҷо аксар вақт тамоман бидуни ҳузури мардон ба шакли қасабаи алоҳидаи занона ҳаёт ба сар мебаранд. Мардон, ки дар деҳа машғулиятҳои худро доранд, танҳо замон-замон ба хабаргирии оилаҳояшон мераванд. Дар баъзе маҳалҳо (масалан, дар Рӯшон, Ургут) боқимондаи анъанаи қадимае ривоҷ дошт, ки мувофиқи он баъд аз бакӯҳбароии занон ҳеҷ мард чанд муддат ҳуқуқи зиёраташонро надошт. Дар дараи Хуф (Рӯшон), ки ин расм бо номи “яҷвин” ҳоло ҳам иҷро мешавад, муҳлати манъ як ҳафта муқаррар гаштааст. Бахри назора аз болои он, ки ягон мард ин расмро вайрон накунад, дар ҷойҳои муайян посбон мемонанд. Агар ба огоҳиҳо нигоҳ накарда, марде ба назди зани худ раваду аз ин аҳли деҳ хабар ёбад, он гоҳ арбоб мефармояд, ки гове ё ҷавонаеро бикушанд, то арвоҳи ғазабнокшударо ба лутфу марҳамат моил намоянд. Ҷондорро аз моли гунаҳгор мегиранд. Агар ӯ надошта бошад, аҳли деҳа барои харидани ҳайвони қурбонӣ маблағ ҷамъ меорад ва гунаҳгор вазифадор мешавад, ки ин қарзро баъдан пардозад. Ғайр аз ин ба ӯ ҷазо ҳам медиҳанд. Рӯзи ҳафтум танҳо мардоне, ки бонувонашон он ҷо

---

[1] Afganistan and Nepal (Provincial Gazetters of India, Calkutta, 1908, c. 68).

[2] Аз Е.М. Пешеров, ки дар бораи тоҷикон маълумот додааст, миннатдорам.

ҳастанд, ба девлох (мавзеест дорои чарогоҳҳои тобистона, маънои таҳтуллафзии вожа: макони девҳо) роҳӣ мешаванд. Рӯзи ҳаштум ҳама мераванд. Дар он ҷо тантанаи серӯза барпо менамоянд ва тӯли ин муддат мардони соҳибасп ба гӯйбозӣ иштиғол меварзанд. Рӯзи сеюми ҷашн ба мазори дар наздикиҳо ҷойгирифта роҳӣ мешаванд ва ба он ҷо ҳадяҳо мебаранд. Мардон ва занон ба ду гурӯҳ ҷудо гардида, гӯшти пухтаи ҳайвонотро мехӯранд. Танҳо баъд аз ин ҳамагон аз пайи кору бори худ мешаванд.

Дар ҳаёти оилавӣ тоҷикзан басо мустақилиятро дорост. Харҷи маблағи коркардаи аҳли оила дар ихтиёри ӯст[1]. Воситаи муқаррарии андӯхти пул барои ӯ ҳунармандӣ ва корҳои дастиянд: масалан, дар кӯҳсор кулолгарӣ, дар ҳамвориҳо риштаресӣ баҳри масрафи худ ва фурӯш, ҳамчунин тоқидӯзӣ ва дигар навъҳои чеварӣ бар уҳдаи зан мебошанд. Маблағи ворида моликияти шахсии худаш аст ва аксар вақт зан онро ихтиёран барои тақвияти рӯзгордорӣ ба шавҳараш медиҳад.

Баъзан хеле аҳёнан, вале иттифоқ меафтад, ки тоҷикзанони серғайрат ва ҳунармандтар аз ҳисоби пули коркардаашон барои худ либос таҳия менамоянд, аз шавҳарашон бошад, фақат гоҳ-гоҳ матоъ ё дигар чиз туҳфа мегиранд. Гоҳо воқеъ мешавад, ки чунин занҳо дар навбати худ ба ҳамсарашон ҳадяҳо тақдим мекунанд.

Дар кӯҳистон, аз сабаби кам будани саршумори чорво, занҳои тоҷик ба ширкати аҷиби ширӣ мутаҳид мегарданд ва ин анъана, зоҳиран, таърихи хеле қадима дорад[2]. Азбаски миқдори андаки шир барои равғанкашӣ нокифоя аст, якчанд зан ба чунин ширкат ҷамъ меоянд. Адади аъзои ширкат дар ҳар ҷо ҳар хел буда, вобаста ба миқдори мавҷудаи шир ва баъзе шароити дигар аз 3 то 5 нафар мерасад. Тамоми аъзо шири дӯшидаи худро ҳамарӯза бонавбат ва мувофиқи тартиби муайян ба ин ё он узви ширкат мебаранд, ӯ якбора миқдори зиёди ширро гирифта, барои тайёр ва захира намудани анвои ширӣ имконият пайдо мекунад. Ҳисобу китоби охиринро тирамоҳ анҷом медиҳанд, қарзҳои боқимондаро ба баҳори оянда вомегузоранд ва онҳо фақат бо шир пардохта мешаванд. (Чунон ки ман огаҳӣ ёфтам, ин анъана дар

---

[1] Аз ин ҷиҳат тоҷикзан баъзан дар оила ҳатто аз шавҳар мавқеи мусоидтар дорад. Билфарз, агар оилаи патриархалии тоҷик аз якчанд бародари ҷудонашуда ва ҳамзисту ҳамхоҷагӣ, чунон ки дар кӯҳистон бисёр иттифоқ меафтад, иборат бошад, ҷамъи даромади ҳар яки онон ба бародари калонӣ дода ва ба манфиати ҳама сарф карда мешавад. Дар айни ҳол музди завҷаҳо, ки бидуни иҷрои вазоифи хоҷагӣ ба даст омадааст, инчунин фоидаашон аз молу маноли худ бечунучаро моликияти шахсии онон маҳсуб меёбад ва дар сурати фавтидан ба фарзандону хешовандони наздики онҳо мерос мемонад.

[2] Зоҳиран, ин расмро бо «ханулоба»-и гурҷизанон шабеҳ донистан мумкин аст.

байни занони баъзе маҳалҳои ноҳияи Айнӣ ҳанӯз ҳам роиҷ аст. Анъанаи мазкурро дар он ҷо “ширдорак” меноманд - С. З.)

Қариб ҳама тоҷикони бошандаи фарохои собиқ Хонигарии Бухоро, Туркистони Рус ва Афғонистон мусалмони суннианд. Аз ин миён фақат аҳолии сароби рӯди Панҷ, сар карда аз Бартангу Рӯшон то Вахону Сарикӯл дар самти шарқ мустасноанд, ки онҳо саросар гаравидаи исмоилия мебошанд[1]. Ин таълимоти динӣ дар заминаи ислом, асосан ташайюъ, арзи вуҷуд намуда, ба як тариқати вижа табдил ёфтааст, ки қавонину аҳкоми он вобаста ба ҷаҳонбинии эътиқодмандонаш кӯтоҳ тафсир мешавад: «Каломи диниро мувофиқи шурӯҳоти устод бифаҳм» - мегӯяд яке аз қонунҳои исмоилия. Исмоилиҳо таълимоти навафлотуниёнро оид ба судури кайҳонӣ азхуд карда, ба замон-замон зоҳиршавии ақли ҷаҳонӣ, ки сафи паёпайи он аз Одам оғозида, бо Нӯҳ, Исо, Муҳаммад (с) идома ёфта ва бо имоми ҳафтуми шиӣ Исмоил (номи тариқат аз ин ҷост) хатм мешавад, имон доранд, вале ин аз ҷониби дигар мусалмонон барҷид эътироф намегардад. Дар замони феълӣ сарвари авлодии тариқат, ки ойинварон таҷассуми илоҳӣ медонандаш, Оғохон мебошад. Ӯ ворисӣ пешвоёни исмоилиест, ки садсолае пеш аз кишвари Форс ба Ҳиндустон ҷало кардаанд. Ҷузъи дувуми ин калима дар ибтидо номи шахсии бобои Оғохони муосир буда, ба номи ӯ (Оғохон) чун унвони сарвари тариқат илҳоқ гардидааст. Оғохонҳо баромади худро аз шохаи сулолаи Фотимиён медонанд ва дар шумори ниёгони худ ба шахсияти дар замони юришҳои салибӣ маъруф -- «Пири кӯҳистон», роҳбари ҳашишиён, ки низ исмоилимазҳаб буд (Алоуддин Муҳаммад меномидандаш - С. З.), ишора мекунанд. Оғохони имрӯза ба ҳисоби онҳо имоми чилуҳаштуми исмоилия аст. Мавсуф ашрофзода мебошад ва маълумоти аврупоӣ гирифтааст. Ӯ то шуруи ҷанги ҷаҳонӣ дар байни мусалмонони Ҳинд обрӯ дошт (раиси Лигаи мусалмонони саросари Ҳинд буд) ва салтанати англисҳоро дар Ҳиндустон ҷонибдорӣ мекард. Оғохон зоҳиран ҳамчунин ба рафъ намудани носозгориҳои дар миёни исмоилиён тафриқаангез майл дошт. Ӯ аз тарафи англисҳо бо унвони «аълоҳазрат» сарфароз гардидааст. Тоҷикон-исмоилиён дар масоили динӣ ба нишондодҳои қароргоҳи мазҳабии Оғохон – Бомбай гӯш мениҳанд ва ҳар сари чанд вақт ба ӯ закот мефиристанд, ки он хироҷест аз ҳисоби даромад ва

---

[1] Тахмин меравад, ки дар қарибии Кӯлоб низ шумораи на он қадар фузуни исмоилиён вуҷуд дорад.

молу мулки аъзои ҷамоатҳо. Он гуна ки дигар исмоилиёни дар мамолики гуногун паҳну пареш чунин мекунанд[1].

Тоҷик ба ҳайси мусулмон монанди дигар аҳолии Осиёи Миёна таассубзада нест, хосатан дар муқоиса бо мусулмонони кишварҳои Ҳинд

---

[1] Оғохон зимни мурофиа дар Бомбай соли 1908 ба суоли додгустар, ки оё ҷуз "хоҷагон" (маъмулан, аксари исмоилиёнро дар Ҳиндустон бад-ин тарз меноманд) муридоне дорад ва онҳо дар куҷо мезиянд, посух дод:

"Дар Ҳиндустон ва Африқо шумораи зиёди гуптиҳо ҳастанд. Ҳамчунин исмоилиҳои бисёреанд дар Форс, Афғонистон, Осиёи Миёнаи русҳо, Туркистон, Чин, Сурия, Миср ва Африқои Шимолӣ -- айнан дар қарибии баҳри Миёназамин. Дигарҳо метавонанд гуптиҳоро ҳинду маҳсуб донанд, аммо ман онҳоро исмоилиёни шиӣ меҳисобам. Хоҷаҳо дар Ҳиндустон ва Африқои Шарқӣ вомехӯранд. Дар Форс онҳо чун «атоуллоҳиён» («халқи худодод») машҳуранд. Дар Осиёи Миёна ва Туркистони Чин ононро «мавлавиҳо», дар Миср «исмоилиён», дар Сурия «друзҳо» меноманд. «Мавлавиҳо» вақте аз Афғонистон ба Ҳиндустон меоянд, дар гуфтугӯ «бадахшониҳо» ном мегиранд. Ҳамаи онҳо ба ман савғову инъомҳо роҳӣ мекунанд. Одатан онҳо намояндагонашонро ба Ҳиндустон мефиристанд, агар ман дар он ҷо бошам. Онҳо ба ман аз мамлакатҳои хеш пулу мол меоваранд. Онҳо ба ман таъзим менамоянд ва пеши поям пул мерезанд. Намояндагони Сурия низ меоянд ва ҳамин тавр тухфаҳо меоранд. Ақвоми Форсу Афғонистон ҳамчунин. Эътиқодмандонам дар Африқои Шимолӣ каманд, вале чун ман сафари Аврупо бикунам, онҳо ба Марсел баҳри зиёратам меоянд. Чанд вақт қабл аз ин ба Ҳиндустон меомаданд. Пайравонам аз Африқои Шарқӣ бошанд, чун ба он ҷо равам, пул медиҳанд, ё бо фармони ман маблағро ба хазинадоронам мефиристанд».

Гумон бурдан мумкин аст, ки дар манотиқи гуногун доир ба масъалаи китоби асосии динӣ ақидаҳои исмоилиён мутафовитанд ва қонуни «Каломи диниро мувофиқи шурӯҳоти устод бифаҳм» хеле васеъ тафсир карда мешавад. Дар бекигарии собиқи Кӯлоб, масалан, мухлисони Оғохон назар ба мулку маконҳои дигар ба китобҳои динии суннӣ майл доранд. Кӯҳиёни назди Ҳиндукуш ба «Уммулкитоб» («Модари китобҳо»), ки иншои онро ба қалами имоми панҷуми исмоилиён -- Боқир нисбат медиҳанд, эҳтироми хоса мепарваранд. Ин китоб чунон муқаддас ва дорои чунон асрори динӣ шинохта шуда, ки қироаташ фақат ба ашхоси аз ҳаёти заминӣ вораста тавсия мегардад. Иззати камтареро дар байни тоҷикон-исмоилиён китобҳои қиёсан дастрас аз қабили «Ҳафтбоб», «Иршодуссоликин» ва ғайра соҳиб мебошанд. Китоби асосии исмоилиёни Ҳиндустон «Дасавтар» аст, ки дар иду ҷашнҳои бузург ва гоҳи марги исмоилимазҳабон хонда мешавад. «Дасавтар» андар боби даҳ автар ё таҷассумҳои илоҳӣ баҳс мекунад. Нӯҳтои аввал таҷассуми Вишну (яке аз нафарони сегонаи ҳиндувон), даҳум таҷассуми худо дар шахси Алист. Аллакай аз ин ҷо маълум, ки исмоилия ашколи эътиқоди пайравонашро таъқиб намекунад, аз ҷумла гуптиҳое, ки Оғохон дар нутқи хеш ёдрас карда буд, ҷасади мурдаҳояшонро месӯзонанд, ин аз нуқтаи назари соф мусалмонӣ, албатта, номатлуб аст. Аз ин ҷиҳат муносибати вижаест исмоилиёнро бо Қуръон, ки онро, тавре дар ин мурофиа маълум гашт, инкор мекунанд ва ваҳйи худовандӣ намеҳисобанд. Сарфи назар аз муътақидони нисбатан камшумор доштан ва мушкилфаҳм буданаш, исмоилия кайҳо боз таваҷҷуҳи пажӯҳишгаронро ҷалб карда, дар бораи ин мазҳаб адабиёти начандон зиёд фароҳам омадааст. Ба забони русӣ мақолаи А.А. Бобринский "Силки Исмоил дар ҳудуди Рус ва Бухоро" (Этнограф. обзор, 1002, № 2) ва як қатор мақолоти А.А. Семёновро, ки охиринаш бо номи "Ихтилофҳои марбути таълимоти равонкӯчӣ дар исмоилиёни Помир ва Носири Хусрав" ба наздикӣ арзи вуҷуд кард (Бюлетень С. А. Г. У., № 9, 1925), зикр намудан мумкин аст. Аз ҳама охирин навгонии дар хориҷа маълум асари В. Иванов мебошад, ки бо забони англисӣ дар Ҳиндустон ба табъ расид.

ва Эрон. Аҳолии шаҳрҳои калон, ки гуфтан мумкин аст, зери таъсири ҳамешагии табақаи олимону рӯҳониён (муллоҳо, эшонҳо) қарор доранд, мутаассибтару мубталотаранд. Дар байни тоифаи олимон, ки таҳдоби онро муллоҳои муттақии Бухорои Шариф ташкил медиҳанд, ислом ба шакли муътақидонатари суннӣ боқӣ мондааст. Муллоҳои аз ҳама кунҷу канори Осиёи Миёна барои таҳсили мадорис ба Бухоро гирдомада аз ин ҷо низоми ҷаҳонбинии диниро ба дуриҳо густариш додаанд. Вале ҳар қадар аз ин фазо, оммаи васеи деҳнишинро фаро гирифта, ба сӯи халқи одӣ дуртару дарунтар равем, он қадар шакли ойини китобии ислом сусттару сатҳитар шуда, ҳамоно омехтагиҳои адёни мозии мамлакат вомехӯранд, ки ба расму ойини мусулмонӣ часпида мондаанд ё фақат зоҳиран шакли исломӣ доранд ва баъзан ҳатто ба номаш мусалмонианду халос. Ба моҳият ва шаклҳои ислом, чун тазоҳури барои ҳамагон ошно[1] дахл накарда, марбути он чи ки дар байни тоҷикон аз динҳои қадимаи аҳди тоисломии бутпарастӣ маҳфуз буда, барои тавсифи ҷаҳонбиниҳои динии пешинаи онон мусоидат мекунад, мухтасар сухане чанд гуфтан мумкин аст.

Бо сабаби кам таҳқиқ шудани эҷодиёти шифоҳии тоҷик, аз рӯи порчаҳои парокандаву барбодрафтаи манобеъ манзараи томи ойинҳои пешинзамонро барқарор кардан ҳоло имконпазир нест, алалхусус ки зери мафҳуми «аҳди тоисломии бутпарастӣ» аслан боқимондаҳои ойинҳои бисёр давраҳову тамаддунҳо ниҳонанд, ки то рӯзҳои мо ба василаи тасаввуроти хеле мавҳуму махлути халқ омада расидаанд. Умуман, тибқи нишонаҳои нисбатан аёнтар ҳифзшуда хусусиятҳои зеринро қайд намудан мумкин аст.

Дар пантеони куҳанзамонаҳои дур худои раъду барқ, Тори қадимии аврупоии Шимол, ки тоҷикон вайро Тундур, англисҳо мувофиқан «Thunder» меноманд, мавқеи хос дорад. Ҳамчун дар тасаввуроти ибтидоии бисёр ақвоми дигар ин худо ду намуд аст:

Дар нигоҳи баъзе халқиятҳои тоҷик худои раъду барқ Тундур монанди Тор, Юпитер ва Зевс бо суроби пирамарди барқафкан ҷилва мекунад. Ин тасаввур айнан ҳамин гуна дар байни пухтунҳо-(патанҳо)-и Афғонистон ва сокинони қисмати шимолу ғарбии ҳудуди Ҳиндустон (дар он ҷо худои мазкурро Гаргарубобо, яъне Бобои барқандоз меноманд), зинда буда, дар миёни тоҷикони Қаротегин, баъзе масчоҳиён ва дигар халқҳои эронии Осиёи Миёна афзунтар дучор меояд. Валекин аксар маврид худои раъду барқ ба сурати пиразан тасаввур мешуда, ки

---

[1] Барои ҳавасмандоне, ки оид ба дини ислом маълумоти умумӣ гирифтан мехоҳанд, китоби олиҷанобии И. Голдсиер «Лексияҳо дар бораи ислом»-ро тавсия менамоем. Бо забони русӣ тарҷумаи А.Н. Чернова (нашри Брокгауз-Эфрон,1912) вуҷуд дорад.

номҳои «Момо» (Бибӣ), «Гулдурмомо» (Бибии барқандоз) ё «Момоқулдуроқ» (қабоили ҳамсояи турк ба таври худ чунин гӯянд), «Момоҳаво» (Осмонбибӣ, Бибии осмонӣ) шоҳиди онанд. Дар шакли охирин ( «Момоҳаво»), ки дар назарияҳои осиёимиёнагӣ хеле густариш ёфтааст, тасавуроти форсҳои қадимаро равшан дидан мумкин, ки ба гуфти Ҳеродот, онон саросари гунбади афлокро мепарастиданд ва онро «Зевс»[1] меномиданд. Раъду барқ дар тасаввуроти осиёимиёнагӣ тавассути ягон қисми либосашро ва ё пӯстинашро афшондани худо ба амал меояд, чунон ки дар Ёрканд Ялмоғузкампир (Баба-Яга) пӯстини беабраашро меафшонад, аз ин рӯ ғалоғулаи баланд (овози раъд) ба гӯш мерасад. Ҷинҳо, ки ин амал ба дилашон мезанад, ҷониби ӯ ангиштпораҳои сӯзон (барқ) ҳавола мекунанд ва пӯстин дармегирад. Барои хомӯш намудани оташ Ялмоғузкампир об (борон) мерезонад. Дар баъзе манозили Масчоҳ (масалан, деҳаи Сурхкат) ҳангоми раъду барқ мегӯянд: «Бобои Одам пустина афшунданд». Дар Яғноб ва баъзе ҷойҳои дигар ин тасаввур дар шакли аслии қадимитар вомехӯрад -- ин ҷо сухан роҷеъ ба худи Худо меравад: «Қудрати таъоло пустинша акунш». Дар назари туркманон-номудҳо раъду барқ аз он сабаб рӯй медиҳад, ки кампир пӯстинашро медаронад.

«Бибӣ» дар бисёр кишварҳои эронӣ раъду барқро бо афшондани шалвораш ба амал меорад (дар саргаҳи Панҷ, саргаҳи Зарафшон ва дигар мавзеъҳо). Дар баъзе маҳалҳо, асосан дар қабилаҳои ҳамсояи туркнажод – туркманҳо, қирғизҳо ва ҳоказо раъду барқ бо саночашро афшондани «Бибӣ» ба вуқуъ мепайвандад. Дар Масчоҳу Яғноб боқимондаҳои ақоиди оини қадима маҳфузанд, ки аз шалворашро таконидани «Бибӣ» шабушҳо ба замин парида меафтанд ва занбуруғҳо баъди раъду барқи баҳорӣ аз онҳо пайдо мешаванд. Аз ин ҷост фарёди бачагон дар Масчоҳ вақти гулдуроси барқ: «Пурӣ, пурӣ, хорч» (яъне: «Пурӣ, пурӣ[2] ва занбӯруғ»)! Дар Яғноб ин ҳангом бачагон мегӯянд: «Ката харҷак ман, пула харҷак тау» (яъне: «Занбӯруғи калон аз ман, занбӯруғи хурд аз ту»)! Туркманон-текинҳоро низ тасаввури ҳаммонанди ин ҳаст оид ба пайдоиши занбуруғҳо аз афшондани машки куҳна. Дар Фалғар баъзан гоҳи раъду барқ нидо медиҳанд: «Кампир соғу ғелон кард». Вале инчунин дар ҳамон ҷо тасаввурест, ки раъд аз дойразании «Момоҳаво» пайдо мешавад. Ин ба тасаввуроти қирғизҳо-(қазоқҳо)-и уезди Тошканд, ки роқими ин сатрҳо вохӯрдааст, шабоҳат дорад. Мувофиқи он, «Бибӣ» нағораи шикорӣ ё ҷангӣ - давлро, ки ба зин меовезанд, навохта-навохта, ғавғокунон ба

[1] Маънои асосии калимаҳои «Зевс» ва «Юпитер» ҳам айнан «Осмони рахшони рӯзона» аст (О. Шредер, «Ҳиндуаврупоиён», СПб, 1913, с. 177)

[2] Дар Масчоҳ «пурӣ» ном растание ҳаст танағафс, ки фақат саҳаргоҳ рӯйида, баъд мехушкад. Пуриро дар намуди нопухта, пӯсташро тоза карда, бо решаву танааш мехӯранд.

шикор ё ҷанг меравад. Дар баъзе ҷойҳо (масалан, дар байни аҳолии ноҳияи Тошканд) нишонаҳои тасаввуроте ҳаст, ки аз боиси ду санги калонро дар осмон ғалтондани "Бибӣ" раъду барқ зоҳир мегардад. Ба ин мушобеҳ тасаввури дигаре низ вуҷуд дорад, ки раъду баркро девҳо, дар осмон набарди баҳорӣ барпо карда ё сангҳои калони осиёи осмониро ғелонда, падид меоваранд.

Ривояти куҳани ориёӣ дар бораи абрговҳо, ки ба замини нампазмон шир, яъне борон, ато мекунанд, ба воситаи боқимондаҳои тасаввуроти қадима дар саросари Эрони бостонӣ васеъ паҳн шудааст. Албатта ин тасаввур дар ҳар ҷо ҳар хел шаклро гирифтааст. Мисол, дар Тошканд мусаннифро шунидани чунин тамсили халқӣ даст дод.

Абрҳо як навъ қобҳои азими бо пашм пӯшидашуда мебошанд.[1] Онҳоро ҳафт фаришта, ки зердастони малаки муқарраб Дардаиланд, идора менамоянд. Ин ҳафт фаришта бо фармони Дардаил абрҳоро гоҳ ба обхӯрд, яъне дарё, кӯл, бахр меронанд, ки дар ин ҷо онҳо обро ба худ меҷабанд, гоҳ онҳоро бо роҳи нишондодаи малаки муқарраб бозгардонда, ба осмон сур мекунанд. Ҷоеро, ки бар болояш борон резондан лозим аст, низ Дардаил таъйин месозад. Борон аз он сабаб ба амал меояд, ки фариштаҳо бо тозиёнаи барқ абрҳоро мекӯбанд, абрҳо аз тарс меларзанд, худро такон медиҳанд, он гоҳ аз буни ҳар мӯяшон қатрае мезаҳад ва борон меборад. Дар байни фариштаҳои ҳафтгона нафарест Караил ном, ки хеле овози баланд дорад. Раъд доду фарёди ӯст, ки ба сари абрҳо фурӯ мерезад.

Ин нукта, ки борон шири абрговҳои тасаввуроти қадимист, дар матни сурудҳое, ки тоҷикон ҳангоми хушксолӣ барои ниёиши ҳамагонии боронталабӣ дар ҷои муайян ҷамъ омадаву қурбониҳо пешкаш карда месароянд, равшан дида мешавад. Дар Фарғона, Хуҷанд, Самарқанд, Бухоро гоҳи ниёиш аксар вақт бо навҳа мехонанд:

*Ё раб, сабаби ҳаёти ҳайвон бифирист,*
*Аз синаи абр шири борон бифирист.*

Намунаи дигари сабткардаи ман, ки атфол дар мактабҳо, ҳамчунин вақти хушкизадагӣ баъд аз намоз месароянд, ин гуна садо медиҳад:

*Ё раб, сабаби ҳаёти ҳайвон бифирист,*
*Аз хони карам неъмати алвон бифирист.*

---

[1] Дар ин ҷои ривоят таъсири исломро пай бурдан душвор нест, ки номи худои говро аз тасаввуроти қадимаи халқӣ берун андохтааст. Аммо маҳз «пашм» дар ин ҷо аз гов боқӣ монда ва ин аломати тамоман фаҳмост.

*Аз баҳри лаби ташнаи тифлони набот*
*Аз синаи абр шири борон бифирист.*

Тирукамон, камони Браҳмаи ҳиндувон, камони Яҳфои яҳудони қадимӣ дар ҷаҳонбинии мусалмонишудаи халқ чун камони Ҳасану Ҳусейн – писарони Алӣ маънидод мегардад. Аҳли баъзе манотиқ (масалан, ноҳияи Конибодом) онро «Камони Алӣ» меноманд, фақат дар ҷойҳое, ки тасаввуроти куҳанзамонаҳо беҳтар маҳфуз мондаанд (монанди саргаҳи Панҷ), тарзи қадимаи эронии «Камони Рустам», ки қаҳрамони ҳамосавии давраи тоисломӣ буда, Фирдавсӣ ӯро сутудааст, ба назар мерасад. Дар бархе нуқот, кам бошад ҳам, тасаввури қадимие ҳамтои тасаввури қадимии ҳерманӣ бад-ин маъно вомехӯрад: тиру камон матоест, ки «Бибӣ дар гунбади гардун баъд аз борон барои хушк кардан мегустарад».[1]

Вобаста ба боқимондаҳои тасаввурот дар бораи «Момоҳаво» тимсоли то рӯзҳои мо норавшан расидаи кампири Оҷуз ё Оҷизро, ки ба зимистону шамоли хунук[2] айният медиҳандаш, хотиррасон намудан мумкин аст. Қариб ҳама ҷо дар байни тоҷикон муддати кӯтоҳеро иборат аз ҳафт рӯз (дар баъзе ҷойҳо аз ин ҳам камтар) пеш аз омадани Соли нави Эрони қадима – Наврӯз, ки ба инқилоби баҳоронаи офтоб рост меояд, «рӯзҳои кампири Оҷиз» меноманд. Ин айём хеле пуршамол ва сард ҳисобида мешавад. Ба қавли тоҷикони ҳамворинишин, кампири Оҷиз ба давраи навадрӯзаи хунукиҳои зимистонӣ – Тӯқсан[3] муроҷиат карда мегӯяд: «Ту Тӯқсан, (аз ҷиҳати хунукӣ) ақаллан ба як рӯзи ман баробар шуда наметавонӣ». Зарбулмасали дигар ба сардии ин давра ишора менамояд: «Пеш аз Наврӯз ҳафт рӯз кунда сӯз». Доир ба нақши оғози баҳор дар феврал (ҳут), ки кампири зимистонро меронад, мақоли дар байни тоҷикон басо паҳншуда шаҳодат медиҳад: «Ҳут агар ҳутӣ кунад, кампира дар қуттӣ кунад». Дар боқимондаҳои ақоиди халқӣ, масалан дар Ишкошим, сардиҳои ин давра чунин шарҳ дода мешаванд, ки «Бибӣ»-(«Модар»)-и осмонмуқим аз оташдонаш кундаи калони нимсӯхтаро ба замин мепартояд ва боди хунуки вазандаву нонҳои ним-

---

[1] Бояд тавзеҳ дод, ки ман тасаввури охиринро алҳол танҳо дар сартҳо (деҳаи Карнаки уезди Туркистон) дучор гардидам, аммо ба фикрам, баромади ориёии ин тасаввур, гумон аст, ки шубҳае падид оварад.

[2] Ман ба тахмине моилам, ки номи мазкур (Оҷиз, Оҷуз) пайдоиши дертаре (аз калимаи арабӣ) дорад ва шакли нисбатан қадимтари он «Кампири Холҷун» аст, ки бо ин ном то имрӯз дар Яғноб машҳур мебошад.

[3] Ин ибора танҳо дар байни тоҷикони водиинишин вуҷуд дорад, ки онҳо ба забони туркӣ талаффузаш мекунанд, калимаи «Тӯқсан» низ аз ин ҷост ва яқинан бо таъсири мутақобилаи унсурҳои туркӣ-тоҷикӣ таркиб ёфтааст.

пухтаи худи «Бибӣ» натиҷаи онанд. Аммо дар Яғноб сабаби хунукиҳоро дар он мебинанд, ки ҷисми кампири Холҷуни фавтида гӯрнокарда мемонад. Ҳамин ки ӯро зери хок ниҳоданд, гармӣ оғоз меёбад. Он гуна, ки дар тасаввуроти ҳерманӣ барф аз парбистарафшонии Берта пайдо мешавад, ҳамон гуна дар байни тоҷикон таъбире вомехӯрад, ки ба резиши барф аз пӯстинафшонии «Бибӣ» ишора менамояд. Басо боварбахш аст, ки дар ақоиди қадима борон ҳам ба «Бибӣ» иртибот дошт. Масалан, дар Шуғнон, агар барф ё борон муддати тӯлонӣ беист боридан гирад, тифлакон аз латтакуҳнаҳо лухтак месозанд («ҷинҷич» гӯяндаш) ва таронаяки махсусеро замзамакунон онро тавассути дудмӯрӣ ба бом бароварда мемонанд. Ин барои «Бибӣ» огоҳие ҳисоб мешавад, ки аз чунин миқдори боришот бачагони дар кӯли Шива будаи ӯ вафот намудаанд.

«Бибӣ»-и фармонфармои шамоли сард, аз рӯи гап, бӯрони ба зироат зараррасонро низ фиристодан метавонад. Бо нияти ба амалиёти барои ҳосилот ҳалокатовари ӯ хотима бахшидан аҳолии муқими Туркистон ҳатто маросимҳои махсуси азоимхонии занҳоро тартиб медиҳанд, ки бетардид, пайдоишашон аз давраҳои хеле қадим реша мегирад.

Ғайр аз худои, зоҳиран, асосии аз ҳама қадимтарин, ки дар боло хусусиятҳои умумияш тасвир шуданд, боз як сафи бисёри аъзои пантеони куҳан вуҷуд дорад, ки дар нигоҳи тоҷики одии рустоӣ ҳанӯз онҳо зиндаанд ва ӯро иҳота кардаанд. Ин тимсолҳои қадима, ки худ бе ин ҳам зодаи давраҳои гуногунанду пайдоиши гуногун доранду аз ҷониби ислом ва ё эҳтимол динҳои тоисломӣ хеле тағйир пазируфтаанд, умуман як соҳаи комили камтадқиқшуда, сардаргум ва тамоман корнохӯрдаанд.

Аз қатори ҷинҳои махсус ва махлуқоти фавқуттабиии тоҷик, гоҳи муоинаи кӯтоҳу сатҳӣ, дар навбати аввал девҳоро ба ёд овардан мумкин аст. Дар тимсоли деви тасаввуроти тоҷикон норавшанӣ ва ноаниқии фаровонеро зикр кардан зарур мебошад. Агар мо мафҳуми қадимаи ориёии ин калимаро, ки «Худо» аст ва бо ҳамин мазмуну шакл дар байни ориёиёни ба Ҳиндустон нуфузкарда то ҳол боқӣ мондааст, ба назар гирем, комилан фаҳмо мешавад, ки чаро норавшаниҳо вуҷуд доранд. Дар фазои Эрон аз сабаби бо худоёни дини пешин муносибати душманона парвардани динҳои баъдан зуҳурёфта (эҳтимоли қавӣ меравад, ки бештар маздоия) худоёни мазкур ба ҷои он ки дар тасаввурот ба сифати худоёни хубу хуҷаста, талқингарони покию некӯкорӣ ҷилва намоянд, чунон ки дар асоси мубориэаҳои динӣ бисёр воқеъ мегардад, ба азозилу иблисҳо табдил дода мешаванд. Ин нақши қадимаи худоҳои тоҷикӣ билкул фаҳмост. Вале азбаски дар зинаҳои ибтидоӣ девҳо, яқинан, гуногунгурӯҳ буданд, вазифаҳои ҳархела, маъруфият ва хасоили онҳо наметавонистанд дар симои умумии деви ҳозираи дар миёни қавми жандусикҳо маълум бо ихтилофот инъикос наёбанд, ба шарте, ки тибқи

ақидаи ховаршиносони Аврупо ва бисёр вақт худи тоҷикҳо, деви мазкурро чун ҷине аз як гурӯҳи муайян фаҳмидан мумкин бошад.

Чунон ки мо аз номбар кардани баҳорбандҳо донистем, манзили будубоши куҳани девҳо – «девлох» барои тоҷик, аз диди чорводорию хоҷагидории ӯ, ҷои хубтарину зеботарини бо гулу гиёҳҳои сабз пӯшонидашуда дар кӯҳҳои гирду атроф аст. Аммо дев (шояд дар ибтидо девҳои дигар гурӯҳу дараҷа) метавонад ҳамчунин дар паси ҳар санги гирду атрофи хонаи тоҷик гардад, ба ҳар чи ки хоҳад – буз, гурба, гӯсола ва ғайра мубаддал шавад (аз ин рӯ, чӣ қадар хавфнок аст, билфарз, шомгоҳ бо худ гирифтани бузғолаи танҳои дар дуртари манзил вохӯрдае, ки зоҳиран раҳгумкарда менамояд, зеро аз эҳтимол дур нест, ки бузғолаи мазкур аслан дев бошад). Дев метавонад ба санг, харпушта ё чизи дигар табдил ёбад, дар тӯдаи хокистари партофташуда ба чашм нонамоён шинад (дар он умуман бисёр вақт ҷину париҳо менишинанд) ва одамеро, ки шабона аз хона баромада, нохост ин девро пахш кардааст, гирифтори бемории сахт гардонад ва ҳоказо. Вале бояд тазаккур дод, ки тимсолҳои тасаввуроти китобии форсҳо марбут ба девон ҳамчун азаматҳои ваҳшии дағали бо дарахтони аз реша баркандаашон мусаллаҳ ба сифатҳои тасаввуроти халқии тоҷик кам қаробат доранд.

Дев метавонад бо ҳар роҳу восита ба одам зарар расонад. Дар бисёр ҳолат шахси зарардида аз ҳуш маҳрум гашта, аз ақл бегона ва «девона», яъне девзада мешавад. Усулҳои мубоpизаи зидди девҳо бисёранд - азоимхонӣ, ему дам, тӯморҳо ва ғайра. Оид ба онҳо махсус ёдрас бояд кард.

Дар гӯшаҳои аз ҳама дастнорасу фаромӯшшудаи Тоҷикистон, ки дар он ҷойҳо расму русум ва ақоиди куҳан холистар маҳфуз буда метавонанд, ба девҳо муносибати аҷибе вуҷуд дорад. Масалан, дар баъзе ҷойҳои Яғноб, чун инъикоси ойинҳои қадимориёии томаздоӣ, девҳо қувваи нопок маҳсуб намеёбанд. Ба ҳар ҳол, Деви Сафед, ки аллакай дар «Шоҳнома» аз он ба ҳайси махлуқи иблисгун ёд оварда мешавад, дар Яғноб хеле маъруф аст ва дар тасаввуроти яғнобиён чун ҷонзоди неку покиза ҷилва мекунад. Доир ба одаме, ки барор ёраш мегардад, онҳо мегӯянд: «Деви Сафед-таст, арк-даррау буд аву» (яъне: «Ту Деви Сафед дорӣ, аз ин сабаб корат зуд анҷом ёфт»). Дар эътиқоди асосии ориёӣ «Деви Сафед», ба монанди «Худои Сафед», бад будан ҳам наметавонист.

*Садриддин Айнӣ**

# МАЪНОИ КАЛИМАИ ТОҶИК*

## МАЪНИИ КАЛИМАИ «ТОҶИК» ДАР ЛУҒАТҲО ВА ҶОИ КОРФАРМУДАШУДАИ ОН ДАР ТАЪЛИФОТИ МУАЛЛИФОНИ ШАРҚ ВА БАРОМАДГОҲИ ИН КАЛИМА

### *1.ШАКЛҲОИ КАЛИМАИ «ТОҶИК»*

Калимаи тоҷик дар таълифоти аҳли Шарқ ва китобҳои луғат ба тарзҳои гуногун омадааст: тоҷик, тоҷак (бе мадди зерин), тозик, тозак (бе мадди зерин), тоҷик.

Мо бояд аввал дар бораи шакли аслӣ будани кадом ин шаклҳо ва дар хусуси сабаби пайдо шудани шаклҳои гуногуни дар боло нишондодашуда гап занем:

Аз таълифоти муаллифони гузаштаи тоҷик-форс маълум мешавад, ки шакли асосӣ, аввалин ва аслии ин калима «тоҷик», бо мадди зерин аст, шакли бе мадди зерини ин калима бошад бо кайфи котибон ё ин ки барои дар вазн ғунҷондан бо хоҳиши шоирон пайдо шудааст. Чунон ки дар поинтар, дар қатори мисолҳо дида мешавад, дар қадимтарин дастнависҳои тоҷикӣ ин калима ба тарзи «тоҷик» бо мадди зерин навишта шудааст.

Муғулҳо ва туркҳои қадимӣ ҳарфи «ҷ»-ро гуфта наметавонистанд ва дар гап задан ҳарфи «ҷ»-и калимаро ба «з» табдил мекарданд. Бинобар ин, вақте ки онҳо бо тоҷикон алоқа карда ин номро ёд гирифтанд ба ҷойи «тоҷик» «тозик», ё ин ки бе мадди зерин «тозак» гуфтан гирифтанд (ҳатто тоторҳои замони мо ҳам, ки ба Осиёи Миёна наёмада ва бо халқҳои ин ҷо наёмехта бошанд, «Тоҷиев»-ро «Тозиев» мегӯянд). Муаллифоне ҳам, ки баъд аз истило карда шудани Осиёи Миёна ва Эрон аз тарафи муғулон, аҳволи таърихии он замонҳоро навиштаанд, хусусан дар вақти гап задан аз забони муғулҳо ин калимаро ба шакли «тозик» ё ки «тозак» (бе мадди зерин) навиштаанд.

Ҳатто як шахс дар як ҷои асари худ, вақте ки аҳволи муғулон ва туркони қадимро ва муносибати онҳоро ба халқҳои Осиёи Миёна менависад ва ё ин ки аз забони онҳо гап мезанад, ин калимаро ба шакли «тозик» менависад, аммо ҳамин муаллиф дар ҷои дигари ҳамин асари

* Садридддини Айнӣ. Маънои калимаи тоҷик. // Садои Шарқ, 1986. -№ 8. – С. 66-86.

худ, дар ҷое, ки танҳо аз халқҳои Осиёи Миёна гап заданӣ шавад, ё ин ки аҳволи таърихии замонҳоеро, ки забони туркҳо ва муғулҳо ба дуруст гуфтани калимаи тоҷикӣ ром шудааст, навиштан хоҳад, ки калимаро ба шакли «тоҷик» қайд мекунад. Масалан, муаллифи «Равзат-ус-сафо» Мирхонд (чунон ки аз мисолҳои оянда равшан ба назар мерасад) дар вақти баён кардани аҳволи хоразмшоҳиён ин калимаро «тоҷик» навиштааст, аммо дар вақти баёни истилои муғулон ва бештарин аз забони онҳо, ин калимаро «тозик» навиштааст ва дар вақти баёни аҳволи темуриён бошад боз шакли «тоҷик»-ро давом кунондааст.

Шакли «тоҷик» бошад аз «тозик» рӯидааст: вақте ки баъзе котибони тоҷик дар асарҳои гузаштагон ин калимаро ба шакли «тозик» дидаанд ва инро ҳам дидаанд, ки ин калима ба ин шакл дар номи халқи худашон рост намеояд, дар вақти нусханависӣ ба ҳарфи «зе» ду нуқтаи дигар зиёда карда «тоҷик» навиштаанд ва бинобарин ин шакл кам вомехӯрад ва ба ғайр аз луғатҳо дар дигар асарҳо дида намешавад.

Аммо муаллифони луғатҳо ҳар шакли ин калимаро, ки дар ҳар ҷо дидаанд ва аз ҳар кас шунидаанд, айнан дар асари худ даровarda эзоҳ додаанд.

### *2. ЛУҒАТҲОИ ШАРҚ ДАР БОРАИ КАЛИМАИ «ТОҶИК» ВА ШАКЛҲОИ ДИГАРИ ОН.*

Дар «Ғиёс-ул-луғот», ки дар Ҳиндустон аз тарафи Муҳаммад Ғиёсиддини Мустафоободӣ (Ҳиндустонӣ) дар соли 1242 (1827) таълифаш тамом карда шудааст, дар бораи калимаи «тоҷик» ин маълумотро мебинем: «тоҷик» (бе мадди зерин) – ба касри ҷим арабӣ ва кофи арабӣ авлоди араб, ки дар Аҷам бузург шуда бошад ва аксари эшон савдогар бошанд, лиҳозо аз тоҷик гоҳо савдогар мурод аст» («Ғиёс-ул луғот», чопи матбааи Низомӣ (дар Ҳиндустон) дар соли 1292 ҳиҷрӣ саҳифаи 159, сутуни якум).

«Тоҷик» (бо мадди зерин) – арабзодае, ки дар Аҷам калон шавад ва номи вилояте ва тоифае, ки ғайри арабӣ бошад ва дар луғоти туркӣ ба маънои аҳли фурс (форсҳо) навишта» (Китоби мазкур, саҳифаи мазкур сутуни 1-2).

Дар «Бурҳони қотеъ», ки аз тарафи Муҳаммад Ҳусайн тахаллус – Бурҳон ибн Халиф Табрезӣ дар Ҳиндустон дар соли 1062 ҳиҷрӣ (1652) таълифаш тамом карда шудааст, дар бораи калимаи «тоҷик» ва шаклҳои дигари вай ин маълумот ҳаст: «тоҷик» (бе мадди зерин) – ба касри ҷим, бар вазни солик, мухаффафи (сабук карда шудан) тоҷик (бо мадди зерин) аст ва тоҷик – ғайри араб ва турк (яъне ғайри араб ва ғайри турк)-ро гӯянд ва дар асл авлоди араб аст, ки дар Аҷам бузург

шуда ва баромада бошад» («Бурҳони қотеъ» чопи матбааи муншӣ Нувалкишвар дар Лакҳнав (дар Ҳиндустон) дар соли 1887, ҷилди якум, саҳифаи 255, сутуни якум).

«Тоҷик» (бе мадди зерин) – ба касри солис (бо зер хондани ҳарфи севум – ҳарфи «З») бар вазни солик, мухаффафи тозик (бо мадди зерин) аст ва тозик (бо мадди зерин) авлоди арабро гӯянд, ки дар Аҷам зоида ва бузург шуда бошад», (китоби мазкур, ҷилди мазкур, саҳифаи 256, сутуни дувум).

Дар «Бурҳони қотеъ» (саҳифаи 257, сутуни якум) дар моддаи «тозик» (бо мадди зерин) гуфта шудааст, ки «тозик» ва «тоҷик» ба вазн ва маънои тоҷик аст, ки ғайри араб ва турк (яъне ғайри араб ва ғайри турк) бошад ва фарзанди араби дар Аҷам зоидашуда ва баромадаро низ гӯянд».

Мо пеш аз давом додани матлаби асосии худ бояд назари худро дар бораи фикри ин ду муаллифи муътабари забони тоҷик дар хусуси калимаи тоҷик гуфта гузарем:

Ба фаҳми ман, хоҳ маънидоди «Ғиёс-ул-луғот» бошад ва хоҳ аз они «Бурҳони қотеъ», аз мантиқ хеле дур аст ва пойдарҳавои ночаспон аст, дар ин маънидод на як шоҳид нишон дода шудааст ва на як манбаи таърихӣ ва инчунин ягон таҳлили забоншиносӣ ҳам карда нашудааст. «Тоҷик»-ро бе ҳеҷ шоҳид ва ҳуҷҷат «авлоди араб» гуфтан ё «аксари онҳоро савдогар» гуфта ва «гоҳо мурод аз тоҷик савдогар бошад» гуфтан тамоман «варсоқихонӣ» ва суханҳои ҳавоякианд!

Ба ин савол бо ин гуна эзоҳ ҷавоб додан мумкин аст: якум: чунон ки дар байни ҳамаи қавмҳои маданӣ буд ва ҳаст, дар байни халқи тоҷик ҳам, ки маданияти бисёр қадими дурахшон дорад, дар замонҳои бисёр қадим ҳам савдогарон буданд ва чунон ки дар ҳеҷ қавм, дар ҳеҷ замон савдогарон аксарияти аҳолиро ташкил накардаанд, албатта савдогарони тоҷик ҳам ба андозаи ҳаҷми ҷамъияташон шумораи муайянеро ташкил мекарданд ва аксарияти халқ деҳқон ва косиб буданд, ки вазъияти ҷуғрофӣ ва иқлимии Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳам ҳаминро тақозо мекунад ва мекард.

Савдогарони тоҷик дар замонҳои қадим дар байни қавмҳои бодиянишин ва кӯчманчӣ – дар Муғулистон ва тарафҳои Сибир бештар сафарҳои тиҷоратӣ мекарданд. Вақте ки кӯчманчиён аз ин савдогарон дар аввалбор диданашон онҳоро пурсиданд, ки «шумо чӣ касонед? инҳо ҷавоб доданд, ки «мо тоҷикони савдогар мебошем!»

Кӯчманчиён, ки ҳамагӣ бесавод буда аз савдогарӣ ва термини савдогар бехабар буданд ва медиданд, ки он мусофирон ба хариду фурӯш машғуланд, гумон карданд, ки маънои «тоҷик» «машғулшавандагӣ ба хариду фурӯш будааст», яъне кӯчманчиён ҷавоби тоҷикони савдогарро,

ҷавоби аз миллият ва қавмияти онҳо нафаҳмида, балки ҷавоб аз машғулият ва пешаи онҳо фаҳмидаанд.

Вақте ки ин фаҳмиши қавмҳои кӯчманчӣ дар бораи маънои калимаи «тоҷик» даҳан ба даҳан ё ба воситаи навиштаҳои ягон муаллифи рӯякикор ва луғатнависон расидааст, онҳо хостаанд, ки ин маъниро ҳам дар моддаи «тоҷик» қайд кунанд. Лекин дидаанд, ки калимаи «тоҷик»-ро, ки ба худашон як дараҷа маънои вай маълум аст, «савдогар» гуфта маънидод кардан бемантиқӣ аст, бо ақли худ дар ин ҷо як «мантиқ» сохта баровардаанд ва гуфтаанд. «Ба сабаби ин ки аксари тоҷикон савдогаранд гоҳо аз «тоҷик» савдогар мурод бошад (афсӯс, ки ин маънидоди бемантиқонаи луғатнависони Шарқро мисли як манбаи асосӣ ва аввалӣ баъзе шарқшиносони Ғарб ҳам бе ҳеҷ муҳокима айнан ба асарҳои худ акс кунондаанд);

Дувум, арабҳо мисли як истисморгари бегона ба Хуросон ва Мовароуннаҳр, ки вилоятҳои марказии тоҷикон буд, омаданд, чанд гоҳе ҳукмронӣ карданд, чунон ки дар Африка ва Эрон карда буданд, барои барҳам додани забон, адабиёт ва маданияти мардуми маҳаллӣ –тоҷикҳо кӯшишҳо ба кор бурданд. Аммо тоҷикҳо халқи мадании ин сарзамин ва халқи шуҷои ватандӯст буданд бо ихтилолҳои гуногун (калонтарини ин ихтилолҳо шӯриш ва исёни Абумуслими Хуросонӣ ва Муқаннаъ) ҳокимият, маданият ва забони худро пеш бурда (мардуми Бухоро ҳатто баъд аз мусулмон шуданашон ҳам дар намоз «Қуръон»-ро ба забони арабӣ нахонданд) ҳукмронии арабҳоро барҳам доданд (дар замони Сомониён). Табақаи ҳукмрони арабҳо – амирҳо ва сараскарҳо маҷбур шуданд, ки аз ин сарзамин кӯчида раванд ва он арабҳое, ки ба сифати аскари оддӣ ба ин ҷо омада буданд ва дар замони ҳукмронии арабҳо ба сари мардуми маҳаллӣ чормағз мешикастанд, раияти оддии хироҷгузори ҳукумати маҳаллӣ – ҳукумати тоҷикон (Сомониён) шуда монданд.

Аммо намояндагони шовинистии арабҳо, ки аз ҳокимияти Осиёи Миёна ва Хуросон ва ҳатто аз ҳокимияти қисмҳои асосии Эрон ҳам ҷудо шуда буданд, ин ҳодисаро ҳазм карда натавонистанд ва онҳо дида наметавонистанд, ки тоҷиконе, ки дирӯз маҳкуми худашон шуда буданд, забон, адабиёт ва маданияташон аз соҳаи расмият маҳв шуда буд – бо шуҷоату ҷасорати миллии худ сар бардоранд, дар ҷои забони серлаҳҷаи худ як забони адабии умумии ҷаҳоншумул ба вуҷуд оранд, маданияти худро аз аввала ҳам баланд бардоранд, ниҳоят ҳокимиятро ҳам аз дасти арабҳо гиранд ва арабҳои мағрури муҳоҷирро ба дараҷаи раияи оддӣ фуроранд.

Ночор ҳамон шовинистон рӯякӣ ҳам бошад, барои нигоҳ доштани ғурури миллии худ як «назария» сохта баровarданд. Ин назария «аслан авлоди араб будани тоҷикон» буд.

Дар таърих аз тарафи шовинистони миллатҳои дигар ҳам ин гуна «назарияҳо» сохта ва бофта бароварда шуданд. Чунон чи яке аз шовинистони туркони усмонӣ, ки худ бошандаи Миср буд, як вақт исбот кардан хоста буд, ки Фирдавсии Тӯсӣ, Саъдӣ ва Ҳофизи Шерозӣ аслан турканд.

Шахсҳои машҳурро аз худ сохтан дар худи арабҳо ҳам дида шудааст. Чунончи олими ҷаҳоншумул – Абӯалӣ ибни Синоро, ки дар тоҷик будани ӯ ҳеҷ шакку шубҳае нест ва муаллими сонӣ – Абӯнасри Форобиро, ки аслан турк аст, арабҳо «олимони араб»-гуфта дар таърихи дунё ба қалам дода буданд (шарқшиносони Ғарб ҳам ба асоси манбаъҳои арабӣ чандгоҳе инҳоро олимони араб мешумурданд).

Луғатнависҳои бемуҳокима бошанд, ана ҳамин талқини намояндагони шовинистии арабро дар маънии калимаи «тоҷик» ба кор бурда, «тоҷик»-авлоди арабе, ки дар Аҷам бузург шуда баромада бошад» гуфтаанд.

Бемаънигиҳои маънидоди «Бурҳони қотеъ» дар баёни калимаи «тоҷик» хандаовар аст, чуноне ки дар боло матни ин китоб нақл карда шуд, дар вай гуфта шудааст, ки «...тоҷик ғайри араб ва турк (яъне ғайри турк)-ро гӯянд ва дар асл авлоди араб аст, ки дар Аҷам бузург шуда ва баромада бошад».

Ба ин маънидод аввал ҳаминро гуфтан даркор аст, ки тоҷик модом ки ғайри араб аст, пас чӣ гуна дар асл авлоди араб мешавад?!

Дувум ин ҳуҷҷати таърихиро ба назар гирифта, ин маънидодро муҳокима кардан лозим аст: вақте ки Қутайба ибни Муслим дар Бухоро Масҷиди Ҷомеъ бино кард, мардуми маҳаллиро, ки тоҷик буданд, маҷбур кард, ки рӯзҳои ҷумъа ба Ҷомеъ ҷамъ шаванд ва намоз гузоранд. Аммо мардуми Бухоро, ки исломро нав қабул карда буданд, ба арабӣ Қуръон хонданро қабул накарданд ё ин ки забонашон ба забони арабӣ, ки бегона буд, нагашт. Бо вуҷуди дар шароити ислом мамнуъ будан, Қутайба рухсат дод, ки мардуми Бухоро дар намоз тарҷумаи форсии сураҳои «Қуръон»-ро хонанд (Таърихи Наршахӣ дар фасли фатҳи Бухоро ва бинои Ҷомеъ).

Агар тоҷикон дар асл авлоди араб бошанд, чаро дар намоз Қуръони арабӣ нахонданд ё ин ки хонда натавонистанд? Ва чӣ гуна тарҷумаи форсии сураҳои «Қуръон»-ро ба осонӣ омӯхтанд ва хонданд? Ва ҳол он ки воқеаи мазкур дар соли аввали тамоман фатҳ шудани

Бухоро (94 ҳиҷрӣ – 713) рӯй дода буд, чӣ шуд, ки тоҷиконе, ки «аслан авлоди араб буданд», дар як сол забони худро гум карда, забони бегонаро аз худ карда аз арабҳо дур шуданд?

Бо вуҷуди ин ҳама фактҳои таърихӣ, муаллифони мазкур бе ҳеҷ муҳокима ҳар чизеро, ки шуниданд, дар таъйини маънии «тоҷик» дар асари худ даровардаанд. Ҷое, ки мувофиқи ҳақиқат аст, он фикраест, ки соҳиби «Ғиёс-ул-луғот» аз луғоти туркӣ тоҷик ба маънои аҳли фурс (форсҳо) навишта шуда».

Дар «Қомус-ул-аълом»-и туркӣ, ки аз тарафи Шамсиддини Сомӣ таълифаш дар охирҳои асри XIX тамом карда шудааст, дар моддаи «тоҷик» ин эзоҳотро мебинем (тарҷумаи айнан):

«Тоҷик – дар асл номи як қавмест, аз туркҳо. Дар замони ҳозира ин ном ба як тоифаи аҳолии эрониюласли Осиёи Миёна, ки бо забони форсӣ гап мезананд, дода шудааст. Инҳо дар шаҳрҳо бо тиҷорат ва пешаварӣ (косибию ҳунармандӣ) ва дар деҳот бо зироат машғул буда, фаъол, соҳибистеъдод ва нисбат ба соири тоифаҳои аҳолӣ маданӣ бошанд ҳам, монанди турк, ӯзбек, тотор, афғонӣ ва дигар қавмҳои кӯчманчӣ ҷасуру ҷанговар нестанд, бинобар онҳо (тоҷикҳо) ба назари инҳо (ба назари қавмҳои кӯчманчӣ) хор мебошанд» (Қомус-ул-аълом, ҷилди 3, саҳифаи 1608, сутуни якум).

Муаллифи «Қомус-ул-аълом» бо вуҷуди ин ки эрониюласл ва форсизабон будани тоҷиконро тасдиқ кардааст, бе ҳеҷ асос ва ҳуҷҷат «дар асл қавмест аз туркҳо» гуфтааст, ҳатто дар кадом замон будани ин «асл»-ро ҳам таъйин накардааст ва дар хусуси ба чӣ сабаб «дар замони ҳозира» ба як тоифаи аҳолии эрониюласл форсизабон дода шудани ин ном ҳам гап назадааст ва инчунин аз «замони ҳозира» кадом замон будани мақсади муаллиф ҳам маълум нест!

Аз рӯи ифодаи таъбири «замони ҳозира» бояд замони худи муаллиф бисёр дур равад, ягон сад сол аз замони ӯ пеш бошад. Дар ҳар ҳол бояд муаллиф шашсад, ҳафсад сол пеш аз замони худашро «замони ҳозира» нагӯяд. Ва ҳол он ки Саъдии Шерозӣ дар тарҷеъбанди худ «Шояд ки ба подшаҳ бигӯед, Турки ту бирехт хуни тоҷик» гуфтааст. Саъдӣ дар ин байт калимаи «тоҷик»-ро ба калимаи «турк» муқобил гузоштааст ва аз болоҳои ин банди тарҷеъбанд маълум мешавад, ки мақсади Саъдӣ аз ин «тоҷик» худаш аст, ки эрониюласл ва форсизабон мебошад.

Бояд замони Саъдӣ, ки дар асри XIII зиндагӣ кардааст, нисбат ба муаллиф, ки то аввалҳои асри XX зинда буда, «замони ҳозира» набошад.

Ғайр аз ин мо дар боло дар воқеаи фатҳи Бухоро аз тарафи арабҳо дидем, арабҳо барои мардуми Бухоро, ки тоҷик буданд, сураҳои «Қуръон»-ро ба форсӣ тарҷума карда доданд. Пас маълум мешавад, ки

дар ҳамон вақт – дар соли 713-94 ҳам тоҷикҳо як қавми форсизабон будаанд. Аз ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо ба хубӣ ва равшан собит мешавад, ки «тоҷик - дар асл номи як қавмест аз туркҳо» гуфтани муаллифи «Қомус-ул-аълом» беасл ва як сухани ҳавоякӣ аст. Ин ривоят ҳам аз қабили он ривоятҳоест, ки «Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофизро турк кардан» мехостанд.Муаллифи «Қомус-ул-аълом» бошад ин ривоятро бе ҳеҷ муҳокима дар хусуси баёни калимаи «тоҷик» ба асари худ даровардааст.

Ҳарчанд аз мавзуи мақолаи мо дур бошад ҳам, дар омади гап бар болои як нуқтаи назари муаллифи «Қомус-ул-аълом», ки дар бораи тоҷикон изҳор кардааст, наистода гузаштан мумкин нест:

Муаллиф ҳарчанд фаъол, соҳибталант ва нисбат ба соири тоифаи аҳолии (аҳолии Осиёи Миёна) маданӣ будани тоҷиконро тасдиқ мекунад, онҳоро «ҷасуру ҷанговар нестанд» мегӯяд (мазмунан). Агар мақсади муаллифи «Қомус-ул-аълом» аз «ҷасорату ҷанговарӣ» хунрезии бераҳмона ва ваҳшиёни чингизӣ бошад, албатта тоҷикон ба ин гуна «ҷасорат ва ҷанговарӣ» соҳиб набуданд. Аммо агар мақсад аз ҷанговарӣ ҷанговарии одилона ва мурод аз ҷасорат ҷасорати маданиёна ва ҷонбозӣ карда тавонистан дар роҳи мудофиаи Ватан бошад, тоҷикон аз ин хусус аз ҳеҷ як қавми ҷасур ва ҷанговар кам набуданд ва нестанд;

Искандари Мақдунӣ, ки то Самарқанд қариб беҷанг омада буд, дар ин ҷо зарбаҳои ҷонфарсо хӯрд ва баъд аз ғалаба ва фатҳи Самарқанд ҳам дар ин ҷо то буд дар даруни чор девори қалъа дар ҳолати муҳосира зиндагонӣ мекард. Ӯро ба ин ҳол партизанҳои ватандӯсти суғдиён бо сардории Спитамен маҷбур карда буданд, ки онҳо бобову аҷдоди тоҷикони имрӯзаанд;

Абумуслими Хуросонӣ, ки хилофати Умавиёнро зеру забар карда дар Хуросон ва Мовароуннаҳр барои ба вуҷуд омадани ҳукумати миллии тоҷикон (Саффориён ва Сомониён) замина тайёр кард, тоҷик буд ва ҷамъияте ҳам, ки ӯ дар ин исён ба онҳо роҳбарӣ мекард, асосан тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон буданд;

Муқаннаъ, ки дар муқобили истилогарии арабҳо исёни оммавӣ барпо карда, ба арабҳо шикастҳои ҷиддӣ дод ва чандин сол исёни худро давом кунонид ва дар охир аз таслим шудану ба дасти арабҳо мурданро беҳтар дониста худро худ ҳалок кард, як тоҷири шустагар буда, дар «Коза» ном деҳае, ки дар миёнаи Балх ва Марв аст, зоида шуда буд;

Саркардагони Муқаннаъ – Гурдаки Ғиҷдувонӣ, Ҳакими Бухоройӣ, Ёғӣ ва Ҳашарии Кӯшкии Афзалӣ, ки аввал дар деҳаи Лумуҷкат (Кӯмушкенти ҳозира), баъд аз он дар деҳаи Наршах (дар ғарбии маркази Вобканд) чандгоҳ ба арабҳо муқобилият карда дер вақт қалъаи худро нигоҳдорӣ намуданд, тоҷик буданд;

Як зани наршахӣ, ки шавҳараш Сарв ном дошта аз сарҳангони Абумуслим буд, бо писари амаки нобинои худ дар вақти ишғоли қалъаи Наршах аз тарафи арабҳо ба онҳо асир афтод. Аммо ин зани ҷасур ва нобинои ғаюр аз ҷиҳати фикр ба арабҳо таслим нашуданд ва таклифи онҳоро қабул накарданд ва бинобар ин он зан бо шамшер аз миён ду нима карда шуда, нобино гардан зада шуд – ана ҳаминҳо ҳам тоҷик буданд;

Оммаи исёнкороне ҳам, ки Муқаннаъ ба онҳо раҳбарӣ мекард «сафедҷомагон» ном дошта, аз номашон ҳам маълум аст, ки тоҷик буданд;

Темурмалик, ки бовуҷуди беҷанг аз муқобили Чингиз гурехтани Муҳаммадхоразмшоҳи турк бо як ҳазор ҷавонони хуҷандӣ Хуҷандро дар муқобили муғулҳо мудофиа кард, то якка мондан ба чандин ҳазор нафар муғули хунхор истодагӣ кард ва нафарони ӯ ҳам, ки то рехта шудани охирин қатраи хунашон аз сафи ҷанг набаромаданд, тоҷикони Хуҷанд буданд!

Восеъ, ки ба муқобили амири Бухоро исён карда ин исёни худро то кушта шудани худ давом кунонид, як тоҷики ҷувозрони кӯҳистонӣ буд; Усмон, ки дар арафаи инқилоби Бухоро дар муқобили ҳоким азми шӯриш карда ин шӯришро то кушта шудани худ давом дод, як тоҷики коргари ғармӣ буд;

Калтакдорони  сурх, ки дар зери раҳбарии аскарони сурх босмачиёнро тамоман несту нобуд ва торумор карданд, тоҷик буданд ва дигарҳо…

Бо вуҷуди ин ҳама фактҳои таърихӣ тоҷиконро «ҷасуру ҷанговар нестанд» гуфтан, агар сабук карда гӯем, аз бехабарӣ аст. Соҳиби «Қомус-ул-аълом» тоҷиконро «бинобар ҷасуру ҷанговар набуданашон дар назари қавмҳои кӯчманчӣ хор буданд» мегӯяд (мазмунан).

Ин дуруст аст, ки тоҷикон дар назари кӯчманчиёни истилогар ва аз ин ҷумла, дар назари ҷангҷӯён хор буданд. Лекин сабаби ин хорӣ беҷасоратии онҳо набуда, балки аз ҳад зиёд хунрез, ваҳшӣ, душмани маданият ва инсоният будани душманҳошон ва ғайр аз худашон дигар касонро одам нашумурдани он душманҳо буд.

Мо мисоли ин ҳодисаро дар ҷанги ҳозираи ҷаҳонӣ ҳам дида истодаем:

Гитлер ва гитлерчиёни ваҳшӣ ҳамаи халқҳоро хору паст мешумуранд, албатта сабаби ин ҳақорат беҷасоратии олами инсоният набуда, балки сабаби ҳақиқии ин сарбур, қотил, ваҳшӣ, одамхор, душмани инсоният ва маданият будани фашистони немис ва худписандии аҳмақонаи онҳост.

Соҳиби «Қомус-ул-аълом» дуруст қайд кардааст, ки тоҷиконро «фаъол, соҳибталант ва нисбат ба соири аҳолӣ (аҳолии Осиёи Миёна) маданианд» гуфтааст. Лекин маданигии тоҷиконро чунон ки муаллифи

«Қомус-ул-аълом» гуфтааст нисбат ба соири аҳолӣ (яъне нисбат ба соири аҳолии Осиёи Миёна) гуфтан дар ҳаққи инҳо баҳои кам додан аст.

Тоҷикон дар замони пеш (масалан, дар замони Сомониён) маданитарини халқҳои шарқи Ислом буданд.

Тоҷикон дар асри X устод Рӯдакӣ барин доҳии забон ва санъатро расонданд, ки тамоми халқҳои форсизабон дар адабиёти оламшумули худ аз ин устод миннатдор мебошанд. Аз миёнаи тоҷикон ва дар асри X расида баромадани устод Рӯдакӣ як ҳодисаи тасодуфӣ набуда, балки ифодакунандаи таланти миллии ин халқ аст. Дар ҳамон асру замон расида баромадани Хусравонӣ, Шаҳиди Балхӣ, Муроди Бухороӣ, Дақиқӣ ва дигар шоирони бузург ва баъд аз замони Рӯдакӣ ва бевосита ба замони ӯ расидани Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ барин шоирон ин қавли моро исбот мекунанд.

Олимони оламшумул Абуалӣ ибни Сино (980-1037), файласуф, мутаффаккири бузург ва шоир Носири Хусрав (1003-1088), шоир, олим ва файласуф Умари Хайём (1040-1123), Адиб Собири Тирмизӣ (вафот 1152), олим, шоир ва иҷтимоиётчӣ Низомии Арӯзии Самарқандӣ (асри XII), Камоли Хуҷандӣ (вафот 1390), олими бузург ва шоири забардаст Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1493) сабаби зинат ва ифтихори таърихи тоҷиконанд.

Мо дар ин ҷо Саъдӣ ва Ҳофизи Шерозӣ барин касонеро, ки шоирони ҷаҳоншумули умуми форсизабон буда, ба ҳамаи касу ба ҳамаи рӯи дунё ва аз ин ҷумла ба оммаи тоҷикон маълум ва машҳуранд, ёд накунем ва танҳо номи як қатор шоирон ва олимони тоҷикро, ки онҳо ба аҳли илм ва адабиёт маълум бошанд ҳам ва дар таърихи адабиёти умумифорсизабонон ролҳои бисёр калон бозӣ карда бошанд ҳам, ба оммаи тоҷикон он қадар маълум нестанд, қайд карда мегузарем:

Амъақи Бухороӣ (асри XII), Рашидии Самарқандӣ (асри XII), Асириддини Ахсикатӣ (вафот 1212), Сайфи Исфарангӣ (XII), Фархорӣ (асри XIII), Носири Бухороӣ (асри XIV), Хоҷаабдулмалик Ассории Самарқандӣ (асри XIV), Хоҷаисмати Бухороӣ (вафот 1426), Бисотии Бурёбофи Самарқандӣ (асри XV), Сайфии Бухороӣ (асри XV) ва дигарҳо.

Тоҷикон хидмати худро дар илму адабиёт дар асрҳои поинтар ҳам – дар асрҳое ҳам, ки ба сабаби шабу рӯз бо ҳам ҷангидани амирону хонон ва ба сабаби зулму бедодии аз ҳад зиёди онҳо мамлакат хеле хароб шуда буд, низ давом додаанд. Аз ин ҷумла мо номҳои зеринро ёд карда мегузарем:

Мулло Мушфиқӣ (вафот 1588), Боқии Зардӯзи Бухороӣ (асри XVI), Низоми Оҳангари Ҳиротӣ – соҳиби маснавии Юсуфу Зулайхои машҳур (асри XVII), Мирҳоҷии Самарқандӣ – сарояндаи таърихи мадрасаи Шер-

дори Самарқанд (асри XVII), Хоҷаҳасани Нисории Бухороӣ (асри XVI), Мутрибии Бухороӣ – шоир ва мусиқашинос (асри XVII), Мавлавӣ Шарифи Бухороӣ – олим ва муаллифи чандин китоби илмӣ ва ҳам шоир (вафот 1698), Муҳаммад Исҳоқи Шавкати Бухороӣ (вафот дар соли 1700), Мирсаид Шарифи Роқим – муаллифи таърихи Саид Роқим ва ҳам шоир (тамомияти таърихиаш соли (1702), Мирзоабдулқодири Бедил (1644-1721), Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ (таваллуд 1667), Мирзофазил Муншии Волии Бухороӣ (1667), Саидои Насафӣ (асри XVII), Муллообиди Мумтози Самарқандӣ (асри XVII), Мавлоно Зоҳиди Афгори Самарқандӣ (дар соли 1672 кушта шудааст), Хоҷаюсуфи Музҳири Бухороӣ (асри XVIII), Мулҳами Бухороӣ (асри XVIII), Ягонаи Насафӣ (асри XVIII), Муҳаммад Боқии Яктои Самарқандӣ (асри XVIII), Ҷунайдулло Махдуми Ҳозиқ – мутахассиси илми тиб ва шоир (дар соли 1831 аз тарафи амир Насрулло кушта шудааст), Абдулқодир Ҳоҷии Савдои Бухороӣ (1823-1873), Қозиабдулвоҳиди Ҳарир (1809-1886), Аҳмад Махдуми Муҳандиси Дониш – адиб, шоир, файласуф, ҳайатшинос, мусиқишинос, рассом ва иқтисодчӣ (1827-1897), Шамсиддин Махдуми Шоҳин (1857-1893), Домулло Абдулфазли Сират (вафот 1899), Қозиқурбонхони Фитрати Вардонзеҳӣ (вафот 1888), Мирзо Азими Сомии Муншии Бӯстонӣ – олим, муаррих ва адиб ҳам шоир (вафот 1907), Муҳаммад Сиддиқи Ҳайрати Бухороӣ (1876-1902), Тошхоҷаи Асирии Хуҷандӣ (вафот 1915).

Мо дар ин рӯйхат танҳо номи зубдатарин шоирону нависандагони асрҳои XVI-XVIII ва аввалҳои асри XX-ро нишон додем, ки аммо агар мо ҳамаи он касонеро, ки фарзанди тоҷик буда, шоириро ба худ касб кардаанд, нишон медодем, мақола аз ҳад зиёд дароз мешуд.

Тоҷикон на танҳо дар илму адабиёт хидмат кардаанд, балки онҳо ба сифати арбоби давлату сиёсат ҳам дар олами шарқ, хусусан дар Осиёи Миёна ва Эрон ролҳои калон бозӣ кардаанд.

Мо дар хусуси Сомониён аз ҷиҳати шӯҳраташон чизе намегӯем, фақат ҳаминро хотиррасон мекунем, ки тамоми халқи тоҷик-форс дар хусуси ин ки баъд аз истилои араб мисли як миллат бо забон, адабиёт ва маданияти худ дар ҷаҳон боқӣ мондаанд, аз Сомониён миннатдоранд (ба китобе, ки тадқиқотчии бузурги муосири мо – Саид Нафисӣ ба Рӯдакӣ навиштааст, муроҷиат карда шавад). Аз тоҷикон вазирон ва арбоби сиёсат бисёр баромадаанд ва бештарини онҳо барои мустаҳкам намудани давлат ва обод кардани мамлакат хидматҳои намоён кардаанд. Мо дар ин ҷо вазироне, ки дар замони бисёр сахт будани аҳволи мамлакат ва халқ давлатро идора кардаанд, Бармакиён, Хоҷа Низомулмулк ва Хоҷа Шамсиддин Муҳаммади Девонро ёд карда мегузарем:

Якум, Бармакиён дар замони хилофати Аббосиён бар рӯи кор омаданд. Ин даврае буд, ки аҳволи сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат хеле танг буд: Аббосиён баъд аз хоинона куштани Абумуслим, ки вай сабаби бар тахти хилофат нишастани аббосиён шуда буд, мехостанд дар идораи мамлакат боз усули зулму бедоди Умавиёнро давом диҳанд, дар ҳамин вақт Бармакиён ба сифати вазири идораи мамлакатро дар дасти худ гирифта, ба обод кардани Осиёи Миёна ва Эрон ва осудаҳол кардани халқҳои ин сарзаминҳо кӯшишҳои амалӣ карданд. Бармакиён аз як тараф ба аҳолии Мовароуннаҳр ва Хуросон ва Эрон, ки ҳаммиллатҳои худашон буданд, чӣ қадар некӯӣ карда бошанд, аз тарафи дигар, Арабистон ва арабҳоро ҳам аз ёд набароварданд. Инҳо исрофоти халифаҳоро маҳдуд карда қисми калони даромади давлатро ба ободии мамлакат ва боло бардоштани маданият сарф карданд.

Падари ин оила Бармак ном дошта як тоҷики оташпараст буд, ки дар оташкадаи Балх хидмат мекард, писари ӯ – Холид дар шӯриши Абумуслим фаъол иштирок кард ва баъд аз кушта шудани ӯ худро ба дарбори Халифа Мансури Аббосӣ гирифт ва ба сохтмони шаҳри Бағдод иштирок кард.

Авлоди Холид , Файз ибни Ясо ва Ҷаъфар ибни Ясо – ҳамагӣ вазир ва идоракунандаи мамлакат ва дар вилоятҳои муҳим ҳоким шуда кор карданд. Дар замони халифагии Ҳорунаррашид Ясо ва писарони ӯ аз Арабистон гирифта то Туркистон – тамоми мамлакатро идора мекарданд.

Оқибат Ҳорунаррашид бар нуфузи онҳо бар мамлакат рашк бурд, таассуби миллиаш ҷӯш зад ва тарсид, ки аҷаб нест инҳо кори Абумуслими Хуросониро давом дода, боз як бори дигар табдили хонадони хилофат карда – халифагиро аз Аббосиён ва Алавиён гардонда, дар натиҷа Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳрро аз арабҳо тамоман пок кунанд ва бо ҳамин мулоҳизот бо баҳонаи як масъалаи оилавӣ дар соли 187 ҳиҷрӣ (803) ҳамаи бармакиёнро кушта молу мулкашонро мусодира намуд.

Барои кушта шудани бармакиён тамоми мамлакат мотам гирифт, шоирон марсияҳо гуфтанд. Барои паст кардани ин намоиши умумӣ Ҳорунаррашид як шоирро кушт ва чанд нафар шоир ва наздикони Бармакиёнро ҷазоҳои сахт дод;

Дувум, дар давраи Салчуқиён Низомулмулки Тусӣ (Машҳадӣ) роли бисёр калон бозӣ кард. Низомулмулк дар замони Алп-Арслони Салчуқӣ ва писари ӯ Маликшоҳ ба сари кори вазорат омада, аз Арабистон то Туркистон ҳамаи мамлакатҳоро идора кард. Дар он вақтҳо ба ном халифаи Аббосӣ дар Бағдод нашинад ҳам, ҳатто ихтиёри пойтахти халифа – шаҳри Бағдод ҳам дар дасти Маликшоҳи Салҷуқӣ буд, ки идоракунандаи бевоситаи онҳо низ Низомулмулк буд.

Дар нишон додани дараҷаи нуфузи Низомулмулк ин воқеа характернок аст. Боре Маликшоҳ аз писари Низомулмулк, ки шаҳнаи ӯро таҳқир карда буд, ранҷида ба Низомулмулк касони худро фиристода ба воситаи онҳо гуфт, ки «агар дар мамлакат ту бо ман шарик бошӣ ин гап дигар аст, агар тобеи ман бошӣ, чаро писари худро намеғундорӣ, ки аз ҳадди худ берун пой мемонад. Агар хоҳам мефармоям, ки ҳамин соат давотро аз пеши ту бардоранд, (яъне аз вазорат бекор кунам)». Низомулмулк дар ҷавоб гуфт: «Давлати тоҷи ту ба давоти ман вобаста аст, ҳаргоҳ вазорати маро баргирӣ, тоҷи туро бардоранд» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 6, саҳифаи 107).

Аҳли таърих дар ин хусус иттифоқ доранд, ки дар сояи идораи одилона ва оқилонаи Низомулмулк дар замони Маликшоҳ мамлакат чунон обод шуд, ки пеш аз он мислаш дида нашуда буд.

Низомулмулк дар сар то сари мамлакат биноҳои илмию маъмурӣ барпо кард.Машҳуртарин биноҳои ӯ Мадрасаи Низомияи Бағдод, Басра ва Исфаҳон буд. Мадрасаи Низомияи Бағдод дорулфунуни замони худ ба шумор мерафт, ки дар он ҷо ҳамаи илмҳои он замон хонда мешуд. Мегӯянд, ки мадрасаи Низомияи Басра аз вай васеътар буд.

Низомулмулк шахсан олими бузург буд. Ӯ дар Нишопур бо Умари Хайём ва Ҳасани Саббоҳ шарикдарс буда, фиқҳ, фалсафа, риёзиёт ва дигар илмҳои маълуми он замонро ба хубӣ таҳсил кардааст. Ӯ ғайр аз биноҳое, ки дар роҳи илму маърифат барпо кардааст, шахсҳои ҷудогонаеро ҳам, ки ба илму адабиёт машғулӣ мекарданд, ёриҳои куллӣ расонида барои пеш бурдани хидматҳои илмӣ ва адабии онҳо шароит тайёр кардааст. Чунон чи ба Умари Хайёми машҳур, ки на мансабҳои илмӣ ва на мансабҳои давлатиро қабул накарда буд, солона 1200 туман маош таъйин кард. Умари Хайём бо ҳамин маош дар Нишопур дар хонаи худ осуда нишаста хидматҳои илмию адабии худро давом дод.

Низомулмулк дар 96 солагиаш аз тарафи Ҳасани Саббоҳи Исмоилӣ, ки шарикдарси худи ӯ буд ба воситаи як фидоӣ захмдор карда шуд ва бо ҳамон захм баъди як рӯз вафот ёфт (1092).

Низомулмулк дар форсӣ ва арабӣ шоири хуб буд. Ин қитъа, ки баъд аз захмдор шуданаш ба Маликшоҳ навиштааст, ҳам дараҷаи шоирии ӯро, ҳам дараҷаи адолати ӯро ва ҳам дараҷаи қуввати қалби ӯро нишон медиҳад. Дар 96-солагӣ, баъд аз хӯрдани захми ҳалокатовар шеър навиштанро соҳибони қалби оддӣ наметавонанд. Он қитъа ин аст:

*Якчанд ба иқболи ту, эй шоҳи ҷавонбахт,*
*Гар даст ман аз чеҳраи айём сутурдам, (?)*

*Туғрои накӯномию маншури адолат*
*Пеши Малик-ул-арш ба тавқеъи ту бурдам.*
*Омад зи қазо муддати умрам ба наваду шаш*
*Дар ҳадди ниҳованд ба як корд бимурдам.*
*Бигзоштам ин хидмати дерина ба фарзанд,*
*Ӯро ба Худову ба Худованд супурдам.*

Севум, дар давраи Ҳалоку ва авлоди ӯ Хоҷашамсиддин Муҳаммад Ҷувайнии соҳибдевон ва бародари ӯ – Алоуддин Атомалик Ҷувайнӣ ролҳои калон бозӣ кардаанд.

Маълум аст, ки Ҳалоку Хуросон, Эрон ва як қисми Арабистонро тасарруф карда чунон хунрезие кард, ки мардум бар бобои ӯ – Чингиз «раҳмат бар кафандузди аввал» гуфтанд. Ана дар ҳамин давра Хоҷашамсиддин Муҳаммади соҳибдевон бар сари кори вазорат омада ва бародари ӯ Алоуддин Атомалик дар Бағдод ҳоким гардида мамлакатро аз сари нав зиндаву обод карданд. Кордории ин ду бародар то давраи салтанати Арғунхон – набераи Ҳалоку давом кард.

Инҳо илм ва адабиёт ва умуман маданияти миллиро ривоҷ дода ва ходимони ин соҳаро чунон парвариш карданд, ки назар ба қавли Саъдии Шерозӣ «Нуқтаи паргори аҳли илму дониш» гардиданд.

Дараҷаи адолат, некӯкорию некӯиродагии ин ду бародарро аз ҳамин ҳам фаҳмидан мумкин аст, ки Саъдии Шерозӣ дар ҳаққи онҳо мадҳия гуфтааст. Саъдӣ дар яке аз мадеҳаҳои худ ин байтҳоро овардааст, ки дар замони харобкории муғулон чи гуна ролҳои эҷодӣ бозӣ кардани ин бародаронро ифода мекунад:

*…Худой хост, ки иқлим дар ҳидояти ӯ*
*Зи тири ҳодиса дар бораи амон монад.*
*Вагарна фитна чунон карда буд, дандон тез,*
*Ки з-ин диёр на мурғу на ошён монад…*
*Саъдӣ дар дигар ҷой дар ҳаққи онҳо гуфтааст:*
*…Ба дастгирии афтодагону мӯҳтоҷон,*
*Чунон ки дӯст ба дидори дӯст мустаъҷил…*

Ин ду бародар олими бузург ва забардаст ҳам буданд: Шамсиддин Муҳаммад дар мантиқ «Шамсия» ном асар дорад, ки дар мадрасаҳои кӯҳна ягона китоби дарсии мантиқ буд. Алоуддин «Ҷаҳонкушой» ном китобе дар таърих навиштааст, ки ба номи «Таърихи Ҷувайнӣ» машҳур аст.

Хоҷашамсиддин ва Абоқохон (писари Ҳалоку) хитобаи шеъре дорад, ки дар роҳи бо адолат идора кардани мамлакат чӣ қадар кӯшишҳо ба кор бурдани ин одами ғаюрро ифода мекунад:

*Ё туро ман вафо биёмӯзам,*
*Ё зи ту ман ҷафо биёмӯзам.*
*Ё ҷафо, ё вафо – зи ҳар ду яке*
*Ё биёмӯз, ё биёмӯзам.*

Ҳарчанд ки ин марди бузург ба хонони ваҳшии муғул вафоомӯзӣ карда бошад ҳам, оқибат онҳо дар ҳаққи ӯ ба ҷафокорӣ даромаданд: Обоқохон ӯро сахт ранҷонд ва чанд гоҳе аз назар дур кард. Назар ба қавли муаллифи «Равзат-ус-сафо» боре Абоқохон дар маҷлиси шароб бо Хоҷашамсиддин бо нӯки корд гӯштеро, ки мусулмонон намехӯранд (шояд гӯшти хук бошад) тақдим кард. Ӯ гирифт. Баъд аз тамомияти маҷлис хон ба наздикони худ гуфт, ки «ин тозик (тоҷик) аҷаб марди ҳушёр аст, ман қасд карда будам, ки агар он гӯштро нагирад бо ҳамон корд шикамашро чок мекунам».

Оқибат Арғунхон – писари Абоқохон дар соли 683 (1285) Шамсиддин Муҳаммадро бо бародараш ва писаронаш кушт. Тақдири ин бародарон ҳам мисли тақдири Бармакиён шуд ва сабаби қатли инҳо ҳам ҳамон сабабест, ки дар кушта шудани Бармакиён гуфта шуд.

Дар кушта шудани Шамсиддин Муҳаммад марсияҳо бисёр гуфтаанд ва ин рубоӣ аз он ҷумла аст:

*Дар рафтани Шамс аз шафақ хун бичакид,*
*Маҳ рӯй биканду Зӯҳра гесӯ бидарид.*
*Шаб ҷома сияҳ кард аз он мотаму субҳ*
*Барзад нафаси сарду гиребон бидарид.*

### *3. БА ЧӢ МАЪНО ВА ДАР КАДОМ МАВҚЕЪҲО КОР ФАРМУДА ШУДАНИ КАЛИМАИ «ТОҶИК» ВА ШАКЛҲОИ ДИГАРИ ВАЙ ДАР ТАЪЛИФОТИ ТОҶИКӢ-ФОРСӢ*

Умуман дар адабиёт – хоҳ дар адабиёти нафиса бошад ва хоҳ дар адабиёти илмӣ ва таърихӣ калимаи тоҷик ба сифати номи як халқи форсизабон кор фармуда шуда, дар бисёр ҷоҳо ба калимаҳои турк, араб ва муғул муқобил гузошта шудааст.

Аз адабиёти нафиса мо ба мисоле, ки дар боло аз Саъдии Шерозӣ овардем қаноат карда ба вай як байти Абдураҳмони Ҷомии Хуросониро илова менамоем:

*«Пеши ҳиндуи чашми хунрезат*
*Гашта туркон забунтар аз тоҷик»*

(Куллиёти Ҷомӣ чопи матбааи Нувалкишур дар соли 1298 ҳиҷрӣ, саҳифаи 302, сатри 14).

Аммо дар дигар асарҳо, ки дар асрҳои гуногун таълиф ёфтаанд зиёдатар мисол меорем:

Хоҷаабдулхолиқ Ғиҷдувонӣ, ки дар асри XVII зиндагонӣ кардааст ва дар ҳаққи устод ва муршиди бевоситаи худ–Хоҷаюсуфи Ҳамадонӣ, ки дар Самарқанд дар соли 504 ҳиҷрӣ (1111) вафот намудааст, менависад:

«…Ба саҳроҳову маҳаллаҳо ва қаряҳо бисёр мерафтанд ва бо сокинону бошандагони мавзеъҳо аз тоҷику турку араб…» (Аз як асари дастнавис, ки дар Ҳиндустон китобат карда шудааст–дар ин мисол , ҷои диққат кардашаванда ҳамин ҷост, ки чун муаллиф асари худро пеш аз истилои муғулҳо таълиф кардааст, ин калимаро ба шакли «тоҷик» навиштааст).

Дар қисми номаи Отсизи Хоразмшоҳ навишта шудааст:

«… Ман, ки Отсиз ибн Қутбиддин Муҳаммад Хоразмшоҳам, бо мухолиф ва бадхоҳи давлати ӯ аз турку тозик…» (аз маҷмуаи матнҳо, ки Бартолд ҷамъ карда, дар соли 1898 дар Петербург чоп кардааст, саҳифаи 40 – дар ин мисол ҷойи диққат ин аст, ки чун Отсиз аз туркони қадим буд ва ин савганднома имлои худи ӯст, ин калима ба шакли «тозик» омадааст).

«…Ба сабаби ёғигарии ӯ бисёр муғулу тоҷик нест шуданд…» (Ҷомеъ-ут-таворих», асари Хоҷа Рашиддидин Табиб, ки дар соли 718 (1318) кушта шудааст – Маҷмуаи матнҳои мазкур, саҳифаи 120).

«Малики Аркчӣ аз тозик буд…» (Ҷомеъ-ут-таворихи мазкур, аз маҷмӯаи текстҳои мазкур, с. 127).

«Донишманди ҳоҷиб марди тозик буд…» (Мухфир-ул-ансоб, маҷмӯаи текстҳои мазкур, с. 159–дар ин се текст, ки аҳволи давраи муғулон тасвир меёбад, ин калима ба шакли «тозик» навишта шудааст).

«…Он гоҳ бо лашкари бузурги тозику турк равон шуд…» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 4, саҳифаи 135 – Сухан дар бораи муҳосира кардани Муҳаммад шаҳри Ҳиротро меравад).

«Шаст ҳазор (60000) нафар тоҷик, ки фарде аз эшон дар баробари Рустаму Исфандиёр рӯинтан (оҳанинтан) буданд, ба муҷиби фармуда рӯй ба таъмири қалъаҳо ва ҳисорҳо ниҳоданд…» (Равзат-ус-сафо, ҷ.4, с. 142 – сухан дар бораи тайёрӣ ба муқобили хавфи ҳуҷуми Чингиз ба Самарқанд меравад – муаллиф дар ин ду текст, ки замони пеш аз истилои муғулонро тасвир мекунад, ин калимаро ба шакли «тоҷик» навиштааст. Аммо дар поёнтар, ки аҳволи истилои муғулон тасвир меёбад, ҳамин муаллиф ҳамин калимаро ба шакли «тозик» менависад.

«…Подшоҳ аҳволи мамолики Форсро истифсор намуд, Ҳирқадоқ зону зада гуфт: аввал ҳоли ин тозик (тоҷик)-ро баҳам расонам» (Равзат-ус-сафо, ҷ, с. 211-сухан дар бораи ҳокими Луристон Афросиёб меравад. Ҳирқадоқи муғул ӯро, ки аз мамлакати Форс ва ҳокими Луристон буд «тозик» (тоҷик) гуфтааст – дар ин ҷо ду нуқта ҷои диққат аст: Якум ин, ки муғулҳо калимаи «тоҷик»-ро «тозик» мегуфтаанд (дар аввали мақола муроҷиат карда шавад); дувум ин ки дар замони истилои муғулҳо аҳолии Форс, ки марказаш шаҳри Шероз аст ва Луристон, ки як қисм аз мамлакати Форс аст, тоҷик ҳисоб меёфтаанд).

«…Гуфтанд тозик (тоҷик)-ро чӣ ҳадди он бошад, ки амиреро муқайяд (банд) карда бифиристад» (Равзат-ус-сафо, ҷ.4. с. 223 – сухан дар ҳаққи Малик Шамсиддини Қурт меравад, ки ҳокими Ҳирот буд. Ӯ Ҳандунуйини муғулро, ки ба Абоқохони муғул исён карда буд, банд карда ба дарбори хони мазкур фиристода буд. Муғулони дарбори хони мазкур ана ҳамин корро ба миллати муғул ор шумурда сухани мазкурро дар ҳаққи Малик Шамсиддин гуфтанд).

«Амир Қараған фармуд, ки тозик (тоҷик)-ро чӣ ҳадди он бошад, ки даъвои подшоҳӣ кунад…» «Амир Қараған фармуд, ки тозик (тоҷик) шеваи ҷангу муҳорибаро намедонад…» (Равзат-ус-сафо, ҷ.4, с. 228 – ин ду сухан дар бораи Малик Ҳусайн меравад, ки ҳокими мустақили Ҳирот буд. Қараған яке аз сардорони муғул буд, ки дар замони авлоди Чингиз бо вай ҷангида буд)*.

«…Чингизхон хавонин (хонон) ва умаро ва навиниёнро ҷамъ карда гуфт, ки аз сар ҳазми азми разми вилояти тозик (тоҷик) карда…» (Равзат-ус-сафо, ҷ.5, с. 25 – сухан дар бораи тайёрӣ дидани Чингизхон барои ҳуҷум кардан ба мамлакати Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон меравад – ҷои диққат дар инҷост, ки Чингизхон мамлакатҳои мазкурро вилояти тозик (тоҷик) гуфтааст.

«…Ва панҷоҳ ҳазор тозики (тоҷики) диловар, ки дар рӯзи маърака (рӯзи ҷанг) аз шери ҷаёну пили дамон рӯйгардон намешаванд…» (Равзат-ус-сафо, ҷ. 5, с. 29 – сухан дар бораи мудофиаи шаҳри Самарқанд ба муқобили Чингизхон меравад).

«Таклифотеро, ки аз шаръ ва ақл банд (дур) буд, нисбати ба мардуми тозик (тоҷик) ба тақдим мерасонид… ва аз ёсоқҳои ӯ халоиқ ба танг омаданд ба тахсиси мардуми тозик (тоҷик)…» (Равзат-ус-сафо, ҷ. 5, с. 44 – сухан дар бораи қонунҳои писари Чингиз – Чиғатой меравад, ки ӯ баъд аз истилои Чингиз ба Мовароуннаҳр ва ба Туркистон ҳоким шуда буд).

«…Қоон аз духтар пурсид, ки тозикон (тоҷикон)-ро чун ёфтӣ?...» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 5, с. 52) – сухан дар бораи он меравад, ки Фила ном паҳлавони ҳиротӣ дар Қароқурум (пойтахти Ӯктой-қоон) дар пеши Қоони мазкур ва бо фармоиши ӯ бо як паҳлавони машҳури муғул гӯштӣ гирифт ва Фила муғулро ғалтонд. Ӯктой-қоон (писари Чингиз ва ҷонишини ӯ баъд аз марги ӯ) дар қатори дигар мукофотҳо «барои зот гирифтан» ба Фила як духтари муғулро ҳам бахшида буд. Ҷумлаи болоӣ – саволи Ӯктой-қоон аз ҳамон духтар аст).

«…Абоқохон ба иноқони худ гуфт, ки ин тоҷик аҷаб марди мутаҷаллиде аст…» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 5, с. 109 – ҷумлаи болоиро Абоқохон, ки писари Ҳалоку буда баъд аз сари ӯ ба Эрон ва Хуросон подшоҳ шуда буд, дар ҳаққи вазири худ – Хоҷашамсиддин Муҳаммади соҳибдевон, ки аз Ҷувайн ном мавзеи Хуросон буда, зикраш дар боло гузашт, гуфтааст – дар ин ҷо диққат ин аст, ки Абоқохон дар Эрон зоида шуда ба забони маҳаллӣ ошно шуда буд, калимаи «тоҷик»-ро покиза гуфта тавонистааст ва муаллиф ҳам дар ин маврид аз забони ӯ шакли аслии ин калимаро навиштааст).

«…Илова бар ин қазоё (воқеаҳо) ҳукм шуда буд, ки ғайр аз зумраи муғул ҳеҷ кас силоҳ нигоҳ надорад… Аслиҳаи тозикон (тоҷикон) дар дасти муҳассилон (муғулони силоҳчин) боз монад…» (Равзат-ус-сафо, ҷ. 5, с. 136 – сухан дар бораи мамлакати Форс ва аҳли Шероз меравад, ки ҳукмдорони муғул исён карда буданд).

«…Ин тозик (тоҷик) моро метарсонад…» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 5, с. 164 – яке аз муғулон дар ҳаққи Малик Ғиёсиддин – ҳокими Сиистон, ки худаш ҳам сиистонӣ буд, гуфтааст).

«Мардуми Бухоро ба тасаввури он ки туркон чунон мунҳазим шуданд, ки (гурехтанд, ки) дигар муовадати (баргаштани) эшон мумкин нест, аз ақиби эшон шитофтанд. Чун миёни мардуми Бухоро ва деворбаст (қалъа) масофате буд, ки атрок (туркон) муроҷаат карда (баргашта) теғ дар тоҷикон ниҳоданд…» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 6, с. 19 – сухан дар бораи ҳуҷуми Амир Ҳусайни муғул ба Бухоро меравад, ки Амир Темур аз он ҷанг гурехта буд ва мардуми Бухоро ба танҳоӣ барои мудофиаи шаҳри худ ба Амир Ҳусайн муқобалат карда буданд – муаллиф дар ин ҷо мардуми Бухороро тоҷик номидааст).

«Аз забони соҳибқирон (Амир Темур) манқул аст, ки фармуд: муддатулумр ба саъубати он ҷанге надидам ва маъракае баҳайбаттар аз он мушоҳида нанамудам… Дар он мавқифи (вазъияти) ҳавлнок Элчӣ Буғо… дар миёни мухолифон давида чанд тоҷикро силӣ зада ба забони хуш гуфт…» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 6, с.26 – сухан дар бораи ҷанги Амир Темур дар аввалҳои хуруҷаш бо тоҷикони кӯҳистон меравад, ки дар яке аз дараҳои Бадахшони Кӯҳӣ воқеъ шуда буд – ҷои диққат он аст, ки Амир Темур, ки тамоми умри худро бо ҷангҳои хунин гузаронидааст, аз ҳамаи ҷангҳои аз сар гузаронидаи худ ҳамин ҷангу маъракаи тоҷикони кӯҳистонро сахттар, пурҳайбаттар ва ҳавлнок гуфта ёд кардааст).

«…Муҳаммад Озодро бо тоифае аз хонбачагон бо чаҳорсад нафар пиёдаи тоҷику турк ба тафтиши ҳоли эшон равон сохт…» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 6, с.101 – ин воқеа дар вақти ба Ҳиндустон сафари ҳарбӣ кардани Амир Темур рӯй додааст. Дар роҳи Ҳиндустон Амир Темур Бурҳон Ӯғлон ном туркро бо даҳ ҳазор нафар аскар ба кӯҳистони сиёҳпӯшон, ки дар Афғонистон аст, барои танбеҳи онҳо ва тоза кардани роҳи худ аз эҳтимоли халали онҳо фиристодааст, баъд аз он, ки аз аскар базудӣ хабар нашудааст, барои хабаргирӣ Муҳаммад Озоди Бадахшониро бо чорсад пиёдаи тоҷику турк фиристодааст. Муҳаммад Озод, вақте ба дараи сиёҳпӯшон медарояд, ки онҳо Бурҳон Ӯғлонро шикаст дода як қисми аскарашро асир гирифта як қисмашро кушта, як қисми онҳоро гурезонда аспҳо ва аслиҳаҳошонро ба ғанимат гирифта будаанд. Аммо Муҳаммад Озод бо чорсад нафар пиёда ба сиёҳпӯшон ҳуҷум карда онҳоро мағлуб намуда ғаниматҳо ва асирҳоро халос карда пас гирифтааст. Ба ин муносибат Амир Темур ба Муҳаммад Озод ва ҳамроҳонаш мукофотҳои калон дода Бурҳон-Ӯғлонро ҷазо дода аз хидмат рондааст).

«…Он ҳазрат (Амир Темур) фармуд, ки сардории лашкари тоҷик ба ӯ тааллуқ дошта бошад ва ба муҳими молӣ мудохила накунад…» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 6, с.142 – сухан дар бораи ин меравад, ки Амир Темур вақте ки дар Эрон буд, сардори лашкари тоҷикро ба Хоҷа Алии Симнонӣ додааст – аз ин маълум мешавад, ки дар сафарҳои ҳарбии Амир Темур аз тоҷикон лашкари алоҳида иштирок мекардааст).

«Туркон мушоҳида кардаанд, ки вазиру муширу қозӣ – ҳама мардуми тоҷиканд ва ҳеҷ як аз эшон дар амри мол мадхал намедиҳанд (мудохила намекунанд) ноираи (оташи) буғзу ҳасад дар хотири он ҷамоат иштиғол ёфт (шӯълавар шуд)…» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 6, с.199 – ин воқеа баъд аз вафоти Амир Темур дар қалъаи Алназиқ (дар Озарбойҷон) рӯй додааст, ки дар он ҷо Қозӣ Имомиддини Нахичивонӣ истиқлол ёфта буд).

«…Ва аз мамолики маҳруса савои Мовароуннаҳр понздаҳ ҳазор нафар пиёдаи тоҷик мулозим шуданд…» (Равзат-ус-сафо, ч. 6, с.225 –сухан дар бораи лашкаркашии Шоҳрух ибни Темур аз Ҳирот ба Озарбойҷон баъд аз вафоти Темур меравад – дар ин ҷо ҷои диққат ин аст, ки муаллиф 15 ҳазор аскари пиёдаи тоҷик, ки дар ин сафари ҳарбӣ иштирок кардаанд, ғайр аз Мовароуннаҳр, аз дигар ҷоҳои мамлакати Шоҳрух ҷамъ карда шудани онҳоро қайд мекунад. Пас маълум мешавад, ки ғайр аз Мовароуннаҳр дар дигар ҷоҳо ҳам тоҷикон будаанд).

«…Мардуми тоҷик чунон ки ба сайри хиёбон меравад ба аспон савор шуда рӯй ба Карх ниҳоданд…» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 6, с.258 – сухан дар бораи ҷанг ба Карх рафтани аҳолии Ҳирот меравад ва муаллиф (Мирхонд), ки худаш дар шаҳри Ҳирот таваллуд ёфтааст, аҳолии Ҳиротро «тоҷик» мешуморад).

«…Мардуми тоҷик, ки осори шуҷоат ба зуҳур расонида ва саворони аъдоро (душманонро) гурезонида буданд, аз мавоиди подшоҳ ҳаззи (баҳраи) тамом ёфтанд ва ҷомаҳои қиммате пӯшиданд…» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 6, с. 285 – сухан дар бораи мудофиа кардани аҳли Ҳирот шаҳри худро ба муқобили Амир Халил ном меравад, ки ӯ дар вақти дар Ҳирот набудани подшоҳи вақт Султон Абусаид ба шаҳри Ҳирот ҳуҷум оварда буд).

«…Дар ҳилоли ин аҳвол баъзе умарову вузаро ва мардуми тоҷик, ки мулозими салотин ва ҳуккоми Хуросон буданд, аз бими тааддии ваҳиф… дар ҷилоби Ҳирот таҳаммун сохта аз ғояти ваҳшат лаҳзае фароғат нанамуданд…» (Равзат-ус-сафо, ҷилди 7, с.106 – сухан дар бораи Ҳиротро истило карда гирифтани Шайбонихон меравад).

### *АЗ «РАВЗАТ-УС-САФО»-И НОСИРӢ*

(Таълифи ин китоб аз тарафи Мирзо Ризоқулихони Ҳидояти Шерозӣ дар замони Насриддиншоҳи Қоҷор дар соли 1274 ҳиҷрӣ (1858) тамом карда шудааст. Дар ин китоб воқеаҳое, ки дар Эрон ва Хуросон аз аввалҳои асри XVI то солҳои 1858 рӯй додааст, зикр меёбад. Муаллиф воқеаҳои «Равзат-ус-сафо»-и Мирхондро давом кунонда номи китобашро ҳам «Равзат-ус-сафо» мондааст ва шумораи ҷилдҳои китобашро ҳам ки се аст, ба болои шумораҳои ҷилдҳои «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд зам карда, ҷилдҳои 8-9 ва 10 гуфтааст. Мо дар порчаи поёнӣ мисолро аз ҳамин китоб мегирем):

«Салобати Шоҳ Исмоил дар қулуби турку тоҷик ва дуру наздик асар карда буд…» (Равзат-ус-сафои Носирӣ, ҷилди 8, саҳифаи беракам, чопи Теҳрон – дар зикри Шоҳ Исмоили Сафавӣ).

«…Ва лекин муршид Қулихон ва соири турку тоҷик…» (Китоби мазкур, ҷилди 8 – сухан дар бораи Қандаҳор меравад. Муаллиф баъд аз таъйини ҳудуд ва масоҳати он ҷо аз кадом халқҳо будани бошандагони он ҷойро баён мекунад ва як саҳифа поинтар аз ин муаллиф мегӯяд:

«…Дар ин асно хабари шӯриши форсизабонони Қандаҳор расид…» Аз ин ҷо маълум мешавад, ки муаллиф дар тексти болоӣ форсизабонони Қандаҳорро «тоҷик» гуфта будааст ва дар назди ӯ «форсизабонон» ва «тоҷик»-ҳар ду як мафҳумро ифода мекардаанд).

«…Нои туркӣ бар сӯги (мотами) тоҷикон мӯя ҳамехонад…» (Равзат-ус-сафои Носирӣ, ҷилди 9, с.11 – Сухан дар бораи ҷанги Муҳаммад Ҳасанхони Қоҷор (турк) ва Каримхони Занд (форс) меравад ва баъд аз як саҳифа – дар саҳ. 12 муаллиф мегӯяд: «Каримхони фурс аспи гурез ба ҷониби Форс (вилояти Шероз) ронд. (Аз ин ду матн маълум мешавад, ки муаллиф Каримхони Занд ва аскарони ӯро, ки Шерозӣ, Заид ва Лур буданд, «тоҷик» номида ва дар айни замон инҳоро «фурс) (форс-форсизабон) ҳам мегуфтааст.

«…Асокири турку тоҷик дар муаскари (лашкаргоҳи) воло ҷамъ…» (Китоби мазкур, ҷилди 9, саҳифаи 22 – воқеа дар Мозандарон меравад).

«…Малҷои (илтиҷогоҳи) турку тоҷик буд…» (Китоби мазкур, ҷилди 9, саҳифаи берақам – сухан дар таърифи яке аз вазирони шоҳони Қоҷори Эрон меравад).

### *4.НАТИҶАИ МИСОЛҲОИ ДАР БОЛО ҚАЙД КАРДА ШУДА*

1) Чунон ки дар мисоли асари Хоҷа Абдулқодир Холиқи Ғиҷдувонӣ гирифташуда дидем, калимаи «тоҷик» бо ҳамин шакл аз асри XII боз дар адабиёти навишта будааст. Албатта ин калима дар адабиёти навишта аввалин бор аз тарафи ҳамин муаллиф кор фармуда нашудааст ва дар ҳамин асри XII будани ин калима ҳаминро нишон медиҳад, ки дар асри мазкур ва пештар аз он ин калима дар байни халқ забонзад ва дар байни муаллифону нависандагон яке аз истилоҳҳои (терминҳои) ба кор раванда будааст. Аммо аз он ҷо ки асарҳои оид ба асри X ва XII ба сабаби нобуд шуданашон дар куштор ва сӯхторҳои Чингиз ба мо нарасидаанд ва агар баъзеи онҳо саломат монда бошанд ҳам, мо надидаем. Нусхаи асари Хоҷа Абдулхолиқ ҳам китобати Ҳиндустон аст, аҷаб нест, ки ин асар ба воситаи равандагони пеш аз истилои Чингиз, ё ба воситаи гурезагони ҳуҷуми Чингиз дар Ҳиндустон афтода бошад ва бо як тасодуфи дигар нусхаи ин ба Мовароуннаҳр баргашта омада бошад. Вагарна ин ҳам ба мо намерасид;

2) Калимаи «тоҷик» ба сифати номи як халқи форсизабон саравввал ба мардуми форсизабони Осиёи Миёна ва Хуросон кор фармуда шуда, баъд аз он ҳамаи форсизабонони рӯи дунё ба кор бурда шудааст. Бинобар ин Саъдӣ, ки аз ҷумла аҳолии аслии Шероз аст ва ин шаҳр маркази вилояти Форс аст, мумкин ёфтааст, ки худро дар шеъри худ «тоҷик» шуморад ва муаллифони дигари эронӣ аз қадимтарини онҳо гирифта то нависандагони асри XIX, калимаи «тоҷик»-ро беибо ба халқи форсизабони Эрон ҳам кор фармудаанд;

3) Халқи форсизабони Осиёи Миёна ва Хуросон, ки аз замонҳои хеле қадим боз номи «тоҷик» ба инҳо дода шудааст, албатта баробари ин ном пайдо нашудаанд, ё ин ки аз ягон ҷой наёмадаанд, балки инҳо аҳолии ин сарзаминанд, ки баъд аз исломият ба инҳо номи «тоҷик» ва ба забонашон «забони форсӣ» ё ин ки «забони тоҷикӣ» дода шудааст ва чунон ки баъд аз исломият забони форсии ҷадид аввал дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ташкил, баъд аз он ба ҳамаи форсизабон паҳн шуд, калимаи «тоҷик» ҳам ба сифати як номи миллӣ аввалин бор ба халқҳои форсизабони Осиёи Миёна ва Хуросон кор фармуда шуда, баъд аз он ҳамаи халқҳои форсизабонро бо ин ном ном бурдан мумкин шуморида шудааст (мисолҳои боло ин нуктаро равшан исбот карданд).

Он халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон, ки онҳоро баъд аз исломият «тоҷик» ва забонашонро «форсӣ» ё ин ки «тоҷикӣ» номиданд, киҳо буданд?

Инҳо ҳамон халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон буданд, ки чандин аср пеш аз исломият дар ин сарзаминҳо ба тариқи муқимӣ – дар шаҳрҳову деҳаҳо ба хонаву ҷой зиндагонӣ карда ба зироат ва касбҳои дастӣ умргузаронӣ мекарданд – инҳо ҳамон суғдиён буданд, ки дар шаҳрҳои марказии Мовароуннаҳр, дар канорҳо, водиҳо ва кӯҳҳои Зарафшон ва Бохтариёну Тахориён буданд, ки бо марказияти Балхи қадим дар Хуросон ва Чағониён буданд, ки бо марказияти Тирмиз ва Ҳисори шодмони имрӯза дар канорҳои рости дарёи Омӯя зиндагонӣ мекарданд.

### *5. МАЪНОИ АСЛИИ КАЛИМАИ «ТОҶИК» ВА БАРОМАДГОҲИ ВАЙ ВА САБАБИ НОМИДА ШУДАНИ ТОҶИКОН БО ИН НОМ*

Мо дар аввали мақола шаклҳои гуногуни калимаи «тоҷик»-ро нишон дода гуфта будем, ки шакли аслии ин калима «тоҷик» буда, муғулҳо ва туркони қадимӣ ин калимаро гуфта натавониста бо табдил додани ҳарфи «ҷ» ба «з» «тозик» гуфтанд ва ин қавли худро бо мисолҳои гуногун, ки аз таълифоти асрҳои гуногун гирифта шудаанд, исбот ва таъкид ҳам кардем ва инчунин маънии калимаи «тоҷик» ба си-

фати як халқи форсизабон будан низ дар боло бо далелҳо ва мисолҳое аз муаллифони гуногун гирифташуда исбот карда шуд.

Аммо чӣ будани маънии аслии калимаи «тоҷик» ва қатъи назар аз номи як халқи форсизабон будан чӣ маънӣ доштани он ва баромадгоҳи он ва инчунин ба чӣ сабаб ба як халқи форсизабон ном шудани ин калима ва агар бо таъбири қадимӣ гӯем «ваҷҳи тасмияи як халқи форсизабон бо ин ном» то ҳол равшан карда нашудааст.

Мо дар ин қисми мақолаамон ана дар ҳамин бора гап мезанем:

Калимаи тоҷик аз тарафи ягон муаллифи муътабар бо роҳи забоншиносӣ (лингвистӣ) то ҳол таҳлил карда маънои аслии он баён карда нашудааст ва агар ягон таҳлили маъқуле шуда бошад ҳам, то ҳол ба воситаи адабиёти навишта ба мо нарасидааст…

…Ба асоси ин мутолиа мо гуфтан метавонем, ки калимаи «тоҷик» аз се ҷузъ мураккаб аст: «тоҷ-ӣ-к». Ҷузъи якум «тоҷ» аст, ки зиннати сари подшоҳон ва нишонаи подшоҳии онон буда, номи дигари вай дар форсӣ «афсар» ва дар арабӣ «иклил» аст; дувум ҳарфи «ӣ»-и нисбат аст. Масалан мо бухороӣ, самарқандӣ, ё сталинободӣ гӯем, ҳамин «ӣ» ҳамроҳ мешавад ва чизҳо, ё шахсҳои ба ин шаҳрҳо мансубро мефаҳмонад; ҷузъи севум «к»-и исмӣ аст. Ҳар вақт калима сифатеро, ё калимаи исми онро номи чизи махсус кардан хоҳанд, ин ҳарфро дар охири он калима ҳамроҳ мекунанд ва ин ҳарф ин калимаро исми хос мегардонад.

Чунон чи калимаи «даста». Мо аз ин калима ҷои дастгирии ҳар асбобро мефаҳмем: дастаи табар, дастаи каланд, дастаи арра ва дигарҳо. Вақте ки хостанд калимаи дастаро ба тарзи истилоҳ (термин) бо далел, санад, ҳуҷҷат, асоси хос кунанд, дар охираш «к»-и исмиро ҳамроҳ карда «дастак» гуфтанд. Мо аз калимаи «дастак» танҳо далел, санад, ҳуҷҷат ва асос барин чизҳоро мефаҳмем, ки ҷои дастгирии соҳибаш аст.

Тухми ҳар рустаниро, ки агар вайро дар замин коранд, мисли он рустаниҳо рӯёнад «дона» гуфтан мумкин аст.Вақте ки хостанд ин калимаро ба тухми зардолуву шафтолу барин меваҳои сардарахте хос кунанд, ба вай «к»-и исмро ҳамроҳ карда «донак» гуфтанд.

Ё ин ки «барг». Мо аз ин калимаи «барг» барги ҳар рустаниро мефаҳмем. Аммо як чизи зинати занон аст, ки вайро ба шакли барги дарахт аз тилло сохта бо сангҳои қиматбаҳо зеб медиҳанд. Вақте ки хостанд «барг»-ро ба ҳамин чиз исми хос кунанд, дар охираш «к»-и исмиро ҳамроҳ карда «баргак» гуфтанд. (ғулунги дукафони бедонакро «баргак» гуфтан аз ҳамин «баргак»-и занон маҷоз аст).

Парик номи асбобест, ки калобаро аз вай гузаронида аз вай ба найча ё ба зағӯта мепечонанд, равонак (номи деҳае аз Самарқанд, ки аз равон

сохта шудааст), Тавсанак (номи деҳае дар Бухоро, ки аз «тавсан» сохта шудааст), чароғак (кирми шабтоб ё барқи ҳаво), Равшанак (номи духтари Доро) ва дигар ҳамин гуна номҳои хос ба ҳамин тарз сохта шудаанд.

Инчунин калимаи «тоҷӣ» ба ҳар чизе, ки ба тоҷ мансуб ва ба вай дахлдор бошад, рост меояд ва ҳар кадоми он гуна чизҳоро мефаҳмонад (масалан марвориди тоҷӣ, ёқути тоҷӣ, лаъли тоҷӣ). Аммо вақте ки хостанд, ки ин калимаро калимаи «тоҷ»-ро ба як халқи форсизабони баландмаданият исми хос кунанд, дар охираш «к»-и исмиро ҳамроҳ карда «тоҷик» гуфтанд.

Тамом.

**С. Айнӣ.**
**2 XII-42 Самарқанд**

*Тӯрақул Зеҳнӣ*

# КАЛИМАИ ТОҶИК ДАР ОСОРИ ГУЗАШТАГОН*

Калимаи «тоҷик» ё ки «тозик» дар давраи Сомонӣ (асрҳои IX-X) дар осори таърихӣ ва илмӣ ё ки дар ашъори Рӯдакӣ ва муосирони ӯ ҳанӯз ба назари муаллиф вонахӯрдааст.

Ба фикри мо, дар ин давр миёни подшоҳу вазир, ё ки дар миёни кормандони девони подшоҳӣ ё ки дар миёни сипоҳиён ва сипаҳсолорон мухолифати фикрӣ ва амалӣ мушоҳида намегардад. Вале дар таърихи «Байҳақӣ» ё «Сиёсатнома» ва ғайра дар аҳди ғазнавиён ва баъдтар дар аҳди салҷуқӣ дар миёни подшоҳу вазир ё сипоҳиёну сарлашкарон ва кормандони девон ва дарбориён ханҷол ва кашмакашҳои фикрӣ ва амалӣ рӯй дода меистод, калимаи «тоҷик» гоҳе дар ашъори шоирон низ зикр меёбад. Аз ҷумла, дар ашъори Унсурӣ, Саноӣ, Анварӣ, баъдтар Саъдӣ, дар ашъори Ҷалолиддини Румӣ, Хусрави Деҳлавӣ, ҳатто баъдтар дар як мухаммаси Ҳофиз зикр меёбад.

Дар бораи ғазаби Маҳмуд ба вазир. Масалан, аз ҷумла Султон Маҳмуд дар он давр, ки ба вазир Аҳмад бинни Ҳасани Маймандӣ ғазаб карда буд, ба дабир Абунасри Миткон мегӯяд: «Наздики Хоҷа рав ва ӯро бигӯ, ки ҳарчи ба душманӣ мумкин буда, ба ҷой овардӣ ва насиҳат боз нагирифтӣ... Ҳарчанд маълум аст, ки як фавҷ лашкари ман хориҷиёнро (хоразмиён)-ро басанда аст.Ба ҷону сари ман, ки ҳар чи андар ин сафар фавт шуда, чун боз гардам, аз ту биситонам. Ва агар лашкари маро нокомие пеш ояд, пӯсташ боз кунам. Ва сахт дар ғазаб шуд ва аз бим ларза дар ман афтод. Ва овоз баровард, ки Абулҳасани Укайлиро бихонед, то муътарриф бошад, ки тоҷикон ҳама яке бошанд ва муҳобо кунанд дар пайғоме, ки диҳам эшонро...» (Саиди Нафисӣ. «Дар перомуни таърихи Байҳақӣ, ҷ.1, саҳ. 115).

**Камгирӣ ва заифшуморӣ**: «Туғрал гуфт: моро савоб он менамояд, ки буна пеш кунем ва сӯи Деҳистон равем ва Гургон аз он навоҳӣ бигирем, ки тоҷикон сабукмоя ва беолатанд» (Байҳақӣ, саҳ.611).

**Нотавонбинӣ:** «Ва тоҷикон, ки сӣ сол аст, то мол медиҳанд ва ҳамагон ба навоанд ва чӣ кор кардаанд, ки моле бад-ин бузургӣ паси эшон яла бояд кард (бояд бахшид)» (Байҳақӣ, саҳ.257).

**Зӯрӣ ва маҷбурӣ:** «...Агар ҷанг бошад, аспони тоҷикон биситонем, ки бар уштур ҷанг натавон кард...» (Байҳақӣ, саҳ.618).

---

* Садои Шарқ, 1989. -№5. – С.111-118. Ҳамчунин Тоҷик - тоҷдор, тоҷвар. – Душанбе, Адиб, 1990. – С. 63-74.

Бо баҳонаи ин тоҷикон дар майдони ҳарбу зарб корномаҳое низ нишон додаанд ва сазовори тавсифу таъриф шудаанд.

**Шуҷоат ва қаҳрамонӣ:**

*Тоҷики гарданкаши лашкаршикан,*
*Бештаре найзавару сафшикан.*

**Хусрав, Қирон-ус-саъдайн.**

«Ва ғуломон ва тоҷикон нек биистоданд ва ҷанги сахт карданд...» (Байҳақӣ, саҳ.624).

«(Обокоҳон) фармуд, то он ярлиғро бишнавониданд. Ҳамагон ба иттифоқ гуфтанд, ки ҳаргиз подшоҳои муғул тозикеро чунин ярлиғ надода» (Ҷомеъ-ут-таворих, саҳ.160). Изҳори нодонӣ ва ноошноӣ дар муқобили тоҷик: «Ва мо мардумони нав ва ғарибем, расмҳои тоҷиконро надонем» (Байҳақӣ, саҳ.554).

Дар ҳусну малоҳат ягона будани тоҷик: «...Ва султон Сикандар (Хоразмшоҳ) борҳо бар лафз рондӣ, ки ман аз осори тоҷикон пурдилтар ва Алоулмулки Ҷомигӣ надидам ва Сарахс(ро) номзади ӯ фармуд» (Лубоб-ул-албоб, ҷ.1, саҳ.111).

«...Ва панҷоҳ ҳазор тоҷики диловар, ки дар рӯзи маърака аз шери жаён ва пили дамон рӯйгарм намешуданд ва бист фили қавиҳайкал доштанд ва ғанабаи хавосу авом чандон ки дар қаср нағунҷад...» (Равзат-ус-сафо, ҷ.V, саҳ.39).

Шамси Қайси Розӣ (аввалҳои асри XIII) дар муқобили ҳуҷуми муғул менависад: «Бо вуҷуди чунон лашкаре касиру вофир дилҳои хавосу авоми ҳашам шикаста шуд ва раъду хавф бар турку тоҷики лашкар ва дуру наздики раият муставлӣ гашт» (Ал-мӯъҷам...», саҳ.6).

**Дар ифодаи ҳусну ҷамоли духтарон ва ҷавонзанони тоҷик:**

*Рӯи тоҷиконаат бикшой, то доғи ҳабаш*
*Осмон бар чеҳраи туркони ягмоӣ кашад.*

Саъдӣ

*Нигори турку тоҷикам кунад сад хона вайрона,*
*Ба мижгони дарози тоҷикона чашми туркона.*

Фонӣ (Навоӣ)

Дар ин ҷо «турк» ба маънои маҳбуба ва «тоҷик» киноя аз Саъдӣ, ки ба маънои ошиқ омадааст:

*Шояд, ки ба подшоҳ бигӯянд:*
*Турки ту бирехт хуни тоҷик.*

Саъдӣ

«Тоҷик» ба қатори турку араб омада, маънои қавми форсизабононро ифода кардааст:

*Зи дарёи Уммон баромад касе,*
*Сафар карда Ҳомуну дарё басе.*
*Араб дидаву турку тоҷику Рум,*
*Зи ҳар ҷинс дар нафси покаш улум.*

Саъдӣ

**Аз ғайри фарқи қавмият:**

*Турку тоҷику араб гар ошиқанд,*
*Ҳамраҳанд аз рӯи маънӣ дар савоб.*

Шамси Табрезӣ

«Ва агар турке даҳ тоҷик(ро) кадхудоӣ дорад, шояд ва агар тоҷике кадхудоии даҳ турк кунад, шояд ва кори мамлакат аз қоида барнагардад...» (Сиёсатнома, саҳ 163).

Истилоҳи «тоҷик» тақрибан то асрҳои XV-XVI шомили ҳамаи форсизабонони Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр буд.

Дар ифодаи даҳшат аз муғул: «Мусулмонону мушрикону ҷуҳудону муъминону туркону тоҷикон» (Китоб-ун-нақз, саҳ 476). Муҳаммад Амини Гулистонӣ дар «Маҷмаъ-ут-таворих» дар шарҳи қатли Нодиршоҳ меорад: «Он ки аз бадии ҳоли Нодиршоҳ то замоне, ки аз сафари Хоразм баргашта озими Доғистон шуд, дар амри Салтанат ва ҷаҳондорӣ ягона ва аз роҳу расми маъдале ва оҷизнавозӣ фарзона ва дар сулук бо котибаи Эронӣ нодири замона буд ва аҳолии Эрон низ хурду бузург ва турку тоҷик фидоиёна нақди ҷонро дар роҳи ӯ мебахшанд». (Деҳхудо, ҷ. 37, саҳ. 103).

Баъд аз он ки аз асри XVII дар Мовароуннаҳр ҳукумати Шайбонӣ истиқлол меёбад ва дар Эрон ҳукумати Сафавӣ барқарор мегардад, таркиби ӯзбеку тоҷик ҷои турку тоҷикро ишғол мекунад. Аз ҷумла дар «Таърихи Муқимхонӣ» гуфта мешавад: «Алқисса, куштаву хаста ба арки Бухоро омаданд ва хонро дохили тахтгоҳ намуданд. Ҳукм фармуд, ки ҳар кас қуввати санг андохтан дорад дар куштани урганҷӣ тақсир накунад. Он шаб аз ӯзбеку тоҷик ва раоё ва аҳли бозор ҳама даст ба қатл кушоданд» (Муқимхонӣ, саҳ. 92).

«Ва мутлақ сипоҳ аз ӯзбекия ва тоҷикия ва аснофи тавсиф бад-ин навъ он рӯз қариб сад ҳазор кас дар инон мерафтанд ва ғайр аз Имомқулихон ҳама пиёда буданд» (Муқимхонӣ, саҳ.76).

Дар мисолҳои зерин низ тоҷик ба маънои умумӣ омадааст: «Юсуфбег... агарчи турк аст, аммо атвори одамиёна аз эшон ба зуҳур мерасад... Ҳосил он ки дар ин замон мисли ӯ турк, балки тоҷик низ кам пайдо мешавад» (Тӯҳфаи Сомӣ, саҳ.344-345).

«Аллоҳқулӣ аслаш турк аст, аммо худ ба тоҷикон шабеҳтар аст, ки бар туркон» (Ҳамон китоб, саҳ.352).

«Мавлоно Ҳумоӣ аслаш турк буд ва дар ҷавонӣ тарки туркӣ карда, дар тараққии аҳвол дар Аҷам ба мулки Исфаҳон муқим шуд» (Ҳамон китоб, саҳ.351).

«Мирзо Будок агарчи турк аст, аммо муддатҳо дар миёни тоҷикон умр ба сар бурда ва мебошад» (Ҳамон китоб, саҳ.354).

Муаллифи «Тӯҳфаи Сомӣ» Сом Мирзо тақрибан аз «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ нақл кардааст: Баъд аз он ки Амир Маъсум ҳаждаҳ сол ба идораи ҳукумат кор мекард, дар санаи 1217  ҳиҷрӣ (1832) вафот ёфт. Бухориён замони идораи ӯро даври саодат гуфта менигоранд… Бинобар ин ӯзбекону тоҷикон дар вақте ки дар ҳаққи ӯ сухан меравад, аз ситоиши ӯ сер намешаванд (Ҳерман Вамберӣ. Таърихи Бухоро ва ё Мовароуннаҳр. Москва, 1924).

«Мардуми тоҷикия ва сартия ӯро анҷому худро ба тариқи гадоӣ фил-ҷумла рост карданд» (Шоҳномаи Фарғонӣ, саҳ.49).

Вале дар қисмати Эрон, ки таҳти тасаллути Исмоили Сафавӣ ва авлоди ӯ буд, шиа-мазҳаби мансуб ба имоилия, мазҳаби расмӣ ва умумии Эрон эълон гардид. Тақрибан исми эронӣ бо калимаи тоҷик иваз шуд. Танҳо дар қисмати Хуросон худро тоҷик номидан боқӣ монд. Аз ин рӯ ӯзбекону тоҷикон ҳар як эрониро қавман ва мазҳабан эронӣ меномиданд, ки ҳам шомили қавмияти эронӣ ва ҳам шомили мазҳаби шиа мебошад, ки ҳанӯз ҳам ин ақида боқист.

Хулоса, асрҳо эрониҳо дар таҳти байрақи мазҳаби шиа ва қавмияти эронӣ бо ӯзбекону тоҷикони мовароуннаҳрӣ ва қисман хуросонӣ дар задухӯрди хунини мазҳабӣ буданд. Ҳазорон ҳазор халқу оилаҳо хоку туроб шуданд. Кашмакашҳои мазҳабӣ дар чанд асри охир чунон ба ифрот расида, ки эрониҳо (шиаҳо), мовароуннаҳриҳо ва қисман хуросониҳо ӯзбекону тоҷиконро сагсуннӣ гуфта ва сунниҳо эрониёнро харшиа номида, ҳатто якдигарро ғайри мусулмон (кофир) меномиданд.

Ба фикри мо истилоҳи тоҷик хоси мовароуннаҳрӣ, хуросонӣ шуд ва дар қисмати Эрон қавмияти «эронӣ» барқарор гардид.

Ёдовар: ногуфта намонад, ки дар замони истилои муғул ҷои «турк»-ро истилоҳи «муғул» ишғол кард.

«То панҷоҳ мард қиморӣ ва бист ҳазор муғул муҷтамеъ шуданд ва маҷмуъро панҷа ва саф карда бар сари ҳар даҳ марди тоҷик як марди муғул муайян гашт. Ва пиёдагони тоҷик аз кӯҳе, ки се фарсанг масофат дошт, нақл мекарданд ва сарварони муғулӣ онро дар об мекарданд ва Темурмалик дувоздаҳ киштии сарпӯшида тартиб карда буданд ва намади тар пушти онҳо буд ва гил андуда. Чунон чи тир ва оташ бар онҳо кор намекард. (Равзат-ус-сафо, саҳ.35-38).

### *Мулоҳизаи олимон ва фарҳангнависон дар бораи калимаи тоҷик*

Муаллифони фарҳангнависи тоҷик бо каме фарқи ифодаю услуб гӯё аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ғиёсиддин Муҳаммад дар «Ғиёс-ул-луғот» мегӯяд: «Тоҷик-арабзода, ки дар Аҷам (Эрон) калон шавад ва номи вилояте ва тоифае ғайри арабӣ бошад. Аз Латоиф ва Сироҷ ва дар луғоти турк ба маънои аҳли форс навишта…»

Дар «Фарҳанги Рашидӣ»: «Тоҷик, тозик, тожик ва тоҷик бо «ё»-и маъруф – ҳар чаҳор луғот ба касри солис ғайри мардуми тоҷик…»

Дар «Бурҳони қотеъ»: «Тоҷик ба касри ҷим (ҷ) бар вазни тоҷик… ғайри арабу туркро гӯянд. Ва дар асл авлоди араб асту дар Аҷам бузург шуда ва баромада бошад».

Дар «Шамс-ул-луғот» чунин эзоҳ меёбад: «Тоҷик ғайри мардуми турк, ки дар Аҷам бошад ва ғайри мардуми арабро низ гӯянд».

Дар фарҳанги «Онандроҷ» чунин зикр меёбад: «Авлоди араб, ки дар Аҷам бузург шуда бошад. Ва аксари эшон савдогар бошанд. Лиҳозо аз тоҷик гоҳе савдогар мурод бошад».

Дар фарҳанги «Ҳафт Қулзум»: «Тоҷик ба фатҳи аввал ба алифи кашида ва касри ҷим ва сукуни коф мухаффафи тоҷик аст ва тоҷик ғайри арабу туркро гӯянд ва дар асл авлоди араб аст, ки дар Аҷам бузург шуда ва баромада бошад».

Дар айни саҳифа шаклҳои тоҷикро эзоҳ карда мегӯяд: «Ва тожик ба «зо»-и порсӣ ба маънии тоҷик омада, ки ғайри арабу турк бошад ва фарзанди араби дар Аҷам зоида шуда ва баромадаро гӯянд».

Аз Деххудо мухтасаран: «Тоҷик (исм) – ғайри араб ва туркро тоҷик номанд (Шарафномаи мунирӣ). Тозик, тоҷак бар вазн ва маънии тоҷик аст, ки ғайри араб ва турк бошад (Бурҳон), Арабзода, ки дар Аҷам калон шавад (Онандроҷ), Ғиёс-ул-луғот: «Фарзанди араб, ки дар Аҷам зоида ва баромадаро низ гӯянд». Бурҳон: Тозик ва тоҷик ҳамон тоҷики мазкур ва низ аслест турконро. Ваҷила бачаи араб, ки дар Аҷам бузург шавад».

«Он ки муғул ва турк набошад. Дар луғоти турк аҳли фурс навиштаанд» (Ғиёс-ул-луғот, Онандроҷ).

Муаллифи «Фарҳанги Низом» орад: «Насли эронӣ ва форсизабон. Мисол: Дар Афғонистон ва Турон нажоде ҳастанд, худро тоҷик мегӯянд. Мубаддали лафзи мазкур тозик аст ва аз он баъзе аз аҳли луғат чунин қиёс карданд, ки маънии лафзи мазкур насли тозӣ (араб) аст, ки дар Аҷам бузург шуда бошад, лекин саҳеҳ ҳамон аст, ки навиштам ва аз ин лафз дар Эрон мавриди истеъмол надорад. Фақат дар Афғонистон ва Туркистон ба форсӣ забони он ҷо гуфта мешавад,

дар муқобили турк истеъмол мешавад ва асли ин калимаи паҳлавӣ тоҷик мансуб ба қабилаи Тоҷ аст, ки аз қабоили Эрон буда, оқои Нафисӣ дар муаррифии мардуми Бухоро орад:

Дар замони Рӯдакӣ шаҳри Бухоро чун дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр шаҳре будааст мураккаб аз нажоди эронӣ ва шояд яке аз қадимтарин мадоин (шаҳрҳо) бошад, ки нажоди мо дар он раҳли иқомат афканда. Ба ҳамин ҷиҳат мардуми он шаҳр ба ҷуз иддаи маъдуд аз нажодҳои дигар, ки баъд ба воситаи ҳаводис бад-он ҷо рафтаанд, аз нажоди эронӣ ва порсизабон, махсусан, аз замоне, ки Бухоро пойтахти Сомониён, маркази адабиёти форсӣ шуд ва умарои Оли Сомон дар ривоҷи ин забон ҳеҷ фурӯ нагузоштанд, Бухоро маъруфтарин маркази забони мо шуд. Чунон ки пас аз ҳазору чанд сол забони аксарияти мардуми Бухоро ва забони бозори он забони порсист ва ҳанӯз аксарияти мардуми он аз нажоди эрониrighand, ки имрӯз эшонро ба истилоҳи маҳаллӣ тоҷик меноманд» (Аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ, ҷ.1, саҳ.67-69).

Муаллифи ҳамин китоб дар бораи мардуми Самарқанд орад: Ҷамъияти вилояти Самарқанд наздик ба нӯҳсаду шаст ҳазор аст, ки бисту ҳашт дар сади он аз нажоди эронист, ки имрӯз ба исми «тоҷик» хонда мешавад. (Аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ, ҷ.1, саҳ. 120).

Дар «Лоруси бузург» омада: «Тоҷикон мардоне ҳастанд, ки ҳадди ақал 2500000 ҳазор нафаранд, ки дар машриқи Эрон ва шимоли Афғонистон ва дар Туркистони рус ва ҳамчунин дар иртифоти 3000 метрии қуллоти Помир парокандаанд ва ба зироат иштиғол доранд.Ғолибан тоҷикҳо як нажоди холиси эрониянд. Ҳамаи онҳо чодарнишин мебошанд. Дар Эрону Афғонистон ба кори зироат иштиғол доранд ва дар Туркистон бозоргон ё моликанд ва дар назди тоҷикони Туркистон ҳоло осоре аз оташпарастии кӯҳан мушоҳида мешавад».

Муаллифи «Қомус-ул-аълом»-и туркӣ орад: «Тоҷик дар асл номи қавме аз туркҳо буд ва дар ин замон ин номро ба як тоифа эрон-ул-асл ва мутакаллим ба забони форсӣ ва муқим дар Осиёи Вусто итлоқ кунанд. Эшон дар билод ба тиҷорату саноат ва дар қурро ва деҳҳо ба зироату фалоҳат иштиғол меварзанд ва мардони фиолу мустаманд ва нисбат ба тавоифи дигар маданӣ мебошанд, вале ба андозаи туркону ӯзбекону афғонон ва тотору ақвоми дигар ҷасур ва силаҳпӯш нестанд. Ва аз ин рӯ дар назари инон ҳақир ба шумор мераванд ва мардуми диловар маҳсуб намешаванд ва калимаи «доҷик» аромина ба усмониён итлоқ кунанд, аз ҳамин луғот маъхуз аст.

«Форсӣ нависад: иштиқоқи калимаи тоҷик муҳтамалан аз шакли эронӣ ва «Той» қабилае аз араб омада… онро муштақ аз «тохтан»[1] медонад ва ин қавли бандаест. Туркон номи тоҷикро монанди «том» ба эрониён итлоқ мекарданд. Руҷуъ шавад ба «тур» (10). Устод Ханич

тоҷикро туркӣ медонад, «мураккаб аз то (турк) чик (пасованди нисбат) ҷамоъан, яъне табааи турк».

Дар таърихҳои пешинаи арабу форс калимаҳои тоҷик ва дар «Қутадғу билиғ» ба шакли «тозик» дучор мегардад. Ҳамаи ин бешубҳа иборат аз ҳамин калимаи тоҷик аст.

Муайян кардани маънои калимаи тоҷик ва сабаби ба ин қавм дода шудани ин ном ва маънои он мушкил аст. Дар ин бора чунин назарияҳо нишон дода мешавад:

1. Тозӣ номи саги шикорӣ буда, дар замонҳои қадим бобоёни тоҷикон бисёртар бо шикор машғул мешуданд ва доим дар паҳлӯи худ сагони тозӣ доштаанд. Бинобар ин тоҷик соҳиби саги тозӣ гуфтан аст. Рафта-рафта шакли тоҷикро гирифтааст.

2. Халқи тоҷик аз ҷиҳати савияи мавданӣ ва баланд будани тарзи зиндагӣ ба калимаи тоҷ нисбат дода шуд, тоҷик гуфтаанд, ки дорои баландиро ифода мекунад.

Абдулмуъмини Сатторӣ: Имрӯз муҳимтарин қавмҳои Туркистон тоҷиконанд. Онҳо аз рӯи нишондоди навиштаҳои таърихӣ аз замонҳои қадимтарин ин ҷониб дар Туркистон, ба ибораи дигар дар Мовароуннаҳр зиндагонӣ карда омадаанд. Дар замони пеш дар ин сарзамин махсуси худ маданият ташкил кардаанд. Дар роҳи маорифу маданият хидматҳои шоён нишон додаанд.

Аз рӯи мушоҳидоти таърих чунон ки тоҷикон халқи маҳаллӣ буда, баъд аз истилои араб низ ҳукумат ташкил намуда, дар роҳи илму адабиёт хидматҳо кардаанд, сулолаҳои Сомониён ва Тахориён дар соли 493 ҳиҷрӣ дар Мовароуннаҳр ҳукумат ташкил карда буданд, низ мансуб ба қавми форсу тоҷик буданд.

Тоҷикон дар Туркистон ба ҷинси орӣ мансуб ва боқимондаи ҷинси ории қадим буда, қавмияти худро аз даст надодаанд, зодгоҳи онҳо вилояти Бухорову Самарқанд ва баъзе маҳаллаи Фарғона мебошад.

Тоҷикон ба ду қисм - шаҳрӣ ва кӯҳӣ ҷудо мешаванд. Тоҷикони кӯҳӣ бисёртар ба деҳқонӣ ва чорводорӣ машғуланд, вале тоҷикони шаҳрӣ ба корҳои тиҷорат, ҳунармандӣ рӯз мегузаронанд. Тоҷикони кӯҳӣ қиёфаи софи ориро нигоҳ дошта омадаанд ва урфу одат, зиндагиашон, бисёр одатҳои онҳо хусусиятҳои қадимиро ба хотир меоварад. Забони тоҷикӣ яке аз лаҳҷаҳои забони форсӣ бошад ҳам, тарзи ҷумлабандӣ, оҳанги талаффуз тамоман дигар аст. Тоҷикон (шаҳриҳо) бинобар он ки асрҳо боз бо қавмҳои туркнажод зиндагонӣ карда омадаанд, бисёр калимаҳои туркӣ дар забон дохил шуда, аслияти худро гум карда омадаанд.

Бухоро, Самарқанд дар давраи Сомонӣ ранги донишкадаи илму ҳунар, санъату адабро ба худ гирифта буд.Осори атиқаи нафиса, ки ёдгори он давр аст, шоҳиди ин даъвост.

Монанди Ибни Сино ҳакими бемислу монанд ва доҳии беҳамтои соҳаи тиб боқимондаи он давр аст. Инак, тоҷикон фаразан – падарони ҳамон даври дурахшон мебошанд. Нисбат ба қавмҳои дигари ҳамсоя соҳибистеъдод ва маданитарош ҳам тоҷикон мебошанд, ки дар ин бора гап задан зиёдатист.

Дар ҳоли ҳозир тахминан шумораи тоҷикон дар Туркистон ба 3 миллиону 400 ҳазор мерасанд. Дар вилоятҳо ба таври зерин аст:

| | |
|---|---|
| Дар Самарқанд | 750,000 |
| Дар Фарғона | 400,000 |
| Дар Бухоро | 2,100,000 |
| Дар ҷойҳои дигар | 1,000,000 |
| Ҳамагӣ | 3,400,000[2]. |

Ин ҳисоб танҳо шумораи тақрибии Туркистони ғарбист, тоҷикони чор вилояти Туркистони шарқӣ аз ин ҳисоб берун аст (Рӯзномаи «Зарафшон», шумораи 75, 11 сентябри соли 1923).

«Аз бозе, ки вақоеъро таърих қайд мекунад, то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳр ва Туркистон чунон ки як қавми муаззам ба номи тоҷик ё тозик истиқомат дорад, ҳамчунон забону адабиёти эшон ҳам ривоҷ ёфта омадааст. Ривоҷи забону адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр ва Туркистон махсус ба асре ё тасаллути подшоҳе ва амире нест. Чунон чи мо мебинем, адабиёти тоҷик дар ин сарзамин дар аҳди Сомониён, ки ирқан форсизабон ҳастанд, чи қадар ривоҷ дошта бошад, дар замони авлоди Чингиз, Темур, Шайбонӣ, Астархонӣ ва Манғит, ки ирқан муғул, турку ӯзбек ҳастанд, ҳамон қадар ривоҷ ёфтааст. Пас маълум мешавад, ки ривоҷи забон ва адабиёти тоҷик дар ин ҷоҳо маҳз ба сабаби тасаллути Сомониён ё ки муҳоҷирати эрониён набуда, сабаби ҳақиқӣ мавҷудияти як қавми бузурге ба номи тоҷик, ки мансуб ба ирқи орист, дар ин ҷоҳост.

Дар ҳолати ҳозира ҳам мо мебинем, ки дар Бухоро, Самарқанд, Истаравшан (Уротеппа), Хуҷанд, Фарғона, Фалғар, Мастчоҳ ва умуман дар шаҳри Бухоро ин қавм зиндагӣ доранд ва забон, урфу одат ва адабиёти худро батамом ва камол нишон додаанд» (С.Айнӣ, Аз сарсухани «Намунаи адабиёти тоҷик», М., 1926).

Баъд аз Инқилоби Октябр дар Туркистон ва Бухоро ҳукуматҳои шӯроӣ азбаски ба номи ӯзбек таъсис ёфт, рӯзномаҳо, фармонҳо, дастуруламалҳо, китобҳои мактабӣ ва китобҳои сиёсӣ ҳама ба забони ӯзбекӣ нашр шуданд. Қавми тоҷик, ки соҳиби маданияти қадима ва дорои адабиёти нафиса буд, худ аз адабиёти нави инқилобӣ, аз мактабҳои шӯроӣ ва гузориши аҳволи дохилию хориҷӣ ва аз тарбияти сиёсат ва билҷумла аз тамоми меваҳои инқилоб маҳрум монд.

## *АҚИДАИ ФАРҲАНГНАВИСОНИ ТОҶИК*

1. Фарҳангнависони тоҷик аксар аз якдигар нусхабардорӣ кардаанд. Маълум аст, ки мусулмонон ва фарҳангнависони онҳо коре мекарданд, ки худро ба миллати араб наздик кунанд. Аз ҷумла дар калимаи «тоҷик» аз рӯи қоидаи муаррабсозӣ «ж» ва ё «ҷ»-ро ба «з» табдил кардаанд.Масалан, ҷиҳонро ҷаҳон, зубонро забон сохтаанд, ки аз рӯи гуфти халқ ҳам нодуруст аст.

2. Аз тарафи дигар дабирони хоси девонӣ ҳам дар аҳди Сомонӣ ва Ғазнавӣ фармонҳо, мактубҳо ва дафтарҳои давлатиро ба арабӣ мебурданд, баъзе калимаҳоро шаклан тағйир медоданд. Дар таърихи Байҳақӣ дар ҳама ҷо тоҷиконро ба шакли тозик қайд кардаанд.

3. Ҳамин арабипарварӣ ба дараҷае расида буд, ки баъзе соҳибмансабони тоҷики дарборӣ дар оила ба забони арабӣ гап мезаданд ва фарзандони худро аз хурдӣ ба арабӣ саводнок мегардониданд. Ном ва фамилияҳо, куняҳоро ба тақдири арабӣ мемонданд, масалан, Абумуслим, Абуали ибни Сино, Уммикулсун ва ғайра.

4. Аз тарафи маркази хилофати Бағдод ба вилоятҳои марказ гоҳ-гоҳ ҳайати назорати диния ирсол медоштанд, ки ин ҳайат бештар аз хонадони Сайид – авлоди имомҳои машҳур (исноашария – дувоздаҳгона) буданд. Аз ҷумла Бурҳония ном ҳайати омӯзиши қоидаҳо ва қонунҳои дини ислом ва назорати динӣ. Халқ ва калонтаринҳо ва ҳатто подшоҳ, хоҳ мусулмон бошад, хоҳ ғайримусулмон, аз ғайри иҷозати раиси ин ҳайати дин Муҳаммади Бурҳония берун кор намекард.Бурҳония дар аҳди ҳукумати қарохитоиҳо дар Бухоро вуҷуд дошт. Хоҷа ва Сайидҳои имрӯзӣ, ки худро асилзода (оқсуяк) меномиданд, ба халқи оддӣ - қарочаҳо духтар намедоданд, вале дар вақти лузум духтари тоҷикро ба арӯсӣ мегирифтанд. Сайидҳое, ки бештарини онҳо худ сардори оилаи сайидон буданд, духтари худро ба амиру хон пешкаш менамуданд. Аз ҷумла Сайид Абдулаҳад ва Сайид амир Олимхон авлоди сохтаи хонадони пайғамбар буданд.

Хулоса, калимаи тоҷик мансуб ба қабилаи «тоҷ» буда, «ик» суффикси нисбат аст ва дар калимаҳои сохтаи аврупоии монанди химик, кумик ва ғайра сифати фоилро (шахсро) ифода мекунад.

Дар аввалҳои давраи Ғазнавӣ дар «Сиёсатнома» ба шакли тоҷик қайд ёфтааст, ки ба фикри мо аз таъсири арабӣ пеш омадааст. Аммо дар аввалҳои асри XIII-XIV дар осори Саъдӣ ва Анварӣ, Ҷалолиддини Румӣ ва Ҳофиз ба шакли тоҷик дида мешавад.

Аз тарафи дигар, арабҳо баъд аз забти шаҳре ва кишваре фавҷе аз аскарони худро барои муҳофизати дин ва омӯзиши аҳкоми шариат мегузоштанд.

Инҳо ҳанӯз дар атрофи Самарқанд, шаҳри Тус ва дар Бухоро забони худро қисман нигоҳ дошта омадаанд.

Дар Самарқанд Қусом ибни Аббос хоҷа Дониёр, моли Аҷдар аз сарлашкарони араб буд, вале Шайх Мансури Мотиридӣ (мадридӣ) намояндаи тариқоти суфия омадааст. Арабони ҳозира низ барои нигоҳ доштани қавмият ва ирқияти худ мекӯшанд ва худро ирқи олӣ метарошанд. Ба маҳаллиҳо домод шаванд ҳам қарақчаҳоро ба худ домод намекунанд. Ин аст, ки ҳанӯз худро араб номида аз тоҷику ӯзбек гуфтан ибо мекунанд. Дар байни халқ ба аслан араб будани худ ифтихор доранд.Барои ин ки хон ва амирҳо дар назари халқ барои ифтихор ва олишон нишон додан худро араб меномиданд.

Бинобар ин дар аввалҳои ташаккул ва инкишофи забони дарӣ бисёр калимаҳои тоҷикӣ ва дар вақти тарҷумаи китобҳои арабӣ ба забони дарӣ муарраб мекарданд. Аз ҷумла гиҳонро (кайҳон), зубонро ба шакли забон муарраб кардаанд.Инчунин миёни ҳифзи «з» ва «ж» ба «ҷ» бадал шудан дида мешуд, ҳамчун бож-боҷ, тож-тоҷ, жола-ҷола. Аз ин рӯ мутарҷимон  тоҷ-тожро ба калимаи тоз бадал кардаанд. Тоҷику тожикро тозик гуфтаанд. Ғайр аз ин арабҳоро тозӣ ҳам мегӯянд, ки гоҳо ба Эрони ҳамсоя ҳамла ва тохтутоз меоварданд. Дар мисоли зерин мардуми Самарқанд ба арабҳо тозиёна гуфта хитоб кардаанд: «Гурӯҳе  аз эшон бар бору шаҳр омаданд ва овоз доданд, ки:

-Эй тозиён, чаро бо мо ҳарб намекунед ва хештанро ранҷа медоред… Мо андар китоб чунон ёфтаем, ки ҳисори мо(ро) ҳеҷ наситонад, магар касе, ки лақабаш полони шутур бошад. Қутайба гуфт:

-Ман Қутайба (лақаби полони шутур дорам) ҳастам.

Аслан ба решаи тозӣ суффикси «ик» ҳамроҳ нашуда, балки ба решаи тоҷ суффикси «ик» бояд часпад. Ҳамчун  пар-ик парик, дугон-ик дугоник, ноз-ик (нозук), тор-ик торик. Дар миёни баъзе калимаҳои махраҷ ё наздикталаффуз  бадал шудан вуҷуд дорад. Дар асоси ҳамин қоида «тоҷик» ба «тозик» ва «боҷ» ба «бож», «жола» ба «ҷола» бадал шудааст. Аз тарафи дигар  калимаи тоҷик ба калимаи «тоҷ» мансуб буда,  гоҳо «ҷ» ба «ҷ» табдил шуданаш табиист, вале табдили «ҷ» ба «з» аз тақозои забони арабист, чунки ҳарфҳои г, п, ч, ж дар забони арабӣ набуда, гоҳе ин ҳарфҳои махсуси тоҷикӣ ба арабӣ ба ягон ҳарфи наздикмахраҷ табдил меёбад. Аз ҳамин хел калимаҳост: ҷиҳонро ҷаҳон, зубонро забон, бунафшро бунафсоҷ, шаҳтараро шаҳтароҷ сохтаанд.

***А. Юлдошев***

## РОҶЕЪ БА МАЪНИИ «ТЭҶИКЧЭ»*

Калимаи «тоҷик» ба маънии номи халқ бори нахуст дар сарчашмаҳои асри XI ба назар мерасад. Ба тавре ки олими шарқшинос В.В. Бартолд ишора намудааст, истифодаи ин калима дар сарчашмаҳои то охири асри XI ба назар мерасад. Албатта, ин чунин маъно надорад, ки калимаи «тоҷик» дар асри XI пайдо шуда бошад. Дар сарчашмаҳои асри XI «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ, «Девони луғот-т-турк»-и Маҳмуди Қошғарӣ ва «Кутадғу билиг»-и Юсуфи Хос Ҳоҷиби Баласоғунӣ истифодаи калимаи «тоҷик» мушоҳида мешавад.

Муҳаққиқони таърихи забони тоҷикӣ ба масъалаи сангине рӯ ба рӯ мешаванд, ки чаро забони тоҷикӣ, ки ба охирҳои асри IX дар ноҳияи иқомати гурӯҳи этникие, ки дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ «тоҷик»-аш меноманд, комилан ташаккул ёфтааст, дар худи ҳамон сарчашмаҳо «тоҷикӣ» нисбати забон умуман то замони мо мавриди истифода қарор нагирифта буд. Мутаассифона, чунин тасаввур, то андозае ҳукми ҳақиқати илмиро низ касб кардааст. Ҳоло мехостем чанд мулоҳизае дар бораи мавриди истифода қарор гирифтан, ё нагирифтани истилоҳоти «тоҷикӣ» баён намоем.

Бояд қайд кард, ки агар дар сарчашмаҳои туркӣ калимаи мазкур фақат ба шакли «тоҷик» омада бошад, дар сарчашмаҳои ба истилоҳ, форсӣ «Таърихи Байҳақӣ» ва асари дигари ҳамин муаллиф дар ду шакл – «тозик» ва «тоҷик» омадааст. Ва азбаски дар осори муаллифони баъдина Саъдӣ, Рашидуддин, Ҷувайнӣ, Сайфиддини Ҳиравӣ ва дигарон мо фақат бо шакли «тоҷик» вомехӯрем, лозим донистем, ки чанд сухан дар бораи шакли «тозик» бигӯем.

«Тозик» хондани «тоҷик»-ҳои Байҳақӣ дар он асос сурат гирифтааст, ки гӯё баромади ин калима аз номи қабилаи арабии «тай» бошад. Чунин мулоҳиза аз тарафи  акад. Бартолд пешниҳод шуда буд. Бартолд барои тақвияти мулоҳизаи худ далелҳое меоварад, ки ин ҷо мавриди зикри онҳо нест. Вале ҳаминро бояд гӯем, ки ӯ ягон далели луғавӣ пешниҳод намекунад. Ба назари мо чун сухан дар бораи луғат меравад, бояд далели луғавӣ болотар гузошта шавад. Аз лиҳози луғавӣ «тозик» ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад аз калимаи «тай» баромада бошад. Аввалан, сифати нисбӣ аз калимаи «тай» чӣ дар арабӣ ва чӣ дар забони устод Рӯдакӣ ба

---

*Садои Шары, 1985. -№1. -С.119-120.м,

шакли тозӣ (бар вазни Розӣ аз «Рай») сохта нашудааст ва намешавад. Ҳотам, ки аз қабилаи Тай буд, чӣ арабҳо ва чӣ тоҷикон Той-яш мегӯянд. Абу Таммом шоири ҳамин қабила, ки зикраш дар «Модари май»-и устод Рӯдакӣ рафтааст, «Тоӣ» ёд шудааст на «Тозӣ» ва ҳоказо. Сониян, калимаи «тай» бо «итқеъ» навишта мешавад ва ҳол он ки «тозик»-ҳои Байҳақӣ бо «то»-и муъҷамӣ («те»-и оддӣ) навишта шудаанд.

Байҳақӣ чун яке аз фузалои давр агар ақидае медошт, ки баромади тоҷикон аз қабилаи тай аст ё калимаи «тозик» ба «тай» алоқае дорад, оё ба чунин хатое раҳ медод, ки як ҳарфро аз ҳарфи дигар дар ёздаҳ маврид фарқ накунад?! Ба ақидаи мо, «даши»-и сарчашмаҳои хитоӣ ва «този»-и, гирем, Алишери Навоӣ ба маънии «араб» ё «арабӣ» эҳтимол решаҳои дигар дорад.

Бинобар ин гумон мебарем, ки «тозик»-ҳои Байҳақӣ, ки саросар дар ёздаҳ маврид бо «то»-и муъҷама навишта шудаанд, шояд дар асл «тоҷик» бошанд. Ба тақвияти ин мулоҳиза метавон далелҳои зерин пешниҳод кард. Аввалан, навишти «з» ва «ж» дар алифбои арабӣ тақрибан як аст. Сониян дар «Мақомоти хоҷа Абу Наср»-и Байҳақӣ ин калима ба шакли «тожик» омадааст. Ниҳоят дар дастхатҳои қадима гоҳо ба ҷои «ж» «з» менавиштанд. Масалан, дар дастхатҳои гуногуни «Фотиҳат-уш-шабоб»-и Ҷомӣ калимаи мавриди баҳс ҷое «тозик», ҷое «тожик» ва ҷое «тоҷик» сабт шудааст. Зимнан бояд бигӯем, дар осори муаллифоне,ки зикрашон рафт, калимаи «тоҷик» нисбати забони тоҷикӣ истифода нашудааст. Вале аз ин қатор муаллифи «Кутадғу билиг»-ро бояд истисно кард, зеро асли ӯйғурии ин достон гувоҳи он аст, ки муаллиф калимаи «тоҷик»-ро ба маънии халқ кор нафармудааст.

«Кутадғу билиг» (Дониши бахтовар) достони пандомезе мебошад, ки соли 1069 таълиф ёфтааст. Достон аз ду муқаддима ва 73 боб иборат аст. Ҳоло мехоҳем сухане чанд роҷеъ ба муқаддимаи манзуми вай бигӯем, зеро калимаи «тэҷикчэ» (тоҷикӣ) маҳз ҳамон ҷо истифода шудааст.

Муқаддима аз ҳафтоду ҳафт байт иборат буда, ҳашт байти он ба ситоиши Худову пайғамбар бахшида мешавад. Шасту чаҳор байти муқаддима дар боби мазмуни мухтасари достон макон ва замони таълиф мухассас шудааст. Ду байти охири муқаддима дуои анъанавӣ буда, дар се байти қаблӣ муаллиф ба яке аз сабабҳои (шояд сабаби асосии) таълифи достон ишора кардааст Юсуфи Хос Ҳоҷиби Баласоғунӣ менависад, ки:

(73) ъарабча–тэҷикчэ китаблар окуш,
Бизин тилимизгэ бу йумгқ укуш…

(75) Бу туркчэ қошуқлар тузэттим сэнэ,
Оқрда унққтма дуо қил мэнэ.
(73) Ба тоҷикию ҳам арабро забон,
Фаровон бувад инчунин достон.
Забони моро ин бувад, судманд,
Нахустин китоби насиҳату панд.
(75) Ба туркӣ ниҳодам ҳама ин суруд,
Ба ёд ор, хонӣ, фиристам дуруд.
*(Баргардони муаллиф).*

Чунон ки муаллифи достон ишора мекунад ҳарчанд достонҳое ба ҳамин мазмун бо забонҳои арабию тоҷикӣ бисёр ҳастанд, вале «Кутадғу билиг»-и ӯ нахустин достони пандомезе мебошад, ки ба забони туркӣ (ӯйғурӣ) таълиф ёфтааст. Ба ибораи дигар ба забони туркӣ таълиф намудани пандномае яке аз мақсадҳои муаллиф буд. Сониян, мантиқи матн ва тарзи истифодаи калимаҳои «ъарабча», «тэҷикчэ» ва «туркчэ» ба он гувоҳӣ медиҳад, ки ин ҳар се калима ба номи забонҳои маъруф далолат кардаанд ва аз ин рӯ бояд «арабӣ», «тоҷикӣ» ва «туркӣ» тарҷума карда шаванд. Шояд саволе ба миён ояд, ки чаро дар тарҷумаи русии достон (М., «Наука», 1983) байти ҳафтоду сеюми муқаддима «Да, у арабов и тадҷиков книг немало…» тарҷума шудааст. Зимнан бояд гуфт, ки тарҷумаи достон, ба ҳар ҳол, тарҷумаи бадеӣ буда, чунин сурат гирифтани сатри байти мазкур ба тақозои қофия ва вазни тарҷумаи достон аст.

Матни Юсуфи Хос Ҳоҷиби Баласоғунӣ гувоҳӣ медиҳад, ки истилоҳи «тоҷикӣ» нисбати забони модарии мо аз қадим истифода мешуд. Ва он ки ду истилоҳи дигар «форсӣ» ва «дарӣ» маъмултар буданд, масъалаест дигар. Мо барои исботи истифодаи истилоҳи «тоҷикӣ», фақат бо як мисол иктифо намудем. Феълан ин чунин маънӣ надорад, ки барои исботи ин нукта мисоли дигаре нест. Масалан, дар «Шаҷараи тарокима»-и Баҳодурхони Абулғозӣ истилоҳи мазкур васеътар ба кор рафтааст…

Мо ният доштем, ки тавассути ин чанд мулоҳиза диққати мутахассисони соҳа ва ҳаводорони забони ширину рангини тоҷикиро ба баъзе маълумоти тозатари таърихӣ ҷалб намоем. Бошад, ки мутахассисон сухани бавазнтаре гӯянд.

*Абдул Аҳмад Ҷовид*

# СУХАНЕ ЧАНД ДАР БОРАИ ТОҶИКҲО*

Тавре ки маълум аст, дар таркиби миллии аҳолии Ҷумҳурии Афғонистон, аз нигоҳи нуфус, мавқеъ ва нақши таърихии худ тоҷикон яке аз миллиятҳои умдаву асосии кишвар ба шумор мераванд. Аммо, то гузаштаи на чандон дур кӯшишҳое ба харҷ мерафт, то ки ҳақиқати мусаллам ва воқеъияти таърихӣ аз назарҳо пинҳон монад.

Ҷойи хурсандист, ки дар асари таҳаввулоти амиқу инқилобие, ки дар Афғонистон ба вуқуъ пайваст, муҳри хомӯшӣ аз рӯи ин мавзуъ бардошта шуд. Мисоли равшани онро мо дар мақолаи академики Академияи улуми Афғонистон муҳтарам Абдул Аҳмад Ҷовид зери унвони «Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо», ки дар маҷаллаи «Миллиятҳои бародар» (шумораи аввал, Кобул, 1367) ба табъ расидааст, мушоҳида менамоем.

Муаллиф дар як мақолаи на чандон калон кӯшидааст тамоми назариёт ва муътақидоти мавҷударо роҷеъ ба пайдоиш ва такомули халқи тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад.

Қобили қайд аст, ки бар хилофи ақоиди баъзе муҳаққиқон, ки мавҷудияти забон ва халқияти тоҷикро дар Афғонистон инкор мекунанд, як донишманди афғонӣ таркиби этникӣ, номҳои маҳаллӣ, ноҳияҳо ва манотиқи сукунат ва пайдоиши этноними «тоҷик»-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар асоси далелҳову мисолҳои мустанад ва раднопазир мавҷудияти чунин як халқро дар Афғонистон ба исбот мерасонад.

Ба хотири ин ки мутолиаву ошноӣ бо чунин як мақола барои хонандагони сершумори тоҷик аз фоида холӣ нест, зарур донистем бо каме ихтисороти назарногир онро ба ҳуруфоти имрӯзаи тоҷикӣ баргардонем ва ба дасти нашр супорем, то огоҳии бештар аз таърих ва гузаштаи халқи худ ҳосил намоем.

Яке аз ақвоми асилу бумии Ориёнои бостон, Хуросони аҳди исломӣ ва Афғонистони имрӯз тоҷикҳо ҳастанд, ки аз лиҳози гурӯҳ ва пайвастагии нажодӣ бо сокинони ориёинажоди дигари ин кишвар, монанди паштунҳову балуҷҳо ва ҳамчунон қисмате аз мардуми Осиёи Миёна ва бошандагони сарзамини Эрон (ба ҷуз аз туркҳо, арабҳо ва аққалияти дигар, монанди ошуриҳо) аз як тира ва табор ҳастанд.

Аҷдоди тоҷиконро мардумони ориёӣ - чун тахориҳо, хоразмиҳо, юэҷҳо ва қабл аз ҳама суғдиҳо ва бохтариҳо ташкил медиҳанд.

---

* Садои Шарқ, 1989. -№5. – С. 119-124.

Иддае аз донишмандони башаршинос муътақиданд, ки нажоди тоҷик дар натиҷаи омезиши чанд наҷоди навъи аврупоӣ ба вуҷуд омада, ки дар давраҳои бисёр қадим дар қаламрави Ориёно ва Осиёи Миёна маскун будаанд. Бархе бар ин боваранд, ки дар ҳазораи аввали қабл аз мелод, ки даврони таҳаввулоти бузурги иқтисодӣ-иҷтимоии Мовароуннаҳр ва Эронзамин буд, ин миллият дар натиҷаи инкишоф ва такомули яке аз нажодҳо ба зуҳур пайваста аст.

Дар таърих хондаем, ки дар аҳди вустоӣ таваҷҷуҳ ба умури деҳқонӣ, молдорӣ ва зиндагии муқимӣ беш аз ҳар замоне зиёдтар гашт ва ҷомеа омодаи офариниши давлат шуд ва саранҷом дар сарзамини Эрони бостон ё Бохтар дар натиҷаи ҷомеаи табақотӣ давлати бузурге ба вуҷуд омад, ки қавли Ҳеродот (муаррихи қарни дувуми мелодӣ Юнон) дар радифи давлатҳои Миср ва Бобул қарор дошт. Ҳеродот аз қавме бо номи додикҳо ёд мекунад, ки иддае онро шакли қадимаи тоҷик медонанд.

Дар давраи юнону бохтарӣ ҳамзамон бо густариши хат, ҳунар ва фарҳанги юнонӣ, дар натиҷаи рушду тавсеаи шуғлҳои молдорӣ, кишоварзӣ ва обёрӣ қабоили ноҳияҳои шимолӣ беш аз пеш муттаҳид шуданд. Юэчҳо, ки аз хешовандони ситиҳо ва сакоиҳо ва мутлақо аз нажоди ориёӣ буданд, ба зиндагии шаҳрӣ ва муқимӣ рӯй оварданд ва хӯй гирифтанд. Бозори тиҷорат аз ҳирфат равнақи бештар ёфт ва ҳунари юнону-будоӣ ҷои ҳунари юнону-бохтариро гирифт. Дар чунин аҳде яфталиҳо дар таркиби этникии тоҷикҳо шомил гардиданд.

Нимаи дуввуми қарни шашум мусодиф ба зуҳури номи туркҳо дар хоразамин аст, ки пас аз ғалабаи яфталиҳо вориди шимоли Афғонистон гардиданд ва бо тахориён даровехтанд ва даромехтанд ва бо қабули тамаддун ва фарҳанги пешрафти тахориён ҷузъи мардумони он сарзамин шуданд. Аз ҳамин замон аст, ки қавмҳои турку тоҷик ба унвони халқҳои наздик ва ҳамразм боҳам ёд шудаанд. Чунон чи дар адабиёти форсии дарӣ ин ду калима ба сифати муқоиса ва муқобила такроран ба кор рафта аст, назири Эрону Турон дар Шоҳнома.

Саъдӣ гӯяд:

*Зи дарёи Уммон баромад касе,*
*Сафаркарда дарёву ҳомун басе.*
*Араб дидаву турку тоҷику рум,*
*Зи ҳар ҷинс дар нафси покаш улум.*

Дар тарҷеҳот гӯянд:

*Шояд ки ба подшоҳ бигӯед,*
*Турки ту бирехт хуни тоҷик.*

Нуқтаи ҷолиб ин аст, ки дар матнҳои манзум ва мансури дарӣ ҳар гоҳ номи ин миллати ориёинажод дар баробари қавми Сомӣ (мансуб ба Сом бинни Нӯҳ) яъне тозӣ ё араб зикр мегардид, лафзи деҳқон ё деҳгон ба кор мерафт, чунон чи тозӣ ва деҳқон ба муродашон ҳамон араб ва аҷам буд. Шояд ин ҳам аз бобате буда, ки лафзи тоҷикро ғайр аз истилоҳи тозӣ медонистанд. Ва чунин ҳам будааст. Бо ин маънӣ, ки лафзи тоҷик, тоҷик, тозик бо калимаи тозӣ ба маънои араб иртиботе надорад. Гӯё барои рафъи чунин мушкилот ва риояти оҳанги калимот, калимаи деҳқонро ба кор мебурдаанд ва тозӣ ва деҳқон мегуфтанд, на тозӣ ва тоҷик. Чунон ки дар ин шеъри Абу Ҳанифаи Аскофӣ:

*Маъмун он к-аз мулки давлати ислом,*
*Ҳаргиз чу ӯ надид тозию деҳқон.*

Фаррухӣ гӯяд:

*Эй ба дил чу қиблаи тозӣ,*
*В-эй ба рух чу қиблаи деҳқон.*

Аз ҳамин мақула аст калимаи аҳрор ва озода, ки номи дигари тоҷикҳо буд, ки дар муқобили ақвоми бардаву асиру ғуломҳои зархарид ва дирамхарид ба кор мерафт. Чунон ки Рӯдакӣ гуфтааст:

*Май орад шарафи мардумӣ падид,*
*Озоданажод аз дирамхарид.*

Яъне май меъёри ташхиси озоду аҳрор аз мардумони ғулому зархарид аст.

Дар давраи зимомдории ашрофии Уммавиён мардуми Хуросону Мовароунннахр ва Ироқ (мақсуд Ироқи Аҷам аст, ки иборат буда бар шаҳрҳои марказии Эрон ва ҳам ба Басра ва Куфа, ки Ироқ мегуфтанд. Албатта, ин ҷо мурод маънии аввал аст), ки аксарият тоҷик буданд, бо исёнҳову қиёмҳои низомию сиёсӣ, туғёнҳову неҳзатҳои фикрию иҷтимоӣ, шӯришҳову ҷунбишҳои динию мазҳабӣ ва билохира хуруҷ бар хилофат, ба мухолифат ва зиддият дар муқобили уммавиёни мутаассиб, ки сахт муътақид ба афзалияти араб бар аҷам буданд, бархостанд, ки оқибат ба зуҳури давлатҳои ниммустақил ва мустақили тоҳирӣ, саффорӣ ва сомонӣ, ки ҳама аз давраи тоҷик буданд, гардид.

Дар асари ҳамин равиши тунду нописандидаи Уммавиён буд, ки ҳатто гурӯҳе ба адёни қадим рӯй оварданд ва ҳавохоҳӣ аз кешҳои монӣ, зардуштӣ ва маздакӣ бархостанд. Дигар аз натоиҷи сиёсати номатлубу фишори сангини молиётии бани Уммавия зуҳур ва интишори афкори шуубӣ буд, ки мунҷар ба бедории миллал ва таваҷҷуҳи онҳо ба таърих, сухан, одобу фарҳанги худшон гардид ва саранҷом шоҳномасароӣ ривоҷу равнақ ёфт. Мардумони ҳамин навоҳӣ дар осори ангезаҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ ва муносибати равобити иҷтимоӣ, тиҷоратию маданӣ ба ваҳдат дар як халқи воҳид ва забони воҳид гироиш пайдо карданд. Шаклҳову намудҳои мухталифаи иқтисодӣ-фарҳангии ҷадидро пазиро шуданд ва дар роҳи қабули форсӣ-дарӣ ба унвони забони адабӣ ва расмӣ лаҳҷаҳо ва забонҳои аслӣ ва маҳаллӣ ва ҳатто расмулхатҳои худро аз даст доданд.

Бошандагони Хуросон ва Осиёи Миёна, ки аксар зироатпешаву молдор буданд ва ҳамчунин бодиянишинону кӯчиён ба шаҳрнишинӣ ва зиндагонии муқимӣ рӯй оварданд ва дар таркиби мардумони рустову шаҳр шомил гардиданд ва саранҷом дар асари шароите, ки низоми феодалӣ ба вуҷуд оварда буд, ташкили халқи тоҷик қуввати бештар гирифт ва тоҷикон назар ба сатҳи рушди моддию маънавӣ, ки доштанд, дорои ҳувияти мустақилу комил гардиданд, ташкилоту равобит ва хусусиёти қавмӣ ва қабоилиро пушти сар гузоштанд ва ба марҳалаи пешрафтатар, яъне миллият иртифоъ ёфтанд. Тоҷикон дар ин замон ва ҳатто аҳдҳое, ки салоҷиқаву муғул дар ин ноҳияҳо тасаллут доштанд, мутасаддии шуғлҳое аз қабили санъату пешаварӣ, тиҷорату ҳунарварӣ, қазову истефо, китобату иншо ва адабу таълим ва ба таври куллӣ умури девонию мамлакатдорӣ будаанд.

Аз он ҷое, ки забони форсӣ-дарӣ ба унвони забони адабӣ ва дарбории тоҷикон қабул шуд, истилоҳи форсигуҳарон, чунонки Ҷомӣ ҳам гуфтааст:

*Бибахшед бар форсигавҳарон,*
*Ба назми дарӣ дури назмоварон.*

Форсивон ва форсизабон мутародиф гашт бо калимаи тоҷик, ҳол он ки басо тоҷиконе ҳастанд, ки забони модарӣ ва маҳаллиашон забони дигар аст, монанди қавмҳои ғалчаи Помир, пашайиҳо, ормуриҳо ва назоири эшон.

Натиҷаи инкишофу такомули марохили тамаддуну фарҳанг буд, ки шахсиятҳои бузурге аз миёни тоҷикон бархостанд ва ҷаҳонеро ба нури илму маърифат оростанд, аз он ҷумла аст Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Иб-

ни Сино ва Абу Райҳон, Балъамӣ ва Байҳақӣ, Носири Хусрав ва Мавлавӣ, Беҳзод ва ҳазорон тани дигар.

Дар саҳифаҳои таъриху адаби мо миллияти тоҷик дар маҳалҳо ва давраҳои мухталиф ба номҳои зер ёд шудаанд, ки ҳар кадом ба ҷои худ интизори тавзеҳу тафсир аст: тоҷик, тозик, таҷик, тот (дар туркӣ номи эрониён ва забони форсӣ аст, ки бо калимаи тоҷик иртибот дорад) абно ул-аҳрор, бани аҳрор, аҳрор ва ҳатто абнои озода, озодзодагон, озоднажод, деҳқон, деҳгон, ғалча (дар забони маҳаллӣ ба маънии деҳгон аст), деҳвор, форсивор, сарт ё сорт (ба маънои савдогар), ки бештар аз ҷониби ӯзбекҳо гуфта мешуд, чунон чи Бобур дар «Тузук»-и худ ва Алишери Навоӣ дар «Муҳокимат-ул-луғатайн» бештар аз чаҳордаҳ бор онро ба кор бурдаанд ва ҳамчунин ба унвони хоҷа, ки ба бузургон ва сарбаровардагони ин қавм нисбат дода мешуд.

Ҳарчанд тоҷикҳои Афғонистон аз назари вобастагию пайвастагӣ ба гурӯҳи нажоди хос, ташаккули халқи саросар муназзам дошта, аммо онҳоро аз назари маҳалли зиндагию сукунат метавон зери унвонҳои зайл мутолиа кард:

а) тоҷикҳои шаҳрнишин ё муқимӣ, ки дар шаҳрҳои бузурге чун Ҳирот, Кобулу Бадахшон ва назоири он зиндагӣ доранд ва дар радифи тоҷикҳои қадими Суғду Хоразм, Самарқанду Бухоро ва ҳамчунин тавоифи мухталифи форсизабони Эрон қарор мегирад;

б) тоҷикҳои деҳнишин, ки дар дараҳо ва водиҳои сарсабзи Афғонистон ба сар мебаранд, монанди сокинони Панҷшер, Дараи Шикорӣ, Бомиён, Ғаршистон, аймоқи чоргона (фирӯзкӯҳӣ, ҷамшедӣ, таймурӣ ва тойманӣ), пашайиҳои Лағмон ва Кунар ва ормуриҳои Лугар ва Конигурам. Ва ҷузъи эшон чораймоқ, ки аз қавми ғур ва тоҷиканд бо вуҷуди нажод ва забони ориёӣ ба калимаи аймоқ, аммо дар асл-ӯймоқ (тоифа ва қабила) маъруфанд;

в) сокинони даризабон ва форсивон, ки дар байни қавмҳои туркзабон ва паштунзабон ва амсоли онҳо зиндагӣ доранд, монанди мардуми шаҳри Қундузу Толиқон, Гардез ва Ҷалолобод ва соири билод. Бошандагони Лағмонро аз қадим тоҷик хондаву навиштаанд. Чунон чи Лич дар саёҳатномаи худ менависад: Лағмон ҷузъи маҳалли вилояти Кобул аст ва рӯ ба рӯи Ҷалолобод воқеъ аст ва гоҳе онро Лағмон менависанд. Саканаи Лағмон тоҷик ё форсивон ҳастанд;

г) тоҷикҳои кӯҳистонӣ ё кӯҳнишин, ки дар кӯҳистонҳо, монанди доманаҳои Ҳиндукуш ва Помир зиндагӣ доранд.

Аз назари қиёфа тоҷикҳо ба хушсимоӣ маъруф ҳастанд, шабеҳи половесҳо, озарбойҷониҳо ва қафқозиҳо. Рӯиҳамрафта қиёфаи муназ-

зам, сурати дарози байзавӣ, димоғи баланд, абрӯвони мушкӣ ва чашмони ғизолии сиёҳ доранд.

Пешинаи таърихӣ ва этимологияи калимаи тоҷик: Калимаи тоҷик ё тозик дар катибаҳои форсии бостон дида нашуда ва дар матнҳои авестоӣ наёмада аст.Дар забони паҳлавии сосонӣ (порсик ё форсии миёна) калимаи тоҷик дар мавриди араб ё арабҳои эронишуда ва ҳам арабҳое, ки дини зардуштиро пазируфта буданд, ба кор рафтааст. Чиниҳо арабро тошӣ мегӯянд, ки бе робита бо лафзи тозӣ нест.

Зоҳиран калимаи тоҷик аз роҳи забони портӣ ба суғдӣ ва баъд ба форсии дарӣ ҳамзамон бо зуҳури ислом ворид шудааст.Баъзеро ақида бар ин аст, ки лафзи таҷик дар забони хутании қадим, ки ба расмулхати бараҳманӣ навишта шуда, мустаъмал будааст.

Муғулон ғайри худро тозик мегуфтанд: сокинони Осиёи Миёна дар оғоз ин номро дар бораи мусулмонон ба кор бурданд. Ҳамин ки туркон зоҳир шуданд, ин калимаро дар бораи ориёиҳо, яъне тавоифе, ки турк набудаанд, истеъмол кардаанд.Дар Афғонистон ба касоне, ки паштун, ҳазора ва турк нестанд, тоҷик мегӯянд.

Дар мавриди этимологияи калимаи тоҷик ақоиди гуногун изҳор шудааст:

1. Яке онро нисбат ба тоҷ медиҳад, аз бобате, ки ин мардум аз қадим кулоҳи тоҷмонанд ба сар доштанд, чунон чи қитаоти тасвирие, ки аз баданҳои нуқоти таърихии кишвар марбут ба аҳди кушонӣ ба даст омада, ба равшанӣ нишон медиҳад, ки сарбозони аҳди кушонӣ тоҷвора бар сар мегузоштанд, ки намунаҳои он дар осорхонаи Кобул ба намоиш гузошта шудааст.

Ривояте аз «Ҷомеъ-ул-таворих»-и Рашид-ад-дин Фазлуллоҳ дорем, ки мегӯяд, дар аҳди Чингизхон ҳоким ва подшоҳи Қарлуқро ном Арслонхон буд. Чун Чингиз Қубилой Ноёнро аз қавми барлос бадон ҳудуд фиристода буд, Арслонхон эл шуда пеши Қубилой омад ва Чингизхон духтаре аз уруғ (гурӯҳ ва ҷамоа) бад-ӯ дода, фармуд, ки ӯро Арслон сартоқтоӣ, яъне тоҷик гуфт. Чун Арслон ифтихори хешовандӣ бо аҳли хиргоҳи Чингизхонро ҳосил кард, ӯро тоҷик хонданд, ба маънии сартоқтоӣ (калимаи тақт, тахт ва той ба маънои соҳиб ва доранда, яъне тоҷдор).

2. Баъзе аслу решаи онро ба лафзи тозӣ мерасонанд, бо ин маънӣ, ки наздиктарин қабила барои форсиён қабилаи тай аз қабоили Яман буд, ки ба онҳо алоқаи бештар доштанд ва мансуб ба онро тозӣ хондаанд, назири розӣ мансуб ба Рай. Сипас инро ба ҳама араб нисбат доданд. Сокинони қадими Шом ҳам арабҳоро тоявӣ мегуфтанд, яъне қабилаи тай, чаро ки сокинони саҳроҳои атрофи Шом арабони қабилаи тай буданд. Каледо-

ниҳои қадим арабҳоро тайё ва арманиҳои қадим доҷик меномиданд. Ин навъи нисбат додани ҷузъ бар кулл дар байни милал фаровон аст. Чунончи юнониён ва румиён лафзи порсро (шакли тозаи порсво), ки номи қабилае аз қабоили эронӣ буда, ба ҳамаи эрониён нисбат дода ва араб лафзи фарсро ба маънои васеи калима истеъмол намудааст. Ҳамин тавр арабҳо Юнонро ба номи қабилаи юун дар Осиёи Сағир ба ҳамаи қавми Гелос нисбат доданд. Кишварҳои аврупоӣ, ки бо қавми прекуво наздиктар буданд, он сарзаминро Грек номиданд. Замоне ҳам лафзи тоҷик ба маънии ҷамоаи мусулмонон иборат аз арабҳо ва ориёиҳо, ҳатто турки ҳазарӣ муқобили турк яъне турки кофар ё бадавӣ ба кор мерафта.

Дар шеъри форсӣ калимаи тозӣ ба маънои араб ва ҳам ба маънои забони араб ба кор рафта, чунон ки дар ин шеъри Носир Хусрав:

*Эй гашта савор ҷалд бар тозӣ,*
*Хар пеши савори илм чун тозӣ.*
*Тозит зи баҳри илму дин бояд,*
*Бе илм якест тозию розӣ.*
*Гар тозию илмро ба даст орӣ,*
*Бе илм ба даст нояд аз тозӣ.*
*Шояд ки ба ҳарду сар бияфрозӣ,*
*Ҷуз чокарию фусуну таннозӣ.*

Лафзи тоҷикӣ ба маънои забон нахустин бор дар «Сафарнома»-и Мир Иззатуллоҳи Ҳиндӣ соли 1813 дида шудааст, он ҷо ки менависад: «Забони Қуқон (Хуқанд) туркӣ аст. Аҳли шаҳр тоҷикӣ, яъне форсӣ мегӯянд».

Лафзи тоҷикӣ ба маънои забон дар тазкираи «Афзал-ут-тазкор»-и Пирмастӣ, дар шарҳи ҳоли шоире ба номи Аҳқар низ ба кор рафтааст.

3. Туркҳо ва соири нажодҳои Урал, Олтой бо ҳар мусулмоне, ки рӯ ба рӯ шуданд, ба тасаввури ин, ки араб ҳастанд, онҳоро тозӣ гуфтанд. Чун бештари ин муҳоҷирон аз миллати форсизабон буданд, баъдан калимаи тоҷик итлоқ шуд ба даригӯёни ин сарзамин (хоса Мовароуннаҳр) дар баробари туркзабон. Ин ривояту афсонаест, ки бештар фарҳангнависон овардаанд, тоҷик иборат аз арабе, ки дар Аҷам ба дунё омада ва аз ҳамин ҷо сарчашма гирифтааст.

Барои муаррихони мусулмони асрҳои миёна сокинони Хуросон ва Ироқи Аҷам ва қисмате аз Мовароуннаҳр, монанди Самарқанду Бухоро, Шошу Фарғона тоҷик буданд, яъне форсизабони мусулмони муқимиро тоҷик мегуфтанд ва ин унвон комилан мувофиқ ва мутобиқ

буда ба истилоҳи хуросонӣ, яъне форсивони мусулмони муқимӣ ва рустоӣ ва ба таъбири омтар – эронӣ.

Лафзи тоҷик дар «Варқа ва Гулшоҳ» ба маънии шаҳрӣ, дар девони Шамс ба маънои мардуми мулоиму ором ва дар маснавии Амир Хусрав ба маънои силаҳшур ба кор рафтааст:

*Як ҳамла, як ҳамла, ки омад шабу торикӣ,*
*Чустӣ куну туркӣ кун, на нармию тоҷикӣ.*
(Девони Кабир)

*Тоҷики гарданкашу лашкаршикан,*
*Бештари найзавару теғзан.*
(«Қирон-ус-Саъдайн»)

Ҷомӣ он ҷое, ки ба маънои оҷизу ором ба кор бурда, гӯяд:

*Пеши ҳиндуи чашми хунрезат,*
*Гашта туркон забунтар аз тозик.*

Дар ахбор омадааст, ки дар замони Хусрави Парвиз шоҳи сосонӣ, замоне, ки ҳабашиҳо бар Яман тасаллут ёфтанд, Сайф Зулязан амири Ҳамарӣ ба диёри Касро рӯй оварда ва истимдод ҷуст ва Анӯшервон панҷоҳ ҳазор аскарро бо ӯ гусел кард ва ҳабашиҳоро аз хоки Яман ронд. Арабҳо ин лашкарро, ки солҳо зимоми умурро дар он ҷо дар даст доштанд, бани ул-аҳрор ё абно ул-аҳрор ва ё аҳрор ва ҳатто абно хонданд ва сипас ин калима лақаби тамоми форсизабонҳо гашт. Дар адаби мо ҳар ҷое, ки аҳрор ё тарҷумаи онро – озода ва озодагӣ мегӯянд, мурод даризабонҳову тоҷикҳост. Рӯдакӣ гӯяд:

*Доимо ба ҷони ӯ биларзам, зеро-к*
*Модари озодагон кам орад фарзанд.*

Фирдавсӣ гӯяд:

*Бузургону бодониш озодагон,*
*Навиштанд яксар ҳама ройгон.*

Дақиқӣ:

*Ман ҷоҳ дӯст дорам, к-озодзодаам,*
*Озодзодагон ба ҷон нафрӯшанд ҷоҳро.*

Носири Хусрав:

*Сирату кирдор гар озодай,*
*Бар сунану сирати аҳрор кун.*
*Имрӯз шарм н-ояд озодагонро*
*Кардан ба пеши туркон пушт аз тамаъ дутой.*

Носири Хисрав:

*Ман аз покфарзанди озодагонам,*
*Нагуфтаам, ки Шопур бини Ардашерам.*

Фаррухӣ:

*Эй баҳрию ба озодагӣ аз халқ падид,*
*Чу гулистон шугуфта зи сияҳ шуристон.*
*Иди ту ҳама фарруху рӯзи ту ҳама ид,*
*В-аз дидани ту фаррухрӯз ҳама аҳрор.*

Калимаи деҳқон дар адаби мо ба маонии зер ба кор рафтааст:

1. Табақае аз аъёну ашрофи ҷомеа, ки илова бар макнати модӣ, ҳофизи сунан ва ривоёти миллӣ, сирату суннати бостонӣ, ҳамосаҳо ва устураҳои паҳлавонӣ буданд ва Фирдавсӣ яке аз онон буд.

2.Мутлақ эронӣ, Фирдавсӣ гӯяд:

*Зи Эрону, зи турку зи тозиён,*
*Нажоде падид ояд андар миён.*
*На деҳқон, на турку на тозӣ бувад,*
*Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад.*

3.Аҷамӣ, Фаррухӣ гӯяд:

*Ҳар кас ба иди хеш кунад шодӣ,*
*Чи ибрию чи тозию чи деҳқон.*

Носири Хусрав гӯяд:

*Ҷаҳонро дидаиву озмудай,*
*Шунидай гуфтаи тозию деҳқон.*

4. Зардуштӣ:

*Ба дил чу қабилаи тозӣ,*
*В-эй ба рух чу қиблаи деҳқон.*

5.Хаммор:

*Соқӣ бидеҳ ратли гарон з-он май, ки деҳқон парварад,*
*Андӯҳ барад, шодӣ диҳад, ғам бишканад, ҷон парварад.*

6. Барзгар:

*Деҳқони солхӯрда чӣ хуш гуфт бо писар,*
*К-эй нури чашми ман ба ҷуз аз кишта надравӣ.*

7. Тоҷик:

*Як саф мирону Балъамӣ биншаста,*
*Як саф пири солеҳ деҳқон.*

Дар Афғонистон ҳанӯз ҳам паштузабонҳо тоҷикҳоро деҳгон мегӯянд.

Калимаи сорт ё сарт низ номи дигаре аст, ки тоҷикҳоро бадон ном мехонанд. Мисоли тарҷумашуда аз матни турки «Тузук»-и Бобур, «Рӯзи чаҳоршанбе (нуздаҳуми моҳи муҳаррами соли 626 ҳиҷрӣ), ҳангоми сабуҳӣ кардан аз рӯи мутояба гуфта шуд, ки ҳар кӣ сортӣ гӯянд, як пиёла бинӯшад. Аз ин ҷиҳат касони зиёде нӯшиданд. Дар вақти суннати намози субҳ, дар зери бедҳои васати чаман нишастем. Гуфта шуд, ки ҳар кӣ туркӣ бигӯяд, як пиёла бинӯшад, дар ин ҷо ҳам афроди бисёре шароб нӯшиданд».

Айни мисол аз тарҷумаи Абдураҳимхони Хонон «Рӯзи чаҳоршанбе, дар вақти сабуҳӣ кардан, аз ҷиҳати мутояба гуфта шуд, ки ҳар кас нағмаи тоҷикӣ бигӯяд, як коса шароб бихӯрад. Аз ин ҷиҳат каси бисёре косаи шароб бихӯрд. Дар вақти суннат дар зери чаноре, ки миёни чаман аст нишаста гуфта шуд, ки ҳар кас нағмаи туркона бигӯяд, як коса шароб бихӯрад, ин ҷо ҳам каси бисёр косаи шароб хӯрд».

Калимаи тоҷик (тоҷ-ик) ба маънои тоҷвар ва тоҷдор аст. «Ик» дар паҳлавӣ пасованди нисбат аст (-и-форсӣ-дарӣ). Чунончи дар «торик» ва «наздик» ҳам дида мешавад.

Калимаи тоҷ аз забони дарӣ ба забонҳои дигар, монанди арабӣ ва арманӣ роҳ ҷустааст. Ориёиҳои қадим, ки салтанатро мавоҳибати худовандӣ ва инояти азалӣ медонистанд, ба тоҷ ва тоҷпӯшӣ таваҷҷуҳи хоса доштанд. Ба ҳамин сабаб аст, ки лафзи тоҷ бо тахт ҳамроҳ бувад ва дар адабиёт тахти оҷ бо пирӯзаи тоҷ ба сурати қофия даромадааст.Таркибҳои «кулоҳи кайёнӣ», «афсари хусравӣ», «тоҷи шаҳаншоҳӣ» ҳамеша бо сифоти «заррин», «гавҳарнигор» ва «гаронмоя» ба кор рафтааст. Тоҷ, ки дар форсӣ онро афсар, басок, гарзан, дайҳим ва ба арабӣ асоба, иклил гӯянд, кулоҳе будааст гавҳарнишон, ки шоҳон дар ҳангоми ҷулус ва ё дар маросими дарбор бар сар мениҳоданд.Намунаҳои вижаи он рӯи сиккаҳо ва нуқуш дида мешавад. Зикр ва баёни баъзеи он дар кутуби давраи исломӣ омада аст, муаллифи «Таърихи Байҳақӣ» шарҳи муфассале аз тоҷ ва тоҷпӯшии султон Масъуд дорад. Ин кулоҳи заррини кунгурадор, ки маъмулан лабаи болои он аз лабаи поён кушодатар аст, бештар аз моҳути зарбофт сохта мешуд ва матни он бо ҷавоҳири нафис музайян мебуд. Қисмати нукдунболаи онро бо алмоси рахшон, ёқути рамонӣ ва ҷағаи замардуд ва парҳои зариф тазйину тарсеъ мекарданд. Риштаҳову шаробаҳои аз марворид аз ҳар тараф бо таносуби хосе кашида мебуд.

Лашкариён ағлаб нимтоҷи зебое мепӯшиданд, ки анвои мухталифи он дар нуқуше, ки аз уҳуди мухталиф боқӣ монда, дида мешавад.

**Таҳияи Раҳматшоҳ Маҳмадшоев**

***Ҷ. Сиддиқӣ***

# ТОҶИКОН*

Ҷалолиддини Сиддиқӣ яке аз таърихшиносони маъруфи муосири Афғонистон маҳсуб шуда, муаллифи як идда асару мақолаҳои ҷолиб пиромуни таъриху фарҳанги тоҷикон аст. Ҷои хурсандист, ки соли пешин ҷаридаи тозабунёди «Меҳан» мақолаи Ҷ.Сиддиқиро дар ду шумораи хеш таҳти унвони «Тоҷикон» интишор дод. Муаллиф дар як мақолаи кучак кӯшидааст тамоми фарзияю назариёт ва таҳқиқоти мавҷударо пиромуни пайдоишу такомули халқи тоҷик мавриди пажӯҳишу баррасии дақиқ қарор диҳад.

Боиси таҳсин аст, ки Ҷ. Сиддиқӣ дар асоси маълумоти муътамади сарчашмаҳову пажӯҳишҳои навини олимони таърихшинос ва дар асоси далелҳову мисолҳои раднопазир мавқеу нуфуз ва нақши таърихии тоҷиконро дар замонҳои пешин ва кунунии кишвари Афғонистон ба хонандагони даризабони ҷаридаи (маҷаллаи) «Меҳан» ёдрас кардааст, ки мутолиаи он аз ҷониби хонандагони тоҷик низ беманфиат нест.

* * *

Лафзи «тоҷик» ё «тоҷак» ё «тозик» ё «тоҷик» ё «таҷик» лафзест қадимӣ, ки ба мардуми сокин дар сар то сари фалоти Ориёно ё Эрони куҳан ё Хуросони бузург итлоқ мешудааст. Г. Бейли калимаи тоҷикро калимаи эронӣ, яъне ориёии асил дониста менависад, ки калимаи тоаҷӣ (тяоҷӣ) ҳамон калимаи тоҷик мебошад.

Бад ин гуна калимаи тоҷикро бояд номи бостонӣ ва қадимии рустоӣ ё зореи эронӣ донист. Нависандаи дигаре гӯяд: тоҷик шакли форсии миёнаи калимаи ориёии тойайе (тайайе) аст. Н.В. Хаников мегӯяд, ки ин ном аз калимаи «тоҷ»-и дарӣ муштақ шудааст. Вай изофа мекунад, ки пайравони Зардушт тоҷро монанди салиби масеҳон ё иммомаи муслимин аломате медонистанд, ки ононро аз пайравони мазоҳиби дигар машаххас мекард.. Ва лафзи тоҷик аз калимаи тоҷ, ки зиннати сар аст, гирифта шудааст.

Собиқ интишори лафзи тоҷикро пажӯҳандаи дигаре чунин менависад: «…дар самти Машриқ яъне Хуросон бисоти ҳукумати Сомонӣ ба дасти туркон барчида шуд. Алптегин ва домодаш Сабуктегин ва фарзандони Сабуктегин, бахусус Султон Маҳмуд, ки марказашон Ғазнин буду бад ин сабаб ғазнавиён номида мешаванд,

* Ҷавонони Тохикистон, 1990. – 5 октябр.

ҷойи эшонро гирифтанд ва аз ин давра эрониёни форсизабон ба лафзи тоҷик хонда шуданд. Валекин тозик бо талаффузи «ҷим» ба ҷои «з» ё «ч» дар баъзе навоҳӣ исми қавме аз ақвоми ориёиасл гардид. Масалан, дар Афғонистон, Туркистон, Тоҷикистон. Дар бораи Амир Алишери Навоӣ гуфта шуда: аз турк ва тозик ҳеҷ кас нест, ки аз абёти он ҷаноб сафҳаи хотираш мунаққаш набошад». (Маҷолис-ун-нафоис, с.135).

Лэйч дар саёҳатномаи худ менависад, ки «Лағмон ҷузъи маҳоли вилояти Кобул аст ва рӯ ба рӯи Ҷалолобод воқеъ аст ва гоҳе онро Ламғон менависанд. Саканаи Лағмон тоҷик ё форсивон ҳастанд». Мурод аз тоҷак зоҳиран тоҷик аст ва форсивон зоҳиран бо форсзабон ва форсзабон ва форсизабон яке аст. Ба истиноди мисолҳои мутааддид дар кутуби қадим чунин истинбот мешавад, ки мурод аз тоҷик ва тоҷик ва тозик дар кутуби даврӣ, форсӣ ва тоҷикӣ (ин ҳар се талаффузҳои ҷудогонаи як калимаанд) атбоъ ва саканаи ориёӣ дар заминҳои Ориёӣ фалоти бузурги Эрон аст дар муқобили туркон ё муғулон, ки бар он арозӣ муқиманд.

Ҳенри Фейлд баҳси тоҷик (тоҷик, тозӣ, тозик)-ро чунин фишурда месозад:

1. Тоҷикҳои асри ҳозир мардуме ҳастанд, ки ба хушсимоӣ маъруфанд, қиёфаи муназзам ва сурати дарози байзӣ ва абрӯвони мушаххаси мушкӣ (сиёҳ, баррок) ва чашмони ғизолӣ доранд. Тоҷикҳо дар воқеъ мардуми машҳуреанд, ки дар сар то сари Машриқзамин парокандаанд ва на танҳо дар шаҳрҳои Эрон ва Афғонистон, балки дар шаҳрҳои Мовароуннаҳру кишварҳои таҳти тасаллути ӯзбекҳои тотор сукунат доранд ва ба қавли баъзеҳо тоҷикҳо то марзҳои Чин ё ақал то Тибет пахш шудаанд.

2. Эрониён (Ориёиён), ки худро тоҷик мехонанд, фалоти Эронро то Синд дар тасарруф доранд. Ҳатто дар Тӯрон ва қисмати ғарбии Осиёи Марказӣ ёфт мешаванд.

3. Номи тоҷик фақат дар бораи табақаи муайяне аз ҷамъияти Машриқ ва Хуросону Сиистону Ҳирот дар Афғонистон ба кор мерафт ва дар соҳили Сайҳун аз он сӯи он ба ҳар касе, ки хуни эронӣ (ориёӣ) дошт, итлоқ мешуд. Мардумони деҳнишин ва аскон ёфтаи Эрон низ тоҷик номида мешаванд то аз муҳоҷҷимини тотор ташхис дода шаванд. Ин мардум ҳатто дар Туркистони Чин вуҷуд доранд.

4. Имрӯз ба ҳамаи форсизабонони Афғонистон, ки ҳазора ва афғон ва саид набошанд, лафзи тоҷик итлоқ мешавад.

5. Габрҳо як махлути нажоди аз тоҷик ва аҷамиҳо мебошанд. Тоҷикҳое, ки дар марзи шарқии Эрон, дар Хуросони байни Афғонистон ва Форс зиндагӣ доранд, аз лиҳози симоӣ шабеҳи аҷамиҳо ҳастанд.

6. Аносири эронинажод, ки тоҷик хонда мешаванд дар Сиистон вуҷуд доранд. Доират-ул-маорифи Британия қабл аз соли 1892 тоҷикҳои Хуросонро зери унвони эрониён зикр кардааст.

7. Вилояти Ҳирот дар тасарруфи тоҷикҳои Ориён аст.

8. Дар Эрон ду гурӯҳи бузургнажоде вуҷуд дорад, яке аз тоҷикҳои навъи қадим, ки дар соли 640-ум ба Ҳиндустон рафтаанду навъи онҳо боқӣ мондааст ва дигаре эрониёнанд. Тоҷикҳои даштӣ махлуттару сафедтар аз тоҷикҳои кӯҳистонӣ ё ғалчаҳо ҳастанд, инҳоро метавон сокинони хубтар маҳсуб намуд. Ва тоҷикҳои сокин байни Сайҳуну Ҷайҳун дар Туркистон омезиш ёфтаанд, вале нисбатан худро аз таҳоҷуми ӯзбекҳо ҳифз кардаанд.

Ҳамчунон бояд ёдовар шуд, ки калимаи тоҷикро бо абнои аҳрор, бинни аҳрор, озода, озодзодагон, озоднажод, деҳқон, деҳгон мутародиф сохтаанд. Дар адаби мо ҳар ҷо, ки аҳрор ё тарҷумаи он озода ва озодагӣ мегӯянд, мурод даризабонҳо ва тоҷиконанд.

Фирдавсӣ гӯяд:

*Бузургону ба дониш озодагон,*
*Навиштанд яксар ҳама ройгон.*

Дақиқӣ гӯяд:

*Ман ҷоҳ дӯст дорам, к-зода зодаам,*
*Озодагон ба ҷон нафурӯшанд ҷоҳро.*

Чунон ки аз баҳс маълум гардид тоҷик, аҷам ва порсӣ ва эронӣ ва габр ҳама алфозеанд, ки ба ҳам мутарадиф қарор гирифтаанд, бинобар он метавон бад ин натиҷа дарёфт, ки халқи тоҷик дар қадим ва миллати тоҷик дар ҳоли ҳозир роҳи басе дуру дарозеро паймудааст, то ба марҳилае аз рушду такомули иҷтимоӣ, таърихӣ, миллӣ ва фарҳангии худ даст ёфтааст. Таърихи ин миллати кӯҳансол ва бофарҳанг ба забону адабиёти ғанӣ ва сар то сар дар ҷаҳони бостон бо давлатҳои куҳан аз қабили пешдодиён, каёниён, модҳо, ҳахоманишиён, ашкониён, кушониён, сосониён, яфталиён ва давлатҳои баъд аз ислом чун тоҳириён, саффориён, сомониён, ғазнавиён, ғуриён, салҷуқиён, хоразмшоҳиён, мулуки курти Ҳирот, бобуриёни Ҳинд, сафавиён ӯзбекони Мовароуннаҳру Афғонистон ва ҳатто давлатҳои ғилҷоиён, дуррониён ва амсоли он пайванди ногусастанӣ дорад.

Муборизаи халқҳои тоҷик чӣ дар ҷаҳони бостон ва чӣ баъд аз хуҷуми аъроб ба сарзамини аҷамиён, габрон ва порсҳо бисёр барозанда буда ва ҷиҳати муайяну мушаххаси иҷтимоӣ доштааст. Ҷунбишҳои озодибахши миллии халқҳои тоҷик ба таври мисол дар баробари истилои аъроб ба ҳадде будааст, ки инсони воқеъбин ва айнигирро ба ҳайрат меандозад.

Ҳамчунин истиқомат ва пойдории ин халқ, дар ҷиҳати ҳифзи сухану фарҳангу забони ғании он дар баробари таҳоҷуми маҳфили ҳукумати муғулон, темуриён ва сипас ӯзбекон ва ҳатто сафавиён, афшориён ва сулолаҳои баъдӣ, абъод васеъе доштааст. Бад ин маънӣ халқи тоҷик аз ҳамон оғози муборизоти миллӣ ва меҳаниашон дар баробари ақвоми бегона бо ҳарби фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиашон ба пайкорҳои фарҳангӣ ва таърихи шадиде даст ёзидаанд. Қишри равшанфикр – нависандаву муҳаққиқ, адибу шоир – халқи тоҷик аз ҳамон оғози бархурд бар истилогарони араб роҳи худро интихоб карда ва барои нисбати ҳувияти таърихӣ ва фарҳангии хеш чунон муборизаеро дар пеш гирифт, ки дар партави он на танҳо таърихи куҳани худро дар баробари таърихи ақвоми сонӣ барозанда сохт, балки бо эҷоди осори ҷовидони ҳамосӣ чун «Шоҳнома»-и мансури Абумансурӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва ғайра нуфузи фарҳангии бегонагон, ва вижа ҷилваи таълим ва истилои забону адабиёти арабро гирифт. Дар асри ҳамин мубориза буд, ки муаррихони садри исломӣ таърихи аҷамиёнро ба ҳайси як бахси мустақил аз таърихи халқҳои ҷаҳон пазиро шуданд ва дар осорашон онро сабт карданд. Ба қавли Табарӣ бештар донишварони порсӣ оғози таърихашонро аз Каюмарс шуруъ карданд. Ҳарчанд ки ин Каюмарсро ҳамон одами порсиён ё аҷамиён донистаанд, вале ин тавр набуда ва Каюмарс дар воқеъ аз сулолаҳои асотирии халқи тоҷик мебошад. Каюмарс бар хилофи одами таърихӣ сомиён (арабҳо – М.И.), ки хатокору гунаҳкор будааст ва аз ҳамон оғоз фарзандонаш ба қатл ва қотилӣ ва бародаркушӣ даст ёзидаанд, марде буд, ки «ҳама билоди хешро мусавван кард ва шаҳрҳо ва ҳисорҳо бунёд ниҳоду обод кард ва силоҳ фароҳам овард ва асп гирифт…» (Таърихи Табарӣ, Теҳрон. – ҷ.1.с.93). Табарӣ гӯяд: «ки Ҳушанг навосаи Каюмарс будааст, ки мулки ҳафт иқлим дошт… Вай аввалин касе буд, ки дарахт буриду бино кард ва нахустин касе, ки маъдан дар овард ва мардумро ба ин кор водор кард… Вай аввалин касе буд, ки дар мулки хеш оҳан даровард ва барои саноат аз он абзор сохт ва об ба хонаҳо бурд ва мардумро ба кишту заръу дарав ва иштиғол ба кор тарғиб кард ва фармуд то ҳайвоноти даррандаро бику-

шанд ва аз пӯсти он либосу фарш кунанд ва говмеш ва ҳайвони ваҳширо бикушанд ва аз гӯшти он бихӯранд».

Табарӣ гӯяд: «порсиён гӯянд, ки Ҳушанг подшоҳзода шуд ва фазилатпеша буд ба тадбири умури раият воқиф буд».

Бад ин тартиб тоҷикон аз ҳамон оғоз, таърихи худро тавре сохта ва иёр кардаанд, ки дар он кор ва фаъолияти созанда музмар ва андешаи накӯкорӣ, умрон ва ободонӣ дар миёни онон талқин гардида аст. Гузашта аз ин тамоми ҷунбишҳо, қиёмҳои халқӣ, ки дар таърихи минтақаи мо чӣ дар айёми қабл аз истилои аъроб ва чӣ дар рӯзгори баъд аз ҳуҷуми аъроб сабт шудааст, пайванду иртиботи ногусастанӣ ба халқи тоҷик дорад. Монанди қиёми Коваи оҳангар, қиёми маздакиён, монавиён қабл аз ҳуҷуми аъроб ва қиёми Абумуслими Хуросонӣ, нуфузи Бармакиёни Балх, Қиёми Муқаннаъи Марвазӣ, қиёми сурхҷомагон, қиёми мардуми Ҳирот ва мардуми Бомиён алайҳи ҳуҷуми чингизиён ва қиёмҳои деҳқонӣ, ки алайҳи зулму ситам ва бедодгарии маҳофили ҳокимаи сулолаҳои баъдӣ ба вуқуъ пайваста ҳама ва ҳама баёнгари таърихи пур аз фарозу фуруди халқи тоҷик мебошад. Ба қавли Кабири Ранҷбар миллати даризабон (манзур бояд тоҷикон бошад. –Ҷ.С.) бо гузаштаи таърихӣ ва такомули худ заминаи пешрафти халқу қабоили паштунро фароҳам сохт.

Ӯ менависад, ки дар қабоили паштуни Афғонистони имрӯзӣ то таҳоҷуми муғулҳо ба Афғонистон ва Ҳинд муносибати иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи аввалияи қабилавӣ мусаллат буд. Дар ҳоле, ки миллатҳои ҳамсояи онҳо, ки умдатан даризабонҳо буданд, ин мароҳилро муддатҳо қабл пушти сар гузошта ва дар миёни онҳо шеваи тавлиди пешрафтаи феодалӣ ҳукмфармо буд... Шеваи тавлиди пешрафта дар шеваи тавлиди ақибмонда нуфуз карда бар он таъсир ворид кард... ва қабоили паштун аз ҷомеаи аввалияи бидуни убур аз даврони бардагӣ ба низоми феодалӣ расиданд».

Ҳамон тавре ки дар боло ёдовар шудем, халқи тоҷик дар фалоти Ориёно, ки вусъате ба ҳудуди ду миллиону шашсад ҳазор километри мураббаъро иҳтифо мекард, ба ҳаёти гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ пардохтанд. Ин ҳама офариниши моддию маънавӣ, ки дар тули таърихи гузашта дар сарзамини паҳновари фалоти мазкур насиби халқҳои он гардидааст, дар воқеъ дастовардҳои одилонаи танҳо мардуми сокин дар фалоти Ориёно шумурда нашуда, балки дар он мардуми гуногун аз Ҳинду Чин гирифта то Андулусу Руму Юнон ва ғайра низ даст доштаанд ин худ хислати ҳамкорӣ байни халқҳову мардуми сарзаминҳои қариб ва баидро нишон медиҳад, аммо фарҳанг ва мада-

нияте, ки баъд аз воруди ислом ва паҳн шудани он дар фалоти Ориёно суръат гирифт ва бо забони сар то сари ва адабиёти ғании форсӣ, дарӣ, тоҷикӣ, равнақи мардумӣ, фарҳангӣ ёфт, заминаҳои як навъ ваҳдати куллӣ ва пайванди маънавиро ба бор овард, ки рӯҳи ҳамбастагии байни халқҳоро беш аз пеш тақвият ва истеҳком бахшид.Тоҷикон нахустин миллати ғайри араб буданд, ки ба ислом гароиданд ва нахустин миллати Шарқ буданд, ки фалсафаи Юнонро дарёфтанд ва аз они худ карданд ва нахустин бор орифони бузургаш бо орифаи буддоӣ ва бараҳманӣ ҳамсарӣ карданд.

Тоҷикон дар тӯли таърихи фарҳанг, тамаддун ва ҳунарашон ҳар чи гаронбаҳо будааст, пазируфтаанд ва ҳаргиз ҳувияти фарҳангӣ, забонӣ ва адабиашонро аз даст надодаанд.

Тоҷикон мардуми размӣ ва базмианд. Ҳангоме ки манофеи мардум ва Ватан эҷоб кардааст, сарват, мол ва ҳастии худро дар роҳи он фидо кардаанд. Он тавре, ки ҳаводиси ҷории Ватани мо ин ҳақиқатро собит месозад, дар айни ҳол мардумони заҳматкаш, фурӯтан, кунҷков ва бо фарҳанги амиқи деҳқонӣ, пешварӣ ва илманд. Бегумон дастовардҳои фарҳангии тоҷикон қарнҳо пеш марзҳои миллиро дар нур дида ва дар бистари фарҳанги пурбори башарӣ ҷой гирифтааст.

Ҳеҷ як арсаҳои илмию фарҳангӣ нест, ки тоҷикон осори гаронбаҳо наофарида бошанд. Тоҷикон дар зироату боғдорӣ дар пажӯҳишҳои таърихӣ дар адабиёту шеър дар наққошию меъморӣ дар дарознои таърих то рӯзгори мо машҳур будаанд.

Яке аз вижагиҳои қобили таваҷҷуҳи тоҷикон самимият, гузашт ва шикебоии онҳост. Дар миёни тоҷикон таассубе нисбат ба дигар миллатҳо ва халқҳо вуҷуд надорад ва равони ҳамбастагӣ ва дилсӯзӣ нисбат ба инсон суннати волои миллии ин мардум аст, ки аз бузургони худ ба мерос бурдаанд.

(Аз ҷаридаи «Меҳан», савр ва ҷавзои соли 1368/1989, шумораи 7-8).

**Таҳияи Маъруф Исоматов**

*Профессор Ҳимом*

# ТОҶИКҲО*

Тоҷикҳо на танҳо яке аз ҷамъиятҳои умдаи Афғонистон, балки яке аз гурӯҳҳои чандин ҷумҳурии Осиёи Марказӣ ва ноҳияҳои Сарикӯли Синкиёнки Чинро низ ташкил медиҳанд.

Асомии ӯзбек ва туркман то андозае ба мардумоне шабеҳ ба як қавм итлоқ мешавад, дар ҳоле ки калимаи тоҷик соҳати васеътар ва гуногунеро дар бар мегирад. Дар асрҳои миёна, яъне дар қарнҳои сенздаҳум ва чордаҳуми мелодӣ калимаи тоҷик маъмулан тоҷик навишта шудааст, ки ба маънии мусулмон ва форсизабон омадааст. Тоҷикҳо бар хилофи туркҳову тоторҳои нимакӯчкунанда деҳнишин ҳастанд. Барои муаррихони мусулмони асрҳои миёна тоҷикҳо саканаи Эрон ва Хуросон ва туркҳо саканаи Турон маҳсуб мешудаанд.

Аз нигоҳи фарҳангию нажодӣ агарчи баъзе тағйирот дар истеъмоли калимаи тоҷик мавҷуд будааст, вале маънии асосии асримиёнагии тоҷик ҳамчун форсизабон ва мусулмонони деҳнишин то имрӯз тағйир накардааст. Дар ҳоли ҳозир истилоҳи «эронӣ» барои номгузории нуфузи деҳнишини форсивони Эрон ва Хуросони муосир ба миён омадааст. Бинобар ин истилоҳи «тоҷик» умдатан барои форсизабонон ва мусулмонони деҳнишини Афғонистон, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Синкиёнки Чин ба кор меравад.

Бо вуҷуди ин истилоҳи тоҷик теъдоде гурӯҳҳои нажодии дигарро низ дар бар мегирад, ки умуман тоҷик номида мешаванд, агарчи эшон ба табақабандиҳои ҷудогонаи нажодӣ тааллуқ доранд. Дар Афғонистон ақаллан чаҳор гурӯҳ нуфуси муҷозо вуҷуд дорад, ки ба таври умум ба номи тоҷик шинохта мешаванд. Дар ғарби кишвар, дар минтақаи Ҳирот ва ноҳияҳои муҷовираш мардуме форсизабон вуҷуд дорад. Ин мардум ба ду ном – тоҷик ё ҳиротӣ (ғолибан ин истилоҳ дар ҳаволии Ҳирот шунида мешавад), шинохта мешаванд. Ҳиротиҳо ба мардуми форсизабони он тарафи сарҳад бисёр шабеҳанд. Гарчи лаҳҷаашон то андозае бо лаҳҷаи Теҳрон фарқ дорад, вале дар табақабандии умумӣ форсии ғарбӣ бар хилофи форсии шарқӣ қарор мегирад. Ҳиротиҳо деҳқонони деҳнишин ва саканаи шаҳр (тоҷирон, санъатгарон ва ғайра) ҳастанд. Дар натиҷа онҳо ҳадди шарқии он мардумонро ташкил

---

* Тоҷикон дар қаламрави Ориёно: Гирдоварӣ, пажӯҳиш ва таҳияи Мирзо Шукурзода. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 322-329.

медиҳанд, ки ба номи форсивон ёд мегарданд, ки ҳудуди ғарбии он то соҳати шимоли ғарбии Қазвин ва кӯҳпораҳои Луристонро дарбар мегирад. Дар Хуросон ба таври умум ва дар водии Ҳирот ба таври хос бисёр ноҳамгун ва даста-дастаанд. Ин мардумон шомили паштунҳо, туркманҳо, қазоқҳо, ҷамшедиҳо, ҳазораҳои аймоқ, яҳудиҳо, темуриҳо, чингизҳо, хоҷаҳо, балуҷҳо, тойманиҳо, ӯзбекҳо ва (сайидҳо, муғулҳои мурда, аъроб, фирӯзкӯҳиҳо) нуфуси асосии тоҷикҳо ҳастанд. Мумкин аст аз замони ҳуҷуми аъроб ё пештар аз он Ҳирот ба василаи ақвоми бегона ишғол шуда бошад, ки бисёре аз онҳо билохира ба тоҷикони водии Ҳирот мамзуҷ шудаанд. Он аносире аз ин мардум, ки ҳама хешовандиҳои қавмӣ ва ё ҳуввияти худро гум кардаанд, дар зумраи деҳқонон, санъатгарон, туҷҷор ва ё коргарон дар шаҳру воҳаҳои атрофи он сокинанд. Онҳое, ки забони модариашон форсӣ аст, ба номи тоҷик шинохта мешаванд. Гуфта мешавад, ки тақрибан ниме аз ин мардум шиъаанд. Ҳирот ба марказияти фарҳангӣ ва русуми миллӣ шӯҳрат дорад ва мумкин аст сатҳи савод дар он нисбат ба соири манотиқи Афғонистон ба истиснои Кобул зиёдтар бошад. Аз нигоҳи қавмию фарҳангӣ Афғонистони ғарбӣ тақрибан мушобеҳи форсизабонҳои Хуросон дар он тарафи хатти сарҳадӣ ҳастанд.

Гурӯҳи дувум нажоде иборат аз саканаи форсизабони шимоли Афғонистон мебошад. Ин мардум, умуман дар забони омиёна ба номи форсивон ё порсивон машҳуранд, яъне форсизабонон. Тақрибан ҳама сокинони шаҳрҳои шимол, монанди Мазори Шариф, Қундуз, Бағлон ва ғайра аз ин гурӯҳанд, агарчи теъдоди қобили мулоҳизаи русто ва қарияи тоҷикнишин дар водиҳо мавҷуд аст.

Эҳтимолан арӯсиҳо бо дигар гурӯҳҳои нажодӣ муҷиби ба ихтилоти хуни муғулӣ бо хуни эрониюласл шудааст, тоҷикони мушобеҳ дар шӯравӣ ҳам пайдо мешаванд. Дар водии Фарғона, дар Тошканд, Бухоро ва дигар шаҳрҳои бузурги Осиёи Марказӣ ин тоҷикҳо ё форсизабонҳои наслҳои муосир аз ҳамон мардумони водиҳои Эрони қадим ва Осиёи Марказӣ ҳастанд, ҳол он ки бисёре аз тоҷикҳо ба туркҳо омехта шудаанд, то аҷдоди ӯзбекҳои муосирро ташкил диҳанд, дигарон дар омезиш муқовимат нишон додаанд ва ҳуввияти қавмӣ ё нажодии худро ҳифз кардаанд. Дар қуруни гузашта ин мардумон ба номи сартҳо машҳур буданд (истилоҳе, ки ҳанӯз ба шакли ҷудогона дар Осиёи Марказӣ бақои худро ҳифз кардааст). Аксар сортҳо имрӯз дар байни ӯзбекҳо ҷазб шудаанд. Ба таври яқин наметавон бигӯем, ки чӣ вақт аҷдоди тоҷикҳои ҳозир забонҳои қадимии шохаи эронӣ, монанди суғдию хоразмиро канор гузоштаанд. Бо вуҷуди он дар замони Марко

Поло бисёре нишонаҳои эронии шарқӣ бояд қаблан аз водиҳои бузурги Осиёи Марказӣ нопадид шуда бошад. Форсӣ як забони бозаргонӣ ва омехтаи он замон буд ва аз он забонҳои осиёӣ ба шумор мерафт, ки Марко Поло онро ба наҳви аҳсан такаллум мекард. Ин амр, ки тоҷикҳои Осиёи Марказӣ дар он замон умдатан саканаи шаҳрҳо буданд ва дар тиҷорати байналмилалӣ саҳми бисёр доштаанд, мумкин аст, истеъмоли форсии ҷадидро ба миён оварда бошанд. Тоҷикҳои Осиёи Марказӣ комилан ғайримуҳоҷир ё деҳнишинанд. Бештари онҳо сунниананд. Албатта созмони қавмӣ дар байнашон вуҷуд надорад.

Аз назари нажод бештарашон мутааллиқ ба нажоди сафеданд, аммо гоҳ-гоҳе метавон мушаххасоти нажоди муғулиро дар байнашон мушоҳида кард, ки ношӣ аз агресияҳои мутақобили онҳо бо мардуми турк аст. Гарчи тоҷикҳои Ҳирот ва Туркистон нисбатан машҳур ҳастанд, аммо як гурӯҳи тоҷик мавсум ба тоҷикҳои нимакӯчӣ вуҷуд дорад, ки то кунун мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Дар водии Дараи Шикорӣ (аз кутали Шайбури Дуоб) дар баъзе деҳкадаҳо мардуми нимакӯчкунанда зиндагӣ мекунанд, ки худро тоҷик мегӯянд. Аз рӯи мушаххасоти нажодӣ бисёр шабеҳи ҳазораҳо буда, дорои хусусиёт ва чеҳраи муғулӣ ҳастанд. Бо вуҷуди он, бар хилофи ҳазораҳо ин тоҷикҳо рамаҳои зиёд доранд ва амали кӯчи тобистонро анҷом медиҳанд. Мушаххасоти манзил ё ҷойи зиндагии тобистонаашон иборат аз як навъ юрт (сиёҳчодар), боми гирди туркӣ аст. Бо вуҷуди он ин юрт маъмулан тавассути бурёҳои найӣ ё дар баъзе ҳолот тавассути тиккаҳои мӯйи буз пӯшонида мешавад... Ин хаймаҳоро лачиқ меноманд, бештари он аз навъи чипӣ аст, на аз намунаи юрти воқеъӣ. Ин мардум зимистонро дар қуро ва қасабот мегузаронанд ва дар айёми тобистон бо рамаҳои худ ба кӯҳ мераванд. Маҳсулоти умдаи онҳо гандум, ҷав ва боқило аст. Дар айёми иқомати муваққатӣ дар яйлоқҳо аз шир баъзе маводи хӯрокӣ ва бештар қурут барои зимистон масозанд. Дар Чайламиш (тақрибан 100 хонавор) ва дар Ғандоқ (тақрибан 100 хонавор) тоҷикҳои нимакӯчанда сукунат доранд. Оморгарони тоҷик изҳор доштанд, ки бештари ин мардум аз қавми тоторанд. Дар Дуоб тоҷикҳои нимакӯчии қавми Туғон (дар туркӣ - боз) зиндагӣ мекунанд. Дар Кандоснак тоҷикҳои нимакӯчии қавми Гӯй зиндагӣ мекунанд. Ҳама тоҷикҳои мавриди таҳқиқи мо суннимазҳаб буданд. Мо баъзе тоҷикҳои нимакӯчиро дар соҳаи Бузбой (наздикии Боломурғоб) дидем, ки бо тойманиҳои хаймасиёҳ дар як минтақа зиндагӣ мекарданд.

Ақидаи мо ин аст, ки ин мардум тоҷикҳои воқеии эронӣ (ва хуросонӣ) нестанд, балки туркҳое ҳастанд, ки забони туркиро тарк гуфтаанд ва ба дарӣ ҳарф мезананд. Аз назари нажод инҳо нишонаҳову аломоти қав-

мии муғулӣ доранд. Хаймаҳои онҳо ва низ истилоҳоте, ки дар иртибот бо хайма ба кор мебаранд, ба таври возеҳ туркӣ аст. Ин тоҷикҳо шабоҳатҳои зиёде ба ҳазораҳо доранд, аммо дар бисёре масоил бо онҳо мутафовитанд.

Ба таври намуна ҳама тоҷикҳое, ки мо дар мавридашон таҳқиқ кардем, ки суннимазҳаб буданд, дар ҳоле ки бештари ҳазораҳои ин ноҳия шиамазҳаб ё исмоилия ҳастанд. Бар хилофи тоҷикҳои Бомиён, ки комилан деҳнишинанд, тоҷикҳои нимакӯчии Дараи Шикорӣ соҳиби фарҳанги хаймавӣ ҳастанд. Агар забонашон форсӣ намебуд, инсоф фикр мекард, ки эшон турк ҳастанд.

Гурӯҳи чаҳоруми тоҷикҳо ва шояд дилчасптарини онон аз назари мардумшиносӣ гурӯҳе аст, ки русҳо истилоҳи тоҷики кӯҳиро барои онҳо ба кор мебаранд. Тоҷикҳои кӯҳистонӣ намунаи қадимитарин мардуми Осиёи Марказӣ ба шумор меоянд. Аз он ҷо ки онҳо дар кӯҳпояҳои баланди Ҳиндукуш Помир зиндагӣ мекунанд, ҷудоии физикӣ зоҳиран ихтилоти нажодиро монеъ шудааст, ки дар ҷилгаҳо ва дара ба вуқуъ пайваста. Тоҷикҳои воқеии кӯҳистонӣ, яъне сокинони баландтарин ва ғайриинқилоби дастрастарин соҳатҳо тавассути Гинзбург аз ҳайси типпи нажодӣ аврупоии помирӣ тавсиф шудаанд.

Ин гурӯҳ саргирд, чеҳраи байзавӣ, биниҳои рост ё уқобӣ, даҳанҳои мутавассит бо лабҳои нисбатан гӯштӣ, бадани мӯйдор, мӯйҳои сиёҳ ё сиёҳи хурмоӣ ва пӯсти сафед доранд. Аз лиҳози нажод онҳо мушобиҳатҳои зиёде бо нажоди динории Аврупо доранд.

Минтақаи зисти тоҷикҳои кӯҳистонӣ аз кӯҳҳои Пор ва Помизоди Ғарбӣ то Помирҳои Шӯравӣ – Чин имтидод дорад. Минтақаи зисти тоҷикҳои сармашкон (дар кӯҳҳои Ҷаҳонқалъаи ҷануби Ғурот) мумкин аст вусъати ҷануби ғарбитарин соҳати зисти тоҷикҳои кӯҳистониро ташкил диҳад. Дар шимолу шарқи Ҷаҳонқалъа акнун аймоқҳо ва ҳазораҳо зиндагӣ мекунанд. Бо вуҷуди ин шавоҳиде мавҷуд аст, ки қабл аз таҳоҷуми гурӯҳҳои муғулии кӯчкунанда, нажоди умдаи Бодғис ва ҳазораҷот тоҷикҳои кӯҳистонӣ ё навъе нажоди эронию хуросонӣ будаанд. Мо медонем, ки дар манотиқи вустои Бомиён ва Ғур гурӯҳе аз тоҷикон зиндагӣ мекарданд. Ба илова номи қавми фаръии тоҷик ҳанӯз дар байни тойманиҳо ва ҳазораҳо зоҳир мегардад ва ҳамин мавзуи мавҷудияти қавми тоҷик пинҳон шуда ё нажоди тоҷик шударо нишон медиҳад. Бо вуҷуди он, имрӯз мардуми бумии эронӣ дар нажоди аксарияти аймоқҳо ва ҳазораҳо ҷазб шудаанд. Манотиқи тоҷикнишин дубора дар минтақаи Бомиён шуруъ мешавад ва аз Панҷшер то Бадахшон тавсеа пайдо мекунад. Дар манотиқи кӯҳистонии Тоҷикистон ба тарафи шимол то сарзамини Фарғона умдатан тоҷикҳои кӯҳистонӣ зиндагӣ мекунанд.

Маълум мешавад, ки шарқитарин нуқтаи тоҷикнишин водии Сарикӯли Синкиёнги Чин аст.

Он гурӯҳ аз тоҷикҳои кӯҳистонӣ дар ин минтақаи бузург сокинанд, ки домани он аз ҷануби ғарбии силсилакӯҳи Пор ва Пормизод то Помирҳоро дар бар мегирад; ба таври умумӣ аз назари фарҳанг ва наҷод мушобеҳанд. Бисёре аз онҳо мусулмонони суннианд, агарчи пайравони мазҳаби исмоилӣ дар байни баъзе тоҷикҳои Помир пайдо мешавад. Ҳамаи онҳо деҳқонони деҳнишини ғайримуҳоҷиранд, ки дар деҳоти худ, дар дараҳои амиқи кӯҳистонӣ зиндагӣ мекунанд. Осори кӯч кардан дар байнашон дида намешавад, агарчи баъзе аз онон бо як навъ галадорӣ дар манотиқи муртафеъ машғуланд. Бештари мазореашон обёрӣ мегардад, агарчи дар баъзе аз манотиқ зироати ғайриобӣ низ дида мешавад. Буз яке аз ҳайвоноти муҳимашон буда, шир нақши умдае дар таъмини моводи ғизоии онон дорад.

Аз мушоҳидоти мо дар Мушкон ва Бадахшон ва аз тавсифҳои тоҷикистонӣ маълум мешавад, ки якнавохтии умумӣ дар намунаҳои қасабаҳо ва деҳкадаҳо дар саросари манотиқи зиндагии тоҷикҳо дида мешавад. Дар Мушкон ҳаста ё марказдеҳ (қария) мураккаб аст аз теъдоде ҳавлӣ ё сарой (қалъаҳои сода), ки хонаводаҳои тавсиаёфта дар он зист мекунанд, ки дар он ҷо баҳамфишурдагии хонаҳо (бар хилофи типпи хонаҳои дур аз ҳам, ки мушаххаси навоҳии муғулҳо ва тайминҳо мебошад) мавҷуд аст. Ин хонаҳо ғолибан бомҳои ҳамвор доранд ва бисёре аз онон дутабақаанд. Сароҳои воқеии мураббаъшакл бо ҳавлиҳои боз сохта мешавад. Табақаи ҳамкаф ба унвони тувайла барои анборӣ ва барои муқасиди махсус (ба таври намуна коргоҳи даббоғӣ ё рангрезӣ дар манзили аввал қарор дорад) истифода мешавад. Табақа ё манзили дувум яъне хонаҳои маскунӣ барои зисти аъзои хонавода ба кор меравад. Аксар хонаҳо аз хишти хом, коҳгил ва гил сохта мешавад. Баъзе хонаҳо аз санг сохта мегардад, киякҷо бо гил часпонида мешавад. Дар Мушкон махсусан ин навъ хонаҳо, ки дар канори рӯдхонаи пур аз санг қарор доранд, фаровонанд.

Деҳаҳо ва қасабот дар минтақаи Ҳазораҷот ва Бомиён ва дар Ғурбанд ба шакли дигаре арзи вуҷуд мекунад. Деҳоте вуҷуд дорад, ки дорои қалъаҳои бисёр бузурги мутааллиқ ба ақвоми ҳокимӣ қаблӣ аст. Бо вуҷуди он дар Бадахшон ин навъ қалъаҳо нопадид мешавад ва рустоҳои мутарокими тоҷик зоҳир мегардад. Дар Мушкон хонаҳо ба таври фишурда ва наздик ба ҳам қарор доранд ва як маҳалли маскунии мутарокими воҳидро ташкил медиҳанд. Дар маҳалли маскуни Хонақоҳ дар шарқи Файзобод, сохтмонҳои сангӣ бештар ҷалби назар мекунад. Дар ин минтақа қалъаҳо ё хонаҳои мураккаб низ вуҷуд дорад, ки атрофаш-

ро деворҳо иҳота кардааст ва дар онҳо афроди хонаводаҳои вобаста зиндагӣ мекунанд. Иртиботи дастҷамъии бародарон (яъне хонаводаҳои якҷояи бародарон) умумият дорад. Дар Тоҷикистон деҳаҳои ба ҳам часпида бештар аст, агарчи маҳалли зист озод ва ғайрифишурда аст. Маълум мешавад, ки хонаҳои яктабақа аз хиштҳои хоми гилӣ бештар вуҷуд дорад. Хешовандони наздик бидуни фосила дар ҷавори ҳам зиндагӣ мекунанд. Бинандагон зуҳари хонаҳои мураккабро сабт кардаанд, ки хешовандони наздик дар онҳо зиндагӣ кунанд.

Мушаххаси бисёре аз деҳоти тоҷик дар Тоҷикистон як навъ хонаи маҷлисӣ ё алавхона аст. Дар Мушкон мо ба ин навъ алавхона барнахӯрдем. Бо вуҷуди он ҳар қария аз худ масҷиде дорад, ки ба унвони як навъ «Хонаи мулоқот» барои аҳли қария ба кор меравад. Ин масҷид бо масоҷиди содаи деҳоти муғулӣ ва таймани фарқ дорад, ки сирфан барои намози дастҷамъии айёми ҷумъа бакор меравад.

Ин тавр маълум мешавад, ки дар Афғонистон ва Тоҷикистон тоҷикҳои кӯҳистонӣ мардуме бошанд, ки ба иҷбор ба сарзаминҳои дур ва ғайриқобили дастрасе ронда шудаанд, шояд Бадахшон намунаи он бошад. Дар қасабот ва деҳоти қисматҳои болоии рӯдхонаи Қундуз ва Кукча акнун мардумони ғайри тоҷик зиндагӣ мекунанд. Дао он ҷо теъдоди зиёди деҳаҳои ҳазораҳо мавҷуд мебошад. Дар қасабот ва Қуро дар тули Кукча то Файзобод ва махсусан дар минтақаи Кишм гурӯҳе машҳур ба муғул зиндагӣ мекунанд.

Гуфта мешавад тоҷикҳо дар деҳоти муртафеътари «Пушткӯҳ» зиндагӣ мекунанд. Минтақаи Ургубини Кишм ва Файзобод низ умдатан туркнишин аст. Дар минтақаи шарқи Файзобод иртифоот бештар мешавад ва тасаввур меравад, ки дар он ноҳия низ тоҷикҳо бештар бошанд. Бинобар ин заминҳои нисбатан ҳосилхез дар тули ду рӯдхонаи бисёр бузурги Бадахшон (Қундуз ва Кукча) ба василаи мардумони мухталифи турк ва ҳазора фаро гирифта шудааст ва ҳол он ки тоҷикҳо дар иртифоот ва дар кӯҳҳо пайдо мешаванд.

Ба тавре ки дар бораи дигар мардумони Афғонистон низ тақрибан сидқ мекунад, маълумоти қавмшиносӣ дар бораи тоҷикҳои кӯҳистони Бадахшон кофӣ нест. То замоне ки маълумоти фаровоне дар дастраси мо қарор нагирад, наметавонем матолибро таъмин диҳем. Бо вуҷуди ин, ҳатто ба ҳамин иттилооти нотамоме, ки дар ихтиёр дорем, метавонем гуфт, ки минтақаи аслии маҳалли зиндагонии тоҷикҳои кӯҳистонӣ аз Пору Помизод то Помирҳо имтидод дорад ва дар ҷараёни таърих дар бисёре манотиқи тиҳишуда аз сакана мавҷуд аст. Дар Бадахшон як гурӯҳи турк худро дар водиҳои марказӣ побарҷо кардаанд. Эҳтимол

меравад, ки гурӯҳҳои нажодӣ аз асл ва мабдаи туркӣ (яъне тоҷикҳои нимакӯчӣ ва ҳазораҳои Шайхалӣ ва ғайра) аз самти шимол ба зӯр ақаб ронда шудаанд ва дар водиҳои Ҳиндукуш мустақар гаштаанд ва дар минтақаи Бомиён ҳазораҳо маҳаллот ва манотиқи зиёдеро ишғол кардаанд. Ҷамъияти Бомиён махлуте аз мардуми ҳазора ва тоҷик аст, ки ҳазораҳо дар он ҷо аксарият доранд. Аз қарори маълумоти муаллиф, дар ғарбӣ Бомиён тоҷикҳо вуҷуд надоранд. Қисмати зиёде аз Ҳиндукуши ғарбӣ ва Пору Помизодро аймоқҳо ва ҳазораҳо ишғол кардаанд. Танҳо маҳалли зиндагӣ ва истиқрори тоҷикҳои кӯҳистонӣ монанди Мушкон мавҷудияти собиқаи наҷоди кӯҳии эрониёну хуросониёни бумиро нишон медиҳад. Тоҷикҳои кӯҳистонӣ дар тамоми Афғонистон ба унвони мардуме сулҳхоҳ бо рӯҳияи рустоӣ ва ҳамгаро машҳуранд.

## ПАЙНАВИШТ

1.Калимаи тоҷик аз тойӣ ё тозии арабӣ ба изофаи ҷамъи «к» илҳоқии форсии миёна муштақ шудааст. Аслан ғайриараби мусалмон маънӣ медиҳад. Баъдтар, ба таври умум ба шакли тоҷик, ба маънии мусулмонҳои ғайриараб «яъне бештар эронӣ ва хуросонӣ» омадааст. Дар даврони қарни сенздаҳ ва чаҳордаҳум ба маънии мардуми мусулмони деҳнишин ва форсизабон мебошад, ки аз туркҳо ва арабҳо ҷудо шуда бошад. Дар давраи Сафавӣ решаи тоҷик нуфуси форсизабони қадими Эрону Хуросонро, ки аз турк фарқ доштааст, ифода мекарда. «Доиратулмаорифи ислом», саҳ 97.

2.Ҷадидтарини таълифи «Доират-ул-маорифи бузурги русӣ» ҷамъияти тоҷики шӯравиро (мутобиқи сершумории 1939) 1,229,000 ва ҷамъияти тоҷики Афғонистонро 2,000,000 нишон медиҳад. Шумихев «Ҷумҳурии Тоҷикистони Шӯравӣ», Москва, 1954-29) онро 1,229,000 ироа кардааст. Бачкарев низ тоҷикҳои Афғонистонро 2,100,000 нафар эҳсо карда ва тақрибан 9 ҳазор нафар низ тоҷик дар Помири Чин нишон дода шудааст (Латимор Меҳвари Осиё, Бостон, 1950, с. 137-139).

3. Дар асл водии Ҳирот ва манотиқи наздик ба он бахше аз вилояти Хуросони қадимро ташкил медиҳад, гарчи сарҳадоти ҳозир барои муддати беш аз 200 сол комилан сарҳади мамнуӣ буда, ки як минтақаи муттаҳидулшакли фарҳангиро аз ҳам ҷудо сохтааст. Иванов мушобеҳати лаҳҷаро дар Хуросон сабт кардааст аз изҳори ақида мекунад, ки ҳама лаҳҷаҳое, ки дар Хуросон ба форсӣ ҳарф зада мешавад, хеле кам аз форсии таҳририӣ фарқ дорад. Ба истиснои ихтилофоти истилоҳии

он, ки ношӣ аз ихтилофи муҳити сиёсӣ буда, дар ҳар ду тарафи сарҳад бисёр мушобеҳ мебошад.

4. Аз форсии шарқӣ, ки манзур аз форсии муосир аст, дар Афғонистон ба номи дарӣ ёд мегардад, ки асоси забони тоҷики ҳозирро ташкил медиҳад ва дар шӯравӣ ҳам ба он ҳарф зада мешавад. Бидуни ихтилофи истилоҳӣ, ҳар ду шохаи форсии ҷадид билкулл мушобеҳанд. Дар шӯравӣ забони тоҷикӣ ҳоло ба ҳуруфи кириллӣ таҳрир мегардад ва бинобар ин баъзе ихтилофоти лаҳҷа пеш омада, ки қаблан дар навиштаҳои форсии қадим дида намешуд. Форсӣ тавре ки дар Афғонистон таҳрир мегардад, форсии суннатӣ аст, ки ба унвони забони дарбор дар тамоми Осиёи Марказӣ, форс ва Ҳинд дар қуруни гузашта бештар аз давраи муосир умумият дошт.

5. Sart

6. Баъзе авқот ин мардумро ба исми тоҷикҳои ҷангалҳо ё сутуҳи ҳамвор ёд карданд, то аз тоҷикҳои манотиқи кӯҳистонӣ мутафовит бошанд.

7.Забони суғдӣ то ҳудуди авохири ҳазораи якуми мıлодӣ роиҷ буд. Забони хоразмӣ дар «Муқаддимат-ул-одоб»-и Замахшарӣ сабт шудааст. Яқинан дар қарни дувоздаҳум бо ҳар ду забон ба василаи теъдоде маҳдуд дар Помир ҳарф зада мешавад. Ҷорҷ Магистирна гузориши ҳайати забоншиносон дар Афғонистон (Кембриҷ, Масачуссет, 1926).

8.Лачиқ як шакли дигари алчуқ «Alacug»-и туркӣ «як нимаи хурди сабаде, ки бо намад пӯшонида мешавад». Дар туркии ғарбӣ алачек «Alacık» чапареро, ки аз шохаҳои хурд сохта шуда бошад, маънӣ медиҳад. Лачиқ як юрти воқеӣ нест, локин хаймае аз навъи чапарӣ аст. Бар хилофи чапариҳои аймоқ, ин лачиқи тоҷикҳо боми гирд аз навъи туркӣ дорад.

9. Gaw

10. В.В. Гинзбург. Тоҷикҳои кӯҳистонӣ (Москва-Ленинград, 1977), 158 ва ба баъд.

11. Денекор (Ганзбургро нақл карда, 14) ҳудуд ва маҳалли зисти ғарбитарин тоҷикҳоро таъйин мекунад, ки Астаробод ва Язд дар форсро дар бар мегирад. Бо вуҷуди он дар ин ҷо вай тоҷикҳои маъмулии ҷангалҳоро (ки дар Форс аз форсизабонҳои воқеӣ намояндагӣ мекунанд) бо тоҷикҳои кӯҳистонӣ мағшуш ва махлут мекунад. Ғарбитарин нуқтаи зисти тоҷикҳои кӯҳистонӣ мутобиқи мушоҳидоти мо дар он ҷое, ки Пору Помизод (Помир) ба поён мерасад ва замини ҳамвор шуруъ мешавад, қатъ мегардад.

12. Яъне тоҷикҳо дар ғарби фарох вуҷуд доранд. Бо вуҷуди он аз он ҷо ки он ноҳия бисёр ҳамвор аст, машкук мебошад, ки онҳо ҳамон

типпи форсизабонҳои Хуросонро намояндагӣ кунанд, ки дуртар дар шимол дида мешаванд.

13. Емел Варт. Фарш лаҳайӣ, Калан два қибла (Лодвигзбург 1954).

14.Дар Ҳазораҷот такхонаҳое аст, ки ба унвони «хонамаҷлисӣ ё гирдиҳамоӣ» ба кор бурда мешавад. Дар Мушкон ин масҷиди қария мебошад, ки аз он ҳамин истифода ба амал меояд: ба матн руҷӯъ шавад.

15. Мо ба теъдоди зиёди қарияҳои ҳазора дар тӯли қисматҳои муртафеи Қундуз бархӯрдем. Барои теъдоди шумориши навоҳии зиндагӣ дар Бадахшон, ки дар он ҳазораҳо ёфт мешаванд, нигоҳ кунед Гунриёранг «Пахш ва парокандагии ақвоми турк дар Афғонистон» (1939), 35 Lund Universitles Arsskrift. Бояд гуфт, ки иттилоот аз китоби Бурҳониддини Кушакӣ гирифта шудааст.

Маълумотдиҳандагони мо ишора кардаанд, ки ин ҳазораҳо комилан деҳнишинанд. Бо вуҷуди он Варигин гузориш медиҳад, ки онҳо нимакӯчианд.

М.А. Варигин «Опыт описания Кулябского Бегства», Ивестия Императорского русского географического Общества, 51, 1916, 783- 4 Бисёре аз ин ҳазораҳо гуфта мешавад, ки суннианд. Ҳар иртиботе, ки байни ҳазораҳои Бадахшон ва ҳазораҳои умдаи Ҳиндукуш мавҷуд бошад, баёни он мушкил аст.

***Доктор Лаълзод***

# ТОҶИКОН ДАР МАНОБЕИ ТАЪРИХӢ[1]

## *Манобеи пеш аз ислом*

Ҳудуди ду ҳазор сол қабл аз мелод яктеъдод тавоиф ё ақвом аз навоҳии миёни дарёчаи Арал ва дарёи Сиёҳ муҳоҷират намуда ва ба сӯи фалоти Эрон (сарзаминҳои байни дарёҳои Синду Даҷлаву баҳри Ҳинд ва дарёчаҳои Каспину Арал) ва Ҳиндустон рӯй меоваранд. Дастае дар фулоти Эрон иқомат гузида ва гурӯҳе ба пеш тохтаву ба шимоли Ҳинд мераванд. Ин ақвом (ҳинду-эронӣ) пас аз истиқрору ташкили созмонҳои сиёсию мазҳабии замони худ, асоси ду тамаддуну фарҳанги муҷазо аз ҳам, вале хешовандро дар Ҳинду Эрон бунёд мениҳанд.

Ин муҳоҷират ё ҳуҷуми ҳинду-эрониҳо аввалин муҳоҷирати мустанаду бузург аз Осиёи Миёна ба фалоти Эрон ва моварои он буда ва дар садаҳои баъдӣ тавассути сакоиён, ҳунҳо, туркҳо, муғулҳову убекҳо идома меёбад.

Ин тавоиф ё ақвом дар Ҳинд асоси тамаддуну фарҳанги ведоӣ ва дар Эрон асоси тамаддуну фарҳанги авастоиро бунёд мениҳанд. Ин тавоиф худоёни Митро, Вруно, Андро ва Ностияро парастиш мекарданд ва номи ин худоён дар Ригведа ва Авасто омадааст. Он чи дилчасп аст, зикри ин чаҳор ном дар сангнабиштае Митонӣ мутаалиқ ба садаи 14 қабл аз мелодӣ дар наздики Анкара (Туркия) дар аҳдномае миёни подшоҳи Ҳетӣ ва подшоҳи Митонӣ аст. Вуҷуди чунин мутуне дар ҳудуди 1400 сол қабл аз мелод, ватании аслии ин ақвом (ориёиҳо) дар минтақаи васеъ миёни дарёчаи Арал ва дарёи Сиёҳро тақвият намуда ва назарияи кӯчи онҳо аз шарқ ба ғарбро зери савол мебарад (ин тавоиф ё ақвом дар Ригведои Ҳинд ба номи “арйа”, дар Авасто Эрони Шарқӣ ба номи “айрйана” ва дар катибаҳои Эрони Ғарбӣ ба номи “арийа” номида шудаанд. Ҳар се вожаи арйа, айрйана, арийа дар англисӣ муодили “aryan” ва дар порсӣ муодили “ориёӣ” тарҷума шудаанд.

Ригведа, ки дар ҳаволии 1500 қабл аз мелод ва Авасто ки дар ҳаволии 1000 қабл аз мелод суруда шудаанд, қадимтарин асари ду қавми ориёии Ҳинду Эронанд, ки аз як забони модаршоҳӣ муштақшуда ва аз назари фикрӣ, иҷтимоию мазҳабӣ бисёр наздиканд. Дар воқеъ забонҳои Авасто ва Ригведа ду гӯйиш аз як забонанд. Дар Ригведа

---

[1] Доктор Лаълзод, Тоҷикон дар манобеи таърихӣ, интишороти “Саид”, 2011. – С. 283.

ишора ба сарзамини аҷдодии ориёҳо нашуда, вале сарзаминеро ки дар он фарҳангу тамаддуни хешро бунёд ниҳоданд (манотиқи шимолу маркази Ҳинд), “арйаварта” номидаанд.

Вожаи арйа 36 бор дар Ригведа омада ва дар соири мазоҳиби Ҳинд такроршуда, ки нишондиҳандаи як забони қадимию мумтозкунандаи як гурӯҳи таборӣ буда ва дар ҳамосаҳои аввалияи ҳиндиён мафҳуми ахлоқӣ низ дошта, ки мардумро бар ҳасби рафтори неку зишти эшон билтартиб ба номҳои арйа ва ғайриарйа меномиданд. Ба ин тартиб дида мешавад, ки вожаи арйа ё орин ё ориёӣ дар Ригведа мафҳуми таборӣ-забонӣ-фарҳангӣ (ахлоқӣ) дорад. Ин ҳам чанд намуна аз корбурди ин вожа:

Саҳ. 195. Ман заминро ба “арйа” бахшидам ва боронро ба марде, ки барои ман назр меовард. Ман обҳои хурӯшонро раҳбарӣ мекунам ва Худоён ба хоҳиши ман дар ҳаракатанд.

Саҳ. 248. Он мардонеро ки таҳти ҳимояти ту бар тақибони худ пешӣ гирифтаанд, ҳамон гуна ки “ориё”-ҳо бар “досйу” -ҳо ғалаба карданд, эҳтиром намоем; инро барои мо (ту анҷом додаӣ) ту “Вишуруп” писари: “Таштар”-ро барои дӯстӣ “Тарита” ҳалок сохтаӣ.

Саҳ. 517. Доса ва Ориёро ташхис дода бар ҳама нозир карда меравам. Ман бар оқилон (бо лутф) менигарам ва шираи сумои парастанда содадилро менушам. Андаро бар ҳама сурур аст.

Дар Авесто вожаи “Айрйана” (бо иртиботи табор, мардуму сарзамин) ҳудуди 50 бор такрор шудааст. Чанд намуна аз истеъмоли ин вожа:

Саҳ. 301. Ӯро бисутуд – Офаридгор Аҳурамазда дар Айрйана Вайҷа дар каронаи (дарёи) “Даития”-и нек бо Ҳуми омехта бо шир, бо боресма, бо забони хираду “мансра” бо андешаву гуфтору кирдори (нек), бо завру бо сухани расо...

Саҳ. 316. Ӯро бисутуд Зардушти Ашаван, дар Айрйана Ваеҷа дар каронаи (дарёи) “Даития”-и нек бо Ҳуми омехта бо шир, бо боресма, бо забони хираду “мансра” бо андешаву гуфтору кирдори (нек), бо завру бо сухани расо...

Саҳ. 356. Нахустин эзади ҷовидонӣ қабл аз дамидани хуршеди ҷовидона... бар фарози кӯҳи Ҳара мебарояд ва аз қуллаи зебои он бар сарзамини ориёиҳо менигарад... ҷое ки кӯҳҳои баланд бо маротеи сарсабзу сероб... ҷое ки ҷаҳилҳои амиқи оби шӯр вуҷуд дорад; ҷое ки дарёҳои хурӯшону паҳновар ба сӯи Ишката ва Пурута, Марву Ҳирот, Суғду Хоразм мешитодаб.

Саҳ. 426.

Фравашҳои ашавии мардони сарзаминҳои ориёиро меситоям.

Фравашиҳои ашавии занони сарзаминҳои ориёиро меситоям.

Фравашиҳои ашавии мардони сарзаминҳои Турониро меситоям.
Фравашиҳои ашавии занони сарзаминҳои Турониро меситоям.
Фравашиҳои ашавии мардони сарзаминҳои Сайриманро меситоям.
Фравашиҳои ашавии занони сарзаминҳои Сайриманро меситоям.
Фравашиҳои ашавии мардони сарзаминҳои Сайниро меситоям.
Фравашиҳои ашавии занони сарзаминҳои Сайниро меситоям.
Фравашиҳои ашавии мардони сарзаминҳои Доҳиро меситоям.
Фравашиҳои ашавии занони сарзаминҳои Доҳиро меситоям.
Фравашиҳои ашавии мардони ҳама сарзаминҳоро меситоям.
Фравашиҳои ашавии занони ҳама сарзаминҳоро меситоям.

Ҳама Фаравашиҳои неки тавонои поки ашаванонро аз Каюмурс то Саошйанти пирӯзманд меситоям.

Баракси Ригведа, дар Авесто аз офариниши 16 сарзамин сухан зада шуда ва нахустин сарзамини ориёиҳо ба номи “Арйана Ваэҷа” ҳудуди 13 бор зикр мешавад. Яктеъдоди ин сарзаминҳо ташхисшуда ва яктеъдоди дигар ҳанӯз ношинохта мондаанд: Арйана Ваэҷа, Суғда, Мавру, Бухдӣ, Нисоя, Ҳарива, Вайкирта, Йурва, Ханинта, Ҳароксвитӣ, Ҳетумант, Рағa, Кахро, Варина, Ҳептаҳинду ва сарчашмаи дарёи Ранга.

Дар катибаи нақши Рустам мехонем: Ман Дорюш ҳастам, шоҳи бузург... ориёӣ, аз табори ориёӣ.

Дар ин катибаҳо вожаи “арийа” ба мафҳуми забонӣ низ ба кор бурда шуда (катибаи Бестун: “Ин ҳамон матне аст, ки ман ба ориёӣ баргардонидам ва рӯи лавҳу рӯи чарм низ баргардоншуда буд...”.)

Ва катибаи кӯшониён (Работак, ҳаволии 127 мелодӣ) низ орийо = ориёиро ба мафҳуми забонӣ ба кор бурдааст. Пас, вожаи ориёӣ ба иловаи мафҳуми таборӣ, дорои мафҳуми забонӣ низ мебошад.

Ҳеродот муаррихи машҳури садаи 5 қабл аз мелоди юнонӣ дар таърихи хеш аз 20 сатрап ё иёлати империатории Порс сухан мегӯяд.

Гарчи дар мавриди ин тақсимот саволҳои ҷиддӣ вуҷуд дорад, бо он ҳам зикри номи ин ақвом ҷиҳати муқоиса бо феҳристи ҳахоманишиён ва соири манобеи юнонӣ зарурию дилчап аст.

Страбон муаррихи шаҳири юнонӣ (садаи аввали мелодӣ) низ сарзамини густардаи эрониёнро “Ориёна” гуфта ва далели онро ягонагии забони онҳо донистааст: Ориёно дар машриқ маҳдуд аст ба рӯди Синд. Дар ҷануб ба баҳри бузург. Дар шимол бо кӯҳистони Порупомизодӣ (ҳиндукуш) ва дунболаҳои он то ҳаволии дарвозаҳои дарёи Каспин. Навоҳии ғарбии он мутобиқ аст бо ҳамон марзҳое, ки портҳоро аз Мод ҷудо месозад ва кирмониёро аз Порсу притикониҳо (Исфаҳон).

Вожаҳои ориёӣ ва доҳи (додикҳо) дар “География”-и Страбон ба тартиби зер омадааст:

Саҳ. 27. Нависандагони имрӯзи мардумеро, ки ба ҳангоми киштиронӣ дар дохили дарёи Каспин - дар самти чап қарор доранд, доҳиҳо меноманд мардуми он касоне аст ки кунияи онҳо “ипарнӣ” аст.

Саҳ. Дар миёни доиҳо апарнаиву ҳерконияву партиҳо то сарзамини дурдасти оринҳо биёбони бузурги беобу алафе аст, ки ориҳо бо роҳпаймоии тӯлонӣ паймуданд ва ҳеркониву нисову даштҳои портиҳоро тасарруф карданд. Ин қабилаҳо розӣ шуданд, ки боҷ бипардозанд ва бо пардохти боҷ мувофиқат шуд, ки дар вақтҳои муайян оринҳо ба сарзамини онон сарозер шаванду ғорат кунанд ва он чиро ғорат мекунанд бо худ баранд.

Саҳ. 35. Орхутиву масагетӣ дар канори бактриянҳо дар ҷиҳати мағрибу тӯли дарёи Оксус зиндагӣ мекунанд ва сакоҳову суғдияна бо тамоми сарзамини худ дар баробари Ҳинд воқеанд. Аммо бактриянҳо дар фосилае андак. Зеро мегӯяд бахши умдаи он дар тӯли Порупомисус қарор доранд ва рӯди Ёксотс сакоҳоро аз суғдиёнӣ ва дарёи Оксус Суғдиёниро аз бактриён ҷудо месозад.

Саҳ. 39. Хулоса он ки Опулодрос мегӯяд Бактрияна мояи ифтихори тамоми Ориёно аст...

Дар рӯзгорҳои нахустин суғдиёнҳову бакриянҳо аз назари русуму одот тафовути чандоне бо биёбонгардҳо надоштанд ки ҳарчанд ки бактриянҳо андаке мутамаддинтар буданд... он чи бакриянҳо мекунанд ба расми сакоҳо бештар шабоҳат дорад...

Саҳ. 50. Кодусиҳо андаке камтар аз орёниҳо сарбози пиёда доранд...

Птолемей ҷуғрофиядони машҳури дигари садаи дувуми мелодии Юнон аст. «Ҷуғрофия»-и ӯ шомили 8 китоб ва 29 нақшаи қадимӣ дар мавриди Аврупо, Африқо ва Осиё аст. Китоби дувуму севуми ӯ шомили Аврупо, чаҳорум шомили Африқо ва панҷум ило ҳафтум дар мавриди Осиё мебошад. Китоби шашум дорои маълумоти муфассал дар бораи ошуриҳо, модҳо, Шуш, Порс, портиҳо, дашти Кирмония, арабия, кормония, Ҳеркония, Маргияна, Бактрияна, Суғдияна, Сокоро, сакоиён, Сирико, арйа, Порупомизод, Дрангияна, Аракозия ва Гедрузия аст. Чанд намуна:

**Ҳеркония.** Моксирой ва Астовенӣ рамаи хешро дар Ҳеркония мечаронанд ки наздики соҳили дарё қарор доранд; Кириндӣ дар поини Моксирой қарор дорад.

**Маргияна.** Дербекой дар ин минтақа наздики дарёи Оксус мускун буда ва дар поини инҳо масагетӣ буда ва дар ҷавори онҳо порнӣ ва доҳӣ зиндагӣ мекунанд; дар поини онҳо дашт буда ва аз ин ҷо ба тарафи шарқ тапурӣ қарор доранд.

**Бактрияна.** Солотирой ва Зарёспой бошандаи бактрияи шимолӣ ба имтидоди Оксус аст; Куморӣ ба тарафи ҷануб дар поини Солотирой қарор дорад; дар поини онҳо кумӣ, баъдан асинокой баъдан томбизианд; тухорӣ як нажоди бузург дар зери Зарёспа аст; дар поини онҳо Морикой, Сакурдой ва Ворунӣ буда ва дар зери онҳо сободӣ қарор дорад; Урсипӣ ва Амориспӣ дар поини Сободӣ мебошад.

**Суғдияна.** Посикой дар минтақаи наздики кӯҳҳои Оксус ва Ётӣ ва Тухорӣ ва наздики қисмати Ёксортис ва дар поини онҳо Уголӣ қарор доранд; Оксидронкой, Дройбоктой ва Кондорӣ наздики кӯҳҳои Суғдиюс ва Мординӣ дар поини кӯҳҳоанд. Оксёнӣ ва Хоразмӣ наздики Оксусанд.

**Арйа.** Несой ва Астобинӣ бошандаи шимолии Арйаанд. Мосдуронӣ наздики портиҳо ва дашти Кирмония аст; Сизирутой наздики Драңгиана ва Порутой наздики Порупонисодис аст, ки дар зери он Уборис мебошад.

### *Манобеи пас аз ислом*

1. **«Сирати Расуллуллоҳ» Ибни Ҳишом. (213 қамарӣ / 828 мелодӣ, тарҷума ба форсӣ 612 қамарӣ/1215 мелодӣ).**

Саҳ. 100. Ҳикояти Салмони Форсӣ. Муҳаммад ибни Исҳоқ ривоят кунад аз Ибни Аббос ки Ибни Аббос аз лафзи Салмони Форсӣ ҳикоят кард ва гуфт: “Салмон аз ибтидои кори худ моро хабар доду гуфт: «Ман марде форсӣ будам аз аҳли Исфаҳон аз деҳе, ки онро Ҷӣ гуфтандӣ. Ва падарам деҳқони он деҳ буд. Ва марде мунъим буду мулку асбоби бисёр дошт. Ва маро азим дӯст доштию натавонистӣ, ки як лаҳза маро надидӣ ва ҳаргиз маро аз сарой берун нагузоштӣ ва аз азизӣ, маро ба ҳеҷ кор нафармудӣ».

2. **«Футуҳ-ул-булдон»-и Балозурӣ. (255-279 қамарӣ / 868-892 мелодӣ).**

Саҳ. 269. Миёни Золуқу Сиистон панҷ фарсанг роҳ аст ва Золуқ худ деже аст. Рабиъ дар рӯзи Меҳргон бар он деж ҳуҷум овард ва деҳқони онро асир кард. Деҳқон ҷони худро дар муқобили бузаке оканда аз симу зар бозхарид. Сипас сулҳ карданд ва Рабиъ аҳд кард, ки хуни ӯ нарезад... деҳқон ба он шарт сулҳ кард, ки бо шаҳри вай низ ҳамон кунанд, ки бо бархе аз шаҳрҳои Форсу Кирмон кардаанд.

Саҳ. 306. Ҳангоме ки Қутайба ба Ахрун мерафт, деҳқонони Балх дар Толиқон ба хидмати вай шуданд ва дар рикоби ӯ аз дарё гузаштанд. Чун ба он сӯи дарё расиданд, шаҳриёри Чағониён бо армуғонҳои фаровону калиде заррин ба хидмати вай шуд...

Саҳ. 316. Рӯзе яке аз деҳқонони Мовароуннаҳр назди вай шуд, Саид ҷомае рангин ба тан карда буду мӯй фурӯҳешта буд. Деҳқон гуфт: «Ин ҳазифаест», яъне зане деҳқон аст. Саид духтари Муслимаро низ дар никоҳи хеш дошт.

Саҳ. 318. Баъд аз он Ҳишом, Шарас бини Абдуллоҳи Салморо бар Хуросон гуморид. Бо вай котибе нибтӣ буд, Умайра ном ва Абуумая куния дошт. Вай Ашрасро ба ситамгарӣ бармеангехт ва Ашрас тозиёни Хуросонро вазифаи фузунтар маайян фармуд, деҳқононро хор дошт, аҳли Мовароуннаҳҳро ба Ислом овардан хонд. Ва аз кофироне, ки ислом меоварданд ҷизияе намегирифт.

**3. «Албулдон»-и Яъқубӣ (278 қамарӣ / 891 мелодӣ).**

Саҳ. 45. Марв ки муҳимтарин устонҳои Хуросон аст... ва мардуми Марв, ашрофе аз деҳқонони аҷаманд ва низ қавме аз араб аз қабоили Азаду Тамим ва ҷуз инон дар он сукунат доранд. Волиёни Хуросон, дар ин ҷо манзил мекарданд... то он ки Абдуллоҳ бини Тоҳир дар Нишопур манзил гузид.

Саҳ. 57. Самарқанд... дар гулӯгоҳи турк воқеъ шуда, Самарқанд пас аз он ки фатҳ шуд, чандин бор дар асари он ки шаҳре мустаҳкам буд ва мардоне далеру қаҳрамононе сарсахт дошт, ёғӣ гашт. Қутайба бини Муслими Боҳилӣ, дар даврони Валид бини Абдулмалик, Самарқандро фатҳ кард ва бо подшоҳону деҳқонони он сулҳ намуд...

**4. Таърихи Табарӣ (302 қамарӣ / 914 мелодӣ).**

Саҳ. 2147-2153, ҷилди 5. Баъзеҳо гуфтаанд Яздигурд ба Форс афтод ва чаҳор сол он ҷо бибуд. Он гоҳ ба сарзамини Кирмон рафт ва ду сол ё се сол он ҷо бибуд. Ва деҳқони Кирмон тақозо кард, ки пеши вай иқомат гирад ва Яздигурд накард. Ва аз деҳқон хост, ки гаравконе ба ӯ диҳад. Деҳқони Кирмон гаравкон надод ва пойи ӯро гирифту кашид ва аз диёри хеш бурун кард. Аз он ҷо сӯи Сиистон рафт... Он гоҳ мусаммат шуд, ки ба Хуросон раваду дар он ҷо ҷамъ фароҳам кунад... Пас Яздигурд бо касони худ сӯи Марв рафт, аз авлоди деҳқонон гаравконҳо ҳамроҳ дошт ва аз сарони қавм Фррухзод бо вай буд. Чун ба Марв расид аз подшоҳон бар зидди арабон кумак хост ва нома навишт. Ба фармонравои Чин ва шоҳи Фарғона ва шоҳи Кобул ва шоҳи Хазар навишт. Дар он вақт деҳқони Марв Моҳуя писари Мофно ва падари Бароз буд... Он гоҳ Яздигурд сӯи Бароз деҳқони Марв рафт ва

мусаммам шуд деҳқонии ӯро бигирад ва ба Сангон бародарзодааш диҳад. Ин хабар ба Моҳуя падари Бароз расид ва барои ҳалоки Яздигурд кор кард...

**5. «Таърихи Бахоро»-и Наршахӣ (332 қамарӣ / 943 мелодӣ).**

Саҳ. 54. Саид гуфт: «Ман акнун ба Суғду Самарқанд меравам ва ту ба роҳи манӣ, аз ту гараве бояд, то роҳ бар ман нагирӣ ва маро наранҷонӣ». Хотун ҳаштод тан аз маликзодагону деҳқонони Бухоро ба гарав ба Саид дод ва Саид аз дари Бухоро бозгашту рафт.

Саҳ. 74. Ва онро кӯйи Кох низ хонанд. Ва ин вазир бини Аюб сарҳанге будааст аз сарҳангони Қутайба. Ва падараш Аюб амири Бухоро будааст. Аввал касе ки (дар Ислом) дар Бухоро амир шудааст аз дасти Қутайба бини Муслим ӯ будааст. Ва пайваста амирони Бухоро дар ин кӯйи Кох будаанд. Ва он ҷо сарое будааст ҷудогона аз баҳри амирони Бухоро, ва деҳқоне будааст, ки ӯро Кадархина ном, ва чун ислом овард Аҳмад ном гашт. Ва ин кӯйи Кох ҷумла ӯро будааст. (Ва дар ин кӯй кохе будааст марин деҳқонро). Ва амирони Бухоро пайваста дар ин кох будандӣ, ва (баъди ӯ ин кох) аз даст худованди зурияи ӯ берун шуда буд.

Саҳ. 98. Амири Хуросон Муоз ибни Муслим шуд. Сол бар 161 буд, ки ба Марв омад... чун ба Бухоро расидаз аҳли Бухоро деҳқонони мардони ҷанг ҷамъ карданд, понсаду ҳафтод ҳазор мард ҷамъ шуд...

**6. «Масолику Мамолик”-и Истахрӣ (340 қамарӣ / 951 мелодӣ, тарҷумаи форсӣ садаи 5-6 қамарӣ).**

Саҳ. 238. Ва забони хоразмӣ ҷуз забони аҳли Хурсон аст.

**7. Дақиқии Балхӣ (367 қамарӣ / 977 мелодӣ).**

Ман ҷоҳ дӯст дорам к-озодазодаам
Озодагон ба ҷон нафрӯшанд ҷоҳро.

**8. Таърихи Балъамӣ (352 қамарӣ / 963 мелодӣ, тарҷумаи Таърихи Табарӣ).**

Саҳ.5. Ва эшон ҳама бар ин гуфтори деҳқонон гирд омаданд, ки мо ёд хоҳем кардан ва ин гузориш, ки кунем (аз гуфтори деҳқонон кунем) ки ин подшоҳӣ аввал ба дасти эшон буд.

**9. «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал. (367 қамарӣ / 977 мелодӣ).**

Саҳ. 197. Ин матлаб мавриди итифоқи ҳама аст, ки барои мусулмонон ҷанггоҳе душвортару муҳимтар аз ҷанггоҳи турк нест. Ва мардуми Мовароуннаҳр дар баробари эшонанд ва билоди исломро аз хатари таҷовузи онон ҳифз мекунанд. Саросари Мовароуннаҳр марзҳои туркон аст, ки омодаи ҷанг аст ва мардуми он ҷоро субҳу шом таҳдид мекунанд... Ба ҳамин сабаб буд, ки хулафои Бани Аббос аз мардуми Мовароуннаҳр сароне баргузиданд, чӣ эшон бар соири

сипоҳиён бартарӣ доштанд ва амироншон деҳқонони эшон буданд. Сипоҳи Мовароуннаҳр дар нерӯву ҷуръату далерию ҷанговарӣ бар дигар сипоҳиён бартарӣ доштанд ва деҳқонони Мовароуннаҳр сарону атрофиёну чокарони хос буданд...

Саҳ. 200. Лашкариёни Ислом умуман аз афроди қабоил ва навоҳию шаҳрҳои мухталиф ташкил мегардад, чунон ки агар дар ҷанг шикаст ёбанд ё ҳодисае муҷиби (сабаби) парокандагии онон гардад фақат бо ҳелаву муболиға дар биму умед метавон ононро фароҳам овард; ба хилофи подшоҳони Сомонӣ, ки лашкариёни эшон гурӯҳе бандагони зархариди турканд ва гурӯҳе аз озодагону деҳқонананд, ки макону аҳлу ҳамсоягонашон маълуму шинохта аст. Ва агар иддае кушта шаванд ба сабаби касрати эшон гурӯҳе дигар ҷойгузини онон мешаванд. Ва ҳар гоҳ ҳодисае муҷиби (сабаби) парокандагии онон гардад саранҷом ҳама ба як ҷо боз мегарданд ва уюбе ки соири лашкариёни исломӣ доранд дар инон нест.

Саҳ. 217. Забони мардуми бухоро забони суғдӣ бо андаке таҳриф аст ва ба забони дарӣ низ сухан мегӯянд... Либоси мардуми Бухоро ағлаб қабову кулоҳ ҳамчун малбуси (либоси) мардуми пушти Ҷайҳун аст.

**10. Ҳудуд-ул-олам (372 қамарӣ / 982 мелодӣ).**

Саҳ. 337. Фарғона – ноҳиёте аст ободону бузург... ва дари Туркистон аст... Ва мулуки Фарғона андар қадим аз мулуки атроф будандӣ ва эшонро деҳқон хондандӣ.

Саҳ. 340. Элоқ – ноҳияте аст бузург, андар миёни кӯҳу саҳро ниҳода... Ҳудудаш ба Фарғонаву Чазғилу Чочу дарёи Хашарт пайвастааст. Ва меҳтарони ин ноҳиятро деҳқони Элоқ хонанд. Ва андар қадим деҳқони ин ноҳият аз мулуки атроф будандӣ.

**11. «Ал-феҳрист»-и Ибни Надим (377 қамарӣ / 987 мелодӣ).**

Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ (вафот 142 қамарӣ) гӯяд: «Забонҳои форсӣ (порсиён) иборат аз паҳлавӣ, дарӣ, форсӣ, хузию сурёнӣ аст. Паҳлавӣ мансуб аст ба паҳла, ки номи панҷ шаҳр аст: Исфаҳон, Рай, Ҳамадон, Моҳнаҳованду Озарбойҷон. Ва аммо дарӣ забони шаҳрнишинон буд, ва дарбориён бо он сухан мегуфтанд ва мансуб ба дарбори подшоҳӣ аст. Ва аз миёни забонҳои аҳли Хуросону машриқ, забони мардуми Балх дар он бештар аст. Аммо форсӣ забони мубадону уламову амсоли онон буд, ва мардуми форс бо он сухан мегуфтанд. Ва хузӣ забоне буд, ки бо он шоҳону амирон дар хилвату ҳангоми бозию хушӣ бо атрофиёни худ сухан мегуфтанд. Ва сурёнӣ забони ҳамагонӣ, ва навиштан ҳам навъе аз забони сурёнӣ форсӣ буд».

**12. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (400 қамарӣ / 1009 мелодӣ).**

Чанд намуна: Саҳ. 5. Яке паҳлавон буд деҳқоннажод,

Далеру бузургу хирадманду род.
Саҳ. 681. Сипоҳе гузин кард аз озодагон,
Биёмад сӯи озарободагон.

Саҳ. 731. Кунун доғдил назди хоқон шавем,
Зи тозӣ сӯи марзи деҳқон шавем.

**13. «Осор-ул-боқия»-и Берунӣ (427 қамарӣ / 1035 мелодӣ).**

Саҳ. Қутайба бини Муслим ҳар касро ки хатти хоразмӣ медонист аз дами шамшер гузаронид ва онон ки аз ахбори хоразмиён огоҳ буданд ва ин ахбору иттилоотро миёни худ тадрис мекарданд эшонро низ ба дастаи пешин мулҳақ сохт бад ин сабаб ахбори Хоразм тавре пӯшида монд, ки пас аз ислом намешавад онҳоро донист...

Саҳ. 344. ...дар ин рӯз подшоҳ бо деҳқонону барзигарон муҷолисат мекард ва дар як суфра бо эшон ғизо мехӯрду мегуфт: “Ман имрӯз монанди яке аз шумо ҳастам ва бо шумо бародар ҳастам зеро ақвоми дунё ба корҳое аст, ки ба дасти шумо мешавад...

**14. Фаррухии Сиистонӣ (429 қамарӣ / 1037 мелодӣ).**

Чанд намуна:

Саҳ. 189. Ҷаҳонро дидаму озмудам,
Шунидам гуфтаи тозию деҳқон.

Саҳ. 272. Ҳар кас ба иди худ бикунад шодӣ,
Чӣ ибрию чӣ тозию чӣ деҳқон.
Як саф мирони балъамӣ биншаста,
Як саф пири солеҳ деҳқон.

**15. Девони Унсурии Балхӣ (432 қамарӣ / 1040 мелодӣ).**

Саҳ. 135. Зи Чину Мочин якрӯя то лаби Ҷайҳун,
Зи турку тоҷик, аз туркамону ғузу хазар.

**16. «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ (444 қамарӣ / 1052 мелодӣ).**

Саҳ. 160. Ва дежи Аҳнаф ба Марврӯд (з) ӯ бино кард ва шаҳри Марврӯд(з)ро биситад (з) ба сулҳ ва Абдуллоҳ бини Омир бо деҳқони Ҳирот сулҳ кард...

Саҳ. 162. Ва чун Алӣ бини Абитолиб (рз) ба хилофат бинишаст, Хуросон мар Ҷаъда бини Ҳубайраро бидод (з)... Нома бинавишт сӯи Бароз бини Моҳуя, деҳқони Марв, то хироҷ гузорад. Ва Ҷаъда ба Марв омад(з) ва Бароз ба ҳамаи деҳқонони Марв нома набишт ба тоат доштани Ҷаъда...

**17. Таърихи Сиистон (444 қамарӣ / 1052 мелодӣ).**

Саҳ. 112. Пас шоҳи Сиистон... мубадону бузургонро пеш хонду гуфт: «...сулҳ кунем». Ҳама гуфтанд: «Савоб ояд». Пас расул фиристод, ки мо ба ҳарб кардан оҷиз нестем, чӣ ин шаҳри мардону паҳлавононаст... савоб сулҳ кунад, ки деҳқон мегӯяд ва мо сулҳ дӯсттар аз ҳарб дорем". Амон доду фармон дод сипоҳро, ки силоҳ аз даст дур кунед...

**18. Таърихи Байҳақӣ (470 қамарӣ / 1077 мелодӣ).**

Саҳ. 407. (Ҳаводиси соли 422 қамарӣ): Ва нахуст ки ҳама дилҳоро сард карданд бар ин подшоҳ он буд, ки Бусаҳли Зузанӣ ва дигарон тадбир карданд дар ниҳон, ки моли байъатию васлатҳо, ки бародарат Амир Муҳаммад додааст, боз бояд ситад, ки афсусу ғабн аст, коре ноафтодаро афзун ҳафтоду ҳаштод бор ҳазор ҳазор дирам ба туркону тозикону аснофи лашкар бигузоштан.

Саҳ. 533. Тозикон – ҷамъи тозик.

Саҳ. 609. Тозик – бо касри севум мухафафи тозик, дар назди туркон маънии эронӣ дар муқобили турк дорад.

Саҳ. 1071. Деҳқон муарабу маъхуз аз деҳгони форсӣ. Мансуб ба деҳ ва он дар қадим ба эронии асили соҳиби мулку замин аъм аз деҳнишину шаҳрнишин итлоқ мешудааст...

**19. «Сиёсатнома»-и Хоҷа Низомулмулк (485 қамарӣ / 1092 мелодӣ).**

Саҳ. 146. Чун подшоҳ турк бошад ё тозик ё касе ки тозӣ надонад ва аҳқоми шариат нахонда бошад, лобуд ӯро ба ноибе ҳоҷат ояд то шуғл меронад ба ниёбати ӯ.

**20. «Васиятнома»-и Низомулмулк (дар китоби Муште аз харвор) 485 қамарӣ / 1092 мелодӣ).**

Саҳ. 152. Чун хабари вафоти мо бад-ӯ расад (ба Хоҷаи фақеҳ) шарт азо ба ҷой оварад... ва дӯстони моро аз турку тожик бибинаду...

**21. «Ал-нақиз»-и Абдулҷалили Қазвинӣ (558 қамарӣ / 1163 мелодӣ).**

Саҳ. 135. Ин неъмат дар ин диёру билод муштарак аст аз миёни мусулмонону мушрикону ҷуҳудону муъминону муваҳидон... ва туркону тоҷикон.

**22. «Таърих-ул-вузаро»-и Абураҷои Қумӣ (584 қамарӣ / 1188 мелодӣ).**

Саҳ. 126. Мавохоту масофоти турку тозик муодоту муновот шуд.

**23. Девони Анварӣ (585 қамарӣ / 1189 мелодӣ).**

Саҳ. 147. Турку тозики шумо ҷумла сагонанду харон,
Ки ба ҷуз хурдану хуфтан нашиносанд забон.

**24. «Ат-тавасул ила тарассул»-и Баҳоваддини Бағдодӣ (588 қамарӣ / 1192 м).**

Саҳ. 135. Маҳмуд он аст, ки ҳамгунонро аз дуру наздик ва турку тоҷик дар ин ихтисос мусовот ҳосил бошад.

Саҳ. 146. Фармудем ки ба вақти доду ҳукм... миёни бегонаву хешу тавонгару дарвешу хурду бузурги тозику турк аз ин боб тофовут зоҳир надорад.

**25. Таърихи Табаристони Ибни Исфандиёр (613 қамарӣ / 1216 мелодӣ).**

Саҳ. 147. Ҳазорон ҳазор раҳмати додор кирдугори Парвардигор омурзгор бар тану ҷон... султони тозикон Алисфаҳбад-ул-аъзам...

**26. Девони Атори Нишоб(п)урӣ (618-628 қамарӣ / 1221-1231 мелодӣ.**

Саҳ. 136. Чу яксонаст он ҷо турку тоҷик,
Ҳам аз Эрон ҳам аз Турон дареғо.

**27. «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Авфӣ (620-630 қамарӣ/1223-1232 мелодӣ).**

Саҳ. 147. Арза доштанд, ки бародари ту Султон Муҳаммад... ҳафтод бор ҳазор-ҳазор бор дирам аз хазона ба туркону тозикону аснофи лашкар додааст.

**28. «Одоб-ул-ҳарб»-и Фахри Мудабир (627-633 қамарӣ / 1230-1235 мелодӣ).**

Саҳ. 144. Бидон ки таъбияи рӯзи масоф бар ду гуна аст, яке ҷавқ ҷавқи туркивор ва дигар гуна тоҷиквор, бо майманаву майсараву қалбу ҷиноҳу соқа, ба расми Сосониён, ки подшоҳони аҷам буданд.

**29. «Футуватнома»-и Суҳравардӣ (632 қамарӣ/1234 мелодӣ).**

Саҳ. «136. Аммо сурати ин роҳро арабию аҷамию турку тоҷику авому лашкарию аснофу туҷору ҳама кас битавонад варзидан.

**30. «Нафсат-ул-масдур»-и Зайдарӣ (632 қамарӣ / 1234 мелодӣ).**

Саҳ. 147. Аз хурду бузургу тозику турк ҳар ки офарида ки дар дил муҳаббати ӯ омезишею дар ҷон муваддати ӯ овезише дошт... ҷудоӣ афтода.

**31. Кулиёти Шамси Мавлавӣ (672 қамарӣ / 1273 мелодӣ).**

Саҳ. 136. Агар туркасту тоҷик аст,
Бад-ӯ ин банда наздик аст.
Чу ҷон бо тан, валекин,
Тан набинад ҳеҷ марҷонро.

Саҳ. 145. Як ҳамлаву як ҳамла, к-омад шабу торикӣ,
Чустӣ куну туркӣ кун, не нармию тоҷикӣ.

Саҳ. 278. Турку тоҷику араб гар ошиқанд,
Ҳамраҳанд аз рӯйи маънӣ дар савоб.

**32. Куллиёти Саъдии Шерозӣ**

Саҳ. 144. Рӯи тоҷиконаат бинмой то доғи ҳабаш,
Осмон, бар чеҳраи туркони яғмоӣ кашад.

**33. Таърихи Шоҳӣ (690 қамарӣ / 1291 мелодӣ).**

Ҷумлаи мардуми ин хитта аз ғарибу бумию турку тозик инкор менамуданд...

**34. Таърихи васофи Адиб Абдуллоҳ (712қамарӣ / 1312 мелодӣ).**

Саҳ. 136. Афви ӯ, ки мустақили асароти бандагон буд, мустақбали ҷароими дуру наздику турку тоҷик мегашт.

**35. «Ҷомеъ-ул-таворих»-и Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ (Таърихи Сомониён ва... , 718 қамарӣ/1318 мелодӣ).**

Саҳ. 5. Ин таърихи мухтасаре аст муштамил бар шарҳи ҳолу мақомоти Султон Маҳмуд ибни Сабуктегин бини Сарнак бини Ағами Ёғуӣ ва бархе аз аҳволи оли Сомон, ки хешони эшон буданд, ва аҳволи оли Буя, ва аз ахбору осори мулуки тавоифу умарои атрофро мутазамин аст, ки ба табаият лозим меояд, ба иборате ки ба идроку афшом қариб буд ва турку тозик онро бидонанд. Ва аз такаллуфу тасаллуф дур бошем ва аз ҳикояте ки аз услуби китоб баид буд таҷануб намоем.

**36. Назории Қаҳистонӣ (720 қамарӣ / 1320 мелодӣ).**

Саҳ. 148. Эй офати ҷони турку тозик,
Бехобу хур аз ту дуру наздик.

**37. «Таърихномаи Ҳирот»-и Сайфи Ҳиравӣ (721 қамарӣ / 1321 мелодӣ).**

Саҳ. 131. Шоҳзода Чағатой аз ин маънӣ бағоят дар ранҷ шуд. Муқарибони даргоҳи худро талаб дошт ва гуфт: «Бидонед, ки бародарам Актой мусулмононро дӯст медорад... акнун чӣ маслиҳат мебинеду тадбири ин кор чист?". Умарои лашкару вуҷуҳи сипоҳи ӯ яксар замин хидмат ба лаби изати муқбил дода... арза доштанд, ки бародарро дар хилват насиҳат кунӣ, бошад ки сухани ту бишнавад ва тарки муҳаббати тожикон гирад».

**38. «Тӯтинома»-и Имод бини Муҳаммад (730 қамарӣ / 1330 мелодӣ).**

Саҳ. 148. Чандин ҳазор халоиқ аз турку ҳабашию тозику чинию хутанию румию зангӣ... аҳрори даргоҳ... мегиранд.

**39. «Маҷмаъ-ул-инсоб»-и Шабонкораӣ (733-743 қамарӣ/1332-1342 мелодӣ).**

Саҳ. 137. Ҳайдари қасобро бо лашкаре аз муғулу тоҷик он ҷо гузоштанд.

**40. «Нузҳат-ул-қулуб»-и Ҳамдуллоҳи Муставафӣ Қазвинӣ (740 қамарӣ / 1339 мелодӣ).**

Саҳ. 128. Тасуҷ қасабае аст бар ду марҳилаӣ табрез ба ҷониби ғарбӣ ва дар шимолии буҳайраи Чичуст афтодааст... суконаш аз турку тоҷик мамзуҷанд.

**41. «Дастур-ул-афозил»-и Ҳоҷиби Хайроти Деҳлавӣ (743 қамарӣ / 1342 мелодӣ).**

Саҳ. 137. Луғоти тозию туркию муғулӣ... ва забони муғону сурёнию фалосифаи тоҷику ибронию забони розиёну ҳаҷариёну вилояти Мовароуннаҳру истилоҳи шуарои ҳар шаҳр берун овардаву тартибу таҳаҷӣ дода...

**42. Таърихи Руёни Авлиёуллоҳ (746-765 қамарӣ / 1345-1363 мелодӣ).**

Саҳ. 137. Малик Ардашер ба мақоми тағйир ҳишам ҷамъ карду бо чаҳордаҳ ҳазор турку тоҷику ёйӣ рӯй ба Руён ниҳод.

**43. «Дастур-ул-котиб»-и Муҳаммад бини Ҳиндушоҳ (767 қамарӣ / 1365 мелодӣ).**

Саҳ. 137. Аз лашкариёну аќвоми муғулу тоҷику луру акроду атроку аъробу халҷон...

Саҳ. 148. Дуру наздику турку тозик сар бар хату мутовиату мувофиқат ниҳоданд.

**44. Девони Ҳофизи Шерозӣ (792 қамарӣ/1390 мелодӣ).**

Саҳ. 137. Эй баста камар зи дуру наздик,
Бар хуни тамом турку тоҷик.

**45. «Мусомират-ул-ахбор»-и Оқсароӣ (қарни 8 қамарӣ).**

Саҳ. 137. Бо ҳазорае аз лашкари муғул ва мисли он аз тоҷик ва бар сари авлоди қиромон бад-он вилоят рафт.

**46. «Саодатнома»-и Алии Яздӣ (801 қамарӣ / 1398 мелодӣ).**

Саҳ. 175. Рӯзи одина бисту ҳаштум моҳ чун аз сайд фориғ шуданд ҳашт куруҳ роҳ қатъ фармуда дар киштзоре нузул фармуданд (ки) дар нузҳату сафо чун ҷойи хирадманд, ва дар хазрату тароват ғайратнамои марғзори Ирам, ба мавзеъе ки онро Ҷаҳон хонанд ва сарҳади Кашмир аст. Ва шаби шанбе бисту нӯҳум моҳ аз мавзеъи Ҷаҳон кӯч карда ва чаҳор куруҳ роҳ рафта ба канори оби Дандана расиданд. Ва дар ҳамон рӯз аз пул убур фармуданд. Ва дар гузаштан аз он пул дарвешони лашкарро аз турку тоҷик мувоинату мусоидат намуданд. Ва Амир Шоҳмалику Ҷалолулисломро маъмур гардониданд, ки маҷмуи лашкарро аз пул бигузаронанд.

**47. «Зафарнома»-и Низомиддини Шомӣ (804 қамарӣ / 1401 мелодӣ).**

Саҳ. 137. Аз атрофи мамолики Турону Эрон, аз турку тоҷику араб ашрофи тавоиф аз содоту уламову машоиху қузот... ҷамъ буданд.

**48. «Тузук»-и Темурӣ (807 қамарӣ / 1404 мелодӣ).**

Саҳ. 90. Ҳар тоифаву ҳар қабила аз турку тоҷику арабу аҷам, ки ба давлатхонаи ман даромаданд бузургони эшонро к(г)иромӣ доштам ва соири эшонро фарохури аҳвол навозиш намудам. Ва ба ниёкони эшон некӣ кардам ва бадони эшонро ба бадии эшон супурдам...

Саҳ. 166. Рӯзе ки мамлакати Туронро мусахар сохтам ва дар тахтгоҳи Самарқанд бар сарири салтанат ҷулус намудам ба дӯсту душман яксон сулук кардам. Умарои Бадахшону баъзе умарои қушунот аз турку тоҷик, ки ба ман бадиҳо кардаву ҳелаҳо барангехтаву бар ман шамшерҳо кашида буданд ва аз кирдори нописандидаи худ мутавахим мебуданд чун ба ман илтиҷо оварданд чандон эҳсон кардам, ки шармандаи инояту эҳсони ман шуданд. Ва ҳар касро ки ранҷонида будам ба эҳсону инъом талофии ранҷиши вай кардам ва ба маротиби лоиқ эшонро имтиёз бахшидам.

**49. «Мунтахаб-ул-таворих»-и Муини Натанзӣ (816-817 қамарӣ / 1413-1411 мелодӣ).**

Саҳ. 138. Саворон аз таҳури тоҷику мардонагӣ пиёдагони риҷола мутааҷиб монда, аз саҳми тири дилдӯзу санги оташафрӯз инон тофтанд.

Саҳ. 148. Чун тозикро дар маҷлиси хоси ӯ ихтиёр тамом буд, умарои муғул ба танг омаданд.

**50. Фароиди Ғиёсӣ (нимаи аввали қарни 9 қамарӣ).**

Саҳ. 138. Аз дуру наздик пеши турку тоҷик осори он ба зуҳур пайвандад.

Саҳ. 149. Дуру наздику турку тозик сар бар хати фармони он сояи яздон ниҳодаанд.

**51. «Ҷомеъи муфидӣ» Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ (827-834 қамарӣ / 1424-1430 мелодӣ).**

Саҳ. 137. Турку тоҷикро ба ҳамдигар,
Хасмию гирудор мебинам.

**52. «Зубдат-ул-таворих»-и Ҳофизи Абру (830 қамарӣ / 1427 мелодӣ).**

Саҳ. 702. Ҷилди 2. Ва Амир Ҳоҷибек ҳар рӯз як бору ду бор ба ҷанг берун меомад ва лашкари турку тозик, ки бо Амир Оқ буқу Баҳодур омада буданд ҷангҳои мардона карданд...

Саҳ. 780. Ҷилди 2. ...ҷумҳури тавоифи дуру наздик аз туркон порсию тозик дил бар хироҷ гузоридану боҷ супоридан ниҳода ба тавъу рағбат ба вазифаи хидматкорию бурдорӣ машғул гашта.

**53. «Ҷуғрофия»-и Ҳофизи Абру (833 қамарӣ / 1429 мелодӣ).**

Саҳ. 186. Ҷилди 3. Хабар расид, ки умарои авғону ҷурмову аҳшом сари тамарруду фитна доранд. Ва Амир Муҳаммади Ҷурмоӣ муқаддами эшон аст бо Гударз дар қалъаи Серҷон мутаҳасин шудаву фитна ангехта. Амир Ӯку салоҳ чунон дид, ки паҳлавон Алии Қурчӣ, ки дар айёми Султон Аҳмад ҳокими авғон буд бо лашкаре аз турку тозик мутаваҷеҳи ҳазора шаванду дафъи фитна намоянд.

**54. «Таърихи Язд»-и Ҷаъфарӣ (850 қамарӣ / 1446 мелодӣ).**

Саҳ. 138. Муаллифи ин рисола... чунин гӯяд, ки чун аз таърихи кабир... ки аз ибтидои офариниши оламу одам... ва машоҳир аз арабу аҷаму турку тоҷик... боз пардохтам ин рисола ҷамъ кардам мавсум ба “Таърихи Язд”.

**55. Озарии Тусӣ («Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ, 866 қамарӣ / 1462 мелодӣ).**

Саҳ. 149. Ҳар ду аз ақрабои наздиканд,
Филмасал гарчи турку тозиканд.

**56. «Осор-ул-вузаро»-и Ақилӣ (нимаи дувуми қарни нӯҳуми қамарӣ).**

Саҳ. 138. Овоз дод ки Абулҳасани Ақилиро бихонед то мушриф бошад, ки ин тоҷикон ҳама яке бошанд ва муҳобо кунанд дар пайғоме, ки диҳам.

**57. Матлаъи Саъдини Самарқандӣ (875 қамарӣ / 1470 мелодӣ).**

Саҳ. 8. Ҷилди 1. Сарбадорон дар садади раҳо сохтани кишвар аз қайди тасаллути муғулону ғуломони ҳалқа ба гӯши турку тоҷики онон буданд. Ва дар ин роҳ ҳар чанд хуш дурахшиданд ва ҳатто Туғотемурхон охирин амири доиядори муғулро дар саропардаи хеш ба хоку хун кашиданд, вале давлати мустаъҷале доштанд ва пас аз ҷанги Зова дар 13 Сафари соли 743 ҳиҷрӣ, ки амир Ваҷиҳиддин Масъуд сарбадоре аз мулки Ҳусейн карат шикаст хӯрд. Сарбадорон дигар камар рост накарданд ва ҳукумате ба нотавонӣ танҳо бар Сабзавору Нишоб(п)уру атрофи он доштанд, то ин ки Темур охирини онон Хоҷа Алӣ Муайидро ба фусуну афсун дар ҳалқаи итоати хеш даровард.

Саҳ.68. ҷилди 1. Эшон ба сухани малик илтифот накарданду гуфтанд тозик моро метарсонад. Шаҳзода Ясур бо султон мухолифат накунад ва лашкари ӯ низ чандон нест, ки ба Хуросон тавонад омад.

**58. «Таърихи Табаристону Руёну Мозандарон»-и Маръашӣ (881 қамарӣ / 1476 мелодӣ).**

Саҳ. 138. Лашкари турку тоҷик то Руён даромад ва ғорату тороҷи маҳкам карданд.

Саҳ. 149. Гуфт мобайни турку тозик масолики торику маҳолики борик дар миён аст.

**59. «Равзот-ул-ҷинот»-и Исфазорӣ (899 қамарӣ / 1494 мелодӣ).**

Саҳ. 113. ...тозикон бағоят мардуми кису муҳандис бошанд, хоса мардуми Ҳирот, ки дар шароити ҳазм, ва тасмими азм, ва қавоиди разм, ва масолеҳи базм саромади аҳолии оламанд....

**60. «Равзат-ул-сафо»-и Мирхонд (903 қамарӣ / 1497 мелодӣ).**

Саҳ. 3316. Ва дар он мавзеъ рӯзе чанд иқомат намуда то асҳоби атроф муҷтамаъ гаштанд. Он гоҳ бо лашкари бузург аз тоҷику турк равон шуд ва то зоҳири шаҳри Ҳирот дар ҳеҷ макон таваққуф нанамуд...

Саҳ. 3366. Атобак назлҳои гаронмоя аз зарнақду ҷавоҳиру зародхонаву боргоҳу олоти шаробхонаву матбаху ғуломони турку тоҷику ҳабашию ҳиндӣ ба хидмати султон фиристод...

**61. «Дастур-ул-вузаро»-и Хондамир (914 қамарӣ / 1508 мелодӣ).**

Саҳ. 150. Фармони Ҳумоюн нифоз ёфт, ки сардории лашкари мутаалиқ ба вай бошад.

**62. Таърихи Хонии Лоҳиҷӣ (920 қамарӣ / 1514 мелодӣ).**

Саҳ. 139. Лашкаре аз турку тоҷики дуру наздик ҷамъ омада буданд.

**63. «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир (930 қамарӣ / 1524 мелодӣ).**

Саҳ. 374. Ҷилди 3. Амири донишманд гуфт: “Эй тозики булфузул ту ба кадом иститоат аз тоати ман тақоуд намудӣ ва бо ин чанд рустоии маҷҳул дар ин қалъа хазидӣ?”.

**64. Бобурнома (937 қамарӣ / 1530 мелодӣ).**

Саҳ. 83. ...ақвоми мухталиф дар вилояти Кобул бисёр аст. Дар ҷилгаҳову майдонҳо атроку эмоқу аъробанд. Дар шаҳру баъзе деҳҳо тоҷиконанд ва дар баъзе мавозеи дигар ва вилоёт аз пашаию парончаву тоҷику туркию афғононад. Ва дар кӯҳистони Ғазна ҳазораву навказрӣ аст, дар миёни ҳазора баъзе ба забони муғул ҳам сухан мекунанд.

**65. «Аҳсан-ул-таворих»-и Румлу (985 қамарӣ / 1577 мелодӣ).**

Саҳ. 139. Дуруштиро шиори худ сохтаву турку тоҷикро ранҷонидаву рамонид.

**66. «Хулосат-ул-таворих»-и Қозии Аҳмади Қумӣ (999 қамарӣ / 1591 мелодӣ).**

Саҳ. 139. Ҷамъе аз тоҷикони хушомадгӯй ки дар хидмати Навоби Комёби Аъло буданд ҳамеша суханони муваҳиш навишта мефиристоданд.

**67. Таърихи Фаришта (1018 қамарӣ / 1609 мелодӣ).**

Саҳ. 29. Ёфс ба муҷиби ҳукми падар, ба ҳудуди машриқу шимол рӯй ниҳод. Дар он мулк ӯро фарзандон падид омаданд. Аршади авлод, Турк ном дошт. Ва ҷамиъи Туркони рӯзгор аз муғулу ӯзбеку ҷағатою туркманони Эрону румия аз насли ӯянд. Ва писари дувуми Ёфс Чин ном дошт, ки мулки Чин бад ӯ мавсум аст. Ва фарзанди севуми Ёфс Арус аст ки фарзандонаш сарҳади мамлакати шимолро то зуламот фурӯкаш карда, ободон сохтаанд, аҳли тоҷику ғуру сақлоб аз насли ӯянд.

**68.** Девони Назирии Нишоб(п)урӣ (1021-1023 қамарӣ/1612-1614 мелодӣ).

Саҳ. 139. Шуд ғайрати кору бори ишқат,
Зунор миёни турку тоҷик.

**69. «Нақоват-ул-осор»-и Маҳмуди Натанзӣ (998 қамарӣ / 1590 мелодӣ).**

Саҳ. 150. Бо нӯҳ кас ки панҷ нафар турк ва чаҳор нафар тозик буданд, бар болои пуштае ронда фуруд омад.

Саҳ. 152. Бо баъзе аз акобиру мутаинони тозикия монанди Мирзо Муҳаммади Муншӣ ва масҳуб ҷамъе касир аз қурчиёни ғозиён зоҳир шуд.

**70. «Эҳё-ул-мулук»-и Малик Шоҳҳусейни Сиистонӣ (1028 қамарӣ / 1619 мелодӣ).**

Саҳ. 140. Ба эҳзори лашкариён амр шуд дар ду се рӯз, се ҳазор кас аз турку тоҷик ба ҳам расид.

**71. Девони Толиби Омулӣ (1036 қамарӣ / 1627 мелодӣ).**

Саҳ. 140. Теғ мебояд гушуду ишқ мебояд кашид,
Нест дар туркӣ намак, тоҷик мебояд шудан.

**72. «Таърихи Гелон»-и Фуминӣ (1038 қамарӣ / 1628 мелодӣ).**

Саҳ. 140. Аз тарадудоти урдуву тавақуоти муқарибону умаро аз турку тоҷику ҳинду ба танг омада... беиҷозат... равонаи Гелон мешавад.

Дареғо ки султони Гелон намонд,
Дареғо ки Маҳмуди Султон намонд.
Зи зулму ҷиноёти тоҷику гил,
Зи Исҳоқия шаҳ ба Гелон намонд.

**73. «Оламоро»-и Аббосии Искандарбеки Муншӣ (1052 қамарӣ / 1642 мелодӣ).**

Саҳ. 139. Наҷми Сонӣ ва чанд нафари дигар аз аёни турку тоҷикро гирифта ба миёни худ бурданд.

Саҳ. 150. Нудамову мутрибон ки мардумони тозик буданд, аз бими шамшер сари худ гирифтанд.

**74. «Ҳадиқат-ул-салотин»-и Мирзо Низомиддини Шерозӣ (1053 қамарӣ / 1643 мелодӣ).**

Саҳ. 140. Аз мароҳими хоқон сикандар мақом мардуми дуру наздику турку тоҷик баҳраманд мегарданд.

**75. Девони Калими Кошонӣ (1061 қамарӣ/ 1651 мелодӣ).**

Саҳ. 140.
Ғариқи раҳмати ӯ дуру наздик,
Ғуломи ҳимати ӯ турку тоҷик.

**76. «Дураи нодира»-и Маҳдихони Астарободӣ (1160 қамарӣ / 1747 мелодӣ).**

Саҳ. 150. Оламро аз зулм бар чашми турку тозик торик карда.

**77. “Оламорои нодирӣ”-и Козими Марвӣ (1160 қамарӣ/1747 мелодӣ).**

Саҳ. 141. Хотири дуру наздику турку тоҷикро ба вазоифи бедареғ тасало бахшиданд.

**78. Рӯзномаи Мирзо Муҳаммади Калонтари Форс (1160-1199 қамарӣ / 1747-1785 мелодӣ).**

Саҳ. 14165. Як сол набуд, ки даҳ рӯз хонаам аз меҳмон холӣ бошад... аз Илчиёни Руму Бағдод... курду турку тоҷику арабу аҷаму ҳинд.

**79. «Ҷаҳонгушо»-и Нодирӣ (1171 қамарӣ / 1758 мелодӣ).**

Саҳ. 422. Эшон низ ночор он чи аз хешу бегона ва ҳам шаҳрию ҳам хонаву дуру наздику турку тоҷик дида ё надида ва исмашро шунида буданд, шарики худ ба қалам медоданд.

**80. Таърихи Аҳмадшоҳӣ (1187 қамарӣ / 1773 мелодӣ).**

Саҳ. 142. Саҳибихтиёрии қатъу фасли муҳимоти акрод ба уҳдаи Ҷаъфархон ва ҳалли акди умури атрок ба Юсуфалихони Ҷалоир ва интизоми корҳои аъробу ҷамоати тоҷикия ба зиммаи банда...

Баргардон аз форсӣ: Бобомуллоев Борбад

***А. Девонақулов***

# ТОҶИК*

Ба ин унвон аз миллате ёд мешавад, ки дорои таърихе атиқа ва тамаддуне ғанӣ аст ва дар риштаҳои гуногуни ҳаёти фарҳангӣ ва иқтисодиаш асрор ниҳон аст. Калимаи тоҷик дар хазинаи луғавии забони азимушшаъни форсӣ маонию арзишҳои бешуморе дорад ва бешак мушаххасоти комили он дар ин гуна мақолаи кучак намегунҷад. Бинобар ин, умедворем, ки забоншиносон, муҳаққиқону адибон дар кашфи асрори ин калима имрӯз ва фардо ҷиддӣ машғул ба кор гарданд.

Дар мавриди истилоҳи «тоҷик» ҳарчанд шарқшиносон ва донишмандони олам таҳқиқоти пурарзиш кардаанд, боз ҳам метавон домани баҳсу андешаро густариш дод, зеро дар таълифоти баъзе аз уламо ҳанӯз ба норавшанӣ ва шакку шубҳа дучор меоем. Маълумоти мавҷудаи онро метавон ба ду бахш қисмат намуд: Бахши аввал маълумоти фарҳангӣ ва фикру пешниҳоди муҳаққиқон дар бораи калимаи тоҷик ва маънои он.

Муаллифони фарҳангҳои қадим ва ҷадид аз қабили «Ғиёс-ул-луғот», «Мунтахаб-ул-луғот», «Фарҳанги Рашидӣ», «Бурҳони қотеъ», «Сироҷ-ул-луғот», «Латоиф-ул-луғот», «Низом-ул-атбоҳ», «Анҷуманоро», «Онандроҷ», «Фарҳанги Низом», «Фарҳанги форсӣ» «Луғатномаи Деҳхудо» ва ғайра калимаи тоҷикро мавриди баррасӣ қарор дода, аммо мафҳуми луғавӣ ва истилоҳии онро ба таври гуногун изҳор кардаанд.Тибқи ин баёноти сарчашмаҳои фарҳангии тоҷик пеш аз ҳама номи қавм ва миллиятро баён мекунад.

Чунон ки дар «Бурҳони қотеъ» «тоҷик бар вазни солик аст ва тоҷик ғайри араб ва туркро гӯянд.», дар «Фарҳанги форсӣ» тоҷик (тоҷик) ва тот (раъият) ва ҷик (пасванди тасғир) буда, умуман ғайритурк. Он ки турк ва муғул набошад. Бештар фарҳангҳои зикршуда бар ҳамин ақидаанд, аммо дар фарҳангҳои дигар тазоди фикри болоро мебинем. Чунон чи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» менависад: «Тоҷик авлоди араб, ки дар Аҷам бузург шуда бошад ва аксари эшон савдогар бошанд». Дар мавриди дигар, навиштаи фарҳанги «Онандроҷ» аҷибтар аз он чизе аст, ки хондем. Ӯ менависад: «Тоҷик арабзодае, ки дар Аҷам калон шавад ва номи вилоят ва тоифаи ғайриарабӣ бошад. Ва дар «Луғоти туркӣ» ба маънии «аҳли Фурс» навишта.

---

* Мирзо Шукурзода. Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. Чопи дувум. Гирдоварӣ ва пажӯҳиши Мирзо Шукурзода.- Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 337-341.

Аз шарҳи муаллифони ин ду луғатнома ва луғатномаҳои дигар бармеояд, ки дар замонҳои хеле қадим ба сабаби ҳамсоягии мардуми араб бо мардуми Эронзамин арабҳоро «тозик» меномидаанд. Чунон чи дар ҳошияи «Бурҳони қотеъ» мехонем: «Эрониён қабилаи Тай аз сарзамини Яманро, ки бо онон тамоси бештар доштанд (дар замони Анушервон Яман мустаъмараи Эрон шуд), «тозӣ» ва мансубон бад-онро «тозик» мегуфтанд ва сипас ин итлокро бо ҳама араб таъмим доданд».

Муаррихи машҳур Бартолд ақидаи худ дар бораи калимаи тоҷикро бар асоси ҳамин санад қувват бахшидааст ва дар мавриди гуфтаи «Ғиёс-ул-луғот», ки бар асоси он «аз тоҷик гоҳе савдогар мурод бошад» мегӯяд, ин сухан ҳақиқати таърихӣ дорад, зеро тиҷорат оламу одам шинохтан аст ва василаи бузурге барои ошноии ашхосу қабоилу халқҳо ва ҳатто давлатҳо ба шумор меравад. Тоҷикон аз қадим барои ин рукни муҳими зиндагӣ аҳамияти хос қоил буданд. Самарқанду Бухорову Балху Хуҷанду Кобулу Ҳироту Машҳаду Нишопур аз аввал амокини аслии зисти онҳо будааст ва онҳо як умр ба тиҷорат машҳур будаанд. Аз ин лиҳоз низ исми тоҷик ҳикмати зиёде дар худ ниҳон дорад.

Дар «Фарҳанги форсӣ» чунин сабт шудааст: 1-тоҷик: ғайриараб ва турк ва мардуми порсӣ. 2.Ва мардуми арабе, ки дар мамолики порсон зойида шуда ва бузург гашта баромада бошанд. 3.Ва ғуломи озода, ки машғули зироату кишоварзӣ бошад. Ин маълумот ҷуз такрори фикрҳои пешин чизе нест, вале бо тозагиш монанди маълумоте ҷадид диққати моро ҷалб мекунад. Ифодаи «ғуломи озода, ки машғули кишоварзӣ ва зироат бошад» хеле аҷиб аст, зеро тоҷикҳо ҳама умр ба дастранҷи хеш даштҳову кавирҳо ва доманакӯҳҳоро мубаддал ба боғу бӯстон кардаанд ва табиати мардуми бумӣ ҳамеша моил ба киштy шиёр ва эҳёи зиндагӣ будааст. Албатта ин нукта мавзуе аст, ки тақозои бахше дигарро дорад. Аммо чун иттилои бештари фарҳангнависонро бозрасӣ кунем, метавон хулосаи зеринро қотеона ҷонибдор шуд: «Тоҷик» мардуме ғайритурк ва ғайриараб, ки дар Мовароуннаҳр сокин бошанд. Сонияи, калимоти «тоҷик», «тозӣ» ва «тоҷик» замоне мафҳуми арабро ифода мекарданд, яъне арабҳое, ки аз марокизи хеш берун монда ва ба камол расидаанд. Ва билохира калимаи тоҷик баёнгари мафҳуми савдо ва савдогар ва ашхосе маишӣ будааст.

Дар олами илм низ калимаи тоҷик ба унвони истилоҳ ва ҳам ба унвони луғат диққати донишмандони ватанию хориҷиро ҷалб намудааст. Баъзе аз онон ба ин истилоҳ таваҷҷӯҳи вижа зоҳир кардаанд ва баъзе дар мавриди он суханоне саҳлу сустниҳод гуфтаанду рафтаанд. Аз ҷумла Бартолд, устод Айнӣ, Ғафуров, Боровков, Карл Риттер, Хаников, Пантосев, Будаков, Делягард, Масловский, Юсти, Катермал, Нёлдеки, Хартман, Умняков, Розен Филд, Климчитский, Берёзин, Кримский, Астробон, Ан-

древ, Бабринский, Мюллер, Маликушшуарои Баҳор, Муҳаммад Муин, Бекмурод Сиёев ва ғайра, ки маонии луғавӣ, истилоҳӣ ва давраҳои таърихии калимаи тоҷикро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Фикрҳо аксар мухталиф ва баҳсталабанд ва умдатан метавон фармудаи аксари ононро чунин таъйид намуд:

Калимаи тоҷик дар ибтидо аз калимаи тозии «тай» буда, ба маънии араб истеъмол мегардад. Ин фикрро, махсусан Бартолд пешниҳод намуда, чунин исбот мекунад, ки туркони дашту саҳро баъд аз форсҳои Осиёи Марказӣ дини исломро пазируфтанд. Аз ин рӯ дар тарғиб ва таҳкими ислом нақши мардуми эронзамин кам нест. Чун туркҳо ба ҳукми арабҳо ойини исломро қабул мекарданд ва форсиёни Мовароуннаҳр низ дар ин кор ҳамдӯши арабҳо буданд, ба ин хотир туркон онҳоро ҳам «тозӣ» меномиданд.

Баъдтар онҳо чун тафовути байни араб ва форсро дарк карданд ва барои шинохти форсиёни Мовароуннаҳр аз аъроб ононро «тоҷик» ё «тозик» номиданд. Боз ақидае аст, ки гӯё калимаи тоҷик аз калимаи тот ба вуҷуд омадааст. Яъне тот ба маънии раъият ва «ҷик» ҳамчун пасоянд. Гурӯҳе мехоҳанд собит кунанд, ки истилоҳи «тоҷик» аз калимаи «таг» ва «так» ба вуҷуд омадааст. Гурӯҳи дигар пайдоиши ин калимаро бо истилоҳи чинӣ «тяо-чзӣ» марбут донистаанд. Гурӯҳе бар ин ақидаанд, ки исми тоҷик дар иртибот бо тоҷ ва ё кулоҳ падид омадааст. Чунон чи Хаников, Боровков, Будаков, Масловский, Бекмурод Сиёев ва дигарон ҷонибдори ин ақидаанд. Дар ин миён шарқшинос Хаников саҳве ҷиддӣ содир кардааст, ки қисмате аз хатои ӯро Бекмурод Сиёев дар мақолае бо унвони «Истилоҳи тоҷик ва решашиносии он» ислоҳ менамояд. Хаников изҳор менамояд, ки калимаи тоҷикро арабҳо ҳамчун ифодагари ойини зардуштӣ дониста, бо он таҳдид мекардаанд. Талаффуз ва навиштори ин калима то асри XVII хатарнок буда ва гӯё фақат дар асри Бобуршоҳ мо ба ин калима бархӯрд мекунем. Эшон барои тасдиқи фикри хеш менависад, ки дар «Фарҳанги Рашидӣ» ва дигар осори хаттии асрҳои XI ва XVII сабт нашудани ин калимаро сабаб ҳамин будааст. Аммо Хаников огоҳ нест, ки дар осори Маҳмуди Қошғарӣ, Юсуфи Баласоғунӣ, Байҳақӣ (асри XI), Ҳаким Саноӣ, Саъдии Шерозӣ (қарни XII) ва ғайра калимаи тоҷик борҳо мавриди истифода қарор гирифтааст. Ғайр аз он чи ки Сиёев зикр менамояд, ин калимаро дар даҳҳо маъхази қадимтар аз онон низ метавон дид.

Муаллифи «Таърихи Қозонӣ» (садаи XIII, XIV) дар бораи фаҳму идроки вазирони рӯзгори муғул чунин ёдовар мешавад: «Вузаро ва ҳукамои тозик даст аз эшон боз надоштанд ва агар муфсиде мехост, ки арзи эшон бибарад, монеъ мешуданд». Мутаассифона, Хаников бар

асоси ягона нусхаи ноқиси «Фарҳанги Рашидӣ» чунин ҳукм меронад: «Мо дар нусхаи дигари ин фарҳанг роҷеъ ба калимаи тоҷик маълумоти зайлро дарёфтем: тоҷик, тозик ва тоҷик, ҳар се луғат ба касри солис, ғайри мардуми турк, ки дар Аҷам бошанд.

Аз калимаи тоҷ ба вуҷуд омадани истилоҳи тоҷик ба назари Бартолд машкук менамояд, ки то андозае ҳақ ба ҷониби эшон аст, зеро тоҷ калимаи арабӣ буда, ба забони форсӣ пас аз ҳуҷуми арабҳо ба ин сарзамин ворид гардидааст. Гузашта аз он, калимаи «тозик» тибқи нишондоди Муҳаммади Муин лафзи паҳлавӣ буда, дар ибтидо тозӣ ва баъдтар ба тозик бадал гардидааст. Модоме ки тозик сирф калимаи паҳлавӣ аст, пас ҳеҷ иртиботе ба «тоҷ»-и арабӣ надорад.[1] Аз ҷониби дигар, аҷаб нест, ки мардуми турк сокинони Мовароуннаҳрро дар ибтидо тот номидаанд ва баъдтар барои фарқ гузоштани онон аз тозӣ, яъне аз араб, онҳоро тоҷик номида бошанд. Аз сӯйи дигар халқе, ки дар ин қисмати Эронзамин аз аввал сукунат дошт ва соҳиби забону ойину кеши хосе буд, бидуни шак номи унвони худро низ бояд дошта бошад. Пас чаро иддае аз муҳаққиқини муҳтарам ҷони хешро дар азоб ниҳода, тоҷикро бо араб ё турк, ки аслан решае дар ин марз надоранд, илҳоқ ва махлут месозанд?

Ва боз ишораи ховаршиносони гиромӣ таваҷҷуҳи моро то андозае ба он ки калимаи «тоҷик» аз «тохтан» бармеояд, ҷалб намуд. Зеро калимаи паҳлавии «тоз» ба шакли масдари «тохтан», яъне «тоз» шабоҳат дорад. Дар повараќи «Бурҳони қотеъ» аз Муҳаммад Муин чунин ишорае мебинем: «аз тоз (нисбат), дар паҳлавӣ тозик».

Акнун мо калимаи «тоз»-и паҳлавиро дар фарҳангҳо меҷӯем. Дар ҳамон «Бурҳони қотеъ» дар мавриди ин калима чунин мехонем: «Тоз- маъшуқ ва маҳбубро гӯянд ва ба маънои тозанда низ омадааст». Ва дар «Фарҳанги Рашидӣ» низ дар баробари дигар маъниҳо «ба маънии маҳбуб гуфта» дар осори бузургони адабиёт ҳамчунин, аз ҷумла дар «Шоҳнома» мехонем:

*Бад-ӯ гуфт модар, ки эй този мом,*
*Чӣ будат, ки гаштӣ чунин зардфом?*

Чунон ки дарёфтем, ин ҷо тоз ба маънои маҳбуби модар, дӯстдори модар ё ҷони модар ба кор рафтааст ва дар як байти Сӯзании Самарқандӣ калимаи тоз чунин ифода гардидааст:

*З-он рӯй, ки доми дили ҳар тоз мудом аст,*
*Мавлои мудомему мудомему мудомем.*

Агар ба вуҷуд омадани «тозик»-и паҳлавӣ аз калимаи «тоз»-и паҳлавиро ҳамчун тарзи калимасозии «пешоник» (он ҳам дар забони паҳлавӣ) қабул бинамоем, ба ҳақиқат наздиктар аст. Ба иловаи ин «Дар Фарҳанги истилоҳоти илмӣ» калимаи тозӣ ба тариқи зайл ташреҳ гардидааст: «Тозӣ сурати фалаки кучаке воқеъ дар нимкураи самовии шимоли Каҳкашон маъруф дар ин сурати фалакӣ аст». Ҳамчунин дар «Фарҳанги Онандроҷ» аз қавли Фарзонаи Баҳром ибни Фарзонаи Фарҳод ривоят оварда мешавад:

«Тоз номи яке аз писарони Сиёмак буда, тозиён аз насли ӯянд. Ва аз баъзе таворих низ чунин маълум мешавад, ки Тоз писарзодаи Сиёмак ибни Мишо ибни Каюмарс буда ва падари ҷумла араб аст ва нисбати тамоми араб ба тоз мерасад, чунон ки нисбати ҳама аҷам ба Ҳушангшоҳ мерасад».

Агар ин ки истилоҳи тозик мафҳуми арабро ифода кунад, ба ҳамин ривоят иртибот дошта бошад, пас мавҷудияти чунин ривояте, ки наҷоди эрониёнро ба Ҳушангу тӯрониёнро ба Тоз мансуб медонанд, низ аз эҳтимол дур нест, зеро дар таърихи мардуми Эронзамин ривояте аст, ки Туронро деҳ ва Эронро шаҳр ҳисоб мекарданд. Албатта, ин гумонҳо ба таҳқиқоти амиқи илмӣ ниёз доранд.

Хулоса, агар калимаи тоҷик маънои халқу миллият ва мардуми Мовароуннаҳрро ифода бинамояд, пас луғате ба маънои алоқаманд ба эҳсосоти наҷиби инсон ва ишқу муҳаббат аст, яъне тоҷикон ба маънии ишқварзон ва ошиқпешагон омадааст. Ҳамчунин аждоди тоҷик, чунон ки таърих гувоҳ аст, ба илми нуҷум муътақиду алоқаманд будаанд. Шояд ҳамон маликаи «тозӣ», ки ифодакунандаи суръати фалаки хурд дар самовот буда ва ситораи Каҳкашонро дар оғӯши худ ҷо додааст, муҷиби пайдоиши «тозик»-и паҳлавӣ шуда бошад ва пас аз истилои арабҳо тозик ба тоҷик мубаддал гардидааст.

## ПАЙНАВИШТ

1. Чун тоҷик вожаи сирф паҳлавист, аҷаб не калимаи «тоҷ» ҳам баргирифта аз ҳамин реша бошад (М.Ш.).

*Н. Неъматов*

# ДАР БОРАИ ЭТНОНИМИ «ТОҶИК»*

Истилоҳи «тоҷик» дар маъхазҳо каме дертар, дар нимаи якуми асри XI пайдо шудааст. Ин ном аз берун наомада, балки худи халқ худро ҳамин тавр номидаанд. Дар маъхазҳои асри X ин истилоҳ ба маънои номбурда дучор намеояд. Масалан, дар «Ҳудуд-ул-олам» зери истилоҳи «тозӣ» арабҳо дар назар дошта шудаанд.[1] Аз ин рӯ муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки истилоҳи «тоҷик» то миёнаи асри XI номи аслии аҳолии муқимии зироатии Мовароуннаҳр, Хуросон ва шимолии Афғонистон гардидааст.[2]

Дар масъалаи пайдоиши ин истилоҳ ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Аз ҷумла, таъбири халқии калимаи «тоҷик» чун «шахси тоҷдор» (аз тоҷикии «тоҷ») мавҷуд аст.[3] Ҳанӯз К. Риттер маънои «тоҷик»-и Қошғарро чун бюргер, яъне шаҳрӣ шарҳ дода буд.[4] Академик В.В. Бартолд чунин меҳисобид, ки ин истилоҳ аз номи қабилаи араб–«тай» пайдо шудааст.[5] Охирӣ дар забонҳои форсии миёна ва арманӣ ба «тачик» ҳба маънои «араб»] мубаддал гардид ва ин ном ба Осиёи Миёна ва Хитой ҳдар транскрипсияи хитоӣ да-ши] роҳ ёфт. Дертар шакли «тазик» ҳва «тазӣ»] ба вуҷуд омад, ки онро аҳолии туркизабони Осиёи Миёна ба «теҷик» табдил дод. Ба мафҳуми он замон ҳар шахси мусулмоншуда араб мегардид. В.В. Бартолд тахмин мекард, ки туркҳо на фақат арабҳо, балки намояндагони ислом ва маданияти «мусулмонӣ»-и ба наздашон, ба дашт омадаро, ки дар байнашон аҳолии эронизабони Осиёи Миёна ва Эрон афзалият до-

---

* Н. Неъматов. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X.-Душанбе: Ирфон, 1989. – С. 239-242; 298-299.

[1] Худуд-ул-олем. Рукопись Туманского с введением и указ. В.В. Бартольда. -Л., 1930. -С.9 б.

[2] Ниг.:Мандельштам А.М. О некоторых вопросах сложения таджикской народности в Среднеазиатском Междуречье // Советская археология, 1954, XX. – С.58.

[3] М.А.Терентев фикри Ханиковро дар бораи ба вуҷуд омадани истилоҳи «тоҷик» аз калимаи «тоҷ», яъне «тоҷдор» ба дараҷае нодуруст меҳисобид, чаро ки ҳиссачаи «ик» гӯё маънои нишондиҳандаи хурдиро дошта бошад. Аз ҳамин сабаб «тоҷик»-ро чун «тоҷча» (на тоҷдор) маънидод мекард (Терентьев М.А. Россия и Англия в борьбе за рынки. -Спб, 1875. -С.81). Нодурустии фикрронии М.А.Терентев равшан аст.

[4] Риттер К. Землевладение. География стран Азии, находяшихся в непосредственных отношениях с Россией. Восточный или Китайский Туркестан. - Дар маҷ.: Туркестанский сборник. Т.91.-Спб, 1873. – С. 370.

[5] Бартольд В.В. Таджики, с.98 ва минбаъд: Ҳамон муалл. История культурной жизни Туркестана. - Л., 1927, с.24,25; Barthold W.W. XII Vorlesungen über die Gesehichte der Türken Mittelasiens. Die welt des islams, XIV, 1932, s.42; Ҳамон муалл.: Tadjik. E. 1, IV, 628.

штанд, тоҷикон меномиданд. Муаллифони турки асри XI Маҳмуди Қошғарӣ ва Юсуфи Баласоғунӣ бо ин истилоҳ тоҷикони маҳаллиро ифода мекарданд. Яъне ин истилоҳро чун номи этнографӣ мефаҳмиданд. Забони «тоҷикӣ» ҳам ба забони туркӣ ва ҳам бо забони арабӣ муқобил гузошта мешуд. Ҳамин тавр, аввал танҳо арабҳо, баъд арабҳо ва эрониҳоро чун мусулмонон, ниҳоят танҳо эрониҳоро (асосан эрониҳои Осиёи Миёна) тоҷикон меномидагӣ шуданд.

В.В. Бартолдро С. Масловский, ки махсус ба масъалаҳои этнографӣ машғул буд тарафдорӣ мекард. Ӯ менависад: «Калимаи «тоҷик»-чӣ маъно дорад? Оид ба ин масъала бисёр фарзияҳо пеш ронда шудаанд, ки мо онҳоро дар ин ҷо баён намекунем, зеро ҳоло тавсифи ба ин калима додаи ҷаноби Бартолд қатъист. Ҷаноби Бартолд нишон медиҳад, ки дар ибтидо форсҳо арабҳои истилогарро тоҷик меномиданд, минбаъд ин истилоҳ ба ҳамқабилагони мусулмоншуда паҳн гардид. Туркҳо ҳамаи аҳолии маҳаллии мусулмонро қатъи назар аз насабаш тоҷик меномиданд. Вақте ки арабҳо бо аҳолии таҳҷоӣ омезиш ёфтанд, «тоҷик» истилоҳи этнографӣ гардид, зери таъсири туркҳо форсҳо ба ин истилоҳ ба ҷои арабҳо худро чунин меномидагӣ шуданд. Дар ин тафсир барои мо ибораи «бидуни фарқияти насаб» хеле муҳим аст. Яъне, тоҷик - истилоҳи ҷомеъ мебошад; яъне дар ибтидо эҳтимол як қатор қабилаҳои гуногуннажод буда, дини ягона муттаҳид мекард; ин ном соф характери динӣ дошт; минбаъд дар натиҷаи омезиш ёфтани ин халқиятҳои типи наву умумии қабилаҳо ба вуҷуд омаданд, ки мо акнун онҳоро дар водиҳои Туркистон дучор меоем ва онҳо ҳоло ба маънои махсуси қабила - «тоҷикон» ном бурда мешавад».[1]

Андешаҳои С. Масловский ғайр аз фикри «ном характери соф динӣ дошт» ва истифодаи «қабила» ба ҷои халқ асосан дурустанд.

Нуқтаи назари В.В. Бартолдро инчунин А.Ю. Якубовский тарафдорӣ мекунад. Ӯ менависад, ки ҳоло дурустии тавсифи пайдоиши истилоҳи «тоҷикон»-ро аз номи қабилаи арабии «тай», «тазик», ки туркҳо дар ибтидо тамоми арабҳо, сипас мусулмонҳоро (суғдиён низ дохил мешуданд) меномиданд, рад кардан мумкин нест.[2]

А.К. Боровков[3] мулоҳизаҳои В.В. Бартолдро ҳам аз нуқтаи назари таърихӣ ва ҳам аз ҷиҳати забоншиносӣ рад кард. Ӯ тахмин мекунад, ки дар

---

[1] Масловский С. Галча (Первобытное население Туркестана). -Русский антропологический журнал, 1901, №2. – С. 18.

[2] Якубовский А.Ю. Введение. - Дар кит.: «Труды СТАЭ».-Т.1. МИА СССР, №15. -М.-Л., 1950. -С.8,9.

[3] Боровков А.К. Филологические заметки // Труды АН Тадж.ССР-Сталинабад, 1953. -С.49 ва минбаъд.

маъхазҳои асрҳои X-XV номҳои «тазӣ» ва «тоҷик» ҳеҷ вақт омехта нашудаанд. Калимаи «тозӣ» одатан маънои «арабизабон», «араб»-ро ифода мекард. Истилоҳи дигар хеле барвақт ёдоваршудаи «тозик» дар катибаҳои орхонии асри VIII милодӣ дучор меояд: олимон тахмин мекунанд, ки сухан дар бораи арабҳо меравад. Аммо матни катибаҳои орхон дар бораи айният доштани «тозик» бо арабҳо чизе намедиҳад. Бинобар ин А.К. Боровков фарзияи баробари ба Осиёи Миёна омадани арабҳо дар байни халқҳои туркзабон пайдо шудани шакли нави «тезик» ё «теҷик» (аз калимаи «тазӣ» ё «тозик») ба маънои «араб» ва фарқ накардани туркҳо арабҳоро аз сокинони эронизабони Осиёи Миёна (бо онҳо аз қадим робитаи бевосита доштанд) рад менамояд. Бино ба гуфти А.К. Боровков, дар яке аз солномаҳои қадимии тибетӣ, ки соли 732 таълиф ёфтааст, тоҷикон чун сокинони эронизабони Осиёи Миёна, ҳамсоягони наздики хитоиҳо дар ғарб ёдовар шудаанд. Ин боз ҳам бештар бовар мекунонад, ки «тозӣ» ва «тоҷик» калимаҳои гуногунанд. Ӯ тахмин мекунад, ки калимаи «тозӣ» дар ҳақиқат дар заминаи эронии номи қабилаи арабҳо–«тай» ба вуҷуд омадааст. Ба ақидаи ӯ этимологияи ба ҳақиқат наздики калимаи «тоҷик» таъбири халқии он – ба маънои «тоҷдор» (аз шакли каллапӯши қадима, аз тоҷикии «тоҷ») мебошад.

А.Н. Бернштам дигар нуқтаи назарро қувват дод.[1] Яке аз муаллифони хитоӣ, ки солҳои 673-695 асари худро таълиф намудааст, аҳолии Тахористонро бо истилоҳи «доши» ифода намудааст. Нашири матнҳои хитоӣ Э. Шавани бечуну чаро қайд мекунад, ки бо ин истилоҳ тоҷиконро дар назар доштаанд. А.Н. Бернштам чунин меҳисобад, ки то паҳн шудани номи истилогарон – арабҳо (дар шакли «даши») дар байни аҳолии маҳаллӣ дар ин ҷо истилоҳи «тоҷик» (ба хитоӣ «дошӣ») вуҷуд дошт. Сипас ӯ тахмин мекунад, ки арабҳои Осиёи Миёна бо тоҷикони ин кишвар омезиш ёфта номи дуюми «дашӣ»-ро гирифтанд, ки ин варианти номи «тезик» (решааш «тозӣ») мебошад. «Дошӣ» истилоҳи территориявию этникист. Хулоса, хитоиҳо бо истилоҳи «даши» аллакай на фақат арабҳо, балки тоҷикони маҳаллии Осиёи Миёна ва шарқи Эронро ифода карда, Форсро «Босе» меномиданд. Ниҳоят А.Н. Бернштам ба хулосае меояд, ки номи «тоҷик» (дар ибтидо хитоии «дашӣ») дар давраи то истилои арабҳо аз охири асри VII маълум буда, дар заминаи забони қадимии тоҷикии аҳолии Тахористон ба вуҷуд омадааст. Ӯ чунин меҳисобад, ки истилоҳи «тоҷик» баромади тоарабӣ дорад ва дар миёнаи ҳазорсолаи I то мелод пайдо шуда, решаи «таҷи» ба сакоии қадимии эронӣ мансуб аст.

[1] Бернштам А.Н. Тюрки и Средняя Азия в описании Хой Чао (726) // Вестник Древней истории, 1952.№1(39). – С. 191-192.

Ба ақидаи мо нуқтаи назари А.К. Боровков ва хулосаи А.Н. Бернштам, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, ба ҳақиқат наздиканд.

В.А. Лившитс пайдоиши истилоҳи «тоҷик»-ро аз ҷиҳати лингвистӣ таҳлил кард: ӯ истилохро «инъикоси шакли портию суғдӣ» меҳисобад. Аз портӣ ин шакл ба суғдӣ, баъд ба забонҳои туркӣ ва форсӣ-тоҷикӣ гузашт.[1]

Академик Б.Ғ. Ғафуров ақидаҳои оид ба масъалаҳои мазкурро ҷамъбаст намуда чунин менависад: «ба ақидаи аксари забоншиносон ин ном ба номи «тай» ном қабилаи арабҳо вобастагӣ дорад. Ҳамсояи арабҳо ва пас аз  он дигар халқҳо ҳам, арабҳоро бо номи ин қабилаи онҳо ном мебурданду фақат он номро ба талаффузи худ мувофиқ месохтанд. Аллакай дар асри I милод ин ном ба хитоиҳо маълум буд. Баъди Осиёи Миёнаро истило кардани арабҳо ва ба дини ислом рӯ овардани мардуми он истилоҳи портусуғдии «тоҷик»-ро ба аҳли мусулмони муқими эронизабони Осиёи Миёна нисбат додаанд.[2]

Аз афташ, масъалаи пайдоиши истилоҳи «тоҷик»-ро танҳо баъди ба даст овардани маълумоти сершумор ва боварибахш пурра ҳал кардан мумкин аст.

---

[1] Согдийские документы с горы Муг. Вып.2. Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии. В.А.Лившица. -М.: ИВА, 1962. – С. 87.88.

[2] Гафуров Б.Г. Таджики. - М.:Наука, 1972. – С.375, 376. Муқоиса намоед бо: Умняков И.И. О термине «таджик» (гипотезы и выводы) // Самаркандского гос. ун-та им. А. Навои. Материалы по истории Узбекистана. Новая серия. - Вып. 140. - Самарканд. 1964. – С.5-7.

***Толиб Хаскашев***

# МУРОДИФОТИ ВОЖАИ «ТОҶИК»*

Ҳафтод сол муқаддам устод Садриддин Айнӣ таъкидан тазаккур дода буд: «аз бозе, ки вақоеъро таърих қайд мекунад, то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳр ва Туркистон қавме муаззам бо номи тоҷик ё тозик иқомат дорад». Ин мардум, ки дар даврони бостон ва қуруни вусто аксарияти мутлақи саканаи Хуросони Бузургро дар ду тарафи рӯди Ҷайҳун ташкил медоданд, дорои таърихи сеҳазорсолаи хаттӣ ва адабу фарҳанги оламшумул буда, барои илму тамаддуни ҷаҳонӣ ва башарият Абуалӣ ибни Сино, Абунасри Форобӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Закариёи Розӣ, Муҳаммади Хоразмӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Шиҳобуддини Сухравардӣ, Насириддини Тусӣ, Абулфазли Балъамӣ, Алиқушчии Самарқандӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ барин даҳҳо нобиғаҳоро, ки ҳар кадоме дар риштаи худ алломаи беназир буд, парваридааст. Аввалин давлати миллӣ ва мутамаркази ин мардум Сомониён (875-999) дар низоми давлатӣ ва давлатдорӣ намунаи ибрати оламиён буд. Мусаллам аст, ки қавме ё мардуме, ки дар тули садсолаҳо барои ба даст овардани истиқлолияти миллии худ бо аҷнабиён мубориза кард ва билохира инони давлату давлатдориро ба даст гирифт ва дар тӯли қариб дусад сол (821-999) дар як саҳнаи бузург ҳукмфармоӣ кард, дар иҷрои умури сиёсӣ, низомӣ, фарҳангӣ, дар доду ситоди бозаргонӣ ва рафту омад бо қавмҳои атрофи худ бо номе ёд мешудааст. Табиист, ки ин мардум дар радифи қавмҳои дигари ориёинажод – суғдиҳо, хоразмиҳо, бохтариҳо ва ғайра соҳиби номи хоси худ буда, бо он ном дар дохилу хориҷи кишвар мухобираву мукотиба ва муомила мекарда ва атрофиёнашон онҳоро бо ҳамин ном шинохта ва ёд мекарданд. Аммо мутаассифона, то ибтидои қарни XI дар осори хаттӣ ишора ва ё зикре аз номи ин мардум нарафтааст ва вожаи тоҷик ё чизи дигаре ба ин монанд сабт нашудааст, ки шояд бесабаб набошад. Шояд яке аз сабабҳои асосии он фурӯтании арбобону хомадастони ин халқ ва дар байни мардум бисёр маъруфу мутадовил будани вожаи тоҷик (дар ин ё он шакл) бошад, зеро дар байни ниёгони мо расм буд, ки аз зикри чизи маъруфу машҳур дар саҳифаи таърихи хаттӣ худдорӣ кунанд ва ё агар зикр кунанд, ҳатман ба он чизе афзоянд.

Чизи дигар мусаллам аст, ки дар он даврон мутобиқи талаботи замон ва тақозои зимомдорон ваҳдати мазҳабӣ ва ваҳдати ирқиву қав-

---

* Адаб.-1997.-№7-9. – С. 7-17.

миву миллӣ афзалтар дониста мешуд. Сабаб ҳамин аст, ки «ягон намояндаи ин фарҳанги ҷаҳоншумул аз бунёди миллии худ ҳарфе назадааст: ҷояш ояд (он ҳам бошад, дар мавридҳои хеле нодир) аз кадом маҳал баромаданаш ё ба кадом мазҳаб тааллуқ доштанашро гуфтаасту аз кадом халқу қавмият буданаш не».[1]

Чизе ки маълум аст, ин аст, ки «Ин ҷо... забон форсӣ аст ва маликони ин ҷониб мулуки Аҷаманд» (Тафсири Табарӣ) ва «бештари мардум ба хондани китоби арабӣ рағбат наменамоянд» ва «мардуми Бухоро намозро ба забони порсӣ хондандӣ» (Абубакри Наршахӣ. «Таърихи Бухоро»).

Инаш ҳам мусаллам аст, ки дар осори хаттии даврони бостон мардуми Хуросони Бузург (аз ҷумла, Мовароуннаҳру Туркистон) ва Эрон бо номҳои аҷам ё аҷамӣ, порс, порсӣ, порсиён ё порсивон (дертар шакли муаррабаш – форс, форсӣ, форсиён), эрон, эронӣ ё эрониён ёд мешуданд, ки тибқи анъанаи дар гузашта ва имрӯз маъруфи мардуми мо аз номи маҳалҳои сукунати мардуми форсизабони ориёинажоди Аҷам, Порс (ё муарраби он – Форс) ва Эрон сохта шудаанд.

Бо вуҷуди муродифоти мутлақ буданашон вожаҳои аҷамӣ, эронӣ, форсӣ (ва гунаҳои онҳо) дар мавриди ифодаи маънои номи қавм, халқ ва исми хоси мувофиқи онҳо Аҷам, Порс (Форс) ва Эрон ҳар кадом мавриди маъмултари истифода дошта, бештар ҳангоми муқоиса ва муқобилаи ду қавм, ду халқи бо ҳам наздику ҳамсоя тавассути тазодҳои Аҷаму Араб ё Арабу Аҷам, арабию аҷам ё аҷамию арабӣ, Эрону Турон ё Турону Эрон, эронию туронӣ ё турониву эронӣ, Эрону Турк ё Турку Эрон, Эронзамину Туронзамин, аҷамию тозӣ ва амсоли инҳо ба мушоҳида мерасанд, вале тазодҳои дигар ҳам мустасно нестанд. Далели ин хулоса мисолҳои зерин мебошанд:

1. Эрон; Турон:

*Зи Турону Эрону аъробу курд,*
*Ҳар он кас, ки одилтар аст, даст бурд.*
(Саноии Ғазнавӣ)

2. порсӣ; тозӣ:

*Аз он ҷо ба Карх андар омад сипоҳ,*
*Ҳам аз порсӣ, ҳам зи тозӣ ба роҳ.*
(Фирдавсии Тӯсӣ)

3. аҷамӣ; арабӣ;

*Ба шайхи шаҳр магӯ, Ҷомиё, ҳикояти ишқ,*
*Маҷӯй аз аҷамӣ фаҳми нуктаи арабӣ.*
(Абдураҳмони Ҷомӣ)

4. Эрон; Турк:

*Зи Эрону аз Турку аз тозиён,*
*Нажоде падид ояд андар миён.*
*На деҳқону на турку тозӣ бувад,*
*Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад.*
(Фирдавсии Тӯсӣ)

5. араб; аҷам:

*Зи шири шутур хӯрдану сусмор,*
*Арабро ба ҷое расидааст кор.*
*Ки тахти аҷамро кунад орзу,*
*Тфу бод бар чархи гардун, тфу.*
(Фирдавсии Тӯсӣ)

*Чу бахти араб бар аҷам чира шуд,*
*Ҳаме бахти Сосониён хира шуд.*
(Фирдавсии Тӯсӣ)

6. срониён; тозиён:

*Ҳама номдорони эрониён,*
*Яке ҳамла бурданд андар миён.*
*Бикуштанд аз он тозиён бешумор,*
*Бипайваст ба ҳар сӯе корзор.*

Вожаҳои мазкур гоҳе берун аз тазод мавриди истифода қарор гиранд ҳам, муқоисаву муқобилаи маъноии онҳо дар назар дошта мешавад. Як-ду мисол:

порсиён: (тозӣ ё турк):

*Ба форсиён аз ин маонӣ,*
*Оташ бибарам ба армуғонӣ.*
(Файзӣ)

Порсиён гӯянд, ки Ҳушанг подшоҳзода шуд ва фазилатпеша буд, ба тадбири умури раият воқиф буд (Таърихи Табарӣ).

Аксарияти муҳаққиқоне, ки ба масъалаи калимаи тоҷик дахл кардаанд, дар саҳифаҳои осори хаттӣ сабт шудани онро бо ворид шудани қабилаҳои бодиягарду саҳронишини турк ба Хуросону Эрон ва ба вуҷуд омадани турку тоҷик (ё гоҳе тоҷику турк) ҳамзамон донистаанд. Масалан, ба андешаи Абдулмуҳаммади Ҷовид «нимаи дувуми қарни шашуми ҳиҷрӣ (ё дувоздаҳуми мелодӣ) мусодиф бо зуҳури номи туркҳо дар Хоразм аст, ки пас аз Ғалаба (бар Ҳайтолиён) вориди шимоли Афғонистон гардиданд ва ба Тахориён даровехтанд ва бо қабули тамаддуну фарҳанги пешрафтаи Тахориён ҷузъи мардуми он сарзамин шуданд. Ва аз ҳамин замон аст, ки ақвоми турку тоҷик ба унвони халқҳои наздику ҳамразм бо ҳам ёд шудаанд. Дар адабиёти форсӣ ин ду калима барои муқоиса ва муқобала муқаррар назири Эрону Турон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба кор рафтааст. Саъдӣ мегӯяд:

*Араб дидаву турку тоҷику рум,*
*Зи ҳар ҷинс дар нафси покаш улум.*[2]

Ин андешаи донишмандро гӯё суханони зерини академик Бобоҷон Ғафуров тақвият мебахшанд: «Туркҳое, ки ба Осиёи Миёна омада монданд, дар ҳаёти динии мардуми кишвар ва офариниши сарватҳои маданӣ фаъолона иштирок варзиданд... Аллакай дар ҳамон давра... таркибан пайвастшавии урфу одат, дину ойин ва маросиму маданияти халқҳои эронизабону туркзабони Осиёи Миёна оғоз ёфта, бо суръати тамом идома меёфт».[3] Бо вуҷуди ин тахмини Абдулмуҳаммади Ҷовид бебаҳс ва қобили қабул нест. Сухан аз он меравад, ки дар натиҷаи таъсири мутақобила омезишу ҳамдину ҳамфарҳангу ҳамзабон шудани ду ё чанд қавм боиси ҳамгунии онҳо мегардад, на сабаби ихтилоф ё зарурати ташхису тафриқаи онҳо. Барои он ки зарурати ташхису аз ҳам фарқ кардани як қавм аз қавми дигар пеш ояд, бояд ин ду қавм аз лиҳози таъдоди нуфус, мақому мартабаи сиёсӣ (ё низомӣ), илму фарҳанг ҳамсангу ҳамвазн бошанд. Тавре ки аз таърих маълум аст, туркҳо дар Мовароуннаҳр (ё Хуросони Бузург) то замони инқирози сулолаи Сомониён (999) бо мардуми форсизабони ориёинажод ҳамсангу ҳамтарозу набуданд, агарчи дар баъзе гӯшаҳои паҳнаи қаламрави Сомониён чунин омезиш мушоҳида мегардид. Бинобар ин, то замони дарҳам шикастани империяи Сомониён ба майдон омадани тазоди турку тоҷик ё тоҷику турк ғайритабиӣ мебуд. Сабаби дар осори хаттӣ ва

адабиёти форсӣ то ин давра сабт нашудан ва ривоҷ пайдо накардани тазоди турку тоҷик низ дар ҳамин аст. Аз ин дидгоҳ, суханони Саидмуҳаммад Дабири Сиёқӣ ба ҳақиқат наздиктар ба назар мерасад: «...нақли калимаи тоҷик ба осори назмӣ ва насрии форсӣ... дар авохири қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ (X мелодӣ) ва ба рӯи кор омадани ғазнавиёни турк ва сардорону амирону ғуломони турксабони онон зоҳиран оғоз ёфтааст, чӣ дар қарни чоруми ҳиҷрӣ (асри X мелодӣ)... ин калимот аз тадовули омма таҷовуз накарда ва мутлақан ба дафтару девон ва кутубу расоили он аср роҳ наёфтааст. Ва шояд сирри ин, ки ин калимотро ғолибан дар кутуби таърих метавон ёфт, ҳамин маҳдудияти истеъмол дар миёни воқеанигорону котибон ва маддоҳони дарбори туркон бошад. Ва муайяди дигари онҳо маҳдудияти корбурд дар шеъри форсист».[4] Далел ин аст, ки танҳо аз даҳаи дувуми қарни XI калимаи тоҷик дар истифодаи алоҳида ё дар муқобила бо калимаи турк (ва гоҳе – муғул) дар саҳифаҳои осори хаттӣ сабт мегардад. Гӯё бори нахуст ин калимаро Унсурии Балхӣ дар қасидае бо матлаи

*Аё шунида ҳунарҳои хусравон ба хабар,*
*Биё зи хусрави машриқ аён бубин ту ҳунар.*

оғоз ёфта, ба тавсифи ғалабаҳои султон Маҳмуди Ғазнавӣ бахшидааст, ба кор бурдааст:

*Зи Чину Мочин якрӯя то лаби Ҷайҳун,*
*Зи турку тоҷику зи туркмони ғузу ҳазар.*

Баъдтар мо бо ин вожа дар шаклҳои тоҷик ва тозик дар «Девон-ул-луғот-т-турк»-и Маҳмуди Қошғарӣ (тав.1029-1038) ва қасидаи Буҳанифаи Исқофӣ, ки дар «Таърихи Байҳақӣ»-и Заҳируддин Байҳақӣ (1106-1174) оварда шудааст, дучор меоем:

*Кист аз тозику аз турк дар ин садри бузург,*
*Ки на андар дили ӯ дӯсттаре аз зару сим.*

Пас аз инони роҳбарии идораи минтақаро ба даст гирифтани қабоили турказод (Ғазнавиён, Қарохониён, Салҷуқиён, Темуриён, Шайбониён...) ва дар корҳои маъмурию низомӣ тадриҷан қувват гирифтани онҳо тазоди турку тоҷик (ё тоҷику турк) ҳам дар байни мардум маъруфу мутадовил гашта, дар тамоми қаламрави забони порсӣ

паҳн гардид ва тадриҷан доираи истеъмоли муқобилаи Арабу Аҷам ва арабию аҷамӣ ва эронию турониро танг карда, ҷойгузини онҳо мешавад ва аз ин роҳ вожаи тоҷик бо калимаҳои аҷамӣ, порсӣ, эронӣ ва амсоли инҳо муносибати муродифӣ пайдо мекунад.

Калимаи «тоҷик» дар ҷараёни корбасти тулонии минбаъдааш дар осори илмӣ, адабӣ, таърихӣ ва ҷуғрофии муаллифони худӣ ва бегона дучори тағйиру таҳаввулоти фаровони шаклию маъноӣ мегардад, ки имрӯз шинохту фаҳми онро басо душвор кардаанд. Ҷанбаҳои мухталифи ин тағйироту таҳаввулот, аз ҷумла, таърихи пайдоиши вожаи «тоҷик», ҷуғрофиёи густариш, маъноҳои мухталиф ва ашколи гуногуну сершумори онро донишмандони шинохтаи хориҷӣ ва олимони тоҷик аз дер боз мавриди тафтишу таҳқиқ қарор додаанд.[5] Бо вуҷуди ҳамаи ин кӯшишҳо то имрӯз паҳлуҳои асосии ин калима, аз ҷумла, замон ва макони пайдоиш,сабаби тағйири шаклу маъно кардан ва муносибати ин вожа бо реша ва созаҳои (морфемаҳои) сершумори ҳамгуну ҳаммаънояш ва амсоли инҳо торик мондаанд ва таҳқиқу тафтиши таърихию муқоисавӣ ва решашиносиро тақозо доранд. Баррасӣ ва тадқиқи ин масоил вазифаи муқаддаси ҳар як забоншиноси тоҷик аст. Вале баҳс дар ин тарҳ дар атрофи муносибати муродифии вожаи «тоҷик» бо калимаҳои дигар воқеъ мегардад, ба ин манзур, ки аз ин ҷода дар равшан сохтани баъзе паҳлуҳои торики ин лафз мусоидат ҳосил гардад.

Тавре ки осори хаттӣ далолат мекунад ва муаллифони зиёд ҳам борҳо тазаккур додаанд, вожаи «тоҷик» дар манбаъҳои таърихӣ, адабӣ, ҷуғрофӣ ва фарҳангии худӣ ва бегона бо маъноҳои мухталиф ва баъзан мухолифи ҳамдигар назири араб, ғайриараб, турк, ғайритурк, муғул, ғайримуғул, арабзодаи дар Аҷам тарбияёфта, номи маҳал, номи қабила, аҳли ноҳияи Форс, номи мардум, мусулмон, савдогар, шаҳрӣ, кӯҳистонӣ ва ҳатто номи сифатҳои далеру ҷанговар, тарсу, нарму мулоим, зебо ва амсоли инҳо ба кор рафтааст. Дар ин мақола баҳс дар атрофи як маънои ин калима – ҳамчун номи мардуми форсизабони ориёинажод ва муродифоти он воқеъ мегардад.

Мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки вожаи тоҷик чун номи мардуми форсизабони ориёинажод дар осори адабию фарҳангии мо бо калимаҳои зиёде аз қабили эронӣ, аҷамӣ, порсӣ ё форсӣ (ё эрон, аҷам ва форс чун исми ҷинс), деҳқон ё деҳгон, аҳрор ё абнои аҳрор ё абно-ул-аҳрор, озод, озода, озодагон, озоднажод ё озоданажод, озодмардум ё озодамардум, мусулмон, габр, ашроф, хоҷа, порсиён, порсигавҳарон ё форсигавҳарон, тоҷдорон, яздоншиносон, ахтаршиносон, хуросонӣ, розӣ ва ғайра муносибати муродифӣ доштааст ва мавриди истифодаи фарҳангиён ва муаррихин будааст.

Пайдоиш ва ба сифати муродифи калимаи тоҷик истифода шудани ҳар кадоме аз ин лафзҳо муҳити мушаххаси таърихию сиёсӣ ва сабабҳои маълуми мардумшиносӣ (этнографӣ) доштааст, ки ба сифати намуна аз се-чортои он ёдовар мешавем:

1.Тавре ки огаҳем, вожаи тоҷикасли деҳқон (ё шакли қадимтараш – деҳгон ё деҳагон) дар таърихи адаби мо бо ду маънои бо ҳам зид истифода мешудааст.

а) Кишоварз, зореъ:

*Деҳқони солхӯрда чӣ хуш гуфт бо писар,*
*К-эй нури чашми ман, ба ҷуз аз кишта надравӣ.*
(Фаррухии Сиистонӣ)

Ё:

*Дар замони гузашта деҳгоне,*
*Гов меронд гирди вайроне.*
(Абдураҳмони Ҷомӣ)

б) Заминдор, сарватманд, арбоб, сарвар:

*Соқӣ, бидеҳ ратли гарон, з-он май, ки деҳқон парварад,*
*Андӯҳ барад, шодӣ диҳад, ғам бишканад, ҷон парварад.*

Аз сабаби он ки мардуми ориёинажоди форсизабон қабл аз соири мардумон маданияти заминдорӣ ва ҳунари зироаткориро ёд гирифтанд, онҳо дар байни мардуми атрофашон, ки аз ин ҳунар орӣ буданд, бо номи деҳгон ё деҳқон шӯҳрат ёфтанд. Ин ном баъдтар бештар бо маънои дуюмаш маъруф гардида, ифодагари номи тамоми форсизабони ориёинажод шуд ва бо вожаҳои эронӣ ва аҷамӣ муносибати ҳаммаъноӣ пайдо кард ва бо ин роҳ ба калимаи тоҷик низ муродиф шуд. Дар осори ниёгони мо мардуми форсизабон бо ин ном бештар дар мавридҳое ёд мешаванд, ки зарурати ташхиси онҳо аз мардуми арабзабон ё тозӣ ба воситаи тазоди деҳқону тозӣ ё тозию деҳқон пеш ояд, ки дар ин маврид ҳам мурод ҳамон тазоди Арабу Аҷам ва арабию аҷамист. Шояд чунин муқоисаву муқобила ба манзури он ба вуҷуд омада будааст, ки муаллифон мехостанд, ки вожаи «тоҷик»-ро аз калимаи шаклан ба он монанди тозӣ фарқ кунонанд, зеро калимаҳои эрониасли тоҷик ва арабии тозӣ ҳеҷ иртиботи шаклию маъноӣ надоранд ва шабоҳати шаклии онҳо амри тасодуф асту бас. Ба назар мерасад, ки ниёгони мо бо мақсади таъмини тафовути шаклии ин ду вожа

деҳқону тозӣ ё тозию деҳқон мегуфтаанд, на тозию тозик ё тозику тозӣ, то ки боиси омезишу каҷфаҳмиҳо нагарданд. Тазоди тозию деҳқон ё деҳқону тозӣ дар осори бисёр адибон ва таърихнигорони пешинаи мо фаровон ба кор рафтааст, аммо дар маъхази асрҳои X-XII бештар ба назар мерасад:

*Маъмун он, к-аз ӯ зи мулки давлати ислом,*
*Ҳаргиз чун ӯ надида тозию деҳқон.*

(Абуҳанифаи Искофӣ)

Ё ки:

*Эй ба дил чун қабилаи тозӣ,*
*В-эй ба рӯҳ чун қабилаи деҳқон.*

Ё:

*Ҳар кас ки ба иди худ кунад шодӣ,*
*Чӣ ибрию чӣ тозию чӣ деҳқон.*

(Фаррухии Сиистонӣ)

Дар натиҷаи густариши маънои дуюмаш вожаи деҳқон тадриҷан тобишҳои иловагии маъноӣ пайдо кард ва бар замми маънои заминдору сарватманд маъноҳои сарвар, донишманд, мардуми солеҳ, покнажод, тавонгар ва ҳофизи расму русуми эронӣ, сирату синани бостонӣ, намояндаю қаҳрамони ҳамосаву устураҳои паҳлавонӣ ва ғайраро ифода мекардагӣ шуд:

а) сардор ва роҳбар:

Деҳқонон ва тавонгарон дар ин вилоят бигрехтанд ва ба Туркистону Тироз шаҳре бино карданд.

(Абубакри Наршахӣ)

б) донишманд, покнажод, хушсират:

*Аз эшон ҳар он кас ки деҳқон буданд,*
*Зи тухму нажоди бузургон буданд.*

(Фирдавсии Тусӣ)

Ё:

*Зи гуфтори деҳқон кунун достон,*
*Бипайвандам аз гуфтаи бостон.*

(Фирдавсии Тусӣ)

Ё ки:

*Деҳқон бе забон панд мегуфту роз,*
*Ки: эй хоҷа, бо бемуродӣ бисоз.*

(Саъдии Шерозӣ).

Абулқосими Фирдавсӣ бо калимаи деҳқон гоҳо вожаҳои кишоварз, тоҷдор, яздоншинос, ахтаршиносро муродиф сохтааст, ки дар ин маврид ҳам муродаш ҳамон Арабу Аҷам ва арабию аҷамӣ ва тозию деҳқон аст. Ба андешаи ӯ пас аз ба сари кор омадани тозиён:

*Кишоварзи ҷангӣ шавад беҳунар,*
*Нажоду ҳунар камтар ояд ба кор.*

Ё:

*Зи тухми бузургони яздоншинос,*
*Ҳаме тоҷдорон аз ахтаршинос.*
*В-аз эшон шуд обод рӯи замин,*
*Фурӯзандаи тоҷу тахту нигин.*

2. Бино бар ахбори таърихнигорон, замоне ҳабашиҳо Яманро ғасб карданд. Амири Яман Ҳумайрӣ барои кӯмак ба Эрон рӯ овард. Шоҳи Эрон Анушервон панҷоҳ ҳазор сарбози худро ба имдоди яманиҳо фиристод. Пас аз рондани ҳабашиҳо амири Яман бисёр корҳои маъмурию сиёсию низомиро ба сарбозони эронӣ вогузор кард. Онҳо дар тули солиёни зиёд ин корҳоро бо озодагию покизагӣ ва ҷавонмардона иҷро карданд. Арабҳо ин афродро *банӣ-аҳрор, абно-ул-аҳрор ё аҳрор* ном доданд. Баъдҳо ин вожа дар байни арабҳо маъруф шуд ва номи тамоми мардуми форсизабон гардид ва дар адабиёти хаттӣ ҳам роҳ ёфт ва аз ҳамин рӯ, ин вожа бо калимаҳои *эронӣ, аҷамӣ, порсӣ* ва *тоҷик* муносибати муродифӣ пайдо карда, ҳаммаъно шуд.

Носири Хусрави Қубодиёнӣ ба таъкид мегӯяд:

*Сифату кирдор гар озодаӣ,*
*Бар синану сирати аҳрор кун.*

Фаррухии Систонӣ фармуда:

*Иди ту ҳама фарруху рӯзи ту ҳама ид,*
*В-аз дидани ту фаррух рӯзи ҳама аҳрор.*

Манучеҳри Домғонӣ гуфтааст:

*Дар маҷлиси аҳрор се чиз асту фузун беҳ,*
*В-он ҳар се кабоб асту рубоб асту шароб аст.*

Низомии Арузии Самарқандӣ:

Шеъри ӯ бад-он дараҷа расида бошад, ки... бар алсанаи аҳрори макруъ бар фасоеҳ бинависанд.

3. Вале дар адабу фарҳанги форсӣ бештар тарҷумаи форсии ин калима, ки вожаи **озода** ( ва шаклҳои дигари он *озодагон, озодафарзанд, озодмардон* ва амсоли инҳо) мебошад, ривоҷ ёфт.

Рӯдакии Самарқандӣ мегӯяд:

*Доим ба ҷони ӯ биларзам зеро-к*
*Модари* ***озодагон*** *кам орад фарзанд.*

Дақиқии Тусӣ:

*Ман ҷоҳ дӯст дорам, ки* ***озодаам,***
***Озодагон*** *ба ҷон нафрӯшанд ҷоҳро.*

Фирдавсии Тусӣ фармуда:

*Бузургону бодониш* ***озодагон****,*
*Навиштанд яксар ҳама ройгон.*

Боз Фирдавсии Тусӣ:

*Чӣ гуфт он сухангӯи* ***озодамард****,*
*Ки* ***озодаро*** *коҳилӣ банда кард.*

Ба андешаи ин адиби ватанпарвар пас аз ба сари ҳокимият омадани арабҳо:

*Чу бисёр аз ин достон бигзарад,*
*Касе сӯи* ***озодагон*** *нангарад.*

Носири Хусрави Қубодиёнӣ:

*Имрӯз шарм н-ояд* ***озодазодагонро****,*
*Кардан ба пеши туркон пушт аз тамаъ дутоӣ.*

Ё ки:

*Ман аз* ***покфарзанди озодагонам****,*
*Нагӯям, ки Шопур ибни Ардашервонам.*

Аттори Нишопурӣ:

*Чун туро мебинам аз* ***озодагон,***
*Кай шиносӣ дарди корафтодагон.*

Гуфт: Ҳошо, ки ҳаргиз ман ин кунам ва ҳеҷ **озодзод** падарро латма назанад. (Маҷмаъ-ул-таворих)

Гоҳе шудааст, ки номҳои **аҳрор** ва **озода** ё гунаҳои дигари онҳо бо вожаҳои назири *ғулом, барда, ғуломи зархарид* дар тазоди ҳамдигар мавриди истифода қарор мегирифтаанд, чу дар ин байти Рӯдакӣ:

*Май орад шарафи мардумӣ падид,*
***Озоданажод*** *аз дирамхарид.*

Ба андешаи муаллиф, маҳаку меъёри ташхису мардуми озода ва бани аҳрор аз ғуломи бо дирам харидашуда маю айшу нӯш аст.

4. Дар осори ниёгони мо баъзан ба меъёри фавқуззикр лафзи **ашроф** ва **ашрофзода** истифода шудааст, ки аз он мурод ҳамон тазоди *арабию аҷамӣ* ё *тоҷику тозӣ* аст:

«Аз атрофи мамолики Турону Эрон аз **турку тоҷик** ва **аъробу ашрофи** тавоир аз содоту уламо ва машоиху қуззот ҷамъ омадаанд» (Низомуддини Шомӣ).

Дар ин ҷо дар тазодҳои Турону Эрон, турку тоҷик ва аъробу ашроф вожаҳои **Эрон, тоҷик** ва **ашроф** муродифи ҳамдигаранд.

Вожаи **озод** ё **озода** (ва гунаи дигари он) дар тазод бо калимаҳои турк ва тазод бо калимаҳои тозӣ бо вожаҳои *аҷамӣ, эронӣ* ва *тоҷик* ҳаммаъност. Вале дар истифодаи алоҳида (бидуни тазод) ин калима тобишҳои гуногуни иловагии маъноиро ифода мекунад, ки ҳамагӣ ҷиҳату сифатҳои мухталифи исмҳои *аҷамӣ, эронӣ, тоҷик* ва умуман *мардуми форсизабони ориёинажод* мебошанд:

а) **фозилу донишманд:**

*Чӣ гуфт он сухангӯи* ***озодамард,***
*Ки озодаро коҳилӣ банда кард.*
(Фирдавсии Тусӣ)

*Ниҳон дар ҷаҳон чист* ***озодамардум,***
*Набинӣ ниҳонро, бубинӣ аёнро.*
(Носири Хусрави Қубодиёнӣ)

б) **бонангу ор, бовиқор, ҳимматбаланд:**

*Бимирад аз тиҳидастӣ* ***озодамард,***
*Зи паҳлуи мискин шикам пур накард.*
(Саъдии Шерозӣ)

Ё ки:

*Гар* ***озодаӣ****, бар замин хуспу бас,*
*Макун баҳри колӣ заминбӯси кас.*
(Саъдии Шерозӣ)

в) **дорои ахлоқи ҳамида** ва **доно**:

*Чаҳор чиз мар* ***озодаро*** *зи ҳам бихарад,*
*Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.*
(Рӯдакии Самарқандӣ)

Ё:

*Эй ба* ***озодагию*** *некхӯӣ,*
*На Аҷам чун ту дидаву на Араб.*
(Фаррухии Систонӣ)

г) **бовиқору сарбаланд**:

*Ки зишт аст дар чашми* ***озодагон****,*
*Бияфтодан аз дасти афтодагон.*
(Саъдии Шерозӣ)

д) **саховатманд, дасткушод, карим**:

*Қарор дар кафи* ***озодагон*** *нагирад мол,*
*На сабр дар дили ошиқ, на об дар ғирбол.*
(Саъдии Шерозӣ)

Ё ки:

*Аё ба базмгаҳ* ***озодабар*** *зи сад Ҳотам,*
*Ва ё бар маърака мардонатар зи сад Суҳроб.*
(Фаррухии Систонӣ)

Ё:

*Мекунад* ***озодамардонро*** *таҳидастӣ ғариб,*
*Сарв аз беҳосилӣ дар бӯстон танҳо бувад.*
(Саидои Насафӣ)

ҷ) **нотарс, далер, шуҷоъ**:

*Чу Виру дид гурдонро чунин зор,*
*Ба гирди Қоран андар кушта бисёр.*
*Бигуфт **озодагонашро** ба тундӣ,*
*Ки аз ҷанговарон зишт аст кундӣ.*
(Фахриддини Гургонӣ)

з) **сипаҳбад** ва **лашкаркаш**:

*Яке шерпайкар дирафши бунафш,*
*Дурахшон гуҳар дар миёни дирафш.*
*Чунин гуфт к-он фарри **озодагон**,*
*Сипаҳдор Гударзи Кашводагон.*
(Фирдавсии Тусӣ)

и) асилзода, шариф, родмард:

*Гар эдун, ки бар ман насозад бад,*
*Кунед он чи з-**озодмардӣ** сазад.*
(Фирдавсии Тусӣ)

Ё ки:
*Зи шоҳон касе чун Сиёвуш набуд,*
*Чун ӯ роду озоду хомӯш набуд.*
(Фирдавсии Тусӣ)

к) **аҳли адлу инсоф**:
Он чи ту кардӣ аз мурувват ва **озодамардӣ**, ҳаргиз ҳеҷ кас накардааст.
(Муҳаммади Авфӣ)

Ҷолиби қайд аст, ки вожаи **озод** ё **озода** яке аз калимаҳои дӯстдоштаи адибони гузашта, алалхусус, муаллифони асрҳои XI-XII будааст. Онҳо ин калимаро на танҳо бо тобишҳои сершумори маънои иловагӣ ба кор бурдаанд, балки дар асоси он вожаҳои сершуморе назири *озода, озодӣ, озодагон, озодзод, озодвор, озодмард,* ё *озодамард, озодмардум* ё *озодамардум, озодмардӣ* ё *озодамардӣ, озодхӯй, озодчеҳр, озодсарв* ва амсоли инҳо низ сохтаанд, ки сифатҳои болотар зикршударо далолат мекунанд.

Рӯдакии Самарқандӣ мегӯяд:

*Замона панди **озодвор** дод маро,*
*Замонаро чу накӯ бингарӣ, ҳама панд аст.*

Фароловӣ фармуда:

*Ҳам оҳуфағанд асту ҳам тезтак,*
*Ҳам* ***озодахӯй*** *асту ҳам тезгом.*

5. Чанде баъд аз истилои арабҳо Мовароуннаҳру Эрону Хуросон аз «илтифоту» ваъдаҳои «ин меҳмонони» нохонда «сер» шуданд ва даст ба муборизаи зидди аҷнабиён заданд (наҳзатҳои Абумуслим, Сумбоди Муғ, Муқаннаъ, бародарони Яъқуб ва Амр ибн-ул-Лайсҳо ва ғайра) Дар натиҷаи ин талошу ҷадалҳо давлати Сомониён ташкил ёфт, ки дар он забони форсии дарӣ дар умури маъмурӣ, девону дабирӣ, доду ситоди давлатдорӣ ҷои забони аҷнабиён – забони арабиро гирифт ва чун муҳимтарин нишонаи ҳуввияти миллии форсизабонони эронинажод мояи ифтихору сарбаландии онҳо гардид. Дар ҳамон рӯзгор дар ҷараёни ҷаҳду ҷадалҳои худшиносии мардуми мо ба ҷойи вожаҳои *тозӣ, тозиён, тозидонон* калимаҳои **форсивон, форсизабонон, форсигавҳарон, форсидонон, яздонпарастон** ба майдон омаданд ва бо лафзҳои **порсӣ, аҷамӣ, эронӣ** ва андаке дертар бо калимаҳои **тоҷик** ва **тоҷикӣ** ҳаммаъно шуданд. Абубакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» хабар медиҳад, ки «ҳафт ҳазор муваҳҳади **порсигӯ** наҷот ёбад...».

Луқмон **тоҷикон** ё **форсивонанд.**

Луч ном сайёҳе дар «Саёҳатнома»-и худ оварда:

Луқмон ҷузъи... вилояти Кобул ва рӯ ба рӯи Ҷалолобод (воқеъ) аст... Саканаи

Абдураҳмони Ҷомӣ гуфтааст:

*Бубахшед бар* ***форсигавҳарон,***
*Ба назди дари дурри назмоварон,*
*Ки гар будӣ он ҳам ба лафзи дарӣ,*
*Намондӣ маҷози сухангустарӣ.*

Эҳтимол ҳамин барои форсизабонон азизу мояи ғуруру сарбаландӣ будани забони порсии дарӣ буд, ки Носири Хусрави Қубодиёнӣ бо виқору ифтихор тазаккур додааст:

*Ман онам, ки дар пайи ҳукон нарезам,*
*Мар ин қиммати дурри лафзи дариро!*

Дар баъзе осори хаттии форсӣ ва кутуби муаллифони туркзабон мардуми форсизабони эронинажод ҳамчунин бо номҳои **ғур // ғурӣ, тот // тат, сорт // сарт, хоҷа, савдогар, ғалчаҳо** ё **кӯҳистониён** ёд мешаванд.

Ҳар кадоми ин вожаҳо дар мавриди муайян ва дар муқобила бо калимаҳои гуногун (бештар аз вожаи *турк*) бо лафзҳои **эронӣ, аҷамӣ, форсӣ** ва **тоҷик** (ва ин ё он гунаи онҳо) ва муродифоти дигари онҳо, ки баъзеашон қаблан зикр гардиданд, муносибати ҳаммаъноӣ ва муродифӣ пайдо мекунанд ва ин ҷо бо зикри як-ду мисол қаноат мекунем.

Дар «Девони луғот-ут-турк»-и Маҳмуди Қошғарӣ омада: «...татсиз турк булмос, бошсиз бурк булмас», яъне «*турк бидуни тат (мардуми форсизабони эронитабор – Т.Х.) намешавад, сар бидуни кулоҳ намешавад*».

Мавлавии Балхӣ фармуда:

*Агар **тат** сан, агар рум сан, агар турк,*
*Забони безабониро биёмӯз.*

Дар фарҷоми сухан бояд гӯшрас шавад, ки муносибати муродифии вожаҳое, ки дар боло зикрашон рафт ва баъзе лафзҳои дигаре, ки дар ин мақола аз онҳо баҳс нашуд, аз лиҳози таърихи пайдоиш, ҷуғрофиёи истеъмол ва тули корбаст, албатта, яксон нест. Аз ин вожаҳо қадимтарин ва асилтарин вожаи эронист, ки заминаи мушаххаси эронӣ дорад ва дар қатори ин калимаҳо сарсилсила мебошад. Вожаҳои дигар бо эҳтимоли қавӣ дертар дар муҳиту замонҳои мухталиф арзи вуҷуд кардаанд ва зоҳиран номҳое мебошанд, ки атрофиён дар гӯшаву канори қаламрави забони форсӣ (тоҷикӣ) дар шароити гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ, низомӣ, бозаргонӣ, фарҳангӣ ба мардуми форсизабони эронитабор додаанд. Бинобар ин, муносибати муродифии ин вожаҳо бо калимаҳои **эронӣ, порсӣ (форсӣ), аҷамӣ** ва **тоҷикӣ** дар тамоми паҳнаи қаламрави забони форсӣ ва дар тули таҳаввули он якнавохт набудааст.

## ПАЙНАВИШТ


1. Акбар Турсунов. Эҳёи Аҷам. – Душанбе, 1984, саҳ. 8; Ҳамчунин ниг: Д. Стюарт. Научное наследие Ирана //Курҳер ЮНЕСКО, 1971, октябр, с. 15.

2. Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо // Тоҷикон дар масири таърих. – Теҳрон, 1373. – саҳ. 194.

3. Б.Ғ. Ғафуров. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Душанбе, 1983. – 1, саҳ. 296.

4. Доктор Саидмуҳаммад Дабири Сиёқӣ. Тот ва тоҷику тозик // Тоҷикон дар масири таърих. – Теҳрон, 1373. – саҳ. 158-159.

5. Тамоми ин тадқиқот дар маҷмуаи мақолаҳое, ки бо номи «Тоҷикон дар масири таърих» (Теҳрон, - 1373) бо ҷаҳди Мирзо Шукурзода таҳия ва нашр шудааст, гирд оварда шудаанд.

***Ю. Яъқубшоҳ***

# МАЪНОИ КАЛИМАИ ТОҶИК ҲАМОН ОРИЁӢ АСТ*

*(Аз таърихи пайдоиши номи тоҷик)*

Яке аз масъалаи то кунун ҳалнашудаи таърихи тоҷикон ин пайдоиши номи тоҷик мебошад. Бисёр олимони эроншинос барои ҳалли ин масъала кӯшиши зиёде ба харҷ додаанд, аммо ба хулосаи самарабахше наомадаанд. Ба ақидаи мо таърихи пайдоиши ин номро бояд аз оғози пайдоиши ориёиҳо шуруъ намуд. Зеро мувофиқ ба давру замон номҳо тағйир меёбанд, аммо маънои худро дар вожаҳои гуногун, ки мо онҳоро дар поён меорем, нигоҳ доштаанд. Номи тоҷик ба монанди забони форсӣ-тоҷикӣ таърихи дуру дароз дорад.

Аслан номҳои этникӣ дар натиҷаи вохӯрии як халқ бо халқи дигар пайдо мешаванд. Дар вақти бархӯрди ду хулқи гуногун бо якдигар онҳо нажод ва номи этникии худро муаррифӣ мекунанд. Баъзан сарулибос ё хулқу атвори назаррасе боиси пайдоиши номи этникии ин ва ё он халқ мешавад.

**1. Ориёӣ.** Ориёиҳо, ки аслан аз нажоди аврупоиён мебошанд, дар вақти бархӯрд ба маҳаллиёни Ҳинд[1] худро ориёӣ, яъне аз нажоди пок гуфтанд. Маънои калимаи ориёиро забоншиносон ба маънои ҷаноб, наҷиб, асилзода, покнажод шарҳ додаанд (Барроите Т. Санскрит. саҳ.7). Онҳо сафедпӯсту тануманду фойтунсавор будаанд. Аспро бо фойтунҳо ба Ҳиндустон ориёиҳо овардаанд.

Дар бораи пайдоиши қабоили ориёии сакоиҳо - скифҳо афсонаю ривоятҳое мавҷуданд, ки боиси номи этникии онҳо шудааст.

Ҳеродот менависад, ки скифҳо дар бораи пайдоиши худ чунин нақл мекунанд; Нахустин бошандаи ин кишвари беохир шахсе буд, бо номи Таргитай. Падару модари Таргитай мувофиқи ривояти скифҳо Зевс (Худои бузург) ва духтари рӯдҳо Борисфен буданд. Ана ҳамин хел шаҷара дорад Таргитай ва ӯ се писар дошт: Липоксайс, Арпоксайс ва хурдӣ Калаксайс. Дар сарзамини онҳо аз осмон чизҳои тиллоӣ меафтад: сипор, юғ, табар ва коса. Аз ҳама аввал афтидани он ашёро писари калонӣ дида, барои гирифтани онҳо кӯшиш менамояд, аммо аз тилло чангдуд бармехезад ва ӯро ба ақибнишинӣ водор месозад. Баъд бародари дуюм наздик мешавад ва боз аз тилло аланга бармехезад ва ӯ низ қафо мегардад. Аммо вақте ки бародари хурдӣ наздик меояд,

---

* Юсуфшоҳ Яъқубшоҳ.-Тоҷикшинос. -Душанбе:Ирфон, 1999. – С. 24-58.

ашёҳоро ба осонӣ соҳиб мегардад ва бародарони бузург розӣ шуданд, ки вай подшоҳ шавад.

Ҳамин тавр аз Липоксайс қабилаи сакоии авхатам, аз бародари миёна катиарҳо ва траспиҳо аз хурдӣ қабилаи шоҳии паралатҳо пайдо шуданд. Ҳамаи қабоил якҷоя сколотҳои (шояд сакоиҳо - Ю.Ё) шоҳӣ ном доранд (Ҳеродот, саҳ. 188).

Мувофиқи ақидаи забоншиносон қисми дуюми номҳои бародарон калимаҳои эронӣ; хшат, ҳоким, шоҳ, ҳукмронро ифода мекунанд. Скифҳо (сакоиҳо) ба монанди Модҳову Порсҳо худро ба нажоди ориёӣ нисбат медоданд; арйи, олан. Бисёр номҳои шоҳони скифҳо бо калимаи ориёӣ оғоз меёбад; Ориёнтос, Ориёноисос, Ориёрамнёс ва ғайра (Оранский, саҳ.72). Шубҳае нест, ки афсонаи Фаридун бо писаронаш бо афсонаи сакоӣ – скифӣ ва се оилаи аландӣ аз як сарчашма баромадаанд. Мо дар бораи ривояти Фаридун дар боло мутазаккир шудем.

Бар асоси ин афсонаи сакоӣ ривояти славянӣ дар бораи се шоҳигарӣ пайдо шудааст. Мувофиқи ин асотир бародари хурдӣ соҳиби тилло номи шоҳи офтобиро дошт, чун ки дар асной тулуи офтоб ба дунё омада буд.

Аввалин шоҳи ориёиҳо Ҷамшед (Ҷам) писари қаҳрамони офтобӣ ё шоҳи офтобӣ буд. Барои ҳамин ӯ лақаби хшатра - ҳукмрони тоҷи нурдор, рӯшноидор, фурӯғдорро дошт. Аз ин рӯ шоҳони ориёӣ авлод ва баромади худро аз худои осмонӣ-Хуршед медонистанд. Тибқи гуфтаи Ҳеродот худои бузурги сакоӣ-массагетҳо, Офтоб - Митро буд ва ба ӯ қурбониҳои зиёде аз аспон меоварданд.

Митро дар Авасто худои Фурӯғ буда, аввалин шуда дар фойтуни тиллогини чораспаи заррин дар осмон ва аз болои кӯҳи Ҳарои сарзаминҳои ориёӣ: Суғду Бохтар, Марғушу Хоразм, Ишкоту Порут, Ҳарайвро тахти муроқибат қарор медиҳад. (Миҳр Яшт IV). Митро сарзамини Аҳуроиро бо олами набототу ҳайвонот ва сарватҳои табиӣ аз ҳар хатар эмин медорад.

Дар осори бостонӣ, махсусан нақшҳои болои санги марбути сакоиҳо расмҳои фойтунсаворон - худоёни офтобсар акс шудаанд. Чунин расмҳо дар Саймалитоши Ҳафтрӯд (Қирғизистон), Тағмалӣ (Қазоқистон) ва Помир мавҷуданд. Навиштаҳои зикршуда ба давраҳои гуногуни таърих нисбат доранд. Қисми қадимтаринашон ба асри биринҷ, иддаи дигар ба замони сакоиҳо ва бақия ба қуруни аввали мелодӣ тааллуқ доранд.

Аз зумраи ин ёдгориҳо расмҳои асп, гов, гавазнҳо ва одамони офтобсар дорои аҳамияти хос буда, ба ҳазорсолаҳои III-II пеш аз мелод мансубанд. Мо соли 1991 дар сафари роҳи Абрешим аз ин ёдгориҳо дидан кардем. Бошандагони деҳаи Тағмалӣ ба мо маросимеро, ки дар ин

маҳал баргузор мегардад, нишон доданд, ки фишурдаи он чунин аст. Дар дарае, ки дар кӯҳпораҳо расмҳо канда шудаанд, чашмаи об вуҷуд дорад. Қазоқон дар се маҷмарии баландпоя, ки ба маҷмарҳои сакоиёни Ҳафтрӯди асрҳои V-III пеш аз мелод шабоҳат доранд, оташ афрӯхтанд. Қобили тазаккур аст, ки дар косае, ки оташ месӯзад, ҳайкали асп низ нақш ёфта. Баъди тиловат аз Қуръони маҷид аз тарафи муллои қазоқ мардуми деҳа - зану марду кӯдакон ба оташдонҳо саҷда намуданд. Ин суннат аз сакоиҳои ориёиёни оташпараст ба мерос мондааст. Ман дар байни бошандагони Тағмалӣ ашхоси тоҷиксуратро дидам ва аз яке аз он пурсидам, ки шумо қазоқед ё тоҷик? Ӯ дар ҷавоб гуфт, ки имрӯз мо ҳама қазоқ мебошем, аммо бобоёнамон тоҷик буданд. Аз муллои қазоқ савол кардам, ки оё медонед, ки ин саҷдаи оташ аз суннати мусулмонӣ нест? Вай дар ҷавоб гуфт, ки ин одат аз аҷдодони мо боқӣ мондааст. Ин ҷо мазори бузургони мо мебошад ва дар ин ҷо ҳар сол дар Наврӯз қурбониҳо мекунем.

Агар мо ба расмҳои Саймалитош, Тағмалӣ, Помир назар кунем, мебинем, ки рассом дар ин ҷо манзараи ҷашниро тарсим кардааст. Ҷуфти гов бо юғу сипораш аз оғози кишту кор ва ҳулули иди Наврӯз хабар медиҳад. Дар ин маросим худои Офтобсар иштирок дорад. Дар ҷойи дигар расми одамони офтобсар, гов, гавазн ва асп акс шудаанд, ки дар назди онҳо одамон мерақсанд. Шояд дар саҳна маросими таҷлили иди Наврӯз акс ёфта бошад, ки пеш аз шуруи кишту кор одамон дар назди худои Офтобсар қурбонӣ намуда, фотеҳа мегиранд. Бешубҳа одамони Офтобсар образи худои сакоиён Митро-Меҳр мебошад.

1.Меҳр ин қадимтарин худои бузурги ориёиҳо буда, ба замони пеш аз Аҳуромаздо ба давраҳои умумияти ҳинду эрониён нисбат дорад. Худои Меҳр дар давраҳои минбаъд дар сиккаҳои кушонӣ ва деворнигоришҳои аввали асри миёна бо доираи шуъладор тасвир ёфтааст. Умуман дар Авасто ҳамаи худоён хусусияти офтобӣ, рӯшноӣ доранд. Худои бузурги Авасто Аҳуромаздо низ рамзи рӯшноӣ, фурӯғ ва офтоб мебошад.

Дар забонҳои хутану сакоӣ офтобро Урмузд мегуфтанд, ки шабеҳашро дар забонҳои имрӯзаи бадахшониён мушоҳида мекунем. Масалан, ишкошимиён офтобро Римузд, Сангилеҷҳо Ормузд меноманд. Мувофиқи ахбори сайёҳони хориҷӣ бадахшониён (Помир) худро писарони офтоб хонда, то баромади офтоб аз хоб намехестанд. Ҳамин тавр, бадахшониён, ки аз авлоди сакоиён мебошанд, худро фарзандони офтоб медонистанд. Қасам ба номи офтоб яке аз маъмултарин ибораи мардуми Бадахшону Дарвоз мебошад.

Умуман образи офтоб на танҳо ба Миҳр (Митро) ва Ормузд нисбат дорад, ҳамчунин бисёр яздҳои Авасто ба офтобу оташ алоқамандӣ доранд. Аҷибаш он аст, ки худовандони ориёӣ, ки расмҳои онҳо дар маводи бостонӣ, аз ҷумла танбарҳо (устудонҳо) ва деворнигоришҳои қабл аз ислом пайдо шудаанд, дар гирди сар ғайри доираи нурафшони иллоҳӣ боз дар сар тоҷ доранд. Чи тавре ки маълум аст дар ойинҳои дигар фариштагон ё худоён танҳо доираи нурафшон нишонаи иллоҳӣ доранд. Дар ойини ориёиҳо худоён, фариштагон тоҷдор мебошанд. Ба фикри мо тоҷ ин нишони нажоди ориёиҳо мебошад, ки дар сари худоён низ акс шудааст.

2. **Фарра (Хварна) рамзи тахту тоҷ ва нажоди ориёиҳо.** Яке аз хусусиятҳои хоси мардуми ориёӣ ва шоҳони он тоҷи сарашон мебошад. Тоҷгузорӣ аз Кайёмард ба ривояте аввалин одам-башар аз шоҳи ориёиён шуруъ гардид. Нахуст инсони ориёиро барои тахту тоҷи замин офарид ва ӯро Гилшоҳ низ мегӯянд ва ҳама ворисони ӯ ин анъанаро давом дода, худро шоҳзодагон номиданд. Дар фалсафаи ойини маздопарастӣ узви ин ҳама поку бузурги бадани одам сар буда ва онро аз дигар узвҳо воло медонанд. Бинобар ин ҳамаи ориёиҳо аз инсон то Эзидон ва бузургони авастоӣ, ки расми онҳо дар болои сиккаҳо, деворҳои қасрҳо ва ҳайкалҳоанд ва дастраси бостоншиносонанд тахту тоҷ доранд. Ҳамаи шоҳон, аъёну ашрофу мардуми ориёӣ пеш аз ислом тоҷдор буданд.

Ҳеродот менависад, ки ҳамаи сакоиҳо (скифҳо) кулоҳи нӯгборик доштанд. Расмҳои эшон, ки дар ёдгориҳои бостонӣ боқӣ мондааст, ба қуруни мухталифи пеш аз мелод ва асрҳои IV-III мелодӣ нисбат доранд.

Осори аввалин инсони кулоҳаш нӯгборик аз қабристонҳои вилояти Синзияни Чин ба даст омадааст, ки ба асрҳои XXI-XVI пеш аз мелод тааллуқ доранд. Дар гӯрхона аз хушкии хоки регзор лавозими либоси ашхоси гӯршуда боқӣ мондаанд. Онҳо ду чизи хоси ориёӣ - кулоҳи нугтез ва эзор доранд. Қабристонҳо низ мудаввар ба монанди хаймаи офтоб сохта шудаанд. Ин қабристонҳо бешак ба ақвоми ориёинажод нисбат доранд (Наука и ҷизнҳ, № 5, 1969). Ҳамин тавр ориёиҳо аз давраҳои хеле қадим кулоҳи тоҷдор доштанд ва ин суннат яке аз нишонаҳои этникии онҳо буд.

Дар Авасто Каёняшт яке аз қадимтарин қисм аст.Одатан дар мутун аз ду **фар** ёд мешавад. Яке фарри ориёиён – Ariyanem Xvareno ва дигаре фарри Каёнӣ – Kavaenem Xvareno. Дар баъзе мавридҳо якҷоя ҳам меоянд.Фарри ориёиён шукӯҳу ҳашамат, давлату савлат ва ақлу хирад ва донишу илмро ситоиш мекунад. Фарри каёниён муваккали бузургону шоҳони поки ориёӣ мебошад (Пури Довуд, 2, саҳ. 302-315). Дар мавзуи фарра олимони эроншинос заҳмати зиёде ба харҷ додаанд.

Истифодаи ин калима аз навиштаҷоти давлати Ошуриҳо шуруъ мешавад, ки бо номҳои модҳо алоқа дорад. Ин калима дар форсии қадим фарнаҳ, дар форсии миёна фарр, суғдӣ фарн, осетинӣ фарӣ ва дар номҳои сакой-скифӣ низ маълум мебошад (Пури Довуд, 2, саҳ.209-223). Афсона дар бораи хварни осмонӣ, ки бахту саодат ва тоҷу тахт ба ориёиҳо меорад, хеле қадиму маъруф буд. Он юғу сипор, табар ва ҷоми тиллоие, ки аз осмон ба замини сакоиҳо афтидаанд, онҳоро эзиди Фарро барои кишоварзон, ҷанговарону ҳунармандон овард.

Дар Авасто омадааст, ки Фарра аз осмон барои Каёниён меояд ва муҳофизати давлати онон мекунад, аммо баъди осӣ шудани Ҷамшед аз пеши вай ба сурати мурғи Вариған (боз,боша) ба осмон рафта, ба се қисм тақсим мешавад. Як қисмаш дар арш дар назди Аҳурамаздо, дуюмаш ба Меҳр дода мешавад, ва пеш-пеши ӯ монанди кураи шуълаафган парвоз менамояд. Қисми сеюм ба Фаридун дода шуда, бо номи Фарри Каёниён маъруф мебошад (Пури Довуд, 2, саҳ.319-322).

Фарра дар сиккаҳои кушонӣ язди мустақил буд, ки соябони давлати онҳо ҳисоб мешуд. Фарра ба шакли боша дар тоҷи бисёр шоҳон, аз ҷумла хоразмиён акс шудааст. Акси мурғ дар болои тахти шоҳони ориёинажод русуми маъмултарин буд. Дар байни мардуми тоҷик афсонаи бози давлат машҳур аст. Бози давлатро дар ҳамон вақт истифода мебурданд, ки шоҳ ворис надошт. Бозро дар маҷлиси ҳамагон парвоз медоданд ва дар сари касе менишаст, ӯро ба подшоҳӣ мегузиданд.

Аммо аз сарчашмаҳову бозёфтҳои бостонӣ бармеояд, ки Фарра бо номи аспи тоҷдор, уштур, таккаи бузи кӯҳӣ, ғоз ва қуи тоҷдор вомехӯрад. Ҳамаи ин ҳайвонҳо дар асотири ориёиҳо муқаддас мебошанд ва ба ин намудҳо ба мардум вонамуд мегарданд.

Фарра нигаҳдорандаи ҳар хона, одам, давлати ориёиҳо маҳсуб мешуд. Фарра мазмуну мундариҷаи васеъ дорад. Ҳар ориёии пок дорои фарри худ мебошад. Фарра рамзи шуълаварӣ, рамзи зиндагӣ, гармӣ ва офтоб, рамзи воло будани мардуми ориёӣ аз дигарон аст. Номҳои имрӯзаи тоҷикӣ: Фаррух, Фарҳод, Фарнуш, Фаридун, Фарзона, Фаро-муз, Фарзод, Фарзом, Фарҷом, Фариштa, Фархунда, Фаррез ва ғайра ба эзиди Фарраи пеш аз исломӣ алоқаманд мебошанд ва маънои шаъну шавкат, шукӯҳ, тоҷ, рӯшноӣ, покӣ ва ориёиро ифода менамояд.

**3. Лақабҳо нишонаҳои этникии тоҷикон.** Маълум аст, ки лақабҳои иҷтимоӣ хусусияти этникӣ доранд. Давлатдорони Ҳахоманишӣ худро шоҳ меномиданд. Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки пеш аз ислом дар Хоразм шоҳон худро Хоразмшоҳ; дар Марв Марзбон (нигоҳбони марзҳо); Чағониён-Худод; Кобул-лулак (соҳиб); Бомиён-шер; Толиқон-

шерак; Аҳурон, Шуман, Вашгирд, Рошт-Деҳқон; Хатлон, Таҳорон, Гургон, Гурзон, Шуғнон, Вахон, Дарвоз, Бадахшон, Кобул, Ғур-шоҳ; Суғд, Фарғона-ихшид (сарбоз); Истаравшан-афшин (соҳиб); сардори рустоҳо-Ҳуваб-соҳиб; сардорони ҳамаи деҳа ва хонаҳо Кадхудот-соҳиб меномиданд. Ин унвонҳо ба туркон низ гузаштаанд: бағ (Худо)-соҳиб, ябғу (туркӣ)-бағa (ориёӣ), аз калимаи бағ шаклҳои туркии бег, бек ва бой пайдо шудаанд. Агар мо ба маводи этнографии пеш аз Инқилоби Октябр назар афканем, номи аглаби мардони Бадахшон, Дарвоз, Дашти Ҷум, Ховалинг, Сарихосор, Ғарм, ки дар ин ҷо олудаи туркӣ хеле кам аст, бо шо (шоҳ) ё бег (бағ) ба охир мерасад.

Дар қисматҳои Тошканд, Фарғона, Самарқанду Бухоро, Уротеппа, Хуҷанд ва дигар ноҳияҳои тоҷику туркзабон калимаи бой (бағ) маълум буд. Оё ин ҳолат ҳамон ривояти ҳамидаро, ки гӯё ҳамаи ориёиҳо аз авлоди шоҳон баромадаанд, тасдиқ намекунад? Ин номҳо ношӣ аз анъанаи қадими ориёӣ мебошанд. Чун ки дар амал бештари ашхосе, ки исми онҳо дорои калимоти бой ва шоҳ аст, фақиру нотавону бенаво буданд. Таҳлили номҳои тоҷикӣ нишон медиҳанд, ки онҳо аглаб ифодаи номи этникии тоҷикон мебошанд. Пас, дар сурате ки аксари мардум номҳои шоҳӣ, бой ва бегӣ доранд, падидаи баёнгари суннати ниёгони хеш, яъне дорандагони тоҷ, тоҷдорон мебошанд.

**4. Тилло ва нуқра рамзи этникии тоҷикон.** Тиллову нуқра рамзи офтобу моҳтоб барои ориёиҳо дар замин мебошанд. Дар адабиёти авастоӣ Яздон аз бузург то кучак бо тиллову нуқра ороста мебошанд. Онҳо сарулибос, гардуна, табар ё ханҷари тиллоӣ доранд. Масалан, худои Меҳр либоси тиллоӣ, ҷавшани тиллоӣ, гардунаи тиллоӣ, аспони нуқрагӣ дорад. Анаҳито либоси тиллоӣ, кавши тиллоӣ. Рашан сарулибоси тиллоӣ ва тарозуи тиллоӣ доранд. Тилло дар урфияти мо дорои мақоми хоси этникӣ аст.

Ҳаким Умари Хайём дар Наврӯзнома овардааст, ки Ҷамшед тиллоро кашф намуд ва аз он доираи бузурге офарид ба монанди офтоб. Ҳамин гуна доира аз нуқра сохт ва он рамзи моҳтоб мебошад. Тилло нишонаи офтобу оташ дар замин буда, ба монанди офтоб рахшону пок аст. Тилло шоҳи маъданҳо ба шумор меравад ва аз ҳамин лиҳоз таваҷҷуҳи ориёиҳо ба ин маъдан зиёд буд. Онҳо тиллоро ҳамчун рамзи покӣ, аслӣ, олитабор нисбат ба маъданҳои дигар тарҷеҳ медоданд. Ориёиҳо худро асилзодагони аҳли башар ва тиллоро рамзи нажодии худ медонистанд. Аз ҳамин сабаб эшон на танҳо тамоми тазйинот, балки васоили рамзии хешро низ аз тилло ва нуқра месохтанд. Агар дигар халқҳои ҷаҳон аз тилло минҳайси сарвату сармояи моддӣ кор бигиранд, ориёиҳо ин маъданро ба ҳайси рамзи

нажодию олимақомӣ парастиш менамуданд. Ҳеродот менависад, ки Куруш ханҷари тиллоие дошт, ки ба он қасам ёд мекард ва ҳеҷ гоҳ қасамшиканӣ надошт. Яъне, мо дар ин ҷо мебинем, ки Куруш ханҷари тиллоии худро ҳамчун рамзи покӣ, ростию муқаддас медонист. Либосҳои бо тилло ороиш додаи шоҳони сакоиён, ки аз гӯристони Иссиққӯл ва Тиллотеппаи кушониёни Афғонистон ба даст омадаанд, фавқулзикрро таъкид менамояд. Нуқра низ баъд аз тилло дорои мақоми баланд мебошад. Он низ ҳамчун маъдани пок як ифодаи асилзодагии ориёиҳо буд ва яке аз сабабҳои таваҷҷуҳи имрӯзаи тоҷикон ба ин маъданҳо аз ҳамин ҷиҳат аст.

**5. Калимаи аҷам.** Мо дар боло мулоҳизоти шарҳие оиди таърихи пайдоиши номи ориёй-тоҷикон овардем, ки аз иртиботи наздики номи тоҷик ва калимоти тоҷу тоҷдорӣ шаҳодат медиҳанд. Дар даврахои минбаъда бо омадани аҷнабиён ва фатҳу ғорати онҳо дар ватани мо дар номи этникии эрониён (ориёиён) тағйироти шаклӣ ба вуҷуд меояд, аммо мазмуну маънои он нигоҳ дошта мешавад. Мо дар боло қайд намудем, ки гузаштагони тоҷик турҳо (сакоиҳо), суғдиён, хоразмиён, марвиён, бохтариён, сиистониёну хуросониён, форсон ҳама худро ориёӣ меномиданд. Вале минбаъд дар насабномаашон худро бо номи зодгоҳашон ё сулолаи авлодияшон муаррифӣ мекунанд. Масалан: Ашкониён, Сосониён, Кушониён, Ҳайтолиён, Хоразмиён, Суғдиён ва ғайра. Ин масъала сабаби фаромӯшии номи миллии онҳо - ориёӣ (эронӣ) мешавад. Аммо дар адабиёти таърихӣ номи умумии Эроншаҳр то истилои арабҳо боқӣ мемонад.

Арабҳо, вақте ки Эронро гирифтанд, мардуми онро аҷамӣ номидаанд.[1] Ба аҷамиён бошандагони Осиёи Марказӣ: тахористониён, хоразмиён ва суғдиён дохил мешуданд…

Масалан шоири аввали асри IX Исҳоқии Суғдӣ аз шуарои бузурги арабзабон буд ва бо насли аҷамии худ меболид, аҷамро аз араб бузург медонист:

Яъне ман марде аз сарварони Суғдам, ки нажоди аҷамӣ пӯсти накӯро бар ман пӯшонидааст.

*Басе ранҷ бурдам дар ин соли сӣ,*
*Аҷам зинда кардам, бад-ин порсӣ.*
(Фирдавсӣ)

*Дар Аҷам афтод марде аз Араб,*
*Монд з-ин шаҳри Аҷам андар аҷаб.*
(Аттор)

*Дар базми мо нишасту ҳавои Аҷам шунид,*
*Он кас, ки майли нағмаи хорогудоз дошт.*

(Ҷомӣ)

Бояд тазаккур дод, ки калимаи Аҷам ва аҷамӣ маънои ҷуғрофӣ мамлакат ва мардуми ғайри араб буда, маънои этникиро низ ифода мекунад.

**6. Калимаи озодагон ба маънои ориёӣ-тоҷикон.** Дар таърихи ориёиён-тоҷикон аз қадимулайём то истилои араб ва баъд аз он асрҳои X-XII табақаи озодагон мавҷуд буд, ки ба он шоҳону ашрофон, давлатмандони ҳама гурӯҳҳои иҷтимоӣ дохил мешуданд. Дар натиҷаи истилои араб ва туркон ин калима обуранги этникиро гирифта, маънои ориёӣ-тоҷикро дорад. Масалан, устод Рӯдакӣ гӯяд:

*Май орад шарафи мардумӣ падид,*
*Озоданажод аз дирамхарид.*
*Доим ба ҷони ӯ биларзам зеро-к,*
*Модари озодагон кам орад фарзанд.*

Дақиқӣ мегӯяд:

*Ман аз пок фарзанди озодагонам,*
*Нагуфтам, ки Шопур бини Ардашерам.*

*Ман ҷоҳ дӯст дорам, к-озодазодаам,*
*Озодзод ба ҷо нафурӯшанд ҷоҳро.*

Фирдавсӣ гӯяд:

*Бузургону бодониш озодагон,*
*Навиштанд, яксар ҳама ройгон.*
*Пас озода Гуштосп бар шуд ба гоҳ,*
*Фиристод ҳар сӯ ба кишвар сипоҳ.*

Аз мисраҳои боло пайдост, ки Гуштосп, Дақиқӣ ва Фирдавсӣ худро ба нажоди озодагон, асилзодагон, шоҳзодагон нисбат додаанд.

Носири Хусрав низ худро озоданажод гуфтааст:

*Туркон ба пеши мардон з-ин пеш дар Хуросон,*
*Буданд хору оҷиз ҳамчу зани саройӣ.*

*Имрӯз шарм н-ояд озодазодагонро,*
*Кардан ба пеши туркон пушт аз тамаъ дутоӣ.*

Дар луғатномаҳо низ ба ҳамин маъно: некхӯӣ, асилзода, наҷиб, ҷавонмард, саховатманд, яъне ба ҳамон маънои ориёии шоҳзода будааст.

**7. Деҳқон ба маънои озодагон, асилнажод, ориёӣ-тоҷикон.** Дар таърихи пеш аз қуруни ислом калимаи деҳқон ба маънои этникии ориёнажодон-тоҷикон омадааст. Фирдавсӣ гӯяд:

*Зи гуфтори деҳқон кунун достон,*
*Бипайвандам аз гуфтаи бостон.*

Дар Шоҳнома мисраҳое ҳастанд, ки дар он гурӯҳҳои этникии замони Фирдавсиро муайян менамоянд.

*Ба Эрон шавад чун араб чирадаст,*
*Ба гетӣ намонад яздонпараст.*
*Чу бар тахт минбар баробар шавад,*
*Ҳама ном Бубакру Умар шавад.*
*Шавад бандаи беҳунар шаҳриёр,*
*Нажоду бузургӣ наёяд ба кор.*
*Зи Эрону аз турку аз тозиён,*
*Нажоде падид ояд андар миён.*
*На деҳқон, на турку на тозӣ бувад,*
*Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад.*

Ин суханҳои Фирдавсии бузург воқеан имконияти омезиши халқҳои тоҷику турк ва тозӣ (араб)-ро дар назар дошта, пайдоиши халқи наверо пешгӯӣ менамояд:

*Ҳар кас ба иди хеш кунад шодӣ,*
*Чӣ ибрию чи тозию чӣ деҳқон.*
(Фаррухӣ)

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳама адабиёт калимаи тозӣ ба маънои араб омадааст:

*Ҷаҳонро дидаму бас озмудам,*
*Шунидам гуфтаи тозию деҳқон.*
(Носири Хусрав)

Дар ин шеърҳо калимаи деҳқон ба маънои этникии он, яъне тоҷик бар муқобили араб омадааст.

Дар қадим калимаи деҳқон, яъне рустой ва ободкунандагони шаҳру деҳот ва офарандаи неъматҳои моддӣ, нажоди поку наҷибзода дар муқоиса бо кӯчиён, чорводорон, бефарҳанг истеъмол мегардад. Дар ҳамин маънӣ калимаи ориёиён ва турониён ва тоҷику турк муқобили якдигар истифода шудаанд.

Ҳамин тавр, вожаи деҳқон ба маънои шоҳзода, ориёнажод, мансубияти этникӣ-тоҷикро ифода мекунад.

**8. Калимаҳои тоҳиё, ҳу, ҳун (зун), ҳиён ва тоҷик.** Эраҷ Афшори Сиистонӣ дар мақолаи худ «Шинохт бо қавми тоҷик» ахбори сайёҳи чинӣ Чонк Кинро оварда менависад, ки ӯ дар соли 128 пеш аз мелод ба ин сарзамин омада, мардуми он ҷоро тоҳиё номидааст. (Эраҷи Афшор, саҳ.66). Аммо таҳлили сарчашмаҳо ва вожаи тоҳиҳо ба он далолат мекунанд, ки калимаи тоҳиҳо ба вожаи тахорҳо алоқаманд буда ба тоҷик вобастагӣ надорад.

Ғайр аз ин дар сарчашмаҳои чинӣ (солҳои 679-786) форсизабонон марзҳои худро, аз ҷумла суғдҳоро бо номи Ҳу ёд мекунанд (Кляшторний, саҳ.93). Ин истилоҳ ба маънои ҳунҳо низ омадааст. Ҳамин калимаро Хой Чао соли 726 нисбат ба шоҳи Бомиён истифода мекунад, ки як нафар hou (ҳу) тоҷик дар ин шаҳр ҳукм меронд ва лашкари пиёда ва савораи зиёд дошт (Ҳабибӣ, саҳ. 23). Бояд хотиррасон сохт, ки калимаи ҳу, ҳун, ҳунӣ дар сарчашмаҳои чинӣ нисбат ба қабоили эронзабон аз асрҳои II пеш аз мелод вомехӯрад. Ин калима нисбат ба кушониён, ҳайтолиён ва дигар ориёнажодон истифода шудааст, ки маънои тоҷикро дорад. Калимаи ҳу ҳамон калимаи авастой вангҳу ва аз ҳамин реша ҳуваб-бузург, пешво, сарвар ба забони суғдӣ аст. Ҳамин тавр, кушониёну ҳайтолиён худро аз нажоди олӣ-ҳуваб номида. чиниён онҳоро ба забони худ ҳу, ҳун гуфтанд, ки ба маънои ориёӣ-тоҷик мебошад.

Чуноне ки мебинем дар сарчашмаҳои чинӣ вожаи ҳу, ҳун нисбат ба қабоили ориёнажоди сакой, юҷиҳо, ҳайтолиён, суғдиён истифода шудааст ва муаррихи маъруфи афғон А. Ҳабибӣ онро дуруст тоҷик номидааст. Ин ҷо ҷои шубҳа нест, чун ки мантиқан калимаи тоҷик дар муқоиса ба чиниён ва туркон, обуранги этникӣ гирифтааст. Шоҳони Бомиён аз ҳайтолиён буданд ва худро барои фарқ кардан аз туркон тоҷик номидаанд. Маълум аст, ки туркон дар охири асри VI Суғд-Тахористонро тасарруф намуданд. То ин дам онҳо дар Суғд сукунат надоштанд, аммо қисми шимоли Тахористонро аз дасти ҳайтолиён ғасб карда, баъзе шоҳони маҳаллиро иваз намуда, ҷабғӯя ташкил намуданд, ки то омадани арабон вуҷуд дошт. Би-

нобар ин шоҳи ҳайтолии Бомиён худро ба Хой Чао ҳамчун тоҷик муаррифӣ намудааст. Аммо дар замони истилои араб ин калима кам истеъмол мешавад. Туркон ҳудуди Тахористонро тарк намуда ба Ҳафтрӯд фирор мекунанд. Дар миёни тоҷикон ба ҷои калимаи турк тозӣ (араб) пайдо мешавад. Арабҳо бошанд порсзабононро аҷамӣ ном медиҳанд, ки дар боло аз ин боб сухан рафт.

Баъзе олимон калимаи ҳу, ҳунро ба туркон ва омадани онҳо ба Осиёи Марказӣ нисбат медиҳанд. Ин ақида нодуруст мебошад, зеро дар Авасто дар бахши Гушт Яшт фикр, 29 аз қавми хиёниён ном бурда мешавад, ки шоҳи онҳоро Зарирон мегуфтанд. Дар Авасто зикр шудани номи қабилаи туронӣ-хиёниҳо далели он аст, ки ин ном дар ибтидо ба мардуми чорводору чодарнишини ориёнажод нисбат дошт.

Номҳои ҳу, ҳуни чинӣ аз вожаи хиёниҳои авастоӣ гирифта шуда, нисбат ба мардуми ориёнажод, яъне тоҷикон истифода шудааст. Бояд тазаккур дод, ки дар сарчашмаҳои чинӣ номи форс ва форсҳо Бос ва босӣ мебошад ва чиниёни замони силсилаи дудмони Тан форсҳоро бо тоҷикон омехта накардаанд. Дар адабиёти чинӣ-воҷаи ҳу, ҳунро ба суғдиён, бохтариён, фарғониён, хоразмиён ва сакоиён, яъне ба ориёинажодҳои минбаъд бо номи тоҷик муаррифӣ шуда, истифода кардаанд.

Ҳамин тавр иборaҳои ҳу, ҳунини чинӣ аз вожаи хиониҳо-турҳо гирифта шудааст ва чиниён бо ин ном ориёиҳои Шарқӣ: суғдиён, юҷиҳо, тахорҳо, ҳайтолиён ва сакоиҳоро ном гирифтаанд. Чи тавре ки гуфтем калимаи хиён, хваб, маънои шоҳзода, озодагон, нажоди олиро дорад ва ҳам маънои ориёӣ ва тоҷикро ифода мекунад.

**9. Калимаи тот, тат ва тоҷик. …**Мақсади мо исбот намудани он аст, ки исми тоҷик, исми ҳамаи ориёинажодон мебошад ва онро туркон ба ориёинажодон нисбат надодаанд. Зеро пайдо шудани вожаҳои тот ва тоҷик нисбат ба як миллати бузурги Осиёи Марказӣ тасодуфӣ нест. Вожаҳои тот ва тоҷикро зарурияти таърихӣ ба миён оварда ва сабабҳо зиёданд. Вазифаи мо олимон дар асоси далелҳои раднопазир ва инсофу адолат ошкор кардани сабабҳои пайдо шудани калимаҳои тот ва тоҷик мебошад.

Устод Муҳаммад Маҳдӣ Таботабоӣ дар мақолаи худ дар бораи лафзи тоҷик ва тот далоили зиёдеро бо фикру мулоҳизоти олимон гирд оварда, ба чунин ақида омадааст, ки ду лафз тот ва тоҷик ё тоҷик аз ҳам ҷудо набуданд, балки ҳарду калима ба ташхиси ин ҳақиқатҷу аз як асли чинӣ зоҳиран гирифта шудаанд, ки то бо томӣ ва аҳёнан тоғ ба тоҷ ё тухӣ ҳам дар талаффуз забт шудааст (Таботабоӣ, саҳ. 111).

Мувофиқи ақидаи Таботабоӣ калимаи тахорӣ дар забони чиниён тохию ва тухалу кайфияти талаффуз бахшида ва дар ҳақиқат тухалу ё тохиё сурати чинишуда аз тахорӣ аст, ки номи аслии мардуми бумист…

Вуҷуди ду сурат: тох ва туҳ ё тоҷ дар шакли чинии калима ихтилофи сабти исми Тахористонро ба фатҳи ё замми ҳарфи аввали калима тавҷеҳ мекунад.

Имкони қалбӣ ва табодили ҳарфҳо ба то ва син ва ҷо ва че ва шин ва ҷим ва хо ва ҳамчунин қалби дол ва товро ва лом ва че ва ҷим ба якдигар заминаи васеъ ё барои иштиқоқи тот ва тоҷ ва тоз ва тоҷ ва тош ва тоҷ аз тоҳ фароҳам меоварад. Ва менамояд, ки калимаи тах ва тоҷ дар ҷузъи аслӣ аз номи Тахористон сарчашма ва решаи аслии тохиё ва тухулу ва тухалу ва номи чинӣ Тахористон ва заминаи пайдо омадани тот ва тоҷик ва тоҷикро дар номи туркии эронӣ ва тош ва Шош ва Чоч дар шаҳрҳои Тошқурғон ва Тошканд ва Шош ва Чоч будааст ва робитаи наздики миёни тахор ва томӣ ва тухулу ва тот ва тоҷикро таъйид мекунанд (Таботабоӣ, саҳ. 111). Баъдтар мо дар ин мавзуъ баҳс мекунем. Бояд гуфт, ки калимаҳои тот ва тоҷик ба калимаи тахориён, ки номи қабоили ориёнажоди дар асрҳои II-I пеш аз мелод ба Бохтар омадаро ифода ва номи вайро иваз мекунанд ва давлати бузурги Кушониёнро месозанд, ҳеҷ иртиботе надоранд.

Вожаи тоши туркӣ ба чочи суғдӣ-эронӣ низ байни худ алоқамандӣ надоранд. Вожаҳои тах ва тоҷ низ аз якдигар ҷудо буда, ба Тахористон алоқамандие надоранд. Ба ақидаи устод Таботабоӣ ҳаргиз қавме ва миллате дар таърихи сеҳазорсолаи гузашта дар гузаргоҳи замон ва макон ба номи тоҷик вуҷуд надошта, ки берун аз қаламрав ва вуҷуди Эрони каён мустақилӣ дошта бошад, балки тоҷик сифате барои эронии форсзабон буда ва ба ғайри эронӣ итлоқ намешудааст (Таботабоӣ, саҳ.112-113). Мутаассифона устод Таботабоӣ на ҳама овардаҳои худро аз сарчашмаҳо дуруст дарк кардааст. Мо аз эшон савол карданӣ ҳастем, ки чаро ҳамаи форсзабонон аз халиҷи Форс то марзи Чин дар тули асрҳои IV-XIX мелод худро эронӣ не, балки тоҷик муаррифӣ намудаанд?

Дар мақолаи доктор Саид Муҳаммад Дабирсиёқӣ **тот** ва **тоҷик** ва **тозик** ба монанди мақолаи устод Айнӣ аз сарчашмаҳо маълумоти фаровони марбут ба мавзуи тоҷик гирд оварда шудааст, ки бешак ба ҳал намудани мавзуи тоҷикшиносӣ ёрӣ мерасонанд (Дабирсиёқӣ, саҳ. 116-127). Вале чӣ тавре ки поёнтар маълум мегардад, Дабирсиёқӣ низ ба монанди Таботабоӣ мафҳуми тоҷикро дуруст нафаҳмидааст. Бояд тазаккур дод, ки сарзаминҳои шарқии ориёинишин аз Олтой то Тибет дар асрҳои VI-VII аз тарафи туркон забт мешаванд. Туркон аз ориёзабонони муқимнишини ин ҷо, махсусан дар Қашғар (Қошғар), Кӯчон, Хамӣ, Турфан ва Хутан урфиятҳои давлатдорӣ ва тарзи зисту зиндагонии бумиро аз онҳо қабул мекунанд. Имрӯз ин туркони бо тоҷикон омезишёфта, уйғуронро ташкил менамоянд. Шоҳони

турк унвонҳои Шад аз решаи шоҳ, Ябғу аз решаи бағро аз Кушониён-юҷиҳо қабул намудаанд. Ин калима дар забони суғдӣ ба охшид (ихшид) ва кушонӣ-сакоӣ yavid (пешво) боқӣ мондаанд (Кляшторнкй, саҳ. 111).

Дар адабиёти таърихӣ дар бораи мустамликаҳои суғдиён дар Ҳафтрӯд ва Хутан сухан меравад. Аммо дар боби он ки дар сарзаминҳои Олтой, Қазоқистон, Қирғизистон ва Синҷони (Синсияни) Чин турониён-сакоиҳо аз қадимулайём то омадани туркон зиндагонӣ менамуданд ва забони онҳо суғдӣ ва сако-хутанӣ буд, ҳарф намеравад. Сакоиҳо дар асрҳои охири пеш аз мелод ва аввали мелод ба муқимнишинӣ ва зироаткорӣ шуруъ намуда, аввалин созандагони деҳу шаҳрҳо дар шарқии Қазоқистон, Ҳафтрӯд мебошанд. Ин ҷойҳоро туркон дар асрҳои VI-VII мелод ба асорати хеш даровroutанд. Вале дар ин ҷойҳо ба ғайр аз шаҳру қалъаҳои суғдӣ боз деҳаҳои сакоиёни бумӣ низ вуҷуд доштанд, ки бошандагонашон худро суғдӣ номиданд. Туркон мардуми бумии ин диёрро бо номи тат,тот ва таҷик ёд мекунанд. Аввалин маротиба калимаи тат, тот ва тоҷик аз ҷониби Маҳмуди Қошғарӣ дар Луғат ат-турк истифода шудааст.

Азбаски Маҳмуди Қошғарӣ дар Қошғар, Ҳафтрӯд ва рустоҳои тоҷикнишини марзи Чин зиста, луғати худро тартиб додааст, калимаи тот, тат ва тоҷикро нисбат ба ориёнажодон истифода кардааст. Дар ин ҷо ҳеҷ гоҳ арабҳо набуданд. Чи тавре ки зикр шуд, дар ин ҷо ориёзабонҳо: суғдҳо ва сакоиҳои Хутан, Синҷон, Кӯчон ва ғайра аз қадимулайём мезистанд. Вақти ин вилоятро гирифтани туркон забони тоҷикӣ-форсии нав дар ин ҷо ҳоло пайдо нашуда буд. Онҳо ба суғдӣ ё сако-хутании лаҳҷаҳои забони ориёиҳо ҳарф мезаданд. Забони тоҷикӣ-форсӣ дар замони Маҳмуди Қошғарӣ паҳн шуда буд. Маҳмуди Қошғарӣ менависад, ки суғдиён дар асри XI-XII бо ду забон: суғдӣ ва туркӣ ҳарф мезаданд.

В.В. Бартолд дар бораи пайдоиши калимаи тот ва тоҷик чунин навиштааст: Туркон дар асри X ва шояд аз ин ҳам пеш дар Осиёи Миёна калимаи тоҷикро истифода карда бошанд. Онҳо калимаи тоҷикро бештар дар мафҳуми этнографӣ нисбат ба мусулмононе истифода намудаанд, ки туркон онҳоро хуб медонистанд, яъне дар нисбати эрониён забони тоҷикӣ бар алайҳи забонҳои туркӣ ва арабӣ меистод. Ба ақидаи ман калимаи тот ба ҳамин вақт тааллуқ дорад, ки ҳоло туркманҳо ҳамаи аҳолии бумии туркистонро (тот) меноманд (Бартолд. Т.II. ч.I. с.196). Аз навиштаи В.В. Бартолд бармеояд, ки ӯ кай пайдо шудани калимаи тот ва тоҷикро намедонист, вале муътақид буда, ки ҳар ду калима нисбат ба тоҷикон истифода шудаанд. В.В. Бартолд дуруст қайд мекунад, ки калимаи тоҷик дар мафҳуми мусулмонон бештар ба эрониён мансуб аст.

Мусаллам аст, ки туркон исломро мустақилан аз арабҳо не, балки ба василаи тоҷикон қабул намудаанд. Алистахрӣ, ибн Ҳавкал, Алмуқаддасӣ ва ғайра дар замони Сомониён ба Мовароуннаҳр омадаанд. Онҳо навиштаанд, ки дар марзи тоҷикон мусулмонон бо туркон (кофирон) работҳои зиёде сохта буданд, ки дар онҳо туркон исломро қабул карда, вориди Мовароуннаҳр мешуданд (Алистахрӣ, саҳ.264-265; Ҳавкал, саҳ. 236). Ғозиёне, ки турконро ба ислом даъват менамуданд, тоҷик-форсзабонон буданд ва ташвиқоту тарғиботро ба забони тоҷикӣ мебурданд.

Бинобар ин калимаи той, ки номи яке аз қабилаҳои биёбонгарди араб ё арабҳои дар вилоятҳои Эрони Ғарбӣ мебошад, ба калимаи тот, ки онро туркон дар асри VI мелод ва шояд пештар нисбат ба ориёзабонони бумӣ, аз ҷумла суғдон истифода бурдаанд, ҳеҷ муносибате надорад. Чунки ин калимаро туркон вақте ном гирифтаанд, ки ҳеҷ арабе дар Ориёи Шарқӣ набуд. Дигар он ки ин калима нисбат ба аҳолии суғдзабони Ориёи Шарқӣ ҳамоно дар охири асри VI ҳангоми аз тарафи туркон забт шудани ин мавзеъҳо мавриди истифода қарор мегирад.

Калимаҳои тот, тат дар радифи калимаи тоҷик аз замонҳои қадим то аввали асри XX истифода шудаанд. Дар байни олимон сари шарҳи ин мухолифатҳо вуҷуд доранд. Бинобар он зарур донистем, ки бори дигар дар бораи маънои тот ва тат тавaққуф намоем.

Бояд тазаккур дод, ки аз тарафи муҳаққиқони масъалаи тоҷикшиносӣ дар бораи мафҳуми калимаи тот ва тат маълумотҳои фаровон гирд оварда шудаанд. Онҳо имконият медиҳанд, ки марбут ба ин вожа хулосабардорӣ намоем.

Бори аввал калимаи тот дар луғатномаи Маҳмуди Қошғарӣ ба забони туркӣ-арабӣ оварда шудааст ва ҳамаи лаҳзаҳои истифодаи он дар мақолаи доктор Дабирсиёқӣ оварда шудаанд ва мо аз он истифода кардем.

1. Дар луғати Маҳмуди Қошғарӣ калимаи тот дар мавридҳои зерин омадааст: Тат сиз турк булмос, яъне турк бе тат наметавонад. «Бош сиз барг булмос», яъне чӣ тавре ки сар бе кулоҳ намешавад (Девони Луғот-ат-турк, ҷ.1, саҳ. 292).

2. **Гелди манко тот идим амди ёт, қашқо билиб ат, сани тилар ос берди** (Девони Луғот, ҷ.1, саҳ. 39). Кофари яғир ба сӯйи ман омад, ӯро куштам ва гӯшташро ба каргасҳо ва даррандагон додам. Дар ин ҷо тот кофир номида шудааст. Аз ибораи дуюм бармеояд, ки турке тотро кушта, зеро он ғайри дини туркон буда, гӯшташро хӯроки каргасон карда. Ин гуфтаҳо ба давраҳои пеш аз исломро қабул намудани тотҳо мансубанд. Туркон медонистанд, ки тотҳо зардуштӣ ҳастанд ва мурдагони худро ба каргасон медиҳанд. Ибораи кофир аслан дар дини ислом нис-

бат ба ғайри мусулмон истифода мешавад. Маълум аст, ки туркон тотҳоро муслим накарда, баръакс тотҳо турконро мусулмон кардаанд. Дар ҳарду маврид тот ҳамчун номи халқи ғайри турк зикр шудааст.

**3. Татлишмоқ ал акии брло татлэшди** (Девони Луғот, ҷ. 2, саҳ. 163), яъне он ду тот ба забони тотӣ сухан гуфтанд. Ё тат қамағ самлишди (Девони Луғот, ҷ. 2, саҳ. 150), яъне тотзабонон ба забони худ сухан гуфтанд (Тарҷумаҳои оқои Дабирсиёқӣ бо каме таҳрири мо). Аз овардаҳои боло ба хубӣ пайдост, ки сухан дар бораи мардуми тат ё тот меравад, ки онҳо ба забони модариашон ҳарф задаанд.

*Тот шуд тирамиҷа таълими хона синаам,*
*Кай расонад тот фарёди дили зорам агар.*

(Абу ал-Маолӣ. Лисон-ал-аҷам).

Дар ин ҷо тот ба маънои толиби илм ва бофарҳанг омадааст.

4. Агарчи амири Бухороро ва хони Хивоқ ҳардуро дудаи амирони ӯзбеканд ва дар ҳасб ва касб яке, аммо фи мобайн ғубори нифоқ муртафеъ аст. Амири Бухороро хони Хивоқ ва аҳли Хоразмро турк надонад, тот хонад ва хони Хивоқ аҳли Бухороро тозик номад (Ризоқулихони Ҳидоят. Сафарномаи Хоразм, саҳ. 53).

Дар ин матн аҳли Бухоро тоҷик ва аҳли Хоразм тот-бумӣ, маҳаллӣ номида шудаанд. Мо аз маълумотҳои таърихӣ медонем, ки дар асри XIX аҳолии Хева аз тоҷикон ва туркзабонон иборат буд. Бинобар ин вожаи тот аслан ба мардуми маҳаллӣ-тоҷикон нисбат дорад.

Курдҳо (тотҳо) ё бумӣ ҳастанд ва ё курдҳое мебошанд, ки эҳтимол ба василаи шоҳ Аббос ба ин ноҳия кӯчонида шудаанд. (Робину. Вилояти Дорулмарзи Эрон. Гелон, тарҷ. Ҳумомизода, саҳ. 314).Дар ин ахбор калимаи тот ба маънои бумӣ, маҳаллӣ, таҳҷой омадааст. Доктор Саид Муҳаммад Дабирсиёқӣ дар хулосаи фарҳангҳои гирдовардаи худ марбут ба тот менависад, ки: форсӣ-форсизабонон, эрониёни форсизабонони қафқозӣ ва бархе аз мардуми шимолии Эрон, ки ба лаҳҷаи маҳаллии форсӣ сухан мегӯянд-мутародифи тоҷик (фирқа ва тоифа). Омӯзишгирандагон ва толибилмон дар таълимхонаҳо, яғир-кофир, маза ва лаззат, муҳаррафи дод ба маънии адл тотро (Саид Муҳаммади Дабирсиёқӣ, саҳ. 156).

*Туркидаму тотидаму он гоҳ арабидам,*
*Дар дидаи соҳибназарон бил-аҷибидам.*

Дар ин мисраъҳо ба хубӣ пайдост, ки калимаи тот танҳо ба тоҷикон-эрониён (ориёиён) нисбат дорад.

*Гар тот шаҳрӣ аст агар турк лашкарӣ*

Дар ин мисраъ гуфта шудааст, ки тотҳо шаҳрианд, бумианд ва туркон лашкарӣ, яъне сарбозанду ҷангӣ.

Имрӯз ҳам як гурӯҳи хурди тоҷкзабонон дар Қафқоз дар байни туркзабонон бо номи тотҳо зиндагонӣ мекунанд ва забони онҳо ба забони тоҷикӣ-форсии нав хеле наздик мебошад: Зени мисоҳу мерде тоҷбесер, зен мисоху мерде хокбесер. Мардро зан ҳам тоҷбасар мекунад ва ҳам хокбасар ё хуби доморо аз кук ширин (домоди хуб беҳ аз фарзанд). Раҳмон Раҷабӣ дар мақолаи худ «Тотҳо мардуми эронинажоданд» мегӯяд: забони тотӣ бо лаҳҷаҳои ҷузъӣ ҳамоно давоми забони паҳлавиест, бо ихтилоти калимаҳои забони форсии нав. Маншаи калимаи тот, тоҷик ва толиш якест ва шояд то замони ҳамлаи араб номи ягонаи қавми эрониён буда, ки ба форсии нав бо нишонаҳои забони паҳлавӣ такаллум мекард (Раҳмон Раҷабӣ, саҳ. 101-102).

Аз овардаҳои боло ба хубӣ маълум мешавад: 1. Тот ва тат як маъноро доранд, яъне халқи ориёӣ, тоҷик-эронӣ мебошанд.

2. Ахбори дар бораи курдҳо, хоразмиҳо, шеъри гар тот шаҳрист, агар турк лашкарӣ ва маълумоти мардумшиносии аз Осиёи Марказӣ бадастомада далолат мекунад, ки калимаи тот дар ибтидо нисбат бо ориёнажодон ва баъд ба тоҷикон-эрониён (ориёиён) истифода шуда, маънои аслияш бумӣ, маҳаллӣ, таҳҷой, ватандор будааст. Ин ибораро туркон дар вақти мулкҳои ориёнишин - тоҷикнишинро забт намудан ё ба ориёнажодон шинос шудан нисбат ба тоҷикон истифода бурдаанд. Баъдҳо, вақте ки туркон дар асрҳои XI-XII тамоми Тоҷикшаҳр-Эроншаҳрро гирифтанд, ин вожа ба мафҳуми ҳамаи мардуми форсзабон истифода мешавад. Туркон дар Тоҷикшаҳр худро бумӣ намедонистанд, онҳо худро халқи омада, кӯчӣ ё лашкарӣ мегуфтанд. Туркон танҳо тоҷикон-эрониёнро бумӣ, шаҳрӣ, ватандор, таҳҷой, маҳаллӣ меномиданд ва номидаанд.

3.Калимаи тотро форс ба маънои миллат ё форсизабон тарҷума намудан хато мебошад. Зеро вожаи тот хеле барвақт, пеш аз паҳн шудани забони нави тоҷикӣ-форсӣ пайдо шудааст. Дигар он ки мардуми ин диёр бо лаҳҷаҳои забони ориёиҳои Шарқӣ: суғдӣ ва хутанӣ ҳарф мезаданд. Маҳмуди Қошғарӣ менависад, ки суғдиён дар асрҳои XI дар Ҳафтрӯд, Тироз бо ду забон: суғдӣ ва туркӣ ҳарф мезаданд (Маҳмуди Қошғарӣ, саҳ. 11-31). Аз омезиши забони хутанӣ ва туркӣ забони уйғурҳои кунунӣ пайдо шудааст. Забони тоҷикӣ-форсии нав дар ин ҳавза асрҳои X-XII ва минбаъд дар ин ноҳияҳо паҳн мешавад. Аз ин

лиҳоз тарҷумаи калимаи тоҷик, ки дар ин давра маъмул шуда буд, ба ҳақиқат рост меояд.

Вожаи форс ҳамчун номи давлат ё миллат дар ноҳияҳои шарқии Ориён аз ҷумла Хоразм, Бохтар, Суғд, Фарғона ва Қошғару Хутан ҳеҷ гоҳ паҳн нашуда буд. Дар асрҳои миёна баъди пайдо шудани номи тоҷик забони онро форсӣ меномиданд ва тоҷиконро форсзабон мегуфтанд, аммо қабл аз ислом ибораи форс ва забони форсӣ дар Ориёи Шарқӣ маъмул набуд.

4. Дар асари «Тоҷикон дар масири таърих» мақолаи доктор Саид Муҳаммад Алии Саҷҷодӣ дар мавзӯи «Боз ҳам тот ва тоҷик» чоп шудааст. Мақола ба таҳлили забонии пайдо шудани вожаи тот ва тоҷик бахшида шудааст. Муаллиф кӯшидааст, ки пайдоиши номҳои тот ва тоҷикро аз решаи рӯди Дойтиёи авастоӣ, ки дар Ориён Вейҷ буд, пайдо намояд. Мувофиқи ақидаи Алии Саҷҷодӣ дар натиҷаи тағйиротҳои забонӣ вожаи дойтиё ба тойтик ва ба мурури замон ба тотик-тот ва тоҷик мубаддал мешавад (Алии Саҷҷодӣ, саҳ.78). Бояд тазаккур дод, ки ақидаи аз вожаи рӯди Дойтиё, ки дар сарзамини тоҷикон аст, муайян кардани номи тоҷик аз ҳақиқат дур аст ва мулоҳизоти доктор Алии Саҷҷодӣ боварибахш нест. Ақидаи он ки калимаҳои тот ва тоҷикро метавонанд аз воҷаҳои додики арманӣ, доди (dady) инглисӣ ва дадари авастоӣ ва дадаи туркии озарӣ ва дадо дар забонҳои маҳаллии эронӣ ва низ тот ва тоторҳо ба роҳатӣ таъбир намуд (Алии Саҷҷодӣ, саҳ.18). Ақидаи вожаи тот ва тоҷикро ба вожаи дада як донистан хатост. Аммо як умумияти иҷтимоӣ байни калимаи тоҷик ва дада ҳаст, ин ҳам бошад додгар, доддиҳанда, падар нисбат ба писарон ва авлоди хонаи худ доддиҳанда, бузург меҳисобад. Решаи иҷтимоии калимаи тоҷик, тоҷдор, шоҳ, доддиҳанда як мебошанд.

Дар мақола забони тӯрониёнро забони туркӣ номидани Алии Саҷҷодӣ хатост. Зеро тӯрониён аз табори ориёиҳо буданд ва забони онҳо бо туркӣ хешовандӣ надошт ва надорад.

Бояд тазаккур дод, ки калимаи тота дар забони қадими ориёиҳо, аз ҷумла модҳо дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод ба маънои падар истифода шудааст (Грантовский, саҳ. 217). Аммо дақиқ нест, ки калимаи тота - падари Эрони қадим ба тот, ки онро туркон нисбат ба эронзабонон ба маънои бумӣ кор бурдаанд, чӣ муносибат дорад. Аммо дар забони қадими тоҷикӣ-порсӣ ҳарфи т ба д табдил шудааст. Шубҳае нест, ки калимаи тата (тото) дар забони имрӯзаи тоҷик додо, дада, бобо, боба ва ота - падар шудааст. Агар маънои иҷтимоии вожаи тото-додо-падарро таҳлил намоем, вай ҳамоҳангу ҳаммаънои калимаи соҳиб, ху-

дованд мебошад. Яке аз шоҳони Портӣ Митридадат (Меҳрдод) ба ҳамин маъно (Митрои доддиҳанда) ном дошт. Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва мардумшиносӣ марбут ба вожаи тот ва тат ба он далолат мекунанд, ки онро туркон нисбат ба ориёнажодон-тоҷикон дар маънои халқи бумӣ, таҳҷоӣ, ватандор истифода кардаанд. Вожаи тот, тат дар муқобили кучӣ, саҳронавард, халқи омада истифода шудааст. Туркон худро бумӣ намеҳисобиданд. Онҳо бумӣ шуданро таъна медонистанд. Дар байни қирғизҳо то имрӯз ибораи тот шуда равед, боқӣ мондааст ва ин ибора нисбат ба касоне истеъмол мешавад, ки камтар кӯч мекунанд. Дар як ҷо нишастан ва хонаю дар сохтанро қирғизҳои пеш аз Инқилоби Октябр дар шаъни худ таъна меҳисобиданд. Азбаски туркон ин калимаро аз будаш беш истеъмол кардаанд, вай обуранги этникӣ гирифтааст, аммо ба маънои тоҷик алоқамандӣ надорад. Агар вай маънои этникӣ медошт аз истеъмол нест намешуд.

5. Дар мақолаҳои Таботабоӣ ва Дабирсиёқӣ оварда шудааст, ки вожаи тош, шош ва чоч ва тат ва таҳор аз як реша мебошанд. Ақидаи чоч ба тош табдилёфтан аҷиб аст, аммо дар мақолаҳо ин ақида исбот карда нашудааст. Мусаллам аст, ки чоч калимаи забони ориёиҳои шарқӣ-суғдӣ буда, дар замони истилои араб он ба шош табдил меёбад. Зеро тозиён дар забони худ ҳуруфи че-ро дуруст талаффуз карда наметавонистанд. Дар асрҳои XII дар адабиёти таърихӣ ба ҷойи вожаи шош ва чоч калимаи тош пайдо мешавад, ки муҳаққиқон онро бо омадани турку муғул алоқаманд медонанд ва маънои тошро санг маънидод менамоянд. Дар ҳақиқат агар вожаи тош-туркӣ бошад, пас номи шаҳри Тошканд аз ду бахш: тоши туркӣ ва канди тоҷикӣ иборат буда, маънои шаҳри сангро доранд. Аммо шаҳри имрӯза ва қадимаи Тошканд дар ҷойи бесанг бунёд шудааст. Чаро ӯро туркон номи шаҳри санг додаанд, равшан нест. То истилои арабҳо маркази Чочро Турбанд мегуфтанд. Дар замони Сомониён маркази Чоч Бинкат ном дошт. Чоч номи вилоят аст ва Тошканд номи ҳам шаҳр ва ҳам вилоятро мегирад. Мо маънои вожаи чочи суғдиро намедонем. Агар вай маънои санги маъданро ифода кунад, пас туркон онро аз тоҷикӣ ба туркӣ тарҷума кардаанд. Айнан, маъноан тарҷума намудани номҳои ҷуғрофӣ анъанаи қадим аст. Масалан, арабҳо номи Варорӯдро аз тоҷикӣ ба арабӣ Мовароуннаҳр тарҷума кардаанд. Ё туркон Сурхобро аз тоҷикӣ ба туркӣ Қизилсу, Сафедкӯҳро ба Оқтош тарҷума намудаанд. Чунин тарҷумаҳои айнан хеле зиёд мебошанд. Бинобар ин шояд Тошканд тарҷумаи вожаи тоҷикӣ ба туркӣ бошад? Вожаи кончоч кони санги маъдан дар забони тоҷикони водии Зарафшон боқӣ мондааст. Чоч аслан вожаи суғдӣ мебошад ва ба забони ҳозираи тоҷикӣ

маънояш санги маъдан аст. Бояд тазаккур дод, ки дар адабиёти чинии асрҳои II-I пеш аз мелод номи Чочро юнӣ ва баъдҳо чешӣ, ёшӣ гуфтаанд ва тарҷумони сарчашмаҳои динӣ Шаванӣ онро ба маънои санг ва ҳам оҳан донистааст (Chavannes, p. 140).

Ҳамин тавр, вожаи туркии имрӯзаи Тошканд ин тарҷумаи калимаи чочи суғдӣ мебошад. Вожаи чоч дар ибтидо ба ноҳияи Оҳангарон нисбат дошта, баъдҳо ба тамоми вилоят паҳн шудааст, зеро маъданҳои гуногун дар водии Ҳелак (Элок) ҷойгиранд. Тахмини он ки чоч, тош ва тоҷ низ ҳаммаънӣ мебошанд аз ҳақиқат дур аст.

**10.Калимаи таҷик ва тоҷик.** Аз луғоти Маҳмуди Қошғарӣ ба хубӣ бармеояд, ки туркон тоҷиконро мувофиқ ба хусусиятҳои забонии худ таҷик ё тоҷик меномидаанд. Чӣ тавре ки дар боби тот, тат гуфта шуд, дар Девони луғат ат-туркӣ бори аввал вожаҳои тот ва тат, таҷик ва тоҷик ба маънои ориёнажодон, ориёзабонон-тоҷикон истифода шудаанд. Имрӯз ҳам турකзабонон лақайҳо, ӯзбекҳо, қирғизҳо, қазоқҳо, туркманҳо вожаи тоҷикро тоҷик мегӯянду менависанд.

Чуноне аз гуфтаҳои фавқ пай бурда мешавад, муаллифони турк ба монанди Маҳмуди Қошғарӣ ва Юсуфи Баласоғун калимаҳои фавқуззикрро дар асарҳои худ ҳамчун тоҷик истифода карданд. Мусаллам аст, ки ориёзабонон хиёнҳо, суғдҳо, сакоиҳо бо турку чиниён вохӯрда, худро бо номи тоҷик муаррифӣ кардаанд. Туркҳо ва муғулҳо бошанд мувофиқи хусусиятҳои забонии худ онҳоро тоҷик гуфтаанд. Барои тасдиқи ин фикр ба «Таърихномаи Ҳирот» муроҷиат мекунем. Дар он навишта шудааст: Шоҳзода Чағатой бо бародараш Оқтой, ки ба тоҷикон наздикӣ пайдо карда буд, бо ғазаб гуфт: Ин чӣ муҳаббат аст, ки бо тоҷикон пеш гирифтаӣ ва хилофи мазҳаби бузургвор кардаӣ ва сухани ман бишнав ва тоҷиконро саркӯфта дор (саҳ.97).

Чӣ тавре ки мебинем шоҳзодаи муғул Чағатой дар гуфтугӯ бо бародараш Оқтой тоҷиконро мувофиқи хусусияти забони худ тоҷик мегӯяд. Азбаски Чағатой нисбат ба бародараш Оқтой тоҷиконро бад медид, ҳамеша кӯшиш мекард, ки онҳоро дар пеши бародараш сиёҳ намояд, то ӯ тоҷиконро саркӯб кунад. Аз ҳамин сабаб Чағатой баъди чанд вақт турки пиреро, ки ба падараш Чингиз хизмат карда буд, ба наздаш даъват карда мегӯяд: Эй ёдгори падари бузургвор, маблағи панҷ ҳазор динор ба ту медиҳам, бад-ин шарт, ки фардо ба пеши бародарам Оқтой равӣ ва бигӯӣ, ки дӯш подшоҳ Чингизхонро дар хоб дидам, маро гуфт, ки писарам Оқтойро бигӯ, ки тоҷикон боз бадӣ меандешанд ва дар хотир дорад, ки хуруҷ кунанд ва мулк аз ту биситонанд. Мебояд, ки ба атрофи ҷаҳон лашкар фиристӣ то боз дигар тоҷиконро ба қатл расонанд (саҳ.47).

Чингизхон дар аҳди давлати худ ҳукм карда буд, ки агар касе барахна дар об равад ӯро ба қатл расонанд. Рӯзе Чағатой ва Оқтой ба мақсади шикор савора ба деҳае расиданд. Подшоҳ Оқтой шахсеро дид, ки бараҳна дар об рафта буд ва сар мешуст. Якеро аз вузаро пеш хонд ва гуфт: ба зудӣ назди он тоҷик рав, ки дар ҳавзи об аст ва як болиши зар ба ӯ деҳ, то дар об андозад ва ӯро бигӯй, ки чун аз ӯ пурсанд чаро бараҳна дар об рафтӣ? бигӯяд, ки як болиши зар дар об афтондам, бад-он сабаб дар об рафтам.Дар ин ҳолат назари Чағатой бар он шахс афтод, гуфт: Равед ва он тоҷикро, ки бараҳна дар об аст, биёред, то ба қатлаш расонам, ки дили ман аз ғуссаи тоҷикон хун шуд. Он шахсро дарҳол ҳамчунон пеши шоҳзода Чағатой оварданд, бонг бар вай зад ва гуфт: Эй тоҷики беақл, ту ба кадом далерӣ дар об бараҳна рафтаӣ ва ҳукми ярлиғи падари бузургамон тамард намудаӣ? Он шахс гуфт: Эй шоҳзодаи олам, як болиши зар аз остини ман дар об афтидааст, бад-он сабаб дар об рафтам (саҳ. 100-102).

Муғулбачае ба дарбори Малик Шамсиддини Куртӣ омада ва дарро беадабона бизаду вориди ҳавлӣ шуд. Малик Шамсиддин аз ин мағрурии муғулбача ба ғазаб омаду бифармуд то ӯро биёварданд ва ҳаҷда чӯб бар вай заданд ва бо ин роҳ, ки омада буд бозгардониданд. Муғулбача пеши падараш, ки амири сарҳад буд, омаду гиря кард ва гуфт: Маро дар байни чандин ҳазор тоҷикон бараҳна чӯб зад ва ҳарчанд гуфтам писари фалонам, нашунид (саҳ. 194).

Шарм намедоред, ки ҳафтсад марди номдоред ва тоҷике чандро ба қатл наметавонед расонид (саҳ. 705). Дар ин ҷо сухан дар бораи қаҳрамониҳои панҷ нафар аз тоҷикони Ҳирот меравад, ки ба муқобили 700 нафар душман – муғулон ҷангидаанд. Чи тавре ки мебинем дар ҳамаи мавридҳо сухангӯён туркон мебошанд ва вожаи тоҷик аз забони онҳо тоҷик навишта шудааст.

«Таърихномаи Ҳирот» дар замони муғулон навишта шуда аз қаҳрамониҳои мардуми тоҷик ба муқобили онҳо хабар медиҳад. Агарчи муаллиф худаш тоҷики ҳиротӣ мебошад, талаффузи туркиро нисбат ба номи миллати худ ба кор бурдааст.

**11. Вожаҳои тоҷик ва тозик.** Мо дар боло қайд намудем, ки вожаи тоҷик ҳамчун номи нави халқҳои ориёнажод ба ҷои ориёӣ пайдо шудааст. Сабаб чӣ буд?

Дар замони ташаккули давлати тоҷикон сулолаҳои Бармакиён, Тоҳириён, Саффориён ва махсусан Сомониён давлати нави ориёиён ба номи тоҷик пайдо мешавад. Азбаски тоҷикон бо туркон дар шимолу шарқ ва арабҳо дар ғарб ҳаммарз шуданд, метавон арз намуд, ки калимаҳои турку тоҷик аз тозик маънои этникиро доранд.

Дар асари олими тоҷик Муҳаммад Ҷарири Табарӣ «Таърихи Табарӣ», ки онро вазири бузурги Сомониён Балъамӣ бо супориши шоҳ Мансур бинни Нӯҳ ба дарӣ-тоҷикӣ гардонидааст, калимаи тоҷик ҳамчун ифодагари ҳамаи форсзабонон истифода шудааст. Ӯ дар бораи зани шоҳаншоҳ Парвиз (590-628) бонуи Ширин нақл карда менависад: Ширин ном канизе буд, ки рӯе аз ҳама мардуми турк ва тоҷик аз ӯ накӯтар ва хушрӯйтар набудӣ (Балъамӣ, саҳ.360). Дар матни Табарӣ сухан дар бораи воқеаҳои асри V рафта, далели дар ҳамин давр вуҷуд доштани калимаи тоҷик мебошад.

Бояд гуфт, ки дар давраи ташаккули давлати нави тоҷикон, яъне замони Тоҳириён, Саффориён ва махсусан аҳди Сомониён дар натиҷаи муборизаи зидди арабҳо ҳисси миллии тоҷикон ба муқобили онҳо бедор шуд. Хурсандибахш аст, ки пайравони Авасто бисёр қисмҳои парешони онро аз нав гирд оварда, китобат карданд. Аз ҷумла: Шиканд Гумоник Вичор (Гузорише, ки гумонро дар ҳам шиканад-(баёни дифои шабҳо) аз тарафи Мардон Фараҳ китобат мешавад. Китобати он дар раддияи аз дугонагӣ (Санувия дар баробари яҳудия, насрония, монуя ва ислом дар асри X милод идома ёфта. «Бундаҳишн» дар бораи бунёди офариниш баҳс мекунад ва дар асри X таълиф шудааст. Динкард дар бораи Авасто ва урфиятҳои дини зардуштиён суҳбат мекунад. Муаллифи он мубад Отар Фаранбағ дар садаи IX дар ҳузури халифа Маъмун бо уламои дини ислом дар мунозира ғолиб омада, ба навиштану гирд овардани бахшҳои боқимондаи Авасто рухсат медиҳад ва Динкард менависад. «Ардофирафнома» дар бораи сайри мубад Ардовираф дар биҳишту дӯзах маълумот медиҳад. Дар он замон корҳои зиёде ҷиҳати эҳёи фарҳанги қабл аз исломии тоҷикон ба анҷом расидаанд, ки боиси бедорӣ, худшиносии тоҷикон-эрониён (ориёиён) гардиданд. Тоҷикон-эрониён аз фарҳанги бойи худ мефахриданду ному нажоди худро мувофиқи суннатҳои ориёӣ аз турку тозӣ муътабар, волову пок медонистанд. Ин яке аз сабабҳои дигари пайдо шудани номи нави этникии ориёиён-тоҷикон буд. Дар ҳамин давра матнҳои «Позанд» ба риштаи таҳрир дароварда шуд, ки забони он ба забони дарӣ хеле наздик аст. Ба позанд навигариҳои мазҳабию миллӣ илова мегардад. Яке аз ҳамин навигариҳо дар Ориёи Шарқӣ пайдо гаштани номи нави миллати ориёиён-тоҷикон мебошанд, ки онро дар матни позанди оиди Суруш Язд вомехӯрем. Он чунин аст: «Курчи хура авазро ёд Суруш Ашу таги пиругар бод, дастгири равон ҳама тан посбон ашодён. Ашод нигадор рӯзу моҳ ва шабон ҳама эрониён ва пурию сокишон гироҳ, ромон ва ҳаминон тоҷикони баста куштиён, некон ва покони ҳафт кишвари замин Суруш Язд паноҳ бод».

Чуноне мебинем номи тоҷик дар матнҳои паҳлавии Аваcто дохил шуда, дастурони зардуштӣ барои беҳбуди ин халқ аз Яздон мадад пурсидаанд. Мо медонем, ки ҳеҷ чиз яку якбора ба сафаҳоти таърих нақш намешавад. Пеш аз он ки ин ва ё он истилоҳ ё ном вориди таърих шаванд, даҳҳо ва садҳо солро дар гуфтугӯи мардумон аз сар мегузаронанд. Вақте ки истилоҳ ё ном мафҳуми зарурии ҷомеа мегардад, он гоҳ онро дар саҳифаи таърих сабт мекунанд. Калимаи тоҷик низ пеш аз он ки ба матни авастоӣ дохил шавад, таърихи чандинасраро тай кардааст.

Забоншиноси маъруфи забонҳои ориёӣ В. Ҳеннинг менависад, ки вожаи тоҷик дар Нафнома-и Монӣ, ки дар он номи халқҳо зикр шудаанд дар шакли ta (t)cik вомехӯрад (Henning, p.q). Ҳуҷҷатҳои Монӣ ба асрҳои III-IV мелод мансубанд. Ҳамин тавр, калимаи тоҷик то аввалҳои асри мо вуҷуд дошта, дар қарнҳои минбаъда маъмули умумибашарӣ мегардад. Ин боиси ғазаби аъдо мегардад. Ва вақте ки арабҳову туркҳо сарзаминҳои ориёиро ба тасарруфи худ медароранд, нисбат ба ориёиён ба назари таҳқир назар мекунанд. Ин баландназарии арабҳову туркон сабаби тавлиди мисраҳои ҷовидонии абармарди ориёӣ Ҳаким Фирдавсӣ шудаанд.

*Зи шири шутур хӯрдану сусмор,*
*Арабро ба ҷое расидааст кор.*
*Ки тахти Каёнро кунад орзу,*
*Тфу бар ту, эй чархи гардун, тфу.*

Дар аввали асри XI давлати тоҷикон-эрониён мавриди таҷовузи туркони бодиянишин қарор мегирад ва дар марзи чорчӯбаи он чор давлати калони турkзабонон ба вуҷуд меояд.

Аввал дар ҳудуди бештари он давлати Ғазнавиён (997-1050) пайдо мешавад, ки ғуломони зархариди Сомониён буданд. Баъд вилоятҳои шарқӣ, аз ҷумла, Мовароуннаҳр ба ихтиёри Қарохониён мегузарад (1032-1156) ва марзи дарёи Ому муайян мешавад. Дар қисмати Марву Хуросони кунунӣ давлати Салҷуқиён (1037-1193) таъсис меёбад. Хоразм низ ба туркон мегузарад. Ин давлатҳо тавассути туркҳои навомада ташкил шуда буданд. Устод С. Айнӣ дар мақолаи худ «Маънои калимаи тоҷик» дуруст менависад: “Муғулҳову туркҳои қадимӣ ҳарфи ҷ-ро гуфта наметавонистанд ва дар гап задан ҷ-и калимаро ба з табдил мекарданд. Бинобар ин, вақте ки онҳо бо тоҷикон ошноӣ пайдо карданд, ин номро ёд гирифтанд ва ба ҷои тоҷик тозик гуфтан гирифтанд (ҳатто тоторҳои замони мо ҳам, ки ба Осиёи Миёна наомада ва бо халқҳои ин ҷо наёмехта бошанд Тоҷиевро Тозиев мегӯянд) (Т.С. 31.1.89). Бояд тазак-

кур дод, ки устод С. Айнӣ мақолаи худро дар замоне навишта буд, ки туркманишҳо тоҷиконро ҳамчун миллат рад менамуданд. Аз пастии худшиносии тоҷикон истифода намуда онҳоро яке турк, дигаре ӯзбек, сеюм порсизабонон ва чаҳорум форсон менавиштанд. Устод С. Айнӣ дар чунин шароити вазнини сиёсӣ тоҷик будани мардуми форсизабони Осиёи Миёнаро исбот намуд ва ба илми тоҷикшиносӣ асос гузошт. Вале на ҳамаи паҳлуҳои ин масъалаи мураккаб равшан гаштаанд. Имрӯз ин вазифа ба дӯши мо аст ва мо бояд бо тамоми масъулият ва ҷиддият сабабҳои пайдоиши номи тоҷикро исбот намоем. Ин мавзуъ танҳо дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои хаттӣ ҳалли худро ёфта метавонад.

Бояд тазаккур дод, ки аксари олимон тадқиқоти худро дар мавзуи пайдоиши номи тоҷик аз пайдо шудани калимаҳои тоҷик, тоҷик, тозик ва тозӣ шурӯъ намудаанд, ки комилан хатост. Чи тавре, ки мо дар боло далоил овардем, номи тоҷик пеш аз он ки обуранги этникӣ бигирад, яъне номи тамоми халқи форсизабонро ифода кунад, таърихи дуру дарозро аз сар гузаронидааст.

Акнун бори дигар дар бораи вожаи тозик ва тоҷик. Ба сарчашмаҳо муроҷиат мекунем, то дар асоси далоил ин масъала равшан шавад.

Дар таърихи Байҳақӣ калимаи тозик ва тоҷикон дар мавридҳои зерин истифода шудаанд: Ҳоҷиби бузурги Алӣ бозгашт ва ҳамаи бузургони сипоҳро аз тозик ва турк бо хештан бибурд (саҳ. 7).

Бистгонӣ (маоши лашкар) набояд дод. Як сол то моле ба хазина боз расад аз лашкар ва тозикон (саҳ. 257).

Алптегин соли 998 ба Кобул ҳуҷум намуда ба шоҳи он, ки аз сулолаи лулакони маҳаллӣ буд, ҷанг карда ва ӯро маҷбур ба фирор кард. Мардум Алптегинро пазируфта ва гуфтанд, ки моро подшоҳе бояд одил бошад ва мо аз ӯ ба хонаю зану фарзанд амин бошем, хоҳ турк бошад хоҳ тозик (Низомулмулк саҳ. 94).

Низомулмулки Тӯсӣ дар «Сиёсатнома»-и худ чунин овардааст: турку тозик ҳарду лақаби олимон бар хештан банданд ва ба забони подшоҳ фармон диҳанд.

…Агар турке даҳ тозикро бо кадхудой боздорад, шояд ва агар тозике кадхудоии даҳ турк дорад (саҳ. 109).

Чун подшоҳ турк бошад ё тозик ё касе, ки тозӣ надонад ва аҳкоми шариат нахонда бошад (саҳ. 54).

Ҳам дар матнҳои Байҳақӣ ва ҳам Низомулмулк сухан танҳо аз турку тозик-тоҷик меравад. Дар ин ҷо тозиён - арабон як бор дар саҳифаи 54-и «Сиёсатнома» зикр ёфтаанд ва он ҳам дар шакли тозӣ.

Дар таърихи Салҷуқиён оиди тоҷикон-тозикон маълумоти зиёде ҷой дорад. Чунончӣ мехонем: Туғрали Салҷуқӣ дар ҷавоб ба Қозӣ Саид гуфт: пазируфтам, ки ба он чи гуфтӣ кор кунам ва мо мардумони нав ва ғарибем, расмҳои тозикон надонем (саҳ. 554). Туғрал гуфт: "Моро савоб он аст, ки чи гуна пеш кунем ва сӯйи Деҳистон равем ва Гургон ва он навоҳӣ бигирем, ки тозикон сабукмоя ва беолотанд" (саҳ. 618). Чи тавре ки мебинем дар ҳама ҷо ба ҷойи тоҷик тозик омадааст.

Дар таърихи оли салчуқиён, оиди вилоятҳои ғарбии Эрон навишта шудааст: Курдшо - амирии вилоят, баъд аз тафаҳҳус ӯро дар танӯре боз ёфтанд ва ба хидмати мулук оварданд. Мулук гуфт: "Эй тозик, аз меҳмон бигрезӣ?" (Таърихи салҷуқаи Кирмон, саҳ 4). Дар Кирмон маҷоли мардум танг шуда буд ва туркон гуруснаву бенаво, чун тозиконро диданд дар хонаи айш ва ба туркон намедиҳанд (саҳ.10).

Рӯзе дар хидмати Атобек гуфтанд, ки дар Ҷарфат молиши туркон додем, ин ҷо навбати тоҷикон аст (саҳ.106). Овардаанд, ки дар рӯзгори Туроншоҳ, ки дар хонаи ӯ дуредгаре кор мекард ва писари туркчеҳра дид. Гуфт ин писари кист? Дуредгар гуфт: писари ман. Гуфт чи гуна аст, ки ту тозик ва писарат турк? (саҳ. 20). Ҳамин тавр дар ин ҷо ду бор калимаи тоҷик ва дигарбора тозик истифода шудааст. Аз матни китоб ба хубӣ бармеояд, ки сухан дар бораи тоҷикон-эрониёни вилояти Кирмон меравад ва онҳо бо номи тоҷик ёд шудаанд.

Хоҷа Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ, ки дар асри XII зиндагӣ кардааст, дар ҳаққи устодаш Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ, ки дар Самарқанд дар соли 1111 вафот кардааст, мегӯяд: Ба саҳроҳову маҳаллаҳову қарияҳо бисёр мерафтанд ва бо сокинону бошандагони мавзеъҳое аз тоҷику турку араб суҳбат доштанд (Айнӣ, саҳ. 80).

Дар асари Абдуҷалили Қазвинӣ «Китоб ал-нақиз», ки дар асри XII таълиф шудааст, гуфта мешавад: «Ин неъмат дар ин диёр ва билод муштарак аст аз миёни туркон ва тоҷикон» (Қазвинӣ, саҳ. 476).

Дар «Таърихи Яманӣ» а. XII омадааст: «Турку тозикро дар он идрок афтод ба порсӣ нақл кунӣ». (Таърихи Яманӣ, саҳ.8).

Дар «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» аввали асри XIII омадааст: «Бародари ту султон Муҳаммад… ҳафтод бор ҳазор ҳазор дирам аз хазина ба туркон ва тозикон ва аснофи лашкар дод». (Авфӣ, «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», саҳ. 446). «Аз хурду бузург ва тозику турк ҳар офарида, ки дар дил дошт, муҳаббати ӯ омезише дар ҷон дошт». (Зидрӣ. Нафасот ал-масдур, саҳ.23).

Дар таърихномаҳои замони муғулон калимаи тоҷик боз бештар дучор мешавад. Яке буд аз Ҳамадон, паҳлавони номӣ, Филиа гуфтандӣ. Бо ҷамоати муғул, ки дар пеши ӯ буданд, хон фармуд то гӯштин гирифтанд.

Бар тамомат ғалаба кард ва касе пушти ӯро ба замин наёвард. Баъд аз якчанде ҳокими муғул Ӯқтой-Қоон ӯро духтари моҳдидор, хушрафтор, хушгуфтор фармуд аз муғулон. Духтар рӯзе ба урду пеши Ӯқтой меравад аз ӯ мепурсанд, ки тозикро чигуна ёфтӣ? Ҷавоб медиҳад: Насибам тамом аз лаззат иктифо кардам. Баъд аз ин дар миёни муғул ин мазоҳ бошад, ки тозиконро азим олот бошад (Равзат-ус-сафо, ҷ.5, саҳ. 52).

Подшоҳ аҳволи мамолики Форсро истифсор намуд. Ҳирқадоқ зону заду гуфт: “Аввал ҳоли ин тозикро ба ҳам расонам” (Равзат-ус-сафо, ҷ.5, саҳ 25). Як чизи ҷолиби диққат ин аст, ки муғулон ҳамаи Хуросону Форсро мамлакати тоҷик гуфтаанд.

Чун султон Яминуддавла он ҷо расид, лашкари эшонро бидид зиёдат аз лашкари ӯ буд ва ҳама турк ва лашкари ӯ бештар тозик ва ҳинду… биҳаросид (Одоб ал-ҳарб, саҳ. 133). Дар ахбори а. XIV омада: аз мулук ва умарои тозик Тоҷиддин Малик Яъқубро ба музд куро (об) имтиёз дод (Носириддини Муншӣ, саҳ. 36).

Дар асри XV номи тозик дар асарҳои зиёд вомехӯрад:

Чун тозикро дар маҷлиси хосаи ӯ ихтиёри тамом буд, умарои муғул ба танг омаданд (Натануӣ. Мунтахаб-ат-таворих, саҳ.10).

*Ҳарду аз ақрабои наздиканд,*
*Филмасал гарчи турку тозиканд.*
(Озарӣ, ҷ.1.саҳ.307).

*Гуфт ӯ турк ҳасту ман тозик,*
*Лек дорем хешии наздик.*
(Ҷомӣ, Ҳафт авранг, саҳ. 127).

Баъди асри XV дар аксари адабиёти таърихӣ ба ҷойи вожаи тоҷик тозик навишта мешавад. Зеро ба ҳамагон маълум буд, ки дар Осиёи Миёна ду халқ: тоҷикон ва туркзабонон мезистанд.

**_Маънои калимаи тозик дар луғатҳо:_**

Тозик араби дар Аҷам бузург шуда (Фарҳанги Мирзо Иброҳим). Авлоди араби дар Аҷам бузургшуда (Сормаи Сулаймонӣ). Фарзанди араб, ки дар Аҷам зоида шуда. Ғайри арабу туркро низ гӯянд (Бурҳони Қотеъ, Фарҳанги Мирзо). Ғайри мардуми турк, ки дар Аҷам бошанд (Фарҳанги Рашидӣ). Тоифаи ғайри турку араб (Фарҳанги Анҷуманоро ва Онандроҷ). Форсзабонон (Лисон алаҷам, луғати Неъматулло, Фарҳанги

назм). Насли эронӣ (Фарҳанги назм). Ақидаест, ки номи тозикро форсон ба арабҳо додаанд ва арабҳо бошанд форсҳоро ба муносибати китоби Занд хонданашон зандик гуфтаанд (Онандроҷ).

Бояд тазаккур дод, ки аксарияти муҳаққиқон вожаи тозикро дуруст муродифи тоҷик ҳисобидаанд, зеро аз овардаҳои боло ба хубӣ пайдост, ки сухан дар бораи тоҷикон меравад на арабон. Бояд як чизро ҳам фаромӯш накунем, ки дар луғатномаҳо на ҳама вожаҳои забони тоҷикӣ-форсӣ дуруст шарҳ ёфтаанд. Зеро муаллифони луғатномаҳои замони исломӣ вожаҳои забони тоҷикӣ-форсии қадим аз ҷумла авастоӣ, суғдӣ ё хоразмию бохтариро на танҳо дуруст намедонистанд, ҳамчунин ба ин адабиёт ва забон чун ба забони душмани дин муносибат доштанд ва аз ҳамин сабаб дар шарҳиёти калимаҳо норавшанӣ, якчандмаъногӣ ва ғайра вуҷуд дорад. Аз ин ҷост, ки баъзе луғатҳо як калимаро ба чанд маъно шарҳ додаанд, баъзе олимони дигар маъниҳоро бо мақсади муғризонаи худ истифода кардаанд. Масалан, дар «Ғиёс-уллуғот» дар бораи вожаи тоҷик гуфта мешавад: “Тоҷик-арабзодае, ки дар Аҷам калон шуда ва аксари эшон савдогар бошанд. Яъне, арабҳои тоҷикшудаи савдогар. Тоифаи ғайри араб, номи вилоят.

Дар ҳамин маънӣ муаллифи «Луғатномаи Онандроҷ» тоҷикро чунин шарҳ медиҳад: “Авлоди араб, ки дар Аҷам бузург шуда бошад ва аксари эшон савдогар бошанд. Лиҳозо аз тоҷик гоҳе савдогар, тоифаи ғайри араб, номи вилоят сохтаанд.

Чи тавре ки мебинем аввалан ҳарду луғат тоҷиконро арабзодаи дар Аҷам бузургшуда меноманд. Аз тарафи дигар тоҷик ба маънои савдогар ва араби савдогар арзёбӣ гаштааст. Аз тарафи сеюм номи вилояти тоҷикон ва номи халқи ғайри араб. Ҳамин тавр, пайдост, ки муаллифони ду луғати боло маънои калимаи тоҷикро дуруст намедонистанд ва аз ҳамин сабаб онро ҳам араб ва ҳам ориёӣ гуфтаанд. Лекин муаллифони ҳарду луғат дар як вақт тоҷиконро ғайри турку муғул гуфтаанд.

Аз ҳама луғатномаҳо шарҳи дурусти вожаи тоҷикро дар «Фарҳанги назм», ки дар асри XIX дар Ҳиндустон таълиф шудааст мебинем. Дар он омадааст: Тоҷик насли эронӣ ва форсӣ, ки дар Афғонистон ва Турон нажоде ҳастанд, ки худро тоҷик мегӯянд, мубодилаи лафзи мазкур тозик аст. Ва аз он баъзе аз аҳли луғат чунин қиёс кардаанд, ки маънои лафзи мазкур тозӣ (араб) аст, ки дар Аҷам бузург шуда бошад. Лекин саҳеҳ ҳамон аст, ки навиштем ва ин лафз дар Эрон мавриди истеъмол надорад ва лафз дар Афғонистону Туркистон ба форсизабонони он ҷо гуфта мешавад. Ва беш дар муқобили турк истеъмол шавад ва асли ин калимаи тоҷик мансуб ба қабилаи тоҷ аст, ки аз қабоили Эрон буда. Муаллиф но-

дуруст мегӯяд, ки гӯё вожаи тоҷик дар Эрон истифода намешавад. Аз ахборномаҳои таърих ба хубӣ пайдост, ки калимаи тоҷик ҳамчун исми форсзабонон аз халиҷи Форс то марзи Чин дар истеъмол буд.

Дар «Луғатномаи Деххудо» низ гуфта мешавад, ки тоҷик аз аҳли қабилаи тоҷ баромада аст. Тадқиқоти мавзуи тоҷик нишон дод, ки қабилае бо номи тоҷ набуд, ки исми тоҷик аз онҳо баромада бошад.

Муаллифи «Қомус-ул-аълом», ки худаш турк буд менависад, ки тозик дар асл номи қавме аз туркҳо буда ва дар ин замон ин ном ба як тоифаи эрониюласл ва мутакаллим ба забони форсӣ ва муқим дар Осиёи Вусто итлоқ кунанд. Эшон дар билоду куррову деҳаҳо ба зироату фалоҳат иштиғол меварзанд ва мардони  фаъол ҳастанд ва нисбат ба тоифаи дигар маданӣ мебошанд, вале ба андозаи туркону ӯзбекону афғонону тотору ақвоми дигар ҷасуру силаҳшӯр нестанд. Ва аз ин рӯ дар назари эшон ҳақир ба шумор мераванд ва мардуми диловар ҳисоб намешаванд ва калимаи дозик-аромана ба усмониён итлоқ мекунад аз ҳамин луғот маъхуз аст.

Муаллиф аз як тараф тоҷиконро қавми турк аз тарафи дигар эрониюласл меномад. Ва касбу кори тоҷиконро ҳунармандӣ,, савдогар, зироаткор, шаҳрӣ ва бумӣ меномад. Ин хусусиятҳоро ягон қавми турк дар гузашта надошт. Бинобар ин муаллифи «Қомус-ул-аълом» бо ахбори дар бораи тоҷикон овардаи худ турк будани онҳоро рад кардааст.

Дар луғатномаи асри XVII «Лисон-ал-аҷам шаурӣ» низ тозиконро аз туркон донистаанд. Аз маълумоте, ки дар зер оиди нутфаи турку тоҷик меравад, маълум мегардад, ки тоҷикон аврупоисимоянд ва туркони асил муғулсурат мебошанд.

Акнун дар хулоса якчанд сухан дар бораи вожаи тозӣ ва иртиботи он ба тозик мегӯем. Чи тавре ки аз мисолҳои зиёд дидем, дар ҳамаи мавридҳо сухан дар бораи мардуми тоҷик-форсзабон меравад.

Муаллифони аксари таърихномаҳои замони футуҳоти турку муғул тоҷикон буданд, аммо аз чи бошад, ки дар навиштани  асарҳои худ ба ҷойи вожаи тоҷик тозикро ба кор бурдаанд. Сабаб чӣ буд? Сабабаш он буд, ки асарҳо барои султонҳои туркзабон навишта шудаанд ва мувофиқи хусусиятҳои забонии онҳо калимаи тоҷикро тозик гуфтаанд. Дар сарчашмаҳои хоси тоҷикӣ, ки барои тоҷикон навишта шудаанд, вожаи тоҷик ба шакли аслиаш омадааст.

Ҳамин тавр, зиёд шудани истеъмоли вожаи тозик дар адабиёти замони сулолаҳои туркӣ: Қарахониён, Салҷуқиёну Ғазнавиёну муғулон он маъниро надорад, ки гӯё дар ин давраҳо номи тоҷик тозик шуда бошад. Ҳаргиз ин тавр набуд. Дар байни тоҷикон адабиёти хоси тоҷикӣ, шеъри тоҷикӣ вожаи тоҷик ҳама вақт вуҷуд дошт.

**Анварӣ (шоири дарбори Ғазнавиён) мегӯяд:**

*Зи Чину Мочин якрӯя то лаби Ҷайҳун,*
*Зи турку тоҷик аз туркману ғузу хазар.*

Дар ҳамон таърихи Байҳақӣ дар баробари истифодаи тозик якчанд бор исми тоҷикро низ зикр менамояд.

Дар «Салҷуқнома»-и Заҳириддини Нишопурӣ (асри XII) омадааст: Овозаи кофири Хитой (туркони Хитойро дар назар дорад) буд, ки қосиди билод исломанд ва вилояти Мовароуннаҳр аз ватани лашкари Хуросон ва атбои турк ва тоҷик анбуҳ ба сутуҳ омада буданд (Салҷуқнома, саҳ.45).

Шайх Аттори Нишопурӣ (шоири асри XII) гӯяд:

*Чу яксон аст он ҷо турку тоҷик,*
*Ҳам аз Эрону аз Турон дареғо.*

Мавлавӣ гӯяд:

*Агар турк асту тоҷик аст,*
*Бад-ӯ ин банда наздик аст.*
(Куллиёти Шамс, ҷ.1. саҳ. 43).

Ҳамин тавр, мо метавонем садҳо мисоли марбут ба ин мавзуъро аз асарҳои қарнҳои XI-XIV биёрем, ки вожаи тоҷик дар шакли аслиаш истифода шудааст.

Ҳамин тавр, таҳлили вожаи тозик нишон медиҳад, ки вай ба калимаи тозӣ - араб ҳеҷ муносибат надорад. Дар бораи вожаи тозӣ ҳаминро хотиррасон менамоем, ки вай аз забони паҳлавӣ гирифта шудааст ва бо ин ибора форсзабонон арабҳои биёбонгардро ифода кардаанд. Ин ибора шояд дар мавридҳои тохтутози арабҳои биёбонгард ба сарзаминҳои Эрони Ғарбӣ аз ҷумла ба Форс пайдо шуда бошад. Калимаи тозӣ аз решаи тохтан, тозидан пайдо шудааает. Калимаҳои саги тозӣ, аспи тозӣ низ аз решаи вожаи паҳлавӣ сарчашма гирифтаанд. Ҳамин тавр, калимаи тозӣ ба арабҳои кӯчӣ, биёбонгард мутааллиқ буда, ҳеҷ гоҳ нисбат ба форсзабонон-тоҷикон истеъмол нашудааст.Доктор Дабирсиёқӣ низ дар асоси далелҳои зиёд ба чунин хулоса омадааст, ки бархе аз фарҳангҳо тозик ва ҷамъи он тозиконро муодили тозӣ ва ҷамъи он тозикон ба маънии араб ва забони арабӣ донистаанд, ки бар асос нест. (Дабирсиёқӣ, саҳ. 158).

Чи тавре ки дар боло дар боби тоҷик овардем агар сухан дар бораи турку тоҷик дар муҳити туркон ва барои туркон равад, номи тоҷик тозик навишта шудааст.

Агар сухангӯй тоҷик бошад ва сухан дар бораи тоҷик равад, калима ба шакл ва маънои аслиаш истифода мешавад. Масалан, Саъдӣ шоири асри XIII дар шеърҳояш ҳама вақт тоҷикро ба маънои аслиаш, яъне халқи тоҷик истифода мебарад, чун ки худаш тоҷик буд.

*Зи дарёи Уммон баромад касе,*
*Сафар карда дарёву Ҳомун басе.*
*Араб дидаву турку тоҷику Рум,*
*Зи ҳар ҷинс дар нафси покаш улум.*

Дар тарҷеҳот гӯяд:

*Шояд, ки ба подшоҳ бигӯед,*
*Турки ту бирехт хуни тоҷик.*
(Саъдӣ)

*Як ҳамлаву як ҳамла, к-омад шаби торикӣ,*
*Чустӣ куну туркӣ кун, не нармию тоҷикӣ.*
(Мавлоно Балхӣ)

Чи тавре ки дар боло ишора рафт аз замони хурӯши Темур дар асри XIV сар карда калимаи тоҷик боз дар адабиётҳо аёнтар навишта мешавад, яъне ба асли худ бармегардад. Масалан: Мардуми Бухоро бо тасаввури он, ки туркон чунон мунҳазим шуданд, ки дигар муовадати эшон мумкин нест, аз ақибашон шитофтанд.

Чун миёни мардуми Бухоро ва деворбаст (қалъа) масофате буд, ки атрок (туркон) мурочиат карда дар тоҷикон ниҳоданд (Равзат-ус-сафо, ч.6, саҳ.19). Ё Муҳаммад Озодро бо тоифае аз хонбачагон ба чаҳорсад нафар пиёдаи тоҷику турк ба тафтиши ҳоли эшон равон сохт (Равзат-ус-сафо, ч.6, саҳ.101). Ё туркон мушоҳида карданд, ки вазиру муншию қозӣ - ҳама мардуми тоҷиканд (Равзат-ус-сафо, ч.6, саҳ.189).

Он ҳазрат (Амир Темур) фармуд, ки сардории лашкари тоҷик ба ӯ тааллуқ дошта ва ба муҳими молӣ мудохила накунад (Равзат-ус-сафо, ч.6, саҳ.142). Дар замони ҳукмронии Темур тоҷикон лашкари худро доштанд, ки ба Темур итоат мекарданд.

Искандар (1420-1437) писари Қароюсуф аз қабилаи Қақуюнлу аз Исфаҳон то Бобулистон хунрезӣ кард. Ҳар касе ки аз ӯ пинҳон мешуд,

пайдо карда мекушт. На ба тоҷик раҳм мекард на ба сурияги... Ҳамин хуношом соли 1425 ҳини бори дуюм ба шаҳри арманҳо Урмӣ ҳуҷум овардан тамоми мамлакатро хароб карда ва каллаи 700 тоҷикро аз тан ҷудо кард (Фомаи Лесонӣ, саҳ.72-73).

Дар овардаи боло сухан аз бедодигариҳои авлодони Темур дар заминҳои тоҷикнишин меравад.

Сафири Испания Клавиҳо дар бораи забткориҳои Темур нақл карда мегӯяд, ки ӯ замини таҷикин - тоҷиконро гирифт (Клавиҳо, саҳ. 15). Яъне Клавиҳо натанҳо калимаи тоҷиконро дуруст навиштааст, балки Темурро таҷовузгари замини тоҷикон меномад.

Дар «Равзат-ус-сафо»-и Носирӣ, ки давоми «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд буда, ҳодисаҳои қарнҳои XV-XIX-ро дарбар дорад, калимаи тоҷик дар сар то сари Тоҷикшаҳр аз Араб то Ҳиндустон бе хато нисбат ба форсзабонон ба кор рафтааст. Масалан: Салобати шоҳ Исмоили Сафавӣ дар қулуби турку тоҷик ва дуру наздик асар карда буд (Равзат-ус-сафои Носирӣ, 8, саҳ. 33).

Дар бораи мубориза Ҳасанхони Қочор ва Каримхони Занди Форс гуфта шудааст, ки нои туркӣ бар сӯги (мотами) тоҷикон мӯя мехонад (ҳамон китоб, 9, саҳ. 11).

Дар бораи Нодиршоҳ овардаанд, ки аҳли Эрон низ аз хурду бузург ва турку тоҷик фидоиёна нақди ҷонро дар роҳи ӯ мебохтанд (Маҷмуа-ал-таворихи баъди Нодирия, саҳ.8).

Сайёҳи форсизабон Ҳоҷӣ Зайнулобиддини Шервонӣ дар охири асрҳои XVIII-XIX умр ба сар бурда, ба мамолики Арабистон, Эрон, Ҳиндустон, Афғонистон ва амирии Бухоро сайр кардааст. Ӯ дар бораи саёҳати худ панҷ ҷилд китоб менависад. Ӯ дар асарҳояш ҳамаи аҳолии форсзабони Эрон, Осиёи Миёна, Ҳиндустонро тоҷик меномад. Масалан, дар бораи аҳолии Калкутта (Ҳиндустон) мегӯяд, ки он аз ҳиндуҳо, тоҷикон, аврупоиёну хитоиҳо иборатанд (Бустон-ус-сайёҳа, саҳ. 468). Дар бораи аҳолии Пешовар овардааст, ки аз ҳиндуён, тоҷикону афғонҳо иборат мебошанд (Бустон-ус-сайёҳа, саҳ. 178). Дар бораи аҳолии Курдистон гуфтааст, ки аз курдҳо, тоҷикон, туркон, каме масеҳиёну яҳудиён иборатанд (Риёз-ус-саёҳа, саҳ. 356).

Устод Айнӣ дар мақолаи худ «Маънои калимаи тоҷик», ки маълумоти зиёдеро оиди таърихи пайдоиши калимаи турку тозӣ дарбар дорад, ба хулосаи дуруст омадааст, ки калимаи тоҷик ба сифати номи як халқи форсизабон саравval ба мардуми форсизабони Осиёи Миёна ва Хуросон кор фармуда шуда, баъд аз он ба ҳамаи форсизабонони рӯи дунё ба кор бурда шудааст (Айнӣ, саҳ. 85).

Муҳаққиқи донишгоҳи Теҳрон Муҷтабо Минавӣ дар мақолаи худ «Турк ва тозик дар асари Байҳақӣ» дар асоси далелҳои зиёди таърихӣ оид ба сарнавишти ин ду калима ба чунин хулоса омадааст. Аз тамоми амсилае, ки оварда шуд, равшан мешавад, ки мурод аз тозик ва тоҷик дар китоби форсӣ атбоъ ва саканаи эронӣ дар сарзаминҳои Эроннишин аст… Ин исме аст, ки туркон барои Эрониён гузошта буданд ва чунон ки одат аст, худи эрониён низ ин исмро барои худ ба кор мебурданд, то худро аз туркони фармонравои худашон мумтоз созанд (Минавӣ, саҳ. 726).

Доир ба гуфтаи устод Муҷтабо ҳаминро бояд гуфт, ки номи тоҷик (тозик)-ро ба ориёиҳо (эрониён)-тоҷикон туркҳо надодаанд. Туркҳо вожаи тоҷикро мувофиқи забони худ тозик ва тоҷик гуфтаанд. Абдулқодирхон ба монанди Таботабоӣ тоҷикро қавми алоҳида, халқи алоҳида намеҳисобиданд. Онҳо мегӯянд, ки турку муғул мардумони ғайри худро тоҷик номидаанд (Абдулқодирхон, саҳ.276).

Дабирсиёқӣ менависад, ки тоҷик исми умумии эрониён нест ва собиқан ҳам ба ин унвон истеъмол намешаванд. Фақат имрӯз дар Туркистон эрониҳои он мамлакатро тоҷик мегӯянд. Сонияն истеъмоли алфози тозик ва тоҷик ва тозик ва тозӣ, ки ҳама аз як асланд, дар санаи шарқӣ хеле қадим аст ва мафҳуми онҳо низ возеҳ аст. Баъзе аз он авлоди арабро, ки дар Аҷам тавлиду тарбият ёфта бошанд, ирода менамоянд ва баъзе худ араб ва баъзе унсури ғайри арабро. Чизе ки маълум аст ин ки тозикро эрониёни қадим ба маънои забони арабӣ ва қавми араб истеъмол мекардаанд ва лафзи тозӣ, ки ҳанӯз ҳам маъмул аст, мухаффафи он мебошад. Аммо ин ки ба чи нисбат ва дар чи мавқеъ ин лафз дар Туркистон ба эрониён дода шудааст, маълум нест, ба ҳамин ҷиҳат шояд натавон баёноти аллома Морквардро қабул кард. Дигар он ки бигӯем асло ин тоҷики имрӯз мустаъмал ва ба номи эрониёни Туркистон аст бо тоҷики маъмули қадим фарқ дошта. Ба назар меояд, ки калима ба маънои аҷнабӣ мутааллиқ буда, ки эрониҳо онро бар араб итлоқ кардаанд ва туркҳо бар эрониҳо (Дабирсиёқӣ, саҳ. 172-173).

Ҳамин тавр Дабирсиёқӣ аз он адабиёти гуногуни дар бораи тоҷикон овардааш, чизеро нафаҳмидааст. Мо ба Дабирсиёқӣ ҳамон саволеро, ки ба Таботабоӣ додаем, боз медиҳем: Чаро дар тӯли 1000 сол ҳамаи форсзабонҳо аз Халиҷи Форс то марзи Чин худро эронӣ не, балки тоҷик номидаанд?

Мо дар боло далелҳои зиёдеро марбут ба таърихи пайдоиши вожаи тоҷик, ҳамчун номи нави этникии ориёинажодон бар ивази вожаи ориёӣ овардем. Сабабҳои пайдо шудани онро низ ҷо-ҷо зикр намудем. Боз такрор менамоем, ки сабаби асосии пайдо шудани номи тоҷик ин

фаромӯш шудани вожаи ориёӣ ҳамчун номи этникии форсзабонон буд. Ҳанӯз дар замони Ҳахоманишҳо калимаи порс дар Ориёи Ғарбӣ (Эрони Ғарбӣ) ба ҷои ориёӣ пайдо мешавад. Далели он катибаи Нақши Рустам мебошад. Дар он Доро як бор худро ориёинажод, зодаи сарзамини Порс, яъне порс мегӯяд. Дигар ҳамаи дудмонҳои онон худро порс гуфта, давлат ва империяашонро низ порс ном бурдаанд. Дар муддати ҳукмронии тӯлонии Ҳахоманишиҳо номи нажоди худро фаромӯш карданд. Онҳо дар он замонҳои дуродур дарк намекарданд, ки калимаи порс номи вилоят, номи ҷуғрофӣ буда, исми миллат шуда наметавонад. Аз ҳамон давраҳо бештари ориёиҳо худро порс-форс ва забони ориёинажодонро порсӣ меномидагӣ шуданд ва ин кӯшиш то имрӯз идома дорад. Бо мурури замон дар тамоми қаламрави Ориёшаҳр номи этникии ориёиҳо (ориёӣ) аз байн рафта, мардумон худро бо номи ноҳияҳо: форс, кирмонӣ, балуҷӣ, курдӣ, яздӣ, мозандаронӣ, сиистонӣ, нишопурӣ, ҳиравӣ, кобулӣ, хуросонӣ, бухорой, суғдӣ, бохтарӣ, бадахшӣ, истаравшанӣ, хуҷандӣ, фарғонагӣ, чочӣ, хоразмӣ ва ғайра, ки номи этникӣ шуда наметавонанд, муаррифӣ карданӣ мешаванд. Мутаассифона, имрӯз низ одамоне дучор меоянд, ки калимаи этноними миллатро дарк накарда худро ба номи ҷойи таваллудашон дар маънои этникӣ муаррифӣ менамоянд, ки комилан нодуруст мебошад.Тааҷҷубовар аст, ки бархе аз олимону шоирони машҳур ҳам чунин рафтор мекунанд.

Аз сабаби он ки то истилои Искандари Мақдунӣ ва баъди он то истилои турку араб дар сар то сари Ориёшаҳр як халқ бо лаҳҷаҳои гуногуни як забон ва як дин мезистанд ва аз байн рафтани номи этникӣ ориёиро худ ҳис накарданд. Вақте ки онҳо дар Шарқ дар охири асрҳои пеш аз мелод ва аввали мелод бо туркон дар Муғулистон, Сибири Урал ва Хутан аз наздик вохӯрданд худро ба онҳо ҳамчун тоҷик муаррифӣ карданд. Ва ин ном минбаъд дар тамоми Тоҷикшаҳр-Эроншаҳр паҳн гардид.

**Маълумоти аврупоиён дар бораи тоҷикон.** Бори аввал мардуми Аврупо бо калимаи тоҷик дар солҳои 70-уми асри 18 шинос шуданд. Дар соли 1773 дар Париж китобе бо номи «Таърихи Шарқ» чоп шуд. Дар он омада: Ҳамаи шаҳрҳои хурду калони Бухорои Хурд ва Бузург[3] то марзи Чин аз бухороиён иборатанд, ки худро маскуни қадими ин диёр меҳисобанд ва тоҷик ном доранд. Калимаи тоҷик ифодагари шаҳриён мебошад (Anecdotes Orientales, pp. 570, 735).

Соли 1823 дар маҷаллаи «Азиатик» мақолае дар бораи бошандагони Бухоро чоп мешавад.Муаллиф ёдовар мешавад, ки соли 1805 дар Қазон бо шаҳрванди Бухоро вомехӯрад. Бухорой ба М. Клапрот нақл менамояд, ки забони модарии онҳо форсӣ мебошад ва мардуми Бухо-

рои Хурд ва Бухорои Бузург ҳама худро тоҷик меноманд ва ин номи Порси қадим ва порсиён мебошад (Klaprot, pp. 154-163).

Соли 1815 дар маҷаллаи «Вестник Европы» ахборе бо номи «О народах, обитавших в Персии» чоп мешавад. Дар он навишта шуда: Бошандагони қадими ин мамлакат бо номи порсҳо ҳоло худро тоҷик меноманд (маҷаллаи зикршуда, №7, саҳ. 243-44).

Олими фаронсавӣ Ҷ. Сен-Мартен дар бораи ашкониён менависад, ки номи тоҷикро ба форсизабонони Порс, Афғонистон, Тахористон, Осиёи Марказӣ туркон ва тоторҳо додаанд, ки исми ҳамон дайҳои қадим (деҳотӣ-Ё.Ю.) мебошад, яъне ҳамонҳое, ки пеш дар Дону Бохтар ва дигар ноҳияҳо зиндагонӣ менамуданд. Портҳо, ки баромади Ашкониён аз онҳост ба гурӯҳи сакоиҳо мансуб буда, бо номи даҳик, тоҷик ва додик худро ба порсҳо шиносонидаанд. Вақте ки Сосониён портҳоро мағлуб карданд, номи тоҷикро аз миён бардоштанд ва онҳоро ҳамчун рустоӣ (бефарҳанг) таҳқир карданд (ниг. Хромов саҳ. 22). Фикри фавқуззикр пояи илмӣ надорад. Далел: якум портҳо аз ноҳияи Даҳии авастоӣ, яъне аз Деҳистони асрмиёнагии Туркманистони кунунӣ буданд. Дуюм калимаи даҳиро ба калима дадҷик, додҷик табдил додан ҳеҷ мумкин нест. Чун ки калимаи даҳӣ маънои деҳотӣ - рустоиро ифода мекунад. Дар асоси далелҳои оварда мо қатъӣ иброз мекунем, ки кулли олимоне, ки вожаи даҳикро ба тоҷик ҳаммаъно ё баромади калимаи тоҷикро аз даҳик медонанд, хато кардаанд.

Туркон ҳеҷ гоҳ номи тоҷикро наофаридаанд, тоҷикон худро ба ин ном ба онҳо муаррифӣ кардаанд.

Туркон танҳо тоҷиконро тот ё тат номидаанд, ки маънои бумӣ, таҳҷоӣ аст. Олими рус Н. Хаников ҳамчун дипломат солҳои 40-50 асри гузашта дар Эрон фаъолият мекунад. Ӯ ба ҳаёти мардуми он аз наздик шинос шуда, менависад: Бошандагони вилояти шарқии Порс одатан худро тоҷик меноманд. Ин вожа дар ғарбии Порс камистеъмол аст, ҳол он ки дар Хуросон, Сиистон, Ҳирот, Афғонистон ва соҳилҳои рӯди Ому ҳама худро тоҷик меноманд (Хаников, саҳ. 82). Н. Хаников боз гуфтаҳои як олими англисро меорад, ки ӯ соли 1843 дар Порс будааст ва аҳолии шаҳрҳову рустоҳои онро тоҷик номидааст. Н. Хаников ба овардаҳои олими англис Причард илова мекунад, ки дар ҳақиқат тоҷикон хеле машҳуранд ва сернуфус мебошанд. Онҳо на танҳо дар шаҳрҳои Порс, балки дар шаҳрҳои Трансоксонӣ (Осиёи Миёна) ва дар ҳама таҳдаштҳо дар зери давлати ӯзбекҳои тотор зиндагонӣ мекунанд. Мегӯянд, ки тоҷикон то марзи Тибет зиндагонӣ менамоянд. (Хаников саҳ. 60-61). Н. Хаников боз менависад: Туркон тоҷикони порсро ки-

зилбошҳо меноманд, онҳо бо зебогии худ хеле маъруф мебошанд. Қизилбошҳо рӯи зебою нафиси дарозрӯя, чашмони бузурги ғизолмонанд, абрӯвони зиёди каманд доранд, ки боиси тараннум дар шеърҳо шудаанд. (Дар ҳамон ҷо, саҳ. 83).

Як аврупоӣ соли 1663 дар Порс дар бораи қизилбошҳо мулоҳиза кардааст. Н. Хаников андешаҳои ӯро дар асараш чунин арзёбӣ мекунад. Қизилбошҳо табақаи имтиёзнок ҳисоб мешаванд ва баромади худро аз сипоҳиён мегӯянд, сафи худро аз раиятҳо ё тотҳо пурра менамоянд. Тотҳо бошанд аз табақаи поёнии иҷтимоӣ мебошанд ва касби сарбозӣ надоранд. Аммо дар ҳақиқат ин тавр нест, тотҳо низ аз табақаи ашрофон буда, аз авлодони тозаи порсонанд (Хаников, саҳ. 83). Ҳамин тавр Н. Хаников тамоми форсҳоро тоҷик ва наҷоди олитабор медонад. Мувофиқи ақидаи Н. Хаников вожаи тоҷик маънои мардуми тоҷдорро дорад. Н. Хаников дар асоси этимологияи халқии вожаи тоҷик ба ин хулоса омадааст, ки комилан дуруст мебошад. Имрӯз ҳам аз мӯйсафедони тоҷик мешунавем, ки вожаи тоҷик халқи тоҷдорро ифода мекунад.

Дар замони истилои арабу турк баъзе ориёиҳо худро бо номи озодагон, деҳқон муаррифӣ кардаанд. Калимаи озодагон ва деҳқон ба маънои нажодӣ истифода шудаанд. Дар ҳамин маънӣ дар Ориёи Шарқӣ дар асрҳои VI-VII мелод дар натиҷаи истилои туркони бодиянишин номи тоҷик маъруф мешавад. Калимаи тоҷик ҳамрадиф ва ҳаммаънои озодагон, деҳқонон ва ориёӣ мебошад. Дар забони имрӯзаи тоҷикӣ-форсӣ калимаи тоҷик маънои мардуми тоҷдор, олимартаба, шоҳзодаро ифода мекунад. Аз далелҳои таърихӣ ба хубӣ маълум мешавад, ки калимаи тоҷик номи нави этникӣ ифодагари ҳамаи эрониёни кунунист, яъне бар хилофи калимаи туркӣ - кӯчӣ пайдо шудааст. Мо аз сарчашмаҳои археологӣ ва махсусан деворнигораҳои давраҳои гуногуни таърихи ориёиён медонем, ки озодагон ҳама худро шоҳзода мегуфтанд ва тоҷдор буданд. Иброз медорем, ки сар дар фаҳмиши ориёиён узви аз ҳама муқаддас ба шумор меравад. Аз ҳамин сабаб аз беҳтарин матоъҳо кулоҳ тайёр мекарданд ва онро бо зевар зиннат медоданд. Ниҳоят барои зинати сар тоҷ офариданд. Тоҷ дар урфияти халқҳои ҷаҳон нишони фарқияти иҷтимоӣ, фарқияти шоҳон аз дигар табақоти ҷомеа мебошад. Аммо дар ибтидо дар байни миллати мо ҳамчун нишони нажодӣ ба ҳисоб мерафт. Чи тавре ки дар боло сухан рафт, дар ибтидо ҳама ба сар кулоҳи нӯгтез доштанд, ки нишони нажодӣ буд. Вожаи тоҷ (аз забони паҳлавӣ) баробари номи тоҷик маъмулу машҳур шудааст. Калимаи тоҷик дар натиҷаи муборизаю рақобатҳои иҷтимоӣ, фарҳангию сиёсии турку тозиён ба вуҷуд омадааст. Маъно ва мазмуни

калимаи тоҷик ҳамон ориёӣ буда, олинажодӣ, олимақомӣ, поксиратӣ, покавлодиро ифода мекунад.

Таҳлили далелҳои боло шаҳодат медиҳанд, ки калимаи тоҷик номи нави этникии ҳамаи ориёиёну форсзабонони ҷаҳон мебошад. Бори дигар таъкид мекунем, ки ҳамаи форсизабонон дар адабиёти таърихӣ аз асрҳои аввали мелод то асрҳои XX бо ин ном худро муаррифӣ кардаанд. Зеро калимаҳои дигари обуранги этникидошта: аҷамӣ, порсӣ, ҳваб (ху), озодагон, деҳқон ва ғайра маънои комили этникии ҳамаи халқи порсизабонро ифода намекарданд, аз ҳамин рӯ аз истифода баромаданд. Танҳо калимаи тоҷик маънои пурраи вожаи ориёнажодро таҷассум менамуд. Дар ҳамин асос он маълуму машҳур монд ва аз тарафи халқи ориёнажод пазируфта шуд. Яъне вожаи тоҷик ба монанди ориёӣ хусусияти иҷтимоии волонажодӣ дошта. Дар аҳди истилои арабу турк дар саросари Ориёшаҳр густариш меёбад.

Дар хулоса якчанд сухан дар бораи таркиби калимаи  тоҷик. Олимони бисёре дар бораи сохти калимаи тоҷик фикру мулоҳизаҳо рондаанд, вале ба хулосаи самарабахше наомадаанд. Маълум аст, ки калимаи тоҷик аз ду қисм тоҷ ва пасованди муайянкунандаи ик иборат мебошад. Баъзе забоншиносон тахмин мекунанд, ки дар қадим калимаҳои нозик, нозук, борик, торик ба монанди калимаи тоҷик аз ду бахш иборат буд, бо мурури замон як калима гаштааст.

Ба ақидаи забоншинос В.А. Лившитс дар айни замон калимаи тоҷик дар тафсири қоидаҳои фонетикии забонҳои форсии миёна намеғунҷад (Лившитс, 1962, саҳ.88). Ақидаи забоншиносон оиди он ки дар забони форсии миёна ба истифодаи пасоянди ик дучор меоем. Масалан, дарахти Асурик, яъне ошурӣ. Дар ҳуҷҷатҳои суғдии аз кӯҳи Муғ пайдошуда номи арабҳоро тозик гуфтаанд. Яъне пасоянди ик ифодакунандаи номи халқе мебошад. Дар ҳамон ҳуҷҷате, ки номи тозик зикр шудааст, сухан дар бораи сарлашкаре низ меравад, ки онро Порсик ном бурдаанд. Дар ҳуҷҷатҳои суғдӣ нисбат ба бошандаи Суғд калимаи суғдик истифода шудааст. Ҳамин тавр дар забонҳои форсии миёна, аз ҷумла суғдӣ истифодаи пасоянди ик ҳамчун муайянкунандаи номи этникӣ серистъмол буд. Аз ҳамин сабаб калимаи тоҷик ва истифодаи он нисбат ба миллати ориёӣ дар замони нав хоси забони тоҷикӣ-форсӣ мебошад ва сохти он ҳеҷ як тағйиротро талаб намекунад. Чаро пасоянди ик ба и табдил нашудааст ба монанди форсик-форсӣ, асурик-ашӯрӣ? Аввалан: форсӣ ва ашӯрӣ номи этникӣ нестанд. Дуюм, шарт нест, ки ҳамаи калимаҳои забони форсии миёна сохти худро тағйир диҳанд. Калимаи тоҷик аз ҳамон гурӯҳ калимаҳо мебошад.

## ПАЙНАВИШТ

1. Сокинони бумии Ҳиндустонро Синдҳу мегуфтанд, аммо ориёизабонон ҳарфи «с»-ро ба «ҳ»табдил дода, Синдро Ҳинд кардаанд.

2. Калимаи аҷамӣ ба маънии ғайри араб мебошад, аммо номи Аҷам ва аҷамиён бештар дар нисбати эрониён истифода шудааст.

3.Калимаи Бухорои Хурд ба музофоти Қошғару Хутан, яъне вилояти Синсиани Чини кунунӣ, нисбат дорад. Бухорои Бузург Осиёи Миёнаро дарбар дошт.

***Саидмуроди Бостонгуҳар***

# ТОҶИКОН ДАР МАЪХАЗҲОИ ЮНОНӢ ВА ЧИНӢ*

Асари гаронмояю бунёдии Б. Ғафуров «Тоҷикон» дар шинохт ва пажуҳиши таърихи таҳаввули миллати тоҷик беназир буда, дар он ахбори пурмуҳтавои таърихӣ, бостоншиносӣ, мардумшиносию ҷуғрофӣ, забоншиносию ҳунарӣ ва ғайра муҷассам ёфта ва зимни он натиҷагириҳои дақиқи илмӣ ба миён омадааст. Б. Ғафуров нахустин донишмандест, ки заминаи бунёди таърихи тоҷиконро дар осораш тарҳрезӣ намуда, ки чун «Шоҳнома»-и ҳаким Фирдавсӣ дар ҷодаи худ арзиши бузурги илмиро соҳиб гаштааст.

Имрӯз дастовардҳои навини илмӣ, бахусус, кашфиёту дарёфтҳои солҳои 80-90, ҳафриёти тамаддуни Саразм, таҳқиқи комплекси ёдгориҳои Марғиёну Бохтар, дастрас шудани сарчашмаҳои нави таърихӣ ва ғайра имкон медиҳанд, ки роҷеъ ба таҳаввули таърихии тоҷикон саҳифаҳои навинро боз намоем.

Аз ҷумла бар мабнои ахбори юнонию чинӣ метавон паҳлуҳои норавшани таърихамонро таҳқиқ намоем, ки аз назари муҳаққиқон то андозае дур мондааст.

Маъхази аввал «Таърих»-и Ҳеродот аст. Ӯ дар асараш зимни ду маврид оиди қабилае бо номи «додик» ахбори ҷолибе медиҳад. Ин ҷо ахбори ӯро айнан меорем; 1). Саттагидҳо ҳамроҳи гандориҳо, додикҳо ва апаридҳо 170 талант (Ба Доронош С.Б.) андоз медоданд ва сатрапи ҳафтумро ташкил мекарданд.[1] 2) Парфиёниҳо, хоразмиҳо, суғдиён, гандориҳо ва додикҳо ба юриш ба он аслиҳае мерафтанд, ки шабеҳи аслиҳаи бохтариён буд. Роҳбаронашон инҳо буданд: аз парфиён ва хоразмиён Артабоз писари Фарнак; аз суғдиён Азон писари Артея; аз гандориён ва додикон Артифей писари Артабон.[2]

Пас, додикон кистанд? Ба тоҷикон чӣ иртиботе доранд? Барои равшанӣ андохтан ба ин мавзуъ ба асари шарқшиноси рус В.Н. Хаников рӯ меоварем, ки соли 1866 дар Париж интишор ёфта буд: «Ба ҳар ҳол ман низ чун Ҳеммер, (ниг. «Солномаи Вена»-и ӯ, ҷ. 11. саҳ. 25) бар онам инҳоро (додиконро С.Б.) чун тоҷикон бипазирам, зеро Ҳеродот дар «Таърих» ( китоби VI қисми 66) аслиҳаи онҳоро ба аслиҳаи бохта-

---

* Академик Бобоҷон Ғафуров муҳаққиқи таъриху тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ (Маҷмуаи маҳсулоти тадқиқотӣ) Душанбе:Ирфон,1999. – С. 67-79.

[1] Геродот.История, кн.,3, часть 91.

[2] Геродот.История, кн., 7, часть 66.

риён ҳаммонанд медонад. Зиёда аз ин ман ин истилоҳро ба калимаи юнонии Paglxal, ки Птоломей (ниг. китоби VI, боби 12, саҳ. 422) бо он халқҳои маскуни доманакӯҳҳои Ҷайҳунро ифода кардааст, ягона медонам. Агар тахмин кунем, чунин тахмин асос дорад, ки котибон иштибоҳан ба ҷои ҳарфи «т» ҳарфи «п» навиштаанд. Пас, ин тавр дар асари муаррихи юнонӣ омадани калимаи Paglxal ба ҷои Taglxal, ки бешубҳа ягона тарзи дурусти навиштани калимаи «тоҷик» ба юнонӣ аст, маълум мешавад. Ин пиндор, аз сабаби он ки Дионисии Пригети низ (ба ин нукта Риттер дар саҳифаи 174, ҷилди VII заминшиносии Осиё ишорат намуда буд) аз тоҷикон ёд карда, онҳоро меноманд, боз бештар ростин менамояд.»[1]

Дар тарҷума ва такмилоти китоби Риттер - «Эрон», ки соли 1874 бо саъйи Хаников наҷом ёфта, чунин омада: «Ғайр аз ин калимаи «тоҷ» хело барвақт ба арманҳо ба шакли Pшд Tагх маълум буда, онҳо аз вай «таговур» сохтанд, ки решааш калимаи форсии «тоҷвар» аст.[2]

Дар ҷойи дигари китоб омада: «аз ин бармеояд, ки додикони таърихчӣ галикарнаси (Ҳеродод - С.Б.) тоҷикони Хуросонанд» (саҳ. 516).

Маъхази дигар асари Бичурин Н.Я. (Иокинф) «Собрание сведений о народах обитавших в Средней Азии в древние времена» аст. Дар ин асар хотираҳои сайёҳон, сафирон ва муаррихони чинӣ, ки чанд сада пеш аз мелод ба Осиёи Миёна мусофират доштанд ё дар бораи мардумони он навишта буданд, гирдоварӣ шудааст.

Дар «Сабтҳои таърихӣ» (Шийзи, боби 123) омадааст: Ҳокими вилояти Хан Чҷан замони ҳукмронии Гуян - Юан (солҳои 140-135 то мелод) Иҷан Кян ба Даван (Фарғона), Юэҷӣ Бузург (диёри масагетҳо), Даҳи (Тахористон) ва Кангю (Хоразм) сафар карда буд, дар номаи худ ба император менависад: «Тяочжи» чанд ҳазори самти ғарбии Анси (Парфия) воқеъ буда, дар қарибии баҳри Ғарбист. Мардумаш машғули кишоварзианд, шолӣ мекоранд. Ин ҷо тухми паррандае мавҷуд мебошад, ки андозааш бузург аст. Аҳолиаш бисёр. Маликони зиёд дорад. Агарчи мутеи Ансист, аммо мулки хориҷӣ ҳисоб меёбад, мӯйсафедонаш Анси ҳикоят кунанд, ки дар мулки Тяочжи (Тоҷикон - С.Б.) бо номи «оби мурда» кӯле ҳаст, ва Си-Ван Мӯ, касе онро надидааст»[3]

---

[1] Хаников Н.В. Андешаҳо роҷеъ ба таҳқиқи мардуми Эрон. Душанбе, «Маориф», 1992. -С.90.
[2] Хаников Н.В. Примечание к объяснению 2-ум главам 11-ого Риттерова подлинника: Жители восточного рубежа Ирана: аборегены и переселения-таджики. Дар китоби Риттер. «Иран», Санкт-Петербург, 1874. -С.515.
[3] Бичурин Н.Я.Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. Москва, 1953. – С.152.

Инчунин зимни нақли воқеоти соли 121 мелодӣ дар бораи ба Анси (Парфия) Ян (Алан), Лиган (Рум), Тяочжи ва Шанду фиристодани сафирон сухан рафтааст.[1]

Дар иртибот ба ин мавзуъ дар таърихи «Хонадони Хони Бузург» омада: «Пойтахти Тяочжи садрӯза роҳ буда, қариби баҳри Ғарбист. Иқлимаш гарм, хокаш намнок буда, имкон медиҳад, ки гандум коранд. Ин ҷо тухми бузург мавҷуд аст. Аҳолиаш бисёр. Маликони зиёд дорад. Тяоҷҷи мутеи Ансӣ аст ва маликонаш тобеи хориҷиёнанд.»[2]

Дар ахбори зикршуда чанд нуктаи ҷолиб омада, аввал он ки кишвари Тяочжи воқеъ дар ғарби Парфия буда, шумораи маликонаш зиёд аст. Пасон аз ҷониби Парфия тасхир шуда ва наздикии баҳри Ғарбист. Яъне баҳри Хазар. Ин гуфтаҳо бо ахбори «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ мувофиқ меоянд, ки дар он гуфта шуда: «Аз лаби Даҷла, аз он сӯй то ҳадди Исфаҳон ва Ироқ ва Кӯҳистон ва Рай ва Ҷиболи Табаристон ва Кирмон, аз Хуросон то лаби Ҷайҳун - ҳама мулки тавоифро буд, ба ҳар шахсе молике ва меҳтаре».[3]

Абурайҳони Берунӣ дар асараш «Осор-ул-боқия» дар тақвияти ин ахбор оварда: «Ба Ашкониён (ҳокимони давлати Парфия - С.Б.) яке аз мулкул-тавоиф буданд ва дигарон эшонро итоат накарданд ва фақат барои ин ки аз хонадони эрониён буданд, эшонро танзиму таккрим менамуданд».[4]

Ҳукмронии Ашкониён тахминан соли 247 то мелод оғоз ёфта, то соли 226 мелодӣ идома доштааст. Сайёҳи чинӣ, ки байни солҳои 140-135 то мелод ба Парфия омада буд, ин воқеиятро дуруст тафсир мекунад. Чун ки то солҳои 148-147 то мелод Парфия давлатҳои хурди атрофашро то Мидия тасарруф карда буд. Ва пас аз он Миридоди I ба унвони «Шоҳаншоҳ» комёб шуд.

Дар таърихи хонадони Хони Кучак (Хауханшу боби 18) омада: «Таоҷҷи, Анси ва дигар давлатҳо то ҳудуди баҳр аз 40 ҳазор ли ба дарбори (Императори Чин - С.Б.) туҳфаҳо ва тарҷумаҳо мефиристоданд».[5]

Бан Юн, ки соли 56 мелодӣ аз ҷониби императори Чин ҳокими кишварҳои Ғарбӣ таъйин шуда буд, роҷеъ ба кишвари Тюоҷҷи менависад: Пойтахти Тяочжи дар доманакӯҳ буда, масоҳаташ қариб 40 ли аст. Назди баҳри Ғарбист, аз ҷануб, аз шимол ва шарқ об аст, танҳо шимолу ғарб роҳи хушкӣ дорад. Иқлимаш гарм, хокаш намнок. Шер, каркаданг, қутос, товус, шутурмурғ, ки тухмаш маъмулан калон мебошад, мавҷуд ҳаст. Дар шимолу шарқ, пас аз 60-рӯза роҳи аспакӣ, кишвари

---

[1] Бичурин Н.Я. Ҳамин китоб. – С.158.
[2] Бичурин Н.Я. Ҳамин китоб. – С.182.
[3] Балъамӣ М. Таърихи Табарӣ. Душанбе, 1992. – С.392.
[4] Берунӣ А. Осор-ул-боқия. Душанбе, 1990. – С.135.
[5] Бичурин Н.Я. Ҳамин китоб. – С.217.

Анси воқеъ аст, ки баъдтар Тюочҷиро тасхир кард ва сарфармондеҳи худро аз болои шаҳрҳои онҳо монд.[1]

Аввалин чиние, ки аз кишвари Тяочжи (тоҷикон) дидан кардааст (97 то мелод) Гар Ин мебошад, ки дар Датсин масъулияти сафорат кишварашро ба ӯҳда доштааст. Ӯ ба мақсади Румравӣ то соҳили баҳри Бузург меояд ва мехоҳад онро убур кунад, аммо номусоидии баҳр монеъ мешавад. Пасон, ба Чин мегардад. Ӯ хотираҳояшро дар бораи кишвари тоҷикон чунин иброз доштааст: «дар таърихи хонадони Хони бузург гуфта шудааст, ки аз Тяочжи ба сӯи Ғарб пас аз 200-рӯза роҳ офтоб менишинад. Ин ба ҳақиқат наздик нест. Чун ки пештар фиристодагони  Чин то ба Угэ мерафтанд ва бармегаштанд, то ба Тяочжи касе ҳанӯз нарафтааст».[2]

Дар таърихи «Хонадони шимолӣ» (Бейши, боби 97) роҷеъ ба воқеоти садаҳои VI-VII мелодӣ омада: «Малики Босӣ дар Сули (Суғд-С.Б.) менишинад, ки ғарбии Нюмӣ аст. Ин давлати қадимаи Тяочжи (тоҷикон - С.Б.) мебошад, ки он дар масофаи 24228 ли воқеъ аст. Масоҳати пойтахташ 10 ли буда, дар он зиёда аз 100 000 оила иқомат мекунанд. Дарё аз самти шимол ба ҷануб аз байни шаҳр ҷорист. Заминҳояш ҳамвор. Ин ҷо тилло, миси холис, ёқут, қаҳрабо, ақиқ, марвориди аълосифат, шиша, булур, пӯлод, алмос, қалъагӣ, симоб ва маводи дигар истихроҷ мекунанд. Иқлимаш гарм, дар ҳар хона ях нигоҳ доранд. Даштҳои паҳновар. Барои обёрӣ аз ҳар ҷой ҷӯйбор мегузаронанд, ҳайвоноту паррандагонаш мисли Давлати Шимолист: танҳо шолӣ нест. Дар Босӣ бисёр аспҳои хушзот, хачир ва уштур аст, ки дар як рӯз метавонад то 700 ли роҳ паймояд. Хонадонҳои сарватманд то якчанд ҳазор аз он доранд. Инчунин шер, фили сафед дучор меояд. Тухми паррандаи калон мавҷуд аст. Ҳамчунин паррандае ҳаст мисли уштур, аммо ду бол дорад, баланд парида наметавонад, алафу гӯшт мехурад. Ҳатто одамро фурӯ бурда метавонад. Лақаби маликаш Бо, номаш Си буда, дар тахти тиллоӣ мешинад, ки шабеҳи гӯсфанд аст. Тоҷи заррин, хилъати зарбофти аз маводу марвориди қиматбаҳо дӯхташуда дорад. Мардон мӯйсарашонро метарошанд, кулоҳашон аз пӯсти сафед аст, куртаашонро аз сар мепӯшанд. Занҳо куртаҳои дароз, хилъатҳои кушод доранд, мӯйи сарашонро аз пеши сар ҷамъ карда, бо гулҳои заррин ва нукрагин зеб медиҳанд, ё аз пас ба шонаашон сар дода, бо риштаҳои зебо оро медиҳанд. Малик ғайр аз қасри асосӣ инчунин даҳҳо қасри хурд дар ҷойҳои дигар дорад. Ҳар сол моҳи чоруми моҳтобӣ ӯ сайёҳати қасрҳои

[1] Бичурин Н.Я. Ҳамин китоб. – С.224.
[2] Бичурин Н.Я. Ҳамин китоб. – С.225.

атроф мебарояд ва охири моҳи 10-уми моҳтобӣ бармегардад. Малик баробари ба тахт нишастан яке аз писарони арзандаашонро интихоб карда, номи ӯро махфӣ ба коғазе менависад ва мухр намуда, пинҳон нигоҳ медорад, ки фарзандон ва наздикон аз он огоҳ набошанд. Пас аз маргаш номаро мекушоянд ва номи касеро, ки ин ҷо сабт ёфтааст, ба тахт менишинад ва бародаронашро унвонҳо медиҳад ва аз пойтахт берун мекунад, дигар бо ҳам вонамехӯранд. Раият маликро Итзянҳ меномад, маликаро Фанбу, писарашро Шо. Аз мансабҳои давлати Моҳутан (муъбади муъбадон - С.Б.) ба умури додхоҳӣ машғул аст. Нахухан ба хазинадорӣ ва тақсими заминҳои васиятшуда шуғл дорад. Тзао ба муросилот ва корҳои дигар роҳбарӣ мекунад. Гэлохад роҳбари корҳои қаср буда, Сюбоб сарвари лашкар дар сатҳи кишвар аст. Ҳар кадом ёварон доранд, ки масъулияти зиёде ба дӯшашон аст. Аслиҳаашон аз ҷавшан, найза, сипарҳои мудаввар, шамшер, тиру камон иборат аст.Филсавор меҷангад, ки аз пасашон то сад нафар пиёда ҳаст. Мувофиқи қонуни ҷиноятӣ барои гуноҳи вазнин ё ба дор мекашанд ва ё мепаронанд. Барои ҷинояти начандон вазнин зиндон мекунанд, то иваз шудани малик. Барои ҷинояти сабук биниро мебуранд ё дар гарданашон тахтача кашол мекунанд, то ки шармсор гарданд. Ғоратгарону дуздонро як умр зиндон мекунанд. Аз хотири зино бо зани сарватмандон марди гунаҳгорро бадарға кунанд ва бинию гӯши занро буранд. Андоз аз замин бо пули нуқра аз рӯи навъи замин ситонда мешавад. Ба рӯҳи оташу осмон саҷда кунанд. Хаташон аз хати туркӣ фарқ дорад. Аксаран амакдухтар ва аммадухтари хешро ба занӣ мегиранд. Дар никоҳ байни мардуми оддӣ ва ашроф фарқ нест. Мардуми Босӣ байни хориҷиён аз ҳама бадахлоқанд. Духтари зеборо, ки синнаш аз 10 гузашт, малик ба дарбор мегирад ва ба онҳое, ки хизмати хуб кардаанд, туҳфа менамояд. Мурдагонро ба кӯҳ мебаранд ва як моҳ мотам медоранд. Берун аз шаҳр табақае ҳаст, ки алоҳида зиндагӣ мекунанд. Онҳо ба гӯронидани мурдаҳо машғуланд ва нопок ҳисобида мешаванд. Агар ба бозори шаҳр раванд, аз омадани худ тавассути зангӯла хабар медиҳанд.Соли нав моҳи 6-уми моҳтобист. Асосан рӯзи ҳафтуми моҳи ҳафтуми моҳтобӣ ва рӯзи аввали моҳи 12-уми моҳтобиро муътабар медонанд. Дар ин рӯзҳо меҳмон даъват карда, меҳмоннавозӣ менамоянд, зери оҳанги мусиқӣ хурсандӣ мекунанд. Ҳар сол рӯзи дувуми моҳи моҳтобӣ ба хотири мурдагон қурбонӣ мекунанд.Дар давраи ҳукмронии Шейгуй (518-519) малик ба дарбори Шимолӣ расул фиристод. Бо нозу неъмати зиёд ва тавсиянома, расулро хеле хуб мепазиранд. Тобистони дувуми ҳукмронии Гун-ди (554-556) хонадони ВЭй-и Ғарбӣ (555) малик

ва расул фиристод ва дар тавсияномааш ин тавр навишт: «Хони бузург, писари Осмон, зодаи Осмон! Таманно дорам, ки ту ҳама замон ҷовидон бошӣ ва малик ҳама умр саҷдаи туро намояд. «Даргоҳ ва кайфият инро қабул кард ва аз ин пас ҳар вақт ба дарбор бо ҳадияҳо меомаданд. Дар аввали Оли Сӯи ҳоким Ян-дӣ ба Босӣ Ли Иро расул фиристод, ки бо ӯ аз Босӣ сафирон бо ҳадияҳо баргаштанд.[1]

***Таърихи Олии Сӯиро роҷеъ ба Босӣ чунин навишта:***

Ҳакими Босӣ дар ғарби дарёи Дағ, дар шаҳри Сулин нишинад. Ин замини қадими Тяочжи (тоҷикон С.Б.) аст. Номи ҳокимаш Ку-сахо аст. Пойтахташ қариб 10 ли масоҳат дорад. Аҳолиаш 20,000 нафар. Филсавор меҷанганд. Ҳукми қатл нест. Ҷинояткорро дасту по мебуранд, молашро мусодира мекунанду ришашро мекананд ё барои шарманда сохтан дар гарданаш банд меовезанд... Малик дар сар тоҷи тиллоӣ, дар ришаш барои зару зевар занҷираи тиллоӣ дорад. Дар тахти тиллоӣ менишинад, ки шабеҳи шер аст; хилъати зардӯзӣ мепӯшад, аз болояш занҷираи сангҳои қимматбаҳо овехта шуда дорад. Дар ин кишвар аспҳои хушзот зиёданд. Нахчир, шер, фили сафед, тухми шутурмурғ, марворид, шиша, ҳақиқ, булур, марвориди сафед, алмос, қаҳрабо, тилло, нуқра, миси холиси табиӣ, фулузи олӣ, қалъагӣ, қолин, қолинҳои фаршӣ, матоъҳои гуногун, пӯстҳои гуногунпашм, шангарф, сурма, атриёти гуногун ва бисёр ашёи дигар мавҷуд аст. Туркюиҳо (туркон - С.Б.) наметавонистанд ин кишварро тасарруф намоянд. Малик аксаран ба императорони Чин сафир ва ҳадя мефиристад.

Аз пойтахт ба самти Ғарб, то баҳр чанд садли масофа, дар Шарқ то Му қариб 4000 ли, дар шимолу ғарб то Фолин 4500 ли, дар Туа-Тҷеу 11700 ли. Янди (605-515) ба Босӣ сафорат фиристод, ки аз он ҷо бо ӯ ба Чин сафир ба ҳадя омаданд.[2]

Аз ахбори болоӣ пайдост, ки воқеаҳои давраи Сосониён тасвир ёфтааст. Дар ҳақиқат, дар ин давра ду пойтахт вуҷуд дошт: яке Ктесефен, ки номашро ба Беҳ Ардашер табдил доданд, дигаре Истахр буд. Урфу одате, ки ин ҷо таҳвил шуда, барои омӯзиши этнографияи тоҷикон басо муҳим аст. Пайдост, ки дар замони Ардашери Бобакон оини зардуштӣ дини расмии давлати Сосониён буд ва мубади мубадон пас аз шоҳ шахси дуюм дар сохтори давлат буд.

---

[1] Бичурин Н.Я. Ҳамин китоб. – С.263-264.
[2] Хаников Н.В. Андешаҳо роҷеъ ба таҳқиқи мардуми Эрон. Душанбе,, 1992. – С.187.

Азбаски шарҳи ин иқтибосот ба ин мавзуъ иртибот надорад, ҷоизи таҳлил нест. Аммо як чиз мусаллам аст, ки дар таърихномаҳои чинӣ мулки Эроншаҳр то давраи Сосониён ба номи кишвари Тюоччитоҷикон қаламдод шудааст. Дар байни воқеоти давраи сосонӣ ба номи Босӣ ёд шуда, аз кишвари қадимаи тоҷикон буданаш ёдрас намудаанд ва овардаанд, ки Босӣ аз номи Малик истинбот шудааст.

Хаников адабиёти зиёдеро роҷеъ ба пайдоиши истилоҳи тоҷик таҳлил намуда, менависад: «Аз тарафи худ илова мекунем, ки тоҷ барои муътақидони таълимоти Зардушт низ ҳамон чизе буд, ки чалипо барои масеҳиён ва салла барои мусулмонон, яъне аломати фарқи муътақидони ин ойин аз аҳли ойини дигар... Аз ҳамин сабаб калимаи «тоҷик» дар ватани азалии Зардушт, ки таълимоташ дар Бохтар хеле пештар аз ин, ки ба ғарб ворид шавад, роиҷ буд ва дар он ҳатто дар замони Комбиз форсҳо натавонистанд будани муғонро таҳаммул кунанд, интишори зиёд дорад».[1]

Аз ин хабар хулосае бармеояд, ки калимаи «тоҷик» хело қадима буда, шояд ба давраи Зардушт мерасад. Ҳамчун номи умумии қавму қабилаҳои ориёист, ки ойини Зардуштро муроот мекарданд, мисли истилоҳи славян, араб, турк ва ғайра. Дар давраи истилои Араб аз тарси таҳқиру нобудшавӣ худро ба ин ном муаррифӣ накарданд ва уламою удабояш алорағми араб калимаи аҷамро истифода кардаанд ва таърихашонро бо номи таърихи Аҷам навиштаанд.

Аз охири асри XI сар карда, аз нав истилоҳи «тоҷик» ҳамчун номи халқҳои эронӣ дар таърихномаҳою адабиёти бадеӣ эҳё мешавад. Ва беҳуда нест, ки Шайх Саъдӣ фармуда:

*Шояд, ки ба подшаҳ бигӯянд,*
*Турки ту бирехт хуни тоҷик.*

Миллер аз номи муаллифи «Наҳзат-ул-қулуб» Хайруллоҳи Мустаъфӣ (1340) меорад, дар асри XIV аҳолии эрониасли Озарбойҷон бо номи «Тоҷикон» ёд шуда, ба забонҳои форсӣ, озарӣ, паҳлавӣ, курдӣ, тотӣ, толишӣ ҳарф мезаданд. Ба гуфтаи Хайруллохон Мустаъфӣ дар ғарби Озарбойҷон, дар маҳаллаи Тосуҷ, дар қисми шимолии соҳили Кули Урмия то қарни XIV ҳанӯз тоҷикон боқӣ будаанд. Инчунин, аҳолии Табрез дар асри XIV, то қабули забони туркӣ, тоҷикон буданд.[1]

---

[1] Миллен Б.В. К вопросу об языке населения Азербайджана до отуречения этой области. Ученые записки. Т.1. 1928. – С.213.

[1] Зеҳнӣ Т. Калимаи «тоҷик» дар осори гузаштагон. -Дар китоби: Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар. Душанбе, 1990. – С.637.

Ибни Батута хабар медиҳад, ки аҳолии бумии Табрез, новобаста ба зиёд будани туркон, ҳоло ҳам тоҷиконанд ва аз туркон фарқ мекунанд.

То қарни XVI, то давраи расман эълон шудани мазҳаби шиа, яъне то замони ба сари қудрат омадани Сафавиён дар Эрон кулли мардуми эрониасли форсигӯй ғолибан ба истилоҳи «тоҷик» ёд шудаанд.

Имрӯз форсизабонҳои Афғонистон хешро дар дохили кишварашон ба номи қавми «тоҷик» мешиносанд. Ва дар шиносномa хешро «тоҷик» менависанд, дар хориҷи кишварашон низ хешро пурра тоҷик мехонанд, аммо дар Тоҷикистон онҳоро чун афғонҳо мешиносанд, ки аз ноогоҳӣ дарак медиҳад.

Ин ҷо лозим аст, ки роҷеъ ба қавми араб мансуб донистани тоҷик, ки дар луғатҳои форсӣ ва навиштаи баъзе олимони таърихшинос (Бартольд, Таджикистан, 1925) оварда шудааст, ибрози назар намоем, Хаников дар иртибот ба ин мавзуъ чунин андеша дорад: «таъқиби тарафдорони Хоҷаҷом, авлоди пайғамбар дар Байнаннаҳрайн дар солҳои 80-уми садаи аввали ҳиҷрӣ, маҷбур кард, ки бисёр саидони Куфа, Басра, Бағдод ва музофоти ин шаҳрҳо ба Мовароуннаҳр муҳоҷират намоянд. Яке аз машҳуртарини онҳо Сайид Сулаймон, писари Абдулло Ҳардод ва чабераи Зайнулобиддин мебошад. Дар Урганҷ ӯ ба хоҳари Сайид Маҳмуд хонадор мешавад, ки дар деҳаи Пирмасти атрофи Бухоро мадфун аст. Аз ин издивоҷ ду писари дугоник таваллуд мешавад, ки падарашон ба ифтихори писарони Алӣ онҳоро Ҳасан ва Ҳусейн ном мегузорад. Инчунин, ӯ духтаре буд, ки ба яке аз сайидони Бухоро, писари Амир Кулол, бобокалони шаҷараи сайидони Кулолӣ, ки аслан аз Вобканд буда, дар Бухоро сукунат дошт, издивоҷ менамояд.

Аз Ҳасан авлоде боқӣ намондааст. Аз Ҳусайн ду писар – Ҷалол ва Камол боқӣ мондааст, ки Ҷалол бобокалони сайидони Афғонистон маҳсуб шуда, Камол саравлоди сайидони Бухорост. Камолиён бо лақаби «Сайидони Хурд» машҳуранд. Шохаи сеюми сайидони Мовароуннаҳр Сайид Ато низ авлоди сайидони тарафдори Хоҷиҷом аст. Ин авлодҳо ба тоҷикон омехта шудаанд. Табиист, ки байни мусулмонон оилаҳое, ки сайидон омехта шудаанд, обрӯи калон доранд. Ин ақида то ба ин рӯз идома дорад, ки гӯё тоҷикони Бухоро аз авлоди арабҳоянд.[1]

Мусаллам аст, ки на ҳамаи тоҷикон ниёгони худро араб меҳисобанд. Масалан, тоҷикони деҳаи Шоҳони Басмандаи ноҳияи Ғончӣ

---

[1] Хаников Н.В. Примечание к объяснению 7-й главы 11-го Риттерова подлинника: Жители восточного рубежа Ирана: аборегены и переселение-таджики. Дар китоби Риттер. «Иран», Санкт-Петербург, 1874. – С. 514.

шаҷараи худро аз Ковус (арабҳо) медонанд. Гурӯҳе аз тоҷикони деҳаи Вору ва Моғиёни ноҳияи Панҷакент муғонро ниёгони худ мешумурданд. Шохаи калони тоҷикони ноҳияи Кӯлоб худро аз қавми ҷӯшониён (кушониён - С.Б.) медонанд. Гурӯҳе аз тоҷикони Бадахшони Афғонистон табори худро аз ҳайтолиён, гурӯҳе дигар аз Искандари Мақдунӣ хонанд. Чунин мисол байни тоҷикони Хуросон, Сиистон, Мозандарон роиҷ аст. Аз ин хотир он чи ки дар фарҳангҳои форсӣ омадааст, бебунёд буда, пояи устувори илмӣ надорад.

Сарчашмаҳои чинӣ бошад, аз арабҳо бо номи «дошӣ» ва «тошӣ» ёд кардаанд, ки ба тоҷикон ҳеҷ муносибате надоранд. Дар мавриди баромади арабҳо ахбори зиёду амиқ оварда шудааст.

***Бобо Назар Ғафор***

# ОРӢ Ё ПОРСӢ

*(Дар этимологияи тоҷик)*

Номи як мардуми ҳиндуаврупоӣ, ки охирҳои ҳазорсолаи IV ва ҳазорсолаи III то мелод аз ҳамнажодони хеш ҷудо шуданд, орӣ буд. Ба у мардум бегумон нухуст ҳиндиён (протоҳиндиён) ва нахустэрониён (протоэрониён) шомил буданд, пас аз он ки кӯч бастанду як ойкумени симбиоз сохтанд дар ҳудудҳое ки Осиёи Марказӣ, Афғонистони кунунӣ ва Эрони шарқии кунуниро фаро мегирифт, низ дуру дароз хешро баробар орӣ мехонданд. Ва забонҳои ишон то аз ҳам пароканданшон дар нимаи якуми ҳазорсолаи дуюми то мелод дар ҳукми ду шеваи ба ҳам хеле наздике буд ва ҳамдигарфаҳмии билкул озод доштанд.[1] Нухустэрониёне ки дар нимаи I-уми ҳазорсолаи II-юм (вале то асри XIV-и мелодӣ) ба суи эрони ғарбии кунунӣ кӯч бастанд, муддати дароз (тақрибан 10 аср) худро «орӣ» мегуфтанд, ҳарчанд медонистанд, ки мардуми порсанду моду арйазанту… то ҷоеро ки ҳатто бархе шоҳони хонадони Ҳахоманишиён баъзан худро орӣ ҳам мехондаанд, чунон ки дар ин дипиҳои (катиба) Ҳахоманишиён аст:

*θātiy Dārayavauš xšāyaθiya vašnā auramazdāha imām dipim aniyaθā adam akunavam patišam ariyā āha utā avastāyā cāxriyatā patišam iya dipiš hama āθahavaja nipištiyā adārayatā utā apiθya utā atīyāsiya paišiyā mām pasāva iyam dipiš hačāma amāvatā haruavadā atar dahyāva kāra hama amaxmatā.*

«Доро шоҳ мегуяд: ба бузургии Аҳурамаздо ман ин дипиро (катиба) бо дигар (катиба) навъ сохтам. Гузашта аз у вай дар забони орӣ будак ва дар пуст навишта шуда. Гузашта аз у дипи ҳамагӣ бо гузоштани муҳр тасдиқ карда шуд. Пас аз он ин дипи ба ҳама диҳаҳо (кишварҳо) аз тарафи ман фиристода шуда буд, мардум ҳама уро пазиро буданд». Доро, Катибаи Бистун 4,89-92.

Дигар:

*Adam Dārayavauš xš vazraka xš xšyānām xš dahyunām xšāyaθiya ahyāyā būmyā vazrakāyā dūқaiy apiy vištāspahya pūça Haxāmanišiya pārsa pārsahya pūça ariya ariyaciça*

*«Манам Доро шоҳи бузург, шоҳиншоҳ, шоҳи диҳон, Виштоспро пур, Ҳахоманишӣ, порс, порсро пур, орӣ, аз парвази орӣ» Катибаи Доро дар Хуҷистон, 8-14*

---

[1] T.Burrow, Proto-Indoaryans, JҚAS,1973,(123-140)133

*Adam xšayāršа xšāyaθiya vazraka xšāyaθiya xšāyaθiyānām xšāyaθiya dahyūnām paruv zanānām xšāyaθiya ahyāyā būmyā vazrakāyā dūraiy apiy Dārayavahauš xšāyaθiyahya pūça Haxāmanišiya pārsa pārsahya pūça ariya ariyaciça.*[1]

«Манам Хшайорш шоҳи бузург, шоҳаншоҳ, шоҳи диҳон (бо) мардуми гуногун (айнан пурмардум), шоҳ андар ин Бум (дар руи Замин), Дорийушро пур, порс, порсро пур, орӣ аз парвази орӣ» - катибаи Хшайоршоҳ.

Аммо пеши ҳамсоягони эрониёни ғарбӣ то дер замонҳо эрониёни ғарбӣ орӣ буданд. Аз он ки пеши эшон Аурамазда худои эрониён ки буд, эҳтимоли қавӣ меравад, ки дастикам номи умумии эшон аст. Ва ин ҳудуди мардумони орӣ ҳатто пеши виросторони номаҳои паҳлавӣ (миёнаҳои ҳазорсолаи I мелодӣ) ориёншаҳр (мамлакати ориён аст), чунон ки дар ин матн омада: B′ ˀ ry ˀ n hštr B′ pˀ rs «ба Ориёншҳр ба Порс».[2] Номи забони сикаҳое, ки шоҳони Сосонии Эрон мезаданд, низ орӣ буда буд, чунон ки дар ҷумлаи зер, ки болои сикаи шоҳаншоҳ Баҳром нигошта шуда: ’yry mzdsn bdy wrhr’ n MLK’ n MLK’ ’yr ’n w >nyr’ n VNWčrry MN yzd’n – «арий, маздайасн (парастандаи Мазда), фармонфармо, шоҳи шоҳони Эрон ва Анирон... Баҳром».[3]

Таъриху географияи ин ном ба ростои эрониён хеле дуру дароз (аз марзҳои ҳазорсолаҳои 4-уму 3-юм) – чунон ки гузашт – оғоз мешавад ва паҳновар аст. Ҳудуди Порс ва эҳтимоли қавӣ меравад, ки ҳудудҳои Мидия дар ғарби Эрон низ кишвари ориён аст; мардуми ҳудуди ҷанубу шарқи Афғонистони кунунӣ ва ҷануби Тоҷикистони имрӯз. Ἀριαοι Αριᾱσπαοι дар ҷанубу шарқии Афғонистон, ки пеши юнониён хеле муътабар буданду ҳамеша бо афрузаи εὐεργέται («кирфагар, накукор»)[4] ёдоваришон мекарданд, чунон ки аз номшон пайдост, ҳатто дар овони Александри Румӣ хешро орӣ мехондаанд. Скифҳои сарматӣ, ки дар Авесто бо унвони мардуми Sairima ёдовар шудаанд,[5] кишвари хешро Иристон (айнан: «Кишвари ориён») ва худро аланӣ (аслан аз arya мебошад – осиҳои кунунӣ) мегуфтаанд. Ва виростори Катибаи Роботак (аз Афғонистони шимолии кунунӣ) ки ба нимаи дуюми ҳазорсолаи I-уми мелодӣ тааллуқ дорад, забони навиштаи худро орӣ номида.

---

[1] Ин ҷумла дар катибаи Хузистонии Доро (7-14) ҳаст.

[2] G.Ito, Aramaic prepositon B in Parthian (Pahlavica IY) “Orient” ҶYII 1961 (59-66) 59.

[3] Культура Сасанидского Ирана. Иран в III-V вв. Очерки по истории культуры, Главная редакция восточной литературы,

[4] Греческий-русский словарь по Бензелеру, Киев, 1985.

[5] Фарвардин Йашт,143-4. Дар он дар поинтар таваққуф хоҳем кард.

Ва дигар, яке аз шеваҳои кунунии забони осӣ ҳолиё низ бо унвони «эронӣ» маъмул аст.

Дар манбаъҳои юнонии нимаи дуюми ҳазорсолаи якуми то мелод номи мардуми эроние, ки дар шакли Δααι / Δοοι мавҷуд аст[1] ки ҳудудҳои эшон аз соҳилҳои Дарёи Хазар кашида ба сӯи Шарқ доман паҳн кардаанд. Ва чунон ки аз манбаи дигар юнонӣ бар меояд-τῆς Ἰνδικῆς φάσὶ τὰς περικειμένος χὼρας τήν τε Σκυθῶν καὶ Βακτριανῶν ἔτι δε καὶ τῶν Ἅριανῶν ὑψηλοτέρας ἕιανι τῆς Ἰνδικῆς[2] кишвари сакҳост. Ин бегумон моро сӯи калимае, ки дар Фарвардин Йашт (143-4) омада, яъне Δααι / Δοοι[3] мебарад. Дар у бандҳои йашт чунин аст:

airyanąm daiŋhyunąm narąm ašaonąm fravašayō yazamaide
airyanąm daiŋhyunąm nairinąm ašaonąm fravašayō yazamaide
tūiryanąm daiŋhyunąm narąm ašaonąm fravašayō yazamaide
tūriyanąm daiŋhyunąm nairinąm ašaonąm fravašayō yazamaide
sairimanąm daiŋhyunąm narąm ašaonąm fravašayō yazamaide
sairimanąm daiŋhyunąm nairinąm ašaonąm fravašayō yazamaide
sāininąm daiŋhyunąm narąm ašaonąm fravašayō yazamaide
sāininąm daiŋhyunąm nairinąm ašaonąm ravašayō yazamaide
dāihinąm narąm ašaonąm fravašayō yazamaide
dāihinąm daiŋhyunąm nairinąm ašaonąm ravašayō yazamaide

Фравишҳои наринаи ашавии диҳони Ориро меситоем.
Фравишҳои модинаи ашавии диҳони Ориро меситоем.
Фравишҳои наринаи ашавии диҳони Туронирo меситоем.
Фравишҳои модинаи ашавии диҳони Туронирo меситоем.
Фравишҳои наринаи ашавии диҳони Сайриманро меситоем.
Фравишҳои модинаи ашавии диҳони Сайриманро меситоем.
Фравишҳои наринаи ашавии диҳони Сайниро меситоем.
Фравишҳои модинаи ашавии диҳони Сайниро меситоем.
Фравишҳои наринаи ашавии диҳони Доҳиро меситоем.
Фравишҳои модинаи ашавии диҳони Доҳиро меситоем.

---

[1] Ch. Bartholame, Altiranisches Wörterbuch, Strasburg 1904 (2 unυeraänderte Auflage, Berlin 1961). 957 ва P.Daffiná, L’immigrazione dei Sakā nella Drangiana, IsmeorepMem IҶ Roma 1967
[2] Diodorus Siculus, ҶYII, 81, apud Gh. Gnoli, Zoroaster’s Time and Homeland, Napoli 1980), - «ҳиндувон овардаанд, ки кишвари скифҳо ва бохтариён аз кишвари ариаҳо ва ҳиндуҳо ҳам болотаранд» - аз йунони қадим тарҷумаи муаллифи ин сатрҳо;
[3] Ch. Baқtholamae, ibid.

Аз ин ду пора мушкил нест гумон бурдан ки dāihi – ҳамон Дάαι / Дάοι юнонист, ки дар боло овардем, агар бипиндорем, ки saiқima, скифҳои савроматианд – чунон ки аксари донишмандон мепиндоранд - турйа – мардуми аз руди Ҳинд кашида то даштҳои Рус, Saina – ҳудуди Шинҷони кунунӣ, ки пасон рамзу нишонаи Чин мегардад (чи Сину Чин ҳам мегуянд) ва Airya-кишвари (ва мардуми) марказии протоориёни бо протоҳиндиёни симбиозшон – ҳаванди митии эрониён Airyana Vaêjah (Айрйана Ваеҷаҳ) кишвар ва самти марказии митии Хунираҳи Бомӣ (ав. Xranirāθa Bāmya)[1] ва ниҳоят ориёни марказӣ, ки дар у давраи симбиози нухустҳиндуэрониён шомили Тоҷикистони кунунӣ, Афғонистони ғарбӣ бо Ҳироту Ҳомуну Ҳилмандиш ва Эрони шарқӣ буда буд. Пас dāihi–ҳо дар кишварест, ки аз дарёи Ҳазар ба сӯи шарқ доман мекашад. Дар географияи лингвистӣ низ ҳудуди мазкур ва (шояд қисми Хуросони Эрон) кишвари тоҷиканд. Ва тоҷикон дар овони навин ба номи ҳамон dāihi–ҳо ки аз у дар овардани этимологияи тоҷик имконпазир аст, пеши ҳамсоягоншон мавсуманд. Вале Хуросону (Бохтар) Сиистону Ҷанубу Ғарби Афғонистони кунунӣ эҳтимоли қавӣ меравад, ки худро ҳамеша орӣ мегуфтанд чун ки забоншонро орӣ гуфтаанд. Аз этимологияи ба ростои тоҷик аз dāihi ки метавон фартури дурусти фонетики ҳам калимаи юнонии Дάαι / Дάοι ва ҳам dāihi–и Фарвардин Йашт (13), 143-144 имконпазир аст то калимаи тоҷикро дар биёварем, ҳам аз пойгоҳи фонетик ва ҳам торих. Дар бархе калимаҳое ки бо [d] оғоз мешаванд ва дар Авесто ва матнҳои дигари таърихӣ дучор меоянд, бар хилофи порсии Эрон ҳамеша ба ҷои [d] [t] омада: туман (ав. Dunman=/dvąnman=), тутмон (дудмон), турна (дурно), тугма (дугма), тут (дут), туғ (дуғ), товора (девор), хот (ход), йут (йуд), туда (дуда, бута ҳам ҳаст) ки агар шояд қонун нест, лекин истисної муҳим аст. Ва агар дар ин бахши дар вардаи мо пасафзудаеро ки дар калимаи сагзик аст,[2] бияфзоем, комилан этимологиаи дурусти «тоҷик»-ро дар меёварем. Дигар – ҷик шудани -zik ин ҷо амри қонунию воқеии фонетикист. Вале бояд бигӯям, ки ҳарчанд ки як бахши мардуми тоҷикро, бавижа, он ҳиссашро ки ба мардуми туркнижод нухустин бархурдҳо доштаанд, тоҷик меномидаанд, ба ин ном дар ибтидо аслан тоҷикони Мовароуннаҳр бурда мешуданд ва забони эшонро ҳеч «тоҷикӣ» нагуфтаанд ва ин ном маҳсули доираҳои ил-

---

[1] Ман дар «Хунироси Бомӣ» – кишвари марказии Эрони Бостон як мақолаи муфассале чоп кардам - «Адабиёт ва санъат» (аз 14 декабри с.1989) ки овардани муҳтавии онро ҳатто ба чанд сухан ин ҷо ҳеч зарур намешуморам.

[2] Сагзик мусаллам аст, ки аз калимаи бостонии sak(a) ва -sik // -zik иборат аст чи дар таркиби Рустами сагзик низ омада.

мии асри XIX мебошад. Забон дар садаҳои охир танҳо форсӣ буд, чунон ки аз таърихи инкишоф, татаввури у ва таҳлили раванди глоттогонии Тоҷикистон ки мо ин ҷо мехоҳем биёварем, бармеояд, ба пиндори мо, қобили қабул нест барои забони модарии мо тоҷикони Тоҷикистониву Афғонистону атрофии мо то дигар мардуми сокини Эрони кунунӣ.

Омадани номи тоҷик дар Фарвардин Йашти Авесто, ки ба мазмун аз қадимтарин бахшҳои Авесто, аз мутуни овони тозардуштӣ мебошад, этимологияи то кунун маълуму бемаънии тоҷик (аз тоҷ, яъне мардуми тоҷдор)-ро сад дарсад ботил хоҳад гардонд. Нухуст, аз он ки ба овони пасин тааллуқ дорад ва ҳаммонанди (эквиваленти) этимологии онро дар овони миёна ва бостону қадимтарин намедонем гузашта аз у рамзи шоҳии эрониён аз овони хеле бостон кашида ҳамеша калимаи фар(р)/(х(в)р- дар бархе таркибҳо) буда. Дар партави ин этимологияи навин, ки ман пешниҳод дорам, таърихи рушани тоҷикон тақрибан аз аввалҳои ҳазорсолаи дуюми то мелодӣ оғоз мешавад.

**Декабри соли 2000.**

***Т. Отахонов***

# ЭТНОНИМИ КАЛИМАИ «ТОҶИК»*

Забоншиноси шинохтаи тоҷик доктори илми филология, профессор Толиб Хаскашев дар яке аз мақолаҳояш «Муродифоти вожаи «тоҷик» баробари овардани тафсилоти мукаммали вожаи «тоҷик» бо таассуф қайд мекунад: «Аммо мутаассифона, то ибтидои қарни XI дар осори хаттӣ ишора ё зикре аз номи ин мардум нарафтааст ва вожаи «тоҷик» ё чизи дигаре ба ин монанд сабт нашудааст, ки шояд бесабаб набошад». (Маҷаллаи «Адаб», №7,1997, саҳ. 7). Таассуфи дӯсти дерина водор сохт, ки чанд муддат маводи дахлдорро варақ занам ва инак, натиҷаи он ҷустуҷӯҳо манзури шумо, хонандагони арҷманд мегардад.

Яке аз қадимтарин сарчашмаҳои хаттӣ, ки дар бораи этноними «тоҷик» ва халқияте бо номи тоҷикон хабар медиҳад, китоби муқаддаси зардуштиён «Авасто» мебошад. Дар феҳристи чорҷилдаи «Авасто» калимаи «тоҷ» ба маънои номи қабила омадааст. Ба назар чунин мерасад, ки дар иқтибосе, ки муҳаққиқ Т. Хаскашев аз устод С. Айнӣ овардааст, маҳз ҳамин сарчашма ҳамчун далел хизмат кардааст.

Истилоҳи «тоҷ» дар ибтидо сифати пайравони дини зардуштӣ буд. Маълум, ки сифат, одобу услуб, расму ойин ва анъанаҳои халқӣ дар ҷамъият яку якбора худ аз худ ба вуҷуд намеоянд. Ҳар яки он ибтидо ва интиҳои худро дорад, дар як давраи муайяни таърихӣ ба вуҷуд омада, тадриҷан инкишофу ташаккул меёбад ва дар давраи дигари таърихӣ бо сабабҳои иҷтимоию сиёсӣ, ахлоқию маънавию маданӣ ба ин ё он воситаи тарбияи инсон табдил меёбад. Ҳамин тавр, «тоҷ» ҳанӯз то пайдоиши ойини зардуштӣ ҳамчун номи қабила асрҳо, шояд ҳазорсолаҳо, вуҷуд дошт ва хусусиятҳои хоси онро дар худ таҷассум месохт. Яке аз ин хусусиятҳо бар сари худ тоҷ гузоштани сардори қабила будааст.

Ба ҳамин маънӣ дар «Авасто» чандин истилоҳҳо оварда шудаанд, ки дар таркиби худ калимаи «тоҷ»-ро ба монанди «тоҷ-нимтоҷ», «тоҷбарсар», «тоҷ ба пайкара», «тоҷдор», «тоҷи зарданг» «тоҷи заррин» (Фарҳанги вожаҳои Авасто, ҷ.2, с.572, 915, 916, 1212, 1517).

Ҳамин анъанаи тоҷбарсаргузорӣ, ки дар ибтидо аломати фарққунандаи танҳо аъзоёни қабилаи «тоҷ» ҳисоб меёфт, минбаъд дар давраи пайдоиши ойини зардуштӣ (асри VII то милод) хусусияти умумии тамоми пайравони дини зардуштӣ мегардад. Дар ин давра вобаста ба та-

* Адаб.-2000.-№5-6.-Шумораи 3(39). – С. 2-6.

лаботи иҷтимоию сиёсӣ, маданию маънавӣ бо мақсади ҳар чи бештар ба ойини зардуштӣ ҷалб намудани муътақидон илова ба тоҷбарсаргузорӣ эълон карда мешавад, ки пайравони ойини зардуштӣ – тоҷдорон дар ҷамъият ба қавли А. Ҷовид, аз ҷумлаи одамони «асилзода, озода, аҳрору деҳқон мебошанд»[1], яъне ҳамаи ин аз сифатҳое буданд, ки дар қадим қабилаи «тоҷ» ба худ дода буд. Дар қадим агар ин сифатҳо чун воситаи аз дигар қабилаҳо фарқ кунонидани аъзоёни қабила ва аз омезиш бо дигар қабилаҳо нигоҳ доштани он хизмат карда бошад, пас дар давраи зардуштӣ онҳо иловатан оҳангҳои иҷтимоию сиёсӣ пайдо намуда, ба воситаи пурзӯри тарғиби дини зардуштӣ табдил меёбанд. Вале бояд гуфт, ки анъанаи дар тозагӣ нигоҳ доштани авлод, яъне бо қабилаҳои ғайр олуда нашудан, ки дар қабилаи «тоҷ» вуҷуд дошт, дар давраи зардуштӣ низ пурра риоя карда мешавад. Дар ин давра омезиши оилаҳо танҳо дар доираи муътақидони дини зардуштӣ дида мешуд, бо қабилаҳои ғайри дин – бутпарастон як шудани пайравони ойини зардуштӣ манъ шуда буд.

Аз давраи зардуштия сар карда ҷамъият ба ду гурӯҳи ба ҳам зид – зардуштиён–диндорон, соҳиби дину ойин, озодагон, аҳророн, деҳқонон ва бутпарастон – ғайридинҳо, яъне душманони дини зардуштӣ ҷудо шудааст. Зарурати ҷорӣ намудани дини нав – зардуштия талаб мекард, ки муъбадони зардуштӣ, гурӯҳҳои «озодагон», «асилзодагон» «аҳророн» ва «деҳқонон» «арйа-пок, наҷиб ва бутпарастон-«дев», яъне душман эълон карда шаванд. Дар муҳити зардуштиён барои сазовори «тоҷ» шудан кӯдакро аз хурдӣ тайёр мекарданд. «Озодагон» фарзандони худро ба тарбияи муъбадон дода, онҳоро дар рӯҳияи ойини зардуштӣ тарбия менамуданд, дар 15-солагӣ ба тани онҳо хилъати муқаддас ва бар сар тоҷро чун рамзи озодаю асилзодагӣ, покӣ, хушсиратӣ, соҳибдавлатию донишмандӣ мепӯшониданд. Аз ҳамон вақт сар карда, ҷавон ба ҳаёти мустақилона дар роҳи иҷрои бемайлони дастурҳои ойини зардуштӣ қадам мегузошт. Ҳамин тариқ, тоҷикон дар Авасто ҳамчун як халқи ориёнзамини озод, поку асил, соҳиби деҳу рустоҳои зиёд, ҳамчунин мардуми меҳнатдӯст – зироаткор, чорводор, санъаткор ва соҳибмаърифат тасвир шудаанд.

Мавҷудияти чунин халқро бо номи тоҷик ҳанӯз муаррихи юнонӣ, падари таърих Ҳеродот (асри V пеш аз милод) низ қайд кардааст. Ӯ дар асараш «Таърих» тоҷиконро «додик» мегӯяд. Чунон чи, муаррих менависад: «Саттагидҳо дарякҷоягӣ бо гандариён, додикон ва апаритҳо 170 талант медоданд. Ин округи ҳафтум буд.[2] Мувофиқи эзоҳи калимаи «додик», ки дар қисми ташреҳоти китоб оварда шудааст, додикон - тоҷикон номи халқияте будааст, ки имрӯз дар қисми ҷануби Афғони-

стон ва Пешовар аз қадимулайём зиндагӣ доранд ва бо зироаткорӣ машғул будаанд. Минбаъд ин анъанаҳои заминдории додикон - тоҷикон аз тарафи қабилаҳои дигари афғон – паштунҳо, ҳазораҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо ва ғ. қабул карда мешаванд.

Шарқшиноси рус Н. Хаников мафҳуми «додик»-ро чун шакли юнонии тоҷик маънидод кардааст. Ӯ пайдоиши калимаи «тоҷик»-ро аз тоҷ, тоҷдор, тоҷварӣ ва таърихи онро аз давраи Авасто медонад.[2] Мувофиқи маълумоти яке аз сарчашмаҳои чинӣ, ки ҳанӯз соли 122 то мелод ба табъ расидааст, «таоҷӣ» (дар шарҳи Н. Хаников «тоҷикон») ҳанӯз дар дунёи қадим соҳиби хонадон, яъне давлати худ будаанд. Дар ин ахбор, табиист, ки давлати Бохтар, ки сарваронаш дар ибтидо маҳз тоҷикон буданд, дар назар дошта шудааст. Муаррихи афғон М. Ғубор низ таъкид мекунад, ки тоҷикони имрӯзаи Чатрол ва Бадахшон аз авлодони додикони қадим мебошанд.[3] Мувофиқи маълумоти Х. Белю тоҷикон «қисмати умда ва иддаи зиёде аз сокинони Афғонистонро ташкил медоданд. Онҳо дар ноҳияҳои бузурге аз Ҳирот то Хайбар ва аз Қандаҳор то Сайҳун, ҳатто то Қошғар зиндагӣ мекарданд. Ҳамаи мардуми форсизабонро тоҷик мегӯянд».[4]

Устод А. Ҷовид дар мақолаи номбурдааш мардумони Помир, Пашай, Арморӣ ва Чораймокҳоро тоҷик меномад. Ӯ қайд намудааст, ки барои муаррихони асри миёна Хуросон ва Ироқи Аҷам ва қисмате аз Мовароуннаҳр, монанди Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Шош (Тошканд) ҳама тоҷик буданд. Ин гуфтаҳои А. Ҷовидро сарчашмаҳо низ тасдиқ мекунанд. Чунон чи, Табарӣ дар «Таърих»-и худ калимаи тоҷикро овардааст (асри X); Маҳмуди Қошғарӣ (асри XI) дар «Девони луғати турк» мавҷудияти халқеро бо номи тоҷик ин тавр шарҳ медиҳад: «Турк бе тоҷик наметавонад зистан, чӣ тавре ки сар бе тупӣ наметавонад буд»; Юсуфи Баласоғонӣ ва «Таърихномаи Ҳирот» низ тоҷикро тоҷик» менависанд; дар «Таърихи Байҳақӣ», «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ва «Маҳфиф-ул-ансоб» тоҷик тозик қаламдод шудааст; Низомулмулк низ дар «Сиёсатнома» қайд мекунад, ки мардуми Лулакони Кобул тоҷиконро тозик мегуфтанд; дар «Таърихи Сиистон» низ калимаи тоҷик тозик навишта шудааст; Хоҷа Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ (асри XII) низ хабар медиҳад, ки устоди ӯ Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ «бо мардуми тоҷик... суҳбатҳо меоростанд». Шайх Муслиҳиддан Саъдии Шерозӣ (асри XIII) калимаи тоҷикро зиёд истифода кардааст:

*Араб дидаву турку тоҷику Рум,*
*Зи ҳар ҷинс дар нафси покаш улум.*

Ё ин ки:

*...Турки ту бирехт хуни тоҷик.*

Ҷалолиддини Румӣ (асри XIII) калимаи тоҷикро ба маънои халқ истифода кардааст: «Чустӣ куну туркӣ кун, на нармиву тоҷикӣ»; Отсиз ибни Қутбиддин Муҳаммад Хоразмшоҳ (асри XIV) тоҷикро тозик мегӯяд; Хоҷа Рашиддудини Табиб (асри XIV) дар «Ҷомеъ-ут-таворих» ва Абдураҳмони Ҷомӣ (асри XV) низ калимаи тоҷикро ба маънии халқ кор фармудаанд:

*Пеши ҳиндуи чашми хунрезат,*
*Гашта туркон забунтар аз тоҷик.*

Муаллифи «Равзат-ус-сафо» Носирӣ (асри XIX) тоҷикро ба маънои халқ истифода бурдааст. Сафири Испания дар дарбори Темур Клавио Руи Гонсалес дар қайдҳои сафари худ ба Самарқанд соҳиби замин будани тоҷикон ва аз тарафи Темур забт карда шудани онро махсус таъкид менамояд.[6] Таърихи адабиёти тоҷик низ шаҳодат медиҳад, ки аз Рӯдакӣ сар карда то Тошхуҷа Асирии Хуҷандӣ (ваф. 1915) ҳама тоҷик буданд.

Мувофиқи маҷаллаи «Вестник Европы» (№7, 1815, с.243-244) порсҳо худро тоҷик меномиданд. Сайёҳи фаронсавӣ М. Клапрот дар маҷаллаи «Азиатик» (1823) хабар медиҳад, ки «мардуми Бухорои Сағир ва Бухорои Кабир» ҳама худро тоҷик меномиданд». Олими фаронсавӣ Ҷ. Сен Мортен қайд кардааст: «портҳо, ки ашкониён аз онҳо баромадаанд, ба гурӯҳи сакоиҳо нисбат дошта, бо номи дай, тоҷик ва доҷик худро ба порсҳо муаррифӣ мекарданд».[7]

Алиакбари Деҳхудо тоҷиконро аз насли эронӣ (ориёӣ) ва забони онҳоро форсӣ маънидод кардааст: Ӯ менависад: «Дар Афғонистон ва Турон иддае ҳастанд, ки худро тоҷик мегӯянд. Мубаддали лафзи мазкур тоҷик аст. Аз он баъзе луғатчинон қиёс кардаанд, ки маънии лафзи мазкур насли тозӣ (яъне араб) аст, ки дар Аҷам бузург шуда бошад. Лекин саҳеҳ он аст, ки навиштам ва ин лафз дар Эрон мавриди истеъмол надорад, фақат дар Афғонистон ва Туркистон ба форсизабонони он ҷо гуфта мешавад ва бештар ба муқобили турк истеъмол мешавад. Асли ин калимаи паҳлавӣ тоҷик мансуб ба қабилаи «тоҷ» аст, ки аз қабилаи Эрон буда (tolege)». Саид Нафисӣ низ «Дар аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ овардааст: «Дар замони дур, ки Бухоро чун дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр шаҳре будааст мураккаб аз нажоди эронӣ ва шояд яке аз қадимта-

рин мадоин бошад, ки нажоди модари он рехли иқомат афканда ба ҳамин ҷиҳат мардуми он шаҳр ба ҷуз иддаи маҳдуд аз наҷодҳои дигар, ки баъд-он ҷо рафтанд, аз наҷоди эронӣ будаанд ва порсизабонон» (с.27-28). Саид Нафисӣ мардуми вилояти Самарқандро низ тоҷик номидааст. Саид Муҳаммад Алӣ Доиюлислом Дониш дар фарҳанги худ «Низом» доир ба мафҳуми «тоҷик» навиштааст: «Дар Афғонистон ва Турон нажоде ҳастанд, ки худро тоҷик мегӯянд. Қабилаҳои форсизабони Афғонистон ва Туркистонро тоҷик гӯянд. Тоҷик насли эронӣ ва форсизабон аст».

Дар асрҳои миёна тоҷикон чун муътақидони дини зардуштӣ ба таъқиби ислом монда буданд. Дар ин давра арабҳо бисёр кӯшиданд, ки забони тоҷикӣ, дину ойини тоҷикӣ ва умуман халқеро бо номи тоҷик аз байн бибаранд. Ба ин мақсад онҳо китоби муқаддаси тоҷикон Авасторо нобуд намуда, тоҷиконро маҷбур месохтанд, ки ба арабӣ ҳарф зананд ва бо ин забон намоз гузоранд. Аммо ин зӯроварӣ дар ҳама ҷо эътирози сахти тоҷиконро ба амал овард. Дар натиҷа арабҳо ба мардуми Бухоро ба тоҷикӣ тарҷума кардани Қуръон ва ба тоҷикӣ намоз гузоштанро иҷозат дода буданд. Маҳз дар ҳамин давра бо мақсадҳои фавқуззикр дар адабиёт ба ҷойи калимаи «тоҷик» истилоҳи «хуросонӣ» пайдо мешавад. Аз ҳамон вақт сар карда тоҷикон ва забони онҳоро хуросонӣ меноманд. Бо ҳамин сабаб дар замони Тоҳириёну Саффориён, ки худ хуросонӣ ва тоҷик буданд, истилоҳи «тоҷик» ба забон гирифта намешуд. Бо вуҷуди ин чун сухан дар бораи ҳиротию кобулӣ, сиистонию бадахшӣ, бухорию самарқандӣ, хуҷандию шошӣ (тошкандӣ), фарғонагию намангонӣ, андиҷонию марғелонӣ ва ғ. мерафт, ҳамоно мардуми муқимии тоҷик дар дар назар буданд.

Бо вуҷуди ин, тоҷикон тавонистанд, ки на танҳо лаҳҷаҳои забони худро нигоҳ доранд, балки онҳоро инкишофу такмил дода, ба як забони умумихалқии адабӣ табдил диҳанд, сатҳи маданияти худро боло бардоранд, ҳамчун халқ ташаккул ёфта, арабҳои истилогарро аз Хуросону Мовароуннаҳр биронанд, давлату ҳокимияти худро ташкил намоянд.

Чуноне ки устод С. Айнӣ дар мақолаи «Маънии калимаи тоҷик»[8] қайд мекунад, минбаъд аз байни ҳамин арабҳои рондашуда гурӯҳҳое пайдо мешаванд, ки тоҷиконро чун қавми туркии форсзабон муаррифӣ мекунанд. Дар асоси ҳамин ақидаи барғалат муддати дароз дар Шарқу Ғарб Абуалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Абунасри Форобӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва чанде дигар алломаҳои тоҷик турк эълон карда мешаванд. Ин ақида аз ҷумла дар «Қомус-ул-аълом»-и туркӣ (муаллифаш Шамсиддин Сомӣ, охири асри XIX) чунин баён

шудааст: «Тоҷик дар асл номи қавме аз туркҳо буд ва дар ин замон ин номро ба як тоифаи эрониасл ва мутакаллим ба забони форсӣ ва муқим дар Осиёи васатӣ итлоқ кунанд.

Инон дар билод ва тиҷорат ва саноат ва дар қарордияҳо ба зироат ва фаллоҳат иштиғол меварзанд ва мардумони фаъол ва мустаъад (боистеъдод-Т.О.) ва нисбат ба тавоифи дигар маданӣ мебошанд, вале ба андозаи туркон ва ӯзбекон ва ақвоми дигар ҷасур ва силаҳшӯр нестанд ва аз ин дар назари инон ҳақир ба шумор мераванд ва мардони диловар маҳсуб намешаванд ва калимаи «доҷик», ки арманӣ ба усмониён итлоқ кунанд, аз ҳамин луғат маъхуз аст».

Дар луғатҳои «Бурҳони қотеъ» ва «Ғиёс-ул-луғот» ба калимаи тоҷик шарҳи дигар оварда шудааст. Масалан, муаллифи «Бурҳони қотеъ» мегӯяд: «Тоҷик» авлоди араб аст, ки дар Аҷам бузург шуда ва баромада бошад». Дар ҷои дигар: « Тозик ва тоҷик фарзанди араби дар Аҷам зоидашуда ва баромадаро гӯянд». Дар ҷои дигар: «Тозик–авлоди арабро гӯянд, ки дар Аҷам зоида ва бузург шуда бошад». Ҳамин ақидаи ғалат дар «Ғиёс-ул-луғот» низ такрор шудааст ва муаллифи он илова мекунад, ки аксари онҳо (тоҷикон – Т.О.) савдогаранд.

Фикру ақидаҳои барғалати ин сарчашмаҳо минбаъд барои ба вуҷуд омадани назарҳои мухталиф оид ба маънии калимаи «тоҷик» ва асли ин халқ сабаб мегарданд. Гурӯҳе аз олимон (Н. Хаников, А. Вамбери, Л. Будагов, М.С. Андреев, А. Бобринский, А. Кримский, В. Миллер, А.К. Боровков, А.Н. Бернштам, Б. Ғафуров, Н. Неъматов ва дигарон) тарафдори онанд, ки мафҳуми «тоҷик» аз қабилаи «тоҷ»-и қадимӣ, ки маънояш тоҷдор аст, ба вуҷуд омадааст. Иддаи дигари уламо (Х. Арнолд, И. Калимбур, Ф. Египер, В.В. Бартолд, А.Л. Хромов ва дигарон) даъво доранд, ки калимаи «тоҷик» аз калимаи «той» пайдо шудааст.

Ба ақидаи устод С. Айнӣ калимаи «тоҷик» то 2 декабри соли 1942 (вақти таълифи мақолаи ӯ «Маънии калимаи тоҷик», Самарқанд) дар илми забоншиносии тоҷик мавриди таҳлил қарор нагирифта, маънии аслии он маълум набуд. Мувофиқи шарҳи эшон «тоҷик» аз се ҷузъ мураккаб аст: тоҷ-и-к. Ҷузъи аввал «тоҷ» маънои зиннати сари подшоҳ ва нишонаи подшоҳии онон буда, номи дигари вай дар форсӣ афсар ва дар арабӣ иклил мебошад. Ҷузъи дуюм –«и» маънии нисбатро дорад. Ҷузъи сеюм-«к» суффикси исмсоз аст. Дар натиҷаи ба калимаи «тоҷ» илова карда шудани –«и»-и нисбӣ –тоҷӣ» ва ба калимаи «тоҷӣ» ҳамроҳ намудани суффикси исмсози «к» номи халқ пайдо шудааст.

Ҳамин тариқ, тоҷикон яке аз қадимтарин халқҳои ҷаҳон , соҳиби забон, адабиёт, санъат ва маданияти хос дар дунёи мутамаддин мебо-

шанд. Забони тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва халқи тоҷик ба гурӯҳи халқҳои ориёизамин дохил мешавад.

Халқҳои ориёизамин киҳо буданд ва онҳо дар ин сарзамин кай, аз куҷо ва чӣ тавр пайдо шудаанд? Ба ин савол таърих чунин ҷавоб мегӯяд: Дар давраҳои ибтидоии қавмӣ-қабилавӣ «дар қисмати шарқии Аврупои Марказӣ ё водиҳои Дунай ё саҳроҳои васеи Шимоли баҳри Сиёҳ ва баҳри Каспий қабилаҳои ҳиндуаврупоӣ зиндагӣ мекарданд»,[9] аммо давраи ҳаёти қавмӣ-қабилавии ин халқиятҳо дар ин сарзаминҳо чӣ қадар давом кардааст, аниқ маълум нест. Таърих танҳо дар бораи он гувоҳӣ медиҳад, ки дар охири ҳазораи IV ва аввали ҳазораи III то милод дар иттиҳоди ин қабилаҳо ҷудоӣ ба амал меояд. Аз ҳамон вақт сар карда, «қабилаҳои ҳиндуаврупоӣ ба ҷониби Ғарб – Италия (италикҳо) ва вилоятҳои ғарбии Аврупо (келтҳо, германҳо), ҷангалҳои лаби Балтик (латишҳо, литвагиҳо), ба Лаҳистон, Белоруссия ва ғ. (славянҳо) ба тарафи Ҷанубу Ғарб – Балкон (юнониҳо, фракиягиҳо) ба тарафи Ҷануб – Осиёи Сағир (хетҳо), ба тарафи Шарқ (Эрон ва Осиёи Марказӣ (ориёиҳо) ва тавассути Эрон ба Ҳиндустон (ҳиндуориёиҳо) кӯч мебанданд».[10]

Дар асоси ҳамин далели таърихӣ метавон гуфт, ки дар байни қабилаҳои ба тарафи Эрону Осиёи Марказӣ кӯчбаста тоҷдорон, яъне тоҷикон низ буданд. Қабилаҳои «тоҷ» дар миёнаи ҳазораи II пеш аз милод тадриҷан дар тамоми Осиёи Марказӣ паҳн мегарданд, давлатҳои қадимии Бохтар ва Суғдро таъсис дода, забон ва маданияти хоси худро ташаккул медиҳанд.

Ҳамин тариқ, халқи тоҷик дорои таърихи бисёрҳазорсола, соҳиби давлат, забон ва маданияти хоси худ мебошад. Калимаи «тоҷик» аз номи қабилаи «тоҷ» ба маънии тоҷдор, забони тоҷик ва номи халқи тоҷик низ аз ҳамин калима ба вуҷуд омадааст. Анъанаҳои халқии «шаҳ» номидани домод ва дар номгузорӣ ба исмҳои одамон илова намудани «шаҳ» низ ба он далолат мекунад, ки тоҷикон аз қадимулайём аз авлодони шаҳу шаҳзодагон, озодагон, асилзодагон ва тоҷдорон мебошанд. Бо вуҷуди ин эшон кибру ғурурро барои худ муносиб намебинанд. Онҳо бо хусусиятҳои оромӣ, бомулоҳизагӣ, фурӯтанию хоксорӣ фарқ мекунанд, завқи баланди маърифатпарварӣ, илмдӯстӣ, донишандӯзӣ доранд, маданиятпарваранд. Ба қавли Акбар Турсун, ҳангоми муаррифӣ кардани худ низ тоҷик ба худ худситоиро раво намебинад ва ҳеҷ гоҳ аз миллати «тоҷдорон» будани худро забондарозӣ намекунад. Дар чунин мавридҳо тоҷик танҳо маҳал ва мазҳаби худро баён мекунаду бас.[11]

Боиси хушнудию сарфарозии мост, ки тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо чун халқи мутамаддин, афсартабиат, сарбаланду тоҷдор ёд мешавад. Бошад, ки то абад ҳамчунин накӯном бимонад.

# ПАЙНАВИШТ

1.Ҷовид А. Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо. Маҷаллаи миллияти бародар.1986, №1, с.18.

2.Геродот. История. –Л., 1972, кн.3, 91, с.169.

3.Хаников Н.В. Экспедиция в Хоросан.-М., 1973.

4.М. Ғубор. Ҷуғрофиёи таърихии Афғонистон. – Кобул, 1368, с.130.

5.Х. Белю. Афғонистон дар дорулмаорифи тоҷик. – Кобул, 1361, с.130.

6.Клавихо Руи Гонсалес. Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403-1406). –М., 1990.

7.Хромов А. К истории интерпретации этнонима «таджик» //Забоншиносии тоҷик. - Душанбе, 1983, с.22.

8.С.Айнӣ. Маънии калимаи тоҷик // «Адабиёт ва санъат», 3 сентябри 1992, №36 (769).

9.История древнего мира. Кн.1. Ранная древность. –М., 1993, с.323.

10.Ҳамон ҷо, с.324.

11.Акбар Турсун. Эҳёи Аҷам.- Душанбе, 1984, с.8.

***Ҳ. Шарифов***

# ОИД БА ЭТНОНИМИ «ТОҶИК»*

Солҳои охир бархе муҳаққиқони худамон низ ба умқи таърихи кишвар назар карда, тадқиқоти аҷоиберо ба сомон мерасонанд. Ҷустуҷӯйҳои онон ҳам хеле фарогиру борикбинона буда, ба паҳлӯҳои ҳанӯз номаълуми қазияҳои гуногун равшанӣ меандозанд. Чунончи, Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ дар пешгуфтори хрестоматияи мураттаб-кардааш – «Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV» (Душанбе, 1998) шарҳи муфассале ба калимаи «тоҷик» навишта, дар асоси таҳлили кулли манбаъҳои мавҷуда бори дигар ба хулосае меояд, ки воҷаи мазкур аз калимаи «тозӣ»-и паҳлавӣ арзи вуҷуд карда, сараввал арабҳо ва баъдтар эрониёни «арабшуда» («мусулмоншуда»)-ро ифода менамуд. Амиршоҳӣ дар ин бобат ҷонибдори қатъии назарияи маълуми В. В. Бартолд аст ва онро пайгирона муҳофизат мекунад. Мавсуф дар мақолааш бо далелҳои мӯътамад ва мантиқи қавӣ назарияи аз решаи «тоҷ» пайдо шудани «тоҷик» ва амсоли ин даъвоҳоро рад кардааст. Ба ақидаи ӯ, чун дар асрҳои миёна тамоми эронинаҷодони имрӯзаи порсизабон бояд «тоҷик» номида шаванд, зеро ин номи аслӣ ва қадимаи ҳамаи онҳоест, ки порсии дариро лафзи модарии хеш мешуморанд.

Рости гап, баъди шиносоӣ бо чунин мақолаи пурмӯҳтаво кас гумон мекунад, ки ҳақиқат аён шуд, дигар ҳоҷат ба баҳсҳои нав нест. Аммо табиати илм, ҷозибаи дониш дар он аст, ки вай ҳадду сарҳад надорад. Инак, чанде пеш боз як олими ҷӯянда, донандаи закии таърихи забон Бобоназари Бобохон ҷиҳати пайдоиши воҷаи «тоҷик» бо фарзияи тозаи бисёр ҳам ҷолиб баромад кард. Ба пиндори ӯ, як замон ҳамаи эрониёни шарқиро дар баробари «тӯронӣ» бо унвони «дойиҳо» низ ном мебурданд. Тавре аз сарчашмаҳои юнонӣ маълум аст, дойиҳо дар ҳазораи якуми то милод минтақаҳои паҳновареро, ки дар қисмати ғарбии Осиёи Миёна ва соҳилҳои ҷанубу шарқии баҳри Хазар (Гургону Мозандарони имрӯза) ишғол мекарданд. Қабилаҳои сершумори онҳо дар воқеъномаи таърихии Эрон аз замонҳои Курушу Доро зикр мешаванд. Ба империяи Ҳахоманишиҳо дойиҳо (дар баъзе манбаъҳо бо номи «даҳ» низ ёд мешаванд)-ро Куруш ҳамроҳ карда буд. Аснои ҷангҳои Дорои I дойиҳо дар ҳайати лашкари ӯ ба ҳайси дастаҳои хизматрасон

---

* Ҳ.Шарифов. Тоҷики гумгашта боз ояд… назаре ба баъзе паҳлӯҳои таърихи ниёгон. – Хуҳанд, 2003. – С. 9-15

(ба хатти мехи форсӣ – «гету», ки маънояш хизматгор ё ғулом аст) амал мекарданд. Тибқи гузориши дигар олимон , дойиҳо аз ҷумлаи қабилаҳои сакой буда, сараввал дар поёноби дарёи Сир (имрӯза вилояти Қизилӯрда) мезистанд. Дар охири асри VI ва аввали асри III то милод онҳоро қабоили дигари сакоиҳо аз ин ҷо танг карда мебароранд. Фақат баъди ин дойиҳо маҷбур мешаванд ба соҳили баҳри Каспий кӯч банданд. В. В. Бартолд дар радифи олимони аврупоӣ тахмин мекард, ки номи вилояти Деҳистон дар асл шояд Дойистон буд. Дар Қомуси советии тоҷик овардаанд, ки соли 250 то милод дойиҳо якҷоя бо аҳолии маҳаллии Бохтар ва юнониён Бохтарро аз империяи Селевкиён ҷудо карда мегиранд…

Инак, «тоҷик» ба ақидаи Бобоназари Бобохон номи умумии мардумони ориёӣ (эронӣ)-и шимоли ватани таърихии тоҷикон (берун аз ҳудуди Бохтар) аст, ки онҳоро мардумони ғайр бо унвони «дойиҳо» мешинохтанд. «Ҳарчанд, ки ман наметавонам бигӯям, ки «дойӣ» чи маънӣ дорад (гузашта аз ӯ ҳам акнун кифоя аст, ки «тоҷик»-ро мо аз «дойӣ» дар биёварем) рӯшанаст, ки «тоҷик» ба «тоҷ»-у «тозӣ», чунон ки фарҳангиён то имрӯзҳо пиндоштаанд, иртиботе ҳеҷ надошта. Дигар баровардани «тоҷик» аз «дойӣ»аз пойгоҳи лингвистӣ он қадар душвор нест». Ва мавсуф барои тасвири ин ҳодисаи забон мисолҳои фаровоне аз шеваҳои кунунии Тоҷикистон меоварад, ки чӣ тавр «д»-и калимаро «т» ва «й»-ро овози «ҷ» иваз кардаанд. Пеш дар паҳлӯи сифати «сакӣ» воҷаи «сагзик» низ корбаст мешуд. Аз ин рӯ Бобоназар Бобохон ба хулосае меояд, ки шояд шакли «дойзик» низ вуҷуд дошту баъдтар ба «тойик» ва билохир ба «тоҷик» табдил ёфт. «Дой»-и манбаъҳои юнонӣ, ки бояд бо калимаи авестоии «данҳа» як бошад, дар «Фарвардиняшт» аст, ки бархе мотиву мазмунҳояш ҳамзамони Готҳои Авесто, ҳатто муқаддимтар аз ишон мебошад», - менависад ӯ.[1]

Агар мо фарзияи Бобоназари Бобохонро қабул кунем, ба як чизи бисёр аҷиб рӯбарӯ мешавем: олимони худӣ ҳамин дойиҳоро аҷдоди бевоситаи халқи немис (!) низ мешуморанд. Гап дар сари он ки немисҳо ҳеҷ гоҳ (чи дар гузашта ва чи имрӯз) худро немис ё германӣ муаррифӣ намекардаанду намекунанд, номи хосаашон аз қадимулайём «дойч» аст. Маънои «дойч» бошад «дойи иш», яъне «аҳли дойи» аст! Унсурҳои забонӣ ҳам далолат бар он доранд, ки ниёгони ин халқ дар замонҳои қадим беш аз ҳама бо аҷдоди тоҷикон алоқаи хешутаборӣ (ба ҷуз он ки забонҳои ин ҳарду халқ ба оилаи ягонаи ҳиндуевропоӣ дохил мешавад) доштанд. Тавре забонишиноси маъруфи австриягӣ Иоҳанн Гаммер ба исбот расонд, дар забони қадимаи немисӣ беш аз 4000 воҷаи аслии аве-

стой корбаст мешуд. Пас немисҳо кистанду асли баромадашон аз куҷост ва онҳо чӣ тавр ба Европа афтодаанд?

Аз гуфти муаррихи шинохтаи рус А. А. Кур, худи истилоҳи «наҷоди ориёӣ»-ро немисҳо аз «Авесто» гирифтаанд. Онҳо ба мисли тоҷикону форсҳо иддао доранд, ки нахустватанашон Ориёно буд. Ба Европа бошад, онҳоро лашкаркашиҳои Доро бурдааст: сароввал ниёгони эшон – дойиҳо дар амалиёти ҷангии зидди скифҳо (512 то милод) иштирок мекунанд. Онҳо ҳамчун қувваи ёрирасон дар ҳайати 800-ҳазорнафараи Доро I кам набуданд. Юриш бебарор анҷомиду дастаҳои дойиҳо бархе асир ва боқимонда ба даштҳои шимолтари баҳри Сиёҳ ва соҳилҳои Днестр титу парешон гаштанд. Боз як қисми ин қавм, ки дар натиҷаи юришҳои Доро дар шимоли Юнон – Фракия маскун гардида буд, баъдтар бо дастаҳои роҳзан муттаҳид шуда, ба қабилаҳои маҳаллӣ – фракиҳо ҳуҷум меовардагӣ, онҳоро ғорат ва занҳояшонро кашида мегирифтагӣ шуд. Баъдтар ин дойиҳо давлати худро бунёд менамоянд. Юнониён ин ҳамсоягони худро «гета» (аз «гету»-и форсии қадим) меномиданд. Онҳо дар хотир доштанд, ки дойиҳо ба ин ҷо аз қафои форсҳо омада буданду ғуломони онҳо ба шумор мерафтанд. Римиҳо бошанд, ин қавмро «дойи» нею ба талаффузи лотинӣ «дайи» ном мебурданд.

Муаллифони аҳди бостон дойиҳоро одамони хушҷусса, қадашон аз миёна болотар ва гандумгун тасвир кардаанд. Авлоди имрӯзаи онҳо – немисҳо қади дароз, мӯйсари малла, ва чашмони кабуд доранд. Ин тарҳи навро эшон аз бибикалонҳои худ – занони скифу киммерӣ ва фракӣ гирифтаанд. Зеро дойиҳо асnои ҷангҳои зидди Юнон ва Фракия ба Европа дар ҳайати армияи Доро бе оила ва тани танҳо омада буданд. «Ҳамин тариқ, – менависад А.А. Кур – немисҳо симои ҳозираи худро (онро эшон бо фахр нишонаи «ирқи ориён» мехонанд) дар асл аз занони асираи киммериҳо, скифҳо, фракиҳо ва баъдтар галлҳову келтҳои қадима барин қавмҳои сафедпӯсти европоӣ гирифтаанд. Бо галлҳову келтҳо қабоили дойӣ овони дар Европа амсоли гургон роҳзанӣ карда гаштанаш дар тамос гардида буд. Ба Германияи ҳозира пайи қадами дойиҳо нахуст дар соли 512 то милод мерасад. Вале он дам он ҳанӯз «германиҳо» ном надоштанд. Чунки байни онҳову воҷаи «Германия» ягон робита мавҷуд набуд. «Германия» истилоҳи ҷуғрофӣ буда, аз забони юнонист. Юнониҳо аз асри V то милод тамоми Аврупои Шимолиро то соҳилҳои дарёи Танаис (Дон) «Германия» меномиданд. Дар тасаввуроти онҳо сарзамини мазкур «хориҷа», кишваре буд берун аз қаламрави онҳо, берун аз сутунҳои сарҳадии давлаташон. Ин сутунҳо ба юнонӣ «гермай» ва тамоми заминҳои он сӯи ин сутунҳо «Германия» номида мешуданд.

Немисҳо фақат асри XIX, вақте ки канслер Бисмарк мулкҳои парокандаи немисшинро ба як империяи муттамарказ гирд оварда, ба он «Империяи Германия» ном гузошт, «германӣ» шуданд…»[2].

Боз як муҳаққиқи нуктасанҷ – шоир Муҳтарам Ҳотам бошад, дар ҷустуҷӯи решаи аҷдод ва асли пайдоиши воҷаи «тоҷик» ба давраи боз ҳам қадимтар – 18 ҳазор сол пеш аз замони мо рӯй овард. Тавре ӯ муайян намуд, дар адабиёти оини қадимаи тибетиён – бон (ё худ бонпо) кишваре бо номи Таҷиг зикр мешудааст, ки марказаш дар саргаҳи дарёи Панҷ мавқеият доштааст. Албатта аз қадим байни ҳам равобити муттасил доштани сарзамини Тибет бо Эронзамин ба илм хуб маълум аст. Сарчашмаҳои бисёрҳазорсолаи инҷоӣ дар бораи ниёгони мо маводи бисёр нодир медиҳанд. Замоне Тибети Шимолӣ (Шаншунҳ) ҳатто макони зисти қабилаҳои эронинажод (ориёинажод) маҳсуб мешуд. Аз гуфти Муҳтарам Ҳотам, заминҳои мулкҳои Таҷиг низ аз доманаи кӯҳҳои Тибет оғоз ёфта, аз се як ҳиссаи ҷаҳони маълуми он замонро дар ҳайати худ дошт, ки ин масоҳат на танҳо Осиёи Марказӣ, балки бисёр минтақаҳои берун аз онро низ аз бар мегирифт. Нишемангоҳи шоҳи сарзамини мазкур Тонпа Шенраб дар кӯҳҳои Помир қарор дошт. «Нуктаи аз ҳама муҳим аз ин бахш, - менависад Муҳтарам Ҳотам, - тазаккур аз номи кишвари Таҷиг бо шаклҳои «тазиг» - «тагзиг» - «татсиг» мебошад, ки аксари кулли муҳаққиқони Бонпо онро бо вожаи «тоҷик» ва мавқеияти ҷуғрофиашро бо Тоҷикистон айнӣ ҳам донистаанд. Вожаи «таҷиг» ин қадимтарин ва ба шакли навишт ва талаффузи имрӯз – «тоҷик» - наздиктарин шакли вожаҳоест, ки дар адабиёти хитоӣ, юнонӣ ва дигар халқҳо дар нисбати вожаи «тоҷик» зикр гардидаанд. Ҳарчанд роҷеъ ба маънои воҷаи «таҷиг» дар адабиёти бонпо чизе гуфта нашудааст, аммо аз навиштаҳо роҷеъ ба дигар мавзуот аз маънии ин вожа ишораҳое дарёфт кардан мумкин аст. Тавре зикр шуд, наҷоди аслии кишвари Таҷигро нажоди шоҳӣ, ки аз осмон омада, бо одамон издивоҷ намуда буданд, ташкил медодааст. Тибқи навиштаҳо он шоҳон нуре аз камони ҳафтранг болои сар доштаанд, ки як нӯги он ба тораки сарашон пайваст ва нӯги дигари он ба осмон баланд будааст. Вақти аз дунё гузаштан он шоҳон тавассути ҳамон хатти нур ба осмон, бо ватани осмониашон реҳлат менамудаанд…». Аз ин рӯ, муҳаққиқ ба маврид савол мегузорад, ки оё фарри шоҳии каёнӣ, ки аз он дар «Авесто» ва «Шоҳнома» бисёр сухан рафтааст, бо ҳамин фарри рангинкамонии «дму-тҳаг» айни як чиз набошад? Аз қисмати дувуми вожаи мазкур – «тҳаг» воҷаи «тоҷ» бармеояд ва аксари донишмандон ҷонибдори аз «тоҷ» пайдо шудани вожаи «тоҷик» мебошанд. Мавсуф барои қувват

додани фарзияаш ба далелҳои муҳаққиқи толиш (Озорбойҷон) Б. Шоҳсойлу истинод мекунад, ки ӯ навишта: «Мафҳумҳои марбут ба «тоҷик» дар кишварҳои Шарқи Дур мисли «тагзиг» (таҷиг), ки дар зери ин мафҳум ҳама ноҳияҳои пайваст ба Тибети Ғарбӣ дар назар аст, шинос буд». Шоҳсойлу воҷаи «толиш» ва баъзе дигар вожаҳои ба номҳои халқҳои ҳиндуаврупоӣ марбутбударо, ки бо қисмати «та» оғоз шудаанд, бо ҷузъи аввали воҷаи ориёҳиндии «дайва», «деус», ки дар забони ориёҳои қадим ба маънои «Худо» меомад, муштақ донистаанд. Аз гуфти ӯ, вожаи «таҷа»дар забони толишӣ маънои «ҷойгоҳи Худо» ва «ҷига» маънои рамзи болои гулчанбарро дорад. «Дар иртиботи ин маънӣ, - меафзояд Муҳтарам Ҳотам, - вожаи «деус», ки имрӯз дар шакли «дев» ба забони мо баргаштааст, ба ҷуз маънои «Худо» маънои «осмон»-ро низ дошт. Ва тавре дар боло дидем, наҷоди шоҳони кишвари Таҷиг аз осмон омада будаанд ва баъди реҳлат ба воситаи он тоҷи равшане, ки болои сар доштанд, боз ҳам ба осмон мерафтанд. Ҳамин тариқ месазад, ки вожаи «тоҷик» бо вожаҳои «Худо» ва «осмон» низ муқоиса карда шавад…»[3].

Ба андешаи ин муҳаққиқ сарчашмаҳои бонӣ дар Тибет муътамадтарин ва ба шакли асл наздиктарин гунаи вожаи «тоҷик»-ро дар тӯли таърихи хеле тӯлонӣ нигоҳдорӣ намудаанд.

Омӯзиши таърих дар давлатҳои ҳамсоя низ бисёр саҳифаҳои номаълуми ниёгони моро ошкор карда истодааст. Бозёфтҳое ба чашм мерасанд, ки қодиранд тасаввуроти мавҷударо дар бораи гузаштаи сарзамин билкул дигаргун созанд. Албатта, соҳибони ҳозираи ин марзҳо мекӯшанд маводи пурарзиши аз ҳафриёт бадастомадаро дар навбати аввал ба аҷдоди худ нисбат диҳанд, тариқи таҳрифкорӣ исбот карданӣ мешаванд, ки таърихи бои аҳди бостон ба тоҷикон неву ба қавми олитабори туркнажодон тааллуқ дошт.

## ПАЙНАВИШТ

1. Бобоназари Бобохон. Форсӣ ё тоҷикӣ: ай баҳсҳои зӯракӣ! (Андешаҳо пиромуни раванди глотогении забон дар Тоҷикистон) 11 Ҷавонони Тоҷикистон, 2002.-31май.

2. Кур А.А. – Из истинной истории наших преднов. По новейшим даннқм//Ҷурн. «Молодая гвардия».-1994. - №1. – С. 313-316.

3. Муҳтарам Ҳотам. Устод Шенраб ва кишвари Таҷиг 18 000 сол пеш аз ин //Адабиёт ва санъат, 2003.-13 июн.

*С. Назарзода*

## ДАР БОРАИ ВОЖАИ «ТОҶИК»*

Баҳсу мунозираҳо дар бораи истилоҳоти «тоҷик» ва «забони тоҷикӣ» сари ҳар вақт дар матбуоту маҳофили илмӣ сар мезананд, дар ин мавзуъ фикру андешаҳо ва фарзияҳои гуногуне пешниҳод мешаванд.

Бояд гуфт, ки масъалаи қавми тоҷик ва забони он ба масъалаи таърихи қавмҳои эронӣ, пайдоиш ва густариши қавмҳои ориёӣ ватану насаби онҳо сахт алоқаманд аст. Бинобар ин, ҷустани решаи калимаи «тоҷик» дар матнҳои бостонӣ аз аҳамият холӣ нест. Ин мавзуъ, яъне ҷустуҷуи вожаи «тоҷик» дар матнҳои бостонӣ дар солҳои охир на танҳо дар илми забоншиносӣ, балки дар дигар риштаҳо низ аҳамият пайдо кардааст. Дар баррасии ин масъала бояд ду нуктаро сахт ба эътибор гирифт. Яке нақлу тафсирҳои ривоятҳои қадимӣ ва дигаре пажӯҳиши илмии ин мавзуъ дар матнҳои бостонӣ.

Ба муҳаққиқон маълум аст, ки барои пайдо намудани маъхазҳои муътамад ва таъйини сарнавишти ин ё он ҳақиқат ва пажуҳиши муфассалу дақиқ лозим аст. Махсусан, вожае чун «тоҷик», ки аз қаъри таърих сарчашма мегирад ва дар давраҳои тулонии таърихи инкишофи халқҳои ориёӣ тағйири суратию сиратӣ дидааст, ба тадқиқу тафсилоти иловагӣ эҳтиёҷ дорад. Сабаб ин ки дар бозмондаҳои осори халқҳои эронӣ, ки то ин дам ба мо расидаанд, ба таври возеҳу равшан дар бораи қавми тоҷик ва забони он мадраку далели мушаххас боқӣ намондааст ва яке аз иллатҳое, ки ба гуногунандешии донишмандон сари ин масъала боис шудааст, маҳз ҳамин тавр аст.

Бисёре аз муҳаққиқон вожаи «тоҷик»-ро ба тотҳо марбут медонанд, ки бо ин ном то ба ҳол яке аз халқиятҳои эронитабор дар Қафқоз ёд мешавад. Дар аввал ин калима дар шакли «тоҷик», «таҷик», «таҷак», «тозик», «тозак» ва баъдан дар шакли «тоҷик» вомехӯрад. Таҳқиқи муфассале, ки дар бораи вожаи «тоҷик» анҷом шудааст, доктор Саидмуҳаммад Дабири Сиёқӣ тааллуқ дорад. Ӯ дар мақолаи худ бо номи «Тот ва Тоҷику Тозик» аз 98 манбаъ ва маъхазу сарчашмаҳои таърихии давраи исломӣ маълумот ҷамъоварӣ кардааст, ки қадимтарини он девони «Луғот-ут-турк»-и Маҳмуди Қошғарӣ буда, дар охири асри 11 таҳия шудааст.[1]

---

* Забон ва ҷомеа ( Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2006. – С. 107-117.

[1] Айнӣ С. Маънои калимаи тоҷик // Тоҷикон дар масири таърих, гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода, Теҳрон, 1373/1994. С.13-46; Саидмуҳаммад Дабири Сиёқӣ, Тот ва Тоҷику Тозик. – С.115-176; Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ, Дар бораи лафзи тоҷик ва тот. – С.103-114.

Донишмандону муҳаққиқони гуногун дар бораи вожаи «тоҷик» маълумоти зиёде овардаанд, ки аксари онҳо дар асоси маъхазҳои асримиёнагӣ, яъне давраи исломии рушди мардуми форсизабон ҷамъоварӣ шудаанд ва ба ҳам зидду нақиз мебошанд. Масалан, дар «Доиратулмаорифи исломӣ» бо истинод ба ақидаи Бартолд В.В. пайдоиши вожаи «тоҷик»-ро ба қавме медонанд, ки дар оғоз ба маънои араб аст ва гӯё, ки аз номи қабилаи арабии «тай» гирифта шудааст ва баъдан ба форсизабонон тааллуқ гирифтааст.[1]

Ин ақида аз тарафи аксари донишмандон бо далелу санадҳои мушаххас рад шудааст.

Ақидаи дигаре, ки аз тарафи аксари донишмандон, махсусан донишмандони тоҷику рус пешниҳод мешавад, аз калимаи «тоҷ» пайдо шудани вожаи «тоҷик» мебошад, ки он аз тарафи таҳиягарони «Доират-ул маорифи исломӣ» бидуни қайду шарт», ҳам аз лиҳози забоншиносӣ ва ҳам таърихӣ мардуд дониста шудааст.[2] Ҳол он ки ин ақида далелу бурҳонҳои зиёде дорад. Донишманди муътабар Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ дар асоси маъхазҳои чинӣ таъкид мекунад, ки вожаҳои «тот» ва «тоҷик» дар асоси талаффузи хатоии вожаи «тохар» дар шакли «тухулу» ё «тоҳиё» пайдо шудааст. Баъзе дигар аз донишмандон дар ин бора гунаҳои гуногуни вожаҳоеро аз қабили Даития - номи рӯди муқаддас дар Осиёи Марказӣ (дарёи Сир),[3] Тарғитос номи яке аз пешвоёни қабоили сакоиҳо,[4] додигҳо яке аз қабилаҳои бохтарӣ дар навиштаҳои Ҳеродот - муаррихи юнонӣ пешниҳод кардаанд,[5] ки гӯё дар асоси талаффузи гуногуни ин калимаҳо ба воҷаи «тоҷик» расидан мумкин аст. Албатта, онҳо барои тасдиқи фикри худ аз маъхазҳои гуногун мисолҳо овардаанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки истилоҳи «тоҷик» пеш аз ҳама мафҳуми қавми ориёиро ифода мекунад, вале дар маъхазҳои таърихӣ ба маънои кишвар, вилоят ва забон ҳам омадааст. Аксари муҳаққиқони ин вожа таъкид кардаанд, ки гӯё истифодаи вожаи «тоҷик» бештар ба маънои қавм раҳоварди асри XI-и мелодӣ мебошад, ки бештар аз тарафи туркҳо барои номгузории қавмҳои мусулмоншудаи эронӣ истифода шудааст.

---

[1] Тоҷикон дар масири таърих, гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода, Теҳрон, 1373.С.3; Бартольд В.В. Таджики.-Сочинения, т.II ч.1, Москва, 1969. – С.469.

[2] Тоҷикон дар масири таърих, гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода, Теҳрон, 1373. – С. 5.

[3] Саидмуҳаммад Саҷҷодия, Боз ҳам тоту тоҷик // Тоҷикон дар масири таърих, гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода, Теҳрон, 1373. – С.177-178.

[4] Ҳамон ҷо. – С.179.

[5] Абдулаҳмади Ҷовид. Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо // Тоҷикон дар масири таърих, гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода, Теҳрон, 1373. – С.193.

Дар бораи истифодаи вожаи «тоҷик» дар давраҳои пеш аз ислом муҳаққиқон борҳо ишора кардаанд, ки ин аз назари пажуҳишгарони эронӣ нисбатан дур мондааст.[1] Ин маълумот бештар ба минтақаи Шарқи Дур, Муғулистон, Хитой, Тибет, Ҳиндустон ва қабилаҳои туркӣ дахл доранд, чун ки аксари ин халқу қавмҳо ба воситаи тоҷикон аз маданияти Юнону Рум ва Арабу Аҷам маълумот пайдо кардаанд.

Дар аксари асарҳои бозмондаи адабиёти санскрит дар минтақаи Ҳинд калимаи «тоҷик» ба маънои форс ё эронӣ қайд шудааст, яъне вожаи «тоҷик» бо форсизабон ҳаммаънӣ будааст. Вожаи «тоҷик» дар Ведҳо ба маънои ориёиҳо истифода шудааст, ки аз лиҳози таърихӣ ба ҳазорсолаи дуввуми қабл аз мелод мерасад.[2]

Муҳаққиқи фарҳангу фалсафаи зардуштӣ Муъминҷонов Ҳ. ба «Бундаҳишн» ва махсусан ба «Бундаҳишн»-и ҳиндӣ истинод оварда менависад, ки дар матни ин асар номи яке аз сарқабилаҳои ориёӣ ба шакли Тоз ва ҳамсари ӯ Тозак оварда шудааст ва дар асоси таҳқиқи ин асар ба ақидае меояд, ки Тоз ва Тозак (дар «Бундаҳишн»-и бузурги эронӣ номи зан Кавозак аст) асосгузор ва пояи авлодии умумияти таърихии ориёиҳо мебошанд. Аксари сарчашмаҳои исломии асрҳои миёна тоҷиконро ба яке аз қабилаҳои эрониасли Тоҷ мансуб медонанд, ки ҳамон шакли арабишудаи Тоз аст.[3]

Дар Тибет дар маъхазҳои динии ин кишвар ба номи Бонпо кишвари Тагзик ва забони тагзик вомехӯрад, ки гӯё ин кишвар дар сарзамини Осиёи Марказӣ воқеъ будааст. Муҳаққиқони русзабони таърихи бостонии Тибет Б.И. Кузнетсов ва Л.Н. Гумилёв истифодаи ин калимаро ба маънои кишвари Эрон ва эрониҳо донист тарзи навишти гуногуни калимаи тоҷикро овардаанд (Stag-grig, rta-mrig, atag-bzni, rtag-

---

[1] Муминджанов Х.Х. Авесто об этногенезе таджиков // Известия Академии наук РТ, серия философия и правоведение №1-2, 2002. С. 184-191; Муъминҷонов Ҳ. Тӯронгаҳвораи тамаддуни ориёӣ. -Душанбе, 2004. С. 151-153, 186; Алиакбари Деҳхудо «Луғатнома» ҷ.7. С.9423; Санскрито-русский словарь. Составитель Качергина В.А. Москва, 1978. С.7; Кузнецов Б.И. Древний Иран и Тибет, Первая религия Бон, Санкт-Петербург, 1998. – С. 12.

[2] Муминджанов Х.Х. Авесто об этногенезе таджиков // Известия Академии наук РТ, серия философия и правоведение №1-2, 2002. – С. 184.

[3] Муфассал ниг.: Муминджанов Х.Х. Авесто об этногенезе таджиков // Известия Академии наук РТ, серия философия и правоведение №1-2, 2002. С. 184-191; Муъминҷонов Ҳ. Турон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. -Душанбе, 2004. С. 151-153, 186; «Тоҷикон дар масири таърих», гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода, Теҳрон, 1373.С.152-153, 169; Бундаҳишн (эронӣ) -Теҳрон, 1364. С.82-83; Бундаҳишн (ҳиндӣ)-Теҳрон, 1368. С.93-96; Баҳор М. Пажуҳише дар асотири Эрон-Теҳрон, 1362. – С. 137-141.

grigs, tazig ва ғайра).[1] Л.Н. Гумилёв дар асари худ «Величие и падение дравнего Тибета» (Шукӯҳу азамати Тибети қадим) менависад, ки «Свяшенная книга Бон была написана Шэнрабмибо на языке тагзик и переведена на другие языки» Яъне (Китоби муқаддаси Бон аз тарафи Шенрабмибо (пайғомбари дини Бонпо, ки аслан эронитабор будааст. - С.Н.) ба забони тагзик (тоҷикӣ) навишта шуда, сипас ба забонҳои дигар тарҷума шудааст».[2] Муҳаққиқи дигар Д;. М. Райнолдс дар мақолаи худ тахти номи «Пажуҳишгоҳи таҳқиқи Бонпо» қайд мекунад, ки тибби бузурги Тибет назария ва амалияи дини Бонпо ба Тибет аз ҷануб, аз Ҳиндустон наомадааст, балки аз кишвари Шаншун, ки дар ғарби Тибет воқеъ аст, омадааст. Дар навбати худ он дар замонҳои қадим аз кишвари Тазиг ё Осиёи Марказии эронӣ омадааст.[3]

Дар сарчашмаҳои чинӣ ба ғайр аз истифодаи истилоҳи «пос» ба маънои форсӣ истилоҳи қадимтари «таоҷӣ», «таочӣ» яъне «тоҷик» ба маънои қавмҳои эронӣ истифода шудааст, ки дар Хитой машҳур будани вожаи тоҷикро нишон медиҳад.[4]

Дар сарчашмаи туркӣ-уйғурии «Кутадғу билик» (Дониши бахтовар), ки дар соли 1070 аз тарафи Юсуфи Баласоғунӣ, яъне 20 сол пеш аз асари Маҳмуди Қошғарӣ навишта шудааст, дар бораи забони тоҷикӣ ба таври равшан маълумот дода шудааст. Ӯ дар яке аз байтҳои худ чунин менависад: «Ин гуна китобҳои хуб ба арабӣ ва тоҷикӣ кам нест, вале ба суханони мо ин аввалин аст» (тарҷумаи таҳтуллафз).[5] Муҳаққиқи рус А.Н. Кононов ин байтро шарҳ дода менависад, ки ба забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ китобҳо зиёданд, вале ба забони мо (яъне ба туркӣ) ин гуна китобҳо вуҷуд надорад чунин маъно дорад, ки дар байни туркҳо баъд аз қабули ислом (охири асри VIII ва аввали асри IX истифодаи асарҳои буддоӣ ва монавӣ ба забони туркӣ ё фаромӯш шуда буданд ё тахти назорати сахт қарор дошта истифодаи онҳо қатъиян

---

[1] Кузнецов Б.И. Древний Иран и Тибет. Первая религия Бон. Санкт-Петербург, 1998. С.12; Гумилев Л.Н. Величие и падение Древнего Тибета // Сб. Страны и народы Востока. Вып.VIII, М.1969. – С. 158-159.

[2] Гумилев Л.Н. Величие и падение Древнего Тибета // Сб. Страны и народы Востока. Вып.VIII, М.1969. – С. 158-159.

[3] Рейнольдс Дж. Олмо Лунгринг: «Нерушимая свяшенная земля» // Гаруда, 1992, №2. С.48; Муминджанов Х.Х. Авесто об этногенезе таджиков // Известия Академии наук РТ, серия философия и правоведение, №1-2, 2002. – С. 185.

[4] Саидмуҳаммади Саҷодия, Боз ҳам Тоту Тоҷик // Тоҷикон дар масири таърих, гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода, Теҳрон, 1373. – С. 179.

[5] Юсуф Баласагунский. «Благодатное знание» Москва, Наука, 1983. – С. 11.

мамнуъ буд.[1] Тавре ки маълум аст уйғурҳо дар асри V-и милод дини монавиро қабул карда буданд, ки он таъсири бевоситаи халқҳои эрониро ба туркҳо нишон медиҳад. Аз ин хотир қабилаҳои дигари туркӣ уйғурҳоро низ «тот», яъне халқи эронитабор меномидаанд.

Маънои қавмӣ ва ҷуғрофии истилоҳи «тоҷик»-ро дар сарчашмаҳои исломӣ ба таври фаровон мушоҳида кардан мумкин аст. Барои хулосаи фикр ба таври мухтасар танҳо ба чанд сарчашма рӯ меорем. «Таърихи Байҳақӣ», ки ба қалами Хоҷа Абуфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақии Дабир тааллуқ дорад, дар бораи тоҷикон маълумоти зиёде додааст ва аз қавли Туғрали Салҷуқӣ мегӯяд: «Ва мо мардумони аз нав ва ғарибем, расмҳои тоҷикон надонем.[2] Ӯ ин суханонро дар ҳоле мегӯяд, ки аз Хоразм гузашта мехостааст дар атрофи он дар минтақаи Нисо (Ашкободи ҳозира) барои сукунат аз амирони Ғазнавӣ иҷозат гирад. «... Ва ҳама аъёни тоҷикро дар он даровард».[3]

Дабири Сиёқӣ бо нақл аз «Сафарнома»-и Клавихо, сафири Кастилия дар Самарқанди давраи Темур менависад: «Чун ба шаҳри Андхуд (Андхӯй-С.Н.) воқеъ дар панҷоҳ километрии Ҷайҳун дар иёлати Балхи қадим ворид шудем, ба марзи Эрон (Хуросони бузург) даромадем, зеро ба кишвари тоҷик расида будем, ки забони мардумашон ба забони форсии маъмулӣ тафовут дорад, гӯё, ин ки бисёре аз луғот, ки бар сари забонҳост айни забони форсӣ».[4] Бояд гуфт, ки дар матни ин иқтибос аз тарафи мутарҷим дахолат сурат гирифтааст ва ба он порчаи «воқеъ дар панҷоҳ километрии Ҷайҳун дар иёлати Балхи қадим ворид шудем, ба марзи Эрон (Хуросони бузург) даромадем» илова шудааст, ки шояд хусусияти тафсирӣ дошта бошад. Зеро дар матни тарҷумаи русии он иловаи фавқ дида намешавад ва он ин тавр аст: «Этот город относился уже не к Мидийской земле, а к земле называемой Тахикиния, язык ее чем-то отличается от персидского, но в основном похож на него», яъне «Ин шаҳр (яъне Андхӯй - С.Н.) ба сарзамини Мод тааллуқ надорад ва ба сарзамини бо номи Тахикиния (Тоҷикия, Тоҷик - С.Н.) шомил аст, забони он забони форсӣ андаке фарқ дорад, вале асосан ба он монанд аст».[1] Дар ҳамин «Сафарнома» Клавихо вилояти Рейро низ шомили

---

[1] Кононов А.Н. Поэма Юсуфа Баласагунского «Благодатное знание» Москва, Наука, 1983. – С. 505.
[2] Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақии дабир, Таърихи Байҳақӣ, тасҳеҳи доктор Алии Акбари Файёз, Кобул, 1364/1985. – С. 732-733.
[3] Ҳамин асар. – С. 791.
[4] Саидмуҳаммад Дабири Сиёқӣ, Тот ва тозику тоҷик // Тоҷикон дар масири таърих, гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода, Теҳрон, 1373. – С. 165.
[1] Руи Гонсалес де Клавихо, Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403-1406).-Москва, Наука, 1990. – С. 97.

кишвари Тоҷик шумурда менависад: «Потом покорил всю землю Тахикинии (Тадҷикии), называемую Рей...» яъне «Баъдан (Темур-С.Н.) тамоми сарзамин ва империяи Орасан (Хуросон) ва ҳамчунин тамоми ҳудуди Тахикиния (Тоҷикия)-ро бо номи Рей тобеъ намуд».[1]

Устод Садриддин Айнӣ дар яке аз мақолаҳои худ аз Равзат-уссафо иқтибосе овардааст, ки чунин аст: «Чингизхон, хавонин (хонон) ва умарову нуниёнро ҷамъ карда гуфт, аз сари ҳазм азми разми вилояти Тоҷик кардӣ».[2]

Аз намунаҳои оварда маълум мешавад, ки дар асрҳои миёна низ яке аз номҳои Хуросони бузург ба номи «кишвари Тоҷик» ва «вилояти Тоҷик» маъруф будааст. Дар иртибот бо номи забони тоҷикӣ масъала каме номуайянтар аст. Барои донишмандони забоншинос ва дӯстдорони фарҳанги миллӣ маълум аст, ки дар осори таърихӣ ва адабии гузашта ҳамин забоне, ки мо имрӯз бо он гуфтугӯ мекунем, бо номҳои мухталиф-форсӣ ё порсӣ, дарӣ, порсӣ ё форсии дарӣ ёд шудааст. Дар Ҳиндустон бошад, баъди асрҳои XVI баъзе муаллифон «форсии ҳиндӣ» ва гоҳо барои таъкиди маҳали баромади он ин забонро «форсии Мовароуннаҳр» ва ё «форсии Эрон» низ гуфтаанд.[3]

Юнониҳо, румиҳо, арабҳо, суриёниҳо ва арманҳо, ки бо Эрони замони салтанати хонадонҳои порсинажоди Ҳахоманишӣ ва Сосонӣ робитаи наздик доштанд, низ тамоми қаламрави паҳновари зери нуфузи онҳоро «Порс», «Парс» ва ё «Форс» меномиданд ва ҳар чизеро, ки ба онҳо нисбате дошт, аз ҷумлаи забони сокинони ин сарзаминҳоро низ «порс», «фарс» мехонданд. Қабоили арабе, ки дар Яман, Сурия, Ҳиҷоз ва Байнаннаҳрайн мезистанд ва нисбат ба дигар тоифаҳои тозӣ ба Эрони Сосонӣ пайванди бештар доштанд ва солиёни дароз таҳти салтанати эрониҳо буданд, забони мардуми Эронро аз номи қавми Форс гирифта, онро забони «форсӣ» мегуфтанд. Баъдтар дар садаҳои аввали ислом «забони форсӣ» мутлақ забони ҷорӣ дар байни мубадони зардуштиро мегуфтанд, ки то асрҳои чори ҳиҷрӣ маркази онҳо дар маҳалҳои кӯҳистони минтақаи Форс буд. Сайёҳону муаллифони дигари араби ин аҳд забонҳои ноҳияҳои дигари ин қаламравро бо номҳои забони паҳлавӣ, дарӣ, хузӣ, табарӣ, суғдӣ ва хоразмӣ дар осори худ сабт кардаанд, ки дар аксари мавридҳо забонро ба ҷойи лаҳҷа ва ё шева истифода намудаанд. Бинобар ин аз сабаби сифати ом гирифтани истилоҳи

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 15.

[2] Ниг.: Айнӣ С. Маънои калимаи тоҷик // Садои Шарқ, №8, 1988.

[3] Муфассал ниг.: В.А.Капранов Таджикско-персидская лексикография в Индии в XVI-XIX вв., Душанбе, 1987. – С. 14-17.

«форсӣ» ба маънои эронӣ, ин луғат метавонистааст ба ҳар як аз ин забонҳо нисбат дода шавад.

Бинобар шарҳи боло эҳтимоли қавӣ дорад, ки забони «форсии дарӣ» бар асоси ҳамин усул таркиб шуда бошад. Вале саволе пеш меояд, ки чаро чунин таркибот нисбат ба дигар забонҳои маъмули он давра, ба монанди форсии хузӣ, форсии суғдӣ, форсии хоразмӣ ва амсоли он пайдо нашуд. Далели пайдо нашудани чунин таркиббандӣ ва эҷодгарӣ нисбат ба забонҳои номбаршуда, тавре ки маълум аст, дар он буд, ки забони дарӣ нисбат ба забонҳои муосири худ мавқеияти хоси истисноӣ ва имтиёзоти зиёде ҳосил карда, то он дам тавониста буд лаҳҷаҳои маҳаллии қаламрави нуфузашро дар худ ҳазм кунад. Тавоноии ин забон ба андозае буд, ки муаллифони давраи Сомониён китоби осмонӣ Қуръони Маҷидро ба забони форсии дарӣ баргардонданд ва осори муҳими илмию адабӣ ба ин забон офариданд.

Саргузашти таркиби «форсии дарӣ» дар давраҳои минбаъда низ бисёр ҷолиб аст. Пайванди байни «форсии ом», «форсии хос», оҳистаоҳиста ба ҷое расид, ки луғати аслии забон-«дарӣ» кам-кам аз паси истилоҳи «форсӣ» бардошта шуд ва дигар ин забонро, ки дар асл ҳамин забони дарӣ буд, ба шакли забони «форсӣ» ба кор бурданд. Ҳамин аст, ки аз асрҳои XV ба ин тараф дар осори хаттии боқимонда камтар истилоҳи форсии дарӣ дучор мешавад. Хулоса, ин забон чи дар Осиёи Миёна ва чи дар Афғонистону Эрон бо номи «забони форсӣ» вориди асри бист шуд. Асри бистум ҳам ин укдаро боз накард ва номи ягонаи собит барои ин забон ба вуҷуд наовард, балки баръакс гиреҳҳои тозае ба он афзуд.

Пас аз Инқилоби Октябр дар яке аз гӯшаҳои соҳаи нуфуз ва интишори ин забони дар Осиёи Миёна Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон таъсис гардид ва забони расмии он «забони тоҷикӣ» номида шуд. Дертар дар қаламрави Афғонистони кунунӣ дар ноҳияи Сурхкутали вилояти Бағлон сангнавиштае пайдо шуд, ки олими шаҳири Афғонистон Абдулҳай Ҳабибӣ онро санади муҳим барои таърихи забони форсии дарӣ арзёбӣ карда ва дар асоси матни ин катиба ӯ истилоҳи нав, «забони дарии тахорӣ»-ро ҷорӣ кард. Пайравони ҷавонтари ӯ баъдтар истилоҳоти дигареро ба сурати «забони тохарӣ» ва «дарии қадим»[1] ба шаклҳои пешин илова карданд.

Саранҷом соли 1964 номи яке аз ду забони расмии Афғонистон «забони дарӣ» ҳукм гардид ва аз он пас ин истилоҳ расмӣ шуд.

---

[1] Доктор Маҳдӣ, Заминаҳои рушди забони форсии дарӣ то асри Сомонӣ, Душанбе, 1999.

Дар Эрон ҳам даъвогароне пайдо шуданд, ки хостанд «забони форсӣ»-ро ба «забони эронӣ» иваз кунанд. Устод Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ фикри табдили «забони форсӣ»-ро ба забони «эронӣ» қотеона рад карда, чунин менависад: «...Табдили истилоҳи забони форсӣ ба забони эронӣ, ҳатто дар қаламрави фанни забоншиносӣ ҳам ҷоиз нест».[1] Зеро ба ақидаи ӯ забони форсиро «ба таври мустақил ва мунфарид наметавон... забони Эрон хонд. Зеро имрӯз ин забон ба ҳама фарру шукӯҳ ва ҷилваи шоиронаи худ танҳо ихтисос ба миллати Эрон надорад. Балки мардуми ду кишвари дигар ҳам... (Тоҷикистон ва Афғонистон дар назар аст-С.Н.) ба ҳамин забон сухан мегӯянд ва менависанд ва онро забони миллӣ ва расмии худ қарор додаанд».[2]

Дигар ин ки истилоҳи «забони тоҷикӣ» аз назари муҳаққиқон дар таърихи забонҳои эронӣ Дабири Сиёқӣ дар осори маълум ва дастраси замонҳои гузашта тақрибан сад асарро пайдо кардааст, ки луғати «тоҷик» дар онҳо ба ин ё он муносибат зикр шудааст. Вале аз рӯи ин маъхазҳо дар ҳеҷ кадоми онҳо истилоҳи «тоҷик» ба маънои забон кор нарафтааст. Бори нахуст ин луғат ба маънои забон дар «Сафарнома»-и Миризатуллоҳи Ҳиндӣ (соли 1813) мушоҳида мешавад.[3] Абдулаҳмади Ҷовид яке аз муҳаққиқони забони форсии дарӣ дар мақолаи худ бо номи «Сухане чанд дар бораи тоҷик» матни ин истинодро аз Миризатуллоҳи Ҳиндӣ овардааст, ки чунин аст: «Забони Қуқон (Ҳирканд) (шояд ва дурусташ ҳам Қуқанд, шаҳре дар Осиёи Миёна мебошад.-С.Н.) туркӣ аст, аҳли шаҳр тоҷикӣ, яъне форсӣ мегӯянд».[4]

Устодон С. Айнӣ ва Б. Ғафуров ҳам дар таълифоти худ ибораи «забони тоҷикӣ»-ро танҳо дар мавриди забони ҳозираи тоҷик ба кор бурдаанд ва агар сухан дар бораи давраҳои гузашта равад, онро форсӣ, порсӣ, порсии дарӣ навиштаанд.

Аз ҷониби дигар, дар замоне, ки пантуркистон вуҷуди миллатеро бо номи «тоҷик» дар қаламрави Осиёи Миёна инкор мекарданд ва дар вақти тақсимоти ҳудуди ин сарзамин ҷое барои онҳо қоил набуданд,

---

[1] Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ, Кори фарҳангистон. Аз забон то форсии дарӣ //маҷ. Ваҳид, №1, Теҳрон, 1347. – С. 7.

[2] Ҳамон ҷо. – С. 9.

[3] «Тоҷикон дар масири таърих», гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода, Теҳрон, 1373.С.200; Назарзода С. Забон ва истилоҳот, Душанбе 2003. С.9; Ковиёнӣ Н. Нигоҳе ба рӯзномаи «Бухорои шариф», Пажӯҳишгоҳи байналмилалии таърихи иҷтимоӣ, Копенгаген, 2002. – С. 44.

[4] Абдулаҳмади Ҷовид, Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо // Тоҷикон дар масири таърих, гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода, Теҳрон, 1373. – С. 200.

номи забони миллатро «форсӣ» ё «порсии дарӣ» гузоштан, баҳона мешуд, то мухолифон тоҷиконро мардумони омад хукм карда, масъалаи ташкили ҷумҳурии мустақилро барои онҳо дар Осиёи Миёна мушкил гардонанд. Ҳол он ки барои оддитарин таърихдонону таъриххонон маълум аст, ки тоҷикон дар ин сарзамин соҳибхона буданд ва меҳмонони хондаву нохондаи бисёреро диданд ва пазирой кардаанд.

Хулоса, аз баррасии иҷмолии вожаи «тоҷик» ба маънои қавм, номвожаи ҷуғрофӣ ва номи забон чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

1.Истилоҳи «тоҷик» ба маънои як қавми ориёӣ ё эронӣ аз давраҳои бостон маълуму машҳур буда, дар сарчашмаҳо бо шаклҳои мухталифи «тоз», «тот», «тоҷик», «таоҷик», «тагзик», «тоҷик» ва ғайра вомехӯрад.

2.Ба маънои кишвар ё вилоят дар сарчашмаҳои таърихии ба дасти мо расида дар шакли Тагзик, Тазиг, Тоҷикия, Тахикиния, Тоҷик аз садаи VII-и мелод ин тараф истифода шудааст.

3.Ба маънои забон низ тақрибан аз асри VII-и мелод дар манбаъҳои хаттии манотиқи Шарқии Эронзамин ва қабоили турку сарзамини Тибет маълум будааст, ки ин ақидаи аксарияти муҳаққиқонро дар бораи истифодаи забони тоҷикӣ фақат аз асри XIX дар «Сафарнома»-и Миризатуллоҳи Ҳиндӣ ба куллӣ рад менамояд.

4. Ба таври умум аз мутолиаву баррасии маводу сарчашмаҳои ба дастрасида чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки агар вожаи «форсӣ», «форс» дар минтақаи ғарбии паҳншавии халқҳои ориёӣ аз тарафи ҳамсоягони арабию юнонию румию суриёнӣ ба мардуми эронитабор тааллуқ гирифта бошад, пас истилоҳи «тоҷик» дар минтақаи шарқии паҳншавии ин мардум аз тарафи чиниҳову турку тибетиҳо ва ғайра барои номгузории қавму халқиятҳои эронӣ истифода шудааст.

Дар охири хотима таъкид кардanӣ ҳастем, ки ин чанд фикру пешниҳод фақат тарҳи мавзуъ мебошад ва он ҳам танҳо дар асоси сарчашма ва манбаъҳои ба дасти мо расида мураттаб шудааст. Шояд дар оянда доир ба ин мавзуъ аз бойгонии азими таърихи қавмҳои ориёӣ мадраку далел ва санадҳои мушаххастару муайянтаре ба даст ояд ва маълумоти тозае ба он зам шавад.

***Комил Бекзода***

# НАҚШИ ИСТИЛОҲИ «ТОҶИК» ДАР УСТУРАҲОИ «ОРИЁ» *

Мақолаи мазкур аз нуктаҳои зерин иборат аст:

**Якум:** Таҳлили номи мақола.

Ҳадаф аз ин ном чист? Ҷавоби мо ин аст: Истилоҳи «тоҷик» мавзуъҳои густурдаеро дар бар мегирад… Ҳадафи мо мушаххас ва конкрет аст. Танҳо дар устураҳо… афсонаҳо… мифҳо… На дар илм, на дар таърихи илмӣ, на дар илми бостоншиносии мустанад ва кофтукови археологӣ… Ин дар маҷмуъ кори ҳама донишмандони Шарқу Ғарби олам аст…

**Дуюм:** Ҳадафи мақола чист?

Мехоҳем ба андозаи тавоноӣ ва имкониятҳои имрӯза ба ин масъала равшанӣ андозем, ки устураҳои ориёӣ дар пайдоиши истилоҳи «тоҷик» чӣ саҳме доранд? Решаи ин истилоҳ аз куҷо оғоз мешавад? Калимаи «Тоҷик» чӣ калимаест? Исм аст? Сифат аст? Исми хос аст? Ё исми ҷинс аст? Ҳақиқӣ аст ва ё сохта ва бофтаи хаёлоти муаллифони ношинос?

**Сеюм:** Сарчашмаҳои хаттии ин мақола.

Дар омода намудани ин мақола ба сарчашмаҳои зерин таваҷҷуҳ намудем:

1-Авесто. Нашри Теҳрон, соли 1996 дар ду ҷилд;

2-Бундаҳишни бузург ё Эронӣ. Нашри Теҳрон, соли 1991;

3-Бундаҳишни хурд ё Ҳиндӣ. Нашри Теҳрон, соли 1990;

4-Паҷӯҳише дар асотири Эрон. Навиштаи доктор Меҳрдоди Баҳор. Нашри Теҳрон, соли 1984, ҷилди 1.

5-Фарҳанги вожаҳои Авасто. Асари Эҳсон Баҳромӣ. Дар 4 ҷилд. Нашри Теҳрон, соли 1991.

6-Ҳикмати Хусравонӣ. Таълиф ва пажӯҳиши устод Ҳошим Розӣ. Теҳрон, Нашри соли 2001.

7-Турон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. Асари доктор Ҳамдам Муминҷонов. Нашри Душанбе. Соли 2004.

8-Аз таърихи фалсафаи тоҷик. Асари академик Мусо Диноршоев. Нашри Душанбе, соли 1988.

9-Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. Навиштаи профессор Муҳаммадқул Ҳазратқулов. Нашри Душанбе, соли 2006.

---

* Мирзо Шукурзода. Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. Чопи дувум. Гирдоварӣ ва пажӯҳиши Мирзо Шукурзода. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 140-143.

10-Тоҷикшинос - Асари доктор Юсуфшоҳи Яъқубшоҳ. Нашри сеюм. Душанбе, соли 1999.

Аз осори дигар донишмандон низ ҳангоми навиштани ин мақола фаровон истифода кардем. Аз ҷумла ёдоварии исми чанде аз ориёшиносони муосири тоҷикро дар ин гузориш сазовор медонем. Устодон: Акбари Турсон, Муҳтарам Ҳотам, Иброҳим Умаров, Зиё Абдулло, Салимшо Ҳалимшо, Парвонаи Ҷамшед, Диловаров Муаззам, Муҳаммадзамони Солеҳ, Нуъмон Неъматов, Муҳаммад Осимӣ, Шохуморов Абусаид, Мирзо Шукурзода, Шерзод Абдуллозода, Тоҷиддин Мирзоев, Ардамехр, Раҳим Масов, Кароматулло Олимов, Додихудо Саймиддинов, Бобоназар Бобохонов, Валӣ Самад, Дорои Дӯст…

**Чорум:** Далелҳои мо аз чӣ қароранд?

Сарчашмаҳои хаттии то ба замони мо расида гувоҳӣ медиҳанд, ки калимаи «тоҷик» исми хос, исми як шахси устуравӣ аст. Он шахси афсонавӣ ва устуравӣ Тоз ё Тоҷ ном доштааст. Ба ин чанд далел:

*Якум:* Дар «Бундаҳишн»-и Эронӣ номи Тоҷ ду маротиба дар саҳифаҳои 83 ва 149 зикр шудааст.

*Дуюм:* Дар «Бундаҳишн»-и Ҳиндӣ се бор дар саҳифаҳои 96, 118,120 омадааст:

*Сеюм:* Дар китоби «Матнҳои паҳлавӣ» дар қитъаи шеъре иборат аз 24 мисраъ ду бор номи «тоҷик» дар шакли ҷамъ «Тоҷикон» бо ҳарфи «ҷ» омадааст. Дар саҳифаи 160.

*Чорум:* Муҳаққиқи муосири Эрон, доктор Меҳрдоди Баҳор дар китоби «Пажӯҳише дар асотири Эрон» (ҷилди 1) як бор аз Тоз дар саҳифаи 140 ва бори дуюм ду маротиба дар саҳифаи 161 аз «Тоҷикон» бо ҳарфи «ҷ» ном бурдааст. Сарчашмаи асосии устод Баҳорро дар ин таҳқиқ ҳарду китоби «Бундаҳишн» ва «Матнҳои паҳлавӣ» ташкил медиҳанд.

**Панҷум:** Ин се китоби бостонӣ «Бундаҳишни Эронӣ», «Бундаҳишни Ҳиндӣ» ва «Матнҳои паҳлавӣ» бар ин ақидаанд, ки ин ҷуфти устуравии Тоз ва Тозак ё Тоҷ ва Тоҷак саравлоди қавми арабанд. Ва кишварашон Дашти Тозиён аст. Ин сарчашмаҳо аз номи Тоз қавми «тозӣ» сохта, дар маҷмуъ 29 маротиба дар саҳифаҳои худ аз он ёд кардаанд.

Дар таҳлили ин ривоят ду муҳаққиқи тоҷик устодон Ҳамдам Муминҷонов ва Юсуфшоҳи Яъқубшоҳ роҳро барои мо ҳамвор кардаанд. Устод Ҳамдам Муминҷонов соли 2002 дар мақолаи худ бо номи «Авасто доир ба этногенези тоҷикон» (Ахбори АИ ҶТ, соли 2002, №1,2, саҳ. 184-191) ба ин натиҷа расид:

«Дар мифологияи бостонии тоҷикӣ-форсӣ, ки зуҳури этникии халқи ориёиро нишон медиҳад, фақат ду ҷуфт ном оварда шудааст: Тоз ва Тозак, Ҳушанг ва Гузак. Номи дигаре оварда нашудааст.

Ба ақидаи сарчашмаҳои паҳлавӣ-мегӯяд муҳаққиқи тоҷик, -Тоз ва Тозак саромадони халқи араб шуморида шудаанд. Аммо (ҳақиқат ин аст), ки ин ривояти бостонӣ асли ориёӣ дорад…

Мо дар ин масъала ба сохтакорию бофтакориҳои муъбадони даврони Сосонӣ рӯ ба рӯ мешавем. Зеро дар ин давра Осиёи Миёна аз дасти онҳо (берун) рафта буд ва он муъбадон дидаю дониста Тоз ва Тозакро ба тозию араб табдил доданд. Ҳол он ки Тоз ва Тозак асосгузорони миллати тоҷик ва Эронӣ ҳастанд. Ҳатто сарчашмаҳои ведоӣ, тибетӣ ва асримиёнагӣ бар он далолат мекунанд, ки дар ибтидо истилоҳи «тоҷик» номи умумии ҳамаи форсизабонони дунё будааст (Ҳ. Муминҷонов «Турон-гаҳвораи тамаддуни ориёӣ», Душанбе -2004. с.152).

Ин буд хулосаи таҳқиқи устод Ҳ. Муминҷонов. Ва сазовори зикр аст, ки ҳамин назарро дар мавридҳои гуногун устод Юсуфшоҳи Яъқубшоҳ дар китоби «Тоҷикшинос» (Д.1999) ва дар дигар осори худ борҳо таъкид кардааст. Фақат бо ин тафовут, ки устод Юсуфшоҳ сари мавзуи шахсияти Тоҷ баҳс накардааст. Аммо устод Ҳ. Муминҷонов маҳз сари ин мавзӯъ меандешад.

Он чи мо гуфтанием, ин аст, ки:

Мо назари ҳарду устодро ҷонибдор ҳастем. Мехоҳем баҳс идома ёбад. Ва мегӯем:

Ба ин масъала боистӣ аз нигоҳи илми устурашиносии муосир наздик шуд. Чаро ки устура фалсафаи универсалист… Тоҷ низ шахсияти устуравӣ аст… Аз нигоҳи имрӯз дину фалсафа шогирдони устураанд… Устура ба маънои илмӣ ва муосираш… На афсонаҳои пеши по афтода… Барои устура гузаштаву ҳозира ва оянда вуҷуд надорад…

Устура таҷассуми абадият аст… Ҳар мавҷуди бошуур ва зинда абадият ва ҷовидонагӣ мехоҳад… Ҳам шахсҳои алоҳида ва ҳам қавму миллатҳо… Барои ин зиндагӣ нақша ва қолаб зарурат дорад…

Нақшаву қолаби зиндагии абадиро устура мебофад ба сомон медиҳад… Вақту фазои устураро ҳадаф ва идеали ҷовидонаи шахс ва миллат фароҳам меоварад. Ба як калима, устура фалсафаи шахсӣ ва кулли Инсоният аст…

Шахсияти Тоҷ ба шахсияти асосии мифологияи қавми ориёӣ сахт алоқаманд аст. Аҳурамаздо инсони аввалинро офарид. Ӯ Каюмарс ном дошт. Аз Каюмарс Меҳрӣ ва Меҳриёна зода шуданд… Баъди чанд насле аз онҳо Сиёмак ва занаш Вашог ба вуҷуд омаданд… Фаравоку Фаравогин фарзандони Сиёмаканд… Тоҷу Тоҷак аз насли Фаравок мебошанд…

Ҳамин ҷост, ки дар мо саволе пайдо шуд:

Чаро маҳз Тоҷ ё Тоз аз байни дигар шахсиятҳои устуравӣ соҳиби ному нишон гашт? Пайравони худро пайдо кард? Асосгузори миллати тоҷик гардид? Ҷавоби мо ин аст, ки дар замони Тоҷ қавми ориёӣ ба марҳалаи сифатан нави иҷтимоӣ расида буд… Табақоти ҷамъиятӣ ба таври равшан мушаххас шуданд… Ақидаҳои диниву фалсафӣ пайдо шуд. Тақсимоти меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ масъалаи давру замон гардид…

Мантиқан ба ин натиҷа мерасем, ки аҷдодони Тоҷ соҳиби фарр, мақом ва шукӯҳ будаанд. Аҷдодони вай, ки Фаравок ва Фаравогин ном доранд, далолат бар ин маъно мекунанд. Дар ҳарду ном калимаи «фарр» зикр шудааст: Фарра-вок ва Фарра-вогин. Методологияи фалсафаи устура нишон медиҳад, ки маҳз Тоҷ метавонист чунин мақомеро дар таърихи қавми худ ишғол намояд. Ва ишғол ҳам кард… Ин аст, ки дар тӯли зиёда аз ҳазор сол, ба таъбири устод Юсуфшоҳ, қавми ориёӣ зери истилоҳи этникии «тоҷик» худро ба ҳамаи миллатҳои ҷаҳон муаррифӣ намудааст.

Мо замони ин устураро замони пеш аз таърих тахмин мекунем… Дар ҳудуди замони устуравие, ки Ҷамшед зиндагӣ мекард… Ҳафт ҳазор (7.000) сол пеш ё зиёдтар.

Ҳамин тавр, номи Тоҷ ё Този устуравии ориёиҳо дар тӯли таърих рамз ва символи мушаххаси пайдоиши нажодии онҳоро ифода мекард… Ва ҳоло ҳам ифода мекунад. Дар сурате, ки истилоҳоти дигаре чун: «форсӣ», «эронӣ», «дарӣ», «хуросонӣ», «зарафшонӣ», «балхӣ», «бухороӣ» ва ғайра бештар ҷанбаҳои ҷуғрофӣ ва минтақавӣ доштанд ва ҳоло ҳам доранд. Ва охирин сухан ин аст, ки истилоҳи «тоҷик» то ҳол дорои мазмуни қавмӣ, нажодӣ, этникӣ, миллӣ ва умумиориёӣ мебошад. Устураҳои ориёӣ ҳамон вожаи «фарр»-и мавҷуд дар номи Фара-вок-ро ба калимаи «тоҷ» тарҷума карданд.

Ва номи шахсияти афсонавии Тоҷ ва Тоҷак гӯё тарҷумаи нави паҳлавии Фаравок ва Фаравогин бошад.

Ҳамин тавр, бардошти куллии мо аз ин мавзуъ ба ин қарор аст, ки шахсияти устуравии Тоҷ асос ва пояи нажод ва миллати тоҷикро ташкил медиҳад.

«Тоҷик»-яъне миллате аз насли Тоҷ ибни Фаравоки ориёӣ!

## МУНДАРИЧА

*Монт Стюарт Элфинстон.*
**ТОҶИКОН…………………………………………………………… 3**

*Н.В. Хаников*
**ДАР БОРАИ НОМИ ТОҶИК……………………………………….. 8**

*Шишов А.*
**ОЧЕРКИ ТАЪРИХӢ.......................................................................... 12**

*В.В. Бартолд*
**ТОҶИКОН......................................................................................... 75**

*М.С. Андреев*
**МАЪЛУМ ОТЕ ЧАНД АНДАР ШИНОХТИ ТОҶИКОН………. 93**

*Садриддин Айнӣ*
**МАЪНОИ КАЛИМАИ ТОҶИК....................................................... 116**

*Тӯрақул Зеҳнӣ*
**КАЛИМАИ ТОҶИК ДАР ОСОРИ ГУЗАШТАГОН....................... 139**

*А. Юлдошев*
**РОҶЕЪ БА МАЪНИИ «ТЭҶИКЧЭ»……………………………. 149**

*Абдул Аҳмад Ҷовид*
**СУХАНЕ ЧАНД ДАР БОРАИ ТОҶИКҲО………………………….. 152**

*Ҷ. Сиддиқӣ*
**ТОҶИКОН…………………………………………………………… 163**

*Профессор ҲИМОМ*
**ТОҶИКҲО………………………………………………………… 169**

*Доктор Лаълзод*
**ТОҶИКОН ДАР МАНОБЕИ ТАЪРИХӢ........................................ 178**

*А. Девонақулов*
**ТОҶИК……………………………………………………………….. 195**

*Н. Неъматов*
**ДАР БОРАИ ЭТНОНИМИ «ТОҶИК»………………………………. 200**

*Толиб Хаскашев*
**МУРОДИФОТИ ВОЖАИ «ТОҶИК»…………………………………… 204**

*Ю. Яъқубшоҳ*
**МАЪНОИ КАЛИМАИ ТОҶИК ҲАМОН ОРИЁӢ АСТ.................. 219**

*Саидмуроди Бостонгуҳар*
**ТОҶИКОН ДАР МАЪХАЗҲОИ ЮНОНӢ ВА ЧИНӢ..................... 255**

*Бобо Назар Ғафор*
**ОРӢ Ё ПОРСӢ............................................................................. 264**

*Т. Отахонов*
**ЭТНОНИМИ КАЛИМАИ «ТОҶИК»………………………………… 269**

*Ҳ. Шарифов*
**ОИД БА ЭТНОНИМИ «ТОҶИК»…………………………………….. 277**

*С. Назарзода*
**ДАР БОРАИ ВОЖАИ «ТОҶИК»…………………………………… 282**

*Комил Бекзода*
**НАҚШИ ИСТИЛОҲИ «ТОҶИК» ДАР УСТУРАҲОИ «ОРИЁ»….. 291**

***Ба матбаа супорида шуд 08.02.2018***
***Барои нашр имзо шуд 00.02.2018***
***Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 15,7. Андоза 70х100$^{1}/_{8}$.***
***Адади нашр 200 нусха. Супориши №03.***

***ҶСК «Чопхонаи Дониш»***
***ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 121, бинои 2***